# Садоқати фавқулодда

*Китоб барои хониши дуоии ҳаррӯза бо ҳикояҳо оиди ИМОНДОРОНИ ҚАДИМ ВА ҲОЗИРА, ки ҲАМА ЧИЗРО ба хотири Масеҳ қурбон намудаанд.*

Садои риёзаткашон

# Садоқати фавқулодда

*Китоб барои хониши дуоии ҳаррӯза бо ҳикояҳо*
*оиди ИМОНДОРОНИ ҚАДИМ ВА ҲОЗИРА, ки ҲАМА ЧИЗРО*
*ба хотири Масеҳ қурбон намудаанд.*



Садои риёзаткашон

Originally published in English as
*Extreme Devotion*
© 2001 by The Voice of the Martyrs.
English edition published by
W Publishing Group, Nashville, Tennessee, USA.

© 2006 for the Tajik edition by The Voice of the Martyrs.
Translated by permission. All rights reserved.

# Садои риёзаткашон

**Китоб ба онҳое бахшида мешавад,**
**ки маргро аз муртадӣ афзалтар**
**донистаанд…**
**имонро аз тарс афзалтар донистаанд…**
**қарор додаанд, то шоҳид бимонанд,**
**ба ҷои ин ки ҳамту барканор шаванд.**
***Онҳое ки ҷаҳон лоиқашон набуд.***

Ибриён 11:38

# Муқаддима

Имондороне ки дар ин китоб оиди онҳо сухан меравад, на ҷабрдидагон, балки пирӯзмандон мебошанд. Ин китоб оиди риёзаткашони замонҳои гуногун аст, аз шогирдони Худи Масеҳ сар карда то риёзаткашони айёми мо. Таъқибкунандагони онҳо гуногунанд: аз румиёни қадим то коммунистони ҳозира, аз қотилони зархарид то мутаассибони исломӣ, аз ҳар навъ фармонфармоҳо то атеистҳои матин. Ҳар як риёзаткаши имондор барои мо намунаи садоқати номаҳдуд ба Масеҳ аст. Масеҳиёне ки дар ин саҳифаҳо ҳикояҳоро оиди онҳо пайдо мекунед, дар худ хоҳиши аз ғаризаи асосии худнигоҳдории инсон қавитарро ошкор намуданд: хоҳиши ба Масеҳ хизмат намудан ва шаҳодат додан.

Ҳангоме ки мо таълифи ин китобро сар кардем, Амрико ба марҳилаи нав дохил шуд. Воқеаҳои фоҷиавии 11-уми сентябри соли 2001 ҷаҳони озодро дигаргун намуданд. Акнун одамон оиди мақсади зиндагӣ ва низоми мавҷудаи ашё ба худ бештар саволҳо медиҳанд. Дар ин гуна замон бисёриҳо барои ҷавобҳо ба Калисо муроҷиат мекунанд. Дар ин гуна замон Калисо ба Худованд ва соҳибқудратии Ӯ бештар такя мекунад ва умеди дарёфти қувваҳои навро дорад.

Мақсади ниҳоии мо он аст, ки ин китоб нуқтаҳои назари моро васеъ кунад ва дар лаҳзае ки худи мо бо душвориҳои фавқулодда рӯ ба рӯ мешавем, ба амалҳои мо таъсир расонад. Нисбати онҳое ки ба мо бадӣ кардаанд, чӣ гуна аксуламал нишон диҳем? Масеҳ чӣ аксуламал нишон медод? Масеҳиён дар замони гузашта чӣ гуна аксуламал нишон медоданд? Муносибати мо нисбати пайравони динҳои дигар бояд чӣ гуна бошад, агар онҳо зидди мо қувваро ба кор баранд? Оё ҳама чизро ба хатар гузошта, оиди муҳаббати Худо ба онҳое ки барои ин кушта метавонанд, нақл кардан дуруст аст?

Шоҳид будан — дар хатти оташ ҳадафи тир будан аст. Пастор Э. В. Ҳилл боре воқеаеро оиди зане нақл кард, ки назди вай омада гуфт: „Шубон, дар ҳаққи ман дуо кунед. Маро иблис таъқиб мекунад“. Пастор Ҳилл ба вай ҷавоб дод: „Иблис туро таъқиб намекунад. Ту ба қадри кофӣ фаъолият нишон надодаӣ, то иблис туро таъқиб кунад“. Мақсади ҳар як масеҳӣ бояд он бошад, ки бо хизмати худ ба Масеҳ „ба қадри кофӣ фаъолият нишон диҳад“, то диққати иблисро ҷалб намояд.

Агар аз боиси шаҳодати масеҳиятон гирифтори азобҳо шавед, мо умедворем, ки шумо чун шахсони дар ин китоб тасвиршуда ҷалол ва зебоии САДОҚАТИ ФАВҚУЛОДДАРО таҷриба менамоед.

*Гурӯҳи тартибдиҳандагони китоби „Садоқати фавқулодда“*
„Садои риёзаткашон“

# Саволи фавқулодда

**Туркия:** Иркен Сенгул

**Ҳангоме ки Иркен Сенгул дар Туркияи исломӣ ҳаёти худро ба Масеҳ боварӣ карда супурд, баъзеҳо инро хиёнат ба мероси маданӣ ва халқи худ ҳисобиданд. Вай аз таҳти дил мегуфт, ки барои Худо ҳама корро мекунад. Акнун чӣ?**

Иркен дар ҳабсхонаи торик ва намнок дар иҳотаи маҳбусони дигар менишаст. Полиси маҳаллӣ ӯро ҳабс карда, айбдор намуд, ки вай дар нашриёти масеҳӣ китобҳо паҳн карда, „исломро таҳқир кард“.

Иркен ба Худо рӯ оварда, оиди озодшавӣ илтиҷо мекард. Вай медонист, ки ҳеҷ ҷинояте содир накардааст ва бе гуноҳ зиндонӣ шудааст. „Ту гуфтӣ, ки барои Ман ҳама корро мекунӣ“, — мегуфт Худованд ба дили Иркен. — „Ту инро аз таҳти дил гуфтӣ?“

Дар назди Худо дилшикаста шуда, Иркен мегирист ва дуо мекард. Вай дар дили худ ба Худо ҷавоб дод: „Ман аз таҳти дил гуфта будам“. Иркен дар ҳабсхона ҳар рӯз се соат мавъиза карда сар кард. Вай фаҳмид, ки Худованд ба зиндонӣ шудани вай роҳ дод, то баҳри фаъолияти миссионерӣ барояш майдони наве пешкаш намояд! Иркен муддати 30 рӯз дар ҳабсхона буд, то даме ки шоҳидон иқрор шуданд, ки кормандони полис онҳоро ба имзо кардани ариза бар зидди вай маҷбур карданд, довар бошад ҳеҷ далели ҷиноятеро пайдо накард.

Ҳабс барои шаҳодати Иркен аҳамияти калон дошт. Баъди озод шуданаш бисёре аз онҳое ки ҳамроҳаш зиндонӣ буданд, ба калисо омада, оиди Худое ки дар ҳабсхона ба вай ин қадар оромӣ дод, пурсупос мекарданд. Иркен чун пештара адабиёти масеҳиро паҳн мекунад ва медонад, ки ӯро боз ҳабс карда метавонанд.

> Барои ман низ дуо гӯед, то ба ман калом ато шавад, ки даҳон кушода, сирри башоратро бо ҷуръат баён намоям, ки барои он ман дар занҷирҳо вазифаи сафирро ба ҷо меоварам, то ки далерона ва ба таври бояду шояд сухан гӯям.
>
> *Эфсӯсиён 6:19-20*

*Бисёрии масеҳиён иқрор мешаванд, ки ҳангоме „ба Худо хизмат кардани ҳастем“ мегӯянд, азобҳоро дар назар надоранд. Бешубҳа, мо аз рӯи имон зистан мехоҳем — аммо ба таъқибот гирифтор нашуда. Ҳангоме дар ҷои корамон вақти мукофотдиҳӣ ба мо эътибор намедиҳанд ё аз ҳаёти ҷамъиятӣ берун мекунанд, мо оташин мешавем. Мо гумон мекунем, ки нисбати мо беэътиноӣ карданд. Моро фиреб доданд. Ғорат карданд. Аммо бо вуҷуди ин дар байни парешонҳолӣ мо бояд омода бошем, ки ба Худо бо дуо муроҷиат намоем. Ҳамин ки мо дуо карданро сар мекунем, дарк мекунем, ки дуо нуқтаи назари моро дигар мекунад. Мо акнун имконияти рушду тараққиро мебинем. Мо умед ба даст меоварем. Дар байни азобҳо мо ваъдаро пайдо мекунем. Дар ниҳояти кор, мо мефаҳмем, ки агарчи вазъияти ба амал омада ноодилона ва ноҳақ аст, ба ҳар ҳол метавонад қисми нақшаи Худо бошад. Ҳангоме мо дуо мекунем, то Худо ба мо фаҳмиши Худро оиди таъқибот ошкор намояд, мо дар худ мардонагӣ пайдо мекунем, то ба бадали ҳар чизе ки бошад, итоаткор бошем.*

# Ваҳдати фавқулодда

**Мавритания:** Тимотиюс

**„Ба вай бигӯ, Тимотиюс, илтимос!“ — аз шавҳараш илтиҷо мекард Мавра. — Ба ҳоким бигӯ, ки Навишта дар куҷо пинҳон карда шудааст, ва ӯ туро сар медиҳад! Ман дигар ба ин тоб оварда наметавонам“. Тимотиюс ва Мавра, сокинони вилояти румии Мавритания, пеш аз ҳабс шудан ҳамагӣ якчанд ҳафтаи кӯтоҳ оиладор буданд.**

Мавра бо даҳшат нигоҳ мекард, ки сарбозон иродаи шавҳарашро шикастанӣ шуда, чашмони ӯро бо оҳани тафсон кӯр карданд. Акнун, ки бо фармони ҳокими румӣ Ариан ӯро аз пойҳояш овехта, ба гарданаш бор баста буданд, Тимотиюс интизор буд, ки кай аз даҳонаш латтаро берун мекунанд. Тарсе ки вай дар аввали ҳабсшавӣ ҳис карда буд, бо эҳсоси осудагии осмонӣ иваз шуд.

Сарбозон умедвор буданд, ки Тимотиюс аз имони худ даст мекашад ва маконеро, ки аҳли калисои вай Навиштаро пинҳон кардаанд, мегӯяд, аммо Тимотиюс ба ҷои ин зани ҷавони худро сарзаниш намуд: „Ба муҳаббати худ имкон надеҳ, ки муҳаббатамро ба Масеҳ танг карда барорад“, ва таъкид намуд, ки омода аст ба хотири Наҷотдиҳандаи худ бимирад. Шуҷоати шавҳар азму иродаи Мавраро қавӣ намуд.

Ариан аз инкори Тимотиюс ба хашм омад ва қарор дод мардонагии акнун пайдокардаи Мавраро бишканад. Вай Мавраро ба азобҳои даҳшатноктарин маҳкум кард. Аммо бо вуҷуди ин Мавра таслим нашуд. Вай аз инкор карданӣ Масеҳ даст кашид.

Баъди азобҳои гӯшношунид Тимотиюс ва Мавра паҳлӯи ҳам маслуб карда шуданд.

*Исо вазифаҳои Худро ба имондорон вогузор накардааст — Ӯ оилаи рӯҳонӣ барпо намуд. Ҳангоме ки Ӯ калимаҳои „бародар“ ва „хоҳар“-ро истифода мебурд, гуфтан мехост, ки пайравонаш набояд ҳамаи инро дар танҳоӣ аз сар гузаронанд. Павлус миссияи Масеҳро давом дода, имондорони навро таълим медод, ки дар калисоҳо барои мушоракат ва парастиши якҷоя бо ҳам ҷамъ шаванд. Масеҳиён ба ҳамдигар эҳтиёҷ доранд — хусусан дар айёми озмоишҳо. Ҳангоме ки яке аз имондорон суст мешавад, бародаронаш баҳри дастгирӣ ва дилбардорӣ муттаҳид мешаванд. Ана барои чӣ дар Аҳди Ҷадид вазифаи пайравӣ намудан қисми ҷудонашавандаи имони масеҳист. Намунаи имон ва мардонагии як шахс метавонад шахсони дигарро муттаҳид намояд ва барои пайравӣ ба ин намуна рӯҳбаланд кунад. Ва баръакс, ҳангоме ки яке аз имондорон ба вазнинии таъқибот тоб намеоварад, таслим шудани дигарон низ осонтар мешавад. Таърих ба намунаҳои рафоқат дар байни масеҳиён баҳои баланд медиҳад — хусусан дар айёми таъқибот.*

То ки дилҳои онҳо
тасалло ёфта, дар муҳаббат
пайванд шавад

*Кӯлассиён 2:2*

# Омодагии фавқулодда

**Хитой:** шубон Ли Дэсян

**Ҳамин ки шубон Ли мавъизаро сар кард, дари калисои хонагӣ кушода шуд. Ходимони мусаллаҳи Бюрои бехатарии ҷамъиятии Хитой ба ҳуҷра зада даромада, ба ҳама таҳдид намуданд, аммо фақат Лиро дастгир карданд.**

„Илтимос, андак истед, иҷозат диҳед сумкаамро гирам“ — шубон бо полис чун ҳарвақта боадабона ва боазм гап мезад.

Ходимони полис аз ин хоҳиш ҳайрон шуданд. „Дар он чист?“ — пурсиданд онҳо ва сумкаро аз дасти Ли кашида гирифтанд ва онро кушоданд. Ли ҷавоб дод, ки дар сумкаи вай кампал ва либосҳои эҳтиётӣ ҳастанд, зеро вай тахмин мекард, ки имрӯз вайро ҳабс мекунанд.

Шубон Лиро борҳо ҳабс карда буданд. Ду бор ходимони полис вайро чунон лату кӯб карданд, ки тамоми баданаш хуншор шуд. Боре вайро бо Библияи худаш ба рӯяш заданд. Дӯстонаш шубонро огоҳ карданд, ки полис деҳаеро, ки вай он ҷо рӯзҳои сешанбе ҷамъомадҳо мегузаронад, назорат мекунад. Вай медонист, ки агар ба ин ҷо мавъиза карданӣ ояд, вайро ҳабс мекунанд. Имрӯзҳо шаҳрвандони Хитойро бе довари расмӣ ба муддати то се сол ба лагерҳои меҳнатӣ фиристода метавонанд.

Хатар калон буд, аммо Ли сумкаи худро омода кард. Аммо он чиз бештар муҳим аст, ки вай аз дилу ҷон омода буд. Вай барои мавъиза кардани Инҷил омода буд ҳама гуна нархро пардохт намояд. Вай боварӣ дошт, ки Худо дар ҳаққи вай ғамхорӣ мекунад — ҳатто дар ҳабсхона ҳам.

*Омодагӣ — нишонаи ӯҳдадории ба худ гирифта аст. Ӯҳдадорие ки омодагии фидокориро дар назар надорад, созишкории рӯпӯшшуда аст. Масалан, ӯҳдадории никоҳ. Он бар зарари худхоҳии кас қабул карда мешавад, ва бар ҳисси мустақилияти кас бори вазнинест. Аммо бо вуҷуди ин, натиҷааш никоҳи мустаҳкамтар аст Муносибатҳое ки асосашон фидокорӣ ба хотири ӯҳдадорӣ нест, дер давом намекунанд. Созишкорӣ нақши манфӣ бозида, хоҳиш ва тавони иҷрои ӯҳдадориро суст мекунад. Айнан ҳамин тавр, ӯҳдадориҳои имондор дар назди Масеҳ пардохти арзишеро металабад, то эътибороникии он нигоҳ дошта шавад. Мо бояд ба тафтиши садоқати худ омода бошем, ва доимо тасдиқ намоем, ки масеҳият сазовори ин аст. Масеҳият сазовори он аст, ки вақтро дар дуои ҳаррӯза гузаронем. Меарзад, ки ба хотири он дар калисоҳо барои ҳамду сано ҷамъ шавем. Ба хотири масеҳият меарзад, ки доимо душвориҳоро аз сар гузаронем, ба таҳқирҳо тоқат кунем ва ҳатто барои ҳуқуқи иҷрои ӯҳдадориямон зиндонӣ шавем.*

> Эй маҳбубон! Аз озмоиши оташине ки барои имтиҳони шумо фиристода мешавад, ҳайрон нашавед, ки гӯё воқеаи аҷибе бо шумо рӯй дода бошад.
>
> *1 Петрус 4:12*

# Нури Фавқулодда

**ИМА: Рейчел Скотт**

**„Ман дар мактаб ҳамаи дӯстони худро аз даст додам. Акнун, ҳангоме ки ман мувофиқи ақидаҳоям рафтор мекунам, маро масхара мекунанд“. Ин суханон дар дафтари хотираи Рейчел далели озурдагии вай аз он аст, ки бисёрии одамоне ки вай барояшон муҳаббати Масеҳро нишон доданӣ буд, аз вай рӯ гардонданд. Аммо вай таслим нашуд.**

„Ман аз боиси ба забон овардани номи Исо узрхоҳӣ карданӣ нестам. Ман сабр мекунам. Ман зид нестам, агар даркор шавад, ки дӯстони ман душман шаванд, то ман бо дӯсти беҳтаринам Исо бимонам. Ман ҳамеша медонистам, ки масеҳӣ будан маънои душман доштанро дорад, аммо ман ҳеҷ гумон надоштам, ки «дӯстонам» ҳамин душманон хоҳанд буд“.

Рейчел дар синфи болоии мактаби миёнаи Колумбайн мехонд, вақте ки дар он ҷо ду талаба сӯи ҳамсолонашон оташ кушоданд. Яке аз ҳуҷумкардагон аз духтар пурсид, ки оё вай ҳанӯз ҳам ба Худо бовар мекунад. Духтар рост ба чашмони вай нигариста гуфт, ки бовар мекунад. Вай пурсид: „Барои чӣ?“ Духтар фурсати ҷавоб додан надошт, зеро он шахс аллакай сӯи вай тир холӣ кард.

Рейчел Скотт аз санҷиши худ гузашт, ва аз боиси он ки вай ба хотири имон мурд, нури садоқаташ берун аз мактаб ба дуродур — ба тамоми ҷаҳон паҳн шуд. Хеле пештар аз ин санҷиш Рейчел изҳор намуда буд, ки омода аст худро ба хотири Масеҳ фидо кунад. Оиди ӯҳдадории худ андеша намуда, расо як сол пеш аз марги худ, вай дар рӯзномаи худ навишта буд: „Ман нуреро, ки Худо онро ба ман ато намудааст, пинҳон карданӣ нестам“. Ва агар ҳама чизро фидо кардан лозим ояд, ман ин корро мекунам“.

*Имон изҳори нонамоёни алоқаи шахсӣ бо Масеҳ аст. Библия имони одамонро ба нур монанд мекунад — бо паҳншавии умеде ки ба ҳамаи атрофиён таъсир мекунад. Исо ҳамин гуна намунаро интихоб кард, зеро нурро маҳдуд кардан ғайриимкон аст. Масалан, кӯдак шабона бо фонус (фонарик) зери кампал китоб хонда, пинҳон карда наметавонад, ки шабона хоб намеравад. Нур танҳо ба хотири табиати худ равшанӣ медиҳад — бар хилофи ҳамаи кӯшишҳои нигоҳ доштани он. Айнан ҳамин тавр дар ҳаёти имондорон лаҳзаи пуршиддате фаро мерасад, ки онҳо бояд интихоб кунанд — имони худро пурра зоҳир намоянд, ё кӯшиш кунанд, ки онро бо ягон тариқе хомӯш кунанд. Ба монанди он ки ҳар рӯз субҳ фаро мерасад, онҳое ки боре қарори устуворона қабул кардаанд, акнун дар назди одамон рӯшноӣ надода наметавонанд.*

Ҳамчунин бигзор нури шумо ба мардум битобад, то ки аъмоли неки шуморо дида, ба Падари шумо, ки дар осмон аст, ҳамду сано хонанд“.

*Матто 5:16*

# Дуои Фавқулодда

**Хитой:** хоҳар Вонг

**Ҳангоме ки афсари Бюрои бехатарии ҷамъиятии Хитой ба ҳуҷраи маҳбас даромад, хоҳар Вонг худро аз вай дур гирифт. Ин шахси бераҳм ӯро ҳабс кард, вай бисёр масеҳиёнро дучори таъқибот намуд, ва чанд рӯз пеш ӯро ҳангоми истинтоқ лату кӯб намуд.**

Шахси даромада банохост бо мулоимат ба хоҳар Вонг мурочиат кард: „Хоҳишмандам, ба ман гӯш диҳед. Хоҳари ман сахт бемор аст. Вай тамоман пойҳояшро ҳис намекунад. Ман боварӣ дорам, ки шумо ба вай ёрӣ дода метавонед. Ба хонаи мо биёед ва барои вай дуо кунед“.

Оё ин ҳамон шахсе буд, ки Библия ва дигар китобҳои масеҳии вайро дағалона кашида гирифт? Оё вай акнун оиди дуо илтимос мекунад? Эҳтимол, Худо ҳақиқатан диққати вайро ҷалб намуд.

Якчанд рӯз пеш, ҳангоме ки ин афсар хоҳар Вонгро истинтоқ мекард, ба вай телефон карда гуфтанд, ки модарашро мошин задааст. Вай ба назди модараш шитофт, ва ӯ ба вай гуфт, ки маҳз масеҳиёнро таъқиб карданаш боиси воқеаи нохуш шудааст. Аммо афсар дар ҷавоб хандид: ин гуна огоҳкуниҳоро вай хурофоти пирона меҳисобид.

Рӯзи дигар, ҳангоме ки вай хоҳар Вонгро истинтоқ мекард, хабар расид, ки бародараш аз садама дар истеҳсолот маҷрӯҳ шудааст. Бародараш низ чунин меҳисобид, ки маҳз масеҳиёнро таъқиб намудани афсар боиси нохушиҳо дар оилаи онҳо шудааст. Аммо ҳангоме ки хоҳараш бемор шуд, вай таслим шуд ва аз хоҳар Вонг хоҳиш кард, ки дуо кунад.

Хоҳар Вонг фаҳмид, ки ба вай имкони ба таъқибкунандагонаш шаҳодат додан дода шудааст, ки вай оиди он дуо мекард. Худо ба хоҳари афсар шифо дод, ва ба шарофати корҳои хоҳар Вонг дили афсарро дигаргун намуд. Он афсар акнун худаш ба калисо ёрӣ мерасонад.

*Бисёрии одамон ба дуо майли аҷибе доранд — хусусан ҳангоми бадбахтӣ ва азоб. Ҳангоме ки касе оиди дуо илтимос мекунад ё онро қабул мекунад, монеаҳо дар роҳи ҳамаи он чи ба дин алоқаманд аст, тадриҷан барҳам мехӯранд. Хеле кам касе вомехӯрад, ки пешниҳоди дуо карданро рад кунад. „Ман бароят дуо мекунам“ — ин суханони қавитаринанд, ки имондор ба беимон мегӯяд. Чаро? Худо ба воситаи дуо дигаргуниҳо ба амал меоварад. Дуо ба натиҷа ноил мешавад. Он баъзан вазъиятро тағйир медиҳад. Баъзан қарорҳоро ба таври қатъӣ дигаргун мекунад. Беш аз ҳама он касонеро дигаргун мекунад, ки дуо ба соҳаҳои ҳассоси ҳаёташон таъсир расондааст. Библия мегӯяд, ки таъқибгари собиқи масеҳиён Шоули Тарсусӣ баъди руҷӯъ карданаш пеш аз ҳама дуо кард. Кӣ медонад, ки дуо дар ҳаёти „Шоулҳо“ дар тамоми ҷаҳоне ки ҳоло масеҳиятро нобуд кардани аст, чӣ нақше хоҳад дошт.*

Худованд ба ӯ гуфт: „Бархез ва ба кӯчае ки Рост ном дорад, бирав ва Шоул ном тарсусиро дар хонаи Яҳудо суроғ кун, ки ӯ ҳоло ба дуо машғул аст“.

*Аъмол 9:11*

# „Гуноҳ“-и фавқулодда

**Мадагаскар:** Ранавалонаи I.

**Ранавалонаи I, маликаи Мадагаскар, аз масеҳиёни тамоми мамлакат нафрат дошт. Нисбати онҳо даъвоҳо зиёд буданд: онҳо бутҳои вайро бад медиданд, доимо дуо мекарданд, ҳамеша ба калисо мерафтанд, занҳои онҳо покдоман буданд. Вай ходимони полисро фиристод, то ҳамаи онҳоеро, ки дар масеҳӣ будан гумонбар шудаанд, ҷамъ карда ба доварӣ кашанд.**

1600 имондор баъди эълон намудани айбнома бегуфтугӯ айбдор ҳисобида шуданд. Онҳо айбномаҳоро эътироф накарда наметавонистанд, зеро ин гуна инкор маънои аз Масеҳ рӯ гардонданро медошт. Малика бори дигар ба онҳо пешниҳод кард, ки аз Масеҳ даст кашида, бутҳоро саҷда намоянд, аммо ҳамаи онҳо пешниҳоди ӯро рад карданд. Онҳоро ба ҳуҷраҳои торику намноки ҳабсхона партофтанд, бисёриҳоро қатл карданд. Малика бештару бештар хашмгин мешуд, зеро ба ҷои як масеҳии кушташуда боз бист нафар бармехестанд.

Дертар малика фармуд, ки қатли намоишкоронаи 15 нафар масеҳӣ ташкил карда шавад. Онҳоро мебоист аз ҷарии баландияш 150 фут мепартофтанд. Бутҳои маликаро ба ҷарӣ оварданд ва ҳар як масеҳиро аввал баста, андаке бар ҷарӣ овезон мекарданд.

„Ту бутҳои маликаро парастиш мекунӣ?“ — сарбозон ҳар як масеҳии бар ҷарӣ овезонро мепурсиданд.

Ва ҳар яке ҷавоб медод: „Ман Масеҳро парастиш мекунам“. Бандро мебуриданд, ва одамон ба сангҳо меафтиданд. Ба як духтар раҳм карда, накуштанд ва девона эълон намуда, сар доданд. Дертар вай калисои калоне барпо кард.

*Дар бисёрии кишварҳо айбдоршавандагон то дами исбот шудани гуноҳашон бегуноҳ ҳисобида мешаванд. Принсипи асосӣ он аст, ки барои дар ҷиноят айбдор ҳисобидани шахс бояд далелҳои кофӣ мавҷуд бошанд. Дар кишварҳое ки нақши системаи адлия таҳриф карда шудааст, имон ба Масеҳ аксаран ҷинояти давлатӣ ҳисобида мешавад. Имондорон ҳанӯз пеш аз исботи бегуноҳияшон айбдор ҳисобида мешаванд. Дар толори доварии заминӣ барои бегуноҳ ҳисобида шудан аз Масеҳ даст кашидан лозим аст. Аммо бо вуҷуди ин, барои доварии осмонӣ эътирофи гуноҳ амалан пирӯзӣ аст.*

*„Гуноҳ“-и фавқулодда маънои таъмини ин гуна шаҳодати имон ба Масеҳро дорад, ҳангоме ки ҳеҷ роҳи сафед карда шудан нест! Ин парадоксро такрор кардан мешояд: агар шумо имрӯз барои масеҳӣ буданатон ба доварӣ кашида мешудед, оё барои айбдор ҳисобидани шумо далелҳои кофӣ ёфт мешуданд?*

Ҳамеша тайёр бошед, ки ба ҳар касе ки аз шумо дар бораи умедатон ҳисоб талаб кунад, бо фурӯтанӣ ва эҳтиром ҷавоб диҳед“

*1 Петрус 3:15*

**Мо фаҳмидем, ки даҳшатноктарин чиз дар ҷаҳон — на азобҳо аст. Аз ҳама даҳшатноктарин беитоатӣ ба Худост.**

Шубони вйетнамӣ, ки барои имон зиндонӣ шудааст.



# Доғи захмҳои фавқулодда

**Ерусалим:** ҳавворӣ Тумо

**Овоза то ба вай расид. Тумо оиди аз мурдагон бархостани Устод аз дигар шогирдон, ки зинда будани Ӯро дида буданд, шунида буд. „Чун дастҳои Ӯро бинам, ва ангушти худро дар ҷои меххо гузорам, ва дасти худро ба канори аз найзаи румӣ сӯрохшудаи Ӯ ниҳам, фақат ҳамон вақт бовар мекунам, ки Ӯ аз мурдагон бархостааст“, — гуфт Тумо.**

Тумо мӯъҷизаро дидан намехост. Вай интизори аломат ва ё мӯъҷизаи бузург набуд. Вай танҳо мехост доғи захмҳо — нишонаҳои азоби Масеҳро дар бадани Ӯ бубинад. Агарчи Исо бар марг пирӯз шуд ва зистанро дар ҷисми ҷалолёфта давом медод, ба ҳар ҳол Ӯ захмҳо дошт — ёдоварии он музде ки Ӯ пардохт намуд.

Пас аз ҳашт рӯз Исо бори дигар зоҳир шуд. Эҳтимол, ҳангоме ки Тумо Худовандро дар рӯ ба рӯ дид, худро чӣ хел аблаҳона ҳис мекард! Ҳангоме ки шогирдони дигар изҳороти дабдабаноки вайро хотиррасон намуданд, он чӣ гуна аблаҳона метобид! Аммо Исо Туморо маҳкум накард. Ба чашмони вай нигариста, Исо дастонашро сӯяш дароз кард, ва пешниҳод кард, ки ба захмҳо даст расонда, бовар кунад.

Баъди эҳё шудани Масеҳ захмҳояш чун ёдоварии бадани ҳанӯз ҳам азоб кашидаистода боқӣ монданд. Агарчи ӯ бар марг пирӯз шуд, баданаш дар рӯи замин ҳанӯз ҳам азоб мекашад. Ва ӯ дар тамоми ҷаҳон он одамонеро, ки барои имони худ ба Масеҳ захмҳо бардоштаанд, мефаҳмад.

*Доғи захмҳо — муаллимони мо, ёдраскуниҳои равшан оиди дарсҳои пуразоб мебошанд. Бисёр вақт онҳо намуди нафратовар доранд ва мо хеле кам диққати касеро ба он ҷалб менамоем. Айнан ҳамин тавр пайи захмҳо аз таъқиби калисо — дар бисёр ҷамъомадҳои масеҳӣ аҳён-аҳён мавзӯи сӯҳбат қарор мегирад. Мо чунин меҳисобем, ки ин нохуш аст. Ин як сиррест. Аммо вазифаи онҳо таълим додани мост. Таъқибот — қисми муҳими нақшаи мӯъҷизаосои Худост. Ин нақша аз он иборат аст, ки тамоми ҷаҳон шунида, ба Инҷил ҷавоб диҳад. Исо доғи захмҳои Худро аз ҳеҷ кас пинҳон намедорад. Ӯ ҳатто ба Тумо пешниҳод кард, ки ба онҳо даст расонад, то барояш дарсе таълим диҳад. Доғи захмҳои Ӯ муаллимони моянд, ки музди барои ниҷотамон пардохтшударо ёдрас мекунанд. Мо набояд муздеро, ки калисои таъқибшаванда пардохт намудааст, сарфи назар кунем. Ин музд бояд барои мо дарси ҳамешагӣ бошад.*

> Лекин ту таълим, тарзи зиндагӣ, рафтор, имон ҳиммат, муҳаббат ва тоқати маро медонӣ.
>
> *2 Тимотиюс 3:10*

фавқулодда

# Интихоби фавқулодда

**Инглистон:** Ҷон Ламберт.

**„Шумо ҳаётро интихоб мекунед ё маргро? Чӣ мегӯед?“**

Ин саволро Ҳенрих VIII, шоҳи Инглистон, ки дар кишвар ҳокимияти номаҳдуд дошт, додааст. Дар назди вай „ҷинояткор“ Ҷон Ламберт, муаллими забонҳои юнонӣ ва лотинӣ меистод, ки дар бидъат айбдор карда мешуд.

Ҳангоме шубон мавъизае кард, ки хилофи Навиштаҳо буд, Ламберт натарсида бо вай баҳс намуд. Ламбертро ба доварии Усқуфи аъзами Кентербери ва баъд ба доварии шоҳ Ҳенрих кашиданд. Аз Библия иқтибос оварда ва забони юнонии нусхаи аслро фаҳмонда, Ламберт далелҳои худро ба ҷамъомади усқуфон, ҳуқуқшиносон, доварон ва пэрҳо пешкаш намуд. Ҳар ду ҷониб баҳсу мунозираҳои сахт доштанд, то даме Ҳенрих, ки ҳамаи ин ба дилаш зада буд, ба Ламберт интихоби ниҳоӣ пешниҳод намуд: „Акнун баъди ҳамаи далелҳо ва насиҳатҳои ин одамони донишманд шумо боварӣ ҳосил кардед? Шумо ҳаётро интихоб мекунед ё маргро? Чӣ мегӯед?“

Ламберт нафаси чуқур кашид ва гуфт: „Ман рӯҳи худро ба дасти Худо медиҳам, ҷисмамро бошад ба марҳамати шумо месупорам“.

„Шумо бояд бимиред“, — гуфт Ҳенрих бо истеҳзо, — „зеро ман ҳомии бидъаткорон будан намехоҳам“. Ламбертро дар бидъат айбдор намуда, зинда ба зинда сӯзонданд. Ламбертро ҳатто марги пуразоб ва ҷонкоҳ шикастадил накард. Вай бо эҳтироми зиёд дастонашро боло карда, гуфт: „Фақат Масеҳ! Фақат Масеҳ!“

*Дар асри имкониятҳои зиёд ҳуқуқи интихоб қариб сернашаванда гардидааст. Дар хона дусад канали телевизионӣ доштан акнун „ҳуқуқи асосӣ“ ва баробар ба худи озодӣ дониста мешавад. Ба мо озодии интихоб даркор аст. Гуногунӣ. Навъҳои гуногуни ашё. Ҳатто масъалаҳои сирф маишӣ ҳар рӯз ба сари мо мерезанд: чӣ бихӯрем, чӣ бинӯшем, бо кадом воситаи нақлиёт биравем ва бо чӣ машғул шавем. Аммо бо вуҷуди ин, интихоби мо аллакай манфиатпарастона нест — он амалан номаҳдуд аст. Бар акси ин, ҳангоми ҳалли масъалаҳои муҳимтари ҳаётӣ мо боят танҳо як ҷавоб дошта бошем: „Фақат Масеҳ“. Оё роҳи дигаре сӯи осмон ҳаст? Фақат Масеҳ — Ӯ Роҳ аст. Оё дар ҳаёт афзалияти дигаре ҳаст, ки тамоми кӯшишу ғайрати моро металабад? Фақат Масеҳ. Маҳз Ӯ аз ҳама чиз авлотар аст. Оё каси дигаре хоҳиши пурэҳсоси дили одамиро қонеъ карда метавонад? Инро фақат Масеҳ карда метавонад. Охир, ҳақиқат интихоби дигаре надорад. Ҳангоме дар назди мо саволҳои муҳими ҳаётӣ меистанд, агар албатта меистанд, оё омода ҳастем шаҳодат диҳем, ки „фақат Исо ба онҳо ҷавоб дода метавонад?“*

Имрӯз барои худ интихоб кунед, ки киро ибодат хоҳед кард … валекин ман ва хонадони ман Худовандро ибодат хоҳем кард“

*Еҳушаъ ибни Нун 24:15*

# Хиёнати фавқулодда

**Румыния:** бародар Василе

**Дар Румынияи коммунистӣ бо мақсади „аз ҳар гуна хурофот пок кардани кишвар“ маъракаи ҳафтсола гузаронда шуда буд — калисоҳо баста мегардиданд ва шубонҳо ҳабс карда мешуданд.**

Ҳангоме ки бародар Василе ва занаш дар хонаи хурди худ бештар ҷамъомадҳои калисоӣ гузарониданро сар карданд, онҳо медонистанд, ки ҳукумат дер ё зуд ба ин аҳамият медиҳад. Ҳар бегоҳ Василе дуо мекард: „Худовандо, агар Ту ягон маҳбусеро медонӣ, ки ба ёрии ман мӯҳтоҷ аст, маро ба ҳабсхона бозгардон“. Ҳангоме ки зани вай баъди ин суханон „Омин“ мегуфт, ба ларза медаромад.

Дертар онҳо фаҳмиданд, ки ходимони полис ба хонаи яке аз аъзоёни калисо даромада, нусхаҳои мавъизаҳои Василеро мусодира кардаанд. Онҳо ҳамчунин фаҳмиданд, ки ёвари шубон, дӯст ва ҳамсафи онҳо ахборотдиҳанда шудааст ва оиди Василе ба полис хабар додааст.

Шабона ходимони полис ба хонаи хурдакаки Василе заада даромаданд ва ӯро ҳабс карданд. Ҳангоме ки ба дастони Василе завлона мезаданд, вай гуфт: „Агар шумо ба ман якчанд дақиқа фурсат диҳед, то ҳамсарамро ба оғӯш гирам, ман аз ин ҷо бе муқобилат меравам“. Ходимони полис дилу бедилон розӣ шуданд. Зану шавҳар ҳамдигарро ба оғӯш гирифта, чунон дуо гуфта сурудхонӣ карданд, ки ҳатто ба капитан таъсир кард. Сипас Василеро ба фургони полис бурданд, занаш бошад гирякунон аз пасаш медавид. Василе ба ақиб рӯ оварда, пеш аз он ки ба муддати солҳои дароз ғоиб шавад, чунин суханонро гуфт: „Ба писари мо ва шубоне ки оиди ман хабаркашӣ кардааст, бигӯй, ки ман онҳоро дӯст медорам“.

*Хиёнати фавқулодда омурзиши фавқулоддаро металабад. Агар душманон зидди мо бо чунин бераҳмӣ бармехезанд, магар мо набояд ба ҳамин андоза дар омурзидан саҳӣ бошем? Ҳангоме ки душман то дараҷаи хабаркашӣ оиди мо паст мефарояд, магар мо набояд болотар бароем, то дараҷае ки барои омурзидани вай омода бошем? Исо таълим медод, ки бахшидани бадӣ бароямон нафъ дорад. Хиёнати пастфитратона метавонад боиси он шавад, ки мо дилҳои худро барои омурзидан маҳкам кунем. Агар имконияти омурзишатон маҳдуд бошад, шумо шодии халосӣ аз гуноҳҳоятонро пурра эҳсос карда наметавонед. Албатта, хеле бад аст, ки ба шумо хиёнат мекунанд. Аммо дилсахт шудан маънои шикаст хӯрданро дорад, ва шумо набояд ба ин роҳ диҳед. Имрӯз шумо киро бояд бар хилофи хашми худ омурзед?*

> Ва қарзҳои моро бибахш,
> чунон ки мо низ ба
> қарздорони худ мебахшем.
>
> *Матто 6:12*

# Омурзиши Фавқулодда

## Иттиҳоди Шӯравӣ. Падари рӯҳонӣ Александр Мен

**Моҳи сентябри соли 1990 дар деҳаи назди Маскав дар роҳ ба сӯи калисо коҳини православӣ Александр Мен кушта шуд.**

Роҳбарони Калисои Православии Русия ва ҳамкорони Александр Мен ба вай ҳусни таваҷҷӯҳ надоштанд. Вай ҳатто роҳбари калисо набуд, балки дар як калисои чӯбини деҳаи Новая Деревня ҳамкорӣ мекард. Аммо асарҳои Александр Мен Русияи дар бехудоӣ ғӯтидаро бедор мекарданд. Вай оиди таърихи дин, асосҳои таълимоти имон китобҳои бисёр навишт. Азбаски вай имконияти дар Иттиҳоди Шӯравӣ чоп кардани китобҳои худро надошт, онҳоро дар хориҷа таҳти тахаллусҳои Э. Светлов ва А. Боголюбов нашр мекунонд. Ҳангоме ки дар Русия фишори давлат ба калисо оҳиста-оҳиста суст шудан гирифт, Александр Мен дар назди калисо маҳфили илоҳиётшиносӣ кушод, барои равшанфикрони Маскав лексияҳо мехонд. Шӯҳрати вай меафзуд.

Саҳарии барвақт вай аз хонаи чӯбини худ сӯи истгоҳи қатораи барқӣ мерафт, то ба парастиши пагоҳӣ дар калисои худ расида равад. Аз афти кор, дар тумани пеш аз субҳ вайро ду мард нигоҳ дошта бо вай сӯҳбатро сар карданд. Яке аз онҳо аз паси коҳин гузашта, бо табарча ба сараш зад. Александр Мен, ки сахт захмдор шуда буд, то дари хонааш омада тавонист, ва вайро дар ҳамон ҷо пайдо карданд. Чун аз вай пурсиданд, ки ин корро кӣ кардааст, вай гуфт: „Ман худам“. Александр Мен дар дами марг буда, қотили худро бахшид. Ҳалокати фоҷианоки коҳини риёзаткаш диққати ҳазорон одамонро ба китобҳояш ҷалб карданд ва сипас — ба масеҳият, ва бисёриҳо Масеҳро чун Наҷоткори шахсии худ қабул карданд.

> Лекин шумо душманони худро дӯст бидоред, ва некӣ кунед.
>
> *Луқо 6:35*

*Олиҳимматӣ хосияти дуюми асосии имондор аст. Исо таълим медод, ки имондорони ҳақиқиро дар байни дигарон аз зоҳиршавии муҳаббаташон шинохтан мумкин аст. Ва на танҳо нисбати онҳое ки дар ҷавоб меҳр зоҳир мекунанд. Олиҳимматӣ нисбати бегонагон ва ҳатто душманон аксаран беҳтарин истифодаи таълимоти Исо аст. Шоҳидони аъмоли мо, ва низ онҳое ки муҳаббати мо ба онҳо равона карда шудааст, ба чашмони худ бовар намекунанд. Корманди ранҷидаи масеҳиро тасаввур кунед, ки барои роҳбари худ дуо мекунад, агарчи ӯ вайро бесабаб аз кор сабукдӯш кардааст. Ҳолати ронандаи мастро тасаввур кунед, ки волидони мусибатзадаи фарзанди ҳалокшуда ба вай омурзиши худро ато мекунанд. Ҷамъият олиҳимматиро намефаҳмад. Аммо бо вуҷуди ин, олиҳимматӣ ба ҳар ҳол ба ҷамъият таъсир мекунад. Мо мебинем, ки ҳангоме дигаронро саховатмандона бубахшем, ба Худо хеле монанд мешавем. Худо Писари ягонаи Худро дод, то муҳаббати худро ба ҷаҳон исбот намояд ва барои мо наҷот ба даст оварад. Имрӯз ту чӣ дода метавонӣ, то дили касе барои Малакути Худо кушода шавад?*

# Миссионери фавқулодда

**Покистон:** Салима ва Роҳила

**Салима, духтари масеҳӣ аз Покистон, ки он ҷо ислом ҳукмрон аст, ба дугонаи мактабии худ Роҳила, ки дертар масеҳиятро қабул кард, оиди имони худ нақл карда, чунин гуфт: „Агар ту бурдани салиби худро ваъда диҳӣ, ҳаётат пур аз хорҳо, андӯҳҳо ва мушкилиҳо хоҳад буд“.**

Аъзоёни оилаи Роҳила ба хашм омада, Салимаро айбдор карданд, ки „мусулмонро аз дин гардондааст“. Ин гуна айбдоркунӣ дар Покистон боиси ҷазои олӣ шуда метавонист. Салима ва шубони ӯро ҳабс карданд, волидонашро ходимони полис истинтоқ карда, лату кӯб мекарданд. Ҳангоме ки Салима дар ҳабсхона буд, ба номуси вай таҷовуз карданд, аммо вай аз имонаш даст накашид. Вай дар ҳабсхона бо овози паст сурудҳои масеҳиро хонда, умед дошт, ки дигаронро ба сӯи Масеҳ ҷалб мекунад.

Роҳила аз хона гурехт, аммо аҳли оилааш ӯро ёфтанд. Ҳангоме бори охир ба вай пешниҳод карданд, ки аз имонаш даст кашад ва сӯи Муҳаммад бозгардад, вай рад кард. Ӯро аҳли оилаи худаш қатл карданд.

Салима аз мурофиаҳои дуру дарози судӣ гузашт. Аъзоёни оилаи Роҳила ӯро дар марги духтарашон айбдор мекарданд. Дар охир ҳамаи айбномаҳо дур карда шуданд. Аммо ҳаёти Салима барои ҳамеша дигаргун шуд. Вай аз хавфи кушта шудан аз дасти мусулмонони қатъӣ маҷбур шуд ба қисми дигари Покистон кӯчида равад. Аммо хорҳо, андӯҳҳо ва душвориҳо имони ӯро суст накарданд. Акнун ӯ барои воиз шудан омодагӣ мебинад. Ӯ мегӯяд: „Аҳамият надорад, ки то чӣ андоза кӯҳ баланд аст, Исо ба ҳар ҳол барои паси сар кардани он ёрӣ медиҳад!“

*Бисёр вақт баргалат чунин меҳисобанд, ки миссионерон дар лашкари илоҳии имон як қисми махсус — гурӯҳи нотакрор мебошанд, ки аз номи мо амал мекунанд. Ҳақиқат дар он аст, ки ҳар як имондор даъват карда шудааст миссионер бошад. Баъзан кори пурарзиштарин дар назари Худо дар сӯҳбати сари миз ҳангоми қаҳвахӯрӣ дар ошхонаи ҳамсоя ба вуқӯъ мепайвандад. Ба ҳар ҷое ки миссияамон моро ҳидоят кунад, моҳияти он бетағйир мемонад. Мо бояд муҳаббати Масеҳро бо ҳам бинем. Ба дӯстони наздики худ расондани имони худ барои баъзеҳо қаҳрамонии шахсӣ мебошад. На нишондиҳандаи иҷроиши миссияи мо, балки фақат ҳоҳиши мо аҳамият дорад. Шумо дар расондани Хабари хуши Масеҳ то кадом дараҷа дур рафта метавонед?*

Дуои ман ин аст, ки муоширати имони ту чунон таъсирбахш бошад, ки беҳтар бидонӣ ҳар некие ки дар мо барои Исои Масеҳ мебошад, дар чист.

*Филемӯн 6*

фавқулодда

# Нархи фавқулодда

**Дар замони қайсар Адриан дар Рум масеҳии нек София мезист. Духтарони ӯ Муҳаббат, Имон ва Умед ном доштанд.**

Дар соли 137 таъқиботи сахт зидди масеҳиён сар шуданд ва Софияро ҳамроҳи духтаронаш ҳабс карданд. Пеш аз ба доварии подшоҳӣ додани онҳо қайсар ба Палладия ном зане фармуд, ки бо София гап зада водор кунад, ки аз Масеҳ даст кашад. Палладия се рӯз тамоми оиларо водор мекард, ки ба гапи қайсар дароянд, аммо онҳо аз Масеҳ даст кашидан нахостанд. Қайсар фармуд, ки Имони 12-соларо бо оташ бисӯзонанд, ва умед дошт, ки азобҳои вай ба модар таъсир мекунанд. Нияти вай барор нагирифт ва Имон бо зарбаи шамшер кушта шуд. Навбати Умеди 10-сола, сипас Муҳаббати 7-сола расид. Ҳар ду кушта шуданд. Румиён модареро, ки духтарони худро ба хотири Худои дар Рум эътирофнашуда фидо намудааст, фаҳмида наметавонистанд. Қайсар ба хоҳиши шаҳриён розӣ шуда, ба София иҷозат дод, ки духтаронашро дафн кунад. Вай се рӯз барои онҳо навҳаву мотамдорӣ кард, ва баъд дар сари қабри онҳо мурд.

*Роҳи калисои таъқибшаванда мушкил аст ва метавонад дур тобад. Дар давоми ду ҳазор сол бадӣ бисёр одамонро водор мекард, ки ба Инҷили Масеҳ муқобил бароянд. Мо ҳамчун масеҳиён бояд омодаи қурбонӣ овардан бошем — ҳатто агар ин ҳеҷ гоҳ аз мо талаб карда нашавад. Ҳаёти Иброҳим моро ба ин таълим медиҳад. Вай омода буд Исҳоқро, ки ба воситаи вай мебоист баракат меомад, қурбон кунад. Барои садоқат ба Масеҳ омодаи фидокорӣ будан моро қавитар мегардонад. Ақидаи қурбонӣ овардан мақсадҳои моро равшан мекунад. Қурбонкунӣ хислати моро обутоб медиҳад. Ақидаҳое ки бо нархи гарон насиби мо мегарданд, оилаҳои моро, ҷамоатҳои моро, ҷаҳони моро ба хотири Масеҳ дигаргун мекунанд. Мо мефаҳмем, ки дар амал то кадом андоза қавӣ буда метавонем. Ва агарчи мо намехоҳем чизи бароямон гаронбаҳоро аз даст диҳем — мо мекӯшем, ки бар хилофи ҳама гуна вазъиятҳо ин ба садоқати мо халал нарасонад.*

Акнун донистам, ки ту аз Худо метарсӣ ва писари худро, ки ягонаи туст, аз Ман дареғ надоштӣ"

*Ҳастӣ 22:12*

Худованд, маро олати осоиштагии Худ гардон. Дар ҷое ки нафрат ҳаст, имкони коштани муҳаббат бидеҳ;
дар ҷое ки ранҷиданҳо ҳастанд — омурзиш;
дар ҷое ки шубҳаҳо ҳастанд — имон;
дар ҷое ки рӯҳафтодагӣ ҳаст — умед;
дар ҷое ки торикӣ ҳаст — рӯшноӣ;
дар ҷое ки андӯҳ ҳаст — шодӣ.

Худованди Таоло, чунин бикун, ки ман тасалло доданро беш аз тасалло ёфтан бихоҳам; фаҳмиданро беш аз он ки маро бифаҳманд; дӯст доштанро беш аз он ки маро дӯст доранд; зеро фақат бо ато намудан ба даст меоварем. Фақат бо омурзидан омурзиш ба даст меоварем. Фақат бо рад кардани худ ҳаёти абадӣ ба даст меоварем.

Франсиски Ассизӣ



# Табассуми фавқулодда

**Иттиҳоди Шӯравӣ:** Павел

**Торик мешуд. Афсари Кумитаи Бехатарии Давлатӣ аллакай муддати чандин соат Павелро лату кӯб намуда, азоб медод. „Туро дигар азоб намедиҳем“, — гуфт вай бо табассуми бераҳмона, ҳангоме ки масеҳӣ чашмонашро бардошт. — Ба ҷои он мо туро ба Сибир мефиристем, ки он ҷо барф ҳеҷ гоҳ об намешавад. Он ҷои уқубати азим аст. Ҷои ту маҳз ҳамон ҷост“.**

Павел ба ҷои андӯҳгин шудан табассум намуд: „Тамоми замин ба Падари мо тааллуқ дорад, шаҳрванд капитан. Ба ҳар ҷое ки шумо маро фиристед, ман дар замини Падар хоҳам буд“.

Капитан ба вай бо хашм нигоҳ кард: „Ту ҳамаи дороиятро аз даст медиҳӣ“.

„Ба шумо нардбони баланд даркор мешавад, зеро ганҷҳои ман дар осмон мебошанд“, — ҷавоб дод Павел. Ҷавоби ӯ капитанро ба ғазаб овард.

„Ман туро аз пешоният тир мепарронам“, — дод зад вай.

„Агар шумо маро дар ин ҷаҳон аз ҳаёт маҳрум кунед, барои ман ҳаёти хурсандона бо Худованд сар мешавад“, — гуфт Павел. — „Ман аз кушта шудан наметарсам“.

Капитан аз куртаи маҳбусии пора-пора шуда дошта рост ба рӯяш дод зад: „Не, ман туро намекушам! Ба марги осон умед набанд! Ман туро ба муддати солҳои дароз ба камераи якканишин мешинонам ва ту дигар ҳеҷ гоҳ одамонро намебинӣ!“

„Шумо ин корро карда метавонед, капитан“, — гуфт Павлус. — „Аммо ман Дӯсте дорам, ки аз дарҳои баста ва панҷараҳои оҳанӣ даромада метавонад. Ҳеҷ кас маро аз муҳаббати Масеҳ ҷудо карда наметавонад“.

*Новобаста ба номуайянии оянда, мо дар як чиз дилпур буда метавонем: Масеҳ ҳамаи душвориҳоро ҳамроҳи мо мебинад. Дар мушкилоти шахсӣ ва ғаму кулфатҳои тамоми халқ мо ҳеҷ гоҳ танҳо намемонем. Ва баръакс, касе аз одамон албатта моро ба ҳолати ногувор мемонад. Дар роҳи ҳаёт ҷойҳое хоҳанд буд, ки ҳамсафаронамон бо мо гузашта наметавонанд — дарёе ки роҳро бурида мегузарад, хеле чуқур хоҳад буд ва дар ҳолати беҳтарин онҳо аз он ки ҳамроҳамон рафтан наметавонанд, афсӯс хоҳанд хӯрд. Фақат Масеҳ аз „панҷараҳои оҳанин“ гузашта, ба дилҳои азияткашидаи мо ворид шуда, дар замонҳои душвор ҳамроҳи мо буда метавонад. Агарчи Ӯ аз рӯи ҳикмати худ моро аз санҷишҳоямон халос намекунад, ҳузури боварибахши Ӯ моро аз байни онҳо мегузаронад. Табассум кунед, ва бидонед, ки шумо Дӯсте доред, ки шуморо аз Ӯ ҷудо кардан ҳеҷ гоҳ имкон надорад.*

Кӣ моро аз муҳаббати Масеҳ ҷудо мекунад. Оё андӯҳ, ё фалокат, ё таъқибот, ё гуруснагӣ, ё бараҳнагӣ, ё хатар, ё шамшер?

*Румиён 8:35*

# Қурбонии фавқулодда

**Индонезия:** шубон Ҳендрик Паттивел

**Онҳо доду фарёдҳои бародарони масеҳии худро аз берун шунида, дар ҳуҷра ба ҳам ҷафс шуданд. Шубон Ҳендрик Паттивел ва занаш дар гузаронидани лагери ҷавонон дар Индонезия ёрӣ медоданд, ва акнун барои тақдири дастпарварони худ масъулият ҳис мекарданд.**

Лагер вақти хурсандибахши рушди рӯҳонӣ ва диндорӣ гардид. Сипас ба онҳо ҳуҷум карданд. Ҳангоме ки мусулмонони радикалӣ биноеро, ки он ҷо шубон Паттивел бо занаш ва шогирдон буданд, иҳота карданд, вай берун баромад. Ба шубон, ки диққати тӯдаи хунхорро аз занаш ва аз ҷавонон ба худ ҷалб мекард, ҳуҷум карданд, дигарон бошанд гурехта тавонистанд.

„Исо, ба ман ёрӣ деҳ“ — чунин буданд суханони охирини вай

Пас аз андаке занаш ӯро аллакай дар тобут дид. Бадани ӯро захмҳои баднамуд фаро гирифта буданд. Зан аз шиддати хашм сахт ба эҳсосот дода шуда ба Худо муроҷиат намуд: „Чаро Ту шавҳари маро ҳимоят накардӣ?“

Аммо Рӯҳулқудс суханонеро ба ёдаш овард, ки шавҳараш ҳамагӣ якчанд рӯз пеш аз ҳуҷум гуфта буд: „Агар муҳаббати ту ба ман ё ба оила аз муҳаббат ба Масеҳ зиёдтар бошад, ту сазовори малакути Масеҳ нестӣ“. Ӯ ба вай гуфт, ки барои малакути Масеҳ тайёр аст бимирад.

Ин суханонро дар хотир дошта, бевазан ҳиссиёти худро ба даст гирифта тавонист. Вай ҳанӯз ҳам дар ҳамон калисо дар Индонезия кор мекунад. Маслиҳате ки вай ба масеҳиёни ҳамаи кишварҳо дода метавонад, содда аст: Худоро бо эҳтимоми бештар биҷӯед, то ки дар байни мусибати калон истодагарӣ карда тавонед“.

*Мо набояд барои худ нохушиҳо биҷӯем. Нохушиҳо худашон моро пайдо мекунанд. Исо ба шогирдонаш такрор ба такрор мегуфт, ки санҷишҳо қисми зиндагии ҳаррӯза мебошанд. Ҷустуҷӯи боэҳтимоми Худо маънои онро надорад, ки дар ҳаёти худ нохушиҳо биҷӯем. Не, мукофот барои ҷустуҷӯи алоқаи амиқтар бо Худо дар он аст, ки Ӯ моро ба воқеаҳои ногузир беҳтар омода мекунад. Мо балоҳоеро, ки дар роҳамон вохӯрда метавонанд, интихоб намекунем. Бо вуҷуди ин, мо метавонем алоқа бо Худоро, ки моро ба нохушӣ омода мекунад, интихоб намоем.*

*Санҷишҳо метавонанд моро назди интихобе гузоранд, ки барои Масеҳ ҷони худро бидиҳем. Аммо ба ҳар ҳол, қурбонии воқеӣ на ин аст. Қурбонии фавқулодда бояд хеле пештар аз он оварда шавад. Мо бояд худпарастиямонро дар ҳамаи дараҷаҳояш қурбон кунем, то ки пешакӣ муносибатҳои зичро бо Худо ривоҷ диҳем. Агар мо ба хотири дар ҷои якум гузоштани муносибатҳоямон бо Масеҳ ҳама чизро қурбон карда бошем, кори душвортарин аллакай паси сар шудааст.*

> Пас, шуморо, эй бародарон, ба марҳамати Худованд даъват менамоям, ки ҷисмҳои худро ҳамчун қурбонии зинда, муқаддас ва писандидаи Худо тақдим кунед, ибодати оқилонаи шумо ҳамин хоҳад буд.
>
> *Румиён 12:1*

# Дарди фавқулодда

**Судон:** писарбачагони собитқадам

**„Аз пайи мо такрор кунед“, — чор писарро лату кӯб намуда, дод мезаданд сарбозон. — „Аллоҳ Худост ва Муҳаммад пайғамбари ӯст. Бигӯед!“**

Чор писарбачаи судонӣ гиря карда, модаронашонро ҷеғ мезаданд, аммо такрор кардани суханонеро, ки маънои раҳоии ҳаёташон, аммо аз масеҳият даст кашиданро доштанд, рад мекарданд. Дар рӯи пӯсти сиёҳи онҳо хун ҷорӣ мешуд, аммо онҳо суханони даст кашидан аз масеҳиятро такрор накарданд.

Писарбачагони калонсолтар ин манзараро бо даҳшат мушоҳида мекарданд. Дар пеши чашмони онҳо сарбозони исломӣ волидони онҳоро бо шамшерҳо ваҳшиёна зада куштанд. Акнун онҳо шоҳиди он шуданд, ки чор нафар дӯстони хурдсоли онҳоро — аз ҳама хурдӣ панҷсола буд — то мурданашон лату кӯб карданд. Сарбозон писарбачагонро маҷбур карданд, ки ба болои оташпораҳо дароз кашанд, ва талаб мекарданд, ки исломро қабул кунанд. Кӯдакон аз дард фарёд мекарданд, аммо суханони даст кашиданро ба забон наоварданд. Ҳангоми дастгиркунии масеҳиён дар он ҷо 14 писар ва 13 духтар буданд. Духтарчаҳо ғоиб шуданд. Аз афти кор, онҳоро ба Судони шимолӣ чун канизон ё сурриyaҳо фурӯхта буданд. Писарбачагонро онҳо азоб доданд, аммо ҳеҷ кадоми онҳо таслим нашуд. Шабона якчанд бачаҳои калонсолтар гурехтанд ва дар бораи марги риёзаткашонаи ҳамдеҳагонашон нақл карданд.

*Дард аксаран дар нақшаи Худо аҳамияти зиёд дорад. Мутаассифона, дигар чунин азсаргузароние нест, ки диққати моро ҳамин гуна фаро гирад. Дарди ҷисмонӣ аз боиси бемории бардавом ё ҷароҳати тасодуфӣ инсонро пурра фаро мегирад. Ба дарди рӯҳӣ низ тоб овардан душвор аст. Дарди аз даст додани касе ки дӯсташ медорем, аз боиси таъқибот ва беадолатӣ, дарди беандоза буда метавонад. Сабаби дард ҳар чизе бошад ҳам, мо ду роҳи паси сар кардани онро дорем. Мо таслим шуда метавонем, ё ин ки мо метавонем рушди худро давом диҳем. Онҳое ки дардро аз сар мегузаронанд, метавонанд ходимони нотакрори марҳамати Худо шаванд. Ба монанди он ки варзишгар ҳангоми машқ мушакҳояшро барои қавитар гардидан таранг мекунад, дард ба мо роҳро барои рушди минбаъда мекушояд.*

Аммо агар касе чун масеҳӣ уқубат кашад, бигзор хиҷил нашавад, балки барои чунин қисматаш Худоро ҳамду сано хонад.

*1 Петрус 4:16*

# Мухолифати фавқулодда

**Румыния:** Ричард Вурмбранд

**„Ман аз коммунистон ба ваҷд меоям“, — ин суханони шубоне ки чордаҳ сол дар ҳабсхонаҳои коммунистӣ зиндонӣ буд, аҷиб метобиданд, аммо Ричард Вурмбранд ин суханонро самимона ба забон меовард.**

„Бисёр коммунистон тайёр буданд барои ҳимояи таълимоти хаёлии худ бимиранд. Онҳо ба хотири идеяҳои худ на камтар аз он масеҳиёне ки ман дар калисо вохӯрдаам, фаъолият нишон додаанд“.

Дар ҳар як душман шубон Вурмбранд дӯсти оянда ва масеҳии ояндаро медид. Ба шарофати муҳаббати вай ба мухолифон на фақат бисёр мухолифон Масеҳро шинохтанд, балки барои худи шубон низ имконияти шаҳодат додан меафзуд.

„Ҳангоме ки маро «яҳудии ифлос» номиданд ва хондани китобҳои маро ба ҳама манъ карданд, одамон ҳамон замон омада фаҳмиданӣ шуданд, ки ин «яҳудии ифлос» чӣ гуфтааст“, — механдид вай. — „Ман ҳар касеро ки аз ман меранҷад, шодбош мегӯям. Боқимондаҳо бошанд на ҳамеша шавқманди донистани он чизе ҳастанд, ки ту гуфтанӣ ҳастӣ. Пеш аз расондани ақидаҳои худ мо бояд онҳоро ба сӯи ҳақиқат гардонем. Барои ба ин ноил шудан бояд бидонем, ки онҳо чӣ фикрро доранд, ва бояд боандеша сухан гӯем. Ба ғайр аз ин мо бояд ҳамеша бо муҳаббат сухан гӯем“.

Суханони шубон Вурмбранд на оиди кадом як идеали баланд мебошанд, онҳо дар таҷрибаи худи ӯ тасдиқ шудаанд. Вай бо ҳамсараш Сабина афсари фашистро ба хонаи худ даъват намуд. Ин афсар дар ҳамон лагери консертасионие ки тамоми аҳли оилаи Сабина кушта шуда буданд, кор карда буд. Ҳангоме ки афсар тамоми омурзиш ва муҳаббатро нисбати худ ҳис кард, вай Малакути Худоро қабул намуд.

*Тавзеҳот*: Ин гуфтаҳо аз мусоҳибаҳои охирини шубон Вурмбранд андаке пеш аз маргаш дар моҳи феврали соли 2001 гирифта шудаанд.

*Исо ба мо таълим медод, ки дигарон имони моро аз муҳаббати мо хоҳанд фаҳмид — хусусан агар он ба шахсоне равона карда шавад, ки моро хуш қабул намекунанд. Тарзи рафтори мо нисбати душманонамон ба ҳамон андозае ки мо нисбати оилаи масеҳии худ чӣ гуна рафтор мекунем, аҳамият дорад. Амалан, аксуламали мо ба танқид аксаран беш аз ҳар намунаи дигар ба фоидаи масеҳият шаҳодат медиҳад. Ҳангоме ки имондорон ин принсипи амалкунандаи имони масеҳиро дар амал татбиқ мекунанд, онҳо бо ин амалашон фарқи худро аз ҷаҳони боқимонда таъкид мекунанд. Ҷавоби табиӣ ба қабул накардан баҳс кардан аст ва аксуламал ба бадӣ бадӣ кардан мебошад. Аммо имондорон ба ҷои муборизa бар зидди душманонашон кӯшиш мекунанд онҳоро бифаҳманд. Ба чунин маъно таъқиботро бо шодӣ, чун имконияти зоҳир намудани имон ва пайравӣ ба фармудаҳои Масеҳ қабул кардан лозим аст.*

Шунидаед, ки гуфта шудааст:
„Ёри худро дӯст бидор ва аз
душмани худ нафрат кун“.
Лекин Ман ба шумо мегӯям:
„Душманони худро дӯст бидоред,
барои лаънаткунандагони
худ баракат бихоҳед, ба
нафраткунандагони худ некӣ
кунед ва барои озордиҳандагону
таъқибкунандагони худ дуо
гӯед“.

*Матто 5:43-44*

# Саёҳати баҳрии фавқулодда

**„Титаник“:** доктор Роберт Бейтман

**Доктор Роберт Бейтман ба келини худ ёрӣ дод, то ба қаиқи наҷотдиҳанда нишинад. „Асабӣ нашав, Энни. Ин санҷиши имони мо хоҳад буд. Ман бояд бимонам ва ба боқимондагон ёрӣ диҳам. Агар мо дигар дар замин вонахӯрем, пас дар осмон вомехӯрем“, — бо ин суханон Бейтман ба зан рӯймоли гарданбанди худро партофт, ҳангоме ки қаиқ ба истиқболи торикӣ ва обӣ хунук поён мефаромад. — „Гулӯятро бо он банд, Энни. Шамол мехӯрӣ“.**

Сипас падари рӯҳонӣ Бейтман дар қисми ақиби киштӣ тақрибан 50 касро ҷамъ оварда гуфт, ки онҳо бояд ба марг омода гарданд. Пештар, ҳангоме ки ҳалокати киштӣ ногузир гардид, вай парастиши нисфирӯзиро (месса) ба ҷо овард, ки бо суруди дӯстдоштааш „Ба Ту, эй Худои ман, наздиктар“ ба анҷом расид.

Роберт Бейтман дар Ҷэксонвилл, дар Флорида, миссия таъсис дод, ки он дар шаҳре ки доимо аз баҳрнавардони маст пур буд, минои рӯҳонӣ гардид. Одамон мегуфтанд, ки вай дар Ҷэксонвилл аз ҳар шахси дигар бештар нур меафканад. Бейтман ба Инглистон барои омӯзиши масеҳӣ рафта буд ва акнун ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бозмегашт, то он чиро, ки омӯхта буд, дар амал татбиқ намояд.

Аммо 14-уми апрели соли 1912 киштии „Титаник“ ба айсберг бархӯрд. Бейтман дар қисми ақиби киштӣ „Падари осмонии мо“-ро мехонд, ва одамон дар атроф дуоро такрор мекарданд. Оркестр „Ба Ту, эй Худои ман, наздиктар“-ро навохт ва „Титаник“ ба умқи уқёнус фурӯ рафт.

*Мегӯянд, ки ягона воситаи дуруст барои хондондани Худо — нақшаҳои худро ба Ӯ нақл кардан аст. Масеҳро қабул карда, мо ба сафари бузургтарин дар ҳаёти худ равона мешавем. Барои он ки ин сафар натиҷабахш бошад, мо бояд ба фармонҳои Ӯ итоат кунем — ба фармонҳои капитани киштӣ. Ӯ сафари ҳаётии моро ба низом медарорад, зеро Ӯ лозим медонад, ки моро аз байни майлу хоҳишҳоямон ба сӯи мақсади сазовортар барад. Баъзан, хусусан дар замонҳои бадтарин, харитаи роҳи Ӯ кӯҳнашуда метобад, ва мо гумон мекунем, ки Ӯ роҳгум задааст. Харсангҳои нӯгтез аз зери обҳои торик намоён мешаванд. Шаби бемоҳтоб моро бо торикӣ фаро мегирад. Чӣ васвасаест дар ин гуна лаҳзаҳо аз нав сар кардани идоракунии нақшаҳои ҳаётии худ. Сафари баҳрӣ — барои имон амали хатарнокест, ҳатто агар ҳама корҳо хуб бошанд ҳам. Нақшаи Худо нисбати ҳаёти мо моро ба он самте мебарад, ки шояд, худамон ҳеҷ гоҳ интихоб намекардем. Аммо бо вуҷуди ин, Ӯ беҳтар медонад.*

Дар дили одам фикрҳо бисёранд, вале фақат нақшаи Худованд ба амал меояд.

*Масалҳо 19:21*

# Қадами фавқулоддаи имон

**Миср:** сарвари ҷавонони масеҳӣ

**„Нақша чунин аст“, — гуфт сарвари ҷавони масеҳӣ ба гурӯҳи ҷавонон. — „Соати 8.30 шумо бояд дар донишгоҳ паҳн кардани даъватномаҳо ба ҷамъомадро сар кунед. Варақҳоро зуд додан лозим аст, пеш аз он ки полиси махфӣ пайдо шуда, пурсад ки шумо чӣ кор карда истодаед. Агар шумо онҳоро паҳн карда натавонед, онҳоро дар ягон ҷо гузоред. Худо онҳоро ба дастони боваринок хоҳад дод“.**

„Ту мехоҳӣ, ки мо даъватномаҳоро пеш аз иҷозат гирифтанамон паҳн кунем?“ — дар хаёлоти ҷавонписарон ва духтароне ки дар атрофи сарвар ҷамъ шуда буданд, имконияти ҳабс шудан пайдо шуд.

„Албатта! Мо бояд имони худро зоҳир кунем. Мо қадами аввалин мегузорем, ҳама чизи дигар дар дасти Худост“.

Дар Миср ҷамъомадҳои масеҳиро бо диққат назорат мекунанд, онҳоро бе иҷозати ҳукумат гузарондан мумкин нест. Ба зудӣ баъди соати 8.30 сарвари ҷавонро ба идораи полис даъват карда, иҷозатномаи гузарондани ҷамъомади масеҳиро талаб карданд.

„Шумо бояд бланки даркориро пур кунед, ва мо дар давоми як моҳ ба шумо оиди қарори қабулшуда хабар медиҳем“, — гуфт афсар.

„Узр мепурсам, аммо мо аллакай даъватномаҳои ҷамъомадро тақсим карда сар кардем“, — безобита шуда гуфт масеҳӣ.

„Чаро шумо пеш аз гирифтани иҷозатнома даъватномаҳоро тақсим мекунед? Охир, шумо медонед, ки бояд аз мо иҷозат гиред. Аммо агар даъватномаҳоро аллакай тақсим карда бошед, ман барои гузарондани ҷамъомад иҷозат медиҳам, аммо ин бояд бори охирин бошад“.

*Аз рӯи имон амал кардан ба қадами аввал дар сафари хатарнок монанд аст. Онҳое ки аллакай ин гуна сафар кардаанд, гуфта метавонанд, ки чизи душвортанин на ҳаракат сӯи мақсад аст. Бисёриҳо аз он сабаб мардонагиро аз даст медиҳанд, ки роҳ „сӯи номуайянӣ“ мебарад. Дар роҳи имон харитаҳо вуҷуд надоранд. Мо роҳро фақат аз рӯи нури ситораҳои пешбинии Худо пайдо мекунем. Ин сафарест дар бероҳа, ва он моро ба ҷойҳое мебарад, ки аз шоҳроҳи ҳаёти худ дида наметавонем. Имондорон боварӣ надоштанд, ки барои ҷамъомад иҷозат дода мешавад, ва барои тақсим намудани даъватномаҳо барояшон имони калон лозим шуд. Худо ин қадами имони онҳоро қадр кард ва он шаб сесад кас имон оварданд. Оё шумо тайёред аз имон пур шуда, қадами аввалинро гузоред?*

Имон эътиқоди қавӣ ба чизҳоест, ки мо ба онҳо умед мебандем, ва боварӣ ба чизҳоест, ки намоён нестанд.

*Ибриён 11:1*



**Дар замони ҷанги ҷаҳонии охирин мо донистем, ки барои ба мақсад расидан мо бояд омодаи фидокорӣ бошем... Мо медонем, ки ҳангоме кишварамон пардохтани ҳиссаи нархи озодиро аз мо талаб мекунад, ҷавоб танҳо якто буда метавонад, аммо ҳангоме ки Худованд барои башоратдиҳӣ дар тамоми ҷаҳон пардохтани нархро талаб мекунад, мо аксаран бе суханон ҷавоб медиҳем: „Мо наметавонем. Нарх хеле баланд аст“. Мо дар ёд дорем, ки миссионерон доимо бо зарурати қурбон кардани худ рӯ ба рӯ мешаванд...**

Нэйт Сэйнт, миссионере ки соли 1956 дар ҷангалистонҳои Эквадор риёзаткашона фавтид.

# Фармони фавқулодда

**Лаос:** масеҳиён

**Дар поёни саҳифа дар мӯҳри шумхабаронаи сурх рамзи шӯъбаи ноҳиявии партияи коммунистӣ дар ин қисми Лаос буд. Барои масеҳиёни маҳаллӣ суханони дар он ҷо навишташуда боз ҳам шумхаборонатар садо медоданд.**

„Агар ягон шахс, ягон қабила ё оила бо роҳи фиреб ба динҳои дигар (аз қабили масеҳият ва ё динҳои дигар) ҷалб шуда бошанд, онҳо вазифадоранд ба дини пештараашон баргарданд“, — гуфта мешуд дар ҳуҷҷат. — „Дини дигарро паҳн кардан манъ аст. Дар ҳолати беитоатӣ мухолифон ба ноҳияҳои шароити зисташон душвор кӯчонда мешаванд. Агар деҳае ё оилае дарёфт шаванд, ки дини дигарро пайравӣ мекунанд, аъзоёни кумитаи маҳаллии ҳизби коммунистӣ бояд оиди онҳо маълумот ҷамъ карда рӯйхати онҳоро тартиб диҳанд ва ба шӯъбаи Фронти сохтмони миллӣ равон кунанд. Хусусан донистан зарур аст, ки чӣ қадар шахсон ба Масеҳ имон доранд ва дар он ноҳия масеҳӣ ҳастанд“. Таърихи ҳуҷҷат 18-уми июли соли 1996 буда, аз ҷониби Кумитаи доимии Фронти сохтмони миллӣ имзо шуда буд.

Дар вақтҳои охир ба масеҳиёни Лаос аксаран лозим меомад, ки зери мили милтиқ аз масеҳият даст кашиданро имзо кунанд. Ҳокимияти атеистӣ чунин меҳисобид, ки дар Лаос ҳар гуна дини дигар аз парастиши Масеҳ бештар қобили қабул аст.

Бо вуҷуди кӯшишҳои ҳукумат, калисои масеҳӣ дар Лаос афзун мешавад, зеро масеҳиён ба сокинони дигар оиди имони худ ҷасурона нақл мекунанд.

*Ҳангоме ки ҳокимияти одамон ба фармудаҳои Худо мухолифанд, хатте гузаронида мешавад — интихобе кардан лозим аст: Ё ба ҳокимияти одамон, ё ба аҳкоми Худо итоат кардан ва ба хатари натиҷаҳои вазнин рӯ ба рӯ шудан. Агарчи сулҳ мақсади ниҳоии мост, мо наметавонем афзалиятҳои худро ба талаботҳои сирф одамӣ тобеъ кунем. Масалан, ҳукумати ИМА дуоро дар ҳудуди мактаб ғайриқонунӣ эълон намуд. Аммо бо вуҷуди ин, дар амал, он наметавонад аз он донишҷӯён ва устодоне ки бо Худои худ мушоракат доштан мехоҳанд, дуоро кашида гирад. Дигар ҳокимиятҳо метавонанд ин гуна ё аз ин сахттар манъҳои диниро ба ҳукми қонун даро-ранд. Аммо Худо аз ҳокимияти онҳо болотар аст, зеро Ӯ ягона ҳукмфармои дили инсон аст. Ба озодии интихоб итоат карда, мо метавонем на итоат ба ҳокимияти одамон, балки итоат ба Худоро бо боварӣ интихоб намоем.*

Петрус ва ҳавввориён ба ҷавоб гуфтанд: „Ба Худо бояд итоат кард, на ба одамизод“

*Аъмол 5:29*

# Қочоқчии фавқулодда

**Хитой:** Вочмен Ни

**Дар ихтиёти Вочмен Ни, ходими калисои масеҳӣ, ҳамагӣ шаш соат буд. Вай мебоист посбони назди камераи (ҳуҷраи зиндонӣ) худро бовар мекунонд, ки Масеҳ душмани кишвар нест, ва баъд розӣ мекунонд, ки ба масеҳиёни дар озодӣ буда мактуби дастгириро расонад.**

Паҳншавии масеҳият дар Хитой боиси таъқибот аз ҷониби ҳукумати Мао гардид. Барои боздоштани ин „дини хориҷӣ“ ҳамаи миссионеронро аз кишвар ронданд, баъзеҳоро бошад куштанд. Ҳазорон ходимони калисои масеҳӣ дар Хитой ба ҳабсхонаҳо ё лагерҳоиислоҳкунии меҳнатӣ фиристода шуданд. Аммо калисо чун пештара афзун мешуд.

Ҳангоме ходимони полис дарёфтанд, ки мактубҳои боварибахши дастгирӣ, ки Вочмен Ни навишта буд, аз ҳабсхона ба дасти масеҳиён мерасиданд, посбонони камераи ӯро ду баробар зиёд карданд ва дар назди камераи ӯ зиёда аз як бор гузоштани ҳамон як посбонро манъ карданд. Навбатҳо то шаш соат кам карда шуданд, то ки Ни фурсати руҷӯъ кунондани посбонро надошта бошад.

Ни ба посбон оиди муҳаббати Худо-Падар ва оиди омодагии қурбон кардани хуни худ накл мекард, то ки посбон дар осмонҳо абадан зиста тавонад.

„Коммунизм ба ту кор ва нон дода метавонад, аммо наметавонад ба ту ҳаётро дар осмонҳо диҳад“, — гуфт Ни. — „Инро фақат хуни Масеҳ карда метавонад“.

Баъди мавъизаи панҷсоата посбон бо чашмони ашкбор Масеҳро қабул кард. Боз як ҷон барои Малакут ба даст оварда шуд, мактубҳои Вочман Ни бошанд бо муваффақият ба озодӣ фиристода шуданд.

*Риёзаткашони масеҳӣ таълим медиҳанд, ки мо бояд қуввати бунёдкунандаро барои паҳн намудани Инҷил ба кор барем. Ботадбирӣ, мардонагӣ ва ҳатто ҳилагарии онҳо бояд ҷонҳои моро барои паҳн кардани Хушхабар бедор кунанд. Ва агарчи на ҳар кас имконияти ба минтақаҳои пӯшида равона кардани Библияро дорад, бо вуҷуди ин мо метавонем хизматгорони боҷидду ҷаҳди Малакут бошем. Ин метавонад барои ҳамсоягон дар ҳавлии худ хӯрок пухтан бошад. Ин метавонад ба варзиш ва ё дигар машғулиятҳо рафта, бо беимонон шинос шудан бошад. Воситаи нави шаҳодат додан ҳамеша эҳтимоли хатар дорад. Аммо мо ба ҷои аз якрангии ҳамешагии рӯзгор қаноатманд будан бояд омодаи ҷон ба каф гирифта таваккал кардан бошем. Ҳаёти инҷилшиносонии шумо имрӯз чӣ гуна аст? Дунявӣ ва якранг? Ё ба хотири номи Масеҳ фаъоли эҷодкорона аст?*

Барои ҳамин ҳам ман меҳнат мекунам ва бо таъсири қуввати ӯ, ки дар ман қодирона амал мекунад, ҷидду ҷаҳд менамоям“.

*Қӯлассиён1:29*

# Моликияти фавқулодда

**Перу:** шубон Сапата

**„Масеҳиён дар Перу интизори он намешаванд, ки барои хизмат ба Исо чизе ба даст меоваранд“, — гуфт шубон Сапата. — „Онҳо умедворанд чизе бидиҳанд“. Шубон Сапата ба меҳмонони худ қатори салибҳои сафеди дастисохтро дар қафои деҳаи ороми кӯҳӣ нишон дод. Ҳар кадоми онҳоро ба шарафи масеҳие ки бо дастони коммунистони шӯришбардошта кушта шудааст, гузоштаанд.**

Дар назди шубон Сапата дар хонаи хурди деҳотӣ шубони дигаре мехобид, ки ӯро бегоҳии гузашта партизанҳо кушта буданд. Дар атрофи бадани бо кампали оддӣ пӯшида шамъҳо гузошта буданд. Дар гирдаш хешовандони шубони кушташуда мотам гирифта буданд.

Аҳли калисои шубони кушташуда дар кӯча суруди ситоишро мехонданд. Борон меборид. Пойафзоли онҳо пурлой буд. Партизанҳо калисоро вайрон карданд, бисёр хонаҳоро оташ заданд. Бо вучуди ин, деҳқонон суруди ситоиш мехонданд.

Деҳқонон дар бехатарӣ набуданд, зеро партизанҳо ҳар лаҳза баргашта метавонистанд. Партизанҳо бисёр вақт аз шубонон қасос мегиранд, зеро чунин меҳисобанд, ки маҳз шубонон аҳли деҳаро зидди коммунистон бармеангезанд.

Пастор Сапата ба шунавандагон ёдрас намуд, ки Библия даъват мекунад, ки Худоро биҷӯем, на неъматҳои моддиро, ки бо дастони Худо эҷод мешаванд. „Чаро шумо курта мехаред?“ — пурсид вай аз одамон. — „То ки онро истифода баред. Чаро Исо шуморо наҷот дод ва бо хуни Худ нархи гуноҳҳои одамизодро пардохт намуд? То ки шумо аз Малакути Худо баҳравар шавед“.

*Ҳангоме ки шуморо барои имонатон таъқиб мекунанд, метавонед диққати худро фақат ба талафот равона кунед. Мо метавонем барои дӯстони собиқамон андӯҳгин шавем, ки аз боиси имонамон аз мо рӯ гардондаанд. Мо метавонем аз имкониятҳои мусоиди соҳибкорӣ, ки аз даст рафтаанд, афсӯс хӯрем. Ба худамон раҳмамон меояд, ҳангоме ки моро аз доираҳои бонуфузи ҷамъиятӣ хориҷ мекунанд. Бо вуҷуди ин, бисёр касон тайёранд аз моликияти моддӣ ё муносибатҳои рӯякӣ бештар чизҳоро аз даст диҳанд. Ин имондорони собитқадам диққати худро на ба он чи аллакай аз даст рафтааст, балки ба он равона мекунанд, ки барои хизмат ба Масеҳ чӣ дода метавонанд. Бисёрии онҳо аз боиси таъқиботи динӣ калисоҳо, хонаҳо, ҷои кор, оилаҳои худро аз даст додаанд. Аммо бо вуҷуди ин, онҳо тайёранд барои кори Масеҳ боз ҳам бештар фидокорӣ кунанд. Онҳо талафоти заминии худро чун имконияти наҷот ёфтани шахси дигар меҳисобанд.*

> Ҳаёти одам ба фаровонии дороии вай вобаста нест.
>
> *Луқо 12:15*

# Тарси фавқулодда

**Лаос:** Лу

**Қонуни нонавиштаи полис аниқ буд: агар ба масеҳият рӯ овардани намояндагони қабилаи кхму ё дигар қабилаҳоро фаҳмида мондӣ, онҳоро ҳабс кун. Агар шахсеро дида мондӣ, ки ба ҳамқабилаҳояш Инҷилро мавъиза мекунад, воизро бикуш.**

Ходимони полис воиз Луро бо дастону пойҳои ишкелзада бо шармандагӣ аз байни деҳа гузаронданд ва баъд ба чуқурӣ партофтанд. „Мо туро сар медиҳем, — гуфтанд онҳо, — ҳангоме ки сад нафар масеҳӣ аз деҳаи ту аз хурофотҳои динияшон даст кашанд“. Аммо дар деҳа имондороне ки ба хотири ҳокимони коммунистӣ аз Масеҳ даст кашанд, ёфт нашуданд. Аммо бар ходимони полис бадбахтиҳо фурӯ рехтанд. Писари калонии сардор ба садамаи автомобилӣ афтода, пояш шикаст. Писари хурдӣ ба бемории ҷиддӣ гирифтор шуд. Полисе ки воиз Луро лату кӯб кард, баногост аз сактаи дил мурд. Ходимони хурофотпарасти полис Луро аз чуқурӣ баровcovarda, фармуданд, ки ба хонааш равад. Ва низ онҳо аз зӯроварӣ нисбати масеҳиёни ин деҳа тарсиданд.

Шоҳиди чунин қудратмандии Худо гардида, одамони бештаре аз қабилаи кхму имон оварданд. Пештар дар ҷамоат сад кас буданд, акнун онҳо ҳафтсад нафар шуданд. Одамон ба деҳаҳои ҳамсоя рафта, оиди Исо нақл карданд. Дар ҳоле ки ҳокимони лаосӣ аз ҷазои Худои барояшон номаълум дар хавф буданд, масеҳиёни Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ аз ҷазо тарсидани худро мағлуб мекарданд.

*Тарс яке аз қувваҳои асосии ҳаракатдиҳандаи одам аст. Тарс фондҳои биржавӣ ва ҷангҳои нафтиро идора мекунад. Энергияе ки аз боиси тарс пайдо мешавад, метавонад барои бадии азим ва ё барои некии бузург истифода шавад. Боксёрҳои касбӣ бисёр вақт тарсро дӯсти худ меноманд. Тарс онҳоро боксёрҳои беҳтарин карда метавонад. Он дар онҳо ҳолати омодагиро нигоҳ дошта метавонад. Он ҷасорати онҳоро фаъол мекунад. Айнан ҳамин тавр Худо метавонад тарси моро истифода бурда, моро ҷанговарони беҳтарини кори ӯ намояд. Ҳар боре ки мо метарсем, барои иҷрои кори ғайриимкон қувват пайдо мекунем. Чаро? Зеро он чи бо қувваи худамон ғайриимкон аст, бо ёрии Худо имконпазир мешавад. Тарс моро водор мекунад аз имкониятҳои худ даст кашем, ва дар иваз ба Худо таваккал кунем. Ҳамин тариқ, тарси фавқулодда боиси имони фавқулодда шуда метавонад.*

Худо нури ман ва наҷоти ман аст: аз кӣ тарсон бошам?

*Забур 26:1*

# Ҷавоҳироти фавқулодда

**Судон:** Питер

**Ишкелҳои мисинро ба арабӣ „бакле“ меноманд. Питер онро чун чизи муқаддас нигоҳ медошт. Он ёдгории гузаштаи оилавӣ ва баракати бузурги вай буд.**

Баклеро бобояш сохта буд, аммо ин касби вай набуд. Дар асл соҳибони мусулмонаш вайро маҷбур карданд, ки дар дастонаш ишкел бандад. Ӯро дар ҷануби Судон дастгир карда, ба шимоли Судон фиристоданд, ва он ҷо вайро ба ғуломӣ фурӯхтанд.

Бобои Питер дини онҳоро қабул накард, агарчи соҳибони мусулмонаш вайро азобу уқубат доданд. Вай имони масеҳии худро мустаҳкам нигоҳ медошт. Дар баданаш аз боиси инкор карданҳояш пайҳои зарбу лат дошт. Аз боиси мусулмон набуданаш бо вай чун бо ҳайвон муносибат мекарданд.

Андаке пеш аз маргаш бобои Питер баклеро кушода, ба падари Питер дод. „Оилаи мо на ҳамеша дар ғуломӣ хоҳад буд, — гуфт вай, — аммо мо ҳеҷ гоҳ набояд онро фаромӯш кунем“.

Дертар падари Питер баклеро ба писараш дод, ҳангоме ки вай аз дасти соҳиби мусулмонаш ба озодӣ гурехт. Акнун он чун нишонаи моликият хизмат намекунад, балки рамзи қувваи пирӯзманди Худост. Ин рамзи ямини Худост, ки оиларо дар давоми се насл наҷот медод ва боиси озодӣ гардид.

„Халқи маро ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунед“, — бовар мекунонд Питер, — „Ҳеҷ гоҳ дуоро барои масеҳиёни таъқибшавандаи Судон бас накунед“.

*Фаромӯшхотирӣ. Ин душмани асосии дуои мост. Мо дуоҳои дастгирии худро ба осонӣ пешкаш мекунем. Мутаассифона, ниятҳои неки мо аксаран на он қадар пурқувватанд, то ӯҳдадориро ба ҷо оварда, барои онҳое дуо кунем, ки ба он муҳтоҷанд. Чӣ метавонад ба шумо ёдрас кунад, ки барои таъқибшавандагони тамоми ҷаҳон дуо кунед? Шояд, наклейкаи хурд дар болои лавҳаи соататон. Ҳар боре ки ба соат менигаред, метавонед одамонеро ба ёд оваред, ки дар шароити таъқиботи динӣ зиндагӣ мекунанд. Ҳар воситаи интихобкардаатонро истифода баред, то имкониятҳои аз даст рафтаи дуокуниро ба ёд оваред. Хондани нақлҳо оиди имондорони фавқулодда чизеро тағйир намедиҳад. Дуо барои имондорони фавқулодда ҳама чизро дигаргун карда метавонад — шояд, ҳатто ҳамин рӯзро.*

Пайваста дуо гӯед.

*1 Таслӯникиён 5:17*

# Ҷасорати фавқулодда

**Румыния:** ҷавонзан

**Қарибии ними шаб буд, ки занони маҳбус садои моторро шуниданд — посбонон омаданд. Онҳо зуд дар атрофи маҳкумшуда, ҷавонзани 22-сола, ки барои имон ба Масеҳ ба қатл маҳкум шуд, ҷамъ шуданд. Онҳо пичирросзанон бошитоб падруд мегуфтанд. Ҷавонзани румынӣ намегирист ва оиди раҳм илтиҷо намекард.**

Ҳангоме ки бегоҳӣ маҳбусон суханони ҷавонзанро мешуниданд, рӯи вай аз муҳаббат нур мепошид. „Барои ман ин марг роҳест сӯи шаҳри осмонӣ“, — гуфт вай ба онҳо. — „Кӣ метавонад зебоии ин шаҳрро тасвир кунад“. Он ҷо андӯҳ нест. Он ҷо фақат хурсандӣ ва сурудхонист. Ҳама либосҳои сафеди пок доранд. Мо Худоро рӯ ба рӯ дида метавонем. Он ҷо ҳамон қадар хушбахтист, ки бо забони одамӣ баён кардан имкон надорад. Чаро ман бояд гиря кунам? Чаро ман бояд ғамгин бошам?

Вай номзад шуда буд ва мебоист ба шавҳар мебаромад, аммо дар бегоҳи охирини худ вай ба маҳбусони ҳамроҳаш гуфт, ки бо Домоди Осмонӣ вомехӯрад.

Посбонон ба камера наздик шуданд ва маҳкумшуда, омодаи роҳи охирин, ба пешвози онҳо баромад. Камераро дар иҳотаи посбонон тарк карда, вай бо овози шунаво Рамзи ҳавворигии имонро мехонд. Садои тир дар ҳабсхона шунида намешуд. Қотилон гумон карданд, ки риштаи ҳаёти ҷавонзанро кананданд, аммо дар асл ӯро ба сӯи ҳаёти абадӣ дар ҷои беҳтарин фиристоданд.

*Нотарсӣ кӯпрукест, ки моро аз мавҷудияти муваққатии заминӣ сӯи ояндаи тасвирнашаванда ва матлуб мегузаронад. Онҳое ки бешубҳа будани ҳаёти осмониро дарк кардаанд, бо осонӣ ҳаёти пур аз мушкилоти заминиро ба шаҳрвандии абадии осмонӣ иваз мекунанд. Нотарсӣ ба мо ёрӣ мерасонад, ки аз ҳамаи он чи дар рӯи замин дорем, озод шавем — аз ҳамаи он чи моро водор мекунад, то дар ин ҷо дертар бимонем. Нотарсӣ даркор аст, то ба ҳаёти баъд аз марг бовар кунем. Охир, ба ҳар ҳол ҳаёти заминӣ дар асл ҳамаи он чизест, ки мо то лаҳзаи марг медонем. Мо нотарсем, аз имон пур шуда, ба роҳ медароем, ва умед мекунем, ки Масеҳ ба мо имконияти ҳамроҳи Ӯ ба абадият гузаштанро медиҳад. Як бор қарори қатъӣ қабул карда, мо метавонем мақсади ҳаётро бинем ва маргро нотарсона пешвоз гирем.*

Зеро ки барои ман ҳаёт Масеҳ аст, ва мамот фоида аст.

*Филиппиён 1:21*

**Мо оиди он дуо мекунем, ки сарҳадҳо кушода шаванд. Мо оиди он дуо мекунем, ки осмонҳо кушода шаванд.**

Дуои калисои таъқибшаванда дар Вйетнам



# Миссияҳои фавқулодда

**Бутан:** шубон Норбу Промила

**Шубон Норбу Промила аз хизматаш қаноатманд буд, ҳангоме ки дар кӯҳҳои Бутан воизӣ мекард. Ҷамъомадагон барои Хушхабар хеле бодиққат ва кушода буданд. Аммо дар мобайни мавъиза ходимони полис аз дар даромада, Норбуро дастгир карданд.**

Шубон Промиларо ба ҳабсхона партофта, азоб медоданд ва маҷбур мекарданд, ки аз мавъизаи Инҷил даст кашад. Сари вай ба таври ҷиддӣ зарар дид. Вай маъюб шуда ба хона баргашт ва баъди даҳ рӯз аз боиси захмҳо вафот кард. Аҳли калисои Промила дар кишвари ҳиндуияи ашаддӣ миссияи ӯро қатъ кардан нахостанд. Баъди марги ӯ онҳо ҷамъ омада, довталабонро даъват намуданд, то дар байни қабилаҳои кӯҳӣ кори Норбуро давом диҳанд. Панҷ кас даст боло карданд, дар байни онҳо зани шубон низ буд. Вай ба даъвати Худо дар бурдани кори миссионерӣ ҷавоб дод, ва дар айни замон панҷ фарзандашро нигоҳубин мекард.

Вай содиқона хизмат мекард ва ҳамроҳи дигар кормандон медид, ки бисёр сокинони кӯҳистон ба Масеҳ имон оварданд. Худо вай ва кӯдаконашро бо воситаҳои рӯзгузаронӣ таъмин намуд. Беваи Промила аниқ медонад, ки ягон вақт вай шавҳарашро боз вомехӯрад ва барои вафодорияш ба Масеҳ мукофотонида мешавад.

*Он чи мо ба хотири Худованд мекунем, на танҳо кор аст — он миссия аст. Кори миссионерӣ ҳамеша на фақат вазифаи кадом як кас аст. Он пурра ва ягона дар Масеҳ ва Малакути Ӯ марказонида шудааст. Чунин шуда метавонад, ки миссионери идоракунандаи кори Худо мемирад, аммо худи миссия ҳеҷ гоҳ намемирад. Кори Худо ҳеҷ гоҳ нотамом намемонад. Он ҳамеша давом мекунад, то даме ки ба анҷом расад. Онҳое ки тайёранд барои имонашон дучори таъқибот шаванд, ба мо аҳамияти миссияро таълим медиҳанд. Ҳангоме ки мо тайёрем ҳаёти худро ба ин хизмат бахшем, мо ба кори миссионерӣ, ки аҳамияти худро ҳамеша нигоҳ медорад, ғӯтавар мешавем.*

Ва яқин дорам, ки Ӯ, ки дар шумо ба кори хайр шурӯъ намудааст, онро то рӯзи Исои Масеҳ ба анҷом хоҳад расонд.

*Филиппиён 1:6*

# Қотили фавқулодда – қисми 1

**Бангладеш:** Эндрю

**Башоратдиҳанда Эндрю ба таппончаи партофташуда менигарист, ва ҳайрон буд, ки чаро қотил напарронд. Чунин метофт, ки қотил банохост ҷасоратро аз даст дод, баъд тарсид ва дар охир гурехт.**

Занги телефон садо дод ва Эндрю гӯшакро гирифта, фаҳмид, ки бо шахсе гап мезанад, ки чанд дақиқа пеш барои куштани вай омада буд.

„Сарварони исломӣ барои куштани шумо ба ман пули зиёд ваъда карданд“, — фаҳмонд қотил. — „Ман аз тамоми Бангладеш гузашта, назди шумо омадам. Ҳаққи хизмат аллакай аз они ман буд. Ман тайёр будам тир парронам, аммо банохост фаҳмидам, ки ангуштамро ҷунбонда наметавонам. Ман тир холӣ карда натавонистам“.

Воиз фикран барои парастории Худованд изҳори миннатдорӣ намуд, ва пурсид: „Акнун ман барои шумо чӣ карда метавонам?“

„Аз боиси шумо ман ҳанӯз ҳам дастамро ҷунбонда наметавонам! Ба ман ёрӣ диҳед!“

Аз телефон дур нашуда, Эндрю барои қотили худ дуо кард ва аз вай шунид, ки шифо ёфтааст. Аз ин мӯъҷиза ба тааҷҷуб афтода, вай ба хонаи воиз баргашт ва аз ӯ хоҳиш кард, ки оиди Исо нақл кунад. Вай шунида буд, ки сарварони мусулмонӣ аз ӯ метарсанд. Воиз босаброна Хушхабари муҳаббати Исоро нақл кард. Вай шахсеро ки ӯро куштанӣ буд, пазирои намуд. Баъди 45 дақиқа он шахс дуо кард ва Исоро ба дили худ қабул кард. Хизмати собиқ қотили зархарид аз аъмоли иблис афзунтар шуд. Имрӯзҳо вай дар Бангладеш яке аз миссионерон аст.

*Кӯшиши қатли миссионер метавонист мазмуни кинокомедияи хатоҳо шавад. Қаҳрамони асосии он Эндрю на танҳо нақшаҳои душмани худро вайрон кард. Вай ин нақшаҳоро чигил кард, қотилро ба ҳайрат овард, то ҳадде ки ин қотил навимон гардид. Аммо ин мазмуни кино набуд. Дахолати Худованд дар нақшаи иблис набуд. Эндрю қурбонии шартҳои вай нашуд, чуноне ки шумо низ. Аммо агар миссионер кушта мешуд, марги вай низ шаҳодат мешуд. Бар хилофи дасисаҳои иблис, нақшаи Худоро оиди ҳаёти шумо вайрон кардан ғайриимкон аст.*

Медонам, ки ҳар кор аз
дасти Ту меояд, ва нияти
Туро боздоштан мумкин нест.

*Айюб 42:2*

# Паҳнкунии фавқулодда

**Румыния:** Сабина Вурмбранд

**Сабина Вурмбранд ба сӯи шавҳараш хам шуд: „Ричард, бархез ва ин шармандагиро аз рӯи Масеҳ пок кун!“**

„Агар ман ин корро кунам, — ба занаш бо диққат нигариста ҷавоб дод Ричард Вурмбранд, — ту шавҳаратро аз даст медиҳӣ“.

„Ман намехоҳам, ки шавҳари ман тарсу бошад“, — ҷавоб дод Сабина.

Андаке пас аз барҳам хӯрдани ҳукмфармоии немисҳо ва ба Румыния омадани аскарони шӯравӣ онҳо дар конгресси миллии динӣ менишастанд. Шубонҳои масеҳӣ, коҳинон, ходимони ҳамаи конфессияҳои динӣ яке паси дигар бархоста, Иосиф Сталин ва роҳбарияти нави коммунистиро, ки аллакай ҳазорон масеҳиёнро ба ҳабсхонаҳо партофта буд, таърифу тавсиф менамуданд.

Ҳангоме ки Ричард Вурмбранд барои сухан гуфтан бархост, бисёриҳо ба ҳаяҷон омаданд, зеро гумон карданд, ки шубони маъруф ба тӯдаи ситоишгарони режими коммунистон ва доҳии онҳо ҳамроҳ мешавад. Аммо вай Исои Масеҳро чун ягона роҳи наҷот ситоиш намуд. „Пеш аз ҳама мо бояд ба Худо вафодор бошем, — гуфт вай ба аҳли маҷлис, — на ин ки ба доҳиёни коммунистӣ“. Сухангӯии иштирокчиёни конгрессро аз радио барои тамоми Румыния мешунавонданд ва садҳо ҳазор одамон даъвати Ричард Вурмбрандро шуниданд.

Чӣ гуфтани шубон Ричардро фаҳмида, ходимони полиси ниҳонӣ сӯи саҳна давиданд. Аммо Ричард фурсат ёфт, то аз саҳна фаромада, бо муваффақият пинҳон шавад. Дертар вайро ҳабс карданд ва ӯ 14 солро дар ҳабсхона гузаронд.

*Бисёр касон, эҳтимол, ҳеҷ гоҳ барои дар назди як миллати том ҷонибдорӣ кардани Масеҳ даъват карда намешаванд. Аммо мо вазифадорем, ки дар ҳар ҷое ки бошем, ҳар рӯз ӯро ҷонибдорӣ кунем. Муҳимаш на он ки дар ин маврид чанд нафар иштирок доранд, балки самимияти мавқеи мо муҳим аст. Шояд ҳаёти мо ба он чи мегӯем, вобаста набошад. Шояд, агар мо ақидаҳои худро бо овози баланд баён кунем, корамонро аз даст медиҳем. Мо метавонем муносибатҳоро бо наздикон ва дӯстон аз даст диҳем. Ин метавонад боиси канда шудани алоқаҳо бо оила гардад. Ба ҳар ҳол, натиҷаҳои талхи ақидаҳои худро аз сар гузарондан беҳтар аз он аст, ки тамоми умр аз набудани онҳо афсӯс хӯрем. Шумо кай ва дар куҷо фурсатро истифода бурда, Масеҳро ҷонибдорӣ мекунед?*

Башорати Масеҳро интишор кардам.

*Румиён 15:19*

# Балоғати фавқулодда

**Япония:** Ибараги Кун

**Ҳамаи 26 масеҳиро доварӣ намуда, гуноҳкор донистанд ва ба қатл маҳкум карданд. Ба зудӣ онҳоро ба қатлгоҳ оварданд. Салибҳои ноҳамвор тарошидашударо дида, касро андӯҳ фаро мегирифт. Се моҳ пештар онҳо дар Киото ҳабс гардида, дар мавъиза намудани Масеҳ айбдор карда шуданд. Яке аз маҳкумшудагонро Ибараги Кун меномиданд.**

Хизматчӣ ҷавон будани Ибарагиро дида, вайро як сӯ бурда, пешниҳод кард, ки аз имонаш даст кашад, то ки ҳаёташро наҷот диҳад. Ибараги бо боварӣ гуфт: „Агар шумо ҳамроҳи ман масеҳӣ мешудед, хеле беҳтар мебуд. Он гоҳ шумо ҳамроҳи ман ба осмон рафта метавонистед".

Хизматчӣ аз имони устувори Ибараги дар ҳайрат шуд. Ҷавон пурсид: "Кадоме аз ин салибҳо аз они Ман аст?"

Хизматчӣ бо саросемагӣ ба салиби хурдтарин ишора кард. Ибарагии ҷавон, пасбононро сарфи назар карда, сӯи салиб давида зону зад ва онро ба оғӯш гирифт. Сарбозон ҷавонро дошта, дастону пойҳояшро бо меххо ба салиб мекӯфтанд. Вай аз дард фиғон намекард. Вай шуҷоатмандона роҳеро ки Худо барояш омода намуда буд, қабул кард.

23-юми ноябри соли 1596 маслуб карда шудани масеҳиён ибтидои таъқиботи фаъолонаи масеҳиён дар Япония буд. Дар давоми 70 соли баъдина қариб як миллион масеҳӣ барои имон кушта шуданд. Ва бисёриҳо намунаи Ибараги Кун, писараки хеле болиғи 12-соларо пайравӣ карда, салиби худро ба оғӯш мегирифтанд.

*Балоғати рӯҳониро на шаҳодатномаи таваллуд муайян мекунад. Синну сол бо ақидаҳо ҳеҷ алоқамандӣ надорад. Яқинан, балоғати рӯҳонӣ ҳар рӯз муайян карда мешавад. Мо балоғати рӯҳонии худро аз рӯи он муайян мекунем, ки имони худро то чӣ андоза дуруст изҳор менамоем. Бар хилофи нуқтаи назари паҳншуда, балоғати рӯҳонӣ на он аст, ки мо то чӣ андоза Библияро хуб медонем. Бисёр касон Библияро хеле хуб медонанд, аммо бо вуҷуди ин, аз балоғати рӯҳонӣ дуранд. Нишондиҳандаи балоғат пайравӣ ба фармудаҳои библиявист. Як савол ба мо ёрӣ медиҳад, то бифаҳмем, ки мо то чӣ андоза рӯҳан нумӯ мекунем. Мо бояд ҳар рӯз аз худ бипурсем: „Имрӯз то чӣ андоза бештар аз дирӯза ба Исо монанд ҳастем?" Ҷавоб инъикоси ҳаққонии нумӯи мо хоҳад буд.*

Бигзор ҳеҷ кас ба ҷавонии ту беэътиноӣ накунад; балки барои имондорон дар сухан, дар рафтор, дар муҳаббат, дар рӯҳ, дар имон, дар покӣ намунаи ибрат бош.

*1 Тимотиюс 4:12*

# Хоҳиши фавқулодда

**Филиппин:** духтараки 10-сола

**„Куртаи ман“, — пичиррос зад духтарак, аммо дар лабони варамкардаи вай ин суханон номафҳум садо доданд. „Илтимос, куртаамро ба ман диҳед. Ман онро дар дастам нигоҳ доштан мехоҳам“.**

Масеҳиён, ки кати духтаракро иҳота намуда буданд, андӯҳгин буданд. Аз боиси захмҳои калони дохилӣ духтур вайро наҷот дода наметавонист. Якчанд ҳафта пештар имондорон барояш куртаи сафед хариданд, то ки ба ҳаёти нав қадам гузоштан ва дили поки вайро дар Исои Масеҳ ҷашн гиранд.

Падар аз қарори пайрави Масеҳ шудани духтараш ба хашм омад. Боре шабона, дар ҳолати мастӣ, вай ба духтараш ҳуҷум оварда бо пойҳояш лату кӯб намуд. Духтарак дар ҳолати мурдан дар кӯчаи пурлой хобида буд. Ҳангоме ки пагоҳӣ духтарак ба калисо наомад, имондорон ба ҷустуҷӯи вай баромаданд. Онҳо духтаракро беҳуш пайдо намуданд, куртаи сафедаш бошад акнун пур аз лой ва хун буд. Духтаракро назди духтур бурданд, аммо захмҳо бениҳоят вазнин буданд. Ва банохост вай куртаашро талабид.

„Курта дарида ва ифлос аст“ — ҷавоб доданд дӯстон. Онҳо кӯшиши карданд, ки оиди ин гап назананд, зеро гумон мекарданд, ки намуди курта рӯҳияи духтаракро тамоман вайрон мекунад. Духтарак бо софдилии кӯдаки даҳсола пичиррос зад: „Илтимос, ман мехоҳам куртаамро ба Исо нишон диҳам. Ӯ тайёр буд барои ман хуни Худро резад. Ман фақат мехоҳам, то Исо бидонад, ки ман тайёр будам барои ӯ хуни худро бирезам“. Ба зудӣ баъди ин суханон духтарак вафот кард.

*Худо ба қобилиятҳои мо таваҷҷӯҳ надорад. Мо метавонем қобилиятнок бошем. Ҳозирҷавоб. Сарватманд. Мутахассис. Шӯҳратманд. Покизакор. Пешниҳоди қобилиятҳои гуногуни мо барои кори Худо наметавонад баробари он шавад, ки тайёр бошем худро пурра ба Ӯ супорем. Оиди қобилиятҳоямон худи мо баҳо дода метавонем — мо дида метавонем, ки ин ё он корро барои Худо чӣ гуна мекунем. Аммо омодагии мо фақат ба Худо маълум аст — мо фақат метавонем тахмин кунем, ки Худо моро баҳри хизмат ба Ӯ чӣ гуна истифода хоҳад бурд. Ба Худо лоиқ будан маънои ба Ӯ итоат намуданро дорад, бо ҳар арзише ки бошад. Худо мехоҳад, ки мо, новобаста ба қобилиятҳои фардии худ, тайёр бошем ба Ӯ хизмат кунем. Чӣ гуна ин қадар хоҳиширо ба даст оварем? Ин низ атои Худост. Ӯ ба мо „хоҳиш“ медиҳад — ирода ё майли қавии ба Ӯ лоиқ будан.*

Зеро ки Худо дар шумо, бо ҳусни таваҷҷӯҳи Худ, ҳам хоҳиш ва ҳам амалро ба вуҷуд меоварад.

*Филиппиён 2:13*

# Ёдраскунии фавқулодда

**Судон:** Ҷеймс Ҷеда

**„Барои гулхан ҳезум ҷамъ кун!“ — фармуданд аскарон. Ҷеймс Ҷедаи ҷавон гумон дошт, ки аскарон барои худ хӯрок пухтанӣ ҳастанд. Дар он рӯз вай бо даҳшат мушоҳида менамуд, ки аскарони қатъии исломӣ волидон ва чор бародару хоҳари ӯро куштанд. Ҷеймсро танҳо барои он накуштанд, то ҳамчун қувваи корӣ истифода баранд.**

Ҳангоме ки гулхан хуб даргирифт, Ҷеймс аз он ки аскарон ӯро дастгир карданӣ шуданд, сахт тарсид. Ӯ кӯшиши гурехтан кард. Вале аскарон пурзӯртар буданд ва ба зудӣ дасту пойҳояшро бастанд.

„Хабари нағз барои ту, ҷавон“, — гуфт аскар. — „Ту зинда мемонӣ. Аммо бояд ба мо ҳамроҳ гардида, мусулмон шавӣ“.

„Ман мусулмон шуда наметавонам“, — ҷавоб дод Ҷеймс. — „Ман аллакай масеҳӣ ҳастам“.

Аз имони устувори писар ба хашм омада, аскарон ӯро ба оташ партофтанд. Пас аз чанде онҳо рафтанд, ва гумон доштанд, ки вай албатта мемурад. Аммо Ҷеймс намурд. Вай тавонист ғелида аз оташ берун шавад ва ба ёрӣ чеғ занад.

Ҳаёти Ҷеймсро натҷот додан тавонистанд, аамо вай дар бадани худ ҳамеша хотираҳои он рӯзро хоҳад дошт. Дар бадани вай қисмҳои кӯчондашудаи пӯст ва пайҳо ҳастанд, ва як дасташ аз оташ маъюб шудааст. Дар осмон ин пайҳо нишонаҳои фахр, ёдоварии он рӯзе хоҳанд буд, ки Ҷеймс аз Масеҳ рӯ гардондан нахост.

*Бисёрии одамон аз назди дӯкони тӯҳфаҳои хотиравӣ бепарво гузашта наметавонанд. Барои онҳо душвор аст, ки аз қатори фурӯшгоҳҳо дар фурудгоҳ ё истгоҳи қатораҳо гузашта, ба васвасаи харидани тӯҳфаи ёдоварии сафар дода нашаванд. Аммо чӣ чиз таассуроти аҳамиятноктарини ҳаётамонро ба мо ёдрас мекунад — ӯҳдадориро нисбати Масеҳ? Баъзеҳо ба моҳонаашон нигариста, оиди баландравии вазифа, ки аз он даст кашидаанд, фикр мекунанд, зеро бо ақидаҳои худ созиш накарданд. Дигарон, ба синфхонаи мактаби миёна нигариста, ба ёд меоваранд, ки дар мактаб бори аввал чӣ будани таҳқирро фаҳмиданд. Боз каси дигаре ба санги қабри имондор менигарад, ва он ба вай мақсади ӯҳдадориро хотиррасон мекунад. Ин „тӯҳфаҳои хотиравӣ“ — ёдраскунандаҳои беандоза муҳими арзиши имони шумо ба Исои Масеҳ мебошанд.*

Ҳар боре ки шуморо
ёд мекунам, Худои худро
шукр мегӯям.

*Филиппиён 1:3*

**Ман ҷисман ҳис мекардам, ки бароям дуо мекунанд. Ҳатто ҳангоме ки ҳеҷ чизро намедонистам ва мактубе намегирифтам, ман гармиеро ҳис мекардам, гӯё назди гулхан нишаста бошам. Гоҳо ин дар картсер воқеъ мешуд, ки он ҷо хеле хунук буд. Ба ман чунин метобид, ки касе дар ҳаққи ман дуо мекунад ва оиди ман фикр мекунад. Ин маро дастгирӣ мекард. Инро фаҳмондан душвор аст... Ман ҳис мекардам ва медонистам, ки маро фаромӯш накардаанд. Ин барои сабру таҳаммул дар лаҳзаҳои душвортарин кифоя буд.**

Ирина Ратушинская, шоираи масеҳӣ — маҳбуси бисёрсолаи ҳабсхонаи шӯравӣ то соли 1987.



# Беадолатии фавқулодда

**Румыния:** шубон Флореску

**Шубон Флореску тоқати дидани онро надошт, ки коммунистон писари вайро лату кӯб мекунанд. Худи вайро зарбу лат карда буданд ва вай ду ҳафта боз аз тарси он ки калламушҳои гушна ба вай ҳамла мекунанд, нахобида буд. Полиси Румыния мехост, ки Флреску номҳои дигар аъзоёни калисои пинҳонии худро гуфта диҳад. Онҳоро ҳабс карданӣ буданд.**

Чун ҷаллодон диданд, ки зарбу лат ва шиканҷа таъсир намекунанд, писари Флореску — Александрро, ки ҳамагӣ 14-сола буд, дастгир карданд. Онҳо писаракро лату кӯб карда, ба шубон гуфтанд, ки агар вай номи дигар имондоронро гуфта надиҳад, вайро то дами мурданаш мезананд. Ниҳоят, Флореску худро нигоҳ дошта натавониста, фарёд зад, ки бас кунанд.

„Александр, ман бояд ба онҳо ҳама чизи мехостаашонро бигӯям!“ — фарёд зад вай ба писараш. — „Ман дигар тоқати дидани онро надорам, ки туро зарбу лат мекунанд“. Бадани Александр аз зарбу лат кабуд гашта буд, аз биниву аз даҳонаш хун мерафт. Вай ба падараш нигариста гуфт: „Агар падари ман хоин шавад, ман зиста наметавонам. Тоқат кун! Агар маро кушанд, ман бо номи Исо мемирам“.

Ҷасорати писарак посбонони коммунистро ба хашм овард. Онҳо дар пеши чашмони падар вайро то мурданаш заданд. Писар на танҳо имони худро тарк накард, балки ба падараш ёрӣ дод, ки дар имон мустаҳкам шавад.

*Наход дар ҷаҳон адолат набошад? Ҳангоме ки мо оиди ваҳшониятҳои даҳшатовар зидди бегуноҳон мешунавем, ба худ ин саволро надода наметавонем. Чун мо оиди ҷиноятҳои даҳшатноки одамони бадкирдор мешунавем, имони мо суст шуда метавонад. Мо дер мондани раҳмдилии наҷотбахшро дида, рӯҳафтода шуда метавонем. Наход дар ин ҷаҳон адолат набошад? Дар ҷавоб ба садоямон Библия моро таълим медиҳад: „Ҳам ҳа, ва ҳам ҳанӯз не“. Ҳа, баъзе бадкирдорон дар худи ҷои ҷиноят ҷазо мебинанд. Аммо ба ҳар ҳол ямини пурқудрати Худо ҳанӯз ба замин нафаромадааст. Ин дар охири замон воқеъ мешавад. Мо аз интизорӣ хаста мешавем, аммо доварӣ ногузир аст ва аз он халос шудан имкон надорад.*

Лакот нахоҳад шуд ва бемаҷол нахоҳад гардид, то даме ки дар замин инсофро барқарор намояд.

*Ишаъё 42:4*

# Ҷавобҳои фавқулодда

**Куба:** Том Уайт

**Ҳангоме ки ба сари Том Уайт халтаи сиёҳро пӯшонданд, вай намедонист, ки оё бори дигар рӯшноии рӯзро мебинад ё не. „Маро ба куҷо мебаред?“ — пурсид вай аз посбонони кубагӣ. Посбонон чизе ҷавоб надоданд.**

Том ҳафт сол боз ба Куба адабиёти масеҳиро мерасонд. Ҳамроҳи дигарон Том брошюраҳои инҷилиро аз ҳавопаймо ба соҳилҳои ҷазираи коммунистӣ мепартофт.

„Худоё!“ — дуо мекард Том — „ба мо тасдиқи онро бидеҳ ки меҳнати мо меҳуда нест“. Ҳангоми обу ҳавои номусоид ҳавопаймо дар Куба ба шоссе фуруд омад. Томро ҳамроҳи пилот Мэл Бейли дастгир карданд. Баъди шаш ҳафтаи маҳбусии якка онҳоро ба вохурӣ бо афсари разведкаи Куба капитан Сантос оварданд. Онҳоро дар вайрон кардани бехатарии давлатии Куба айбдор карданд.

„Одамони мо дар пляжҳо ва дар саҳроҳо ҳазорон ин гуна пакетҳоро ёфтанд!“ — яке аз пакетҳои баҳрии чанд моҳ пеш партофташударо дар дасташ дошта, дод зад капитан Сантос.

Том базӯр аз табассум худдорӣ кард. „Ташаккур ба Ту, Худованд“, — фикр кард вай, — „барои он ки ба дуои ман ҷавоб додӣ. Ташаккур, ки кори мо беҳуда набуд“.

Ҷавоби Худованд ба Том хеле қимат афтод. Томро ба ҳабси чандинсола маҳкум карданд ва вай дар ҳабсхонаҳои Куба 21 моҳро гузаронд. Аммо дар ҳабсхонаҳои Фидел Кастро вай бо бисёр аъзоёни калисои пинҳонӣ шинос шуд ва фаҳмид, ки ҳатто дар шароити режими Фидел Кастро калисо афзун мешавад. Худо ба дуои Том Уайт ҷавоб дод.

*Оё имондорон медонанд, ки ҷавоби гаронбаҳо ба дуо чист? Агар мо мехоҳем, ки Худо ба дуоҳои мо ҷавоб диҳад, пас бояд тайёр бошем, ки ҷавоби ӯро дар ҳама гуна шароит бигирем. Ҷавоби гаронбаҳо ба дуо ҳамон аст, ки дар ин раванд худи мо шарик ҳастем. Мо ба Худо дуоҳо тақдим менамоем, аммо оё мо ба ӯ ҳаёти худро низ тақдим мекунем, агар даркор шавад? Мо метавонем дар ҳаққи таъқибшавандагон ва мазлумон бисёр дуо кунем. Аммо агар моро даъват кунанд, ки ба воситаи миссияи калисои худ бо хӯрокворӣ ва дигар ёрмандиҳои башардӯстона ёрӣ расонем. Агар мо аз Худо дар лаҳзаҳои душворӣ ёрӣ талабем, мо низ, ҳангоме ӯ аз мо қисми ҷавоб шуданро талаб мекунад, бояд ҷавоб диҳем. Оё шумо мушкилие доред, ки оиди он дуо кардаед, аммо ҷавоби аниқро ҳанӯз нашунидаед? Шояд Худо аз шумо интизори он аст, ки барои қисми ҷавоб шудан омода бошед?*

Мо чунон ба шумо дил бастаем, ки хостем ба шумо на танҳо башорати Худоро бидиҳем, балки ҷонҳои худро низ дар роҳи шумо фидо созем, азбаски шумо ба мо азиз будед.

*1 Таслӯникиён 2:8*

# Шоҳидони фавқулодда

**Аммория:** ҳафт маҳбус

**Ҳафт сол мусулмонон мекӯшиданд, то ки „ғайриддинҳо“ пайрави ислом шаванд. Масеҳиёни ба торикии ҳабсхона партофташуда аз имон баргаштан нахостанд.**

„Муҳаммад пайғамбари бузургтарини Аллоҳ аст“, — фаҳмонданӣ мешуданд имомҳо ба масеҳиён. — Вай пайғамбари охирини Аллоҳ буд“.

Масеҳиён онҳоро бо диққат гӯш карда, ҷавоб доданд: „Дар системаи судии худи шумо моҳияти мурофиаи довариро миқдори шоҳидон ҳал мекунад. Масеҳ шоҳидони омадани худро дошт, аз Мусо сар карда то Яҳёи Таъмиддиҳанда. Оиди Муҳаммад танҳо худи ӯ шаҳодат медод“.

Имомҳо аз дигар ҷониб наздик шудан хостанд.

„Ислом динест, ки худи Худо муҳайё намудааст, зеро ҳудуди таъсири он аз заминҳои масеҳиён бештар аст“, — гуфтанд онҳо.

„Агар ин дуруст мебуд“, — ҷавоб доданд масеҳиён, — „бутпарастии Миср, Рум ва Юнон имони ҳақиқӣ мебуд, зеро ҳокимони онҳо империяҳои азимро идора мекарданд. Яқин аст, ки қудрат ва сарват ҳаққонияти имонро исбот намекунад Мо медонем, ки баъзан Худо ба масеҳиён пирӯзӣ медиҳад, ва баъзан онҳоро дар азобу уқубатҳо мегузорад“. Соли 845 мусулмомон дар назди шаҳри Амморияи Шарқи Наздик кӯшишҳои пайравони Муҳаммад намудани масеҳиёнро тарк намуданд. Ҳамаи ҳафт нафарро сар заданд ва баданҳои онҳоро ба Фурот партофтанд.

*Исо ба мо фармудааст, ки шоҳидони ӯ бошем, на ин ки ба саволҳо ҷавобҳо дошта бошем. Инак тавонотарин суханоне ки ба беимон гуфта метавонед: „Ман намедонам“. Албатта, шумо ҷавобҳо дошта метавонед, шояд даркоритарин ҷавоб ба саволҳо ва шубҳаҳои беимон. Аммо шумо дар таҷрибаи худ метавонед боварӣ ҳосил кунед, ки ҳамаи гуфтаҳои шуморо аксаран рад хоҳанд кард. Ва агар ҳангоми шаҳодат додан шумо дар ягон лаҳза „ҷавобҳо“-ро надонед, ҳамин тавр гӯед. Сипас диққати худро дар ҳамон чизе равона кунед, ки инкор кардан ғайриимкон аст — ба шаҳодати шахсии худ. Таҷрибаи мушоракати худи шумо бо Исои Масеҳ ва он чи Ӯ дар ҳаёти шумо кардааст, баҳснопазиранд. Шумо дар ин масъала мутахассиси асосӣ ҳастед. Шаҳодати таъсирбахш дар он аст, ки ба дигарон оиди худ нақл кунед.*

„...ва дар Ерусалим ва дар тамоми Яҳудо ва Сомария ва то ақсои дунё шоҳидони Ман хоҳед буд“

*Аъмол 1:8*

# Боварии фавқулодда

**Индонезия:** Петрус

**Ба наздикӣ Петрус дар мусоҳибаи худ ба рӯзномаи масеҳиёни Индонезия чунин гуфт: „Азбаски мо Исоро дорем, масеҳӣ будан душвор нест, агарчи таъқибот зиёд аст“. Изҳороти вай барои бисёрии мо яқин метобад. Аммо Петрус мебоист барои пайрави Масеҳ будан қурбонии калоне меовард.**

Тӯдаи мусулмонони хашмгин калисоро иҳота намуда, оинаҳоро мешикастанд ва ба масеҳиён лаънат мехонданд. Падари Петрус, шубон, ҳамроҳи модараш, ҳоҳараш, амакбачааш во ходими калисо дар дохил буданд. Шубон тӯдаро ором карданӣ мешуд, аммо одамон пароканда намешуданд. Вай ба калисо баргашт, то ки дуо карда аз Худо ҳимоят ва ёрӣ биталабад. Тӯда, ки ташнаи хун буд, биноро оташ зада, лаънат мехонд ва тайёр буд ба ҳар каси берун мебаромада ҳуҷум кунад. Полис аз тарс ҳеҷ коре намекард. Ҳарбиён низ набуданд. Лаҳзае фаро расид, ки мутаассибон ба ҳуҷум гузаштанд. Ҳамин тавр дар кишваре ки дар даҳ соли охир беш аз 500 калисоро оташ задаанд, боз як калисо сӯзонда шуд.

Ҳангоме ки Петрус баъди якчанд соат ба маҳалли ин воқеаҳо омад, калисо ва хонаи коҳин ба лахчаҳо табдил ёфта буданд. Баданҳои наздикони вай чунон сӯхта буданд, ки онҳоро шинохтан имкон надошт. Дертар ходими давлатӣ аз Петрус узрхоҳӣ кард, аммо хоҳиш кард, ки аз қасос худдорӣ намояд. Лекин Петрус қасос гирифтанӣ набуд, балки дӯст доштан мехост. Вай мехост, ки мусулмонони кишвараш ба Малакути Худо дохил шаванд.

*Таъқиб аксаран майдони охирини ҷанг байни гаризаи табиии ҳифзи ҳастии худ ва ақидаи рӯҳонӣ мешавад. Ақида аз манфиатҳои худамон волотар аст. Ғариза моро маҷбур мекунад, то аз касоне ки ба мо бадӣ кардаанд, қасос гирем. Ақида бошад ба мо оиди ӯҳдадориҳои рӯҳонӣ нисбати таъқибкунандагон ёдрас мекунад. Барои бисёрии мо душвор мебуд, ки нуқтаи назари Петрусро тарафдорӣ кунем, агар мо медидем, ки наздикони мо барои ақидаҳои худ кушта мешаванд. Аммо ба Масеҳ пайравӣ накардан барои Петрус бештар номақбул буд. Чӣ гуна вай ба Масеҳ пайравӣ накунад? Воқеаи вай ба мо мегӯяд, ки ақидаҳо бар ғаризаҳо дастболо шуда метавонанд. Аммо ин танҳо ҳамон вақт имконпазир аст, агар ба шарофати муҳаббати Масеҳ, ки дар майдони муҳорибаи таъқибот пирӯз шудааст, майлҳои мо ақиб гарданд.*

Зеро башорати мо назди шумо на танҳо дар сухан, балки низ дар қувват ва дар Рӯҳулқудс ва дар эътимоди бузурге буд.

*1 Таслӯникиён 1:5*

# Қотили фавқулодда — қисми 2

**Бангладеш:** Эндрю

**Роҳбари исломӣ сахт ба хашм омад, чун дид, ки Эндрю, башоратдиҳандаи масеҳӣ, дар меҳмонхонаи вай нишаста, ҳамроҳи оилаи ӯ хӯрокӣ шом мехӯрад.**

Вай сахт хашмгин шуд, зеро ба наздикӣ барои касе ки ин масеҳиро кушад, мукофоти калон ваъда карда буд. Акнун бошад ин Эндрю дар хонаи ӯ нишаста ба оилаи ӯ оиди Масеҳ нақл мекунад. „Ин чӣ кор аст?“ — фарёд зад роҳбари исломӣ. — „Ин ғайриддин, ин душмани Аллоҳ дар хонаи ман чӣ кор мекунад?“.

Келини ӯ ҷавоб дод: „Ман ӯро ба ин ҷо даъват кардам, зеро ӯ ва Худои ӯ Исо писари шуморо, шавҳари маро, шифо дод“. Зан қарор дод, ки ҳама чизро нақл кунад: „Охир, шумо медонед, ки писаратон 18 сол инҷониб бемор аст, аммо имрӯз ин масеҳӣ Эндрю омада, барояш дуо кард. Ӯ дасташро бар вай гузошт ва инак писари шумо, шавҳари ман, сиҳат аст! Исо вайро шифо дод!“

Писар бо ҷӯшу хурӯш нақл кард, ки чӣ гуна беморӣ бадани вайро тарк кард. Бори аввал дар давоми 18 сол вай дардро ҳис намекард. Хашми роҳбар ба ҳисси осудагӣ табдил ёфт. Вай Масеҳро қабул кардан наметавонист, аммо дар ин маҳал иттифоқчии масеҳиён шуд ва ба бисёриҳо ёрӣ дод, ки аз таъқибот ва ҳабсхона халосӣ ёбанд. Шахсе ки як вақт барои сари Эндрю мукофот ваъда карда буд, акнун оғӯш кушода бо ӯ вохӯрдӣ мекард.

*Масеҳият таҷрибаи шахсии ман аст. Ҳангоме ки падар — мусулмон ба хонаи худ даромад, Эндрю оиди ваҳдати сегонаи Худо мавъиза намекард. Ӯ зану фарзандони роҳбари исломиро сарзаниш намекард, ки онҳо ба Аллоҳ имон доранд. Ӯ ҳамроҳи ин оилаи мусулмон дуо карда, бо онҳо хӯрок мехӯрд. Исботи қуввави Худои зинда кати холӣ буд, ки пештар он ҷо шахси бемор мехобид. Айнан ҳамин тавр мо бояд дар ёд дошта бошем, ки ҳақиқатҳои илоҳӣ худ аз худ яқинанд. Мо, фиристодаҳо, масъулияте надорем, агар дуруст рафтор мекунем ва сухан мегӯем. Ва ҳангоме ки Инҷилро ба дигарон мавъиза мекунем, мо ҳамеша дуруст рафтор мекунем. Исо дилҳои онҳоро ба худ ҷалб хоҳад намуд. Мо бояд ба далелҳои қудрати Худо имкон диҳем, ки худ оиди худ бигӯянд.*

Ва ҳангоме ки Ман аз замин боло бурда мешавам, ҳамаро сӯи Худ хоҳам кашид.

*Юҳанно 12:32*

# Ҳақиқати фавқулодда

**Румыния:** Шубон Кочанга

**„Магар ту наметарсӣ, ки мо бо ту чӣ мекунем?“ — пурсид полковник-коммунист бо оҳанги истеҳзоомез.**

Шубони ҷавон Кочанга, ки дар давоми фаъолияти худ ҳамагӣ як мавъиза карда буд, дар назди полковник меистод ва медонист, ки ин одам қудрат дорад қарор диҳад, ки ӯ бимирад ё зинда монад. Ӯ боадабона, аммо гарму ҷӯшон ҷавоб дод:

„Ҷаноб, ҳақиқат ҳеҷ гоҳ наметарсад. Тасаввур кунед, ки ҳукумати шумо қарор медиҳад, ки ҳамаи математикҳоро ба дор кашад. Он гоҳ ду ҷамъи ду чанд мешавад? Ду ҷамъи ду боз ҳам чор мешавад. Ҳақиқати мо монанди баробарии математикӣ ҳаққонист. Ҳақиқати мо дар он аст, ки Худо ҳаст, ва ӯ падари дӯстдори мост. Ҳақиқати мо дар он аст, ки Исо Наҷотдиҳанда ва нур аст, ва ҳақиқати мо дар он аст, ки биҳишт ҳаст. Бо вуҷуди ҳамаи қамчинҳо ва дигар олатҳои шиканҷаи шумо, ҳамеша ҳамин хел буд ва хоҳад буд. Ду ҷамъи ду боз ҳам чор аст“.

Кочангаро куштанд. Ӯро дигар ҳеҷ кас надид. Аммо дар осмон ӯро дарҳол шинохтанд ва хурсандона қабул карданд.

*„Рост бигӯй!“ Инро ба кӯдакон аз хурдӣ таълим медиҳанд, аммо ба ҳар ҳол ҳикмати ин суханон беҳудуд аст. Барои он ки ҳангоми шаҳодат додан суханони даркориро ёфта тавонем, мо бояд фақат он ҳақиқатро бигӯем, ки ҳаққонияти он ба мо маълум аст. Бисёр касон мегӯянд, ки ба қадри кофӣ омода нашудаанд, то оиди Масеҳ шаҳодат диҳанд. Мо метарсем, ки ба мо саволи илоҳиётшиносӣ медиҳанд, ки ҷавоби онро мо намедонем. Аммо барои оиди Масеҳ сухан гуфтан аз апологетика санҷиш супоридан даркор нест. Фақат оиди он чи шумо медонед, ҳақиқатро бигӯед — чун онҳое мегуфтанд, ки таъқиботи диниро аз сар мегузаронданд. Оиди Масеҳ шаҳодат додан осонтар аз он аст, ки ба назар метобад. Мо бояд он принсипро пайравӣ кунем, ки дар кӯдакӣ омӯхтаем. Ба мо фармуда шудааст, ки оиди Исои Масеҳ шаҳодат диҳем — ҳақиқатро бигӯем.*

Пас, ҳар кӣ маро дар назди мардум эътироф кунад, Ман низ ӯро дар назди Падари Худ, ки дар осмон аст, эътироф хоҳам кард.

*Матто 10:32*



**Фақат ҳамон вақте ки мухолифон ва таъқибгарон пайдо мешаванд, шахс оиди мақсади имони худ фикр мекунад. Фақат ҳамон вақте ки калисо бо ягон бидъати хатарнок вомехӯрад, сарват ва мӯъҷизанокии имони эътиқодмандонаро мефаҳмад. Барои масеҳият он чиз хос аст, ки сарватҳои он тамомнашавандаанд, ва он ҳамеша метавонад сарватҳои нав ба вуҷуд орад, то ки ба вазъият мувофиқ бошад.**

Уилям Баркли, „Библия бо мавод барои омӯзиши ҳаррӯза“.

# Миссионерони фавқулоддаи нав

**Румыния:** шубон Ричард Вурмбранд

**Ҳангоме ки аз дурӣ қатора намудор шуд ва ҳаракаташро суст карда, ба истгоҳ наздик шуд, одамони дар перрон истода тугмаҳои палтоҳои худро кушоданд ва садҳо брошюраҳои масеҳиро ба даст гирифтанд. Онҳо ба тирезаҳои кушодаи вагонҳое ки дар онҳо ҳарбиёни шӯравӣ менишастанд, бастаҳои хурд-хурди брошюраҳоро тез-тез меандохтанд.**

Сарбозони ҷавони шӯравӣ хандида, ҳуштак мекашиданд ва ба духтарони ҷавоне ки бастаҳоро ба тирезаҳо мепартофтанд, чизе мегуфтанд. Сарбозон брошюраҳоро дошта мегирифтанд, то бидонанд, ки румындухтарони зебочеҳра ба қатораи ҳарбӣ чиро мепартоянд. Ҳангоме ки ба вагон старшина даромад, сарбозон брошюраҳоро зуд дар зери курсиҳо пинҳон карданд. Дертар онҳо он брошюраҳоро мехонанд ва оиди Исои Масеҳ мефаҳманд.

Қатора боз суръаташро афзуд ва аз паси семафор ғоиб шуд, масеҳиён бошанд, ҳаяҷони асабиро аз сар гузаронда, ба сӯи шаҳр равона шуданд. Ходимони полис яке аз онҳоро ба ҷонибе бурда, фармуданд, ки палтояшро кушояд. Мард бо майли том итоат намуд, зеро чизе надошт. Ҳамаи брошюраҳое ки вай ба вокзал оварда буд, акнун дар қаторае буданд, ки ки сӯи Русияи коммунистӣ мешитофт.

Инҷилшиносонӣ ба воситаи қатораҳо фақат яке аз методҳое буд, ки шубон Ричард Вурмбранд ба ҷавонони калисои худ ёд дод, то ба одамони шӯравӣ оиди Масеҳ башорат диҳад. Озодкунандагон кишвари ӯро ғорат мекарданд, бадкирдориҳо мекарданд ва бисёр касонро куштанд, аммо ба ҳар ҳол Ричард Вурмбранд аз дидани ин аскарон шод буд. Ӯ дар ҳар яки онҳо майдонро барои миссионер медид ва воситаеро меҷуст, то дар ин киштзор тухмӣ корад.

*Миссия аз кор дида бештар муносибат аст — тарзи рафтори шахс нисбати ҳаёт. Миссионер шахсест, ки ин қарордод ва марказиятнокиро ба як мақсад равона мекунад ва онро ҳар рӯз бо зиндагии худ ифода мекунад. Ричард Вурмбранд шахси дорои миссия буд, ва оташи ӯ ба бисёр шахсони ҷавон гузашт, ва онҳо дар ӯ мақсаднокиро дида тавонистанд. Ба ин маъно мо ҳама миссионер ҳастем — сафирони Исои Масеҳ — дар ҳар ҷое ки хизмат кунем. Миссия омодагии доимӣ барои истифодаи имконияти нави афзун намудани Малакути Худост. Назди автоматҳои об дар ҷои кор. Дар магазин. Дар қатораи барқӣ ё дар автобус. Дар мактаб. Агар шумо қарор додед Малакути Худоро афзун намоед, майдони миссияи шумо ҳаёти ҳаррӯза аст.*

Каломро мавъиза кунӣ
ва дар вақти муносиб ё
номуносиб омода бошӣ бо
тамоми пурсабрӣ омӯзгорӣ ва
мазаммат, манъ ва насиҳат
кунӣ.

*2 Тимотиюс 4:2*

fавқулодда

# Мероси фавқулодда

**Индонезия:** Стэнли

**Стэнли дар ҷазираи дури индонезӣ аз қаиқ баромада, торикии рӯҳониро гӯё ҷисман ҳис кард. Сокинони маҳаллӣ кадом як омехтаи ҷодугарӣ ва исломро пайравӣ мекарданд. Стэнли ба қарибӣ мактаби библиявиро хатм карда, омодаи коре буд, ки Худо ӯро барои он даъват кардааст, то халқи ин ҷазираро назди Масеҳ оварад.**

Стэнли ҷасурона башорат дода, одамонро даъват менамуд, ки ба Масеҳ рӯ оваранд ва бутҳои худро чун рамзи ҳаёти гузаштаи худ сӯзонанд. Яке аз одамони маҳаллӣ бути худро сӯзонд, аммо маълум шуд, ки дар даруни бут тотеми муқаддас буд. Ҳангоме пешвоёни қабила аз сӯзонидани бут бохабар шуданд, ба хизматчиёни ҳокимияти маҳаллӣ аз Стэнли шикоят карданд. Стэнлиро фавран ҳабс карданд. Ҳангоме ки устоди рӯҳонияш, шубон Сиви, наздаш омад, ӯ сахт лату кӯб шуда, дар кома мехобид. Шубон дид, ки аз чашмони Стэнли ашк ҷорист. Па аз чанде вай дар натиҷаи зарбу лат вафот кард. Аммо ҳатто марги шубон хизмати ӯро боздошта наметавонист. Ҳангоме ки аҳли деҳаи воиз аз марги ӯ бохабар шуданд, ёздаҳ нафар сокинони маҳаллӣ Исоро чун Наҷотдиҳандаи худ қабул карданд. 53 нафар ҳамдеҳагонаш қарор доданд, ки дар мактаби библиявӣ таълим гиранд, ҳафт нафари онҳо хоҳиш карданд, ки онҳоро ба ҳамон деҳае ки Стэнли ҳалок шуда буд, чун миссионер равона кунанд.

Бо умеди хомӯш кардани шӯълаи Инҷил пешвоёни қабила ҳаёти Стэнлиро хомӯш карданд. Аммо ҳатто дар байни зӯроварӣ ямини Худо кори худро мекард. Имрӯз дар он деҳа шӯълаи Инҷил равшан нурафканӣ мекунад.

*Ҳангоме ки пайравони Масеҳ ин ҷаҳонро тарк мекунанд, бояд саъй кунанд, ки „рӯшноиро хомӯш накунанд“. Масеҳии вафодор баъди худ барои ҷаҳони дар торикӣ гумгашта рӯшноиро боқӣ мегузорад. Ин мерос гузоштан номида мешавад. Мо бисёр вақт мешунавем, ки одамони бузург дар филмҳо, дар варзиш ва дар дигар соҳаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ аз худ меросе боқӣ мегузоранд. Аммо, агарчи ҳаёти бисёр муқаддасони масеҳӣ дар номаъруфӣ хомӯш мешавад, рӯшноии онҳо дар тамоми ҷаҳон нурафканӣ мекунад. Мероси имон, инсоф, умед ва муҳаббати онҳоро бо маргашон хомӯш кардан имконнопазир аст. Дар асл марг шӯълаи имонро бештар аланга гиронда метавонад, зеро мероси риёзаткашонро бисёр вақт боқимондагон ба худ намуна қарор медиҳанд.*

Шумо нури ҷаҳон ҳастед. Шаҳре ки бар фарози кӯҳ воқеъ аст, наметавонад аз назар пинҳон шавад.

*Матто 5:14*

# Оилаи Фавқулодда

**Индонезия:** модари Стэнли

**То мактаби библиявиро хатм намудани модар ва хоҳари Стэнли як моҳ монд. Ин худи ҳамон мактабе буд, ки писараш Стэнли пеш аз чун миссионер ба ҷазираи дур рафтанаш дар он таълим гирифта буд. Стэнлиро барои паҳн намудани Инҷил куштанд, аммо шаҳодати вай бисёриҳоро водор намуд, ки ба мактаби библиявӣ рафта, даъвати Масеҳро қабул кунанд ва оиди муҳаббати ӯ нақл кунанд.**

Таълимро ба анҷом расонида, зан ва духтараш қарор доданд ба ҳамон деҳае раванд, ки Стэнли вафот карда буд. Зан умед дошт ба он одамоне ки писари ӯро то мурданаш лату кӯб карда буданд, оиди муҳаббати Масеҳ нақл кунад. Роҳбари мактаби библиявӣ оиди ин нақшаҳо хабар ёфта, ҳайрон шуд. „Оё шумо аз мурдан наметарсед?“ — пурсид вай аз модар. Аз афташ, ин савол занро ба ҳаяҷон овард. „Чаро ман бояд аз мурдан битарсам“ — ба савол бо савол ҷавоб дод ӯ.

Боварии зан ба некӯии Худо комил буд. Худо ӯро барои хизмат дар он деҳае ки писараш мурда буд, интихоб намуд, бигзор ҳамин тавр шавад. Агар вай роҳ диҳад ки ӯ дар он ҷо ба марг дучор шавад, ӯ ба ин даъват низ ҷавоб медиҳад. Марг ӯро назди Масеҳ, ки ӯ хеле дӯсташ медорад, мебарад. Марг монеа ё ҷазо набуд, он фақат даре буд барои мушоракати абадӣ бо Худо.

*Вохӯрдан бо марг ҳиссиёти кӯдакеро ба ёд меорад, ки дар болои ҷарии баланди назди кӯли чуқур истодааст. Мо аз ҳисси пешакии номаълумӣ меларзем. Оё дарднок хоҳад буд? Оё ман аз ин гузашта метавонам? Мо аввалин шуда ҷастан намехоҳем — охир, дар пеш ин қадар чизҳои номаълум ҳастанд. Ниҳоят, мо маҷбур нестем ин корро бикунем. Аммо таърих бисёр ҳодисаҳоеро медонад, ки аъзоёни оила ҷасурона аз сарҳади байни ҳаёт ва марг гузаштаанд. Ин муқаддасони ҳалокшуда оиди ҷои мерафтаашон боварии комил доштанд. Рости гап, Исои Масеҳ аз он ҷое гузашт, ки то ӯ касе нагузашта буд — сӯи марг рафт ва бозпас омад. Масеҳ, Сарвари оилаи масеҳии мо, аз марг тарсро кашида гирифт ва онро бо боварӣ иваз намуд. Ба даъват гӯш диҳед ва бознаистед. Об дар кӯл хунук нест.*

Эй марг! Неши ту куҷост? Эй дӯзах! Ғалабаи ту куҷост?

*1 Қӯринтиён 15:55*

# Тарафҳои фавқулодда

**Иттиҳоди Шӯравӣ:** дурӯяҳо

**Ҳангоме ки ба барак сардори лагер Шибанов бо ду посбони мусаллаҳ даромад, маҳбусон бо як овоз суруд мехонданд. Парастиш канда шуд...**

„Шумо чӣ нақша доштед?“ — дод зад Шибанов ва ба суханонаш ҳақорати қабеҳро илова кард. „Амали попҳоро ба ҷо меоваред! Ба Худои бофта баровардаатон саҷда мекунед?“

Имондорон дар барак аз фикре ба ларза даромаданд, ки акнун посбонони мусаллаҳ даромада ҷазо медиҳанд. „Саркарда, пеш баро!“ дод мезад сардор. Ва он гоҳ аз байни омма архимандрити дайри (монастир) Киев Лосевич берун баромад. „Ман ба сабаби фисҳ хизматгузории парастиширо ба ҷо меовардам“. Шибанов фарёд намуд. Ба картсер, ҳаромии поп! Ба хунукии қаҳратун! Аммо, охир, ту хизматгузорӣ мекардӣ, ва ҳама суруд мехонданд? Ҳамаи онҳое ки ба Худои худ содиқанд, ба тарафи рости барак гузаранд! Шумо барои имонатон кушта мешавед. Касе ки зистан хоҳад, ба тарафи чап гузарад. Ҳар кас худаш қарор медиҳад, ки бимирад ё зинда монад. Соловки курорт не, балки аъроф (ҷои покшавӣ) аст!“

Даҳ дақиқа пештар ҳама дар барак баробар сурудҳои ҳамду сано мехонданд. Акнун дар назди онҳо интихоб байни ҳаёт ва марг буд. Баъзеҳо ба тарафи чап мерафтанд, ва гуноҳкорона менигаристанд, гӯё аз онҳое ки тарафи ростро интихоб намуданд, омурзиш металабиданд. Онҳое ки дар тарафи рост буданд, бо чашмони пӯшида дуои охиринро мегуфтанд.

„Шумо, дар тарафи чап, метавонед ба ҷои худ баргардед!“ — фармон дод Шибанов. — Боқимондаҳо — ба хунукии қаҳратун!“ Одамон яке паси дигар аз барак мебаромаданд. Банохост яке аз мемондагон сӯи баромад давид. „Ман ҳамроҳи дурӯяҳо монда наметавонам!“ — фарёд зад ӯ.

*Лаҳзаҳои гардиши қатъӣ ҳамон вақт меоянд, ки мо интизор нестем, ва ба он омода шудан имконнопазир аст. Онҳоро ҷуноне ки ҳастанд, бояд паси сар кунем, ва аз натиҷаҳояш дарси ибрат гирем. Лаҳзаи гардиши қатъӣ — ҳар гуна воқеаест, ки хислати худро нишон додан лозим аст. Лаҳза метавонад осон набошад, чун дар мавриде ки ҳукуматдорон парастиши калисоиро дар барак қатъ мекунанд ва талаб мекунанд, ки садоқати худро ба имон нишон диҳед. Лаҳза содда ҳам буда метавонад, ҳангоме шумо ҳамагӣ бояд аз толоре ки он ҷо филми бешармона нишон дода мешавад, берун бароед. Қароре ки мо қабул мекунем, моро ё дар тарафи масеҳӣ мегузорад, ё дар тарафи шубҳанок. Мо омода ҳастем ё не, аммо дар лаҳзае ки ин ва ё он тарафро интихоб мекунем, мо бо хислати худ рӯ ба рӯ мешавем.*

Ҳар кӣ бо Ман нест, ба Ман муқобил аст; ва ҳар кӣ бо Ман ҷамъ намекунад, вай пароканда мекунад.

*Матто 12:30*

# Боз як дуои фавқулодда

**Чехия:** Ян Гус

**„Эй Исои пурмарҳамат“, — навишта буд Ян Гус дар Констанса дар интизории қатл, — „ба мо рӯҳи далер бидеҳ, то омода бошем. Ва агар ҷисм суст бошад, бигузор марҳамати Ту бо он бошад, зеро бе Ту мо ҳеҷ кор карда наметавонем, ва пеш аз ҳама мо бе Ту марги даҳшатнокро пешвоз гирифта наметавонем. Ба мо далерии густохона ва имони ҳақиқӣ, умеди мустаҳкам ва муҳаббати мутлақро бидеҳ, то ки мо барои Ту ҷони худро бо фурӯтании комил ва шодмонии комил дода тавонем. Омин“.**

Ректори университети Карл дар Прага Ян Гус (1371–1415) дар асри понздаҳ ба ислоҳоти калисо даъват намуда, фурӯши индулгенсияҳоро маҳкум кард ва бозгаштан ба принсипҳои калисои аввалини масеҳӣ, баробар намудани ҳуқуқи аҳли калисо ва рӯҳониятро талаб намуд. Ба Ян Гус ҳимояти подшоҳро ваъда карданд, то ки ба ҳимояи худ сухан ронда тавонад. Вай дар анҷумани калисо ақидаи худро баён кард ва ба сӯзонида шудан дар гулхан маҳкум гардид.

6-юми июли соли 1415 Ян Гусро дар болои гулхан ба сутун занҷирбанд карданд. Ҳангоме ки дар пеши пойҳояш оташро даргиронданд, вай дуоро сар кард: „Худованд Исои Масеҳ, ба хотири Инҷил ва мавъизаи Калом ман ба ин марги даҳшатнок, шармандавор ва бераҳмона дучор шудаам“. Ҳангоме ки аланга ӯро фаро гирифт, Ян Гус дар нафаси охирин фарёд зад: „Масеҳ, Писари Худои зинда, бар ман раҳм кун!“

Сӯзонидани Ян Гус боиси дар Чехия сар задани шӯриши оммавӣ бар зидди зӯроварии немисҳо ва калисои католикӣ гардид, ва барои ба таълимоти библиявӣ бозгаштани масеҳиёни чех таъсири калон расонд. Соли 1434 шӯриши бисёрсолаи гуситҳо пахш карда шуд.

Дуои боисрори шахси одил қуввати бузурге дорад.

*Яъқуб 5:16*

*Дуо. Он чи аз ҳама таъсирбахтар аст, ва он чи мо камтар аз ҳама истифода мебарем. Дуо — ҳимояи аввалини мо дар муҳорибаи рӯҳонист, аммо ба ҳар ҳол аксаран мо ба он дар навбати охир рӯ меоварем. Онҳое ки барои имон таъқиб карда шудаанд, дар навбати аввал будани дуоро таълим медиҳанд. Суханони охирини онҳо майдонталабона нест. Амалҳои охирини онҳо дар рӯи замин муқобилатро дар бар намегиранд. Баръакс, дуо — нафаси пешазмаргии онҳост, ки айбдоркунандаҳоро саргум мекунад ва дигаронро ба мустаҳкамии имонашон боварӣ мекунонад. Таърих нишон медиҳад, ки дуои пешазмаргии шахси муқаддас метавонад ба мавъизаи Инҷил дар байни одамон аз зинда мондани ӯ бештар мадад расонад. Ҳангоме ки ҳаёт маҷбур мекунад, то аз санҷиши сахт гузаред, ва „оташ“ дар атрофи шумо сӯзонтар мешавад, оё шумо ба дуо рӯ меоваред? Оё дигарон мебинанд, ки силоҳи аввалин ва охиринатон мушоракат бо Падари Осмонии шумост?*

# Дастгирии фавқулодда

**Вйетнам:** шубон Нгуен Лап Ма

**Ҳангоме ки коммунистон дар Вйетнам ба сари ҳокимият омаданд, шубон Нгуен Лап Ма тарк кардани калисои Алянси миссионерии масеҳиро дар Канто рад кард. Барои ин „ҷиноят“ вайро бо оилааш дар деҳаи хурде ба муддати 12 сол бе ҳуқуқи сафар ва мактубнависӣ ҳабси хонагӣ карданд.**

Ҳангоме ки ҳукуматдорон баъди 12 сол маҳдудиятро суст карда, иҷозати мактуб гирифтан доданд, шубон Лап Ма аз фаровонии мактубҳое ки ба хонааш меомаданд, ба изтироб омад. „Садои риёзаткашон“ воқеаи шубон Лап Ма ва муроҷиати ӯро ба ҷаҳон нашр кард. Донишҷӯён, соҳибхоназанон, шубонон ва соҳибкорон ба шубон ва оилааш мактубҳои дастгирӣ мефиристоданд. Полиси махфии Вйетнам аз он дар ҳайрат буд, ки шубон Лап Ма аз тамоми гӯшаву канорҳои ҷаҳон беш аз 3 000 мактуб гирифт.

„Ман ҳар як мактубро бо дуо ва ашки чашмон мехонам“, — гуфт шубон Лап Ма. — „Ман ҳар мактубро хонда, оиди порчаи Навишта, ки дар он гуфта шудааст, фикр мекунам. Сипас ман ин суханони дастгирӣ ва ҷойҳои Навиштаро ба аҳли оилаам мерасонам. Мо аз ин мактубҳо шод ҳастем ва дастгириро ҳис мекунем. Худо моро қавӣ гардонд ва ба мо ёрӣ расонд. Бинобар ин мо ба Ӯ умедворем ва нигоҳи худро сӯи Исо мегардонем. Мо аз пайи Ӯ салиби худро бардошта мебарем, ва тайёрем бимирем, аммо аз Ӯ шарм накунем. То даме ки мо зинда ҳастем, Худованд моро барои он истифода мебарад, ки дигар масеҳиёни азияткашандаро талалло диҳем. Мактубҳо моро дастгирӣ мекунанд, ва мо масеҳиёни дигарро дастгирӣ мекунем“.

*Дастгирӣ барои масеҳиён даркор аст. Бе дастгирӣ, чун даванда бе об, ҳеҷ кас наметавонад ба давиши хастакунанда муддати зиёд тоб оварад. Ин роҳро пеш гирифта, мо мефаҳмем, ки дастгирӣ роҳест ба ҳар ду тараф. Мо дигаронро дастгирӣ мекунем, ва аз ҳамин сабаб худамон аз дигар имондорон ва аз худи Худо дастгирӣ меёбем. Тасаллои андак барои қувват додан ба хастагон ва барои дастгирии онҳое ки имонашон суст мешавад, хеле ёрӣ медиҳад. Мо бисёр вақт дармеёбем, ки дастгирии рӯҳоние ки ба воситаи дуои дар ҳаққи мо гуфташуда мегирем, ба мо „нафаси дуюм“ медиҳад, то ки ба хотири имон боз 12 соли дигар дар ҳабс бошем. Баъзан он ба мо имкон медиҳад, ки боз як рӯзи дигар зиндагӣ кунем.*

Зеро ки хеле орзуманди дидани шумо мебошам, то ки як атои рӯҳие, барои устувор шуданатон, ба шумо тақдим намоям, яъне бо якҷоягии шумо аз имони умумиамон, аз имони шумо ва худам, тасалло ёбам.

*Румиён 1:11-12*

**Агар шумо омода нестед барои чизи дар Библия навишташуда бимиред, барои Библияҳо пул надиҳед. Зеро агар шумо пул диҳед, мо боз ҳам бештар Библияҳоро пинҳонӣ ворид хоҳем намуд. Ва агар мо пинҳонӣ бисёртар Библияҳоро ворид намоем, риёзаткашон бисёртар мешаванд.**

Шубон Ричард Вурмбранд



# Модари фавқулодда

**Англия:** Сюзанна Уэсли

**Даҳ нафар аз нуздаҳ фарзанди Сюзанна дусола нашуда мурданд, ва яке аз духтаронаш маъюб шуд. Аммо ба ҳар ҳол Сюзанна дар рӯзномаи худ менавишт, ки ҳамаи азобҳояш боиси „афзудани некӯии рӯҳонӣ ва абадӣ гардиданд. Ҷалол ба Ту, эй Худованд!“.**

Падари вай ба қонуни соли 1662, ки ҳамаи рӯҳониёнро маҷбур мекард ба „Китоби парастиши ҷамъиятӣ“ пайравӣ кунанд, итоат кардан нахост. Панҷ ҳазор масеҳиён, ки нонконформист номида шуданд, дар зиндонҳои Англия барои имони худ ҳалок шуданд.

Шавҳари Сюзанна, нонконформист, бо калисои англиканӣ монд. Барои ин беитоатӣ хоҷагии онҳо оташ зада шуд, ва ҷамоати худаш ба ҳукуматдорон муроҷиат намуда талаб намуд, ки беитоатро ҳабс карда ба зиндон партоянд. Сюзанна қашшоқии даҳшатоварро аз сар гузаронд. Дузд ҳатто синаи модагови Сюзаннаро бурид, то ки кӯдаконаш бе шир монанд. Аҳли калисо боми хонаашро оташ заданд. Оила наҷот ёфт, аммо ба Ҷони шашсола аз тирезаи баланд ҷастан лозим омад. Ҷон Уэсли зинда монд, калон шуд ва асосгузори калисои методистӣ гардид. Боз яке аз писаронаш, Чарлз Уэсли, дар байни дигар сурудҳои машҳури худ суруди мавлудии „Ба хабари фариштагон гӯш андоз“-ро (“Hark the Herald Angels Sing”) навишт.

Сюзанна Уэсли оиди ин чунин гуфт: „Дин — ин фақат иҷрои хоҳиши Худо ба ҷои хоҳиши худ аст. Биҳишт ё дӯзах — фақат ба ҳамин вобаста аст.“

*„Манаҳаш аз они падараш барин“. „Вай ба бибияш чун ду қатра об монанд аст“. Чашмон, гӯшҳо, мӯйҳо, дастон ва ё дигар нишонаҳо метавонанд нишондиҳандаи алоқамандии шумо ба оилаатон бошанд, баъзан ҳатто дар давоми якчанд насл. Аъзоёни оилаи илоҳӣ низ ҳамин тавр бо ҳам алоқаманд ҳастанд. Мо, масеҳиён, бо якчанд тавсифот монанд ҳастем, аз ҷумла муҳаббат, умед, шодӣ ва осоиштагӣ — ва ҳамаи ин ба мо бевосита бо ирсияти осмонӣ меояд. Ҳатто агар мо чун оилаи Уэсли волидон ё аҷдодони биологӣ надошта бошем ҳам, то ки ба мо имони масеҳиро бидиҳанд. Худо ба мо оилаи рӯҳонӣ медиҳад, то ки он моро ғизо диҳад ва дӯст дорад. Волидони рӯҳонии ту кистанд — онҳое ки ба ту оиди Масеҳ нақл карданд? Ту ба кӣ бародар ё хоҳари рӯҳонӣ буда метавонӣ?*

Зеро ки имони бериёи
туро, ки ки пештар дар
модаркалонат Лӯид ва
модарат Авниқо сокин буд,
ба хотир меоварам ва яқин
дорам, ки он дар ту низ
сокин аст.

*2 Тимотиюс 1:5*

# Гармии фавқулодда

**Иттиҳоди Шӯравӣ; Надежда Слобода**

**Сокини деҳот Надежда Слобода оиди Масеҳ аз барномаи радиоӣ, ки аз Аврупои Ғарбӣ шунавонида мешуд, фаҳмид. Вай мекӯшид ба ҳамаи дустонаш оиди Худо, ки ба таври мӯъҷизаосо дили ӯро дигаргун намуд, нақл кунад. Аммо ӯ медонист, ки ҳукуматддорони маҳаллӣ одамонро барои сӯҳбатҳо оиди Худо ё масеҳият ҳабс мекарданд. Имондорон одамони пасмонда, ноқис ҳисобида мешуданд.**

Аммо Надежда ҷӯшу хурӯши худро нигоҳ дошта натавонист ва ба зудӣ маҳфиле ташкил намуд, ки тайёр буд ба калисои баптистӣ табдил ёбад. Пас аз чанде Надеждаро ҳабс карданд ва барои тарғиботи зиддишӯравӣ ба муддати 4 сол аз озодӣ маҳрум карданд: доварон шунидан ва нақл кардани барномаҳои радиои хориҷиро ҳамин тавр баҳо доданд. Панҷ фарзанди ӯро ба интернат супурданд, ки он ҷо таълим дар рӯҳияи атеистӣ буд. Аммо Надежда аз ҳарвақта бештар наздикии Худоро ҳис мекард ва ба рафиқони зиндонияш оиди Худо нақл карданро давом медод. Вайро огоҳ карданд, ки дар лагер оиди Худо гап задан манъ аст, аммо вай итоат накард, ва сардорон Надеждаи беитоатро ду моҳ дар камераи якканишини хунук нигоҳ доштанд. Айни зимистон буд, ба Надежда лозим меомад, ки дар фарши бетонии хунук хоб равад. Пас аз он ки вайро ба камераи умумӣ баргардонданд, аз вай пурсиданд, ки ба ин гуна озмоиши сахт чӣ гуна тоб овард. Вай ҷавоб дод: „Ман дар фарши бетонӣ хоб рафта, ба Худо таваккал мекардам, ва гирду атрофи ман гарм мешуд. Ман дар дастони Худо мехобидам“.

*Бисёрии масеҳиён рӯзеро дар роҳи рӯҳонии худ ба ёд оварда метавонанд, ки ба назарашон Худо ва Каломи Худо гӯё кам буданд. Афтидани рӯҳонӣ табиати дуюм буд. Саъю кӯшиш ҳамсафари доимӣ буд. Аммо ба ҳар ҳол имони мо тадриҷан хунук мешуд. Шояд, саъю кӯшиши моро таъқибот суст карданд? Шояд, ягон мусибати шахсӣ таъсир кард. Ё, шояд, ҳеҷ чизи ҷиддӣ рӯй надодааст — фақат якрангии ҳаррӯза рӯҳи моро кунд кард ва тамоми диққати моро ба худ ҷалб намуд. Оё алангаи саъю кӯшиши мо ба лахчаҳо табдил ёфт? Саъю кӯшиши шумо бартараф шуд? Имконияте ҳаст, ки алангаи алоқаи наверо бо Худо даргиронед ва дар дохил оташро фурӯзон намоед. Имрӯз аз ӯ хоҳиш кунед, ки гармии Худро ба шумо расонад.*

Ва ман дар дили худ гуфтам:
„Дигар ӯро зикр нахоҳам
кард, ва дигар ба исми
ӯ сухан нахоҳам ронд“.
Вале он дар дили ман чун
оташи фурӯзон буд, ва дар
устухонҳоям ҷойгир шудааст,
ва ман онро бардошта, хаста
гардидаам, ва натавонистам.

*Ирмиё 20:9*

# „Биной“-и фавқулодда

**Соҳили Оҷ:** Клои

**Чунин метобид, ки зарбаҳо аз ҳар тараф меомаданд, ва Клои мекӯшид сарашро бо дастонаш дошта, худро ҳимоя кунад. Вай миқдори ҳуҷумкунандагонро намедонист, аммо ба назараш бисёр буданд. Ҳуҷумкунандагон фарёд зада, ба Исо имон доштани ӯро масхара мекарданд. Клои дуо карда, аз Худо илтиҷо менамуд, то ӯ ба вай қувват диҳад.**

Ҳар ҳафта Клои беш аз бист мил роҳро тай мекард, то дар Сепикаха ном деҳа мавъиза кунад. Гурӯҳи хурди масеҳиён ӯро шодбош мегуфт, аммо қисми зиёди сокинон мусулмон буданд. Ва ҳамонҳое ки ба доираҳои радикалии ҷангҷӯ тааллуқ доштанд, акнун воизро мезаданд.

Клоиро ба беморхона бурданд, ва он ҷо кӯшиш карданд захмҳои зиёди ӯро шифо диҳанд. Ҳангоме ходимони полис аз Клои пурсиданд, ки ӯро кӣ зад, ӯ гуфт, ки намедонад. Охир, ӯ чандин сол боз нобиност.

Баъди як ҳафтаи аз беморхона баромаданаш Клои боз дар Сепикаха буд. Ҳаёташро ба хатар мононда, вай ба одамоне ки намедид, мавъиза карданӣ буд. Чашмони вай нобино буданд, аммо дили Клои ҳама чизро равшан медид. Дили вай дар ин деҳаи хурд эҳтиёҷро ба Исо дид, масеҳиёни ҷавонро дид, ки дар имони худ нумӯ карданӣ буданд. Ҳафта паси ҳафта вай ба Сепикаха бармегардад. Як рӯзе дар осмонҳо вай чеҳраи одамонеро хоҳад дид, ки ҳоло дида наметавонад.

*Барои дидани дили шахси рӯҳан гумшуда биноии уқобро доштан шарт нест. Солҳои қарорҳои нодуруст одатан зуд намоёнанд — онҳо дар симоҳои хаста навишта шудаанд. Биноии рӯҳонӣ маънои бо „чашмон“-и дилатон диданро дорад, то ки эҳтиёҷи одамони дигарро бубинед. Ҳамааш ҳамин. Қобилияти пайхас намудан — қадами аввалинест барои дигаргун кардани ҳолати мавҷуда. Шумо чиро мебинед, ҳангоме ки ба чеҳраҳои одамони атроф назар меандозед? Ва оё умуман ба чеҳраҳои онҳо нигоҳ мекунед? Дар рӯзҳои мо бо тӯдаи одамон дар лифт, дар магазин, дар фурудгоҳ буда, ягон бор бо нигоҳи касе вонахӯрдан мумкин аст. Оё шумо одамонеро мебинед, ки ба Масеҳ эҳтиёҷ доранд? Оё чашмони рӯҳонии шумо омӯзонида шудаанд, то дар атрофатон одамони муҳтоҷро бубинед? Аз Худо хоҳиш кунед, ки биноии рӯҳониро дар шумо тараққӣ диҳад, то ки бубинед ва амал кунед.*

Ва чашмони дили шуморо
равшан созад, то шумо
бидонед, ки умеди даъвати
Ӯ аз чӣ иборат аст,
ва сарвати ҷалоли мероси
Ӯ барои муқаддасон
чӣ гуна аст.

*Эфсӯсиён 1:18*

# Масали фавқулодда

**Шарқи Наздик:** масал оиди се дарахт

**Боре дар ҷангал се дарахт қарор доданд оиди он дуо кунанд, ки на аз пирӣ бимиранд, балки барои ягон мақсади наҷиб истифода шаванд.**

Дарахти якум хост охур шавад, то ки чорвои хасташуда баъди рӯзи дарози меҳнат дар он хӯрок пайдо карда тавонад. Худо дарахтро барои чунин хоксориаш сарфароз гардонд. Он охури махсус гардид — ҳамоне ки Писари Навзоди Худоро дар он гузоштанд.

Дарахти дуюм оиди он дуо мекард, ки қаиқ шавад. Дуо иҷобат карда шуд, ва пас аз чанде қаиқ аз дарахти аълосифат мусофири махсусро паноҳ дод — Писари Худоро. Ин дарахт суханони Исоро шунид, ки ба тӯфон мегуфт: „Ором шав, бас кун“. Дарахт ба хулосае омад, ки азбаски вай шоҳиди чунин воқеа буд, ҳаёташ беҳуда нагузаштааст.

Дарахти сеюмро салиби калон — асбоби азоб карданд. Дар аввал дарахт аз ин гуна тақдир дилсард шуд. Боре ба ин салиб Исои Носириро мехкӯб карданд. Ҳайратовар, аммо дарахт, бар хилофи дарахтони дигар, на фарёдро шунид ва на нафринро. Салиб ба ҷои ин шунид, ки Писари Худо суханони муҳаббат ва омурзиши илоҳиро мегӯяд — суханоне ки ба роҳзани тавбакарда роҳи биҳиштро кушоданд.

Он гоҳ дарахт фаҳмид, ки нақши он дар маслуб кардани Исо наҷоти инсониятро таъмин намуд.

*Дар калисоҳои таъқибшавандаи Аврупои Шарқӣ масалро оиди се дарахт аксар вақт барои дастгирии онҳое ки барои имон азоб мекашанд, нақл мекарданд. Ин имондорон мебоист мақсадеро медиданд, ки аз боиси он онҳо азоб мекашанд. Аз афти кор, онҳо умеди зиёд доштанд, чун гуфтанд, ки тайёранд, то Худо онҳоро барои ҷалоли Худ истифода барад. Аммо уқубатҳо метавонистанд онҳоро аз нақшаи Худо канда кунанд. Азоби бесабаб ба ин нақша чӣ гуна дохил шуда метавонад? Аммо чун дарахте ки онро салиб карданд, онҳо фаҳмиданд, ки Худо онҳоро барои он шакл медиҳад, то нақшаи Ӯро дар ҳаёташон иҷро кунанд. Аз ин нуқтаи назар азобро на чун вайроншавии нақшаи Худо дар ҳаёти шумо, балки қисми ҷудонашавандаи наҷот фаҳмидан мумкин аст.*

> Ва на фақат бо ин,
> балки бо мусибатҳо низ
> меболем, зеро медонем,
> ки мусибат сабрро ба
> вуҷуд меоварад, ва сабр
> — ботаҷрибагиро, ва
> ботаҷрибагӣ — умедро, ва
> умед шарманда намекунад,
> чунки муҳаббати Худо дар
> дилҳои мо ба воситаи
> Рӯҳулқудс, ки ба мо ато
> шуд, ҷорӣ шудааст.
>
> *Румиён 5:3–5*

# Сустии фавқулодда

**Иттиҳоди шӯравӣ:** роҳибаҳои католикӣ

**„Ба ман фармуда шудааст, ки муқобилати шуморо бишканам“, — гуфт сардори лагер ба роҳибаҳои маҳбус. — „Ба муддати як ҳафта шуморо дар камераҳои якканишин монда, фақат обу нон медиҳем. Агар аз хурофотҳои худ рӯ нагардонед, тани як курта дар пеши тамоми лагер ба хунукии қаҳратун мебарорам“.**

Соли 1951 даҳ нафар роҳибаҳои католикии украинӣ ба лагер дар Сибир омаданд. Комендант онҳоро ҳамаҷиҳата таҳқир мекард, аз девори барак иконаҳоро канда, зери по мекард. Аммо роҳибаҳо бо фурӯтанӣ ба таҳқирҳо тоб меоварданд ва доимо дуо мекарданд. Онҳо аз маҳбусони дигар зоҳиран фарқ мекарданд: ҳамеша либосҳояшон тоза ва мӯйҳояшон шонакарда буд. Дар ин маҳал 5 конслагери бо симхор иҳоташуда буд. Ва дар ҳамаи онҳо оиди роҳибаҳо бо эҳтиром сухан мегуфтанд. Ҳангоме ки ҳаво 60 дараҷа хунук шуд, комендант таҳдиди худро баён кард. Роҳибаҳо ба аризаи аз имон даст кашидан имзо накарданд ва ба камераҳои якканишини хунук партофта шуданд. Баъди як ҳафта онҳоро тани як курта пойлуч ба ҳавлӣ бароварданд. Ду ҳазор маҳбус дар майдон ҷамъ оварда шуданд, то шоҳиди аз имон даст кашидан шаванд. Посбонон дар тан пӯстинҳои ғафс ва телпакҳо доштанд. Маҳбусон эътироз баён намуданд: „Ҷаллодон! Магар занҳои бечораро чунин азоб додан мумкин аст?“ „Инҳо на занҳо, балки агентҳои мутаассиби Ватикан ва миллатчигии украин ҳастанд! Ҳоло шумо мебинед, ки оё Худои онҳо пурқувват аст ё ҳокимияти пролетарӣ!“ Ба роҳибаҳои яхкардаистода мурочиат карда, вай гуфт: „Агар шумо худи ҳозир аризаро имзо накунед, баъди понздаҳ дақиқа ба яхпораҳо табдил меёбед“.

— Мо ин коғазро имзо намекунем. Виҷдони масеҳии мо иҷозат намедиҳад, ки ин корро кунем, — гуфт калонтари занҳо.

Он гоҳ комендант фармуд, ки сагҳоро сӯи онҳо сар диҳанд. Сагҳо аккосзанон ва ғурроскунон сӯи он занҳои қариб яхкарда давиданд. Ҳама аз даҳшат хомӯш шуданд. Роҳибаҳо дуо мекарданд. Банохост сагҳо якчанд қадам дуртар аз занҳо ба рӯи барф дароз кашиданд.

— „Мӯъҷизаи Худованд! Марг ба ҷаллодон!“ — фарёд заданд аз байни тӯдаи маҳбусон. Комендант аз ғазаб сап-сафед шуда, фармуд, ки сагҳоро бозгардонанд ва маҳбусонро ба баракҳо фиристанд.

*Имони масеҳӣ пур аз фикрҳо ва ақидаҳои маъмулӣ мебошад. Мурдан барои зинда мондан. Бохтан барои пирӯз шудан. Беқувват будан барои пурқувват будан. Дар асл, то даме ки мо омодаи қабул кардани мағлубиятҳои худ нашавем, қувваи Худоро ҳис карда наметавонем. Ҳангоме ки мо аз душвориҳо ва санҷишҳо мегузарем ва ҳатто шоҳиди азобҳои носазовори дигарон мешавем, ба қувваи Худо шубҳа карданро сар мекунем. Ин аксуламали табиии одамист, аммо Худо сустии одамии моро рад намекунад. Ӯ сустии моро бо қувваи Худ пурра мекунад. Аз ҳамин сабаб мо метавонем дар байни нокомиҳо шод бошем, зеро онҳо ба мо ёдрас мекунанд, ки қувваи одамӣ қудратмандии Худоро иваз карда наметавонад. Мо ноком шуда метавонем, аммо Худои мо пурқудрат мемонад. Шумо оиди сустиҳои худ чӣ медонед? Оё дар ин мисол дарк намудани қувваи Худоро меомӯзед?*

Вале [Худованд] ба ман гуфт: „Барои ту файзи Ман басанда аст, зеро ки қуввати Ман дар заъф комил мешавад“.

*2 Қӯринтиён 12:9*

# Хирадмандии фавқулодда

**Ерусалим:** риёзаткаши аввалин Стефанус

**Шоҳидон зидди ӯ шаҳодати бардурӯғ медоданд: „Мо шунидем, ки ин шахс беист зидди Шариати Худо сухан мегӯяд. Ӯ гуфт, ки Исои Носирӣ маъбадро вайрон мекунад ва ҳамаи анъанаҳоро, ки Мусо ба мо фамудааст, мепартояд“.**

Саркоҳини синедрион ба доваришаванда муроҷиат кард: „Ту барои сафед кардани худ чӣ мегӯӣ?“

Стефанус оромона бархост ва оҳанги суханаш дигаргун шуд: „Эй онҳое ки чун падарони худ ба Рӯҳулқудс мухолифат мекунед! Кадоме аз пайғамбаронро онҳо таъқиб накардаанд? Онҳо касонеро куштанд, ки аз омадани Он Одил пешакӣ хабар дода буданд, ва алҳол шумо худи ӯро таслим кардед ва ба қатл расондед! Фариштагон шариатро ба шумо оварданд, аммо шумо онро нигоҳ надоштед, беҳуда сарф намудед!“ Дар ҷавоб садоҳои эътироз ва нафринҳо баланд шуданд, аммо Стефанус аз ин ботнаистод. ӯ ба осмон нигариста гуфт: „Инак, осмонро кушода ва Писари Одамро ба ямини Худо истода мебинам!“ Онҳо гӯшҳои худро бо дастонашон маҳкам карданд ва ӯро тела дода, аз шаҳр берун карданд. Яке аз фарисиён, ки Шоул ном дошт, либосҳои дигаронро ҷамъ кард, то ки бо хуни Стефанус доғдор нашаванд.

Ҳангоме ки сангҳо бар Стефанус партофта мешуданд, ӯ нидо кард: „Худованд Исо, ҳаёти маро бигир!“ Сипас зону зад ва бо овози шунаво дуо кард, то ки ҳама бишнаванд: „Худовандо! Ин гуноҳро ба ҳисоби онҳо дохил накун“. Ин суханони охирини ӯ буданд. Баъд ӯ мурд.

Аз Китоби Аъмол 6:11–7:60 мутобиқ кунонида шудааст.

*Дар вазъияти мушкил осудагиро нигоҳ доштан — чораи оқилонатарин аст. Моро аз мувозинат берун кардан осон аст: кофист, ки касе дар роҳи мошингард мошини моро қариб ба садама дучор кунад, дар донишкада баҳои бад гирем ё дар ҷои кор сарзаниши сардорро шунавем. Аммо, барои дар вазъиятҳои беандоза мушкил роҳро ёфтан хиради илоҳӣ даркор аст. Ба шаҳодати бардурӯғ ва хатари марг рӯ ба рӯ шуда, ходими калисои аввалин Стефанус хирадмандии ҳақиқӣ зоҳир намуд. Вай дар ҷавоб лаънату нафрин нахонд ва айбдоркунандагони худро таҳқир накард. Вай фақат ҳамон ҳақиқатеро, ки медонист, баён кард, ҳақиқатеро, ки фарисиён ба он бовар кардан намехостанд: Исо Писари Худост. Худи ҳамон Исо, ки Стефанусро баъди марг қабул кард, шуморо низ, ҳангоми ба шумо даркор шудани хираде ки фақат аз Худо бармеояд, қабул мекунад.*

Ва агар касе аз шумо аз ҳикмат камӣ дошта бошад, бигзор талаб кунад аз Худое ки ба ҳама бо саховат ва бе сарзаниш ато менамояд, — ва ба вай ато хоҳад шуд.

*Яъқуб 1:5*

**Ман то дами мурдан мавъиза хоҳам кард.**

Шубон Ли Дэсян — шубони хитоии калисои хонагӣ, ки ӯро барои бе иҷозати ҳукуматдорон мавъиза карданаш беш аз бист бор ҳабс кардаанд.



# Мактубҳои фавқулодда – қисми якум

**Русия; Мария**

„Падар ва модари азиз!
Шуморо бо муҳаббати Масеҳ шодбош мегӯям. Ҳама корҳоям хуб аст ва ман дар худ баракати калонро ҳис мекунам. Яке аз ҳамсинфонам, Варя, узви комсомол аст. Ман ба вай шаҳодат додам, ва ба фикрам, ниҳоят сӯи вай роҳ кушода истодаам. Ба наздикӣ вай гуфт: «Ман туро тамоман фаҳмида наметавонам. Бисёр талабагон туро масхара мекунанд ва меранҷонанд, аммо ту ба ҳар ҳол онҳоро дӯст медорӣ».

Ман гуфтам, ки Худо моро таълим медиҳад, то ҳамаро дӯст дорем, на танҳо онҳоеро ки бо мо хуб муносибат мекунанд, балки онҳоеро низ, ки бо мо муносибати бад доранд — то ки онҳо дар мо Худоро дида тавонанд. Варя яке аз онҳое буд, ки бар ман механдид ва масхара мекард, аммо аз ин сабаб ман дар ҳаққи ӯ боз бештар дуо кардам.

Имрӯз ӯ назди ман омада, пурсид, ки оё ман ӯро низ ҳақиқатан дӯст дошта метавонам? Мо ҳамдигарро ба оғӯш гирифта, ҳар ду гиристем. Ба фикрам, ӯ ба қабул намудани Масеҳ хеле наздик аст. Илтимос, барояш дуо кунед.

Ҳангоме бо овози баланд Худоро рад кардани одамонро мешунавӣ, чунин метобад, ки онҳо дар ҳақиқат чунин ақида доранд. Аммо ҳаёт нишон медиҳад, ки дар асл дар дили бисёрии онҳо азоби сахтест. Шунида мешавад, ки дили онҳо фиғон мекунад; онҳо чизеро меҷӯянд ва холигии даруниро бо беҳудой пӯшониданӣ мешаванд.

Ман ба зудӣ боз мактуб менависам. Ба ҳамаи хонагиҳо расонед, ки ман онҳоро дӯст медорам.
Мария“.

*Худо одамонро бо фазои рӯҳонии дарунӣ офарид, то ки фақат ӯ онҳоро пурра ба анҷом расонида тавонад. Ҳангоме мо одамеро вомехӯрем, ки ба масеҳият муносибати душманона дорад, ба худ ёдрас карда метавонем, ки дар ҳаёти ӯ эҳтиёҷи азиме вуҷуд дорад. Холигии сандуқи синаи душманони худро тасаввур кунед — бадани бе дил. Ин холигии дарунӣ бисёр одамонро водор мекунад, ки ба ҷустуҷӯи рӯҳонӣ қадам гузоранд. Онҳо ё имонро пайдо мекунанд, ва пешниҳоди Масеҳро оиди пур кардани холигӣ қабул мекунанд, ё Масеҳро рад карда ба талхкомӣ фурӯ мераванд. Аксар вақт ҳузури масеҳиён ба радкунандагони Масеҳ он чизеро ёдрас мекунад, ки дар ҳаёташон аз даст медиҳанд Онҳо шахсан аз худи шумо хафа нестанд. Онҳо аз он чи шумо таҷассум мекунед, хафа ҳастанд.*

Зеро бисёр касон, ки дар бораи онҳо ба шумо борҳо гуфтаам, ва ҳоло низ бо гиря мегӯям, ҳамчун душманони салиби Масеҳ рафтор мекунанд.

*Филиппиён 3:18*

# Мактубҳои фавқулодда – қисми дуюм

**Русия:** Мария

„Падар ва модари азиз!
Дар мактуби охирин ман ба шумо оиди духтараки атеист Варя гуфта будам. Акнун ман бо хурсандӣ хабари хурсандибахшро ба шумо мерасонам: Варя Масеҳро қабул кард! Вай хеле дигаргун шудааст, ва акнун ба ҳама ошкоро шаҳодат медиҳад!

Ҳангоме ки Варя имон овард, дар дохил ҳанӯз айби худро ҳис мекард. Ман фикр мекунам, ки ӯ аз боиси он худро чунин бад ҳис мекард, ки ба набудани Худо бовар менамуд ва ба дигарон низ инро мегуфт. Ӯ чунин меҳисобид, ки барои ин бояд азоб кашад ва музди онро пардохт намояд.

Мо якҷоя ба маҷлиси бехудоён рафтем (маҷлиси комсомолӣ). Ман ӯро огоҳ намудам, ки худдорӣ намояд, аммо ин бефоида буд. Варя суруди комсомолиро хондан нахост ва пеш баромада ба аҳли маҷлиси комсомолӣ мурочиат намуд. Ӯ нотарсона ба ҳама гуфт, ки Масеҳро чун Наҷоткори худ қабул кардааст!

Ӯ аз ҳама хоҳиш мекард, ки роҳи гуноҳро тарк карда, назди Масеҳ оянд. Дар толор хомӯшӣ ҳукмфармо шуд. Варя гапашро тамом карда, суруди қадимии «Ман аз пайравӣ намудани Масеҳ шарм намедорам»-ро бо овози хуши худ сароид. Ман фақат ноилоҷ мушоҳида менамудам, ки ӯро аз зал берун мебурданд. Имрӯз 9-уми май аст, ва мо оиди ӯ чизе намедонем. Илтимос, дуо кунед!
Мария“.

*Дар навбати аввал, дар ҳаққи душманони калонтарини масеҳият бояд дуо кард. Воқеаи Шоули Тарсусӣ тасдиқ мекунад, ки ҳар душмани собиқ метавонад ҳимоятгари барҷастаи Масеҳ шавад. Аммо, бе дуо ин имконият фақат чун тахмин боқӣ мемонад. Ба ҷои аз душманони худ тарсидан ва нафрат кардан мо бояд дар ҳаққи он шахсоне дар ҷамъят, дар кишвар ва дар тамоми ҷаҳон, ки ба Масеҳ мухолифат мекунанд, дуо кунем. Ҳар боре ки мо дар ҳаққи беимонон дуо мекунем, ҳатто дар ҳаққи атеистон, мо пешбинӣ карда метавонем, ки агар қувваи онҳоро на бар зидди Масеҳ, балки сӯи Ӯ равона кунем, чӣ мешавад. Онҳо метавонанд башоратдиҳандагони нав шуда, шаҳодати пурқудрати файзи Худоро мавъиза кунанд. Ҳеҷ як душмани мо аз Масеҳ пурқувваттар нест, ва дуо онҳоро дар мавқеи нишонрас нигоҳ медорад.*

Пас, касе ки дар Масеҳ аст, махлуқи навест; чизҳои қадима гузаштааст, ва инак ҳама чиз нав шудааст.

*2 Қӯринтиён 5:17*

# Мактубҳои фавқулодда – қисми сеюм

**Русия:** Мария

„Падар ва модари азиз!
Дирӯз, 2-юми август, ман дар ҳабсхона бо Варя гап зада тавонистам. Вай хароб шуда, рангаш сап-сафед шуда буд, аммо чашмонаш аз осоиштагии Худо ва шодии осмонӣ медурахшиданд.

Ҳангоме ки дар бораи вай фикр мекунам, дилам аз андӯҳ пур мешавад. Вай ҳамагӣ 19-сола аст. Вай чун имондор ҳанӯз кӯдак аст, аммо Худовандро бо ҷону дил дӯст медорад ва қарор дод, ки аз худи аввал роҳи душвортаринро пеш гирад.

Илтимос, дар ҳаққи вай дуо кунед. Тамоми чизҳои вайро, ғайр аз куртаи танаш, кашида гирифтанд. Мо либос ҷамъ карда барояш фиристодем, аммо боварӣ надорам, ки ҳама чизҳои фиристодамон то ба вай рафта мерасанд. Ҳангоме ман аз Варя пурсидам, ки оё вай аз кори кардааш пушаймон нест, вай гуфт: «Не, ва агар маро озод кунанд, бори дигар ин корро мекунам. Фикр накунед, ки ман азоб мекашам. Ман шодам, ки Худо маро чунин дӯст медорад ва имкон медиҳад, ки ба хотири номи Ӯ азоб кашам».

Ман Худоро барои он шукр мегӯям, ки мо осоиштагӣ дорем, то инро фаҳмем. Агар мо дар Масеҳ бошем, ҳеҷ гуна азобҳо ё мусибатҳо моро нигоҳ дошта наметавонанд. Ман фақат метавонам дуо кунам, ки агар дар ҷои вай бошам, имони ман ҳамин гуна қавӣ бошад.

Мо акнун фикр мекунем, ки Варяро барои баромадаш дар маҷлис, ки тарғиботи зидди шӯравӣ ҳисобида шудааст, ба лагери меҳнатӣ-ислоҳотӣ ба Сибир мефиристанд. Ман боварӣ дорам, ки Худо ба вай қувват медиҳад, то ба ҳамааш тоб оварад.
Марияи шумо“.

*Масеҳият мусобиқаи давидан ба масофаи сад метр нест. Он марафони санҷиши тобоварист. Навишта моро таълим медиҳад, ки баъзан мо чун уқобон парвоз мекунем, ва душворӣ ҳис намекунем. Аммо дар ҳаёт лаҳзаҳое ҳастанд, ки моро роҳи дур ва торик дар пеш аст. Дар чунин лаҳзаҳо хуб аст, агар мо фақат роҳ меравем ва хаста намешавем, то ки қувваи нав пайдо кунем Ин маҷоз таъқиботро хеле хуб тасвир мекунад. Ҳангоми таъқибот мо фақат онро меомӯзем, ки қадами навбатиро гузорем ва таслим нашавем. Ба ҳамааш тоб овардан — пирӯзии бузургест барои ҷалоли Худо. Агар шумо гирифтори таъқиботе бошед, ки бароятон нофаҳмост — тоб оваред ва таслим нашавед. Рӯз ба рӯз шумо пурқувваттар мешавед, баъзан ҳатто инро дарк накарда ҳам. Ба зудӣ шумо боз парвоз хоҳед кард.*

> Валекин умедворони Худованд қуввати тоза пайдо мекунанд, мисли уқобон бол меафшонанд, медаванд ва бемаҷол намегарданд, қадам мезананд ва хаста намешаванд.
>
> *Ишаъё 40:31*

# Мактубҳои фавқулодда — қисми чорум

**Русия:** Варя

„Марияи азиз!
Ниҳоят ман метавонам ба ту мактуб нависам. Мо ба лагери нав омадем, ки аз шаҳр дар масофаи 10 километр аст. Ман ҳаёти ин ҷоро тасвир карда наметавонам, аммо Худоро шукр мегӯям, ки ба кадри кофӣ саломат ҳастам ва кор карда метавонам.

Маро дар корхонаи механикӣ ҳамроҳи як хоҳари дигар, ки хеле бемор аст, ба кор гузоштанд. Ман бояд барои ҳар дуямон кор кунам, вагарна ҳар дуи моро якҷоя ҷазо медиҳанд. Мо 12–13 соат кор мекунем, хӯрок бошад хеле кам аст. Аммо ман шикоят карданӣ нестам.

Ман ба ту гуфтанӣ будам, ки Худоро барои он шукр мегӯям, ки туро истифода бурд, то маро назди Масеҳ оварад. Бори аввал ман ҳис мекунам, ки ҳаёти ман мақсад дорад, ва ман медонам, ки ба хотири кӣ азоб мекашам. Ман хоҳиши азиме дорам, ки дар ин ҷо ба ҳама оиди шодии бузурги наҷот нақл кунам.

Дар коргоҳ маро доимо сарзаниш мекунанд, ки ҳамеша гап мезанам. Чӣ гуна ором бошам? То даме ки сухан гуфта метавонам, ман оиди муҳаббати бузурги ӯ шаҳодат хоҳам дод.

Ин ҷо имондорон бисёранд. Боре мо дар саҳро назди дарё ҳамроҳи мардон кор мекардем, ва имкон ёфтем, ки маросими таъмидро гузаронем. Шубони маҳбус ман ва боз ҳафт бародарро таъмид дод. Ман ин лаҳзаи мӯъҷизаосоро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам! Илтимос, барои ман гиря накун. Мақсади ман дар ин ҷо равшан аст, ва имони ман мустаҳкам мебошад.
Бо муҳаббат, Варяи ту“.

*Касе инро тақдир меномад. Касе — қисмат. Ҳар тавре ки бошад, бисёрии одамон худро ба ягон мақсад бахшидан мехоҳанд. Ин ба масеҳиён чун „даъват“ маълум аст — мақсади Худо барои ҳаёти онҳо. Ҳангоме ки мо мақсади Худоро дар ҳаёти худ ба ҷо меоварем, қисми умумияти хеле калонтар мешавем. Барои мо донистани он кофист, ки ҳар кори мекардаамон ва ҳар ҳодисаи бо мо рух медода боиси пешрафти бештари башорат оиди Исои Масеҳ мегардад. Мо бо ҳам алоқамандем. Фоиданок ҳастем. Бори аввал дар ҳаётамон, новобаста ба шароит, мо ҳис мекунем, ки ба чизе ҳиссагузор ҳастем, ки аз мо бузургтар аст. Шахсеро ки дар назди худ чунин мақсад гузоштааст, ҳеҷ чиз мағлуб карда наметавонад. Ба фикри шумо, мақсади бузургтар дар ҳаётатон кадом аст?*

Эй бародарон, мехоҳам шумо бидонед, ки саргузашти ман боиси пешрафти зиёдтари башорат гардидааст.

*Филиппиён 1:12*

# Мактубҳои фавқулодда – қисми панҷум

**Русия:** Варя

„Марияи азизи ман!
Ниҳоят ман имкон ёфтам, ки боз ба ту мактуб нависам. Ман шодам ба ту хабар расонам, ки хоҳари бемор акнун худро беҳтар ҳис мекунад. Моро ба лагери дигар гузаронданд.

Дар мактуби охирини худ ман ба ту оиди таъмид гирифтанам навиштам. Аммо ман ҳеҷ гоҳ барои он мавридҳое ки пеш аз масеҳӣ шуданам ба ту бадӣ карда будам, бахшиш напурсидаам. Фақат ба шарофати омурзиши меҳрубононаат ман акнун масеҳӣ ҳастам. Илтимос, маро бубахш.

Боз ман мехоҳам ба ту барои ҳамаи он чи бароям мефиристӣ, ташаккур гӯям. Барои Библия ба ту ташаккури зиёд мегӯям. Аз он вақте ки Худованд ба ман сирри амиқи муҳаббати Худро кушод, ман худро шахси хушбахттарин меҳисобам. Ман азобҳоеро, ки аз сар гузаронданам лозим омад, марҳамати махсус меҳисобам. Ман шодам, ки Худо ба ман имконияти хуби барояш азоб кашиданро дод.

Илтимос, бароям дуо кун, ки ман то ба охир вафодор монам. Бигузор ҳамаи шуморо Худованд дар паноҳаш нигоҳ дорад ва барои муҳориба қавӣ гардонад. Оиди мо ғам нахӯред. Мо аз он шодем ва хушбахтем, ки дар осмон мукофоти мо азим аст!
Варяи ту“.

То ки Ӯро, ва қуввати эҳёи Ӯро ва ширкати уқубатҳои Ӯро дарк намоям, ва дар мамоти Ӯ ба Ӯ монанд шавам.

*Филиппиён 3:10*

*Пас аз ин оиди Варя касе чизе нашунид, аммо муҳаббати вай ва шаҳодаташ оиди Масеҳ фаромӯш нашуд. Эҳтимол, ҳукуматдорон, ки духтаракро барои имонаш ба ҳабсхона партофтанд, шамъи зиндагии ӯро хомӯш карданд. Аммо мероси вай дар дилҳои онҳое ки воқеаи ӯро медонанд, шӯълавар аст. Ҳаёти вай далели раднашавандае медиҳад, ки дар азобҳо чӣ дӯстии пурқуввате тавлид мешавад. Азобҳо барои Масеҳ моро бештар аз ҳама чизи дигар ба Ӯ наздик мекунанд. Библия ин иштирокро дар азобҳои Масеҳ таассуроти инсонии дараҷаи истисноӣ меномад. Наздикшавиро ба Масеҳ беҳтар аз ҳама ба воситаи азобҳо мефаҳмӣ, ҳангоме ки худат онро эҳсос менамоӣ. Оё шумо дар таҷрибаи худ боварӣ ҳосил кардаед, ки азобҳоятон шуморо ба Масеҳ наздиктар кардаанд? Ин чӣ гуна ба амал омад?*

# Пайҳои фавқулодда

**Судон; шубон Иеремия Логара**

**Иеремия Логара ҳеҷ гоҳ ақиб наменишаст, вай ҳамеша суботкорона ба пеш мерафт. Аскарони мусулмон шаш писарро аз калисои ӯ ҳабс карда, дар ҷосусӣ айбдор карданд. Ҳангоме ки Иеремия, шубони онҳо, фаҳмонданӣ шуд, ки писаракон на ҷосус, балки масеҳиянд, ӯро низ ҳабс карданд.**

Аскарони мусулмон дастону пойҳои шубон Логарааро баста, дар баландии чор фут овезон карданд. Ӯро бо қамчин мезаданд, ба сандуқи синааш муми гудохтаро мерехтанд. Вай дуои Исоро дар боғ ба ёд овард. Вай дуо мекард: „Худоё, агар хости Ту ҳамин бошад, ки ман имрӯз бимирам, бигузор он иҷро шавад“. Агар дар пеши назари шогирдони ҷавон шикаста мешуд, кори нобахшидание мебуд.

Аммо хости Худо ин буд, ки вай чун шаҳодат барои ин писаракон зинда монад. Ӯро сар доданд. Аммо писараконро дар ҳабс нигоҳ доштанд. Шубон Логара чунин меҳисобад, ки писараконро ба аскарӣ додаанд.

Ин воқеаро нақл карда, шубон ба ёд овард: „Ман оиди марги Исо фикр мекардам. Охир, ӯ барои тамоми ҷаҳон мурд. Ман фикр мекардам, ки марги ман метавонад қисми наҷоти ин писаракон шавад, зеро ман ба намунаи Худованди худ пайравӣ намудам. Ман дуо мекунам, ки намунаи ба хотири онҳо азоб кашидани ман ба онҳо ёрӣ диҳад, ки ба Худо вафодор бимонанд“.

*Волидони худро тақлид кардан, онҳоро пайравӣ кардан ба кӯдакон хеле маъқул аст. Дар канори дарё онҳо қадамҳояшонро дароз кашидан мехоҳанд, то ки бо пойҳои хурдашон ба пайҳои қадамҳои падару модар расанд. Роҳи онҳо ба ҳар ҷое ки барад, кӯдакон бо зудбоварӣ онро такрор мекунанд. Айнан ҳамин тавр, пайҳои қадамҳои Исо метавонанд моро бо роҳи душвор баранд. Мо метавонем аз пайи Ӯ аз чунин санҷишҳо ва душвориҳо гузарем, ки худамон онҳоро ҳеҷ гоҳ интихоб намекардем. Аммо агар мо қарор додем, ки Исоро пайравӣ кунем, метавонем барои фарзандонамон ва ба одамони дигар намунаи аниқ ва равшан диҳем. Роҳе ки мо интихоб мекунем, аҳамияти калон дорад. Шумо дар аҳлҳои атрофиён кадом пайҳоро мегузоред?*

Касе гӯяд, ки дар ӯ собит мемонад, вай бояд тавре рафтор кунад, ки ӯ рафтор мекард.

*1 Юҳанно 2:6*

**Худоё, ман хоҳиш намекунам, ки ҳаёти маро осонтар бикунӣ. Ман хоҳиш мекунам, ки маро боқувваттар намоӣ.**

Писараки яҳудӣ, ки дар вайронаҳои геттои зеру забаршудаи яҳудиён дар Лаҳистон (Полӯша) ёфт шудааст.



# Ҷойҳои Фавқулодда

**Румыния:** шубон Ричард Вурмбранд

**Ричард Вурмбранд, шубони румынӣ, ки дар ҳабсхонаҳо 14 сол азоб кашидааст, боре воқеаеро нақл кард, ки аз ҳамроҳони маҳбусаш шунида буд. Он ба вай ёрӣ дод, ки санҷишҳои пуразобро паси сар кунад. Бародар ба вай нақл кард:**

„Боре ман ба сирк даромадам ва шоҳиди воқеаи ҳайратовар шудам. Тирандоз шамъро ба болои сари занаш гузошт. Сипас вай аз маркази саҳна рафт ва аз масофаи хеле дур тир андохта, шамъро аз болои сари зан зада афтонд.

Ҳангоме ки намоиш ба анҷом расид, ман ба назди зан омада пурсидам, ки оё вай наметарсид, ки тир ба вай расида метавонад. Зан ҷавоб дод; «Чаро ман битарсам? Вай шамъро ба нишон гирифта буд, на маро».“

Ҳангоме ки шубон Вурмбранд ин воқеаро шунид, фикр кард: „Чаро ман бояд аз шиканҷаҳо битарсам? Онҳо на маро ба нишон гирифтаанд. Онҳо метавонанд ҷисми маро захмдор кунанд, аммо моҳияти ҳақиқии ман Масеҳ аст, ки дар даруни ман аст. Ман ҳамроҳи Масеҳ дар осмон нишонда шудаам, бинобар ин онҳо ба мани ҳақиқӣ даст расонда наметавонанд. Аз ҳамин ҷои ғайриоддӣ ман метавонам ба поён нигариста, беҳудагии кӯшишҳои онҳоро бубинам“.

Шубон Вурмбранд солҳои азобҳоро паси сар кард ва борҳо марги вай наздик буд, аммо ин дарси содда ба вай ёрӣ дод. Вай ҳатто рӯҳан нумӯ мекард, зеро боварӣ дошт, ки бо ҷисмаш ҳар ҳодисае рӯй диҳад ҳам, барояш дар назди Исо ҷой муҳайё карда шудааст.

*Ҳатто таъқиботи дардноктарин ҳудуди худро дорад. На азобҳои ҷисмонӣ, на ҷароҳати рӯҳӣ наметавонанд қисми амиқтарини моро нобуд кунанд. Он чи мо дар дарун дорем — қисми пурқиматтарини мо — ҷони мост. Рӯҳи Масеҳ дар ҳар яки мо сокин аст ва ҷонҳои моро аз ҳар гуна ҷароҳатҳои эҳсосотӣ ва ҷисмонӣ ҳимоя мекунад. Ҳақиқатан, душманони мо метавонанд моро зананд ва ҳатто бикушанд. Аммо ҳангоме ки душманонамон ба мо даст мебардоранд, дар асл ба номи Масеҳ — ба Оне ки дар дохили мо сокин аст, даст мебардоранд. Ӯ бошад наметавонад бори дигар бимирад. Агарчи ба назар чунин тобида метавонад, ки таъқибот шахсан ба шумо дахл доранд, дар асл ин фақат қисми манзараи умумист. Мо метавонем ба муҳориба ҷалб карда шавем, аммо ин муҳорибаи бузург байни некӣ ва бадист*

Хушо шумо, вақте ки шуморо ба хотири Ман дашном диҳанд ва таъқиб намоянд ва барноҳақ ҳар навъ ғайбат кунанд.

*Матто 5:11*

# Болҳои фавқулодда

**Иттиҳоди Шӯравӣ:** кӯзапушт

**„Ман бисёр солҳоро дар лагери шӯравӣ гузарондаам“, — сар кард ӯ мактуби худро. Матн бо диққат навишта шуда буд, аммо ба ҳар ҳол даст андаке меларзид, ки ин нишонаи пирӣ ва солҳои дар ҳабсхона гузаронидашуда буд.**

„Дар лагер ман маҷбур будам дар зери замин, дар шахта кор кунам. Ин меҳнати вазнин буд, посбонон бошанд на раҳм доштанд ва на инсоф. Китфи ман ҷароҳат ёфт, ва аз ҳамон вақт ман кӯзапушт шудам“.

„Боре“, — менавишт вай дар мактубаш, — „ман бо писараке вохӯрдам, ки чашм наканда ба ман менигарист“. „Амак“, — пурсид вай аз ман, — „дар китфи шумо чист?“

Ман боварӣ доштам, ки вай маро масхара хоҳад кард, аммо ҷавоб додам: „Кӯзапуштӣ“.

Писарак табассуми гарме кард. „Не“, — гуфт вай. — „Худо муҳаббат аст. Ӯ ҳеҷ касро маъюб намекунад. Шумо на кӯзапуштӣ, балки борхалтае доред, ки дар он болҳои фаришта пинҳон аст. Ягон вақт он кушода мешавад, ва шумо бо болҳои фаришта ба осмон парвоз хоҳед кард“.

„Ман аз шодӣ гиристам. Ҳатто акнун, ки ба шумо мактуб менависам, гиря мекунам“, — мактуб бо ҳамин суханон тамом мешуд.

Бисёр масеҳиёни таъқибшаванда дар бадани худ нишонаҳои азобҳои худро доранд. Баъзан Худоро лозим меояд, ки ҳатто бо овози кӯдаки бегуноҳ баракатҳои дар зери ин захмҳо ниҳонро ба ёди онҳо оварад.

*Танҳо як ёдраскунанда оиди осмон ҳаст. Исо ҳатто дар ҷисми эҳёшудаи ҷалоли Худ пайи захмҳои таъқиботро дорад. Ба зудӣ баъди эҳё шуданаш Исо пайи захмҳои худро ба шогирдонаш нишон дод. Тумо ба пайи захмҳо дар бадани Ӯ даст расонд. Ягон вақт дастони Ӯ, ки пайи мехҳоро доранд, моро низ ҳангоми ба осмон омаданамон ба оғӯш мегиранд. Онҳо ёдраскунии дӯстдоронаи баракатҳое хоҳанд буд, ки ба шарофати азобҳои Ӯ имконпазир шудаанд. Аммо пайи захмҳои ҳаёти душворамон аз бадани нави осмонии мо пок карда мешаванд. Онҳое ки азобҳо, таҳқирҳо ва беадолатиро ба хотири Ӯ аз сар гузарондаанд, ҳар як пайи захми худро ба баракатҳои ганитарини Худо иваз хоҳанд намуд.*

Дар эҳёи мурдагон низ ҳамин тавр аст: дар фано кошта мешавад, дар бефаной бармехезад.

*1 Қӯринтиён 15:42*

фавқулодда

# Бозгашти фавқулодда

**Хитой:** шубон Ван Мин-Тао

**„Ман ба ин роҳ намедиҳам“, — гуфт шубон Ван Мин-Тао ба аскарони японӣ. — „Ман роҳ намедиҳам, ки сурати император дар калисои ман овезон карда шавад“.**

Японҳо исрор нанамуданд, аммо пас аз чанд сол ба сари ҳокимият коммунистон омаданд ва аз шубон Ван талаб карданд, ки сурати Маоро дар калисо овезон кунад.

„Дар калисои ман ҳатто сурати Исо нест“, — гуфт шубон. — „Ман сурати императорро овезон накардам, сурати Маоро низ овезон намекунам“.

Ван дар соли 1955 ҳабс карда шуд ва ба санҷишҳои сахт ва „шустушӯи мағзҳо“ дучор гардид. Аз шиканҷаҳо беҳол гардида, вай ниҳоят ба „ҷиноятҳо“-яш бар зидди Ҷумҳурии Халқии Хитой „иқрор шуд“. Ӯро доварӣ накарданд. Онҳо бо иқроршавии ӯ қонеъ гардида, аз ҳабс озод карданд. Аммо дар озодӣ шубон осудагӣ пайдо карда натавонист. Ӯ ба худ гуфт: „Ман Яҳудо ҳастам, ман чун Петрус ҳастам, ки аз Масеҳ даст кашид“. Ниҳоят ӯ боз ба идораи полиси махфӣ рафт.

„Ман аз иқроршавии худ даст мекашам“, — гуфт ӯ ба ходимони полис. — „Бо ман ҳар чи хоҳед, кунед“.

На фақат шубонро, балки занашро низ ба ҳабсхона шинонданд. Ван Мин-Тао дар ҳабсхона мурд. Гуноҳи ӯ танҳо ҳамин буд, ки Наҷотдиҳандаи худро дӯст медошт.

*Кӣ намехоҳад чун Петрус ҷасур бошад ва бо шамшер ба онҳое ки барои ҳабс кардани Масеҳ омада буданд, дарафтад. Аммо, ба ҳар ҳол, кадоме аз мо чун Петрус суст нест, ки қариб дар ҳамон вақт, аз машаққатҳо тарсида, Масеҳро инкор кард? Худо моро барои сустиҳои инсониямон сарзаниш намекунад. Ӯ сустиҳои моро гирифта, ҳамроҳи мо кор мекунад, то даме ки мо аз нав қавӣ гардем. Айнан ҳамон тавре ки Худо Петрус ва Ван Мин-Тао барин имондоронро ба сӯи имон бозгардонд, Ӯ метавонад ба мо мардонагии матини моро низ бозгардонад. Шояд, хотираи мавриде ки ба ҳимояи Масеҳ барнахестед, шуморо ноором мекунад? Аз Худо хоҳиш кунед, ки шуморо имрӯз барқарор намояд. Ӯ фавран шуморо баҳри мавриди дигаре ки бароятон мардонагӣ даркор мешавад, омода карданро сар мекунад.*

…сӯи Худованд Худои худ руҷӯъ намоед; зеро ки Ӯ карим ва раҳим, собир ва пур аз эҳсон аст.

*Юил 2:13*



Рӯзи

# Ҷаҳонбинии фавқулодда

**Румыния:** Флоря

**„Худовандамон ба мо фармудааст, ки рӯзи шанберо дар хотир дорем ва онро тақдис намоем“, — оромона гуфт Флоря ба посбонон. — „Ман дар ин рӯз кор намекунам“.**

Маҳбусонро маҷбур мекарданд, ки ҳар рӯз кор кунанд, аммо Флоря рӯзҳои шанбе кор карданро рад мекард. Барои рад карданаш посбонҳо ӯро мезаданд. Дастону пойҳои Флоря аз кор монданд. Вай фақат сарашро ҷунбонда метавонист. Бо вуҷуди ин ӯро дар баробари дигар маҳбусони сиҳат дар ҳабсхона нигоҳ медоштанд.

Ҳангоме ки маҳбусони дигар аз вазнинии зиндагӣ шикоят мекарданд, Флоря онҳоро дилбардорӣ мекард. Ӯ мегуфт: „Ҷаҳонбинӣ бад аст. «Осмонбинӣ»-ро таҷриба карда бинед“. Ва на фақат ман чунин меҳисобам. Ҳангоме ки риёзаткаши аввалин — Стефанусро сангсор мекарданд, ӯ ба осмон нигарист ва Исоро дар ямини Худо нишаста дид. Ин ӯро осуда кард. Осмон шуморо низ осуда мекунад“. Флоря маҳбусони дигарро даъват мекард, ки ба ҷаҳоне ки онҳоро ба чунин вазъияти бад гирифтор кардааст, нанигаранд, балки ба осмон, ба Исо нигаранд.

Ричард Вурмбранд яке аз маҳбусоне буд, ки ҳамроҳи Флоря дар ҳабсхона буданд. Вай ба озодӣ баромада, писари 9-солаи Флоряро ёфт. Вурмбранд ба писарбача накл кард, ки падари ӯ барои дигар маҳбусон чӣ баракате буд.

Писарак табассум кард ва гуфт: „Ман низ меҳоҳам чун падарам азоб кашам ва пайравони Масеҳро дастгирӣ кунам“.

*Масеҳӣ дар ҳаёт имтиёз ва ё мавқеи махсусе надорад. Ӯ метавонад хонаи хуб, оилаи хуб, саломатии хуб дошта бошад. Аммо шароитҳои ҳузнангези ҳаётӣ низ буда метавонанд. Аммо масеҳӣ шахсест, ки нисбати ҳама гуна шароитҳо муносибати муайян дорад. Шароитҳо ҳар хеле ки бошанд, ҳама чиз ба нуқтаи назари шахс вобаста аст. Нуқтаи назари осмонӣ ҳамон аст, ки одам дар миёни ҳама гуна санҷишҳо тамоми диққаташро сӯи Худо менигаронад. Агар мо фақат ба мушкилоти заминии худ диққат диҳем, ин моро аз ҷаҳонбинии осмонӣ дур мекунад. Мо зери бори вазнин мемонем. Умедро гум мекунем. Баръакс, нигоҳи илоҳӣ ба мушкилоти мо бароямон бовариеро медиҳад, ки ҳамаи ин амали Худост. Мо дар рӯ ба рӯи Худо осуда мешавем, ва интизор мешавем, то бубинем, ки Ӯ мушкилоти моро ҳал мекунад. Оё ҳоло дар ҳаёти шумо ягон санҷише ҳаст? Шумо диққати худро ба чӣ равона кардаед? Аз Худо талаб кунед, ки самти энергияи шуморо тағйир диҳад, то назари худро берун аз мушкилоти худ равона намоед ва дар наздатон ҳузур доштани Худоро ҳис кунед.*

Зеро дар шумо низ бояд
айнан ҳамон ҳиссиёт бошад,
ки дар Исои Масеҳ буд.

*Филиппиён 2:5*

# Занҷирҳои фавқулодда

**Куба:** масеҳии маҳбус

**„Ба ариза имзо кун!“ — фарёд зад афсар, ва қаламро ба дасти маҳбус дод. — „Ба ариза имзо кун!“**

Аризае ки дар назди маҳбус меистод, бар зидди масеҳиёни дигар айбдоркуниҳо дошт. Барои ҳабс кардани дигарон ба ҳукуматдорон фақат имзои вай даркор буд.

„Ман ин коғазро имзо карда наметавонам“ — гуфт масеҳӣ ба афсар.

„Чаро?“ — гуфт капитан бо оромии сохта, ва баъд дод зад: „Чӣ, магар ту намедонӣ, ки номат чӣ тавр навишта мешавад?“

Ин ҳама аз боиси занҷир аст. Занҷир ба ман имкон намедиҳад, ки инро имзо кунам“, — фаҳмонд маҳбус.

Афсар дастони маҳбусро дағалона чанг зада ба рӯяш наздик бурд. “Ту занҷирбанд нестӣ, аблаҳ!“ — фарёд зад ӯ.

„Не, занҷирбанд ҳастам“, — гуфт масеҳӣ. — „Ман бо занҷирҳои шоҳидоне ки дар тӯли асрҳо ҳаёти худро барои Масеҳ медоданд, баста шудаам. Ман ҳамагӣ ҳалқае дар ин занҷир ҳастам, ва онро вайрон намекунам“.

Бо вуҷуди таҳдидҳо ва зарбу лат маҳбус имзо кардани аризаро рад кард.

*Риёзаткашони масеҳӣ баъди худ шаҳодати ғании устувории бемонандро дар шароити даҳшатнок боқӣ гузоштаанд. Қувваи онҳо қаҳрамонона аст. Суханони онҳо хирадмандона мебошанд. Оромии онҳо устувор аст. Тумои Аквинӣ навишта буд: „Суханоне ки риёзаткашон дар назди ҳукуматдорон ба забон овардаанд, на суханони одамӣ, на ифодаи оддии ақидаҳои инсон, балки суханоне мебошанд, ки Рӯҳулқудс ба воситаи пайравони Масеҳ гуфтааст“. Ҳаёт аз пайи ҳаёт, ҳалқа аз пайи ҳалқа, суханони дар мобайни таъқибот бо қуввваи Рӯҳулқудс гуфташуда ба занҷири қавии шаҳодат табдил меёбанд. Шумо низ метавонед ба ин саҳифаҳо боби худро илова кунед. Оё шумо бутунии ин занҷирро нигоҳ медоред?*

Бинобар ин мо низ, ки дар гирди худ чунин абри шоҳидонро дорем … майдони дар пеши мо бударо бо сабр давон-давон тай кунем.

*Ибриён 12:1*

# Мактаби фавқулодда

**Литва:** Нийоле Садунайте

**Дар ҷаласаи доварӣ айбномаи Нийоле Садунайте шунида шуд ва фақат эълон намудани ҳукмнома монда буд. „Ҷиноят“- и вай, ба монанди „ҷиноятҳо“-и бисёр одамони дигар, дар он буд, ки вай дар кишвари коммунистӣ масеҳӣ буд. Агарчи тафтишот вайро дар ҳар гуна ҷиноятҳои бофта баровардашуда айбдор мекард — аз ҷосусӣ то терроризм.**

Довар ба вай сухани охиринро дод. Ӯ интизор буд, ки зани ҷавон бо чашмони ашкбор илтиҷои тараҳҳум мекунад. Шояд, вай ҳатто аз имони хурофотпарастонааш ба Худо даст мекашад. Аммо ҳодисаи ғайричашмдошт ба вуқӯъ пайваст.

Нийоле тамоман гиря накард. Чеҳраи вай равшан шуд, дар рӯяш табассуми зебое пайдо шуд. Дар чашмони вай гармие буд, ки ҳатто айбдоркунандагон онро ҳис карданд.

„Ин рӯзи хушбахтонатарини ҳаёти ман аст,“ — гуфт зани маҳкумшуда. — „Маро аз рӯи парвандаи ҳақиқат ва муҳаббат ба одамон доварӣ мекунанд“.

Ҳамаи ҳозирон ба вай чашм дӯхтанд. „Ман тақдири шоёни ҳавас, насиби пуршараф дорам. Ҳукмномаи ман, ки дар толори доварӣ эълон карда мешавад, дар ниҳояти кор тантанаи ман мешавад“, — мегуфт вай.

Овози зан аз ҳиссиёти вай дарак медод. „Ман фақат афсӯс мехӯрам, ки барои одамон ин қадар кори кам кардаам. Якдигарро дӯст дошта, ҳамаи мо хушбахт мешавем. Фақат он касе ки ҳеҷ касро дӯст намедорад, бадбахт мешавад“.

Вай назари худро аз довар ба имондороне ки дар толор ҳозир буданд, гузаронд. „Мо бояд бадиро фош кунем, одамро дӯст дорем, ҳатто касеро ки иштибоҳ мекунад. Инро фақат дар мактаби Исои Масеҳ омӯхтан мумкин аст“.

*Ҳангоме сухан дар бораи онҳое меравад, ки ба хотири Масеҳ таъқиботро аз сар гузарондаанд, дафтарро кушода, қаламро ба даст гиред. Дарс сар шуд. Мо метавонем дар бехатарии нисбии хонаҳо ва шаҳрҳои худ ҳикояҳоро оиди риёзаткашони масеҳӣ хонем. Саҳифаҳои таърихро варақ зада, ба ларза медароем. Аммо бо вуҷуди ин, оё мо омодаем ба мактаби Исои Масеҳ дохил шавем? Оё мо тайёрем дар бари онҳое таълим гирем, ки роҳи яккаи таъқиботро гузаштаанд? Мо бояд донишҳоро оиди имон, муҳаббат, муқаддасӣ ва босабрӣ дар ҳаёт татбиқ намоем. Фақат ҳамон вақте ки мо азобҳои Масеҳро бо ҳам мебинем, ба шарофати таҷрибаи дигарон, мо ҳаққонӣ худро масеҳӣ, яъне „Масеҳҳои хурд“ номида метавонем. Фақат ҳамон вақт мо омодаи супориданӣ имтиҳон мешавем.*

Юғи Маро ба гардани худ гиред ва аз Ман таълим ёбед, зеро ки Ман ҳалим ва фурӯтан ҳастам, ва ҷонҳои шумо оромӣ хоҳад ёфт.

*Матто 11:29*

**Азобҳо гуноҳро пешгирӣ карда метавонанд, аммо гуноҳ ҳеҷ гоҳ азобҳоро пешгирӣ намекунад.**

Катибае, ки дар „Китоби риёзаткашон“-и Фокс дар соли 1800-ум сабт шудааст.



# Изҳороти фавқулодда

**Румыния:** шубон Ричард Вурмбранд.

**„Ту дурӯғ мегӯӣ!“ — дод зад лейтенант Греку ба шубони маҳбус Ричард Вурмбранд — „Оиди фаъолияти пинҳонкоронаи худ, оиди онҳое ки дар калисои ту пинҳон мешаванд, росташро гӯй! Ана дар ин ҷо, дар ин варақ, ту бояд ҳамаи қоидаҳои дар ҳабсхона вайронкардаатро нависӣ!“**

Вурмбранд нишаст ва оромона ҳамаи қоидаҳои ҳабсхонаро, ки вайрон карда буд, навишт. Ба анҷом расонда, вай як параграфи охиринро илова кард: „Ман ҳеҷ гоҳ дар ҳаққи коммунистон бадгӯӣ накардаам. Ман шогирди Масеҳ ҳастам, ки ба мо муҳаббатро нисбати душманонамон додааст. Ман онҳоро мефаҳмам ва барои имон овардани онҳо дуо мекунам, то ки онҳо бародарони ман дар имон шаванд“. Ӯ бе дудилагӣ ба коғаз имзо гузошт.

Греку „ариза“-ро хонд. Ҳангоме ки вай то охир хонд, ваҷоҳаташ тағйир ёфт. Вай аз он дар ҳайрат буд, ки маҳбус Вурмбранд метавонад оиди муҳаббат ба ҳукумате нависад, ки ӯро ба ҳабсхона партофта шиканҷа менамуд. „Аз афташ, ин муҳаббати ғайриоддист“, — гуфт Греку. — „Ин яке аз он фармудаҳоест, ки ҳеҷ кас онҳоро риоя карда наметавонад“.

„Ин ҷо гап на дар фармуда аст“, — гуфт Ричард. — „Ҳангоме ки ман масеҳӣ шудам, гӯё аз нав таваллуд шудам, бо хислати нави пур аз муҳаббат. Чуноне ки об аз чашма берун омада метавонад, аз дили дӯстдоранда фақат муҳаббат берун меояд“.

Дар моҳҳои боқимонда Вурмбранд боз борҳо ба фарзанди деҳқон — лейтенант Греку оиди муҳаббат гап мезад, ва ӯ дар ниҳояти кор дигаргун шуд ва Масеҳро қабул кард!

*Оиди имони худ гап задан — яъне оиди он ба қадри кофӣ шунаво гап задан аст, то ки дигарон онро шунаванд ва қабул кунанд. Ин маънои онро надорад, ки шумо бояд шилқин ва дилбазан шавед. Ин маънои онро надорад, ки шумо бояд аз ҳад зиёд сӯҳбатоворо бошед. Фақат шумо бояд китоби кушода бошед, ки дигарон дар он оиди Исои Масеҳ хонда метавонанд. Ва бояд омода бошед, ки ҳангоми зарурат ин китобро бо овози шунаво хонед. Мо бисёр вақт ҷуръат намекунем, ки оиди Исои Масеҳ шаҳодат диҳем. Мо ҳеҷ касро ранҷонданӣ нестем. Намехоҳем, ки моро бад қабул кунанд. Аммо ба ҳар ҳол, аз боиси шаҳодати хомӯшонаамон мо метавонем имконияти ба назди Масеҳ овардани касеро аз даст диҳем. Имрӯз оиди имони худ ба Масеҳ изҳор намудан барои шумо чӣ маъно дорад? Имрӯз шумо ба кӣ бояд номаи марҳамати Худоро расонед ва фаҳмонед?*

Ва алҳол, эй Худованд, ба таҳдидҳои онҳо назар андоз ва ба бандагони Худ ато фармо, то ки бо аъмоли ҷасорат каломи Туро баён кунанд.

*Аъмол 4:29*

# Якҷояшавии фавқулодда

**Испания:** Антонио Херресуэлио

**Мувофиқи ҳукми инквизитсияи Испания (ин дар асри XVI воқеъ шуда буд) Антонио Херресуэлио мебоист дар гулхан сӯзонида мешуд. Аммо ҷони вай аз марг андӯҳгин набуд. Вай аз дигар сабаб андӯҳгин буд — Тони фаҳмид, ки занаш аз имони ҳақиқӣ ба Масеҳ даст кашидааст, то ки ба шавҳараш ҳамтақдир нашавад.**

Антонио низ метавонист ҳаёти худро наҷот диҳад ва чун занаш ба маҳбусии якумрӣ маҳкум карда шавад. Шояд, ягон вақт вайро афв мекарданд ва вай бо занаш ҳамроҳ мешуд. Аммо вай аз имон даст накашид. Суханони охирини вай, пеш аз он ки ҷаллод ба даҳони вай латта тиққонд, чунин буданд: „Ба Масеҳ бозгард ва омурзида шав. Мо дар осмон вомехӯрем. Хоҳиш мекунам, бозгард!“ — фарёд кард вай ба занаш. Вай умед надошт, ки бори дигар дар рӯи замин бо занаш вомехӯрад, аммо мехост, ки дар абадият бо ӯ бошад.

Баъди қатли намоишкорона хонума Херресуэлиоро ба ҳабсхона бозгардонданд, то ки якумрӣ дар ҳабс бошад. Ҳашт сол вай бо ҷони худ мубориза мебурд, ва бо қарори худ розӣ шуда наметавонист.

Ниҳоят вай дар назди ҳама аз изҳороти пештараи худ даст кашид ва гуфт, ки танқиди шавҳарашро оиди калисои роҳгумзада тасдиқ мекунад. Таҳдидҳои инквизиторҳо вайро натарсонданд. Довар вайро ба сӯзонида шудан дар гулхан маҳкум намуд.

Вай омода буд бимирад ва бо шавҳараш якҷоя шавад. Агарчи вай ҳалок мешуд, хонума Херресуэлио аз нав оромӣ пайдо кард. Пеш аз ҳама вай ба шавҳараш хоҳад гуфт, ки ба имон бозгашт.

*Дар осмон вохӯрдан чӣ хуш хоҳад буд! Ҳамаи онҳое ки барои имон ба Масеҳ азоб кашиданд ва мурданд, чун миноҳои файз ва марҳамати ӯ дурахшон хоҳанд буд. Оилаҳое ки режимҳои бадкирдор онҳоро ҷудо кардаанд, аз нав вомехӯранд. Шавҳарон ва занҳо. Модарон ва духтарон. Дӯстон ва ҳамсояҳо аз тамоми кишварҳо. Аъзоёни калисоҳо ва деноминатсияҳои пинҳонкор аз кишварҳое ки калисоро таъқиб мекарданд, дар он ҷо хоҳанд буд, бо ҳикояҳои худ оиди он ки фариштаҳо ба ёрии онҳо омаданд. Як худи ҳамин ҳикояҳоро — шаҳодатҳои риёзаткашонро оиди амин (бовафо) будани Худо то худи абадият нақл кардан мумкин аст. Оё шумо дар он ҷо хоҳед буд, то ин ҳикояҳоро бишнавед? Ё шояд шумо ҳам чизе нақл хоҳед кард?*

Баъд аз ин ман назар андохтам, ва инак, анбӯҳи бузурги мардум, ки онро ҳеҷ кас наметавонист ба шумор оварад, аз ҳамаи қабилаҳо ва сибтҳо, ва қавмҳо ва забонҳо дар пеши тахт ва дар пеши Барра истодаанд.

*Ваҳй 7:9*

# Раҳмдилии фавқулодда

**Кения:** бевазан

**„Пеш аз он ки ин маросими дафнро ба анҷом расонем“, — гуфт бевазан ба ҳазор имондор, — „ман мехоҳам ба шумо суханонеро такрор кунам, ки шавҳарам пеш аз марг ба ман гуфт. Ӯ ба ман гуфт, то ба қотилон расонам, ки вай ба осмон рафта истода, бо тамоми дил ҳамаи одамонро дӯст медорад, аз ҷумла қотилони худро низ. Ӯ ҳамаро барои корҳои кардаашон бахшид, зеро Исо дӯст медорад ва низ онҳоро мебахшад“.**

Зан дар назди тобути шавҳараш меистод. Аз чашмони вай ашк мерехт, аммо овозаш устувор буд. Ҷойҳои кабудгаштаи сару рӯяш далели он буданд, ки вайро низ лату кӯб кардаанд.

Зану шавҳар масеҳӣ буданд ва ба қабилаи бутпарасти кикуйю ваъдаи садоқатро, ки бо имони масеҳии онҳо мувофиқат намекард, додан нахостанд. Барои ин шавҳарашро то мурдан заданд, зан аз зарби лату кӯб ба беморхона афтид.

Баъди суханони бевазан тӯдаи одамон аз иродаи вай ҳайрон шуда, хомӯш гаштанд. Дар соли 1969 бисёр сокинони Кения ба бисёр таъқибот ва хуҷумҳо гирифтор шуданд, зеро назар ба анъанаҳои қабилавӣ ба Масеҳ бештар содиқ буданд.

„Ман низ чун беваи ӯ дар ҳузури шавҳари марҳумам мегӯям, ки нисбати қотилони шавҳарам ҳисси нафрат надорам. Ман ин қотилонро дӯст медорам. Ман онҳоро мебахшам, зеро медонам, ки Масеҳ барои онҳо низ мурд“.

Ҳеҷ кадоме аз ҳозирон ҳеҷ гоҳ ин суханони бевазан ва намунаи бахшишу раҳмдилии фавқулоддаи вайро фаромӯш намекунад.

*Бахшидан — намунаи фавқулоддаи он аст, ки ба Масеҳ монанд будан, раҳмдилии ӯро ба дигар одамон зоҳир намудан чӣ маъно дорад. Ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ беш аз Исои Масеҳ набахшидааст. Ҳеҷ чиз наметавонад бо бори тамоми ҷаҳон, ки дар Ҷолҷолто бар дӯши ӯ буд, баробар шавад. Бинобар ин, ҳангоме мо касонеро мебахшем, ки бад мебинем, маҳз ҳамон вақт беш аз ҳама ба Исо монанд ҳастем. Бахшидан он бадиеро, ки нисбати касе карда шудааст, ислоҳ намекунад. Бахшидан моро ислоҳ мекунад. Бахшидан шуморо аз ҷавобгарӣ ва фишори фикрҳо оиди қасос озод мекунад. Дигаронро барои бадиашон бахшида тавонистан ба мо имкон медиҳад, то барои Масеҳ бидурахшем. Имрӯз нури омурзиши илоҳии шумо дар куҷо медурахшад?*

Ва ба якдигар илтифот намуда, якдигарро афв кунед, агар касе аз дигаре ранҷида бошад: чӣ тавре ки Масеҳ шуморо бахшидааст, шумо низ ҳамин тавр кунед.

*Қӯлассиён 3:13*

# Меҳрубонии фавқулодда

**Румыния:** Барто

**Барто аз гуруснагӣ мемурд. Замоне вай корманди ҳизбӣ буд, прокурор буд, акнун ҳизби коммунистӣ вайро душман ҳисобид. Ӯ ба меҳнатиислоҳкунанда дар лагери ислоҳотӣ маҳкум намуданд. Ӯ хеле беқувват шуда буд ва фақат оиди он фикр мекард, ки чанд муддати дигар зинда мемонад.**

Харобии Барторо дида, маҳбуси дигар назди Барто омада, ҳиссаи хӯрокашро пешниҳод намуд. „Ташаккур, дӯстам“, — гуфт Барто ба маҳбус. Хӯрокро ҳарисона фурӯ бурда, вай пурсид: „Ба ту чанд сол доданд?“

„Бист сол“, — ҷавоб дод маҳбус.

„Барои чӣ?“

„Ба коҳине ки полис ҷустуҷӯяш мекард, хӯрок додам“, — гуфт маҳбус. Барто пай бурд, ки бар хилофи маҳбусони дигар, дар овози ӯ оҳанги алам набуд.

„Кӣ туро барои ин рафтори нек ҷазо дод?“ — пурсид Барто.

Маҳбус ҳалимона гуфт: „Шумо дар мурофиаи ман прокурор будед. Шумо маро намешиносед, аммо ман шуморо дар ёд дорам. Ман масеҳӣ ҳастам. Масеҳ моро таълим медод, ки дар ивази бадӣ некӣ кунем. Ҳанӯз ҳамон вақт ман мехостам, ки шумо фаҳмед: ба гурусна хӯрок додан дуруст ва хуб аст, ҳатто агар ӯ душмани туст. Акнун ман инро ба шумо дар амал нишон дода метавонам“. Дар он рӯз Барто фаҳмида сар кард, ки эҳтиёҷоти рӯҳонии ӯ аз эҳтиёҷоти ҷисмонияш хеле афзунтар мебошанд.

*Меҳрубонӣ ба дили душманони мо роҳ мекушояд. Он дар рӯҳи онҳо низ чизеро дигаргун карда метавонад. Худо меҳрубониро чун стратегия ба кор бурда, ба мо имкони интихобро медиҳад. Ба ҷои он ки ба мо сазои гуноҳҳоямонро диҳад, Худо нисбати мо меҳрубонӣ зоҳир мекунад. Меҳрубонии Ӯ намунаи он аст, ки мо нисбати онҳое ки ба мо бадӣ мекунанд, чӣ гуна рафторе кунем. Меҳрубонӣ диққати онҳоро ҷалб мекунад. Он ғайричашмдошт аст, зеро сазовор нест. Ба монанди Барто, меҳрубонии мо метавонад дар душман майли рӯҳонии ҳамдардиро бедор кунад. Аммо новобаста ба он ки ба мо чӣ ҷавобе медиҳанд, мо бояд ба душманон мувофиқи намунаи Худованди мо муносибат кунем. Имрӯз ба кӣ меҳрубонии шумо даркор мешавад?*

Ё ки ту ба фаровонии
меҳрубонӣ, ҳилм ва
пурсабрии Ӯ беэътиноӣ
мекунӣ, бехабар аз он ки
мехрубонии Худо туро ба
тавба даъват менамояд?

*Румиён 2:4*

# Фарзандони фавқулодда

**Русия:** волидони ҳабсшуда

**Ҳангоме падари рӯҳонӣ Иван Киприян фаҳмид, ки 20 нафар кӯдакро барои кушта шудан ҷудо карда, зери осмони кушод дар паси симхор нигоҳ медоранд, қарор дод, ки ба онҳо ҳамроҳ шавад.**

Соли 1934 падари рӯҳонӣ Иван Киприян чун маҳбуси *N* 8-9-8-6 дар бараки А-322 дар яке аз лагерҳои Сибир нигоҳ дошта мешуд. Дар ин лагер аз лагерҳои занона фарзандонеро, ки занҳои маҳбус зоидаанд, ҷамъ мекарданд. Онҳоро дар як барак то синни панҷсолагӣ нигоҳ медоштанд. Барои кӯдакон меъёри хӯрокворӣ ҷудо карда намешуд ва онҳо он чиро, ки дар ошхона баъди маҳбусони калонсол боқӣ мемонд, мехӯрданд. Аммо хеле кам боқӣ мемонд, бинобар ин кӯдакон лоғар ва бемор буданд. Бисёр кӯдакон мемурданд. Он вақт Иван Киприян шастсола буд. Вай низ аз меҳнати тоқатфарсо фарсуда шуда буд. Рӯяш пурожанг шуда, зард гашта буд, бисёр ҷойҳои пӯсташ торс-торс кафида, илтиҳоб сар шуда буд. Бинияш шикаста буд, дар рӯяш захмҳои сиҳатнашаванда намоён буданд. Аммо чашмонаш пур аз муҳаббат ба дӯстону душманон буданд.

Баъди муддате падари рӯҳониро ба кори нигоҳбонии кӯдакон таъин карданд. Кӯдакон қариб ҳафтод нафар буданд. Кӯдакон русӣ гап мезаданд, дар тан либосҳои ҷиғда-ҷиғдаеро доштанд, ки маҳбусони калонсол партофта буданд. Дар як гӯшаи барак кӯдаконеро ҷамъ оварда буданд, ки посбонон аз наздик шудан ба онҳо ҳазор мекарданд. Онҳо фалаҷ буданд, бисёриҳо — бо ноқисулақлии модарзод. Аз гӯшае ки ин кӯдакони бадбахт мехобиданд, бӯи хеле бад меомад. Падари рӯҳонӣ Киприян мекӯшид қисмати онҳоро осон кунад, онҳоро навозиш мекард, ва ҳангоме ки кӯдаке мемурд, ӯро ба дасташ гирифта ба қабр мебурд.

Боре 20 кӯдаки сусттаринро барои нобуд кардан интихоб намуданд. Онҳоро берун аз симхори лагер ҷойгир карданд ва падари рӯҳонӣ Киприян ҳамроҳи полковники маҳбуси армияи галисиягии Украина Калядин қарор доданд, ки аз таги симхор гузашта, назди кӯдакон раванд. Он бегоҳ бӯрони сахте мевазид. Дар ин бӯрон гургҳо мемурданд. Сагҳо пайро гирифта наметавонистанд. Дар аввал Киприян зону зада дуо кард. Сипас аз таги симхор гузашт. Суханони охирине ки вай ба полковник гуфт, чунин буданд: „Осоиштагӣ бар шумо бод“. Бӯрон чор рӯз давом кард ва куштани кӯдакон мавқуф гузошта шуд. Ҳангоме ки обу ҳаво беҳтар шуд, кӯдаконро ҳамроҳи кӯдакон дар ҳамон ҷои гузоштаашон яхкарда ёфтанд. Ӯ аз дасти яке аз кӯдакон дошта меистод.

*Ҳангоме ки оиди натиҷаҳои таъқибот сухан меронанд, оиди кӯдакон дар навбати охир фикр мекунанд. Аммо ҳар як волиде ки дар ҳабсхона аст, кӯдаки таркшуда дорад. Дар Иттиҳоди Шӯравӣ кӯдакони дар ҳабсхона таваллудшуда буданд. Онҳо дар системаи таъқибот зиёдатӣ буданд. Аммо, чуноне ки Исо мегуфт, имони кӯдак бузург аст. Агар кӯдак дар вазъиятҳои душвор мардонагии ғайриоддӣ зоҳир карда метавониста бошад, пас мо чӣ сабаби узрнок дорем, ки ҳамин тавр рафтор накунем? Ба ҷои хашмгин шудан аз вазъиятҳое ки ба онҳо вобаста нестанд, фарзандони масеҳиёни таъқибшаванда дар файз нумӯ мекунанд. Онҳо зиндагии дигарро намедонанд. Оё мо гуфта метавонем, ки зарбаҳои тақдирро ба таври сазовор қабул мекунем? Мо, калонсолон, баъзан ба зарбаҳое ки ҳаёт гирифторамон мекунад, аз ҳад зиёд диққат медиҳем. Барои мо судманд мебуд, ки аз имони матини кӯдакона намунаи ибрат гирем. Чӣ ба шумо халал мерасонад, то монанди кӯдакон дар имон нумӯ кунед? Нумӯи худро ҳамин рӯз, кӯдаконро ба ёд оварда, сар кунед.*

Ба ростӣ ба шумо мегӯям:
ҳар кӣ Малакути Худоро
монанди кӯдак қабул накунад,
ба он дохил намешавад.

*Марқӯс 10:15*

# Эътирози фавқулодда

**Русия:** масеҳиёни баптист

**Ин эътирози ғайриоддӣ дар ҷаҳон буд. Дар ҷаҳон ҳангоми эътирозҳо аксаран фарёд зада шиорҳо мегӯянд, сангҳо мепартоянд. 16-юми майи соли 1966 панҷсад баптисти шӯравӣ дар Маскав, дар назди бинои КМ партияи коммунистӣ ҷамъ омаданд. Бар акси эътирозкунандагони дигар, онҳо бонг намезаданд ва шиорҳову талабҳо намегуфтанд.**

Онҳо якҷоя меистоданд, дуо мекарданд ва сурудҳо мехонданд. Георгий Винс ва Геннадий Крючков аз номи онҳо талабномаро ба ҳукумати шӯравӣ дода, талаб карданд, ки калисои онҳо расман эътироф карда шавад ва хоҳиш намуданд, ки дахолати ҳукумат ба ҳаёти он қатъ гардад, барои имон ҳабсшудагон озод карда шаванд ва ба шаҳрвандони шӯравӣ озодии омӯзондан ва омӯхтани имони динӣ дода шавад.

Пагоҳии 17-уми май аскарон ва агентҳои КГБ ҷамъомади осоиштаро иҳота карданд. Қарибии соати яки рӯз якчанд автобус омаданд ва аскарон ба имондорон дарафтоданд ва онҳоро зада-зада ба автобусҳо савор карданд. Ҳеҷ кас муқобилат намекард. Ба ҷои ин, намоишчиён даст ба даст шуда, боз суруд мехонданд ва мекӯшиданд, ки аз фарёдҳои аскарони дарафтода баландтар сароянд. Ҳамаи ин дар пеши назари одамон ба амал меомад, ва бисёр сокинони шаҳр барои дидани имони матини масеҳиён ҷамъ омаданд. Дастгиршудагонро ба ҳабсхона фиристоданд. Аммо ҳатто дар ҳабсхона онҳо дуогӯӣ ва сурудхониро давом медоданд. Коммунистон талабҳои ин эътирозкунандагони осоиштаро қонеъ накунонданд, аммо рӯҳияи онҳоро шикаста натавонистанд.

*Одамоне ки масеҳиятро ба шиор табдил медиҳанд, метавонанд зӯровариро бо итоаткорӣ омехта кунанд. Аммо дар асл тамоман дигар хел аст. Итоаткории радикалӣ маънои онро дорад, ки мо ба ҳама чизи мухолифи таълимоти Масеҳ зид ҳастем. Аммо бо вуҷуди ин, монанди баптистони шӯравӣ, мо на ба барангехтани зӯроварӣ, балки ба осоиштагӣ майл дорем. Онҳое ки барои имон таъқиб карда мешаванд, барои мо намунаи намоиши осоишта ва мақсаднокиро нишон медиҳанд. Онҳо дар ҷавоби бадӣ бадӣ намекунанд, балки натиҷаҳои ба фармудаҳои Масеҳ пайравӣ намуданашонро оромона қабул мекунанд. Агар шумо масеҳии радикалӣ будан хоҳед, бояд пурра ба фармудаҳои Масеҳ итоат намоед. Дар кадом соҳаи ҳаётатон Худо шуморо ба итоаткории радикалӣ даъват мекунад? Масеҳии радикалӣ будан барои шумо чӣ маъно дорад?*

Дар ҳама чиз дар шахси худ
намунаи аъмоли нек бош …
то ки душман шарманда шуда,
дар ҳаққи ту ҳеҷ чизи баде
гуфта натавонад.

*Титус 2:7,8*

**Риёзаткаши ҳақиқӣ на аз худи азобҳо,**
**балки аз сабаб муайян карда мешавад.**

Августини муқаддас



# Асбобҳои фавқулодда

**Ҳабсхонаи коммунистӣ:** шубони масеҳӣ

**„Чаро масеҳиёни зиёде дар як ҳафта фақат як бор суруд мехонанд? Чаро фақат як бор? Агар дуруст месуруда бошед, ҳар рӯз сароед. Агар нодуруст месуруда бошед, рӯзи якшанбе насароед“.**

Шубон дар ҳабсхона якчанд соли даҳшатнокро гузаронд. Вайро ба он ҷо ҳукуматдорони коммунистӣ шинонда буданд. Шубон барои имонаш ба Масеҳ маҳбус шуд, ва агарчи вай шиканҷаҳоро зикр мекард, оиди онҳо бисёр сухан намегуфт. Ба ҷои ин вай оиди лаҳзаҳои хурсандибахши ҳузури Худо нақл мекард. Вай ва ҳамроҳони масеҳияш барои ҳамду сано гуфтан ҷамоате ташкил намуданд — дар худи ҳабсхона.

Дертар шубон нақл мекард: „Ҳангоме ки мо дар ҳабсхона будем, қариб ҳар рӯз суруд мехондем, зеро Исо дар мо сокин буд. Коммунистон ба мо муносибати хуб мекарданд. Онҳо медонистанд, ки мо бо асбобҳои мусиқӣ ситоиш кардани Худоро дӯст медорем, бинобар ин ба ҳар як маҳбус «асбоби мусиқӣ» доданд. Аммо ба мо мандолинаҳо ва ғижжакҳо надоданд, зеро онҳо хеле қиматанд. Ба ҷои ин онҳо ба дастону пойҳоямон занҷирҳо бастанд. Онҳо ба пойҳоямон завлона заданд, то ки аҳволи моро бадтар кунанд. Аммо мо дарёфтем, ки занҷирҳо асбобҳои мусиқии хубе мебошанд! Ҳангоме ки ҳамаи мо занҷирҳоро ҳамоҳанг ба садо медаровардем, метавонистем чунин бисароем: «Ин рӯзро (ҷиринг-ҷиринг), ин рӯзро (ҷиринг-ҷиринг), Худованд офарид (ҷиринг-ҷиринг), Худованд офарид (ҷиринг-ҷиринг)»“.

Чи садоҳои хуше барои Худованд!

*Барои онҳое ки ҳанӯз таъқиботро аз сар нагузаронданд, онҳо аздастдиҳии маҳз метобанд. Аз даст додани озодӣ. Аз даст додани умед. Ҳатто аз даст додани ҳаёт. Аммо онҳое ки барои ба Масеҳ имон доштан азоб кашидаанд, чизи набударо ҳис намекунанд, балки ба сӯи бозёфтҳои нав менигаранд. Ба ҷои оиди озодиҳои надоштаашон афсӯс хӯрдан онҳо аз он озодиҳои хурде ки доранд, ҳаловат мебаранд. Дар ин нақл коммунистон-зиндонбонон бисёрии озодиҳо ва эътибороти имондоронро кашида гирифтанд. Бо вуҷуди он, ин имондорони устувор он чиро ки барояшон боқӣ монда буд, медиданд — шодияшонро дар Худованд. Агар ҳангоми будани ҳама чиз барои Худованд хуб месуруда бошем, бояд ҳамон вақт низ хуб сароем, ки ҳеҷ чиз намондааст. Имрӯз шумо чӣ мекунед, то боварӣ ҳосил намоед, ки шодии масеҳиро аз даст надодаед?*

Биёед, дар шаъни Худованд тараннум намоем, дар шаъни кӯҳпораи наҷоти худ бонги шодӣ занем.

*Забур 94:1*

# Намунаи фавқулодда

**Колумбия:** Чет Биттерман

**Шӯришгарони мусаллаҳ, аъзоёни гурӯҳи инқилобии марксистии М 19, 12 нафар калонсолон ва 5 кӯдакро, ки дар штаб-квартираи Миссияи тарҷумонҳои Библия дар Богота, Колумбия буданд, бастанд. „Директори шумо куҷост? Эл Вилер куҷост?“ — дод мезад сарвар ба яке аз котибон. — „Ба мо Вилер даркор аст!“**

„Ба вай даст нарасонед“, — гуфта шуд дар ҷавоб. — „Вилер ин ҷо нест“.

Марксист чунон хашмгин шуд, ки гӯё ӯро задан мехост, аммо аз фикраш гашт. „Хуб, пас мо туро бо худ мебарем“.

Баъди якчанд рӯз онҳо талабҳои худро пешниҳод карданд. „Агар то 19-уми феврал ташкилоти шумо Колумбияро тарк накунад, мо асири худро мекушем“. Шӯришгарон ҳатто ба президенти ИМА Рейган телефон карда, талаб карданд, ки манифести онҳоро дар „Ню-Йорк Таймс“ ва „Вашингтон пост“ чоп кунанд, вагарна ҷаноби Чет Биттерман кушта мешавад.

Таърихи рӯзи муқарраршуда наздик мешуд ва одамон дар кишвар занҷирҳои дуогӣ ташкил кардан гирифтанд. Ба радиостансияи маҳаллӣ навореро оварданд, ки ба шӯришгарон мавъиза кардани Четро тасдиқ менамуд. Зани ӯ, Бренда, оиди Библия ба забони испанӣ талабномае гирифт.

Чет ба мақсади зиндагии худ расид — ба воситаи радио ба ҷои даркорӣ расонидани Инҷил. Ҷасади Четро дар автобуси партофташуда ёфтанд. Колумбиягиҳо ҳамроҳи ҳамаи масеҳиёни Амрико хотираи ӯро бо он пос доштанд, ки рахнаи аз Чет мондаро маҳкам карданд. Соли оянда миқдори аризаҳо оиди хизмат дар миссияи тарҷумонҳои Библия ду баробар зиёд шуд.

*Дар соҳибкорӣ намунаи шахсӣ чун услуби роҳбарӣ маъмул аст. Кормандони болоӣ бояд бо намунаи худ нишон диҳад, ки чӣ гуна ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти компания пайравӣ бояд намуд. Агар сухан дар бораи масеҳият равад, дар ин ҷо низ роҳбарӣ ба воситаи намунаи шахсӣ муҳим аст. Дар воқеъ, Исо инро фармудааст. Ӯ нишон дод, ки чӣ гуна бояд роҳбарони масеҳӣ барои имондорони дигар намунаи имон бошанд. Ӯ на танҳо ба мо таълимоти Худро дод — Ӯ бо ҳаёти Худ онро нишон дод. Магар бисёре аз мо мехоҳанд ҳаёти худро дар итоаткории фавқулодда ба Масеҳ гузаронанд? Агар мо инро хоҳем, тақдири худро назорат нахоҳем кард. Мо худ ба намунаи Масеҳ пайравӣ намуда, барои дигарон намуна хоҳем буд. Оё одамон чӣ гуна зистани шуморо мебинанд? Онҳо аз шумо кадом намунаи пайравиро гирифта метавонанд?*

Ба ман тақлид кунед,
чунон ки ман ба Масеҳ
тақлид мекунам.

*1 Қӯринтиён 11:1*

# Омодагиҳои фавқулодда

**Судон:** Кӯдакони судонӣ

**Хандақҳо дар ҳавлиҳои мактабҳои Судон чизи маъмулист. Дар миёнаи майдончаи бозӣ оҳани устухонашакле, ки дар ақибаш стабилизатор дорад, то нисф ба замин фурӯ рафтааст. Дар пеши бомбаи натаркида байрақчае истодааст, ки кӯдаконро огоҳ мекунад, то худро аз он барканор гиранд.**

Гурӯҳи миссионерон ба ин мактаб дар округи Йей ёрии башардӯстона оварданд. Чун дар бисёрии вилоятҳои Судон, ин мактаб аз боиси нарасидани лавозимоти таълимӣ ва муаллимони мутахассис душворӣ дорад. Ба ғайр аз он, ин мактаб дар минтақае ҷойгир аст, ки ҳукумати исломии Судон онро доимо бомбаборон мекунад.

Кӯдакон бо дастони худ дар атрофи ҳавлии мактаб зиёда аз 20 хандақ кананд. Онҳо ҳамин тавр ба ҳуҷумҳои нави ҳавопаймоҳои бомбаандоз омода мешаванд. Садои муҳаррикҳои ҳавопаймоҳоро шунида, онҳо ба сӯи хандақҳо медаванд, то ки пораҳои бомбаҳо ба онҳо нарасад.

Баъзеҳо фурсат меёбанд то хандақҳо расида, сиҳату саломат монанд. Баъзеи дигар фурсат намеёбанд. Ҳангоме миссионерон пурсиданд, ки барои чунин кӯдакон чӣ кор кардан мумкин аст, ҷавоби онҳо содда буд: „Оиди ҳимояти онҳо дуо кунед“.

Библия моро таълим медиҳад, ки бисёр имондорон дар шароити душвор мезистанд, аммо имони худро ба Масеҳ нигоҳ доштанд. Барои ин кӯдакон азобҳо ва ҳатто марг ба хотири имон воқеияти ҳаррӯза аст. Барои мо онҳо сарбозони далери лашкари Масеҳ мебошанд.

*Кӯдакон дар Судон омодаанд ба ҷанги заминӣ ворид шаванд. Он чиз муҳимтар аст, ки онҳо тайёранд рӯзе аз дарвозаи осмонӣ ворид шаванд. Онҳо дар замин барои худ аз ҳуҷумҳои ҳавоии душман паноҳгоҳ сохтанд. Илова бар ин, имони онҳо ба Масеҳ барояшон ҳимояти абадии ямини Худоро таъмин намудааст. Эҳтимол, айнан чун кӯдакони судонӣ, ки дар назди бомбаи натаркида бозӣ мекунанд, шумо аллакай медонед, ки гоҳо ҳаёт аз хатар як қадам дуртар воқеъ аст. Эҳтимол, шумо чораҳо андешидаед, то ҳаёти худро дар ин ҷо, дар замин ҳимоят кунед, ва ба замони номуайян нигоҳ накарда, ба беҳбудӣ умед мебандед. Аммо оё шумо дар он низ ба намунаи онҳо пайравӣ кардаед, ки барои ҳаёти баъд аз марг омода шавед? Оё шумо ба ҳаёти абадӣ, ки ба воситаи муносибатҳои шахсӣ бо Исои Масеҳ ба шумо ато шудааст, омода ҳастед?*

Касе ки Писарро дорад,
ҳаёт дорад, касе ки Писари
Худоро надорад, ҳаёт
надорад.

*1 Юҳанно 5:12*

# Инқилоби фавқулодда

**Румыния:** масеҳиён дар Тимишоара

**Ҳангоме ки шоири румын Константин Иоанид шеъри „Худо ҳаст"-ро навишт, вай наметавонист бидонад, ки ин суханон дар таърихи Румыния чӣ аҳамияте хоҳанд дошт.**

Боре, соли 1989, масеҳиён дар Тимишоара эътироз баён намуданд. Усқуф, ки ба лӯхтаке дар дасти коммунистон табдил ёфта буд, шубон Тёкешро барои мавъизаи содиқонаи Каломи Худо аз кор холӣ кард.

Рӯзе ки шубон Тёкеш мебоист хона ва калисояшро тарк мекард, масеҳиён хонаи ӯро иҳота карданд, то ба полис имкони аз хонааш рондани ӯро надиҳанд. Тӯда зуд меафзуд, ва барои ором намудани ошӯб артишро даъват намуданд. Аскарон тирпаррониро сар карданд, бисёр касон кушта ва захмӣ шуданд. Сипас як чизи ҳайратоваре рух дод. Тамоми тӯда ба ҷои он ки ба аскарҳо мухолифат кунад, зону зад ва ба дуо гуфтан сар кард. Аскарон ҳайрон шуда, аз тирпарронӣ даст кашиданд.

Дар айни замон, тамоми аҳолии шаҳр ҷамъ шуд, ва шубони маҳаллӣ ба ҷамъомадагон аз балкони театри опера муроҷиат кард. Ӯ шеъри бародар Иоанид „Худо ҳаст!"-ро хонд. Варақаҳо бо шеъри чопшуда тақсим карда шуданд, ва онҳое ки оҳанги сурудро медонистанд, сароиданд. Пас аз муддате ҳазорон одамон суруди „Худо ҳаст!"-ро боз ва боз мехонданд.

Ин суруд ибтидои инқилоби Румыния шуд, ки боиси сарнагун шудани диктатори коммунистӣ Николае Чаушеску шуд.

*Инқилоб эҳёи боварӣ ба идеяи хеле кӯҳна аст, хоҳ он озодӣ бошад, ё эътибори шахсӣ ва ё ҳатто мавҷудияти Худо. Ин принсипҳо дар давоми тамоми давраи зулм зинда мемонанд. Агарчи онҳо муддате ба пинҳонкорӣ рафта метавонанд, мавҷудияти онҳо баҳснопазир аст. Инқилоби рӯҳонӣ боввариро ба мавҷудияти Худо эҳё мекунад — агарчи худи Худо ҳеҷ гоҳ аз байн нарафта буд. Инқилоб аз он сар мешавад, ки Худо ҳақиқатро ошкор мекунад. Ба ҳамаи мо мардонагӣ даркор аст, то ки боварии худро ба мавҷудияти Худо эҳё кунем. Он қодир аст ҳаётро дигаргун намояд. Ҳангоме ки мо ба дигар масеҳиёни мувофиқи имони худ мезиста ҳамроҳ мешавем, қисми инқилоб мешавем. Инқилоби рӯҳонӣ дар ҳаёти шумо чӣ намуде медошт?*

Ва ростиро хоҳед шинохт, ва ростӣ шуморо озод хоҳад кард.

*Юҳанно 8:32*

# Инқилоби фавқулодда – қисми дуюм

**Румыния:** Сездаҳ кӯдак

**Пас аз он ки соли 1989 садҳо одамон дар Тимишоара бегуноҳ ҳалок шуданд, дар тамоми Румыния митингҳои стихиявӣ сар заданд. Ҳангоми яке аз эътирозҳо гурӯҳи иборат аз сездаҳ кӯдак монеаи зинда ташкил доданд, то ба аскарон имкони сӯи тӯда ҳаракат кардан надиҳанд. Ҳангоме ки аскарон ба ин нигоҳ накарда ҳуҷумро давом доданд, кӯдакон зону зада фарёд заданд: „Илтимос, моро накушед“.**

Аскарон ба фарёди кӯдакон аҳамият надода тирпаррониро сар карданд. Аммо кӯдакон ақибнишинӣ накарданд. Онҳо илтиҷо карданро давом медоданд: „Илтимос, ба мо тир напарронед“. Дар он ҷое ки кӯдакон меистоданд, акнун муҷассамаи ёдгорӣ гузошта шудааст.

Дар Румыния ривояте ҳаст, ки дар асл инқилобро фариштаҳо сар карданд. Онҳо кӯдаконро иҳота карда, ба онҳо мардонагии муқаддас доданд, то ки дар рӯ ба рӯи бадӣ истодагарӣ намоянд.

Ба шаҳрҳои Румыния танкҳо ва артиш бароварда шуданд, то ки шӯришро пахш кунанд. Аммо дар охир ба тӯдаҳои осоишта сар фароварданд. Дар шаҳри Сибиу, ҳангоме ки ду воиз ба болои танк баромада аз ҳама хоҳиш карданд, ки зону зада дуо гӯянд, аскарону афсарон ба тӯдаи бисёрҳазорнафара ҳамроҳ шуданд. Ба онҳо низ ин ҳукумат дилбазан шуда буд. Фурӯ нишондани инқилоб ғайриимкон гардид.

Чунин ҳисобида мешавад, ки марги риёзаткашонаи гурӯҳи хурди кӯдакон ба кишвар пирӯзиро бар як насли золимони коммунистӣ дод.

*Ҳангоме ки мо дар имони худ чун кӯдакон мешавем, дар мо хоҳиши амиқи иҷро намудани фармудаи Исо пайдо мешавад. Чун кӯдакон мо бояд лаҳзаеро биҷӯем, то ҳама кори аз дастамон меомадаро бикунем. Кӯдакони румын бе муваффақият хоҳиш мекарданд, ки онҳоро накушанд, аммо онҳо дар иҷрои вазифаи худ устувор буданд. Шояд, дар ҳаёти шумо ҳолатҳо ё натиҷаҳое ҳастанд, ки барои ба вазифаатон содиқ будан таҳдиде мебошанд? Шумо барои пурра ба кори Масеҳ дода шудан чӣ фидокорӣ карда метавонед?(аз баҳри чӣ баромада метавонед?)*

Ва гуфт: „Ба ростӣ ба шумо мегӯям: агар руҷӯъ накунед ва монанди кӯдакон нашавед, ба Малакути Осмон нахоҳед даромад“.

*Матто 18:3*

фавқулодда

# Қадами фавқулодда

**Лагери консентрасионии фашистӣ:** Мария Скотсобаух

**„...ҳафт, ҳашт, нӯҳ — ту! Аз саф баро!“ — фарёд зад посбони немис ба зан. Комендант фармуд, ки азбаски шаби гузашта ду зан гурехта буданд, ҳар маҳбуси даҳум қатл карда шавад.**

„Илтимос, ба ман раҳм кунед, ман кӯдак дорам“ — илтиҷо мекард зани даҳум. Мария Скотсобаух дар саф баъд аз вай буд. Дар дили худ Мария шунид: *„Аз саф баро ва бигӯ, ки ба ҷои вай мурдан мехоҳӣ“*. Ӯ ба овози дарунӣ ҷавоб дод: „Чаро? Ин зан масеҳӣ нест, вай яҳудии коммунист аст. Ҳангоме ки фашистонро мағлуб мекунанд, ба сари ҳокимият коммунистон меоянд, ки аз онҳо ҳеҷ фарқе надоранд.“

Мария ба хотир овард, ки он рӯз Ҷумъаи марги Масеҳ буд. Овоз гуфт: *„Дар ин рӯз ман на барои одамони нек, балки барои одамони бад, гуноҳкор мурдам“*.

Он гоҳ Мария пеш баромад ва гуфт: „Ман ба ҷои вай мурдан мехоҳам“.

Афсар хандид: „Агар ту то дараҷае аблаҳ бошӣ, ки ба ҷои вай мурдан мехоҳӣ, марҳамат, аз саф баро. Хоҳ-нохоҳ ба қарибӣ навбати вай низ мерасад“.

Ҳангоме ки Марияро ба қатл мебурданд, вай ба занҳои маҳкумшуда гуфт: „Дар Библия гуфта шудааст, ки Худо ҳангоме ки халқи худро аз асорати Миср берун мебаровард, пеш-пеши онҳо дар сутуни оташ мерафт. Ман дуо мекунам, ки ҳангоме ҷисми ман дар оташи крематорий сӯзонида мешавад, ҳамон сутуни оташ шавад, ки ба шумо роҳро сӯи Худо нишон диҳад“.

*Баъзан як қадам ба пеш ҳама чизро дигаргун мекунад. Ҳаёти масеҳиён бисёр вақт дар байни бехатарӣ ва номаълумӣ мекалавад. Барои онҳое ки сӯи номаълумӣ як қадам ба пеш мегузоранд, ҳамеша ёрӣ ва ҳузури Худо ато карда мешавад. Нӯҳ, Мусо, Иброҳим, Дебӯро, Рут, Марям, Павлус. Рӯйхати намунаҳои библиявиро давом додан мумкин аст, қаҳрамонон бошанд дар тӯли таърих беҳисобанд. Як қадами имон ҳаёти онҳоро аз оддӣ ба ғайриоддӣ табдил дод. Оё имрӯз Худо аз шумо хоҳиш намекунад, ки қадами имонро гузоред? Оё шумо овози ӯро дар дили худ мешунавед? Гӯш андозед. Барои пеш рафтан омода шавед. Қадами хурди итоаткории шумо метавонад ба одамони дигар роҳро сӯи Худо нишон диҳад.*

Қадамҳои кас аз ҷониби Худованд аст; пас одамизод чӣ гуна тавонад роҳи худро бифаҳмад?

*Масалҳо 20:24*



Рӯзи

**Риёзаткаш касест, ки асбоби Худо шуд, касест, ки иродааш дар иродаи Худо ҳал шуд, ва ба ҳамин тариқ ӯ онро гум накард, балки ба даст овард, зеро озодиро дар итоаткорӣ ба Худо соҳиб шуд. Риёзаткаш дигар чизе барои худ намехоҳад, ҳатто шӯҳрати риёзаткаширо.**

Т.С. Эллиот „Куштор дар калисои ҷомеъ“



# Фавқулодда махфӣ

## Катакомбаҳои Рум

**Масеҳиёни аввалин бо ду чиз маълум буданд: бо дуо дар зери замин ва таъқибот дар рӯи замин. Тамоми ҷаҳони маълум дар империяи Рум зидди масеҳиён буд. Қайсар Марк Аврелий Антоний соли 162 фармонеро имзо кард, ки дар он гуфта мешуд: „Ҳар касе ки худро масеҳӣ меномад, сазовори марги пуразобтарин аст!“ Барои калисо давраи қариб чор асри махфияти фавқулодда сар шуд. Калисо ба пинҳонкорӣ рафт ва катакомбаҳои Румро барпо намуд.**

Шабакаи азими толорҳо ва долонҳо дар зери шаҳри Рум пайдо шуданд, ки чун ҷои дафни мурдагон хизмат мекарданд. Ин фазои зеризаминӣ — катакомбаҳо — ҷои ҷамъ омадани калисои аввалини Рум гардид. Имондорон дар он ҷо маконеро пайдо карданд, ки бе халал дуо карда, Худоро ҳамду сано хонда метавонистанд.

Катакомбаҳо далели он мебошанд, ки имондорони аввалин бо чӣ саъю кӯшиш барои ба Масеҳ ҳамду сано хондан ҷое меҷустанд. Устухонҳои шикаста ва нимсӯхта дар қабрҳои онҳо гувоҳи таъқиботи сахте мебошанд, ки насиби онҳо шуда буд. Навиштаҳои махфӣ дар деворҳо баёнгари пирӯзӣ ва осудагӣ мебошанд. Агарчи масеҳиён дар рӯи замин ба бераҳмӣ дучор мешуданд, дар зери замин онҳо деворҳоро бо рамзҳои имон ва осудагии худ, ки ба воситаи салиб ба даст овარда буданд, ороиш медоданд.

Бисёр вақт дар қабрҳо навиштаҳои махфӣ вомехӯранд: „Пирӯзманд дар осоиш ва дар Масеҳ“ ё „Вай ба олами дигар даъват шуда, бо осоиш рафт“ ва ё „Ин ҷо Мария хобидааст, ки дар хоби осуда оромӣ пайдо кард“. Калиди пирӯзиҳои онҳо махфӣ нест: он осоиши комил дар Исои Масеҳ аст.

*Бисёр одамон тамоми умр имони худро махфӣ медоранд. Онҳо мегӯянд, ки дин кори шахсӣ аст — чизи махфие байни Худо ва худи шахс. Аммо дар калисои аввалин ин гуна набуд. Имондорон дар имони худ чунон кушода ва ошкор буданд, ки онҳоро ба осонӣ ёфта таъқиб кардан мумкин буд. Катакомбаҳои Рум барои ҳамду сано ҷои ниҳоние буд; аммо дар боло ба Худо пайравӣ кардани онҳо махфӣ набуд. Барои ҳамин ҳам бисёрии онҳо барои имони худ риёзаткашона ҳалок шуданд. Дуои ошкорои доимӣ дар зери замин ба онҳо осоишеро медод, ки онҳо ҳангоми таъқибот дар рӯи замин ҳис мекарданд. Шояд, имони шумо дар тӯли тамоми ҳаёти масеҳиятон дар „пинҳонкорӣ“ монда буд? Вақти ошкор намудани сирр фаро расидааст. Ба оқибатҳо нигоҳ накарда, масеҳиятро махфӣ надоред.*

> Зеро чизи ниҳоне нест, ки ошкор нагардад; ва ҳеҷ чизи махфие намебошад, ки ба зуҳур наояд.
>
> *Марқӯс 4:22*

# Боварии фавқулодда

**Украина:** ускуф Василий Величковский

**„Мехоҳам шумо бидонед, ки саргузашти ман боиси пешрафти бештари башорат гардиданд... ва аксарияти бародарон аз занҷирҳои ман дар Худованд устувор гардида, ба андозаи бештар ҷасорат мекунанд, ва каломи Худоро нотарс мавъиза менамоянд ... зеро ба шумо ба хотири Масеҳ ато шудааст, ки ба Ӯ на танҳо имон оваред, балки барои Ӯ уқубат ҳам кашед“ Филиппиён 1:12, 14, 29.**

Соли 1940 дар Тернопол ҳукумати шӯравӣ барпо карда шуд, ва таъқибот бар масеҳиён сар шуд. Дар рӯзи Ёрии Хастанашавандаи Модари Худо қариб 20 ҳазор нафар имондорон барои роҳпаймоии анъанавии идона ҷамъ омаданд. Ҳангоме ки роҳпаймоӣ ба маркази шаҳр наздик шуд, сардори вилоятии НКВД омад. Ҳамроҳонаш яке аз ходимони калисоро дастгир карда ба мошин бор карданд ва он шитобон дур шуд. Он гоҳ падари рӯҳонӣ Василий Величковский ба мардум бо мавъизаи ситоиши Худо муроҷиат кард: “Бо вуҷуди хатар, меарзид, ки роҳпаймоӣ баргузор гардад, то мардум дар рӯ ба рӯи ҳокимияти бехудо ҷалоли Худовандро бубинанд. Рӯзи дигар падари рӯҳонӣ Василийро ҳабс карданд. Коҳин ба тамоми таҳдидҳо тоб овард, сипас ӯро ба муфаттиш капитан Назаров супурданд. Афсар ба падари рӯҳонӣ оҳиста гуфт: “Ман имони шуморо, ки барояш ҷони худро додан мехоҳед, ҳурмат мекунам”. Капитан ба коҳин пешниҳод намуд, ки протоколи кӯтоҳи пурсишро имзо кунад. Вақте ки коҳин дар охири саҳифа имзо гузошт, капитан ба вай гуфт: “Шумо ба марги худ имзо гузоштед, охир, дар ҷои холии пеш аз имзои шумо бисёр чизҳоро навиштан мумкин аст”. Ин дафъа ӯро сар доданд, ва бори дуюм ӯро соли 1944 ҳабс карданд. Ӯро дар Киев суд карданд. Дар камера вай ба маҳбусон башорат медод. Маҳбусон мавъизаро гӯш карда, дуоҳоро аз ёд кардан гирифтанд. Саҳарӣ назоратчӣ омад ва дод зада дарро кушод, аммо чун дид, ки маҳбусон дуо мекунанд, гуфт: “Хуб, ман дертар меоям”. Онҳоро ба Сибир равона карданд ва истгоҳи аввалин дар Харков буд. Маҳбусон дар ҳавлӣ мехобиданд, ва он ҷо онҳоро ҷинояткорон ғорат мекарданд. Се кас ба падари рӯҳонӣ наздик шуданд ва яке аз онҳо бо ҷиддият пурсид: “Шумо ин касро медонед?” Коҳин дудила буд ва он вақт яке аз омадагон фарёд зад: “Падари рӯҳонӣ, охир, мо дар ҳабсхонаи Киев ҳамроҳи шумо будем!” Коҳин нидо кард: “Митя!” Маҳбус тасдиқ кард ва гуфт, ки баъди он вохӯрӣ вай ҳаёти худро хеле дигаргун кард, корҳои бад намекунад. Коҳин тасдиқ кард, ки Митя ҳамроҳи ӯ дар камера буд, ва аз гуноҳҳои худ тавба карда, ба Худованд ваъда дод, ки ҳаёти худро тағйир медиҳад. Маҳбуси сахтгир гуфт: “Хуб, ба ту ва ба Митя бовар мекунем. То боздид”.

*Дар кишварҳои пӯшида “башоратдиҳӣ” боиси таъқибот мешавад, аммо таъқибот шаҳодати боз ҳам бештарро ба вуҷуд меоваранд. Амалҳои нест кардани имон дар асл ба имондорон ҷасорати бештар медиҳанд. Башоратдиҳӣ дар кишварҳои кушода низ на ҳамеша бехатар аст. Аммо ин набояд ҷӯшу хурӯши моро дар иҷрои вазифаи худ сард намояд. Ба ҷои оиди бехатарии худ фикр кардан мо бояд ба он умед бандем, ки Худо моро ҷасуртар мекунад. Шумо оиди имони худ кушоду равшан ва далерона нақл кунед. Ҳамин рӯз сар кунед.*

Чунин аст эътимоди мо ба Худо ба василаи Масеҳ.

*2 Қӯринтиён 3:4*

# Садоқати фавқулодда

**Ҳиндустон:** Глэдис Стейнз

**Глэдис Стейнз барои андӯҳгин ва хашмгин шудан ҳамаи сабабҳоро дошт. Агар вай аз Ҳиндустон мерафт, касе ба вай таъна намезад. Аммо ҳангоме ки мутаассибони дини ҳиндуия дар шаҳри Маноҳарпур шавҳараш ва ду писарашро куштанд, Глэдис бо духтари 13-солааш қарор дод, ки дар ин ҷо бимонад. Вай қарор дод, ки кори худро бо махавиёни ин ноҳия давом диҳад.**

Шавҳари вай, Грэм, ва ду писараш, Филипп ва Тимоти, ҳангоме ки дар „ҷип“-и худ дар назди калисо мехобиданд, кушта шуданд. Онҳо барои мавъиза ба аҳли калисо омада буданд. Аммо дар он саҳарии даҳшатовар, ҳанӯз офтоб набаромада, сад нафар пайравони дини ҳиндуия мошини онҳоро бензин рехта сӯзонданд. Сипас онҳо, ки бо камонҳо мусаллаҳ буданд, мошинро иҳота карда, ба бандиён имкони баромадан надоданд.

Глэдис гуфт, ки Грэм ба пайравони дини ҳиндуия башорат доданӣ набуд. Ӯ фақат барои нишон додани муҳаббати Худо дар он ҷо буд. Дар натиҷа ҷуфти австралиягӣ шоҳиди он шуданд, ки бисёр касон ба масеҳият рӯ оварда, бутҳои худро сӯзонданд. Хатарнокии шаҳодатдиҳии онҳо ҳеҷ гоҳ садди роҳи садоқат ба вазифаашон — нишон додани муҳаббати Исои Масеҳ намешуд.

Глэдис ва Эстер дар хизматгузории дуо ба хотири Грэм, Филипп ва Тимоти месуруданд:

Ӯ зинда аст, ва ман ба оянда нигариста метавонам,
Ӯ зинда аст, ва дар ман тарсе нест,
Зеро ман медонам, ки оянда дар дасти Ӯст,
Ва зистан меарзад, зеро ки Ӯ зинда аст.

*"Because he lives". Words by William J. Gaither. Music by William J Gaither. Copyright © 1971 William J. Gaigner, Inc. All Rights controlled by Gaither Copyright Management. Used by permission.*

*Садоқати фавқулодда ҳеҷ гоҳ аз боиси хатар кам намешавад. Он аз ташвишҳо суст намешавад. Он ҳатто оиди натиҷаҳо ғамхорӣ намекунад. Садоқат ба кор фақат як вазифаеро медонад, ки ҳоло дар пеши кас истодааст. Барои бисёр одамон аз тарафи маҳаллиён кушта шудани аҳли оила сабаби мантиқии тарк намудани вазифаи худ мебуд. Барои одамоне ки пур аз садоқати фавқулодда мебошанд, ин тавр нест. Санҷишҳо метавонанд онҳоро хаста кунанд, аммо онҳо азми қавии пеш рафтан доранд. Фақат Худо метавонад ба мо қувваи рӯҳонӣ диҳад, то ба мусибат нигоҳ накарда, вазифаи худро давом диҳем. Шояд, ҳоло шумо барои худ қарор доданӣ ҳастед, ки кори Худоро давом диҳед ё не. Шояд, ягон воқеае рух додааст, ки шуморо аз роҳ задааст. Аз Худо хоҳиш кунед, то ба шумо садоқати ҳарӯзаро ба коратон диҳад, то ки аз он даст накашед.*

Зеро онҳое ки ба ҳасби ҷисм зиндагӣ мекунанд, дар бораи чизи ҷисмонӣ фикр мекунанд, вале онҳое ки ба ҳасби рӯҳ зиндагӣ мекунанд, дар бораи чизи рӯҳонӣ фикр мекунанд.

*Румиён 8:5*

# Навраси фавқулодда

**Куба:** Роза

**„Ман дар оилаи коммунистон ба воя расидаам, ки он ҷо калимаи Худоро ҳатто ба забон овардан мумкин набуд. Волидони ман атеист ҳастанд. Падари ман узви роҳбарияти коммунистии Куба мебошад. Модари ман котиби Кумитаи ҳимояи инқилоб аст. Гуфтан мумкин аст, ки хонаи ман лонаи коммунизм аст. Аммо бибиям дар ман тухми Каломи Худоро кошт. Чанд бор ман ҳамроҳи вай ба калисо рафтанӣ шудам, аммо волидонам иҷозат надоданд“.**

Ман боре Худованд Исои Масеҳро чун Наҷоткори худ қабул кардам. Ҳаёти ман дигаргун мешуд. Ҳатто тарзи либоспӯшии ман дигаргун шуд. Модари ман инро қабул накард. Пештар вай маро ҳеҷ гоҳ намезад, аммо акнун бисёр мезанад. Ҳангоме падарам масеҳӣ будани маро фаҳмид, ба ман гуфт, ки интихоб кунам — ё Худо ё вай. Ман Худоро интихоб намудам, зеро фаҳмидам, ки фақат барои Ӯ зистан меарзад.

Акнун, агарчи ман ҳанӯз 14-сола ҳастам, лозим меояд, ки дур аз хона таълим гирам. Ҳангоме ки ман бори аввал ба ин ҷо омадам, ягона масеҳӣ дар ин ҷо будам, аммо ман тухми Каломи Худоро коштам ва акнун мо чор нафар ҳастем. Мо дар зери дарахт вомехӯрем — пинҳонӣ — то ки Каломи Худоро омӯзем. Мо коштанро давом медиҳем ва интизори онем, ки ба наздикӣ мо хеле бисёр мешавем“.

*Агар таъсири бибӣ намебуд, Роза дар рӯҳияи коммунистӣ тарбият меёфт, атеист мешуд. Роза навраси фавқулодда аст, зеро пайрави бибии худ шуд, ки ба вай оиди Масеҳ нақл кард. Акнун Роза дар интернати худ ҳамин тавр мекунад — мавъиза мекунад ва Каломи Худоро мекорад. Вай ба шароит муросо накарда, имондоронро яке паси дигаре таълим медиҳад. Аммо чун дигар наврасони кубагӣ, ки дар режими Фидел Кастро зиндагӣ мекунанд, Роза фаҳмид, ки имон натиҷаҳои душвор дорад. Бо вуҷуди ҳама душвориҳо вай боварӣ дорад: баъзе аз тухмиҳои вай ба замини ҳосилхез меафтанд. Дар одамон тухми Каломи Худоро коред ва интизори ҳосил бошед.*

Ва кошташуда дар хоки нағз он кас аст, ки каломро мешунавад ва мефаҳмад ва бор ҳам меоварад: баъзе сад баробар, баъзе шаст ва баъзе сӣ“.

*Матто 13:23*

# Ғолибони фавқулодда

**Румыния:** шубон Ричард Вурмбранд

**„Зани ман бемор шудааст, ва дар ҳуҷраи ҳамшафат хобидааст“, — сар кард шубон Ричард Вурмбранд. — „Мо ҳар ду — яҳудӣ ҳастем. Аҳли оилаи вай дар ҳамон конслагере ҳалок шудаанд, ки мувофиқи лофзаниҳои худат, ту он ҷо яҳудиёни дар даст кӯдакдорро мекуштӣ. Шояд, ту аҳли оилаи зани маро куштаӣ“.**

Инро шунида, аскар, меҳмони шубон, хашмгин шуд ва баромада рафтанӣ буд. Аммо Ричард ӯро бозгардонд. „Сабр кун, ман мехоҳам ба ту таҷрибае пешниҳод кунам. Ман ба занам мегӯям, ки ту кистӣ ва чӣ кор кардаӣ. Аммо зани ман бо ту ҷанҷол намекунад ва ҳатто бо хашм нигоҳ ҳам намекунад“.

Он шахс ба ҳайрат афтод ва бо даҳонашро калон кушода нишаст.

Шубон давом дод: „Ҳамин тавр, зани ман фақат инсон аст, аммо вай метавонад туро бахшад — пас Исо туро чӣ қадар бештар бахшида метавонад?“

Он шахс рӯяшро бо дастонаш пӯшонд: „Ман чӣ коре кардаам? Ман чӣ гуна зиста метавонам, агар ин қадар хун рехта бошам? Исо, маро бубахш“. Ва аскар баъди сӯҳбат бо шубон ҳаёти худро ба Исо боварӣ карда супурд.

Баъд Ричард бархест ва зани худ Сабинаро бедор кард. „Инак кушандаи хоҳарон, бародарон ва волидонат“, — шиносонд ӯ меҳмонро. — „Аммо акнун вай тавба кардааст“. Сабина ӯро ба оғӯш гирифт ва аз рухсораш бӯса кард.

*“Муҳаббат бар ҳама чиз ғолиб меояд“. Ин суханон хеле маъмул мебошанд. Масеҳиён ҳаққонияти ин суханонро аз таҷрибаи худ медонанд. Ҳангоме ки мо ба ҳукми бадӣ дода мешавем, моро нафрат фаро мегирад. Аммо вақте ки мо идора кардани ҳаёти худро ба Худо месупорем (ки Ӯ Муҳаббат аст), пай мебарем, ки эҳсосоти табиии мо, аз қабили хашм, ба Ӯ мутеъ мешаванд. Мо ҳатто аз боиси вазъиятҳое ки пештар моро хашмгин мекарданд, безобита намешавем. Муҳаббат бояд дар дохили мо бар ҳама чизе ки ба хислати Масеҳ мухолиф аст, ғолиб ояд. Дар ниҳояти кор моро муҳаббат чунон фаро мегирад, ки аз ин дигаргунии дохилиамон ҳатто душманони ашаддии мо бурд мекунанд. Оё шумо бар талхии хашм ва ҳисси қасосгирӣ ғолиб омадаед? Аз Худои муҳаббат хоҳиш кунед, ки имрӯз бар хашми шумо ғолиб ояд.*

Аммо ҳоло ин се чиз боқӣ мемонад: имон, умед, муҳаббат; вале муҳаббат калонтарини онҳост.

*1 Қӯринтиён 13:13*

# Навозишкории фавқулодда

**Камбоҷа:** духтараки наврас

**Аскарони кхмерҳои сурх, ки ба хона зада даромада буданд, бо аслиҳаи худ таҳдид карда, нидоҳои таҳқиромез менамуданд. Ҳангоме ки дар Камбоҷа ба сари ҳокимият кхмерҳои сурх омаданд, ҳазорҳо масеҳиён кушта шуданд. Кӯдаконро ҳатто ба тимсоҳҳо мепартофтанд, то ки аскарон „тирҳоро сарфа кунанд“.**

Ҳеҷ яке аз аъзоёни ҷамоаи хурд аз ҷой наҷунбид. Афсар ба назди шубон омада, Библияро кашида гирифт ва ба фарш партофт. „Мо шуморо сар медиҳем“, — гуфт вай, — „аммо аввал шумо бояд ба ин китоби дурӯғин туф кунед. Касе ки рад кунад, кушта мешавад“.

Аскари дигар мардеро аз дасташ кашола карда пеш баровард. „Падар, маро бубахш“, — вай дар ҷое ки Библия афтида буд, зону зада дуо кард ва каме ба он туф кард.

„Хуб, ту метавонӣ биравӣ“. Сипас афсар ба зане ишора кард. Вай низ назди Библия зону зад ва ҳамон қадаре ки барои қаноатмандии афсар даркор буд, ба он туф кард.

Банохост духтараки наврасе бархеста назди Библия омад. Бо чашмони ашкбор вай зону зада, Библияро ба даст гирифт ва бо куртааш пок кард. „Онҳо бо Каломи Ту чӣ кор карданд?“ — гуфт вай. — „Илтимос, онҳоро бубахш“. Аскар таппончаро ба сари вай рост карда, тир холӣ кард.

Масеҳиёнеро ки аввал сар дода буданд, низ қатл карданд. Он чи онҳо карданд, барояшон халосӣ надод.

*Як амали қатъияти навозишкорона метавонад аҳли ҷамоатро бештар аз ҳама гуна хиёнат рӯҳбаланд кунад. Наврас дар ин нақл намунаи онро медиҳад, ки дар Масеҳ як будан чист? Ба ҷои сарзаниш кардани бародарон ва хоҳарони сусттари худ вай бо муносибати навозишкоронаи худ бо Библия фақат намунае нишон дод. Ба худ тасаввур кунед, ки агар тамоми аҳли ин калисо якдилона ҳамин тавр рафтор мекарданд. Чӣ шаҳодати қавие оиди Масеҳ! Ҳар боре ки мо якҷоя амал мекунем, мо қавитар ҳастем. Навозишкорӣ ва ҳамдардӣ ҳамроҳи намунаи қавӣ боиси он мешаванд, ки сустҳо бо садоқати бештар ба шумо ҳамроҳ шаванд. Агар шумо аз шахсони садоқаташон суст норозӣ бошед, дар ёд нигоҳ доред, ки Худо аз шумо талаб мекунад, то бо сустҳо якҷоя шуда, ба онҳо ёрӣ расонед.*

Пас, агар тасаллое дар Масеҳ бошад, агар хушнудии муҳаббат бошад, агар алоқаи рӯҳ бошад, агар марҳамат ва дилсӯзӣ бошад, — пас шодии маро пурра кунед, ба тавре ки дорои як фикр бошед, дорои як муҳаббат буда, якдил ва ҳамфикр бошед.

*Филиппиён 2:1-2*

**Агар сухан дар бораи таъқиби масеҳиён равад, ҳуқуқҳои инсон ин ҷо дахле надорад. Ин ҳамин гуна маросими дохилшавӣ аст.**

Стив Клири



# Сабри фавқулодда

**Кореяи шимолӣ**

**„Ин тӯҳфа барои туст“.**

„Ин чист?“ — ба сафари Кореяи шимолӣ тайёрӣ дида, миссионер аз дӯсти худ пурсид.

„Ҳамин бастаро гир. Худат ҳис хоҳӣ кард, ки онро кай кушодан даркор аст“. Миссионер дар Кореяи шимолӣ худро чун соҳибкор муаррифӣ намуд. Ҳангоме ки „посбон“-аш дар хоб буд, вай оҳиста аз меҳмонхона баромада, ба деҳаи наздиктарин рафт. Он ҷо вай бо гурӯҳи хурди имондорон вохӯрд. Чун онҳо фаҳмиданд, ки миссионери ҷавон коҳини дастгузошта аст, онҳо гуфтанд; „Ту бояд моро ғӯтаи таъмид диҳӣ! Мо интизори он будем, ки касе моро ғӯтаи таъмид диҳад!“

Дар кишваре ки барои нигоҳ доштани Библия ба муддати 15 сол зиндонӣ шудан мумкин аст, маросими расмии ғӯтаи таъмид метавонад боиси кушта шудан гардад.

Дар наздикӣ на дарёе буд, на кӯле, бинобар ин миссионер чун рамзи имони онҳо фақат бар онҳо дуо кард. Аммо боиси ҳайрати ӯ буд, ки онҳо аз ин қонеъ нашуданд. Мо чил сол маросими чашидани нон ва майро интизор будем“, — гуфт калонтари онҳо.

Яке аз онҳо фавран нони биринҷиро овард. Миссионер фикр кард: „Онҳо худи ҳозир бе об таъмид гирифтанд, шояд, онҳо бе чашидани май ба Асрори Муқаддас ҳамроҳ мешаванд. Он гоҳ вай дӯсташро ба ёд овард.“ Вай гуфта буд, ки „тӯҳфа“-и вай дар лаҳзаи душвор даркор мешавад. Вай зуд сумкаи худро ба даст гирифт ва бастаро баровард — он ҷо шишаи майи калисоӣ буд. Ҳамаи деҳотиён Худоро барои ин тӯҳфаи бамаврид ташаккур гуфта, гиристанд.

Профессори австриягӣ Франс Гробауэр оиди ҳамин гуна воқеае нақл кард, ки бо митрополити калисои католикии Украина Иосиф Слипой рӯй дода буд. Гробауэр дар маҳбусӣ ҳамроҳи ӯ буд. Дар лагери Сибир митрополит посылкае гирифт, аммо ҳангоме ки онро ба барак мебурд, ҷинояткорон ба сараш халта андохта, чизҳои фиристодаро гирифтанд. Дертар маҳбусон дар рӯи барф боқимондаи посылкаро ёфта, ба митрополит оварданд. Дар ҷилди дурушт якчанд донача ва пакети мавиз буд, ки онро ғоратгарон аз боиси шитобкорӣ надида мондаанд. Митрополит хеле хурсанд шуд, мавизро дар об тар кард ва аллакай рӯзи дигар аз мавизи ҳақиқӣ майи литургиягӣ дошт. Ҳамаи имондорони барак дар маросими чашидани нону май аз он май нӯшиданд.

*Агарчи бисёрии одамон дар замони мо бе тақвим ва соат ҳаётро тасавур карда наметавонанд, Худо вақти худро дорад. Ӯ бо муддати муайян маҳдуд нест. Аммо барои мувофиқи вақти Ӯ хушбахтона зистан мо бояд сабрро омӯзем. Сабр боварӣ ба он аст, ки Худо амалҳои худро мекунад, ҳатто агар мо тасдиқи онро намебинем. Принсипи ҳаловати мавқуф гузошташуда дар сабр аст. Ҳангоме ки мо баракатҳои Худоро интизорем, мо онҳоро бештар қадр мекунем. Мо он чизро бештар қадр мекунем, ки интизораш ҳастем. Хоҳ он бо нонҳои биринҷӣ иҷро намудани маросими чашидани нону май бошад, хоҳ ягон эҳтиёҷи махсус, вақти Худо ногузир аст. Шумо ба вақти Худо дар ҳаёти худ чӣ гуна менигаред? Шояд, вақти он аст, ки ба Ӯ таваккал намоед?*

Ҳама вақт ба
Ӯ таваккал кунед,
эй қавм.

*Забур 61:9*

# Башоратдиҳии фавқулодда

**Уганда:** ускуф Ҳаннингтон

**„Имконияти ягона барои оиди наҷот шунидани ҷаллод — шаҳодати маҳбус аст. Охир, онҳо ҳеҷ гоҳ ба калисо намераванд ва Библияро намехонанд. Масеҳии маҳбус бошад метавонад ҳангоми тахти лату кӯб будан ҳам бо ҷаллод оиди муҳаббат сухан ронад“. Чунин аст ақидаи яке аз аъзоёни калисои пинҳонкор.**

Зани дигар, ки солҳо зери хатари шиканҷаҳо ба Масеҳ хизмат намудааст, чунин гуфт: „Дар давоми тамоми таърихи Калисо бисёр масеҳиёни маҳбус азобдиҳандагони худро ба осмон овардаанд. Дар Рум дар ҳабсхона ҷадвале бо номҳои ҳамаи онҳое ҳаст, ки Павлус ҳангоми маҳбусияш руҷӯъ кунондааст. Агар Павлус ба онҳо имконият намедод, ҳамаи онҳо дар дӯзах мебуданд“. Вай хомӯш шуд. „Ман зидди азобҳо нестам, агар дар натиҷа азобдиҳандагон наҷот ёбанд“.

Ҳангоме ускуф Ҳаннингтон қарор дод ба Уганда назди одамхӯрон бо рисолаи Масеҳ равад, медонист, ки хатар зиёд аст. Баъди чанд ҳафтаи омадани ускуф одамхӯрон башорати миссионерро рад карданд ва ӯро куштанд. Пеш аз марги Ҳаннингтон одамхӯрон суханони зерини ускуфро шуниданд: „Душманони худро дӯст доред ... барои азиятдиҳандагон ва таъқибкунандагони худ дуо кунед“.

Худи ҳамон рисоларо ду писари ускуф баъди марги падарашон ба ҳамон деҳа оварданд. Онҳо қатъиян қарор доданд башоратдиҳиро ба ҳамон қабилае ки падари онҳоро кушт, давом диҳанд.

*Баъзеҳо марг ва эҳёи Масеҳро хаёли бофтаи он мутафаккироне меҳисобанд, ки мехостанд Устодашон зистанро давом диҳад. Аммо ба ин хотир риёзат кашидани бисёрии шогирдон ва наслҳои ояндаро чӣ гуна маънидод кардан мумки аст? Давом додан мантиқӣ мебуд, ки онҳо ҳанӯз ҳангоми ҳабс шудан ва алалхусус дар рӯ ба рӯи марг аз иштибоҳи худ даст мекашиданд. Чаро онҳо бо фикри бофтаи худ чунин дур рафтанд? Дар асл ҳуҷҷатҳои таърихӣ ҳастанд, ки онҳо то лаҳзаи охирин мекӯшиданд ҷаллодони худро руҷӯъ кунонанд. Башоратдиҳии фавқулоддаи онҳо гувоҳи боварии онҳо буд. Ҳамин аст Инҷили Худо. Шумо то кадом андоза ба Инҷил боварӣ доред? Оё шумо омодаед Онро то интиҳои фавқулодда баред?*

Зеро ки башорати Масеҳро ба худ ор намедонам, чунки он қуввати Худост барои наҷоти ҳар як имондор.

*Румиён 1:16*

# Майдони миссионерии фавқулодда

**Япония:** Франсиско Хавйер

**Япония, кишваре ки дар иҳотаи кӯҳҳои зебост, бо имони бародарон ва хоҳарони нотарс баракат ёфта буд. Онҳо қарор доданд ҳама чизро ба хатар гузоранд, то ки аввалин шуда номаи муҳаббат ва бахшоиши Масеҳро ба Япония оваранд.**

Соли 1549 Франсиско Хавйер миссионери аввалин дар Япония буд. Дар давоми хизмати ӯ бисёр касон имон оварданд ва калисо зуд афзун мешуд. Аммо ҳукуматдорони Япония масеҳиятро барои худ хатар ҳисобиданд, ва таъқиботи сахт сар шуданд. Мухолифат бар масеҳият чун кӯҳҳое ки то осмон қомат афрохта, ба сари имондорон соя меафкананд, меафзуд. Дар шаҳри Унзен масеҳиёнро дар лаваи вулкан месӯзонданд. Дигар масеҳиён дар шаҳри Нагасаки ба салибҳо мехкӯб карда шуданд. Соли 1637 аскарони япон қариб 30 ҳазор масеҳиёнро ҷамъ карда, ҳамаашонро қатл намуданд.

Баъд аз ин воқеа калисо бо умеди ҳимоя намудани онҳое ки раҳоӣ ёфтанд, ба пинҳонкорӣ гузашт. Калисо якчанд сол барои зинда мондан мубориза мебурд. Бо марҳамати Худованд калисо зинда монд. Миссионерони ба вазифаашон вафодор боз ҳам меомаданд. Онҳо оиди таъқиботи даҳшатнок шунида буданд ва мувофиқи даъвати Худо барои хизмат ба масеҳиёни ками боқимонда мерафтанд. Ҳоло дар Япония 1,7 млн масеҳиёни фаъол ҳастанд ва ҳар рӯз ба калисо имондорони нав меоянд. Хавйер ва миссионерони ҳозира имонро ба андозаи донаи хардал таҷассум мекунанд, ки кӯҳҳои мухолифатро бартараф намуд, то кишварро дигаргун кунад.

*Дар зиндагӣ бисёр чиз ба мо имкон намедиҳад, то аз манзараи зебо ҳаловат барем. Имондорон бисёр вақт аз ҷониби аъзоёни бедини оилаи худ, ки имони онҳоро қабул кардан намехоҳанд, бо кӯҳи мухолифат рӯ ба рӯ мешаванд. Бисёр масеҳиён кӯҳҳои Алпи атеизмро дар ҷои кории худ паси сар мекунанд. Дар кишварҳои пӯшида кӯҳҳои бар болои сари имондорон қомат афрохтаи таъқибот аз ҷониби ҳукуматҳои кишварҳояшон бо сояи худ онҳоро фаро мегиранд. Аммо маҳз дар паси кӯҳи мухолифат, ки Калисо имрӯзҳо бо он рӯ ба рӯ мешавад, манзараи зебо намоён мешавад. Манзараи ҳазорҳо мардон, занон ва кӯдаконе ки ташнаи Инҷил мебошанд. Имон метавонад барои одамони дигар, ки мӯҳтоҷи наҷотанд, роҳ кушояд. Бисёр масеҳиён то шумо дучори таъқибот шуда буданд, то ки ин ҳақиқатро исбот кунанд. Оё шумо корро бо имоне ки кӯҳҳоро кӯчонда метавонад, давом медиҳед? Шумо имрӯз ба кадом кӯҳи мухолифат диққати худро ҷалб мекунед?*

> …ба ростӣ ба шумо мегӯям: агар ба андозаи донаи хардале имон дошта бошед ва ба ин кӯҳ бигӯед: „Аз ин ҷо ба он ҷо кӯч кун", он кӯч хоҳад кард.
>
> *Матто 17:20*

фавқулодда

# Ҷойҳои фавқулодда

**Русия:** Зоя Крахмалникова

**Собиқ коҳин, ки дар камера ҳамроҳи Зоя буд, ба ӯ хиёнат кард. Вай ӯро бардуруғ айбдор намуд, то ки худаш ба озодӣ барояд ва аз шиканҷаҳо халос шавад. Ҳангоми доварӣ (суд) Зоя зидди хиёнаткор чизе нагуфт. Ӯ гуфт: „Ҳангоме ки Яҳудо Масеҳро таслим кард, хиёнаткор шуд. Аммо Исо вайро дар боғи Ҷатсимонӣ «дӯст» номид. Мо бояд аз Исо ибрат гирем ва бо онҳое ки моро таслим мекунанд, ҳамон гуна рафтор кунем“.**

Зоя Крахмалникова барои ба одамон оиди Исо нақл карданаш шаш сол дар ҳабсхона буд. Вақти дар он ҷо гузарондааш ба вай имкон дод фаҳмиши нотакрори Каломро ва чӣ гуна нисбати воқеияти сахти ҳаёти мо истифода шудани Онро ба даст оварад.

„Дар ҳабсхона дарҳои камераҳо тирезачае доранд, ки «чашмаки Яҳудо» ном дорад. Посбонон ба воситаи он метавонистанд ҳар панҷ дақиқа чӣ кор кардани касро назорат кунанд. Онҳо бо ҷидду ҷаҳд назорат мекунанд, тафтиш мекунанд ва насиҳат менамоянд. Ин ба ман ёрӣ дод, то бифаҳмам, ки агар коммунистон бо ин гуна ҷидду ҷаҳд туро назорат мекарда бошанд, пас Худо ва фариштаҳо ин корро бо ҷидду ҷаҳди бештар мекунанд“.

Зоя ба осонӣ метавонист ба андӯҳи дили худ дода шавад. Аммо ӯ аз Навиштаҳо дарси ибрат гирифт ва дар ҳаёти худ татбиқ намуд. Ин дарсҳо вазнин буданд. Аммо онҳо боиси он шуданд, ки ҳаёти ӯ ва ҳаёти онҳое ки дар назди ӯ буданд, андаке равшантар шуданд.

*Пешниҳоди бе омода намудани чизу чора ба сафари тӯлонӣ баромадан хандаовар метобад. Кӣ бе омодашавӣ сафар мекунад Аммо масеҳиён ҳар рӯз бе омодашавии даркории рӯҳонӣ ба сафари рӯҳонӣ мебароянд. Мо бояд пешакӣ омода шавем ва Каломи Худоро дар дили худ ҷой диҳем, то ки баъд онро ба қадри зарурат истифода барем. Бисёриҳо бо душворий зиёд санҷишҳои рӯҳонӣ мегузаранд, чунки принсипҳои Худоро пешакӣ наомӯхтаанд. Дар ниҳояти кор мо талхии нобарориро мечашем, ҳол он ки метавонистем чун Зоя ғолиб оем, агар Каломи Худоро барои вазъияти худ истифода мебурдем. Имонатон ба Масеҳ метавонад шуморо ба ҷойҳои хавфнок ё душвор барад. Оё шумо омодаи сафар ҳастед? Бисёртар Каломи Худоро бо худ бигиред — он ба шумо даркор мешавад.*

Саъю кӯшиш намо, ки худро ба Худованд муносиб нишон диҳӣ, ҳамчун коркуне, ки хиҷил намешавад ва каломи ростиро дуруст мавъиза мекунад.

*2 Тимотиюс 2:15*

# Партизани фавқулодда

**Перу:** Хуан

**Хуанро барои фаъолияти террористӣ ба муддати 15 сол аз озодӣ маҳрум намуданд. Хуан фаҳмид, ки террористон чӣ гуна фикр мекунанд. Вай узви гурӯҳи мусаллаҳи коммунистон буд, ки „Роҳи дурахшон“ ном дошт. Вазифаи асосии вай ба дигарон ёд додан дар куштан ва нобуд намудан буд. Вай мақоми баланд дошт ва мутахассиси кори худ буд. Кораш ба вай ҳисси илҳом ва тақдирро медод.**

Хуан ҳатто дар ҳабсхона кори худро давом медод. Вай Фернандо ном ҷавонро ба гурӯҳи худ ҷалб карданӣ шуда, дид, ки бисёр идеяҳои марксистии вай дар ин маврид таъсирбахш нестанд. Дар навбати худ Фернандо ба вай саволе дод: Дӯстам, агар ту ҳамин рӯз мемурдӣ, абадиятро дар куҷо мегузарондӣ?“

Хуан марги бисёр одамонро дида буд ва ё худаш ташкил карда буд, аммо ҳеҷ гоҳ оиди марги худ фикр накарда буд. Саволи Фернандо вайро безобита кард. Фернандо ҳар рӯз бо вай оиди муҳаббати Масеҳ ва қурбонии бузурги Ӯ мегуфт. Ниҳоят, Хуан имондор шуд.

Фернандо шогирди навро рӯҳбаланд мекард; „Чуноне ки ҳаёти худро ба инқилоб бахшида будӣ, имрӯз онро барои Масеҳ, Худованди худ бидеҳ“.

Ниҳоят, Хуан дар ҳабсхона шубони аҳли ҷамоати худ шуд. Пештар вай ба гурӯҳҳои мусаллаҳ одамонро ҷалб мекард. Дар ҳабсхона вай мактаби якшанбегӣ ташкил намуд. Миссияи марг ба миссияи ёрӣ ба одамон дар пайдо намудани ҳаёти абадӣ мубаддал гардид.

*Майлу рағбатҳои инсонӣ ба одамон ҳисси илҳом ва тақдирро медиҳанд. Баъзеҳо ба кори худ майлу рағбат доранд. Дигарон ба оилаи худ майлу рағбат доранд. Баъзеҳо принсипҳоеро пайравӣ мекунанд, ки зидди масеҳиятанд. Таъқибкунандагони масеҳиёнро дар дилхунукӣ айбдор кардан номумкин аст. Агар ҷасорати матини онҳо ба маҷрои дуруст равона карда мешуд, аз он ба ваҷд омадан мумкин мебуд. Аммо Худо бо он машғул аст, ки ҳаётҳои кӯҳнаро ба нав тадил медиҳад. Хуан бо ҳамон майлу рағбате ки нисбати марксизм дошт, одамонро сӯи Масеҳ руҷӯъ кунонданро сар кард. Худо майлу рағбати вайроншудаи ӯро гирифта, бо майлу рағбат ба Масеҳ иваз намуд. Дуо кунед, то ки Худо ҳамаи он чиро ки дар шумо ба садоқати пурраи рӯҳонӣ монеъ мешавад, дигаргун кунад. Аз Ӯ оиди хоҳиши қавии афзун намудани Малакути Ӯ илтимос кунед.*

Лекин он чи барои ман бартарӣ буд, ба хотири Масеҳ нуқсон донистам.

*Филиппиён 3:7*

# Боз як интихоби фавқулодда

**Филиппин:** Петр

**Петр ҳис мекард, ки худро ба хатар андохтан меарзад. Вай бо Майкл-амак, башоратдиҳанда дар Филиппин ба деҳаҳои дурдасте ки он ҷо мардум оиди Масеҳ шунидан мехостанд, сафар карданро дӯст медошт.**

Сафарҳо ба деҳот пур аз саргузаштҳо буданд. Гоҳо онҳо хатарнок ҳам буданд. Соатҳои дароз дар ҷангали зич роҳ рафтан лозим меомад. Солҳо боз халқи Филиппинро Армияи нави халқӣ, артиши ҳизби коммунист азият медиҳад. Ба Петр ва амакаш бисёр вақт лозим меомад, ки барои ба хатар дучор нашудан пинҳон шавад. Петр кӯдаконро дӯст медошт, ва барояш дидани он маъқул буд, ки ҳангоме онҳо ниҳоят муҳаббати Худоро мефаҳмиданд, дар чашмонашон рӯшноӣ дурахшонтар мешуд.

Дар рӯзи Ҷумъаи Азобҳои Масеҳ Армияи нави халқӣ қарор дод, ки ба хизматгузории амаки ӯ Майкл хотима диҳад. Онҳо Пётрро дастгир карда, таҳдид намуданд, ки агар амакаш оиди Масеҳ гап заданро бас накунад, ӯро мекушанд. Волидони Пётр ҷавоб доданд: Мо ба Майкл фармон дода наметавонем, ки хизматашро бас кунад. Аммо мо аз шумо хоҳиш мекунем, ки писарамонро бозгардонед. Ӯ бар зидди шумо ҳеҷ коре накардааст“.

Петр, ки дастонашро ба ақиб баста буданд, суханони волидонашро мешунид: „Зеро барои ман ҳаёт Масеҳ аст ва марг — дастовард“. Ҳангоме ки соати назди Наҷотдиҳандаи худ рафтани Петр фаро расид, ин суханон барояш насиҳати падарона шуданд. Амаки ӯ Майкл то ҳол ба сокинони деҳаҳои атроф оиди қувваи муҳаббати Масеҳ ва оиди ҷияни ҷавони вафодори худ нақл мекунад.

*Он ҷое ки хатар ҳаст, ҳамеша интихоб ҳаст. Баъзеҳо ба корҳои дунявӣ таваҷҷӯҳ намуда, сарвати худро ба хатар меандозанд. Натиҷаи бозии биржавӣ. Ғолибият дар пойга. Миқдори тӯбҳои задаи бозингар дар давоми бозӣ. Баъзеҳо қарор медиҳанд ҳаёташонро ба ҳаловатҳои худ — ба маводи мухаддир ва арақ диҳанд, ки ҳеҷ аҳамияти абадӣ надоранд. Исо одамонро даъват мекунад, ки интихоби тамоман дигар кунанд. Ӯ мегӯяд, ки мо бояд осудаҳолии дунявии худро ба хатар андозем, то барои ба Ӯ итоаткор буданамон атоҳои осмонӣ ба даст оварем. Пайравӣ ба иродаи Ӯ аз бурд кардан дар ипподром ё ҳаловати сунъӣ зери таъсири маводи мухаддир дида мукофоти бештаре меоварад. Оё шумо барои ба хатар андохтани имони худ мукофоти Худоро таҷриба намудаед? Чаро, ё барои чӣ не?*

Агар касе хоҳад иродаи ӯро ба амал оварад, дар бораи ин таълим хоҳад донист, ки оё он аз Худост, ё ки Ман аз Худ сухан мегӯям.

*Юҳанно 7:17*

**Мо на оиди он дуо мекунем, ки масеҳиёни хуб бошем, балки оиди он ки ҳамон гуна масеҳиёне бошем, чуноне ки Худо моро дидан мехоҳад, яъне масеҳиёни масеҳмонанд, ки салиби ҷалоли Худовандро бо омодагӣ мебаранд.**

Аз мактуби ба таври пинҳонӣ баровардашудаи калисои пинҳонкор дар Румыния.



# Суруди Фавқулодда

**Кореяи шимолӣ:** сокинони деҳаи Гоксан

**Духтараки хурдакак ба модараш нигарист: ӯ чӣ қарор медиҳад?**

Пагоҳии он рӯз модари он духтар, шубони онҳо, ва 26 нафар сокинони деҳаи Гоксанро баста, дар пеши тӯдаи коммунистони ашаддӣ гузоштанд.

Яке аз посбонон ба шубон Ким ва масеҳиёни дигар фармуд: „Аз Масеҳ даст кашед ва ё кушта мешавед“. Духтарак аз суханони вай сахт ба изтироб омад. Чӣ гуна онҳо метавонанд аз вай талаб кунанд, ки аз Масеҳ даст кашад? Вай дар дили худ медонист, ки Ӯ зинда аст. Ҳама аз ин кор даст кашиданд.

Он гоҳ посбон дод зад: „Аз Масеҳ даст кашед ва ё мо кӯдакони шуморо ба дор меовезем“. Духтарак ба модари худ нигарист. Вай дасти модарашро фишурд, зеро медонист, ки модараш вайро дӯст медорад. Модар хам шуда, оромона ва боваринок ба гӯши вай пичиррос зад: „Духтаракам, имрӯз ману ту дар осмон вомехӯрем“.

Ҳамаи кӯдаконро овехтанд.

Масеҳиёни боқимондаро маҷбур карданд, ки дар замин назди асфалтпахшкунаки калон дароз кашанд. Коммунистон ба онҳо имконияти охирин доданд: „Аз Масеҳ даст кашед ва ё шуморо маҷақ мекунанд“. Масеҳиён аллакай фарзандони худро дода буданд. Роҳи бозгашт набуд.

Ҳангоме ки мошини калонро ба кор андохтанд, суруди пасти деҳотиён шунида шуд: „Бишнав дуову оҳи ҷонамро, Мехоҳам, эй Худоям, Туро зиёдтар дӯст дорам“.

*Бештар дӯст доштан. Худо моро чунон дӯст дошт, ки Писари Худро дод. Бештар дӯст доштан. Масеҳ чунон дӯст дошт, ки ба маслуб шудан розӣ шуд. Бештар дӯст доштан. Аз боиси муҳаббат ба Масеҳ масеҳиён ҳаёти худро медиҳанд. Онҳо мехоҳанд ба Оне ки барояшон ин қадар бисёр додааст, бисёртар диҳанд. Дар замоне ки танҳо қути лоямут (миқдори хӯроке ки барои намурдан кофист) додан маъмул аст, имондорон меъёрҳои нав муқаррар мекунанд. Бештар дӯст доштан — на танҳо суханони суруди анъанавӣ мебошанд. Ин усули зиндагии бе ҳудудҳо мебошад. Ҳар рӯз — роҳест дар ҷустуҷӯи чӣ гуна бештар дӯст доштани Исои Масеҳ. Ин роҳ баъзе масеҳиёнро ба марг овард. Барои дигар масеҳиён бештар дӯст доштан маънои хайрот доданро дошт. Дар ҳаёти ҳаррӯзаи шумо „бештар дӯст доштан“ чӣ маъно дорад?*

Зеро Худо ҷаҳонро чунон
дӯст дошт, ки Писари ягонаи
Худро дод, то ҳар кӣ ба ӯ
имон оварад, талаф нашавад,
балки ҳаёти ҷовидонӣ ёбад.

*Юҳанно 3:16*

# Кинои фавқулодда

**Покистон**

**Акнун ҳама мехостанд ин филмро тамошо кунанд. Одамон дар бозор ва ҳатто дар масҷид оиди он пичир-пичир мекарданд. „Ин филм дар бораи чист? Наход он чунон бад бошад, ки аз боиси он одамонро ҳабс кардан лозим аст?“**

Ҳама дар бораи филми „Исо“ гап мезаданд, ки дар он ҳаёт, хизмат, марг ва эҳёи Исои Масеҳ тасвир ёфтааст. Филм дар экрани калон нақшаи наҷотро нишон медиҳад, ҳикоя дар бораи Исо дар он зинда мегардад. Дар шаҳри Яъқубободи Покистон ду кас барои паҳн кардани ин филм ва дигар маводи масеҳӣ ҳабс карда шуданд. Ҳар дуро лату кӯб намуданд. Муллоҳои маҳаллӣ бо исрор талаб мекарданд, ки ин ду нафар ва дигар шахсоне ки бо паҳн намудани ин мавод машғуланд, айбдор карда шаванд. Зиёда аз ин, онҳо мусулмонони шаҳрро даъват намуданд, ки бар зидди ҳамаи масеҳиён чораҳо андешанд. Пас аз чанд вақт чизҳои шубони маҳаллиро дуздиданд, дар назди мактаби масеҳӣ садои тирпарронӣ баланд шуд. Чунин метобид, ки шаҳр дар арафаи зӯроварии рӯйрост аст.

Аммо ба зудӣ дигаргуниҳо ба амал омадан гирифтанд. Ба ҷои бойкот кардани филми „гуноҳолуд“ ҳама мехостанд онро тамошо кунанд. Одамон мехостанд сабаби ин ҳама шӯру ғавғоро бо чашмони худ бубинанд. Дар шаҳр нусхаҳои ин филм паҳн шуданд, ва дар охир филми „Исо“ дар телевизиони маҳаллӣ нишон дода шуд. Довари шаҳр филмро тамошо карда, гуфт, ки он зиддиисломӣ нест.

*Худашон инро нахоста, муллоҳои маҳаллӣ сабабгори он шуданд, ки хабари инҷилӣ дар тамоми шаҳр паҳн шуд. Муллоҳо мехостанд филми „Исо“-ро тамоман аз кишвар дур кунанд. Аммо дар асл ин кори онҳо ба хизматгузорӣ мусоидат намуд. Худо бо роҳҳои ғайриоддӣ бадиро ба некӣ мегардонад. Ӯ корҳои ходимони Худро баракат медиҳад, аммо на ҳамеша он тавре ки мо тасаввур мекунем. Масеҳиён дар кишварҳои пӯшида инро дар таҷрибаи талхи худ меомӯзанд, аммо онҳо аз дидани корҳои асрорангези Худо дар кишварашон шоданд. Худо ба мо дар роҳ ёрӣ медиҳад, ҳатто ҳангоме ки мо то охир фаҳмида наметавонем. Баъзан чунин метобад, ки ҳама чиз бад аст. Оё дар чунин лаҳзаҳо беш аз ҳама ба Худо боварӣ мекунед? Ӯ чӣ кор карданаашро медонад, ҳатто ҳангоме ки мо инро намедонем.*

Фикрҳои Ман фикрҳои шумо нест, ва роҳҳои шумо роҳҳои Ман нест, — мегӯяд Худованд.

*Ишаъё 55: 8*

# Аризаи Фавқулодда

**Перу:** Рикардо

**Коғаз чиркин ва гӯшаҳои он кандагӣ буд. Сатрҳои сиёҳи шитобонро хондан қариб имконнопазир буд. Дар охири коғаз имзо буд: Рикардо.**

„Ман аз лагери боевикҳои коммунисти Перу менависам. Ба наздикӣ ман дар радио барномаҳои шавқоварро меҷустам. Барномаҳои радиоии пур аз нафрати рафиқони ман бароям бемаъно буданд. Сипас ман ба барномаи шумо «Инҷил ба забони марксистӣ» дучор шудам. Шумо мегӯед, ки Исо, устоди бузург, оиди бахшидани душманони худ сухан меронд.

Ин фикр ба дилам асар кард. Банохост ман осудагиро ҳис кардам ва чун кӯдак гиристам. Ман намедонам, ки чӣ ҳодиса рӯй дод.

Волидони ман қурбониёни истисмори бераҳмонаи заминдорон буданд, ва ман тамоми умр сарватмандонро бад медидам. Аммо бо кадом як сабабе ман бад диданро бас кардам. Ман инро фаҳмонда наметавонам. Оё имкон дорад, ки ман бад дида натавонам?

Ин бори аввал буд, ки ман барномаи радиоии шуморо гӯш мекардам. Ман хеле хурсанд шудам. Акнун ман ҳамаи барномаҳои шуморо гӯш мекунам. Ман мехоҳам китоберо ки шумо мегӯед, бихонам“.

Дертар Рикардо аз гурӯҳ рафт ва узви калисо шуд. Баъди ду сол вай ба лагери боевикҳо бозгашт, то ки ба рафиқони собиқаш оиди Наҷотдиҳандаи худ нақл кунад. Баъд аз ин касе дар бораи ӯ чизе нашунидааст. Агар вай кушта шудааст, пас бо муҳаббат ба онҳое ки ӯро куштанд.

Агар касе гӯяд, ки „ман Худоро дӯст медорам“, вале аз бародари худ нафрат кунад, вай дурӯғгӯй аст; зеро касе ки бародари худро, ки дидааст, дӯст намедорад, чӣ гуна метавонад Худоро, ки надидааст, дӯст бидорад?

*1 Юҳанно 4:20*

*Яке аз заҳролудтарин ҳиссиётҳои хоси инсон нафрат аст. Онро бо туршие (кислота) монанд мекунанд, ки зарферо ки дар он нигоҳ дошта мешавад, мехӯрад. Одамони пур аз нафрат ба зудӣ дармеёбанд, ки аламу ҳасрати онҳо худашонро мехӯрад. Аммо имондор табиати рӯҳонӣ дорад, ки майлҳои табииро мағлуб мекунад. Исо ба одамон нишон медиҳад, ки чӣ гуна душманони худро дӯст доштан лозим аст, ва дар натиҷа одамон дигаргун мешаванд. Дигаргунӣ чунон зуд ба амал омада метавонад, ки руҷӯъкарда кӯҷо шудани солҳои нафрати ҷамъшударо надониста мемонад! Оё шумо ҷони худро бо нафрат заҳролуд мекунед? Шояд фикри қасос шуморо ором намегузорад? Барои аз нафрат шифо ёфтан ба Исо муроҷиат кунед? Имрӯз онҳоеро ки шуморо озор додаанд, бубахшед ва барои фардо умед пайдо кунед.*

# Сарвати фавқулодда

**Румыния:** сокинони Добруҷа

**Диктатор Николае Чаушеску боре қарор дод, ки ба монанди ҳамфикрони шӯравии худ дар кишвар „коллективизатсия“ гузаронад. Диктатори бераҳми Румыния фикр мекард, ки метавонад одамонро маҷбур кунад, то молу мулки худро ба хотири некӯаҳволии умум бидиҳанд.**

Фермерҳо, заминдорон ва деҳқонон ҳама чизро аз даст доданд: киштзорҳо, чорво, асбобу анҷом ва хонаҳо. Сектори аграрии Румыния, ки замоне равнақ дошт, нобуд карда шуд. Акнун ҳар як фермер ғуломи давлат шуд ва дар заминҳои давлатӣ ба хотири моҳонаи ночиз меҳнат мекард. Оилаҳо барои нон дар навбат меистоданд. Муқобилат пухта мерасид. Ва диктатор ба чораҳои қатъӣ рӯ овард. Дар вилояти Добруҷа ҳамаи деҳқононро дар маркази шаҳр ҷамъ оварда, талаб карданд, ки хоҷагиҳои худро ихтиёрӣ супоранд. Ҳангоме ки довталабон ёфт нашуданд, Чаушеску бо дастони худ даҳ касро қатл кард. Саволи зерин аз нав ба овоздиҳӣ гузошта шуд: „Кӣ ҳамаи молу мулки худро додан мехоҳад?“

Мусиқии ҳарбӣ танинандоз буд, даъватҳои таҳсинкунандаи коммунизм садо медоданд. Одамонро ба рақсидан маҷбур карданд ва кинохроника ба навор сабт намуд, ки румынҳо бо шавқу ҳавас сотсиализмро ҷонибдорӣ мекунанд. Як фермер, ки тамоми дороияшро аз даст дода буд, дертар гуфт: „Онҳо гумон карданд, ки ҳама чизро гирифтаанд. Аммо онҳо сурудномаҳои динии моро монданд. Бинобар ин мо нишаста, бо суруд Худовандро ситоиш кардем“.

*Аксаран барои хубтар бо ҳам шиносонидани одамони нав бозиҳо ташкил мекунанд. Инак яке аз саволҳое ки оиди шахс бештар аз ҳама маълумот медиҳад: шумо ба ҷазираи беодам кадом як чизро мегирифтед? Барои бисёрии одамон ба ин савол ҷавоб додан чунон душвор аст. Мо ба онҳо бояд таъкид намоем, ки ин фақат бозӣ аст. Аммо ба халқи румын муяссар нашуд, ки дар ин гуна бозӣ иштирок намояд — онҳо инро дар ҳаёти воқеӣ аз сар гузаронданд. Ҳукумати онҳо барояшон имкон надод, ки ҳатто як чизро дошта бошанд. Аммо ҳангоме деҳотиён фаҳмиданд, ки сурудномаҳои онҳоро ҳукуматдорон нагирифтаанд, ин ба деҳаашон, ки акнун ба ҷазираи беодам монанд буд, шодӣ овард. Одамон ба сурудномаҳо чун ба ганҷ муносибат мекарданд, ва Худо ба одамон чун ба ганҷ муносибат мекард.*

Зеро ки ту барои Худованд Худои худ қавми муқаддас ҳастӣ; Худованд Худоят туро баргузидааст, то ки миёни ҳамаи қавмҳое ки дар рӯи замин ҳастанд, қавми хуҷастае барои ӯ бошӣ.

*Такрори Шариат 7:6*

# Қурбонии фавқулодда

**Русия:** шоҳдухтар, бевазан, роҳиба, қурбонӣ

**Князхонуми бузург Елизаветаро, ки шоҳдухтари Гессен ва Рейн, набераи маликаи Англия Виктория буд, болшевикон ҳамроҳи икониня Варвара дар назди Алапаевск ба шахта партофтанд. Аз шахта якчанд рӯз дуои онҳо оиди бахшидани қотилон шунида мешуд.**

Аз пайи хоҳари худ Аликс, ки зани императори Россия Николайи II шуда буд, Елизавета зани бародари ӯ, князи бузург Сергей Александрович Романов гардид.

4-уми феврали соли 1905, ҳамин ки экипажи князи бузург аз Кремл берун омад, боевик-инқилобчии рус Иван Каляев ба он бомба партофт. Князхонуми бузург ба ҷои таркиш омада, мекӯшид боқимондаи ҷасади шавҳарашро бо дастонаш ҷамъ кунад. Каляевро дастгир карданд ва Елизавета рӯзи дигар ба ҳабсхона назди вай рафт, то бигӯяд, ки ӯро бахшидааст. Рафтори масеҳиёнаи ӯ ба маҳбуси 27-сола, эсэр Иван Каляев таассуроти амиқ гузошт. Князхонуми бузург бошад аз ҷаҳон дур шуда, роҳибагиро қабул кард ва сарвари дайр (монастир) гардид. Тамоми фаъолияти ин дайр аз хизмати дуоӣ ва ёрмандии амалӣ ба камбағалон иборат буд. Соли 1918 болшевикон ӯро ҳабс карда, ба Урал бурданд, ва дар он ҷо ӯро ҳамроҳи икониня ба шахта партофтанд. Занҳо дар кадом як барҷастагии шахта андармон шуда, чанд рӯзи дигар зинда буданд. Сокинони маҳаллӣ, ки ба назди шахта меомаданд, садои пасти сурудхонӣ ва дуои онҳоро барои мӯҳтоҷони бахшоиш мешуниданд.

(Аз китоби Зоя Крахмалникова „Идеяи русии модар Мария“. Стефанус. 1997).

*Ҳадияи калонтарин барои хизмати Худо дар табақи хайротҷамъкунӣ намеғунҷад. Агар мо тамоми ҳаёти худро қурбонӣ ба Худо биҳисобем, имкониятҳои ба Малакути Ӯ фоида овардани мо номаҳдуданд. Бисёрии онҳое ки чун Елизавета дучори таъқибот шудаанд, намунаи чунин қурбонӣ мебошанд. Барои ситоиши Худо онҳо ҳаёти худро баҳри хизмат ба таъқибкунандагони худ қурбон карданд. Тереза Лизйевская боре гуфта буд: „Азобҳое ки барои дигарон бо хушнудӣ қабул карда мешаванд, одамонро бештар аз мавъизаҳо руҷӯъ мекунонанд“. Бисёрии масеҳиён ба осонӣ баҳонаҳо меёбанд, то ҳаёти худро бо қурбонии хурдтарине гаронбор накунанд: „Хеле банд (машғул) ҳастам“ ё „Кори бисёр дорам“. Аммо Худо метавонад ба мо воситаҳои нотакрори оиди ӯ шаҳодат доданро ошкор намояд.*

Лекин, агар ман қурбонии
рехтание бар қурбонӣ ва
ибодати шумо шавам ҳам, аз
ин шодам ва бо ҳамаи шумо
шодӣ мекунам.

*Филиппиён 2:17*

# Андӯҳи фавқулодда

**Румыния:** архимандрит Гиуш

**Шароити ҳабсхонаи Жилява дар замони режими коммунистӣ махсусан сахт буд. Аз тирезаҳои шикаста ҳавои хунуки зимистон медаромад. Дар Жилява нисбати масеҳиён ҳеҷ гуна ҳамдардӣ набуд. Ҳатто „зарбу лати махсус“-и посбонон ба онҳо насиб мегардид.**

Яке аз маҳбусон, архимандрит Гиуш, дар шаҳри Либерти шубон буд. Ҳангоме ки ӯро ба ҳабсхона партофтанд, ӯ оромона „хона“-и нави худро аз назар гузаронда, шахси шиносеро дид, ки ҳамроҳаш дар Либерти хизмат мекард. Ин шахс шубон Ричард Вурмбранд буд. „Ҳеҷ имкон надорад, ки ӯ ҳанӯз зинда бошад“, — фикр кард архимандрит. — „Ҳашт сол инҷониб аз ӯ дараке набуд“. Ду шубон якдигарро ба оғӯш гирифтанд. Архимандрит табассум кард ва пур аз шукргузорӣ буд, зеро дар наздаш дӯсти деринае буд, ки барои ба ҳамаи азобҳои даҳшатовар тоб овардан ёрӣ хоҳад дод.

Аммо шубон Вурмбранд табассум намекард. Чунин шубони хубро дар ҳабсхона дидан барои ӯ андӯҳовар буд. Вай барои ӯ ғам мехӯрд. Оё ӯ ба хунукӣ ва муносибати бераҳмона тоб меоварда бошад? Оё чун баъзеҳо аз ақл бегона намешавад? Баъди ҳашт соли дар ҳабсхона гузарондааш Вурмбранд медонист, ки ин шахси навомадаро чиҳо дар пешанд.

Ду дӯст муддате хомӯш менишастанд. Ниҳоят Ричард хомӯширо вайрон карда, ғамхорона пурсид: „Ту андӯҳгин ҳастӣ?“ Боиси ҳайрати вай буд, ки архимандрит чунин ҷавоб дод: „Бародарам, ман фақат як андӯҳро медонам: ба Исо пурра вафодор набудан“.

*Нақлҳои воқеиро оиди риёзаткашон бе заъфи эҳсосотӣ хондан душвор аст. Аксуламали табиӣ пайдо мешавад: андӯҳ ва ҳисси таассуф аз он ки одамони бегуноҳ ба чунин марги даҳшатовар дучор шуданд. Аммо қаҳрамонони ин нақлҳо аз мо аксуламали тамоман дигарро интизоранд. Онҳо умед доранд, ки ҳикояҳо оиди онҳо на боиси таассуфи одамон мешаванд, балки онҳоро водор мекунанд, то худро самимона ба Масеҳ супоранд. Албатта, марги онҳо ба дилҳои мо таъсир мекунанд. Аммо дили мо бояд аз он ғамгин шавад, ки имони мо дар баробари имони онҳо ҳеҷ аст. Ана ин чиз ҳақиқатан андӯҳовар аст. Оё ин нақлҳо дар шумо ҳисси аз осудагии худ тавба карданро бедор мекунанд? Оё баъди хондан дар шумо ҳисси ҷуръати дорои илҳоми илоҳӣ пайдо мешавад? Аз Худо хоҳиш кунед, то имрӯз ба шумо ҷуръати барои ӯ зистанро диҳад.*

Алҳол ман шодам на аз он ки шумо ғамгин шудаед, балки аз он ки ғами шумо боиси тавба гардидааст, зеро ки ғами шумо аз тарафи Худо буд.

*2 Қӯринтиён 7:9*

**То даме ки имон ба амал табдил наёбад,**
**ҳатто ҳуқуқи имон номида шудан надорад.**

Кэтрин Маршалл



# Бахшидани фавқулодда

**Румыния:** Деметер

**Деметер солҳои зиёд дар ҳабсхонаҳои режими коммунистӣ азоб кашида буд. Ҳамаи ин солҳои маҳбусӣ рӯҳияи ӯ устувор буд, аммо ҷисмаш суст шудан гирифт. Сардори ҳабсхона барои худ машғулияте пайдо кард, ки бо болға ба сутунмӯҳраи Деметер мезад. Дар натиҷа Деметер фалаҷ шуд. Аммо муносибати масеҳмонанди Деметер ба ҷаҳон дигаргун нашуд, ва ниҳоят, ӯро ба озодӣ сар доданд.**

Баъди бист сол дари ӯро касе тақ-тақ кард. Вай аз дидани худи ҳамон сардори ҳабсхона, ки ӯро бераҳмона зада маъюб кард, ҳайрон шуд. Аммо ба ҳар ҳол вай имони худро нишон дод.

Сардори собиқи ҳабсхона гуфт: „Ман мефаҳмам, ки бадии ба ту кардаамро бахшидан ғайриимкон аст. Ман рафтори пастфитратона кардам. Аммо, аз ту хоҳиш мекунам, тавбаи маро қабул кун ва ман меравам“.

Деметер ба ин одам бо ҳамдардӣ ва ҳайрат нигариста, лаҳзае фикр кард. Ӯ бо мулоимат ҷавоб дод: „Дар давоми 20 сол ман ҳар рӯз барои ту дуо мекардам. Ман туро интизор будам. Ман туро ҳанӯз 20 сол пеш бахшида будам“. Агар мо нисбати ҳама муҳаббат ва бахшоиш зоҳир карданӣ бошем — ҳатто нисбати онҳое ки ба мо зарар расондаанд — он гоҳ муҳаббати Масеҳ ҳама чизро аз пеши роҳаш дур мекунад.

*Бисёрии одамон ҳеҷ гоҳ шиканҷаҳои ҷисмониро аз сар нахоҳанд гузаронд. Аммо захмҳои психологие ки одамон ба мо мерасонанд, боиси азобҳои сахт шуда метавонанд. Хотираҳо оиди суханони бад, хиёнати дӯст, ҷудошавӣ метавонанд дар тӯли тамоми ҳаёт боқӣ монанд. Васвасаи аз каси ранҷонида қасос гирифтан пайдо мешавад. Бахшидан дар вуҷуди мо ба таври табиӣ пайдо намешавад — он аз табиати Худо ҷудоинопазир аст. Марҳамати Худоро дар худ ҳис карда, мо метавонем ба дигарон имкон диҳем, ки бахшоиши Худоро ба даст оваранд. Бахшидан ба он вобаста нест, ки шахси ранҷонида аввалин шуда онро хоҳиш кард ё не. Ин амали итоаткорист, ва низ амали имон аст. Аз Худо хоҳиш кунед, ки дилатонро барои мӯъҷизаи бахшидани ҳақиқӣ кушояд.*

…ба ҳамдигар илтифот намуда, якдигарро афв кунед, агар касе аз дигаре ранҷида бошад: чӣ тавре ки Масеҳ шуморо омурзидааст, шумо низ ҳамин тавр кунед.

*Қӯлассиён 3:13*

# Падидшавии фавқулодда

**Румыния:** Ион Лугаяну

**Масеҳии ҷавон Ион Лугаяну баъди дар маҳкама шунида шудани парвандаи ӯ ба камера баргашт. Ҳамроҳонаш дар камера бо ҳаяҷон пурсиданд: „Чӣ шуд?“**

Ӯ ҷавоб дод: „Ин монанди он рӯзе буд, ки фаришта ба Марям, модари Исо, падид шуд. Инак вай, зани ҷавон, танҳо нишаста ба фикр фурӯ рафтааст. Банохост фариштаи дурахшони Худо ба вай падид омада, хабари ғайриоддиро мерасонад. Вай дар батни худ Писари Худоро хоҳад бардошт“.

Ба ҳама шавқовар буд, ки ин воқеа бо он чи дар толори доварӣ бо Ион рӯй дод, чӣ алоқамандие дорад. Маҳбусон бо диққат гӯш мекарданд.

Ион сипас хушхабари осоиштагиро ба воситаи воқеаи Марям расонд. „Барои тамоми хурсандие ки Исо ба вай овард, ба Марям лозим омад боре дар назди салиби ӯ истода бубинад, ки чӣ гуна Писари вай барои гуноҳҳои ҷаҳон бо азобҳо мемирад. Худо Исоро эҳё намуд, ва акнун Ӯ ҳамроҳи Парвардигор дар осмон подшоҳӣ мекунад. Марям медонист, ки чун вай ба осмон равад, боз бо Исо хоҳад буд, ва хушбахтии абадӣ насибаш хоҳад шуд“.

Маҳбусонро ин суханон ҳайрон карданд: „Охир, мо аз ту пурсидем, ки дар доварӣ (суд) чӣ ҳодиса рӯй дод?“

Ион ба онҳо нигоҳ кард, чеҳраи вай аз осудагӣ медурахшид. Ӯ гуфт: „Маро ба қатл маҳкум карданд. Магар ин хабари бениҳоят хуб нест?“ Ион фаҳмид, ки хабари ба Марям овардаи фаришта ҳамин гуна ширину талх буд. Баъди азобҳои заминии Исо шодӣ дар осмон меояд. Ӯ бетоқатона интизори шодии абадӣ дар назди Исо буд“.

*Дар бисёр маданиятҳо марг мавзӯи манъшуда аст. Одамон бисёр вақт ҳама корро мекунанд, то ки худро аз марги ногузир барканор гардонанд. Онҳо ба ҷои „мурд“ гуфтан истифодаи ифодаҳоеро аз қабили „моро тарк кард“ дӯст медоранд. Мо навиштани васиятнома ё суғурта кардани ҳаёти худро рад карда, чунин фикр мекунем: „Ин ҳеҷ гоҳ бо ман рӯй намедиҳад“. Корпоратсияҳо аз фурӯши маҳсулоте ки ҷавонии ҷовидонӣ ваъда мекунанд, фоидаи калон мебинанд. Худо ба мо пешниҳод намекунад, ки маргро сарфи назар кунем, аммо калиди чӣ гуна пешвоз гирифтани онро медиҳад. Фариштае ки назди Марям омад, пеш аз гуфтани он ки чӣ гуна ӯ (Марям) дар назди салиб андӯҳгин хоҳад буд, бознаистод. Аммо барои тоқатнопазир набудани ғамаш ба ӯ умеди эҳё дода шуд. Барои мо, масеҳиён, ваъдаи Худо оиди ҳаёти ҷовидонӣ ёрӣ медиҳад, ки марги худро воқеъбинона ва далерона қабул кунем.*

Балки мебинем, ки Исо, ки аз фариштагон андак кам карда шуда буд, ба сабаби азоби мамот алҳол тоҷи ҷалол ва шавкат бар сар дорад, то ки ба ҳасби файзи Худо зоиқаи мамотро барои ҳама бичашад.

*Ибриён 2:9*

# Ҳимояи фавқулодда

**Чехия:** Ускуф Павел Гойдич

**Баъди маҳбусии даҳсола ускуфи юнонӣ-католикӣ Павел Гойдич тамоман суст шуд ва интизори марг буд. Ӯ аз он афсӯс мехӯрд, ки дар беморхонаи маҳбас коҳин набуд, то ки пеш аз марг расму русуми даркориро ба ҷо оварад.**

Аллакай чандин ходимони калисо, ки ба ӯ шинос буданд, бе расми тақоруб (соборование) вафот карданд. Ускуф Иван Валий дар хоб вафот кард, Стефан Новак — ҳангоми сайругашт, Дионисий Нярадий — дар ҳуҷраи худ. Наход ба ӯ низ насиб шудааст, ки бе расму русуми даркорӣ ин дунёро тарк гӯяд? Дар ҳабсхона коҳини чех Алоиз Врана махбус буд, ки бемории диабет дошт. Вай азоб мекашид, аммо хомӯш буд, зеро ба беморхонаи маҳбас рафтан намехост. Ускуф В. Гопко дид, ки Алоиз шабҳо аз девор то девор қадам мезанад. Вай ӯро водор кард, ки ҳақиқатро гӯяд ва инро ба духтури ҳабсхона гуфт. Ҳамин тавр падари рӯҳонӣ Алоиз ба беморхонаи маҳбас омад, ки ин боиси хурсандии Павел буд. „Худо туро назди ман фиристод!“ — нидо кард вай. Алоиз ба вай ҷавоб дод: „Ёрдамчии ту сирри маро фош кард“. Павел Гойдич ба вай гуфт, ки мехоҳад дар рӯзи таваллуди худ бимирад — 17-уми июл. Ҳамин тавр ҳам шуд: вай шаби 16-юм ба 17-уми июли соли 1960 вафот кард. Худованд ҳамаи хоҳишҳои охирини ӯро иҷро кард ва аз шубҳаву андӯҳ ҳимоя намуд.

*„Дуруст рафтор кардан“ имрӯзҳо шиори машҳур аст. Аммо инро гуфтан осону ба ҷо овардан душвор аст, зеро он чи барои Худо дуруст аст, бо ақидаи ҷамъият мувофиқат намекунад. Зиддият байни дуруст ва нодуруст одатан дар синф, корхона, ва ҳатто ҳангоми доварӣ ва ё дар калисо аён мешавад. Мо дар масъалаи дуруст ё нодуруст будани ин ё он амал ба атрофиён такя карда наметавонем. Одамон метавонанд моро водор намоянд, ки созишкорӣ ва адолатро бо ҳам омехта кунем. Барои муайян намудани он ки дар ҳар як ҳолат чӣ дуруст аст, Каломи Худо ягона меъёр аст. Одамон метавонанд қарорҳои қабулкардаи моро нафаҳманд ва ё бо онҳо розӣ нашаванд. Аммо Худо ваъда медиҳад, ки онҳоеро ки бо садоқат ва матонат одилона рафтор мекунанд, сарфароз мегардонад. Онҳое ки ба мо нигоҳ мекунанд, нурро мебинанд ва гармии корҳои одилонаи моро ҳис мекунанд.*

> Роҳи худро ба Худованд бисупор, ва ба Ӯ таваккал намо, ва Ӯ ба ҷо хоҳад овард, ва адолати туро мисли нур, ва инсофи туро мисли нимрӯз ба зуҳур хоҳад овард.
>
> *Забур 36:5, 6*

# Оташи фавқулодда

**Сибир:** Виктор Белых

**„Бо забонаҳои оташи муҳаббате ки Исо дар ман даргирондааст, ман яххҳои Сибирро об кардам. Ҳалелуё!“**

Ҳангоме ки усқуф Виктор Белых ин суханонро гуфт, чеҳрааш дурахшид. Вай сирри тавонои онро фаҳмид, ки ҳатто дар вазъиятҳои мушкилтарин чӣ гуна дили худро ба Худо супурдан лозим аст. Вай дар Иттиҳоди Шӯравӣ дар камераи якканишин бе вохӯриҳо бо хешовандон ё хабаре аз онҳо 20 сол азоб кашид.

Ҳар бегоҳ ба фарши камераи хурдакаки вай бӯрё мепартофтанд. Ба вай 7 соат хобидан иҷозат медоданд, ва баъд бӯрёро мегирифтанд. 7 соати боқимонда вай дар ин фазои танг давродавр қадам мезад. Баъди 20 соли ин гуна шароити тоқатфарсо вайро боз ба муддати 4 сол ба шимоли дур, ки он ҷо ях ҳеҷ гоҳ об намешавад, ба лагери меҳнатӣ фиристоданд. Ӯ фақат аз он сабаб зинда монд, ки ба оташи Худо имкон дод, то дар ботинаш тамоми дарду алам ва ғазабро об кунад.

Вазъияте чун аз они Виктор Белых кам воқеъ мешавад, аммо матонати вай дар Масеҳ ба ҳамаи онҳое ки азоб мекашанд, дастрас аст. Исо оташи муҳаббатро дар дили Виктор Белых даргиронд — дар оташдони илоҳие ки 20 сол вайро гарм мекард.

*Оташ. Худи ин калима дар назар тимсолҳои таъсирбахшро ҷилвагар мекунад. Ҳангоме ки ин калима дар бинои пур аз одамон садо медиҳад, он маънои хатарро дорад. Ҳангоме ки мо зимистон дар ҷангал шабро мегузаронем, он маънои роҳатро дорад. Ҳангоме ки мо „баҳсу мунозираи гарм“ ё одами „гарм“ мегӯем, он бо эҳсосоти қавӣ алоқаманд аст. Оташ маъданро гудохта, ба металл табдил медиҳад. Оташ торикиро равшан мекунад ва аз байн мебарад. Дар ҳамаи ин тимсолҳо як чиз доимист: оташ бо дигаргунӣ ҳаммонанд карда мешавад. Айнан ба монанди бо оташ рӯ ба рӯ шудан, вохӯрӣ бо Худо ҳаётро дигаргун мекунад. Оё шумо гуфта метавонед, ки вохӯрӣ бо муҳаббати Масеҳ шуморо оташ гиронд, дастгирӣ намуд, пок кард, ором кард, ва ниҳоят, озод кард, чуноне ки Виктор Белыхро? Бераҳмии одамон ҳеҷ гоҳ наметавонад оташи муҳаббати Худоро хомӯш кунад. Оё дар шумо оташи муҳаббати Худо ҳаст?*

Чунки Худои мо оташи фурӯбаранда аст.

*Ибриён 12:29*

# Шӯҳрати (некномии) фавқулодда

**Ерусалим:** Яъқуби Росткор

**Яъқуби Росткор, бародари Исо, баъди эҳёи Исо сарвари пирони калисои навташкили яҳудӣ буд. Вай чунон бисёр дуо мекард, ки пӯсти зонуҳояш чун зонуҳои шутур сахт ва обиладор шуд. Яъқуб хизматгузории Павлусро дар байни бутпарастон таҳсин менамуд, аммо худаш дар байни яҳудиён меҳнат мекард.**

Саркоҳин ва дигар китобдонон ва фарисиён дар соли 62 ё 66 дар синедрион ҷамъ омада, ба Яъқуб фармуданд, ки ба долони маъбад баромада, дар назди тамоми халқи ҷамъшуда аз Масеҳ даст кашад. Барои Яъқуб ин боз як имконияти ба одамон мавъиза кардани Хушхабар буд.

„Ҳама гӯш кунед! — Исо Масеҳи ваъдашуда, Писари Худо, ва Наҷотдиҳандаи мост! Ӯ дар ямини Худо нишастааст ва боз барои доварӣ кардани зиндаҳо ва мурдаҳо хоҳад омад!"

Одамоне ки дар поён истода буданд, Худоро ҳамд гуфтанд ва номи Исоро муаззам доштанд, дигарон бошанд аз ҷасорат ва боваринокии вай ҳайрон шуданд. Вай ҳақиқатан ҳам росткор аст! Аммо бадхоҳон дарҳол вайро ба поён тела доданд. Вай мебоист афтида мемурд.

Тӯда хомӯш шуд. Касе фарёд намуд: „Нигаред! Вай зинда аст!" Яъқуб ҳалок нашуд, балки зону зада дуо мекард. Он гоҳ китобдонон ва фарисиён ба сангсор кардани вай сар карданд. Зери жолаи сангҳо Яъқуб такрор мекард: „Худовандо, онҳоро бубахш, зеро намедонанд чӣ мекунанд". Он гоҳ яке коҳинон шитобон дар назди вай истод ва гуфт: „Шумо чӣ кор мекунед? Росткор дар ҳаққи мо дуо мекунад, шумо бошед вайро сангсор мекунед!?" Аммо дигаре аз ақиб омад ва ба сари Яъқуб бо асои калон зада, вайро кушт.

*Ҳар як воқеаи таърихие ки оиди он мехонем, вазъияти худро дорад. Тобишҳо ва ҳисси вазъият метавонанд гум шаванд, аммо онҳоро аз рӯи фактҳое ки дар таърих зикр шудаанд, тасаввур кардан мумкин аст. Нақл оиди Яъқуби Росткор моҳияти шахсияти ӯ ва шаҳодати ҷасуронаашро оиди Исо инъикос менамояд. Одамоне ки ӯро хуб медонистанд, низ садоқати ӯро ба Масеҳ медонистанд. Онҳое ки ӯро тамоман намедонистанд, оиди шӯҳрати воизии нотарсонаи ӯ шунида буданд. Марги ӯ боз як шаҳодати имони устувор ба Масеҳ аст. Таърихи масеҳият садоқати пайравони Масеҳро бо далелҳои раднопазир тасдиқ менамояд. Таърих оиди шумо чӣ хоҳад гуфт? Наслҳои оянда оиди имони шумо чӣ нақле хоҳанд кард?*

Пас, онҳое ки бар тибқи иродаи Худо уқубат мекашанд, бигзор ҷонҳои худро ба Офаридгори амин супоранд ва некӣ кунанд.

*1 Петрус 4:19*

# Ғӯтаи таъмиди фавқулодда

**Словакия:** Анна Мария

**Анна Мария, масеҳидухтари ҷавон барои бо калисои пинҳонкор алоқа доштанаш якчанд моҳро дар ҳабсхона гузаронд. Ӯро доимо ба ҳуҷрае мебурданд, ки он ҷо посбон ӯро мезад, то аз ӯ оиди имондорони дигари калисояш маълумот ба даст оварад.**

Бо марҳамати Худо ба вай муяссар мешуд, ки истодагарӣ кунад. Ӯ ҳатто ин вақтро барои ба он посбон оиди муҳаббати Масеҳ нақл кардан истифода мебурд. Посбон истеҳзо мекард: „Агар ту ба ман ҳамаи ҳақиқатро оиди ҷамъомадатон, ки онро калисои пинҳонкор меномед, нагӯӣ, ман тамоми муҳаббатро аз ту зада мебарорам“.

Анна Мария ҷавоб дод: „Ман Дӯсте дорам, ки беҳтарин дар ҷаҳон аст. Ӯ худи муҳаббат аст. Муҳаббати Ӯ хоҳони ҳаловат нест, балки мекӯшад одамонро аз шодӣ пур кунад. Азбаски ман ин Дӯстро медонам, ман низ фақат дӯст дошта метавонам. Ҳоло ту нафратро дӯст медорӣ, аммо ман аз ту хоҳиш мекунам, ки Муҳаббатро дӯст дорӣ“.

Посбон чунон хашмгин шуд, ки ӯро то дами беҳуш шуданаш зад. Ҳангоме ки ӯ ба ҳуш омад, дид, ки вай ба фикр фурӯ рафтааст. Ба маҳбус нигариста, вай пурсид: „Ин Дӯсти ту кист?“ Анна Мария оиди Исо ва оиди сабаби омадани ӯ нақл намуд.

Посбон пурсид, ки оё вай низ бо Исо дӯстӣ пайдо карда метавонад? Анна Мария ҷавоб дод, ки вай бояд тавба карда, ғӯтаи таъмид гирад. Пас зуд маро ғӯтаи таъмид деҳ, вагарна туро мепарронам“.

*Ҳангоме ки одамон дӯст медоранд, онҳо ҳиссиёти худро аз ҳеҷ кас пинҳон намекунанд. Онҳо оиди ин ба оилаи худ, ба дӯстон, ба ҳамсояҳо, ва ба ҳамаи онҳое ки шунидан мехоҳанд, мегӯянд. Онҳо чунон бо муҳаббат фаро гирифта шудаанд, ки оиди маҳбуби худ нақл накарда наметавонанд. Айнан ҳамин тавр, ғӯтаи таъмид — дар назди ҳама эълон намудан оиди иттиҳод бо Масеҳ ва одамони Ӯ, оиди муҳаббат ба Исо мебошад. Барои ҳамаи ҳозирон, ҳатто агар ин як ҳамроҳ дар камера бошад ҳам, ғӯтаи таъмиди шахси калонсол нишонаи он аст, ки шахс омода аст бо ҳама арзише ки бошад, Масеҳро пайравӣ кунад. Муҳаббати мо ба Масеҳ моро водор мекунад, ки ба ҷаҳон оиди ба ӯ содиқ буданамон бигӯем. Ҳатто агар ба мо чизе таҳдид намекарда бошад ҳам, оё мо ҷасорати кофӣ дорем, то оиди ба Масеҳ муҳаббат доштанамон нақл кунем?*

> Ва тимсоли он таъмид аст,
> ки на шустани нопокии ҷисм,
> балки ба зимма гирифтани
> виҷдони пок аст ба ҳузури
> Худо, ки ҳоло моро низ ба
> воситаи эҳёи Исои Масеҳ
> наҷот медиҳад.
>
> *1 Петрус 3:21*

**Муҳаббат бефаъолият (пассив) намешавад. Он муҳаббати ҷавобиро металабад. Он супориш металабад. Он қувваи Рӯҳулқудси дар шахс мезистаро нишон медиҳад.**

Шубон Ричард Вурмбранд



# Мардонагии фавқулодда

**Румыния:** модар ва духтар

**Ҳамаи маҳбусон ба духтараки хурдакаке ки ҳамроҳи модараш дар ҳабсхона буд, раҳмашон меомад. Ҳатто сардори ҳабсхона гуфт: „Ба духтарат раҳм кун. Агар аз Масеҳ даст кашӣ, ҳар ду ба хона рафта метавонед“.**

Табиист, ки занро шубҳаҳо азоб медоданд. Ӯро бо духтараш баъди он ҳабс карданд, ки бар зидди ҳабси шубон бо эътироз баромад кард. Ба ҳар ҳол ӯ розӣ шуд аз имон даст кашад, то ки духтарашро аз азобҳо раҳоӣ диҳад. Баъди ду ҳафта коммунистон ӯро маҷбур карданд, то аз минбар дар пеши даҳҳо ҳазор одамон баромад карда, оиди аз имон даст кашиданаш бигӯяд. Ҳангоми ба хона бозгаштан духтараш ба ӯ рӯ оварда гуфт: „Модарҷон, Исо имрӯз аз ту розӣ нест“. Модар фаҳмонданӣ мешуд, ки ӯ инро аз боиси муҳаббат кардааст. Духтараки хурдакак ба модараш нигариста, бо боварии хоси синни худ гуфт: “Ман ваъда медиҳам, ки агар мо ба хотири Исо боз ба ҳабс афтем, ман гиря намекунам“.

Модар аз фахр барои духтари худ ва аз ҳисси нотавонии худ гиря кард. Ӯ ба Худо нидо карда барои қарори душвор қувват хоҳиш намуд. Сипас назди сардори ҳабсхона баргашта, гуфт: „Шумо маро бовар кунондед, ки барои духтарам аз имон даст кашам, аммо духтарам аз ман бештар мардонагӣ дорад. Ман аз изҳороти худ даст мекашам“. Ҳар дуи онҳо ба ҳабсхона баргаштанд, ва духтараки хурдакак ба ваъдаи худ вафо кард.

*Еҳушаъ ибни Нун ва исроилиён ба вазифаи душворе рӯ ба рӯ шуданд — давом додани он чи Мусо сар карда буд, ва пас аз марги вай пеш бурдани исроилиён. Оё ин хатарнок буд? Бешубҳа. Оё Еҳушаъ ибни Нун ба оянда бо хавф менигарист? Шояд. Еҳушаъ ваъдаи Худоро дошт, ки Ӯ бо вай хоҳад буд, ва ин ба вай бовариеро ба монанди боварии он духтараки хурдакак дод. Ҳам Еҳушаъ ибни Нун ва ҳам духтарак аз худи аввали ҳаёташон дарк намуданд, ки барои дар зиндагӣ муваффақ шудан Худо даркор аст. Худо ба мо мефармояд, ки худро бо далерӣ ва донистани он ки Ӯ моро ҳеҷ гоҳ тарк намекунад, қавӣ гардонем. Бисёр вақт, ҳангоме ки санҷишҳо насиби мо мегарданд, далерӣ моро тарк мекунад. Ҳангоме ки шумо гирифтори нохушӣ ҳастед, ба ваъдаи Худо оиди он ки ӯ бо шумо хоҳад буд, боварӣ намоед. Итоаткор ва далер бошед.*

Ман, охир, ба ту чунин амр фармудам: қавӣ ва далер бош, натарс ва ҳаросон нашав, зеро ба ҳар ҷое ки биравӣ, Худованд Худои ту бо туст.

*Еҳушаъ ибни Нун 1:9*

# Маслиҳати фавқулодда

**Албания:** Валерий Назарук

**Дар Албания, аввалин давлате ки оиди атеистӣ буданаш эълон намуд, масеҳии ҷавон барои он ҳабс карда шуд, ки дар дасташ вашми (татуировка) салибро кунонд. Вай мехост, то ҳар кас аз худи даст фишурдани аввал донад, ки вай ба Худо имони содиқона дорад. Аммо Валерий қаноатманд набуд, зеро ба вай имкон намедоданд, ки ба Худо муҳаббат доштанашро бо суханон баён кунад.**

Ҳангоми доварӣ (суд) довар ба модари Валерий гуфт: „Ба писари худ бигӯед: агар вай ин роҳи худро тарк кунад, ба озодӣ баромада метавонад“.

Бо чашмони пур аз ашк, модар андаке ист кард ва гуфт: „Валерий, маслиҳати ман ба ту ҳамин аст, аз Масеҳ даст накаш. Худо хиёнатро намебахшад“.

Дар мактуб ба калисои пинҳонкор вай навишта буд: „Ман дар доварӣ ҳозир будам, агарчи ин бароям хеле вазнин буд. Ман афсӯс мехӯрам, ки ҷои вайро гирифта наметавонистам. Душвортарин лаҳза бароям ҳамон буд, ки аз ман хоҳиш намуданд ба Валерий маслиҳат диҳам, то ақидаҳояшро дигар кунад, ва ман ин корро карда наметавонистам. Ҷаҳон моро, волидони вайро, дар маҳкум шудани писарамон айбдор мекунад, ва мегӯяд, ки ин натиҷаи таъсири мо буд. Ҳатто баъзе масеҳиён фаҳмида наметавонанд, ки чаро ман ин тавр кардам, аммо, охир, ман медонам, ки Исоро низ намефаҳмиданд. Ҳангоме ки ман бар зидди рӯҳафтодагӣ мубориза мебарам, ба ёд меоварам, ки Петрус ба Исо маслиҳат дод, то ҳаёти Худро наҷот диҳад. Худо ба ман қувват медиҳад, то ба ҳамааш тоб оварам. Илтимос, барои ман дуо кунед“.

*Худо моро дӯст медорад ва оиди ҳаёти мо нақшаҳои бузург дорад. Мушкилӣ дар он аст, ки ҳамаи дигарон низ оиди ҳаёти мо нақшаҳо доранд. Ин корро бикун. Он корро бикун. Онро санҷида бин. Инро санҷида бин. Суханони маслиҳатдиҳандагон беарзиш ва зиёданд. Аммо вақте фаро мерасад, ки барои суханон нархи гарон пардохтан лозим меояд. Ҳар боре ки мо аз имондорони дигар оиди он мешунавем, ки новобаста ба вазъиятҳо, дар ҳаёт ба даъвати илоҳӣ пайравӣ намудан лозим аст, мо медонем, ки бо мо шахси парҳезгор сухан меронад. Ҳама чизҳои дигар, ҳатто дорои ниятҳои нек бошад ҳам, маслиҳатҳои бад мебошанд. Шумо ба кӣ гӯш медиҳед, то ки роҳнамоии рӯҳонӣ дошта бошед? Маслиҳати рӯҳонии охиринро, ки аз дӯсти наздикатон шунидаед, ба ёд оварда, нависед. Оё шумо ба ин маслиҳат хуб пайравӣ мекунед?*

Ва ман, ҳошо ва калло, ки фахр намоям, магар ин ки фақат бо салиби Худованди мо Исои Масеҳ, ки ба воситаи он ҷаҳон барои ман маслуб шудааст, ва ман — барои ҷаҳон.

*Ғалотиён 6:14*

# Диққати фавқулодда

**Хитой:** Ме Лин

**„Ман диламро аз тарс дар назди одамон пок намудам, ва ман дидани Худоро ёд гирифтам“.**

Ҳангоме Ме Линро барои фаъолияти масеҳӣ дар Хитойи коммунистӣ ҳабс карданд, вай ҳанӯз хеле ҷавон буд. Ҳангоми пурсуков полисҳо вайро азобу шиканҷа медоданд, то маҷбур намоянд, ки номҳои дӯстонашро аз калисои пинҳонкор гӯяд.

Дар аввал Ме Лин хеле метарсид ва намефаҳмид, ки Худо бо кадом мақсад вайро ба ин макони даҳшатовар ҷой додааст. Аммо баъд вай дарсҳои шубонро ба ёд овард, ки гуфта буд: „Азоби ҳақиқӣ ҳамагӣ як дақиқа давом мекунад, ва баъд мо абадиятро ҳамроҳи Наҷоткори худ мегузаронем“.

Ҳангоме аз вай пурсиданд, ки чӣ гуна дар ин замони вазнин ақлу ҳуши худро нигоҳ доштааст, вай ҷавоб дод: „Чашмонамро пӯшида, ман рӯйҳои хашмноки одамон ва ё асбобҳоеро, ки онҳо зидди ман истифода мебурданд, намедидам. Ман доимо ваъдаи Масеҳро дар дил такрор мекардам: «Хушо покдилон, зеро ки онҳо Худоро хоҳанд дид» (Матто 5:8). Ман ҳамчунин пайхас намудам, ки ҳангоме диламро аз тарси одамон пок кардам, ба таври ҳақиқӣ дидани Худоро ёд гирифтам. Ҳамаи онҳое ки пеш аз ман гузаштаанд, ба ман мардонагӣ мебахшиданд, ва ман диққатамро ба ӯ равона мекардам, то даме ки ҳама чизи дигар ба ҳал шудан сар мекард. Ҳангоме сардорон оиди ҳимояи ман фаҳмиданд, ба пилкҳои чашмонам навори часпанда часпонданд, то ки чашмонамро пӯшонда натавонам. Аммо онҳо дер монданд, зеро рӯъёи ман устувор шуда буд“.

*Мо аз одамоне ки ихтисосашон диққати калонро металабад, ба ваҷд меоем. Нейрохирурги бомаҳорат ва варзишгари олимпиро як хусусият бо ҳам муттаҳид месозад: онҳо диққати худро марказонида метавонанд. Интизоми марказонидани диққат аз ақл, маҳорати варзишӣ ва ё харизма авлотар аст. Бе марказонидани диққат одамон фақат боақл, тануманд ва ё дар ҳолати беҳтарин шавқовар мебуданд. Аммо муваффақият аз бисёр ҷиҳат ба марказонида тавонистани диққат вобаста аст. Диққати худро ба чизи заминӣ марказонида, муваффақияти заминиро ба даст овардан мумкин аст, аммо оиди абадият чӣ? Диққати худро дар чизҳои гузарандаи ин ҷаҳон марказонида, шумо мақсадро аз даст медиҳед. Имрӯз шумо чӣ карда метавонед, то боварӣ ҳосил намоед, ки тамоми диққат ва қувваатонро ба Масеҳ ва ба интишори Хушхабари Ӯ марказонидаед?*

Дар бораи он чи дар афроз аст, фикр кунед, на дар бораи он чи дар замин аст

*Қӯлассиён 3:2*

# Мактубҳои фавқулодда

**Гурҷистон:** силсилаи фавқулодда

**Рӯзномаи шӯравии "Ҷавонони Гурҷистон" хабар дод, ки се масеҳиро зиндонӣ кардаанд. Ҷинояти онҳо дар он буд, ки онҳо силсилаи мактубҳоро ташкил доданд, то ки дар тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ ба одамон таълимоти Исои Масеҳро диҳанд.**

Азбаски онҳо имкони чоп кардани Библия ё китобҳои масеҳиро надоштанд, нусхаҳои зиёди мактубҳои инҷилиро фиристода, аз одамон хоҳиш мекарданд, ки онро навишта гирифта, боз ба каси дигар фиристанд. Ба шарофати ин усули ихтироъкоронаи паҳн намудани Инҷил ҳазорон мактубҳо ба бисёр вилоятҳои Иттиҳоди Шӯравӣ расиданд. Онҳо хусусан ба кӯдакон маъқул буданд, зеро ба калисо рафтани онҳо манъ буд, мактубҳо бошанд қисми ҷудоинопазири омӯзиши масеҳии онҳо гардиданд.

Ба ғайр аз он, ин мактубҳо дар он вақти душвор барои дастгирии имони масеҳиёни тамоми кишвар ёрӣ мерасонданд. Ҷавонон ба як чизи далерона ва нав омода буданд. Онҳо аз тахти дил мехостанд, ки ҳама оиди муҳаббати Худо бидонанд, ва, бо вуҷуди маҳдудиятҳо, соддагии пурҳикмати кори онҳо ба Хушхабар имкон дод, то дар тамоми шаҳри Тбилиси ва ба бисёр вилоятҳои кишвар паҳн шавад!

Рӯзномаҳо шикоят мекарданд: „Масеҳиён шаҳри моро бо мактубҳои худ пур кардаанд". Кӣ пешгӯӣ карда метавонист, ки мактуби оддӣ бо илтимоси боз ба касе фиристодан чӣ натиҷаҳо хоҳад дошт?!

*Баъди 75 соли таъқибот бар масеҳият ҳукуматдорони шӯравӣ дар ин мактубҳо хатареро диданд. Ҷавоби тарсноки онҳо нишон медиҳад, ки дар Каломи Худо чӣ қуввае ниҳон аст. Бо қувваи одамӣ таъқиботро паси сар кардан имконнопазир аст. Таъқибот аз ҳамдардӣ нармтар намешаванд. Танҳо Каломи пурқудрати Худо, ки дар дилҳои имондорон сокин аст ва амал мекунад, аз ӯҳдаи онҳо баромада метавонад. Иблис аз қуввае ки дар Каломи Худост, ба ларза меояд. Оё мо ба қувваи он ба ҳамон андозае боварӣ дорем, ки душманони мо боварӣ доранд? Агар шумо кайҳо боз аз хондани Навишта ба ҳаяҷон наомада бошед, аз Худо хоҳиш кунед, то ба шумо боз як имконият диҳад. Аз Ӯ хоҳиш намоед, то ба шумо қувваи Худро нишон диҳад ва амалҳои Каломро дар ҳаёти худ санҷед.*

Каломи Ту, эй Худованд,
то абад аст; дар
осмонҳо қоим аст.

*Забур 118:89*

# Довталаби фавқулодда

**Хитой:** хоҳар Куан

**Зиндонбонони хитоӣ талаб намуданд, ки ягон кас баъди меҳнати бисёрсоатаи хастакунанда дар фабрика довталабона ҳоҷатхонаҳоро тоза кунад. Ҳеҷ касе аз занҳои маҳбус довталаб нашуд.**

Ниҳоят хоҳар Куан пеш баромад, то ки ихтиёрӣ кори ифлосро кунад. Вай дар ин кор имконияти фавқулоддаеро дид, то ба занҳое ки ба таври дигар ҳеҷ гоҳ дида наметавонист, оиди имони худ нақл кунад. Дар давоми солҳои маҳбусияш вай занҳои бисёреро назди Масеҳ овард.

Фидокории Куан ба ҳама маълум буд, аммо ба ин вафодорӣ лозим омад, ки аз санҷишҳои зиёд гузарад. Куан пеш аз ба ҳабс афтиданаш ҳамроҳи шавҳараш гурӯҳҳои башоратдиҳандагонро ташкил медод, ки ба тамоми Хитой сафар карда, калисоҳои хонагӣ таъсис медоданд.

Ҳангоме ки ҳукуматдорони коммунист фаъолияти Куанро фаҳмиданд, писари 12-солаашро то мурданаш заданд. Бо вуҷуди ин, вай аз Масеҳ даст накашид, ва баъди озод шуданаш ҳаракати калисоҳои хонагиро давом медод.

Соли 1974 коммунистон қарор доданд, ки дар намунаи „модар Куан“ (чуноне ки акнун аҳли калисо вайро меномиданд), ба ҳамаи имондорон дарси ибрат нишон диҳанд. Вайро ба ҳабси якумрӣ маҳкум намуда, ба камераи зеризаминие ки ба ҷои ҳоҷатхона сатил дошт, партофтанд. Хӯроки вай фақат биринҷи ифлос буд.

Ва ҳар он чи бо сухан ё амал мекунед, ҳамаашро ба исми Исои Масеҳи Худованд ба ҷо оварда, ба василаи Ӯ Худои Падарро шукр гӯед.

*Қӯлассиён 3:17*

Баъди даҳ сол вай ба таври мӯъҷизаосо ба озодӣ баромад, аммо ҳамеша солҳои маҳбусии худро чун тӯҳфа меҳисобид — имконияти махсус барои расондани муҳаббати Масеҳ ба одамоне ки дар ҳолати дигар оиди он ҳеҷ гоҳ намешуниданд.

*Ихтиёрӣ кор кардан барои баъзе касон қариб машғулияти касбӣ шудааст. Онҳо ба мактабҳое ки фарзандонашон таълим мегиранд, ёрӣ мерасонанд, дар ташкили шабнишиниҳо бо иштироки кӯдакон ва волидон кӯмак мерасонанд, командаҳои футболро ихтиёрӣ машқ медиҳанд. Ба коре ки он қадар эътибор надорад, довталаб шудан душвортар аст. Бисёр вақт довталабонро ёфтан осон нест. Хонаҳои пиронсолон, хонаи кӯдакон ва сағирхонаҳо на ҷойҳое мебошанд, ки бисёрии одамон вақти холии худро дар онҳо гузарондан мехоҳанд. Бӯи бад, муҳити фишордиҳанда, ва дигар нороҳатиҳо садди роҳи довталабон мешаванд. Аммо, шумо чӣ фикр доред, Исо қисми зиёди вақташро дар куҷо гузаронда метавонист? Ҳама гуна корҳое ки ба онҳо довталабон лозиманд, даркорӣ ва пуршараф мебошанд, аммо шумо бояд аҳамият диҳед, ки оё ба шумо роҳи душвортари мушоракат бо одамони бенасиб дучор мешавад ё не. Дар чунин мавридҳо кӯшиш кунед, ки аввалин шуда довталабии худро изҳор намоед.*

# Аудиторияи (шунавандагони) фавқулодда

**Румыния:** шубон Ричард Вурмбранд

**Ҳатто ҳангоме ки шубон Ричард Вурмбрандро ба камераи якканишин ҷойгир карданд, вай ба шунавандагони нонамоён таълим доданро давом медод.**

Баъди озодшавии мӯъҷизаосои худ, ҳангоме ки вай ниҳоят ба ИМА муҳоҷират кард, шубон Ричард Вурмбранд оиди он чи дар ҳабсхона аз сар гузаронд, ва оиди мавъизаҳое ки дар камераи якканишин таълиф намуда дар хотир нигоҳ дошт, якчанд китоб навишт. Баъди якчанд сол вай чунин мактуб гирифт:

Мӯҳтарам шубон Вурмбранд!

Ман дар оилаи тақводор калон шудаам, аммо аз Худо дур шудам, ва ниҳоят, дар Канада ба ҳабсхона афтодам. Ман сӯи Худо бозгаштан мехостам, аммо роҳу воситаашро намедонистам, бинобар ин дуо мекардам: „Худоё, агар дар рӯи замин боз як маҳбуси танҳо бошад, илтимос, ба ман хабар деҳ, ки оиди чӣ фикр мекунад“. Ман овози даруниро шунидам. Он ба ман мегуфт, то ман оромона ва боваринок интизори он бошам, ки Худо то ба ман омада мерасад.

Ба таври мӯъҷизаосо, шаб паси шаб, ман мавъизаеро мешунидам, ки гӯё аз дуродур меомад. Ман тавба кардам ва баъди аз ҳабс озод шуданам тасодуфан дар дӯкони китобфурӯшӣ китоби шумо “Мавъизаҳо аз камераи якканишин“-ро дидам. Ман ҳамон лаҳза дидам, ки дар ин китоб мавъизаҳои дар ҳабсхона шунидаам ҷо дода шудаанд!

Шубон Вурмбранд аз кишварҳои гуногун боз ду мактуб гирифт, ки дар онҳо қариб ҳамон чиз гуфта мешуд. Ҳақиқатан, фариштаҳо ин мавъизаҳоро ба онҳое ки сӯи Худованд нидо намуданд, расонданд.

*Мегӯянд, ки масеҳиён бисёр вақт аз боиси набудани имонашон фариштаҳоро бекор мемононанд. Бисёр вақт онҳо бо он қонеъ мешаванд, ки ҳаёти хуш ба сар бурда, гоҳ-гоҳ баракатҳо мегиранд. Аммо Худо мехоҳад ба мо аз он чи бароямон хуб аст, бештар диҳад. Ӯ мехоҳад чизи беҳтарро, ва ҳатто беҳтаринро диҳад; аммо Ӯ ба хотири онҳое ки бо таҳрики имон хоҳиш мекунанд, баракатҳои беҳтарини худро сарф намудааст. Чаро мо бояд аз Худо хоҳиш кунем, охир, Ӯ бе ин ҳам эҳтиёҷоти моро медонад. Мо бояд аз рӯи имон хоҳиш кунем, то ба Ӯ вобаста буданамонро нишон диҳем. Оё вақтҳои охир шумо бо ҳамаи он некӯиҳое ки Худо додааст, қаноат менамудед? Пас, пур аз имон шуда, чизи беҳтарро хоҳиш кунед. Ба ғайр аз чизи беҳтарин дар ҳаёти худ, ки аз ҷониби Ӯст, ба ҳеҷ чиз розӣ нашавед.*

Надоред, чунки илтимос намекунед.

*Яъқуб 4:2*

**Агар тамоми инсоният аз росткорон иборат мебуд, ва танҳо як шахс гуноҳкор мебуд, Масеҳ барои дар ҳамон салиб барои ин як кас азоб кашидан меомад. То чӣ андоза ӯ ҳар як одамро дар алоҳидагӣ дӯст медорад.**

Августини муқаддас



# Ҳароси фавқулодда

**Тарсус:** Юҳаннои Марқӯс

**„Ӯ наметавонад ҳамроҳи мо биравад!“ — исрор менамуд Павлус. — „Ӯ тарсончак аст ва барои хизматгузорӣ лоиқ нест“.**

Барнаббо ҷавоб дод: „Шояд ту аллакай ӯро аз ҳисоб баровaрда бошӣ, аммо Худо не“.

Павлус исрор менамуд: „Ту маро маҷбур карда наметавонӣ, Барнаббо, Ман танҳо ҳамон касонро ҳамроҳи худ мегирам, ки ба онҳо боварӣ дорам. Барои вай дар ин сафари паҳнкунии имон ҷой нест“.

„Он гоҳ ман низ намеравам. Ту худ қарор додӣ, Павлус. Худо ба ту оиди ин сафар фармоишҳо додааст. Биё аз ҳам ҷудо шавем. Ҳангоме ки калисо аз ту метарсид, ман бо марҳамати Худо назди ту баромада ба онҳо нишон додам, ки ту барои Малакути Худо корҳои бузург мекунӣ. Худо барои Юҳаннои Марқӯс низ чунин даъвате омода кардааст“.

Павлус ба шубҳа афтод: „Бигузор ҳамин тавр шавад. Умедворам, ки ҳақ ба ҷониби туст, дӯсти деринаам, агарчи худи ман ба ин боварӣ надорам“. Ҳамин тавр роҳҳои Павлус ва Барнаббо аз ҳам ҷудо шуданд.

Дар ниҳояти кор Павлус ва Юҳанно Марқӯс дар Рум якҷоя ба ҳабсхона афтоданд, ва Павлус хизматгори сазовори Масеҳ будани дӯсти ҷавони худро дид. Юҳанно Марқӯс Инҷили Марқӯсро навишт ва ҳангоме ки ҳамроҳи Павлус дар ҳабсхона ба санҷишҳо дучор мешуд, тарсончак набуд. Марқӯс дар лаҳзаҳои душвортарин ҳамроҳи ӯ буд, ва Павлус инро чанде пеш аз марг дар рисолааш ба Тимотиюс тасдиқ намудааст.

Аъмол 15:35–41; 2 Тимотиюс 4:11

*Худо бисёр вақт ба мо вазъиятҳои мушкилро мефиристад, то аз ду ҳақиқат якеро нишон диҳад: Ӯ санҷишҳоро барои он ба кор мебарад, то дараҷаи камолоти рӯҳонии моро нишон диҳад, ё Ӯ метавонад дар ҳаёти мо ба мушкилот роҳ диҳад, то мо бубинем, ки аз кадом ҷиҳат ҳанӯз бояд камол ёбем. Аз тарсончаки аён ба пайрави содиқи Масеҳ табдил ёфтани Юҳанно Марқӯс ба мо хотиррасон мекунад, ки камолоти рӯҳонӣ раванд (процесс) аст. Мо метавонем барои худ нобарориҳои гузаштаро қайд намуда, афсӯс хӯрем, ки қавитар набудем. Аммо корҳои гузашта набояд баояндаи мо таъсири манфӣ расонанд. Шояд, чун Юҳанно Марқӯс, ба шумо боз як имконият лозим аст, то ба Масеҳ содиқ будани худро нишон диҳед? Оиди имкониятҳое дуо кунед, ки барои рӯҳан камол ёфтанатон ёрӣ мерасонанд.*

Марқӯсро гирифта ҳамроҳат биёр, зеро ки ба ман барои хизмат муфид аст.

*2 Тимотиюс 4:11*

# Дафни фавқулодда

**Украина:** ускуф Теодор Ромка (1911–1947)

**„Оё ускуф аллакай мурдааст?“ — пурсиданд бо телефон.**

Дар охири соли 1947 ускуфи калисои юнонӣ-католикӣ, ки аз ҷониби болшевикон таъқиб карда мешуд, аз Мукачево ба деҳаи Лохово барои тақдиси калисо рафт. Ҳамроҳи ӯ дар ароба ду коҳин ва ду илоҳиётшинос равона буданд. Тақдис баргузор гардид, аммо қарибии нисфирӯзӣ деҳаро мошинҳо бо аскарони шӯравӣ иҳота карданд. Ускуф, ки намояндагони ҳокимият аллакай ба вай таҳдид карда буданд, инро нишонаи бад ҳисобид ва қарор дод, ки дар деҳа бимонад. Рӯзи дигар, 27-уми октябр, мошинҳо аллакай набуданд, ва ускуф бо экипажи аспӣ ҳамроҳи ҳамон ҳамсафаронаш ба шаҳр равона шуд. Ҳангоме ки ароба аз роҳи саҳро ба шоссе баромад, банохост мошини аскарҳо ба он бархӯрд. Ароба ба чуқурӣ афтид, аспҳо кушта шуданд, аммо саворони ароба осеб надиданд ва бархеста, ба атроф назар меафкananд. Ба онҳо аскарҳо дарафтода, бо қундоқи милтиқҳо лату кӯб намуданд. Сипас маҷрӯҳонро дар чуқурӣ монда, рафтанд. Аммо онҳо намурданд. Деҳқони роҳгузар панҷ нафар маҷрӯҳонро ба Мукачево овард. Ускуф ба ҳаёт бармегашт. Ба ӯ ба воситаи трубка хӯрок медоданд, аммо аллакай 31-уми октябр вай аз ҷоғаҳаш хест, ва ҳатто худаш ришашро тарошид. Вай гап зада наметавонист, аммо ба хоҳарони шафқат фаҳмонд, ки ба ҳуҷумкардагон бадӣ намехоҳад. Ин вақт дар беморхона хоҳари шафқати нав пайдо шуд. Хоҳарони шафқат — роҳибаҳо дур карда шуданд. 31-уми октябр ба ҳамаи беморон фармуданд, ки аз толори беморхона бароянд. Дар палата фақат сардухтур ва хоҳари шафқат монданд. Ҳамин вақт аз Ужгород занги телефон шуд ва овози мардона аз ходим пурсид: „Ускуф аллакай мурд?“ Аммо Теодор Ромка фақат баъди нимишабӣ мурд. Тамоми бегоҳӣ вай дар ҳолати ҷонканӣ буд. Хулосаи тиббӣ изҳор менамуд, ки вай ба хуруҷи бемории дил гирифтор шуд, агарчи ҳама мефаҳмиданд, ки ба ускуф заҳр додаанд. Рӯзи дигар ҳазорон имондорон дар ҳар ду тарафи роҳи Мукачево — Ужгород истода буданд, ва интизори овардани ҷасади ускуфи вафоткарда буданд. Аммо ӯро шабона, аз имондорон пинҳонӣ бурданд. 1 ноябр беш аз 20 ҳазор имондорон ба маросими дафни Теодор Ромка омаданд. Марги вай боз як устуворшавии Калисои таъқибшаванда гардид.

Аз рӯи нашрияи „Пайравони имони замони мо“. Рум. 1949.

*Ҳангоме ки одам қурбонии ҳуҷуми маккорона шудааст, хашм, алам, хоҳиши қасосгирӣ — ҳамаи ин метавонад ҳақ тобад. Ва умуман, оё дар ин ҳол душманро бахшидан мумкин аст? Аммо масеҳиён бояд дар ҳама вазъиятҳо бубахшанд, ҳатто дар он ҳолатҳое ки сухан дар бораи ҳаёт ё марг меравад. Фикр кунед, ки оё ягон касеро фаромӯш кардаед, ки қароратон оиди бахшидани ӯ боиси ба Масеҳ рӯ оварданаш шуда метавонад?*

…бо якдигар меҳрубон ва дилсӯз бошед ва якдигарро афв намоед, чунон ки Худо низ моро дар Масеҳ афв намудааст.

*Эфсӯсиён 4:32*

# Сипари фавқулодда

**Покистон:** Тоҳир Иқбол ва Раймон Лулли

**„Ман ресмони шуморо бӯса мекунам ва аз имони худ даст намекашам!“ — нидо кард Тоҳир Иқбол. Аскарон шубони мафлуҷро аз курсии маъюбиаш бардошта, ба гарданаш ҳалқадавак андохтанд. Имрӯз ӯ дар осмон ҳамроҳи Масеҳ аст.**

Дар Покистон шубон Раймонд Лулли дар назди хонааш садои тирро шунид. Тир қариб ба шубон расида гузашт ва дар паси курсии ӯ дар девор маҳкам монд. Ӯ Худоро барои тӯҳфааш ташаккур гуфт, яъне барои боз як рӯзе ки ӯ имкон дорад дар ин кишвари исломӣ оиди Масеҳ нақл кунад.

Раймон Лулли вазифаи осудаи профессори донишгоҳи Оксфордро тарк карда, қисми зиёди ҳаёташро дар азобҳо ба хотири Инҷил гузаронд. Ӯ навишта буд: „Замоне ман ба қадри кофӣ сарватманд будам ва озодона аз хушиҳои зиндагӣ ҳаловат мебурдам. Аммо ман бо хушнудӣ ҳамаи инро тарк намудам, то имкони коштани тухми донишро оиди ҳақиқат дошта бошам. Ман дар ҳабсхонаҳо шишта будам; маро бо қамчинҳо мезаданд ... акнун ман пир ва камбағал ҳастам, аммо рӯҳафтода намешавам; агар хости Худо бошад, ман тайёрам кори худро то дами марг давом диҳам“.

Ин гуна имондорон оиди истилоҳи „сипари имон“ фаҳмиши нотакрори худро доранд. Онҳо мефаҳманд, ки ҳатмӣ нест, то он онҳоро аз азобҳо ҳимоя кунад, аммо он мардонагӣ медиҳад, ки агар лозим шавад, ин азобҳоро паси сар кунанд. Сипари имон ба онҳо ҷасорат медиҳад, ки муборизаи рӯҳониро ба хотири Масеҳ давом диҳанд, агарчи ин метавонад барояшон хеле гарон афтад.

*Таҷҳизоти ҷангии сарбози асри як иборат аз сипар дар як даст ва шамшер дар дасти дигар буд. Бо сипар сарбоз метавонист ба душман наздик ояд, бо шамшер бошад ба вай зарба зада метавонист. Агар оиди таҷҳизоти мо барои ҷанги рӯҳонии имрӯза сухан равад, оё „сипари имон“-и мо дар гӯшае зери қабати чанг нахобидааст? Ҳангоме ки мо аз ҳимояи Худо, ки Ӯ ба воситаи сипари имон ба мо медиҳад, берун меоем, мо аз ҳуҷумҳои душман беҳимоя мемонем. Бе имон аз тарс ва ноумедӣ барканор будан ғайриимкон аст. Чӣ моро бозмедорад, ки ҳангоми аввалин нишонаи хатар Инҷилро пеш барем. Чӣ моро аз паҳн кардани Инҷил дар минтақаи худ бозмедорад? Дар куҷо шуморо лозим аст, ки дар байни найзаҳои ҳуҷуми душман сипари имонро бардоред?*

Дар айни ҳол сипари имонро бигиред, ки бо он ҳамаи тирҳои тафсони шарирро хомӯш карда метавонед.

*Эфсӯсиён 6:16*

# Раҳмдилии фавқулодда

**Румыния:** шубон Ричард Вурмбранд

**Шубон Ричард Вурмбранд аз байни издиҳоми маҳбусон гузашта, ба назди дар омад, ки он ҷо шубони дигар беҳаракат мехобид. Ӯро худи ҳозир ба камера партофтанд. Ӯро сахт лату кӯб карда буданд. Вурмбранд намедонист, ки оё ӯ ҳамин шаб зинда мемонад ё не.**

Шубон Ричард Вурмбранд бо муҳаббат ва ҳамдардӣ назди шубони шаллокхӯрда ба зону истода, гуфт: „Эй бародарам, оё ту дуои «Эй Падар, ба онҳо бубахш»-ро хонда метавонӣ?“

Он шахс дасташро ба рӯи варамкардаи пур аз захмаш расонда, аз дард ларзид. Вай оҳиста гуфт: „Наметавонам“.

Шубон мехост ба ӯ ҳамдардӣ баён кунад, ки ҳамин дам он шахс боз ба гап даромад. Бо чашмони ашкбор вай гуфт: „Дуои ман на «Эй Падар, онҳоро бубахш», балки «Эй Падар, онҳоро ва маро бубахш» аст. Агар ман шубони беҳтар мебудам, дар байни азобдиҳандагон руҷӯъкардагон бештар мебуданд“.

Шубони маҷрӯҳ оиди аз даст рафтани имкониятҳои назди Масеҳ овардани душманонаш ғам мехӯрд. Ҳар ду шубон ҷавонеро аз иттиҳоди коммунистии ҷавонон дар ёд доштанд. Боре полисе ки худро имондор меномид, ӯро бераҳмона лату кӯб карда буд. Ин воқеа дили он ҷавонро барои Масеҳ тамоман баст. Ин шахс, ки имконияти назди Масеҳ оварда шуданаш аз даст рафта буд, диктатори Румыния шуд. Номи вай Николае Чаушеску буд. Вай дар шиканҷаи миқдори беҳисоби масеҳиён, аз ҷумла шубон Вурмбранд ва рафиқи шаллокхӯрдааш, ҷавобгар буд.

*Оиди ҳеҷ чизе бештар аз имкониятҳои барбодрафта таассуф намехӯрем. Ҳаёт аксар вақт пур аз имкониятҳои барбодрафта аст: мо фурсат намеёбем, ки кӯдакро калон кунем, саҳарии Мавлудро пешвоз гирем, ба қатораи охирине ки сӯи хонаамон меравад, савор шавем. Аммо ҳеҷ чиз бо имконияти барбодрафтаи тағйир додани қисмати касе дар абадият баробар шуда наметавонад. Мо дониста наметавонем, ки шахси оддии дар автобус назди мо нишаста дар ҳаёти масеҳият дар тамоми ҷаҳон чӣ нақше хоҳад бозид. Оҳ, агар мо бо вай ҳамсӯҳбат мешудем! Шумо дар гузаштаи худ имкониятҳои бисёри барбодрафтаи паҳн намудани Инҷилро ба ёд оварда метавонед. Аммо агар имкониятҳои ҳаррӯзаи ба дӯстон оиди имонатон нақл карданро истифода баред, оянда худро тағйир дода метавонед.*

Фурсатро ғанимат дониста,
бо онҳое ки дар берунанд,
оқилона рафтор кунед.

*Кӯлассиён 4:5*

# Фидокории фавқулодда

**Хитой:** Лю Сяобо

**Лю Сяобо дар камера ҳангоми фикр оиди гуноҳҳои коммунистон, ки ба кишвар ва калисо зулм мекарданд, хашмгин мешуд. Вай роҳбари амалияи эътироз дар майдони Тянанмэн — майдони асосии кишвар буд ва оиди он дуо мекард, ки калисои Хитой аз маҳдудиятҳои буғикунанда, ки ҳукумат бар он бор кардааст, ба таври осоишта озод шавад. Вай ба худ тасаввур мекард, ки чӣ гуна масеҳиёни осоишта, муҳаббати Худои раҳмдилро эълон намуда, коммунистонро мағлуб мекунанд. Аммо ҳамааш бад анҷомид.**

Ӯ медид, ки дӯстонаш мардонавор истодагарӣ мекарданд ва яке паси дигар бо оқибати талх рӯ ба рӯ мешуданд. Акнун худи ӯро дастгир карда ҳабс намуданд. Худо чӣ гуна роҳ дод, ки чунин бадӣ бар онҳо дастболо шавад? Кӯшишҳои онҳо он натиҷаҳоеро наоварданд, ки мувофиқи фаҳмиши одамиёнаи ӯ мебоист меоварданд. Ӯ хашмгин буд, аммо дертар, ба шарофати як масеҳии хирадманд, ки ҳамроҳаш дар камера буд, дастгирии Худовандро ноил шуд. Баъди сӯҳбат бо вай Лю Сяобо пургуноҳии худро дарк намуда, чунин навишт: „Одаме ки эҳсоси гуноҳро надорад, чӣ гуна метавонад садои Худоро бишнавад? Ба ҷои мубориза бар зидди коммунистон, ки корҳои пургуноҳ мекунанд, ман бояд кӯшиш намоям, то онҳоро назди Масеҳ оварам, ҳатто агар дар ивази ин ҷони худро аз даст медода бошам. Исоро барои ба гуноҳкорон муҳаббат доштанаш маслуб намуданд. Ман бояд худро ба муҳаббат нисбати коммунистон бахшам. Агар ман ин корро накунам, мо ҳама ба ҷои ба қуллаҳо баромадан дар қаъри партгоҳ мемонем“.

*Одамон бисёр вақт фикр мекунанд, ки чун онҳо ҳаёташонро ба Масеҳ бахшанд, ҳаёт фавран осон мешавад. Ҳангоме ки ҳама чиз мувофиқи хости онҳо воқеъ мешавад, онҳо чунин меҳисобанд, ки ҳамин тавр бояд мешуд. Дар ниҳояти кор, охир, онҳо „иродаи Худоро ба ҷо меоваранд“, ҳамин тавр не? Чаро ташаббусҳои онҳо ба нокомӣ дучор шаванд? Аммо ба зудӣ мушкилиҳо сар мешаванд. Аз боиси имони худ онҳо ҳатто дарди ҷисмонӣ ҳис карда метавонанд. Оиди масеҳӣ шудан қарор қабул намуда, мо аксар вақт дармеёбем, ки душманони Масеҳ чӣ қадар бисёранд. Исо пешгӯӣ карда буд, ки барои номи Ӯ аз мо нафрат хоҳанд кард. Аксуламали мо ба таъқиботи душманон нишон медиҳад, ки то чӣ андоза мо ба Масеҳ монанд шудаем. Оё шумо омодаед, ки душманонатонро дӯст доред ва ин муҳаббатро дар дуоҳоятон оиди наҷоти онҳо зоҳир намоед? Агар мо Масеҳро ба золимон мавъиза накунем, кӣ ба ҷои мо ин корро мекунад?*

Барои лаънаткунандагони худ баракат бихоҳед ва барои озордиҳандагони худ дуо гӯед.

*Луқо 6:28*

# Тазоди Фавқулодда

**Русия:** Клавдия Василйевна

**Ҳуҷҷатҳои шӯъбаи хуфияи шӯравӣ тасдиқ мекунанд, ки дар Бутово, дар наздикии Москва, ба таври пинҳонӣ 44 ҳазор кас зимни гурӯҳҳои 200-нафарӣ қатл гардида, гӯронида шудаанд. Боре ҳангоми чунин куштор Клавдия Василйевна дарро ба зани беҳолшудае кушод. Ин занро барои имони масеҳияш қатл мекарданд, аммо ҳангоме ки аскарон барои гурӯҳи навбатии маҳкумшудагон рафтанд, вай аз чуқурӣ баромада тавонист. Зан аз Клавдия илтиҷо мекард, ки вайро пинҳон кунад.**

Клавдия аз тарс рад кард. Вай дарро баст ва занро дар кӯча гузошт, ва бо ин кораш бори дигар ҳукми маргро баровард. Клавдия дар давоми 50 сол мекӯшид симои он занро аз хотирааш маҳв намояд.

Бар акси Клавдия, ки чунин азобҳо насибаш шуданд, аъзоёни калисо дар Румыния дар дилҳои худ осоишро нигоҳ медоштанд, ва ба ду аскари немис, ки аз роҳи маҳбаси шӯравӣ гурехта буданд, ёрӣ доданд. Онҳо дар калисои Ричард Вурмбранд ёрӣ хостанд. Дар охири Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳукмфармоии бераҳмонаи Германияи фашистӣ, ки пештар иттифоқчии Румыния буд, ҷорӣ гардид. Ҳангоме ки ба Румыния артиши шӯравӣ дохил шуд, бисёр немисҳо асир гардиданд. Ҷазо барои ёрӣ додан ё пинҳон кардани онҳо марг буд.

Аскарон ҳанӯз либоси низомии немисӣ доштанд. Барои гурехтан онҳоро ҷазои қатл интизор буд. Оилаҳои аъзоёни калисо барои ёрӣ додан розӣ шуданд, зеро кори онҳо доварӣ не, балки ёрӣ додан ба ҳама касоне буд, ки зери хатари марг ҳастанд. Онҳо ба фарзандони Германия дасти ёрӣ дароз карданд, ва медонистанд, ки Масеҳ дар ҷои онҳо ҳамин тавр мекард.

*Ба масеҳиён бисёр вақт лозим меояд, ки байни мушкилиҳои ҷисм ва ҷон интихоб намоянд. Ин фарқ байни мушкилиҳои заминӣ ва пушаймонии абадист. Зиндагии масеҳиёни фавқулодда бисёр вақт бо ҷаҳон чунон тазод дорад, ки баъзан инро баён кардан душвор аст. Вазъиятҳои онҳо аксаран экстремалӣ мебошанд. Ҳатто дар ҳаёти нисбатан осудаи худ мо метавонем бо зарурати интихобе рӯ ба рӯ шавем, ки ҷасорати фавқулоддаро металабад. Оё мо осудаҳолии заминиро аз абадияти осмонӣ афзалтар хоҳем донист? Оё мо дар замин худро ба хатаре меандозем, ки бароямон дастовардӣ рӯҳонӣ медиҳад? Ҳангоме шумо бо вазъиятҳое дучор мешавед, ки мардонагии дар шумо набударо металабанд, аз Худо ёрӣ биҳоҳед. Ӯ дар худи ҳамон лаҳзае ки бояд қарори дуруст қабул намоед, бароятон хирадмандии даркориро таъмин менамояд.*

То ки бенуқсон ва пок, фарзандони беайби Худо бошед, дар миёни насли саркаш ва фосид, ки дар он шумо мисли найирҳо дар ҷаҳон медурахшед.

*Филиппиён 2:15*

**Зеро ба шумо ба хотири Масеҳ ато шудааст, ки ба Ӯ на танҳо имон оваред, балки барои Ӯ уқубат ҳам кашед.**

Филиппиён 1:29



# Сафарҳои фавқулодда

**Хитой:** Боб Фу

**Профессори хитоӣ Боб Фу ва занаш дар деҳаҳои дурдаст дарсҳои пинҳонии омӯзиши Библияро мегузарониданд. Онҳо доимо дар ҳайрат буданд, ки сокинони ин деҳаҳо то чӣ андоза ташнаи Каломи Худо ҳастанд.**

Як саёҳати хотирнишон аз сафари 12-соата дар автобус сар шуд, ки ҳангоми он сардори калисои деҳа якчанд соат дар назди оинаи шикаста истода, профессорро аз борон панаҳ мекард. Бегоҳии рӯзи оянда онҳо бо роҳи пурлой сафар мекарданд, ва автобус дар лой маҳкам монд. Онҳо роҳро зери борони сахт дар трактор давом доданд, то даме ки трактор низ дар лой маҳкам монд. Баъди ин онҳо то саҳарӣ зери нури моҳтоб дар лой лағжидаву афтода роҳ рафтанд.

Саҳарии рӯзи дигар онҳоро дар деҳаи дурдаст гарму ҷӯшон пешвоз гирифтанд. Деҳотиён ба калисои хонагӣ омадан гирифтанд, то ки ду соат пеш аз хизматгузории парастиш дуо кунанд. Баъзеҳо 50 мил роҳро тай намуда буданд, то Каломи Худоро бишнаванд. Дар хона ягон курсӣ набуд, бинобар ин аъзоёни калисо дар болои сангҳо ва ё ғӯлачӯбҳо нишастанд. Дар ин ноҳия онҳо аз он ҷиҳат баракат доштанд, ки полис дар назорат кардан душворӣ мекашид. Онҳо метавонистанд якчанд рӯз озодона Худовандро ситоиш кунанд!

Роҳи ҳар яки онҳо ба ҷамъомад хеле душвор буд, аммо ҳеҷ кас инро қурбонӣ намеҳисобид. Фақат хоҳиши онҳо чун хоҳиши подшоҳ Довуд буд, ки ҳар як тори ҷони ӯ ба ситоиши Худо майл дошт.

*Барои одамон дар кишварҳои пӯшида калисо ҳаётан даркор аст. Баръакс, дар кишварҳои озод бисёр одамон рӯзҳои якшанбе дудила мешаванд — имрӯз ба калисо раванд ё не. Оё онҳо барои ин вақт доранд? Оё борон меборад? Шояд, бештар хобидан хубтар аст? Имрӯз мавъиза оиди чӣ хоҳад буд? Агарчи ин боиси шарм аст, мо аксаран як қатор масъалаҳоро ҳал карда, фаҳмиданӣ мешавем, ки оё калисо арзиши онро дорад, ки барояш вақт сарф кунем. Барои Довуд ва дигар одамон вохӯрӣ бо Худо ҳеҷ гуна саволҳоро ба миён намеовард. Дар асл онҳо дар роҳи мушоракат бо Худо ҳеҷ монеаеро эътироф намекарданд. Кай бори охир аз Худо хоҳиш намудед, ки ба шумо ҳамин гуна хоҳиши сутудани Ӯро диҳад? Имрӯз аз Ӯ ҳаминро хоҳиш намоед, ва ҳафтаи оянда ба калисо рафта, бо Худо мушоракат намуданро ба нақша гиред.*

Ҷонам ташнаи Худост, ташнаи Худои Ҳай; кай омада, пеши Худо ҳозир мешавам?

*Забур 41:3*

фавқулодда

# Оҳангсози фавқулодда

**Иттиҳоди шӯравӣ:** Николай Молдован

**Боре зимистон ба камера посбонони маст даромаданд. Яке аз маҳбусон, Николае Молдован, шоир ва оҳангсоз буд. Ба ғайр аз ин вай имондори содиқ ва роҳбари ҳаракати инҷилӣ буд. Вай барои хизмати худ, ки чун тарғиботи зиддишӯравӣ қаламдод шуда буд, ба муддати 5 сол аз озодӣ маҳрум гардид.**

„Ба шикам дароз каш!" — фарёд зад яке аз посбонон ба Николай. Маҳбус бо либоси тунуки худ ба фарш дароз кашид. Посбонон бо мӯзаҳои вазнини аскарӣ бар тахтапушт ва пойҳои вай ҷастухез мекарданд.

Ҳангоме ки посбонон рафтанд, маҳбусон назди Николае ба зону истоданд, то бубинанд, ки то чӣ андоза зарар дидааст. Боиси ҳайрати онҳо буд, ки Николай гуфт: „Дар муддате ки онҳо болои ман қадам мезаданд, суруди наве эҷод намудам". Вай сруданро сар кард: „Ба Ман имкон деҳ, то на фақат оиди осмонҳои оянда гап занам, балки ҳозир ба ман имкон деҳ осмонҳо ва базми абадӣ дошта бошам".

Баъди ба озодӣ баромадани Николай милисаҳо хонаашро кофтуков намуда, дафтарашро, ки дар он сурудҳои дар муддати якчанд сол эҷодкардааш буданд, мусодира карданд. Садҳо соат меҳнати гаронбаҳо дар як лаҳза барбод рафтанд. Баъди ин Николай суруди нав эҷод намуд: „Туро барои ҳар он чи ба ман додӣ, ва низ барои ҳамаи он чи ман дӯст медоштам ва Ту аз ман гирифтӣ, бо миннатдорӣ ситоиш мекунам. Корҳои ту некӯянд ва ман ба ту таваккал мекунам".

Имрӯзҳо сурудҳои Николай Молдован дар тамоми кишвар маълуманд.

*Мегӯянд, ки даҳ фоизи ҳаёт он чизест, ки воқеъ мешавад, ва навад фоиз — аксуламали мо ба воқеаҳо. Аз ин нуқтаи назар худи воқеаҳо он қадар муҳим нестанд, балки чӣ гуна ба онҳо муносибат кардани мо аҳамият дорад. Вазъиятҳоро ҳеҷ кас идора карда наметавонад. Аммо аксуламал ё муносибати мо ба чизе вобаста ба интихоби мост. Шояд, ҳаёт маҷмӯи навоҳои паст ва садоҳоеро пешниҳод мекунад, ки ҳамоҳанг нестанд. Аммо, бо мадади Худо, мо қароре қабул карда метавонем, ки ин навоҳоро ба суруди ситоиш ва пирӯзӣ табдил диҳем. Дар байни девонагии ҳаётамон мо метавонем барои худ қарор қабул кунем, ки оҳангеро шунавем. Шумо шароити ҳозираи ҳаёти худро чӣ гуна қаламдод мекунед? Муносибати шумо ба вазъиятатон чӣ гуна аст? Шумо барои дигар кардани оҳанг чӣ бояд кунед?*

Бишнавед, эй подшоҳон!
Гӯш диҳед, эй ҳокимон!
Ман барои Худованд, ман
хоҳам сароид, ман барои
Худованд Худои Исроил
суруд хоҳам хонд!

*Доварон 5:3*

# Зӯроварии фавқулодда

**Украина:** таъқиб намудани коҳин

**Ду автомобили милиса ва 20 нафар милисаҳо падари рӯҳонӣ Иосафат Каватсивро таъқиб намуданд.**

21 апрели 1979 дар деҳаи Вилшанитсе дар наздикии Яворово дар калисои юнонӣ-католикӣ, ки режими коммунистӣ манъ карда буд, ба иди Эҳёи Масеҳ тайёрӣ медиданд. Милисаҳо ибодатгоҳро иҳота намуданд, то ки имондоронро ба он роҳ надиҳанд, ва дар роҳҳое ки сӯи он мебурданд, камингоҳҳо гузоштанд, то коҳинро, ки ғайриқонунӣ меҳисобиданд, ҳабс кунанд. Имондорон дар масофаи ним км аз деҳа камингоҳро ошкор намуданд ва коҳинро бохабар карданд. Коҳин фурсат ёфт, ки аз ҳабс раҳо шавад, аммо мошинҳои милиса ва милисаҳои атрофи ибодатгоҳ ба таъқиби вай шитофтанд. Чун дар атрофи калисо милисаҳо боқӣ намонда буданд, имондорон аз фурсат истифода бурда ба ибодатгоҳ даромаданд ва хизматгузории пагоҳии фисҳро ба ҷо оварданд.

*Исо ҳеҷ гоҳ амалиётҳои ҳарбӣ нагузаронда буд, ҳеҷ гоҳ исёнҳо набардошта буд, ҳеҷ гоҳ ба ҷанг даъват накарда буд, агарчи пайравони Ӯ дучори таъқиботи душманон буданд ва ҳастанд. Таълимоти Исо оиди муҳаббат, осоиш, ва оштӣ мегӯяд, аммо маъмурони ҳукумат Инҷилро манъ мекунанд, гӯё ки он ҷанг эълон мекарда бошад. Мо ҳақиқатан ба ҷанг ҷалб карда шудаем, чунки Наҷотдиҳандаи мо бар зидди шайтон ҳарбу зарби рӯҳонӣ мебарад. Шайтон кӯшишҳои зиёд мекунад, то бо ёрии зӯроварӣ масеҳиятро аз байн барад. Оё ҳангоме ки муҳориба анҷом меёбад, шумо дар ҷониби ғолиб хоҳед буд?*

> Чунки муборизаи мо на бар зидди хун ва ҷисм аст, балки бар зидди сарварон, бар зидди ҳукуматдорон, бар зидди фармонравоёни ин дунёи зулмот аст, бар зидди қувваҳои рӯҳии шарорат, ки дар афлок аст.
>
> *Эфсӯсиён 6:12*

# Ёрии фавқулодда

**Румыния:** зани ҳамабахшандаи масеҳӣ

**Ҳангоми истилои фашистӣ шубони румын ва зани ӯ асирони ҳарбии шӯравиро, ки аз лагерҳо гурехта буданд, пинҳон мекарданд. Акнун аскарони немис мӯҳтоҷи паноҳгоҳ буданд.**

Дар ҳуҷраи хурдакаки паси хонаашон се афсари немис пинҳон буданд. Зани шубон пинҳонӣ ба онҳо хӯрок меовард ва шабҳо ахлотҳоро дар сатил берун бурда мерехт. Вай яҳудӣ буд ва корҳои кардаи фашистонро медонист — онҳо тамоми оилаи онҳоро кушта буданд. Аммо чун масеҳӣ вай заруратеро ҳис мекард, ки ба гурезаҳо ёрии ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ расонад.

Капитани немис аз ин ёридиҳӣ тааҷҷуб мекард: „Чаро яҳудӣ ҳаёташро ба хатар мегузорад, то ки аскари немисро наҷот диҳад? Ман яҳудиёнро бад мебинам ва аз Худо наметарсам. Ман бояд гӯям, ки вақте лашкари Германия ба Бухарест бозмеояд, ман ба ту ҳамин гуна муносибат карда наметавонам".

Ин гуна сангдилӣ зани шубонро дудила накард. Вай ба афсари немис гуфт: „Ҳатто ҷиноятҳои бераҳмонатаринро аз рӯи имон ба Масеҳ метавон бахшид. Ман қудрати бахшидан надорам, аммо Исо ин қудратро дорад, ва агар ту тавба кунӣ, Ӯ мебахшад".

Афсар ҷавоб дод: „Намегӯям, ки туро мефаҳмам. Аммо, шояд, агар бисёрии одамон атои дар ҷавоби бадӣ некӣ карданро медоштанд, кушторҳо камтар мебуданд".

Баъди чанде афсарон ба Германия фирор карданд, бе он ки тавба карда бошанд. Аммо шубон ва зани ӯ вазифаи худро адо карданд ва маънои ҳақиқии масеҳиятро нишон доданд.

*Исо ба мо масалеро додааст, ки дар он деҳқоне дар ҳар гуна замин кишт мекунад, ва ин боиси натиҷаҳои гуногун мешавад. Дар ин масал тухмӣ Каломи Худост. Агар Каломи Худо чун тухмӣ ба роҳ партофта шуда бошад, иблис онро гирифтан мехоҳад. Баръакс, онҳое ки замини хубро ифода мекунанд, Каломи Худоро қабул мекунанд ва ба он ҷавоб медиҳанд. Ҳангоми ба дигарон расондани Хушхабар мо намедонем, ки дилҳои онҳо кадом намуди „замин" хоҳанд буд. Новобаста ба аксуламали онҳо — мусбат ё манфӣ — мо барои амалҳои ҷавобии онҳо масъулият надорем. Оё шумо аз боиси он ки касе ба Хушхабар таваҷҷӯҳ зоҳир накард, дилхунук шудаед? Шумо кори худро кардед. Акнун бигузор Худо кори Худро бикунад.*

Ғайратмандона хизмат кунед, мисли он ки ба Масеҳ бошад, на ба одамон.

*Эфсӯсиён 6:7*

# Мавъизаи фавқулодда

**Румыния:** шубон Ричард Вурмбранд

**Соли 1991 ҳукумати коммунистии Румыния ниқоби нав пӯшид. Он метарсид, ки халқи барои ислоҳоти демократӣ пухта расида онро сарнагун мекунад. Ҳукумат шубонони румынро маҷбур мекард, ки ҳатто дар ҷойҳои ҷамъиятӣ рисоларо мавъиза кунанд — душманони худро дӯст дор. Он умед дошт, ки халқ ором мешавад ва бераҳмиҳоро мебахшад. Ҳукумат чунин меҳисобид, ки рисолаҳои масеҳиро ба манфиати худ истифода бурда метавонад.**

Шубонҳои масеҳӣ бо шодӣ ба ин даъват ҷавоб доданд ва ошкоро мавъиза кардани Инҷилро сар карданд, агарчи медонистанд, ки ҳукумат фақат ба хотири ҳифзи бехатарии худ ин корро мекунад. Аммо баъзеҳо фикр карданд: „Чаро мо бояд мазлумонро таълим диҳем, ки золимони худро дӯст доранд?“ Онҳо чунин меҳисобиданд, ки рисолаи бахшоиш (омурзиш) ҳукумати зиддихалқиро қавӣ мегардонад.

Ана дар ҳамин муҳит шубон Ричард Вурмбранд баъди 25 соли мусофират ба Румыния баргашт. Ӯро даъват намуданд, ки аз тариқи телевизиони Румыния мавъиза кунад, ва ӯ дар мавъизаи худ дӯст доштани душманони худро таъкид намуд.

Суханони ӯро шунида, Калисо ноҳақ будани худро фаҳмид: „Муҳаббат фақат ба хотири муҳаббат буданаш худро ба ҳар гуна хатар рӯ ба рӯ мекунад. Хатар ҳатто дар он аст, ки одамони бад метавонанд аз муҳаббат суиистифода кунанд. Мо набояд таълими муҳаббат ба душманонро бас кунем, ҳатто агар одамоне ки Худоро бад мебинанд, муддате аз ин фоида бинанд. Мо бовар мекунем, ки Калом Худост, ва дар ниҳояти кор, ин Калом ҳатто дилҳои онҳоеро ки Худоро бад мебинанд, дигаргун мекунад“.

*Дар Библия қиссаҳои зиёде ҳастанд, ки анҷоми ҳайратовар доранд, ҳатто то боби охирини он. Дар он лаҳзае ки аллакай чунин ба назар мерасад, ки бадӣ дастболо мешавад, ва ҳамаи вазъиятҳо зидди росткорон мебошанд, Худо росткоронро ба пирӯзӣ меоварад. Хушбахтона, Худо муаллифи ҳаёти мо низ мебошад. Мо набояд пурсем, ки сюжет чӣ гуна хоҳад буд. Мо метавонем чунин ҳисоб кунем, ки моро барои корҳои Худо самарабахш истифода намебаранд. Метавонад чунин тобад, ки одамони дигар ҷидду ҷаҳди беҳтарини моро дар расонидани Хушхабар вайрон мекунанд. Аммо вазифаи мо — содиқона мавъиза намудани рисолаи Ӯст. Мо бояд ба Худи Ӯ имкон диҳем, ки вазъиятҳои душворро ҳаллу фасл намояд. Худо навиштани сценарияи ҳаёти моро давом дода истодааст, ва ҳама чизи хуб ҳанӯз дар пеш аст.*

> Шумо дар ҳаққи ман қасди
> бад доштед, вале Худо
> онро ба некӯӣ гардонд, то
> коре кунад, ки мардуми
> зиёдеро зинда нигоҳ
> дорад, чунон ки имрӯз
> воқеъ шудааст.
>
> *Ҳастӣ 50:20*

# Ёдоварии фавқулодда

**Тибет:** Вилям Симпсон

**„Писари ту кушта шуд“.**

Он рӯз ба ҷаноби Симпсон хабари даҳшатноне расид: писари вай, миссионер Вилям кушта шудааст ва мактабаш вайрон карда шудааст. Вай дар сарҳади Тибет мактаби хурде сохта, дар он ба кӯдакон Каломи Худоро меомӯзонд. Падари Вилям на он қадар дур мезист ва ин хабарро шунида, зуд ба сӯи мактаб шитофт. Дар роҳ ӯро хотираҳои хизмати писараш фаро гирифтанд.

Барои ба одамони Тибет таълим додани Каломи Худо, Вилям Симпсон дар як сол аспсавор чор ҳазор мил роҳро тай мекард. Дар яке аз шаҳрҳои Тибет мутаассибони исломӣ 50 ҳазор касро куштанд, аммо писари вай ҳатто аз ин ҳаросон нашуд. Вилямс навишта буд: Ҳамаи санҷишҳо, ҳамаи танҳоӣ, андӯҳи дил, дард, хунукӣ ва хастагӣ аз роҳи дур, дилхунукӣ ва душвориҳо, васвасаҳо ва тафтишҳо сазовори он нестанд, ки онҳоро бо шараф ва шодии шаҳодат додани Хушхабар оиди шодии бузург муқоиса кунем.

Падари Вилям дар мактаби вайроншуда ҷасади писарашро ёфт, ки дар фарш хобида буд. Дертар вай фаҳмид, ки тӯдаи мусулмонон ба мактаби масеҳӣ хуҷум карда, асосгузори онро бераҳмона куштаанд.

Худи вай низ миссионер буд ва аз он фахр мекард, ки писараш ба дигарон намунаи Масеҳро нишон медод. Дар зери ҷасади писараш пораи хунолуди коғаз буд. Вай онро оҳиста бардошт ва хонд: „Барои хотираи Ман“. Ин суханони Навишта мусибати дар мактаб рухдодаро тақдис менамуданд.

*Муҷассамаҳои ёдгорӣ дар ҳамаи кишварҳо қомат афрохтаанд. Онҳо хотираи рафторҳои қаҳрамонона, мардонагӣ ва фидокориро дар байни санҷишҳои сахт абадӣ мегардонанд. Одамон дар ҳар як давраи таърихӣ муҷассамаҳои ёдгорӣ месохтанд. Ин қисми табиати инсонист. Мо шахсонеро фаромӯш кардан намехоҳем, ки дар ҳимоя намудани ормонҳои озодӣ, адолат, муҳаббат ва шараф нархи даҳшатнокеро пардохтаанд. Мо дар дилҳои худ хотираи масеҳиёни риёзаткашро нигоҳ медорем, ки барои Масеҳ ва Инҷили Ӯ ҳалок шудаанд. Ҳангоми дафни онҳо салюти ҳарбӣ набуд. Дар ин ҷойҳо муҷассамаҳои ёдгорӣ нагузоштаанд. Аммо ба ҳар ҳол мо нақлҳоро оиди онҳо мешунавем ва қасам мехӯрем, ки ҳеҷ гоҳ онҳоро фаромӯш намекунем. Имрӯз вақт ҷудо кунед, то онҳоро ба ёд оваред ва Худоро, ки ба онҳо илҳом бахшидааст, ситоиш намоед.*

Ҳар боре ки шуморо ёд мекунам, Худои худро шукр мегӯям.

*Филиппиён 1:3*

**Агар шумо ба мо нишон дода метавонистед, ки шумо калисои ҳақиқии Масеҳ ҳастед, мо фавран ба тарафи шумо мегузаштем, зеро мо бо Масеҳ будан мехоҳем. Аммо шумо на бо далелҳои Ҳақиқат омадед. Шумо моро ба маҳбас шинондед. Шумо ҳаёти моро гирифта метавонед, аммо на имони моро.**

Усқуф Ион Балан — дар ҷавоб ба роҳбарони коммунистӣ, ки ӯро ба итоати калисои православии Румыния даровварданӣ буданд.



# „Рамз“-и фавқулодда

**Куба:** Том Уайт

**Барои онҳое ки барои Масеҳ дар ҳабсхонаҳо азоб мекашиданд, маросими чашидани нону майи табаррукӣ хеле боарзиш аст. Аммо гоҳо чунин мешавад, ки он дар зери назорати зиндонбон мегузарад.**

Том Уайт ва пилот, ки Мел ном дошт, бо ҳавопаймои хурде бар фарози Кубаи коммунистӣ парвоз карда, ҳазорон варақаҳоро мепартофтанд. Дар онҳо ба одамоне ки зери фишори режими Фидел Кастро мебошанд, оиди Исои Масеҳ гуфта мешуд. Ҳангоми раъду барқ онҳо маҷбур шуданд ба замин фароянд. Том ва Мел дар Куба фуруд омаданд, ки дар он ҷо коммунистон онҳоро аллакай интизор буданд. Том ва Мелро ба 24 соли маҳбусӣ маҳкум намуданд.

Ба Том ду вохӯриро бо занаш Офелия, ки вазифаи (миссия) худро дошт иҷозат дода буданд. Вай ба ӯ пакети хурди шираи хушки ангурро овард, ки дар селлофан печонида ба тасмаи резинӣ ҷойгир карда буд. Том онро ба камера бурд, то ки бо масеҳиёни дигари зиндонӣ маросими чашидани нону майи табаррукиро баргузор намояд.

Том ва Офелия дар чизи асосӣ ҳамфикр буданд: гиромӣ доштани Исои Масеҳ ва хуни Ӯ, ки дар салиб рехта шуд, никоҳ ва вазифаи (миссия) онҳоро нигоҳдорӣ мекард.

Том ва Мелро баъди 18 моҳ фидя дода халос карданд. Имрӯзҳо Том ва Мел гиромӣ доштани қурбонии Масеҳро дар Оклаҳома давом медиҳанд, ки он ҷо Том ба фаъолияти „Садои риёзаткашон“ роҳбарӣ мекунад.

*Масеҳ ба шогирдони Худ гиромӣ доштани ду маросимро фармудааст: ғӯтаи таъмид ва Шоми Худованд. Онҳо рамзи садоқат ба Ӯ— гиромидошти марг ва эҳёи Ӯ мебошанд. Аммо ин маросимҳои масеҳӣ ҳеҷ гоҳ набояд ба расму оини оддӣ табдил ёбанд. Мо бояд имондоронеро фаҳмем, ки ба хотири баргузории маросими чашидани нону майи табаррукӣ ҳаёти худро ба хатар меандозанд. Дар атрофи мо ин маросим ҳеҷ гоҳ хатарнок набуд. Аммо онҳое ки барои имон таъқиб карда мешаванд, маҷбуранд системаи афзалиятҳоро аз нав созанд. Рамзҳо ифодаи пурқимати садоқат мегарданд. Барои шумо рамзҳои масеҳии ғӯтаи таъмид ва чашидани нону майи табаррукӣ чӣ маъно доранд? Ҳангоме ки бори дигар дар онҳо иштирок мекунед, онҳо бароятон то чӣ андоза аҳамияти бештар хоҳанд дошт?*

Ва нонро гирифта,
шукргузорӣ намуд ва пора
карда, ба онҳо доду гуфт:
„Ин Бадани Ман аст, ки
барои шумо таслим карда
мешавад; инро барои хотираи
Ман ба ҷо оваред“.

*Луқо 22:19*

# Қурбонии фавқулодда

**Румыния**

**Дар зиндони Ҷеря дар Румыния номҳои маҳбусонеро, ки мувофиқи ақидаи зиндонбонон, қоидаҳои маҳбусиро вайрон мекарданд, менавиштанд, ва ҳар якеро 25 қамчин мезаданд. Рӯзи махсусеро ҷудо карда буданд, ки ин ҷазои бераҳмонаро ба ҷо меоварданд. Дар ин рӯз афсаре аз камера ба камера гузашта, онҳоеро ки бояд қамчинкорӣ мешуданд, ҷамъ мекард.**

Азбаски зиндонбонон доимо иваз мешуданд, ва маҳбусон бисёр буданд, ҳамаро шинохтан ғайриимкон буд. Ҳангоме ки зиндонбон барои бурдани маҳбусе ки бояд мезаданд, медаромад, як масеҳӣ доимо ба пеш баромада мегуфт: „Ин манам“. Ин маҳбусро ҳар дафъа ба ҷои маҳбусони дигар қамчинкорӣ мекарданд.

Ҳангоме ки ин маҳбус баъди яке аз қамчинкориҳои қурбонӣ дар арафаи марг буд, маҳбусони дигар ӯро дилбардорӣ карданӣ шуданд. Онҳо гуфтанд: „Эй бародар, шод бош. Ба қарибӣ ҳамааш ба анҷом мерасад. Ту дар осмон хоҳӣ буд. Дард дигар нахоҳад буд — фақат шодӣ!“

Вай ба онҳо бо муҳаббат нигариста, гуфт: „Бигузор Худо бо ман мувофиқи нақшаи Худ рафтор кунад, аммо агар ӯ аз ман мепурсид, ман хоҳиш мекардам, ки маро ба биҳишт набарад — беҳтараш ман дар ҳабсхона мемондам. Ман дар бораи шодиҳои осмонӣ медонам, аммо дар осмон як чиз нест: имконияти барои дигарон қурбон намудани худ“.

*Дар ҷаҳоне ки гун карданро аз ато намудан афзал медонанд, принсипи библиявии фидокорӣ фикри аҷиб метобад. Ормонҳои ҷаҳонӣ, асосан, бо чунин суханон ифода меёбанд: „Ҳар қадаре ки тавонӣ, бигир, ҳар чи тезтар бигир“. Библия роҳи дигари муваффақиятро таълим медиҳад: ҳаёти худро барои дигарон додан. Ин ғайритабиист. Ин барои мо, ки заминро ба таври заминӣ дарк мекунем, дилпазир нест. Аммо ҳамин ки мо ин роҳро санҷида мебинем, он тарзи ҷолиби зиндагӣ мешавад. Рӯҳулқудси Худо дар дохиламон ба мо ёрӣ медиҳад, то худро баъди дигарон ба ҷои дуюм гузорем. Оё шумо тайёред эҳтиёҷоти дигаронро аз эҳтиёҷоти худ авлотар донед?*

Касе муҳаббати бузургтар
аз ин надорад, ки ҷони
худро барои дӯстони худ
фидо кунад.

*Юҳанно 15:13*

# Ривояти фавқулодда

**Исроил:** қиссаи Горун

**Ривояти қадимӣ мегӯяд, ки боре Исо ба шогирди Худ Горун гуфт: „Бирав ва дар кӯҳи Кармил хайма зан, ва дар он ҷо бо андешаронӣ ва дуо машғул бош“. Горун мувофиқи пешниҳоди Исо амал намуд.**

Боре Горун ба деҳаи ҳамсоя рафта кӯрпа талабид, зеро кӯрпаи кӯҳнаашро калламушҳо хӯрда буданд ва ӯ хобида наметавонист. Деҳотиён бо хушнудӣ ба ӯ кӯрпа доданд, аммо Горун боз омад, чунки ба зудӣ худи ҳамон воқеа такрор шуд. Ниҳоят, касе пешниҳод кард: „Мо ба ту гурба медиҳем, то ки мушкилии туро яку якбора ҳал кунем“.

Баъди якчанд рӯз Горун боз омад: „Ба ман барои гурба андаке шир намедиҳед?“ Деҳотиён фаҳмиданд, ки ин эҳтиёҷи ӯ доимӣ хоҳад буд, ва қарор доданд, ки ба ӯ модагове диҳанд. Горун боз омад: „Ман бояд ба модагов чизе барои хӯрдан диҳам“. Ба ӯ қитъаи замин доданд. Он гоҳ Горун хоҳиш кард, ки барои коркарди замин ба вай коргарон дода шаванд, сипас моводи сохтмон барои сохтани хонае ки коргарон дар он сокин мешаванд.

Баъди чандин сол Исо бозгашт, то ки шогирди маҳбуби Худро бубинад. Ӯро шахси фарбеҳе пешвоз гирифт ва пурсид: “Ту ин ҷо чӣ кор дорӣ? Ту чӣ харидани ҳастӣ?“ Горун, ки акнун тоҷири сарватманд буд, Устоди худро нашинохт.

*Баъзан ба мо қиссае даркор мешавад, то ба чизе аз дигар ҷиҳат нигарем, то ба мо ёдрас намояд, ки чӣ чиз бароямон муҳим аст, ва низ барои он ки мо аз мақсади дар пешамон истода дур нашавем. Шояд, ба мо гурба ва модаговро пешниҳод намекунанд, аммо мухолифамон моро бо ҳар восита ба васваса меандозад, то аз роҳи дуруст барканор гардонад. Вай ба мо бехатариро дар кишварамон ваъда медиҳад, то ки ба кишварҳои дигар барои паҳн намудани Хушхабар наравем. Вай баракатҳои Худоро — ҳамсар, оила ва ё корро истифода мебарад, то ки мо бо фикрҳои зиндагӣ машғул шуда, вазифаи худро фаромӯш кунем. Ин қисса чиро дар ҳаёти шумо хотиррасон мекунад? Чӣ чиз, шояд, шуморо аз Устод дур мекунад? Шояд, шумо бо корҳои дунявӣ чунон машғул будед, ки вазифаи рӯҳонии худро сарфи назар кардед?*

Пас, бохабар бошед аз худатон, ки мабодо дилҳои шумо аз ғамхӯриҳои зиндагӣ сахт шавад, ва он рӯз бар шумо ногаҳон ояд.

*Луқо 21:34*

# Вақти фавқулодда

**Як шахс шабона ба шаҳри дур мерафт ва дар аснои роҳ ба чизе пешпо хӯрд. Вай хам шуда, халтачаеро бо сангҳо бардошт. Ба атроф назар андохта, вай касеро меҷуст, ки ин халтачаро афтонда буд. Ҳеҷ касро надида, вай қарор дод, ки халтачаро бо худ ба сафари тӯлонӣ бигирад.**

Барои дар аснои роҳ бо чизе машғул шудан вай сангчаҳои хурдро аз халта гирифта, ба дарёе ки лаб-лаби роҳ ҷорӣ мешуд, партофтан гирифт. Бул... бул... ин садо барои мусофири хасташуда машғулияти беайбе буд. Ҳангоме ки вай ба маҳалли худ расид, дар халтача ду сангча монда буд. Ба шаҳр даромада, вай ба назди чароғи роҳи дар майдон буда омад. Ду санги боқимондаро дар кафи даст нигоҳ дошта, вай дар равшании чароғ ба онҳо нигарист ва дид, ки онҳо ҷилои аҷибе доранд. Вай аз наздиктар нигарист. Сахт ба ҳаяҷон омада фаҳмид, ки сангҳо дар асл бриллиантҳо будаанд!

Шубони хирадманд дар ҳабсхона, ки бисёр маҳбусонро назди Масеҳ оварда тавонист, ин қиссаи хурдро борҳо нақл карда буд. Вай ба воситаи хатоҳои худ фаҳмид, ки ба ҳама гуна вазъиятҳо нигоҳ накарда, ҳар як лаҳзаро барои афзун намудани Малакути Худо истифода бурдан мумкин аст. Вай бисёр вақт дигаронро сарзаниш мекард: „Пулҳои гумшударо бозпас гирифтан имкон дорад, аммо вақти гумшударо баргардондан имкон надорад. Вақти худро оқилона барои хизмати Худо истифода баред“.

*Ҳар як сол 32 миллион сония дорад, ва ҳар як сонияи ҳаёти мо — атои бебаҳои Худост, ки барои иҷрои нақшаҳои Ӯ ба кор бурдан лозим аст. Агар мо сонияҳоро беҳуда сарф кунем, онҳо сӯи Худо бармегарданд, аммо сӯи мо барнамегарданд. Онҳо барои ҳамеша рафтаанд, чун бриллиатҳо ба лойи дарё. Исо ҳатто дар салиб нафаси охиринашро ба он сарф намуд, ки ба роҳзан наҷот бахшад ва ба модари худ суханони тасаллибахш гӯяд. Вай ҳатто ба қотилонаш мавъиза карда, омурзишро пешниҳод намуд. Ба худ тасаввур кунед, ки вақт барои роҳзане ки ҳамон рӯз ҳамроҳи Исо ба осмон рафт, то чӣ андоза пурқимат буд. Оё шумо дақиқаҳои пурқимати худро ба таври фоиданок истифода мебаред? Аз Худо хоҳиш кунед, то ба шумо нишон диҳад, ки вақти худро чӣ гуна сарф намоед ва беҳуда барбод надиҳед.*

Шумурдани айёми моро чунон дуруст таълим деҳ, то ки дили пурҳикмат пайдо кунем.

*Забур 89:12*

# Хатари фавқулодда

**Хитой:** ду сохтмончии калисо

**Ду зан ҳар ҳафта ба маҷлисҳои пинҳонии калисои хонагӣ мерафтанд. Онҳо хаста шуда буданд ва аз боиси он ки дар деҳаи худашон калисо набуд, табъашон хира буд.**

Баъди якчанд моҳи дуо оиди оне ки дар наздикиашон калисо бошад, яке аз занҳо ниҳоят гуфт: „Шояд, Худо аз мо интизор аст, ки худамон калисо бисозем. Чаро Ӯ бояд шикваҳои доимии моро шунавад, агар худи мо ҳеҷ кор кардан нахоҳем?“

Он гоҳ онҳо қарор доданд, ки таваккал мекунанд. Ин ду зан ҳамроҳи шавҳаронашон дар деҳаи хурди худ дар вилояти Анхойи Хитой калисо сохтанд. Ҳукумат таҳдид намуд, ки агар онҳо дар бюро оиди корҳои дин аз қайд нагузаранд, бино фавран ба хок яксон карда мешавад. Онҳо розӣ шуданд, ва хушбахтона, маҳалли деҳотии онҳо бар хилофи калисоҳои шаҳрҳои калон таҳти назорати сахт набуд. Онҳо ҳатто ҷуръат намуда, аз дигар калисоҳои хонагӣ шубонҳоро даъват намуданд, то дар калисои онҳо баромад кунанд, бе он ки иҷозати хаттӣ дошта бошанд.

Занҳо башорат медоданд, ва ба беморхонаи маҳаллӣ рафта беморонеро меёфтанд, ки умеди шифоёбӣ надоштанд. Онҳо дуо гуфта, аз Худо шифо ёфтани онҳоро хоҳиш мекарданд. Баъди як сол калисои онҳо то дусад аъзо зиёд шуд.

Яке аз хоҳарон гуфт: „Мо дар ҳаққи як кас 20 рӯз пайиҳам дуо гуфтем, аммо вай шифо наёфт. Аҳли оилаи вай ба мо таҳдид намуда гуфтанд, ки гӯё мо Худоро ба хашм меоварда бошем. Бояд барои ба хотири Худо худро ба хатар андохтан омода бошем“.

*Инҷили Исои Масеҳ содда ва равшан аст. Чаро иблис бояд масеҳиятро чун дини рақами якум барои нобуд кардан ҷудо кунад? Масалан, пайравони буддоия шабакаи васеи калисоҳои пинҳонкорро, ки барои боқӣ мондан дар кишварҳои пӯшида даркоранд, надоранд. Мутахассисони соҳаи медитатсия аз равияи „Ню эйҷ“ дар кишварҳои таъқибкунанда барои ҳаёти худ хавф надоранд. Масеҳият боиси мухолифат мегардад, зеро бар душман қудрат дорад. Иблис барои динҳои қалбакӣ вақт сарф намекунад. Оё шумо барои иблис хатари рӯҳонӣ ҳастед? Ё бо майдабозӣ машғул ҳастед? Оё ба шарофати имонатон ба нақшаҳои вай таҳдид мекунед? Агар ҳамин тавр бошад, интизори мухолифат шавед. Аммо аз он шод бошед, ки шумо як қисми ҳақиқат ҳастед!*

Ва ҳамаи онҳое ки мехоҳанд парҳезгорона дар Исои Масеҳ зиндагӣ кунанд, ба таъқибот дучор хоҳанд шуд.

*2 Тимотиюс 3:12*

# Муҳаббати фавқулодда

**Румыния:** яҳудиёни масеҳӣ

**Дар охири Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аскарони немис медонистанд, ки дар ҳолати асир шуданашон ҳукумати шӯравӣ онҳоро ба лагерҳои Сибир мефиристад, ки он ҷо бисёрии онҳо мемиранд. Ҳамин ки артиши шӯравӣ Бухарестро ишғол карданд, ду аскари немис аз қисми худ гурехтанд. Онҳо бо тарсу ҳарос дар кӯчаҳои шаҳр мегаштанд.**

Ҳангоме ки он ду аскар ба калисои лютеранӣ даромаданд, хеле хурсанд шуданд, зеро медонистанд, ки лютеранҳои Румыния аслан немис мебошанд. Аммо чун фаҳмиданд, ки дар он ҷо яхудиён бисёранд, тарсу ҳароси онҳо боз авҷ гирифт.

Шубон фавран онҳоро ором кард: „Мо яҳудиёнем, аммо мо масеҳӣ низ ҳастем, бинобар ин ҳеҷ гоҳ касеро ки паноҳ меҷӯяд, таслим намекунем“.

Дар он вақт ҳар румынеро, ки немисҳоро пинҳон кунад, мекуштанд. Аммо барои ҳама гуна шубон — немисҳо, ҳанӯз дар либоси низомии фашистон бошанд ҳам, фақат ҷонҳои гумроҳ буданд, ки мӯҳтоҷи Наҷоткоранд. Шубон айнан ҳамон тавре ки пеш ба яҳудиён ёрӣ медод, акнун ба инҳо кӯмак карданӣ буд. Вай ба онҳо гуфт: „Ҳангоми истилои немисҳо мо бисёр азобҳоро аз сар гузарондем. Оё барои ин шахсан шумоён масъулият доред ё не, мо қазоват намекунем. Мо ба шумо хона ва либоси ғайринизомии худро пешниҳод мекунем, то ки шумо ба Германия рафта расида тавонед. Мо инро барои ба шумо нишон додани муҳаббат ва меҳрубонии бузурги Худо мекунем. Фақат Худо метавонад шуморо аз гуноҳҳоятон озод кунад“.

*Муҳаббат одамонро водор мекунад, ки рафторҳои аҷоиб кунанд. Ҷуфти дӯстдоштагон ҳама корро мекунад, то ки вафодории бемонанди худро зоҳир намояд. Модар фарзанди худро аз ҳама бештар дӯст медорад. Аммо муҳаббати байни Масеҳ ва имондор — на танҳо муҳаббат байни ду нафар аст. Ин муҳаббати аҷибтарин аст, зеро он аз ҳисоби махсусан ба касе садоқат доштан афзун намешавад. Ин, аслан, ягона муҳаббатест, ки аз ҳисоби ба он ҷалб намудани дигарон афзун мешавад. Барои нишон додани муҳаббати худ ба Масеҳ мо бояд ба дигарон муҳаббати масеҳӣ дошта бошем. Мо муҳаббати фавқулоддаи худро ба Масеҳ нишон медиҳем, ҳангоме онҳоеро дӯст медорем, ки дар ивазаш моро дӯст намедоранд. Оё дар атрофатон касоне ҳастанд, ки Худо ба шумо мефармояд, то ба хотири Ӯ имрӯз онҳоро дӯст доред.*

Лекин шумо душманони худро
дӯст бидоред, ва некӣ
кунед, ва қарз диҳед,
бе он ки ба талофии он
умедвор шавед.

*Луқо 6:35*

**Худо моро на аз рӯи он доварӣ хоҳад кард, ки мо чӣ қадар азоб кашидаем, балки аз рӯи он ки чӣ қадар мо дӯст дошта тавонистем. Масеҳиёне ки барои имонашон дар ҳабсхонаҳо азоб кашидаанд, дӯст дошта метавонистанд. Ман худам шоҳиди ин ҳастам, зеро онҳо ҳам Худоро ва ҳам одамонро дӯст дошта метавонистанд.**

Собиқ шубони калисои пинҳонкор,
ки барои имонаш зиндонӣ шуда буд.



# Қаҳрамони фавқулодда

**Русия:** Ваня Моисеев

**Аскари Артиши Шӯравӣ Ваня Моисеевро командирон доимо аз боиси ба дигарон оиди имони худ нақл карданаш маломат менамуданд. Бисёр касон дар ротаи ӯ ба шарофати шаҳодати Иван назди Масеҳ омаданд. Ҳангоме командир ба ӯ фармуд, ки оиди имонаш гап назанад, ӯ ҷавоб дод: „Агар суруданро ба булбул манъ мекарданд, вай чӣ мекард? Вай наметавонист, ман низ наметавонам“.**

Ҳамаи онҳое ки Ваняро медонистанд, мегуфтанд, ки имони ӯ сирояткунанда аст. Худи ӯ ҳамеша омодаи некӣ кардан буд ва дигаронро низ ба ин ҳавасманд мекард. Ба зудӣ таъқиб намудани аскарро сар карданд. Вай фаҳмид, ки ба ҳаёташ хатар таҳдид мекунад, ва ба модараш навишт: „Ман медонам, ки шояд, мо ҳеҷ гоҳ вонамехӯрем, аммо барои ман гиря накун. Фаришта ба ман Ерусалими осмониро нишон дод — он бениҳоят зебост. Модарҷон, илтимос, тамоми кӯшишатро ба харҷ деҳ, то мо дар он ҷо бо ҳам вохӯрем“.

Ваня Моисеев модарашро бовар мекунонд, ки Худо ӯро дастгирӣ намуда, фариштаҳоро назди ӯ мефиристад. Вай якчанд вохӯриҳояшро бо фариштаҳо тасвир намуд; „Фариштаҳо шаффофанд. Ҳангоме ки фаришта дар назди туст, ва дар пасаш одамест, ҳузури фаришта ба дидани он кас халал намерасонад. Баръакс, он касро беҳтар дидан мумкин аст. Ҳангоме ки аз паси фаришта касеро мебинӣ, ҳатто золимро фаҳмида баҳо додан мумкин аст“.

Дар ниҳояти кор Ваня дар синни 21-солагӣ барои имонаш ҳалок шуд. Командирон на бо марги табиӣ мурдани аскарро пинҳон карданӣ буданд, аммо дар ватанаш ҳақиқатро фаҳмиданд. Моисеев риёзаткаши ҷавон буд, ки ҳаёти ҷасуронааш ӯро қаҳрамоне кард, ки дар тамоми Аврупои Шарқӣ маълум аст.

*Фариштагон дар ҳама ҷо ҳастанд. Онҳо дар китобҳо, шамъдонҳо, ороишоти мавлудӣ тасвир шудаанд. Бисёр касон аз он таассуф мехӯранд, ки ҳеҷ гоҳ фариштагони ҳақиқиро — фиристодагони осмонии Худоро надидаанд. Баъзеҳо фариштаҳоро дида наметавонанд. Ин шахси безеб, ки мӯҳтоҷи қабул кардани мост, фаришта буда метавонад. Душмане ки моро меранҷонад, метавонад худи ҳамон фариштае бошад, ки мо дидан мехоҳем. Ҳатто агар дар охир маълум шавад, ки ин одам фаришта не, балки одами оддист, ба ҳар ҳол ӯро дӯст доштанамон моро қадаме ба осмон наздиктар мекунад. Оё шумо чун Ваня ба ҳаёти худ аз нуқтаи назари осмонӣ менигаред? Оё шумо дар он ҷое ки пештар фақат душманонро меҷустед, акнун фариштаҳоро меҷӯед? Барои муҳаббат фариштаҳои имконпазирро биҷӯед.*

Меҳмоннавозиро фаромӯш накунед, зеро ба воситаи он баъзе касон, надониста, фариштагонро меҳмоннавозӣ кардаанд.

*Ибриён 13:2*

# Зиёфати фавқулодда

**Иттиҳоди Шӯравӣ:** маҳбуси гурусна

**Маҳбусон гурусна ва хашмгин буданд. Ҳатто пешниҳоди бемавриди коҳин оиди ташкил додани зиёфати мавлудӣ метавонист барои онҳо ҳайратовар тобад. Ана он чи коҳин Иосиф Гирняк, ки барои имон солҳои зиёд маҳбус буд, оиди он ба бародараш менавишт.**

„Осмони хокистарранг бо уфуқе ки ҳамрангаш буд, як шуда буд, ва заминро аз осмони пурчанг фарқ кардан имкон надошт. Агар аз кӯлмаки наздиктарин об овардан даркор бошад, мо далереро аз миёнаш баста, ба дастонаш сатил ва барои шикастани ях чангаки оҳанин медиҳем. Бандро ду ҷавон, ки дар дари кушодаи барак истодаанд, дошта меистанд. Шамол дар атроф чун арвоҳи нопок виззос мезанад, дар труба чун гург уллос мекунад, ва аз ҳар як сӯрохӣ медарояд. Дирӯз, ҳангоме ки торикӣ фаро расид (на ситораи якум намоён буд, на дуюм), ман пешниҳод намудам, ки ба ду тахта нишинем ва тахтаи сеюмро дар миёна гузорем. Дар миз ба ҷои карпи мавлудӣ селёдкаи яхкарда пайдо шуд. Як маҳбус вареникҳо тайёр кард, дигаре ба ҷои шамъҳо чӯбчаҳо шикаста овард, сеюмӣ ба ҷои арча буттаи можжевелӣникро канда овард. Ман ҳамаро ба дуо даъват намудам ва хеле ҳайрон шудам, ҳангоме онҳое ки то ба наздикӣ шаккок буданд, якҷоя назди ман омаданд. Таҳти садои бӯрон оҳиста колядаро хондем".

Ин соли 1954 дар наздикии Қарағанда воқеъ шуда буд.

Аз газетаи „Америка", Филаделфия, соли 1984.

*Мутаассифона, чизҳое ҳастанд, ки мо идора карда наметавонем. Калиди муваффақият дар он аст, ки он чиро ки дигаргун карда метавонем, ва он чиро ки идора карда наметавонем, фарқ кунонем. Масалан, мо наметавонем чӣ гуфтани одамонро назорат кунем, аммо метавонем қарор диҳем, ки дар ҳаққи онҳое ки моро таҳқир мекунанд, дуо гӯем. Безобита шудан барои вазъиятҳое ки ба мо вобаста нестанд, қисми табиати одамист. Мо он чиро ки идора карда наметавонем, идора кардани мешавем. Аммо Худо ба мо мегӯяд, ки ба ӯ таваккал намоем. Чун ба коҳини маҳбуси ин қисса, Худо ёдрас мекунад, ки мо фақат бояд Каломи Ӯро ба кор дароварем. Дар бораи чизҳои боқимонда Худи Ӯ ғамхорӣ мекунад.*

Хушо шумо, вақте ки мардум ба хотири Писари Одам аз шумо нафрат намоянд, ва шуморо дур кунанд, ва дашном диҳанд, ва номи шуморо ба бадӣ бароварда, рад кунанд.

*Луқо 6:22*

# Боз мактубҳои фавқулодда — қисми якум

**Рум:** Плиний

**Ин аст мактуби волӣ Плиний ба императори Рум оиди афзудани масеҳият сад сол пас аз маслуб шудани Масеҳ.**

Ман ҳеҷ гоҳ дар доварие (суд), ки он ҷо парвандаи ҷиноятии масеҳиёнро дида мебароянд, набудам, ва ман усулҳо ва маҳдудиятҳоеро, ки ҳангоми тафтишот ва шиканҷаҳои шумо истифода мешаванд, намедонам. Оё мо нисбати синну сол ва ё ҷинс ягон эҳтироме зоҳир мекунем? Агар масеҳӣ аз имонаш тавба кунад, мо бо вуҷуди он ӯро ҷазо медиҳем ва ё мебахшем?

Ҳоло ман чунин амал мекунам — ман онҳоро оиди динашон пурсуков мекунам, ва агар онҳо масеҳӣ буданашонро тасдиқ кунанд, ман таҳдиди қатлро илова намуда, истинтоқи онҳоро давом медиҳам. Агар онҳо истодагарӣ кунанд, ман мефармоям, ки онҳоро қатл кунанд. Ман чунин меҳисобам, ки якравии онҳоро набояд беҷазо гузошт.

Ман ба қарибӣ гурӯҳи масеҳиёнро истинтоқ мекардам, ки баъди истинтоқ аз имони худ даст кашиданд. Дар ин воқеа ман аҳамияти бо ёрии шиканҷаи ду зани маҳбус ба даст овардани ҳақиқатро баръало мебинам. Аммо ман фақат хурофоти фосид ва беандозаро дида тавонистам.

Бинобар ин ман фикр кардам, ки пеш аз давом додани ин кор машварат кардан бо ту оқилона мебуд. Ин кор сазовори он аст, ки ба ту оиди он хабар дода шавад, хусусан агар миқдори одамонеро ки ба хатар гирифтор мешаванд, ба назар гирем. Ин хурофоти сирояткунанда фақат бо шаҳрҳо маҳдуд намешавад, балки дар деҳаҳо низ паҳн шудааст.

Бо вуҷуди ин, ман ҳанӯз чунин ақида дорам, ки онро муолиҷа кардан мумкин аст.

*Оё масеҳиёнро аз масеҳият „муолиҷа кардан“ осон аст? Ҳангоме ки лаҳзаи дигаргунии қатъӣ фаро мерасад, оё чунин хоҳад буд, ки бисёрии масеҳиён ба таври муолиҷанопазир ба Масеҳ содиқанд, ё фақат андаке ҳарораташон баланд шудааст? Таъқибот яке аз усулҳои аниқи донистани ҳақиқат мебошанд. Худо дили одамро медонад. Аммо таъқибот „ман“-и ҳақиқии моро мешиносонанд, то бидонем, ки оё ба Масеҳ хиёнат мекунем ва ё ба Ӯ содиқ мемонем. Агар мо ҳақиқатан ба Ӯ содиқ бошем, Ӯ ба мо сабру таҳаммулеро, ки барои истодагарӣ ба хотири Ӯ даркоранд, медиҳад. Агар мо аз шахсияти Масеҳ дида ба дин бештар содиқ бошем, дарк мекунем, ки зери фишори бадхоҳон ҷасорати мо ноустувор мешавад. Шумо кистед — бемори муолиҷанопазир дар Масеҳ, ё имони шумо „хурофоти беандоза“ хоҳад буд?*

Агар мо исми Худои худро
аз хотир мебаровардем …
Оё Худо инро таҳқиқ
наменамуд? Зеро ки ӯ асрори
дилро медонад.

*Забур 43:21, 22*

# Мактубҳои фавқулодда — қисми дуюм

**Рум:** масеҳиёни аввалин

**„Хуни масеҳиён, ки шумо мерезед, тухмиест, ки мекоред: он аз замин мебарояд ва бештар афзун мешавад“.**

Миқдори масеҳиён дар калисои ибтидоӣ бо вуҷуди таъқиботи сахти ҳукуматдорони бераҳм доимо меафзуд. Бародарон ва хоҳаронро барои Масеҳ азоб медоданд, маъюб мекарданд, месӯзонданд ва мекуштанд. Ҳар як имондоре ки риёзаткашона мемурд, ба имондорони дигар ҷасорати бештар мебахшид. Онҳо аз ҳаёти худ наметарсиданд, балки киштзори сафедшуда ва барои дарав омодашударо медиданд — Масеҳ онҳоеро ки омодаи қабул кардани Масеҳ мебошанд, чунин меномид. Онҳо ба мулозимон ва доварон чунин ҷавоби далерона медоданд:

„Акнун, доварон, вонамуд кардани адолатро давом диҳед, ва ҳар қадаре ки бештар масеҳиёнро қурбонӣ оваред, ҳамон қадар дар ақидаи одамон росткор хоҳед буд.

Маслуб кунед, шиканҷа диҳед, маҳкум намоед ва ба хока табдил диҳед. Беадолатии шумо намунаи равшани бегуноҳии мост, зеро исботи он ҳамин аст, ки Худо ба азобҳои мо роҳ медиҳад.

Ҳар қадар нисбати масеҳиён рафтори бад кунед ва барояшон шиканҷаҳо ихтироъ кунед, ҳамаи ин бемақсад аст. Аммо, шумо диққати ҷаҳонро ҷалб мекунед ва чунон мекунед, ки он боз бештар имони моро дӯст медорад. Ҳар кадар бештар моро бикушед, мо ҳамон қадар тезтар месабзем.

Хуни масеҳиён, ки шумо мерезед, тухмиест, ки мекоред: он аз замин мебарояд ва бештар афзун мешавад“.

*Агарчи ин суханон чандин аср пештар навишта шуда буданд, ин мактуб ҳоло ҳам иҷро шуда истодааст. Аҳолии бештар аз 47 кишвар имрӯзҳо гирифтори таъқиботи динӣ мебошанд. Аммо бо вуҷуди ин, дар аксари ин кишварҳо калисоҳо афзун мешаванд, ва миқдори бештари имондоронро фаро мегиранд, ки бо ҷасорати ҳар чи бештар мавъиза мекунанд. Таъқибот вазифаи худро иҷро накарданд, миқдори имондоронро кам накарданд. Аксаран маҳз таъқибот боиси афзудани миқдори одамоне гардиданд, ки омодаи фидо намудани ҳаёти худ буданд. Пайравони Масеҳ метавонанд мухолифонро, ки киштзорҳои ҷонҳои омодаи қабули Масеҳро поида меистанд, дар шакли қавиҳайкалҳое тасаввур намоянд, ки онҳоро хӯрданӣ мешаванд. Ё дар шакли хӯсаҳои оддӣ — тимсолҳои қалбакии тарс. Оё шумо ба саҳро мебароед, то барои Масеҳ кор кунед?*

Инак, ман ба шумо мегӯям:
чашмони худро боло карда,
киштзорро бубинед, ки барои
дарав сафед шудааст.

*Юҳанно 4:35*

# Афзуншавии фавқулодда

**Хитой:** калисоҳои хонагӣ

**Ҳавои хунукро сурудҳои ситоиш пур карданд. „Ҳозир соати чори пагоҳӣ аст. Ҳамаи инҳо аз куҷо меоянд?“ — гуфт касе, аз ҳайрат қариб хандида.**

„Киштзор серҳосил аст, дӯстам. Рӯз вазнин, аммо барои малакут некӯ хоҳад буд“ — ҷавоб дод шубон ва табассум кард. — „Бо кор машғул мешавем“.

Миқдори имондорон дар назди дарё беҳисоб метобид. Шубон бо онҳо сӯҳбат мекард, ғӯтаи таъмид медод, ва ҳар яке дастони худро ба ҳаёти нав дар Масеҳ боло мекард. Он рӯз шубон ҳамроҳи ёрдамчӣ 1100 касро ғӯтаи таъмид дод.

Худо ба Хитой бо қуввати азим дохил шуд. Доимо имондорони нав ба нав ба Калисо меоянд. Шаш сол пеш, дар шаҳраке дар шимоли Шанси, якчанд сад масеҳиён ба калисоҳои хонагӣ меомаданд. Ҳоло бошад ин адад то 70 ҳазор афзудааст. Дар шаҳри дигаре ки 50 ҳазор аҳолӣ дорад, таъқиботи сахт ба амал меоянд, аммо бо вуҷуди ин се ҳазор масеҳиён ҳар ҳафта дар калисоҳои пинҳонкор ҷамъ мешаванд.

Як шубон хеле дуруст қайд намудааст: „Мо, имондорон, аз пештара пурқувваттар ҳастем. Ҳар қадаре ки онҳо байрақи Масеҳро поён фаровардани шаванд, он ҳамон қадар болотар мавҷ мезанад“.

Калисо дар Хитой даҳсолаҳо аз таъқиботи доимӣ азият мекашид. Ҳукумат сиёсати аждаҳоёнаро ҷорӣ намуд, то ки афзудани Калисоро пешгирӣ кунад. Имрӯзҳо дар Калисои Масеҳ назар ба аъзоёни ҳизби коммунистии Хитой бештар аъзоён ҳастанд!

*Афзудан нишонаи саломатист. Калисоҳои солим ба монанди растаниҳои солим месабзанд. Маводи ғизоӣ, рӯшноӣ, об ва замини хуб — ҳамаи ин ба растании солим даркор аст. Айнан ҳамин тавр барои нашъунамои калисоҳо шароити муайян даркор аст. Яке аз шароитҳои ғайричашмдошти нашъунамои калисои солим миқдори кофии таъқибот буда метавонад. Таъқибот имондоронро пок мекунанд ва имкон медиҳанд арзишнокии имонашонро фаҳманд. Чун дар мисоле ки шубон дар ин ҳикоя овард, калисо ҳар қадар бештар гирифтори таъқибот бошад, миқдори бештари аъзоёни он чун шаҳодати устувории Масеҳ нумӯ мекунанд. Оё таъқибот боиси дарду алами шумо мешаванд ё шуморо беҳтар мекунанд?*

…ба тамоми ҷаҳон низ расидааст, ва он самара мебахшад ва афзоиш меёбад…

*Қӯлассиён1:6*

# „Фариштa“-и фавқулодда

**Румыния:** Анжела Казаку

**Ҳангоме ки фашистони немис Румынияро истило намуданд, Анжела Казаку зани оддии сокини кишвар буд. Ҳаёти яҳудиён ва масеҳиён ба даҳшати доимӣ табдил ёфт. Анжела доимо машғули кор буд — аз геттои яҳудиён кӯдаконро мерабуд, ба масеҳиёни маҳбус, ки дар ҳабсхонаҳои атрофи шаҳраш буданд, пинҳонӣ либос мерасонд.**

Дертар фашистонро аз кишвар ронданд, ба ҷои онҳо Артиши Шӯравӣ омад. Анжела боз ҳам, монда нашуда, дар истгоҳҳои роҳи оҳан, ки пур аз аскарони шӯравӣ буданд, Библия ва Аҳди Ҷадидро ба забони русӣ тақсим менамуд ва муҳаббати Худоро паҳн мекард.

Зимистони соли 1951 шубон Ричард Вурмбранд ҳангоми дар ҳабсхонаи Тыргу-Окна зиндонӣ буданаш хеле бемор буд. Бадани лоғари ӯ аз хунукии сахт доимо меларзид. Ҳар як маҳбус ҳақ дошт фақат як кампал дошта бошад, хӯрок камӣ мекард, зеро ҳеҷ кас аз болои барфи баланд ба ҳабсхона омада наметавонист.

Маҳз дар ҳамин лаҳзаи нохуш ба шубон Вурмбранд хӯрок ва либоси хеле даркориро фиристоданд, ва ӯ онҳоро ҳамроҳи маҳбусони дигар бо ҳам дид. Ин чизҳо, ки гӯё фариштаҳо фиристода буданд, шояд, ҳаёти ӯро наҷот доданд.

Ва боз хоҳар Анжела (ки маънояш “фаришта“ аст) бо кори Худо машғул буд. Кори оддӣ? Шояд. Аммо Худо шод аст одамони оддиро чун фариштагони шафқат истифода барад.

*Чандин сол пештар, дар ҷавоби миқдори афзуншавандаи хабарҳо оиди зӯровариҳо, дар бамперҳои мошинҳо наклейкаҳо бо даъвати „кори нек кардан“ пайдо шуданд. Кори нек нисбати шахси ношинос дар назари аввал ночиз тофта метавонад, аммо Худо метавонад шуморо истифода барад, то ки кори оддитарини некро ба атои пурқимати шафқат дар ҳаёти касе табдил диҳад. Аз Худо хоҳиш кунед, то ба шумо ёрӣ диҳад, ки тасодуфан кори нек кунед. Ҳеҷ гоҳ пешакӣ донистa наметавонед, ки шояд барои касе „фаришта“ мешавед.*

Пас, чун баргузидагони муқаддас ва маҳбуби Худо, марҳамат, меҳрубонӣ, хоксорӣ, фурӯтанӣ ва пурсабриро дар бар кунед.

*Қӯлассиён3:12*

**Агар пашми палангро тарошем, боз ҳам раххо боқӣ мемонанд. Ҳамин тавр, ман ҳам масеҳӣ ҳастам. Ман боз ҳам ҷамъомадҳо мегузаронам. Аввал дар хонаи ман ҳафтае панҷ ҷамъомад гузаронда мешуд, акнун бошад зиёда аз 12 ҷамъомад баргузор мегардад.**

Хонум Вотиман, бибии Вйетнамӣ, ки барои имон ба ҳабсхона партофта шуд.



# Басандагии фавқулодда

**Нигерия: Роза**

**„Тезтар, ба ҷевон дароед. Ва то даме ки овози маро нашунавед, овоз набароред. Фаҳмидед?“ Ду фарзанди хурдсоли Роза ҷавоб доданд: „Ҳа, модарҷон“. Сипас вай дарро маҳкам карда ба мактабе ки духтараш таълим мегирифт, рафт ва дуо мекард, ки дер нашуда бошад.**

Баъд аз он ки ҳукумати Нигерия қонуни исломии шариатро ҷорӣ намуд, дар кишвар зидди гурӯҳҳои масеҳӣ зӯровариҳо ба амал меомаданд, зеро онҳо ба шариат мухолифат менамуданд. Духтари калонии Роза ҳангоми бетартибиҳо дар мактаб буд, ва Роза боварӣ дошт, ки вай он ҷо дар бехатарӣ нахоҳад буд. Ҳангоме ки Роза ба мактаб омад, духтари ӯро ба хотири бехатарӣ ба базаи ҳарбӣ бурда буданд. Ниҳоят вайро ёфт ва онҳо ба хона баргаштанд, ки он ҷо ду кӯдаки хурдсол дар ҷевон интизори онҳо буданд.

Рӯзи дигар шавҳари Роза ба ҷамъомади масеҳӣ рафт, ва ин бори охирин буд, ки Роза ӯро медид. Ҳангоми бетартибиҳо 260 калисо хароб гардида, беш аз 460 масеҳӣ кушта шуданд.

Баъди кушта шудани шавҳараш Роза дар Китоби Аъмол тасалло пайдо мекард. Вай гуфт: „Ҳамон Худое ки ба сангсор шудани Истефанус роҳ дод, ҳамчунин ба Петрус имкон дод, ки аз зиндон гурезад. Худо ҳеҷ гоҳ моро тарк намекунад ва файзи Ӯ басанда аст“. Имрӯзҳо Роза дар калисое ки шавҳараш дар он шубон буд, корашро давом медиҳад ва се фарзандашро тарбият менамояд.

*Мегӯянд, ки Худо моро ҳеҷ гоҳ ба ҷое ҳидоят наменамояд, ки файзаш моро ҳимоя карда натавонад. Мо бояд фаҳмем, ки баъзан аз беморӣ, таъқибот ва марг раҳо ёфтани мо дар нақшаи Худо нест. Аммо ба ҳар ҳол файзи Ӯ басанда аст, ва Ӯ моро тарк накардааст. Мо бояд ба Худо таваккал кунем ва бовар кунем, ки Ӯ моро бе андозаи басандаи файз, ки барои иҷрои вазифа даркор аст, ба маҳалли хизмат ва ё кор ҳидоят намекунад. Баъзан нақшаи Ӯ дар он аст, ки моро аз санҷишҳо гузаронад, на ин ки аз он халос кунад. Оё шумо ба лаҳзае расидаед, ки пурра ба ӯ таваккал намоед? Аз афташ, то даме ки ғайр аз файзи Худо дар шумо чизе боқӣ намонад, шумо намегӯед, ки бароятон фақат он даркор аст.*

Вале [Худованд] ба ман гуфт: „Барои ту файзи ман басанда аст“.

*2 Қӯринтиён 12:9*

# Рӯъёи фавқулодда

**Индонезия; Домингус**

**Донишҷӯи 21-солаи мактаби библиявӣ аз нидои „Аллоҳу акбар!“ бедор шуд. Ба ҳуҷраи донишҷӯ мусулмонони радикалӣ даромада ӯро лату кӯб намуданд. Домингуз гурехтанӣ шуд, аммо аз қафо ба гарданаш бо дос заданд. Ҳуҷумкардагон ӯро оғуштаи хун гузоштанд, ва чунин ҳисобиданд, ки вай ба зудӣ мемурад.**

Домингус ҳис мекард, ки рӯҳи ӯ ҷисмашро тарк намуд. Фариштаҳо ӯро ба осмон бурданд, ҷисмаш бошад (вай худаш медид) дар замин беҳаракат мехобид. Ӯ дигар на дардро ҳис мекард, на тарсро, ва фақат осудагиро дар интизори ҳаёти нав дар Масеҳ ҳис менамуд. Сипас ӯ шунид: „Ҳанӯз вақти он нарасидааст, ки дар ин ҷо ба ман хизмат кунӣ“.

Сипас Домингус овозҳои кормандони ёрии таъҷилиро шунид. Онҳо намедонистанд, ки ҷабрдида масеҳӣ буд ё мусулмон, ва ба куҷо бурдани ҷасади ӯро муҳокима мекарданд.

Домингус ба Худо саҷда намуда, аз ӯ қувват хост. Ниҳоят вай гуфт: „Ман масеҳӣ ҳастам“. Ба худ ваҷоҳати духтуронро тасаввур кунед, ҳангоме ки донишҷӯи мурда ба саволи онҳо ҷавоб дод. Имрӯзҳо Домингус пурра сиҳат шудааст. Пайи захмҳо боқӣ мондаанд, аммо рӯҳи ӯ пур аз имон ва омурзиш аст. Домингус мегӯяд, ки акнун ӯ ба Худо наздиктар аст ва доимо дар ҳаққи наздикони мусулмони худ дуо мекунад — ҳатто дар ҳаққи онҳое ки ба ӯ ҳуҷум карда буданд.

*Ба масеҳиён фармуда шудааст, ки дар ҷаҳони нооромӣ зӯроварӣ ва таҳдидҳо ба оянда бе тарс нигаранд. Тарс вазъиятро фақат бадтар мекунад ва ҳолатро беҳтар намекунад. Мо метавонемояндаи номуайянро бо боварӣ пешвоз гирем, зеро медонем, ки бароямон дар абадият ҷой муҳайё карда шудааст. Мо медонем, киояндаи осмонии мо иборат аз абадият бо Масеҳ аст, чуноне ки Домингус баръало дид. Мо аз ҷисмҳои заминӣ, ки душманонамон метавонанд онро маъюб кунанд ва ё ҳатто бикушанд, хеле бештар ҳастем. Баъд аз он ки ҷисми заминии шумо фано мешавад, ҳаёти шумо хеле дер давом мекунад.Ояндаи ҳақиқии шумо на он чизест, ки дар ин ҷо, дар замиин воқеъ мешавад, балки он чизест, ки дар абадият ба амал меояд. Шумо оиди оянда чӣ тарсу ҳарос доред? Оё шумо метавонед онҳоро ба Худо супурда,ояндаро бе тарс пешвоз гиред?*

Худованд нури ман ва наҷоти ман аст: аз кӣ тарсон бошам?

*Забур 26:1*

# Сурудхонии фавқулодда

**Кореяи шимолӣ:** Сунн Ок Ли

**„Ман то ҳангоми масеҳӣ шуданам ҳеҷ гоҳ намедонистам, ки ин маҳбусон оиди чӣ мехонанд“.**

Сунн Ок Ли дар Кореяи шимолӣ аз соли 1987 то 1992 маҳбус буд. Аммо ин зан фақат баъди ба Кореяи ҷанубӣ гурехтан масеҳӣ шуд. Ҳангоме ки вай Масехро қабул кард, вайро хотироти воқеаҳои дар ҳабсхона дида ва шунидааш фаро гирифтанд.

Инҳо чизҳои оддӣ буданд. Масалан, масеҳиёне ки дар рӯзи қатли худ суруд мехонданд. Он вақт вай инро намефаҳмид ва фикр мекард, ки онҳо аз ақл бегона шудаанд. Ба вай иҷозат намедоданд, ки бо дигарон гап занад, бинобар ин имкони бо масеҳиён сӯҳбат кардан надошт. Ба ҳар ҳол, вай калимаи „Омин“-ро дар ёд дошт.

„Ҳангоми дар он ҷо буданам ман ягон бор надидаам, ки масеҳӣ аз имонаш даст кашида бошад. Ягон бор ҳам. Ҳангоме ки масеҳиён хомӯш буданд, афсарон ба хашм омада, онҳоро мезаданд. Он вақт ман фаҳмида наметавонистам, ки чаро онҳо ҳаёти худро ба хатар мемонданд, дар ҳоле ки метавонистанд «ман имон надорам» гуфта, мувофиқи хости афсарон амал намоянд. Ман медидам, ки ҳангоме лату кӯб зиёд мешуд, онҳо сурудҳо мехонданд. Афсарон онҳоро девона меномиданд ва ба кабинети электрошокотерапия мефиристоданд. Ягон бор надидаам, ки аз он ҷо касе зинда бозгашта бошад“.

Махсусан сурудхонӣ дар хотири вай монд. Шояд маҳз сурудхонии ин риёзаткашон дар дили вай тухмӣ кошт ва ниҳоят ба пеши Масеҳ овард.

*Онҳое ки ба масеҳият шавқ пайдо мекунанд, тамоми диққати худро ба имондорон равона мекунанд, то ки ҳаққонияти имони онҳоро барои худ баҳо диҳанд. Онҳо мушоҳида мекунанд. Онҳо назорат мекунанд. Онҳо барои худ қайдҳо мекунанд. Ҳар боре ки масеҳиён аз санҷиш мегузаранд, ин мушоҳидони хомӯш умед доранд, ки имондорон фурӯ мегалтанд. Мушоҳидон худро бовар кунонданӣ мешаванд, ки масеҳиён монанди ҳамаи одамони дигар мебошанд. Аммо ҳангоме ки масеҳиён дар тӯли тамоми мусибатҳо табассум мекунанд, мушоҳидон ҳайрон мешаванд. Ҳангоме ки масеҳиён ба ҷои гиристан қарсак мезананд, ин онҳоро ба шигифт меандозад. Ҳангоме ки пайравони Масеҳ дар байни бадбахтӣ суруд мехонанд, як чизи тафсирнопазир онҳоро ҷалб мекунад. Агар ҳозир шумо дар вазъияти душвор бошед, имконияти нотакроре доред, то оиди Масеҳ шаҳодат диҳед. Оиди он дуо кунед, ки намунаи хурсандибахши шумо дигаронро рӯҳбаланд кунад.*

…бо вуҷуди тамоми андӯҳ,
пур аз тасалло ҳастам ва
шодии фаровон дорам.

*2 Қӯринтиён 7:4*

# Сабру таҳаммули фавқулодда

**Туркманистон:** Шогелди Атоқов

**„Ӯро рӯҳан шикаст диҳед ё ҷисман нобуд кунед!“ — Бюрократҳои туркман дигар тоқати дидани ин воизи кӯчагиро надоштанд.**

Ба Шогелди Атоқов пешниҳод намуданд, ки мувофиқи афви президент Сафармурод Ниёзов аз 23.12. 2000 ба озодӣ барояд, ба шарте ки дар садоқат ба президент қасам ёд мекунад ва рамзи имони мусулмониро ба забон меорад. Шогелди афвро рад намуд.

Пештар хизматчиёни давлатӣ ба вай таҳдид намуда, ваъзгӯияшро қатъ кунонданӣ мешуданд. Вайро моҳи декабри соли 1998 ҳабс карда, ба ду соли маҳбусӣ маҳкум намуданд, аммо прокурор ҳукмномаро бекор кард, чунки он „хеле суст“ будааст. Он гоҳ ӯро боз ба ду соли дигар маҳкум карданд. Шогелди баъди зарбу латҳои бераҳмона чунон азоб мекашид, ки аз фарзандонаш хоҳиш мекард, то ба вай даст нарасонанд. Моҳи феврали соли 2000 зану фарзандони вайро зӯран аз хона бароварда ба шаҳраки дурдасти Каахка кӯчонданд, ва он ҷо онҳо дар „ҳабси деҳотӣ“ буданд.

Ҳангоме ки аҳли оилаи Атоқов моҳи феврали соли 2001 барои дидорбинии вай омаданд, Шогелди бо онҳо падруд (хайрбод) гуфт. Ҳангоми вохӯрӣ зани Шогелди дид, ки вай шаллоқ хӯрдааст ва баданаш кабуд гаштааст, ҷигар ва гурдаҳояш дард мекарданд, вай тамоман зард гашта буд. Вай базӯр роҳ мегашт ва зуд-зуд беҳуш мешуд. Аммо ба ҳар ҳол Шогелди таслим нашуд, ва агарчи озодшавӣ наздик буд, вай онро қабул накард, зеро он маънои аз Масеҳ даст кашиданро дошт.

*Одамон ҳафтаҳои зиёд бе хӯрок зиста метавонанд, аммо бе об муддати зиёд зинда мондан имкон надорад. Айнан ҳамин тавр, рӯҳи мо мӯҳтоҷи ғизои рӯҳонист. Мо бе ҷамъият якчанд рӯз, моҳҳо ва ҳатто солҳо зиста метавонем — рӯҳи мо, бо вуҷуди танҳоӣ, зинда монда метавонад. Мо метавонем бе осоиштагӣ зиндагӣ кунем, як бемории тӯлониро паси дигаре аз сар гузаронем — рӯҳи мо, агарчи маъюс шавад ҳам, зинда мемонад. Аммо агар мо бе умед ба Масеҳ муддати зиёд сабру таҳаммул карданӣ шавем, ҷонҳои мо хурд мешаванд. Мо бе умед — тӯҳфаи бебаҳои Худо ба фарзандонаш — зиста наметавонем. Агар шумо ҳис кунед, ки дигар зиста наметавонед, аз Худо хоҳиш кунед, то шуморо дастгирӣ ва ҳавасманд кунад. Шумо бо ёрии умеди қавӣ ба Исои Масеҳ ҳама чизро паси сар мекунед.*

Ва доимо кори имон ва
меҳнати муҳаббат ва сабри
умеди шуморо, ки ба
Худованди мо Исои Масеҳ
доред, ба ҳузури Худо ва
Падари мо ба ёд меорем.

*1 Таслӯникиён 1:3*

# Вафодории фавқулодда

**Лаос:** Ҳизқиё

**Ба зудӣ пас аз он ки Ҳизқиё дар соли 1997 масеҳӣ шуд, вай ба ҷое равона шуд, ки мардуми маҳаллӣ „муқаддасҷо“ меноманд, то ки башоратдиҳӣ ва устодиро биёмӯзад. Сипас вай ба хонаи падар бозгашт. Он ҷо ӯро 35 нафар хешовандон пешвоз гирифта, талаб карданд, то ҷавоб диҳад, ки чаро масеҳӣ шудааст. Вай ба онҳо гуфт: „Исо ягона роҳ аст, то ки ман наҷот ёбам ва ҳаёти ҷовидонӣ дошта бошам“.**

Ҳозирон ба хашм омаданд, аммо Ҳизқиё бе муваффақият онҳоро бовар кунонданӣ мешуд. Онҳо ӯро аз мӯяш дошта, то дами беҳуш шуданаш ба рӯяш мезаданд.

Дӯсти Ҳизқиё вайро ба хонаи худ бурд. Ҳизқиё дар он ҷо чор рӯз бистарӣ буд. Ҳизқиё дигар ба хонаи падар баргашта натавонист, аммо вай дар деҳаҳои Лаос гашта, Хушхабари наҷотро мавъиза мекунад.

Аз вақти ҳодисаи аввалин Ҳизқиёро даҳ бори дигар заданд. Баъзан вай фикр мекард, ки аз ин азобҳои беохир марг авлотар аст. Вай шаҳодат медиҳад: „Ба андозаи дар масеҳият нумӯ карданам ман имони бештар пайдо намудам, то ҳамаи ин душвориҳоро паси сар кунам. Санҷишҳое ки ман аз онҳо гузаштам, имони маро мустаҳкам намуданд, ва ман мебинам, ки Худованд маро вафодорона раҳоӣ медиҳад. Ман Худоро шукр мегӯям, ки сӣ касро ба дарки наҷотбахши Масеҳ оварда тавонистам“.

*Вафодории Худо ба фарзандони Худ дар садоқати ҷавобии фарзандон асос намеёбад. Худо сустиҳои моро хеле хуб дарк мекунад ва бо вуҷуди ин моро дӯст медорад. Мо бояд ҳикояҳоро оиди риёзаткашони масеҳӣ бо диққат, дар партави вафодории Худо ба фарзандонаш хонем. Риёзаткашон аввалин шуда бояд ба мо ёдрас намоянд, ки ин нақлҳо оиди онҳо нестанд. Ин нақлҳо оиди Худо мебошанд! Мо оиди бисёр имондороне мехонем, ки азобҳоро интихоб намудаанд, то ба Масеҳ хиёнат накунанд. Аммо хулосаи беҳтарин аз ин нақлҳо — на вафодории фавқулоддаи инсон, балки вафодории фавқулоддаи Худои ҷалол аст. Вафодории шумо метавонад ноустувор шавад, аммо вафодории Худо беинтиҳост. Имрӯз вақт ёфта, Худоро барои вафодориаш ташаккур гӯед.*

Агар мо бевафо бошем, ӯ вафодор аст, зеро Худро инкор карда наметавонад.

*2 Тимотиюс 2:13*

# Иҳотаи Фавқулодда

**Румыния:** Сабина Вурмбранд

**Яҳудизани ҷавон андӯҳгин буд. Боре бегоҳӣ Сабина Вурмбранд қарор дод ба вай як навъ дилбардорӣ пешниҳод намояд: „Худо ба Иброҳим ваъда дод, ки халқи яҳуд ояндаи дурахшон хоҳад дошт. Халқ чун рег дар соҳили баҳр ва ситораҳо дар осмон бисёр хоҳад буд“.**

Зан чашмони ашкборашро боло карда, гуфт: „Коммунистон моро чун реги соҳили баҳр поймол мекунанд. Ба ман дигар оиди Худо гап назан“.

Баъди якчанд рӯз Сабина ба бемории вазнин гирифтор шуд. Вай дар беморхона дар ҳолати ба марг наздик буд. Сардори ҳабсхона омада гуфт: „Мо, коммунистон, тибб ва беморхонаҳои хуб дорем, бинобар ин мо аз Худои шумоён пурқувваттар ҳастем. Дар ин беморхона зикр кардани номи Худо манъ аст“. Аммо Сабина ба вай ҷавоб дод, ки Худо ҳаст. Занони дигар аз он хурсанд шуданд, ки вай ба сардор нотарсона ҷавоб дод.

Рӯзи дигар ба Сабина фармуданд, ки ба кор баргардад. Ба вай зарар расонданӣ буданд, аммо Худо ба таври мӯъҷизанок ӯро ламс намуд ва ӯ пурра сиҳат шуд. Ин хабар дар тамоми ҳабсхона паҳн шуд ва ба он зани яҳудӣ низ, ки духтур буд, расид. Вай шабона ба назди Сабина омада, гуфт: Агар Худои ту саломатиатро барқарор карда, дар ин чуқурии дӯзах ба ту осудагӣ дода метавониста бошад, пас, ман ба Ӯ бовар мекунам. Ҳеҷ қувваи дигар ин корро карда наметавонист. Ман чӣ гуна наҷот ёбам?“

*Ҳангоме мо ҳис мекунем, ки дар чуқурии амиқ ҳастем, боварӣ дошта метавонем, ки дигарон чӣ гуна аз он ҷо баромадани моро мушоҳида мекунанд. Таассуроте ҳосил мешавад, ки масеҳият тамошобинони ҳавасмандро ҷалб менамояд — хусусан ҳангоме ки мо мушкилот дорем. Одамони бегона имони моро мушоҳида мекунанд, то муайян кунанд, ки Худо кист. Ҳангоме ки давраҳои душворро аз сар мегузаронем, онҳо бо шавқи зиёд моро мушоҳида мекунанд. Аммо агар мо дар давраҳои душворӣ аз рӯи имон зиндагӣ кунем, одамон шаҳодатеро, ки дар ҳаёти мо мебинанд, рад карда наметавонанд. Одамон дар тарзи зиндагии шумо чиро мебинанд? Алсуламали шумо ба вазъиятҳои ҳаётӣ оиди Худо чиро баён мекунад? Агар шумо ҳис мекунед, ки ҳаётатон ба чуқурӣ афтодааст, дар ёд нигоҳ доред, ки одамон чӣ гуна аз ӯҳдаи он баромаданатонро мушоҳида мекунанд.*

Аммо бар ҳамаи ин мо ба воситаи Дӯстдорамон ғолиб меоем.

*Румиён 8:37*

**Бо вуҷуди хотираҳо ва андешаҳои вазнин, ман барои андӯҳгин шудан вақт надорам. Ҳаёти ман бо шодии беандоза бузург, одамони дӯстдор ва ғамхор пур аст, ва ман ба саратони нафрат имкон намедиҳам, ки маро фурӯ барад. Ман шодӣ мекунам. Ман суруд мехонам. Ман механдам. Ман ид мекунам, зеро медонам — Худои ман бар ҳамаи қувваҳои бадӣ ва вайронӣ, ки шайтон ихтироъ кардааст, ҳукмрон аст. Ва аз ин ҳам беҳтар он аст, ки Худои ман бар ман ҳукмронӣ мекунад.**

Шубон Александр Ноубл, ки ӯро дар Куба ба муддати 22 сол зиндонӣ карданд — „Ман озод мемирам“.



# Талаби фавқулодда

**Хитой:** Чжан Жунлян

**Чжан Жунлян роҳбари яке аз гурӯҳҳои калонтарини калисоҳои хонагӣ дар Хитой аст. Гурӯҳ қариб 10 миллион имондоронро дар бар мегирад, ки ҳар ҳафта ба ҷамъомадҳо меоянд. Соли 1998 Чжан ва дигар роҳбарони калисоҳои хонагӣ, ки намояндагони 15 миллион имондорони пинҳонкор мебошанд, ҳуҷҷати "Пайравии имон дар калисои хонагӣ"-ро имзо намуданд ва дар он ҳукумати коммунистиро даъват намуданд, ки таъқиб намудани калисоҳои хонагии аз қайд нагузаштаро бас кунанд.**

Баъди якчанд ҳафтаи нашр карда шудани ин ҳуҷҷат Чжан ва шубонони дигарро, ки ба он имзо гузошта буданд, ҳабс карда зиндонӣ намуданд. Чжанро дертар озод намуданд, аммо шарт гузоштанд, ки ҳафт соли оянда вай „рафтори хуб хоҳад дошт". Акнун Чжан ба гӯшаву канорҳои кишвар сафар мекунад, то дар ҷойҳои гуногун хизматгузорӣ намояд. Азбаски Чжан мувофиқи хости ҳукуматдорон „рафтори хуб" намекунад, вай ҳеҷ гоҳ дар як маҳал зиёда аз якчанд шаб хоб намеравад.

Ҳангоме ҳаввории Павлус дар Нома ба Румиён (13) навишта буд, ки мо бояд ба ҳукуматҳои худ итоат кунем, вай мебоист оиди хатар медонист. Ва бо вуҷуди ин, агарчи румиён ӯро таъқиб менамуданд, вай маҳз ба воситаи даъват ба адлияи онҳо Инҷилро то Рум расонида тавонист. Павлус талаб намуд, ки вайро чун шаҳрванди Рум доварӣ кунанд ва ин имкон дод, ки Инҷилро ба Рум наздик оварад, агарчи ин сафари охирини вай буд.

Ҳангоме ки Чжан талаби расмии худро пешкаш намуд, чун Павлус, худро ба хатари зиёд рӯ ба рӯ намуд. Вай ҳаёти озодонаи худро ба хатар андохт, то ки одамони зиёд Масеҳро шиносанд.

*Чуноне ки ҳаввории Павлус медонист, ходимони калисоии Хитой низ медонанд, ки ҳукуматҳоро Худо тақдис менамояд. Аммо онҳо онро низ медонанд, ки Худо беадолатии ҳукуматҳои бадкирдорро сарфи назар намекунад. Таърих мегӯяд, ки румиён дар асл Павлусро сар заданд. Айнан ҳамин тавр, режими ҳукмрони Хитой нисбати имондорони кишвар аз боиси Масеҳ ба таври даҳшатовар беадолатона рафтор мекунад. Агар барои ба Хитой овардани адолат ҳаёти худро ба хатар андохтан даркор бошад, пас чунин шубононе ба монанди инҳо тайёранд барои он бимиранд. Хоҳиши мо барои дидани тантанаи адолат то чӣ андоза қавӣ мебошад? То чӣ андоза мо ҳуқуқи озодона мавъиза намудани Каломи Худоро қадр мекунем? Имрӯз дар ҳаққи имондорони хитоӣ дуо кунед. Онҳо ба мо илҳом мебахшанд, то барояшон адолати Худоро биҷӯем. Аз Худо хоҳиш кунед, то ба шумо нишон диҳад, ки кори онҳоро барои наздик кардани Малакути Худо чӣ гуна дастгирӣ карда метавонед.*

Ӯ адл ва инсофро дӯст медорад; ҷаҳон аз эҳсони Худованд пур аст.

*Забур: 32:5*

# Нубуввати фавқулодда

**Рум:** Петрус

**Исо Петрусро бори сеюм пурсид: „Эй Шимъӯн ибни Юнус! Оё Маро дӯст медорӣ?“**

Петрус ғамгин шуд. Вай се бор аз Масеҳ даст кашид, ва акнун Исо се бор аз вай оиди муҳаббат пурсид. Ин дафъа вай оҳиста ҷавоб дод, гӯё маънои ҳар як калимаро дар дили худ бармекашид. „Худовандо, Ту ҳамаашро медонӣ. Ту медонӣ, ки Туро дӯст медорам“.

„Гӯсфандони маро чӯпонӣ намо“, — бори сеюм такрор кард Исо.

Фақат ҳамин дафъа ӯ илова намуд: „Вақте ки ҷавон будӣ, худат пӯшок мепӯшидӣ ва ба ҷои хостаат мерафтӣ, аммо чун пир шавӣ, дигаре либосатро мепӯшонад ва ба ҷое ки намехоҳӣ, мебарад“ (Юҳанно 21:15–19, баёни тафсирӣ).

Ҳангоме ки Петрус 70-сола буд, Нерон ӯро таъқиб мекард. Мувофиқи ривоят, дӯстони Петрус ӯро водор мекарданд, ки аз Рум бигурезад. Дар аввал ӯ рад мекард, аммо дар ниҳояти кор ӯро бовар кунонданд, ки бигурезад. Ҳангоме ки Петрус ба дарвозаи Рум наздик мешуд, дар рӯъё Исоро дид, ки ба шаҳр мерафт. Вай ба зону афтода, ӯро ҳамду сано гуфт. „Худовандо, Ту куҷо меравӣ?“

„Ман боз омадам, то ки маслуб карда шавам. Ҳамроҳи Ман биё“.

Петрус баргашта, „ба он ҷое ки рафтан намехост“, рафт. Вай бозгашт ва бо Нерон вохӯрд. Ҳангоме ки ҳукуматдорон вайро ҳабс карданд, вай талаб кард, ки вайро сар ба поён маслуб кунанд. Вай чунин меҳисобид, ки сазовори он нест, то вайро чунон маслуб кунанд, ки Худовандро маслуб карда буданд.

*Моҳияти ин ривоят на дар он аст, ки Исо ҳақиқатан ҳам бори дуюм маслуб шуда бошад. Исо як бор мурд ва эҳё шуд. Ин ривоят баёнгари он аст, ки Исо ба дарду азобҳои мо чунон ҳамдардӣ мекунад, ки гӯё Худаш онҳоро ҳис мекарда бошад. Дар мавриди Петрус Библия изҳор медорад, ки пешгӯии ибтидоии Исо оиди маслуб гардидани Петрус мегӯяд. Исо албатта медонист, ки Петрусро дар пеш чӣ интизор аст. Исо даҳшати азобҳоро аз ҳама бештар медонад. Ӯ чӣ будани онро медонад ва мехоҳад дар лаҳзаҳои азобу уқубат ҳамроҳи мо бошад. Агар дар ҳаёти шумо дард бошад, Исо шуморо мефаҳмад. Агар аҳволи шумо бад бошад, инро низ аз сар гузаронидааст. Дар дуои имрӯзаи худ ба Ӯ имкон диҳед, то душвориҳо ва дарду алами шуморо ба Худ бигирад.*

Чунин гуфт, то ишорат кунад, ки бо чӣ гуна фавт вай бояд Худоро ҷалол диҳад. Ва чун инро гуфт, ба вай фармуд: „Аз ақиби Ман биё“.

*Юҳанно 21:19*

# Зани фавқулоддаи шубон

**Румыния:** Сабина Вурмбранд

**Байни зебоии табиати Румыния ва азобҳое ки масеҳиёну яҳудиён аз дасти фашистон ва коммунистони истилогар медиданд, тазоди бузурге буд. Барои Сабина Вурмбранд азобҳо сетарафа буданд: вай ҳам яҳудӣ ва ҳам масеҳӣ буд, шавҳараш бошад шубони машҳур буд.**

Боре ба вай хабар доданд, ки модар, падар, се хоҳар ва бародари 9-солаашро фашистон дар конслагер ваҳшиёна куштаанд. Он рӯз имони вай зинда ва воқеӣ гардид.

Пур аз файзи Худо гардида, Сабина гуфт: „Ман ба онҳо чеҳраи андӯҳгини худро нишон намедиҳам. Ман бояд барои Худо шод ва имондор бошам; барои калисо намунаи мардонагӣ; ва барои шавҳари худ зани ором бошам“.

Сабина ҳеҷ гоҳ ба ғами шахсии худ имкон намедод, то ба дастгирӣ намудани онҳое ки дар наздаш буданд, халал расонад. Вай чунин меҳисобид, ки интихоби дигаре надорад. Он вақтҳо марг ва азобҳо, хусусан дар байни аъзоёни калисои пинҳонкор, доимо рӯй медоданд. Ба вай, ки зани шубон буд, нигоҳи бисёр одамон нигаронида шуда буд. Агар вай умедро гум кунад, дар онҳо чӣ умеде хоҳад монд?

Пеш аз он ки Сабина Румынияро тарк кунад, Худо ба Сабина мукофот дод. Дертар вай ҳамроҳи шавҳараш қотили оилаашро назди Масеҳ овард!

*Хизмати шубонӣ — ҳамкории байни шубон ва рафиқонаш мебошад. Ин хизмат бе хизмат ва дастгирии дигарон пурра намешавад. Худо масеҳиёнро даъват намекунад, ки дар ҷудоӣ зиндагӣ ва кор кунанд — Ӯ моро ба ҷамъият даъват мекунад. Ба мо даркор аст, ки масеҳиёни дигар дар хизмати мо ҳамқадам бошанд, ва гоҳ-гоҳ бо ҳикмат ва дастгирӣ ёрӣ диҳанд. Аз мо талаб карда намешавад, ки ҳама корро худамон кунем. Оиди кори худ фикр кунед. Кӣ ба шумо дар хизмататон ҳамкорӣ мекунад? Кӣ дар ҳаққи шумо дуо мекунад, то дар ҷои коратон, дар хона ва ё мактаб шоҳиди амалӣ бошед?Аз Худо хоҳиш намоед, то шуморо назди рафиқи масеҳие барад, ки агар даркор шавад, шуморо дастгирӣ мекунад ва қувват медиҳад.*

Ва Тимотиюсро, ки бародари
мо ва хизматгузори Худо
ва ҳамкори мо дар башорати
Масеҳ аст, фиристодем,
то ки шуморо дар имонатон
устувор гардонад
ва тасаллӣ диҳад.

*1 Таслӯникиён 3:2*

# Қуввати фавқулодда

**Индонезия:** Марах

**Зарба пайи зарба ба сари Марах зада мешуд, аммо вай тоб меовард ва оиди қувват дуо мекард. Ҳуҷумкардагон ӯро иҳота намуда, бо навбат ба рӯяш мезаданд. Яке аз мусулмонон корди калонеро гирифта, қарор дод, ки ниҳоят аз шубони масеҳӣ халос шавад. Ҳангоме ки теғи корд ба бадани Марах даромад, вай нидо кард: „Исо!“ Зарбаҳои корд боз ва боз такрор мешуданд. Ва ҳар дафъа Марах нидо мекард: „Исо!“ Ҳуҷумкардагон аз он хашмгин мешуданд, ки шубон намемурд, агарчи зарбаҳои зиёди корд бадани ӯро маъюб карда буданд.**

Сипас мусулмонони радикалӣ нишастгоҳҳо ва минбари калисоро дар як ҷо тӯда карда, оташ заданд. Ду кас Марахро дошта, ба болои тахтаҳои сӯхтаистода партофтанд. Аз ҳуҷуми худ қаноатманд шуда, онҳо гурехтанд. Марах дар ёд надорад, ки баъд бо ӯ чӣ шуд, аммо медонад, ки ягон мӯи сараш насӯхт.

Ба зудӣ баъди ҳуҷуми радикалҳо Марахро ба беморхонаи калонтарини ин ноҳияи Индонезия оварданд, аммо дар он ҷо чун донистанд, ки ӯ масеҳист, муолиҷа намуданашро рад карданд. Ӯро ба беморхонаи дигар burданд, аммо духтури навбатдор гуфт, ки агар Марах то саҳар зинда монад ҳам, аз боиси ҷароҳати майнааш маъюб хоҳад буд. Аммо Марах сиҳат шуд ва баъди барқароркунии бардавоми саломатӣ боз ҳам дар калисои нав хизмат мекунад. Боиси ҳайрати воиз он буд, ки яке аз мусулмонони ҳуҷумкарда бо ӯ вохӯрд, то бипурсад: „Ин Исо кист?“

*Кӣ намехоҳад дар соҳаи муайян устоди кордон ҳисобида шавад? Ин метавонад механика, математика, асбобсозӣ, дуредгарӣ, санъат, филателия ё спорт бошад — ҳар як одамро ақаллан дар ягон соҳа эксперт ҳисобидан мумкин аст. Мо ба саволе аз соҳаи медонистаамон фавран ҷавоб доданро дӯст медорем. Аммо агар касе мепурсид, ки „Исо кист?“, оё мо чун „эксперт“ омодаи ҷавоб додан хоҳем буд? На ҳар имондор худ аз худ башоратдиҳанда аст. Аммо ҳар як масеҳӣ, ҳангоми зарурат, метавонад нақшаи наҷотро баён карда, башорат диҳад. Агар дӯсти беимон ба шумо ин саволро медод, чӣ ҷавоб медодед? Агар ба дурустии ҷавобатон боварӣ надошта бошед, аз шахсоне ки беҳтар медонанд, пурсед.*

Ҳамеша тайёр бошед, ки ба ҳар касе ки аз шумо дар бораи умедатон ҳисоб талаб кунад, бо фурӯтанӣ ва эҳтиром ҷавоб диҳед.

*1 Петрус 3:15*

# Гурӯҳи фавқулоддаи ҷавонон

**Русия:** шубон Сергей Серебренников

**Рӯзномаҳои маҳаллӣ ин саҳнаро „ваҳшиёна“ номиданд. Дар навиштаҳои онҳо гап на дар бораи куштор ва ё фалокати автомобилӣ буд — гап дар бораи дарси омӯзиши Библия буд.**

Ин мақола дар рӯзномаи коммунистӣ тахминан соли 1960 пайдо шуд. Дар он гуфта мешуд: „Бачаҳо ва духтарон сурудҳои рӯҳонӣ мехонанд. Онҳо ғӯтаи таъмид мегиранд ва пайрави таълимоти зарарноку хоинонаи дӯст доштани душманон мебошанд“. Сипас хабари ҳайратовар баён карда мешуд: бисёр аъзоёни комсомол пинҳонӣ имондор будаанд.

„Мо бояд чун масеҳиёни аввалин ба Наҷотдиҳандаи худ бовар кунем“ — мегуфт шубон Серебряков ба гурӯҳи ҷавонони худ. — „Барои мо қонуни асосӣ Библя аст. Мо чизи дигареро эътироф намекунем. Мо бояд барои наҷот додани одамон, хусусан ҷавонон, шитоб кунем“.

Чун кормандони КГБ ҳангоми кофтуков дар хонаи шубон мактуби духтараки руҷӯъкунондаашро ёфтанд, шубонро зиндонӣ карданд. Духтарак чунин навишта буд: „Ба шумо баракатҳои Худованди маҳбубамонро мефиристам. Ӯ маро чунон дӯст медорад!“

Муаллифони мақолаҳо аз он дар ҳайрат буданд, ки фарзандони волидони оддии шӯравӣ пайравони Исо шудаанд. Рӯзноманигорон мактаби шӯравиро дар „беқувватӣ“ айбдор мекарданд, онро „аз нур маҳрумшуда“ меномиданд. Онҳо аз он ба даҳшат меомаданд, ки Калисо „аз пеши бинии муаллимони беларво талабагонро кашида гирифтааст“.

Аммо гап на дар бепарвоии муаллимон буд. Гап дар даъвати муҳаббати Масеҳ буд, ки шубон Серебряков ва аъзоёни гурӯҳи ҷавонони вай — масеҳиёне ки нурашон дар кишвари торик медурахшид, зоҳир намуданд.

*„Ин нури хурдакаки ман аст, ман намегузорам, ки он хомӯш шавад...“ Ин суруди маълуми кӯдакона, ки оҳанги содда ва суханони осонфаҳм дорад, баъди сурудани он якчанд рӯз дар сар давр зада метавонад. Ҳатто кӯдакони хурдакак онро ба осонӣ месароянд, аммо мувофиқи он зистан хеле душвортар аст, хусусан ҳангоме ки шахс калонсолтар мешавад. Мо дар давоми рӯз чанд имконияти шӯълавар намудани нури худ ва ҷалол додани Худоро дорем? Як — ду? Даҳ? Бист? Миқдори аниқ муҳим нест. Аксуламали мо ба воқеаҳои ҳаррӯза аҳамият дорад. Кӣ медонад, шояд нури шумо барои он даркор шавад, ки касе роҳи хонаашро ёбад.*

> Шумо нури ҷаҳон ҳастед. Шаҳре ки бар фарози кӯҳ воқеъ аст, наметавонад аз назар пинҳон шавад. Шамъро низ даргиронда, на дар зери зарфе, балки бар шамъдон мегузоранд, ва он гоҳ ба ҳама касоне ки дар хонаанд, рӯшноӣ медиҳад.
>
> *Матто 5:14, 15*

# „Фурӯш“-и фавқулодда

**Украина:** протоиерей Митрофан Явдас

**Коҳини калисои Автокефалии Православии Украина падари рӯҳонӣ Митрофан Явдас дар Полтава 8-уми сентябри соли 1929 ҳабс карда шуд. Пурсуковҳои беохир касро аз ақл бегона мекарданд. Асабҳояш таранг шуда буданд. Аммо муфаттиши ГПУ Батурин боисрор мегуфт: „Мо воситаҳое дорем, то туро ба гап задан маҷбур кунем. Ва ин воситаҳо ба ту маъқул намешаванд. Ҳилагарӣ накун. Вақти моро беҳуда сарф накун“.**

Ҳангоми пурсуковҳо муфаттиш мекӯшид Митрофан Явдасро дар ҷосусӣ айбдор кунад. Вай барои ин блокноти коҳинро истифода мебурд, ки дар онҳо ба таври кӯтоҳ номҳои китобҳои Библия ва рақамҳои оятҳое навишта шуда буданд, ки ҳангоми парастиш истифода мешуданд. Батурин ин рақамҳоро шифр меномид ва талаб мекард, ки калиди ин шифрро гӯяд. Вай ҳамчунин талаб мекард, ки номҳои аъзоёни шӯрои калисоӣ, дӯстон, шиносҳояшро гӯяд. Коҳин медонист, ки онҳоро фавран ҳабс мекунанд. Вай қарор дод, ки дар рӯ ба рӯи таҳдидҳо қавӣ бошад, агарчи ҳар дафъа метарсид, ки дигар ба ин пурсуковҳо тоб намеоварад.

Ҳангоми пурсукови навбатӣ муфаттиш бо мулоимат гуфт: Ба ман бигӯед, охир, шумо ба озодӣ баромадан мехоҳед? Шумо хомӯшед, аммо ман медонам, ки ин хоҳиши калонтарини шумост. Ва ман тайёрам фавран шуморо озод кунам. Аммо аввал шумо бояд ин коғазро имзо кунед.

Дар матни чопшуда гуфта мешуд, ки Митрофан Явдас аз имон ба Худо даст мекашад ва гумроҳии пештараи худро маҳкум мекунад. Коҳин музтариб шуд: агар вай ин ҳуҷҷатро имзо кунад, иблис бар вай пирӯз шудани худро ҷашн хоҳад гирифт. Аз имон ва мартабаи динӣ даст кашидан — яъне Яҳудо шудан, боз як бор таслим намудани Масеҳ мебошад.

— Писари Худо барои ман азобҳо кашид ва ҳаёти Худро дод. Ба шарофати Ӯ ман ба осмон хоҳам рафт. Оё шумо арзиши аз ин бештареро ба ман дода метавонед? — пурсид Падари рӯҳонӣ Митрофан.

Батурин дар овози вай истеҳзоро ҳис намуд ва лаҳзае худдориашро гум кард:

— Ман туро дар ҳабсхона мепӯсонам!

Агар кушед ҳам, аз имон даст намекашам, — ҷавоб дод коҳин.

(Аз рӯи дастнавис: М. Явдас. „Режими дасти мурда“).

*Ҳар боре ки ба мо созиш бо арзишҳоямонро пешниҳод мекунанд, мо чунин як ҳисси маълумеро дарк мекунем, ки „моро харида истодаанд“. Баъди созиш мо худро соддадили фиребхӯрда ҳис мекунем. Худро аблаҳ ҳис мекунем. Мо худро беқадр ҳис мекунем, зеро ки худро арзон фурӯхтем. Аммо, барои ба даст овардани муҳаббати мо Масеҳ нархи баландтаринро пардохт намуд. Агар ҳар яки мо нарх дошта бошем, Ӯ нархи моро як бор ва барои ҳамеша баён намуд. Ӯ моро бо нархи хуни Худ харид, ва ин ҳақиқат моро дар назараш бебаҳо мегардонад. Мо аллакай харида шудаем ва барои мо нарх пардохта шудааст, бинобар ин худро дар ивази ҳеҷ чиз нафурӯшед. Имрӯз дар бораи ин фикр кунед.*

Шумо бо нархи гарон харида шудаед: ғуломи одамон нагардед.

*1 Қӯринтиён 7:23*

**Калисое ки бародарони таъқибшавандаи худро дар ёд надорад — тамоман калисо нест.**

Шубони лютеранӣ, ки азобҳои даҳшатоварро аз сар гузаронд, то ки аъзоёни калисои пинҳонкорро ҳимоя кунад.



# Асбобҳои фавқулодда

**ИМА**

**Дар ҷои садамаи қатора дуди ғализе буд ва доду фарёди ҷисмҳои хунолуд ва шикастаи мусофирон шунида мешуд. Қад-қади вагонҳо, дар байни маҷрӯҳон, хирурге мегашт, ки ҳангоми садама осеб надида буд. Аммо ашёҳои вай дар тӯпаланг гум шуда буданд ва ӯ фарёд менамуд: „Асбобҳои ман! Асбобҳои ман! Агар дар дастам асбобҳо мебуданд“.**

Агар ин шахс дар даст асбобҳои тиббӣ медошт, ҳаёти бисёр касонро наҷот дода метавонист. Бе ин асбобҳо ӯ ба касе ёрӣ дода наметавонист, ва медид, ки чӣ гуна одамон мемиранд.

Калисои имрӯзаи таъқибшаванда монанди ҳамон хирург аст. Он дониш ва хоҳиши наҷот додани бисёр касони ба садамаи автомобилии коммунизми бехудо ва дигар ифротгарон афтодаро дорад. Он фақат асбобҳо надорад.

„Фарёди бародарони худро дар кишварҳои асир бишнавед!“ — навишта буд шубон Ричард Вурмбранд, ҳангоме ки баъди озод шуданаш ба ИМА омада буд. — „Онҳо муҳоҷиратро хоҳон нестанд, бехатарӣ ва ё ҳаёти осонро наметалабанд. Онҳо фақат асбобҳоеро металабанд, то ба заҳролудшавии ҷавонон аз атеизм муқобилат карда тавонанд. Онҳо Библияро металабанд. Чӣ гуна онҳо Каломро паҳн карда метавонанд, агар Онро надошта бошанд?“

Масеҳиён дар кишварҳои пӯшида худро бо ин “асбобҳо“ таъмин карда наметавонанд. Онҳо ба ёрии масеҳиёни кишварҳои озод умед мебанданд. „Ба мо асбобҳои даркориро диҳед“, — гуфт як масеҳӣ, — „ва мо барои истифодаи он нархи гаронро мепардозем“.

*Бӯр барои муаллим, сӯзандору барои хоҳари шафқат, сабр барои волидон, трактор барои фермер. Ҳар кас, вобаста ба касбаш, асбобҳоро истифода мебарад. Ин мумкин як чизи мураккабе бошад, чун компютер ва ё чизи содда, чун дастони худ, аммо ин асбобҳо ҳаёти моро ба куллӣ дигаргун мекунанд. Мо, масеҳиён, асбобҳои рӯҳонии худро медонем, зеро дар Каломи Худо оиди онҳо мехонем. Аммо чӣ кунанд онҳое ки ҳеҷ гоҳ оиди ин гуна асбобҳо, чун ҳамдардӣ, бахшидан, муҳаббат, бо ҳам дидан, ва оиди ҳамаи маҳоратҳо ва атоҳое ки Худо медиҳад, нахондаанд? Ин ҳақиқатҳои рӯҳониро чун хасисе ки кӯҳҳои тиллоро гун мекунад, дар худ нигоҳ доштан мумкин нест. Асбобҳои худро бо омодагӣ ба касоне ки мӯҳтоҷи онҳоянд, диҳед.*

Аммо чӣ гуна онҳо бихонанд Онро, ки ба Ӯ имон наовардаанд? Чӣ гуна онҳо имон оваранд ба Он ки дар бораи Ӯ чизе нашунидаанд? Чӣ гуна онҳо бидуни воизон чизе бишнаванд?

*Румиён 10:14*

# Сафарҳои фавқулодда

**Вйетнам**

**Садои чархҳои қатора дар ҷисми масеҳидухтари вйетнамӣ, ки дар нишастгоҳи чӯбини вагон нишаста буд, дардро бармеангехт.**

Ба ӯ бахри масеҳиёне ки дар Вйетнами шимолӣ роҳбариашон мекард, ғизои рӯҳонӣ даркор буд. Се ҷамоати имондорон оиди он дуо мекарданд, ки кори сарвари онҳо омад кунад, ва ӯ Библияҳои гаронбаҳоро биёрад.

Дар хона кори вай хастакунанда буд. Вай дар ноҳия ягона масеҳии камолёфта буд, зеро худаш дар ҷои холӣ се калисо бунёд намуд, имондоронро муттаҳид намуд. Онҳо ба шарофати шаҳодати шахсии вай ҷамъ омаданд. Вай мошин ва ё ҳатто дучарха (велосипед) надошт. Вай ба ҷамъомадҳои дуо пиёда ё бо қаиқи хурди чӯбин бо роҳи дарё мерафт.

Вай таҳдидҳову таҳқирҳои полисҳо, хафагии волидони бутпарасти худро аз сар гузаронд. Акнун вай се рӯз боз бо қатора 800 мил роҳро мепаймуд ва умед дошт имондореро пайдо кунад, ки ба ҷамоятҳои вай ёрӣ расонида тавонад. Қатора ба шаҳри Ҳошимин омад. Духтар бо меҳмонон — масеҳиён аз Ғарб шинос шуд. Онҳо ба вай барои масеҳиёни шимол Библияҳо доданд. Боз ба вай велосипед доданд, то ки дар се ҷамоат хизмат карданаш осонтар шавад. Пеш аз баргаштан онҳо якҷоя дуо карда, аз Худо хоҳиш намуданд, ки сафар ва хизмати вайро баракат диҳад.

Ҳангоме ки вай баромаданӣ буд, яке аз омадагон пурсид: „Шумо чандсола ҳастед?“

Зан мӯйҳои сиёҳашро аз рӯяш гирифта, пичиррос зад: „Ман 22-сола ҳастам“.

*Наврасони лаёқатманд барои синну соли худ имкониятҳои махсус доранд. Мо одамонеро медонем, ки дар 15-солагӣ коллеҷро хатм кардаанд, ё 12-сола нашуда симфония навиштаанд, ё 16-сола нашуда ба муваффақиятҳои барҷастаи варзишӣ ноил шудаанд. Бисёр вақт мо ҳасад мебарем ва афсӯс мехӯрем, ки дар ҷавонӣ ба ягон дастоварди назаррасе ноил нашудаем, то боиси эътирофи умум гардем. Масеҳидухтари вйетнамӣ ба ҳамаи ин ноил шуд, аммо, шояд, вай ягон лаёқати барҷастае надошт, ки аз ҳамсолонаш фарқ кунад. Вай фақат мехост ба Исо пайравӣ намояд ва ӯро ба ҳамватанонаш расонад. Масеҳ шуморо даъват мекунад, ки барояш ҷидду ҷаҳд намоед. Муҳаббати Худоро расонидан осон аст ва лаёқатҳои махсусро наметалабад — фақат хоҳиши шумо даркор аст.*

Ба ин ғамхорӣ намо ва
инро тарк накун, то ки
муваффақияти ту ба ҳама
намоён шавад.

*1 Тимотиюс 4:15*

# Дастури (инструсия) фавқулодда

**Фарансо:** Франс Равенна ва Мартин Гиллябер

**„Шумо ҳукми маргро шунида, онро чун даъвати Подшоҳи ҷалол, ки шуморо ба базми арӯсӣ даъват намудааст, қабул мекунед“.**

Дастурҳо душвор буданд, аммо фаҳмову равшан. Муаллифони франсавӣ Франс Равенна ва Мартин Гиллябер барои масеҳиёне ки зери хатари марг мебошанд, дастурҳо навиштанд. „Нашриёт“-и онҳо камераи ҳабсхона дар замони инқилоби Фарансо буд. Онҳо камераи худро „даромадгоҳи биҳишт“ меҳисобиданд.

„Ҳангоме ки хондани ҳукмномаи шуморо бас мекунанд, — навишта буданд онҳо дар дастур, — ҳамроҳи тамоми риёзаткашоне ки то шумо буданд, чунин гӯед: «Ташаккур, Худо». Сурудҳои шодмонӣ сароед. Ҳангоме ки дастонатонро мебананд, суханони Павлуси муқаддасро гӯед: «На танҳо мехоҳам бандӣ бошам, балки тайёрам ба хотири Масеҳ бимирам»“.

Ҳангоми сӯи қатлгоҳ рафтан ба посбонон оиди ҳаловати ба хотири Масеҳ азоб дидан ва мурдан нақл кунед. „Кӣ моро аз муҳаббати Масеҳ ҷудо мекунад?“ (Румиён 8:35)

Ҳангоме ки бо ҷаллод вомехӯред, суханони риёзаткаши бузург Игнатийро ба ёд оваред: „«Кай он лаҳзаи фараҳбахш фаро мерасад, ки ман барои Наҷотдиҳандаи худ кушта мешавам? Боз чӣ қадар интизор шавам?» Дар ҳаққи таъқибкунандагон дуо гуфтанро низ фаромӯш накунед“.

Равенна ва Гилляберро сар заданд. Масеҳиён дар кишварҳои озод суханони навиштаи онҳоро эҷод карда ҳам наметавонистанд, аммо дар кишварҳои пӯшида масеҳиён ҳар рӯз ба ин суханон пайравӣ мекунанд.

*Ҳар рӯзи ҳаёт мо бояд худро огоҳӣ диҳем: Эҳтиёт бош! Ҳар лаҳза мо ба мусибате гирифтор шуда метавонем. Хоҳ дар мошин бошем, хоҳ аз роҳ гузарем ва ё бо кори худ машғул бошем, мо аз ҳодисаи нохуш, беморӣ ё зӯроварӣ эмин нестем. Агарчи мо дар бехатарии пурра аз бадии ин ҷаҳон зиста наметавонем, мо метавонем бо ваъдаи Худо зиндагӣ кунем: ҳеҷ чиз, тамоман ҳеҷ чиз наметавонад моро аз муҳаббате ки дар Масеҳ дорем, ҷудо кунад. Шумо, аз афташ, ҳеҷ гоҳ ба хотири имон нахоҳед мурд, аммо шумо метавонед бо нофаҳмӣ дучор шавед ва дигар таъқиботро аз сар гузаронед. Муҳаббати Худо ба шумо ёд медиҳад ва ёрӣ мерасонад, то ҳамаи он чиро, ки дар роҳ бо шумо рӯй медиҳад, устуворона паси сар кунед.*

Зеро ман мӯътақидам, ки на мамот, на ҳаёт, на фариштагон, на мабдаъҳо, на қувваҳо, на ҳозира, на оянда, на баландӣ, на умқ, на ҳар гуна махлуқи дигар моро аз муҳаббати Худо, ки дар Худованди Мо Исои Масеҳ аст, ҷудо карда наметавонад.

*Румиён 8:38, 39*

# Боз асбобҳои фавқулодда

**Эрон**

**„Мо гил ҳастем, Ӯ — кӯзагар“.**

Имондоре назди тиреза истода, кӯчаи нимишабиро назорат менамуд — мабодо дар нимишабӣ ҳаракатеро пайхас кунад, ки маънояш ба маҳалли вохӯрии имондорон наздик шудани кормандони полис аст. Масеҳиён дар шаҳри ҷанубии Эрон пинҳонӣ ҷамъ меомаданд. Ҳузури меҳмони хориҷӣ хатари бештаре ба миён меовард, зеро агар кормандони полиси Эрон фаҳманд, ки масеҳиён бо бегонагон муошират доранд, ба хашм меомаданд.

Як имондорро ба наздикӣ аз ҳабс озод намуданд, ва доғҳои кабуди баданаш аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки бо вай чӣ гуна рафтор менамуданд. Агарчи кормандони полис ӯро таҳти назорати сахт гирифта буданд ва оиди фаъолияти масеҳияш медонистанд, вай кори худро давом медод ва то ҳабс шудан хизмати худро пеш мебурд. Вай бо эҳтирос гап мезад ва имондорони ҷамъшударо даъват мекард, ки ба ҳар нархе ки бошад, бештар ба Масеҳ монанд шаванд. Ҳамаи онҳо медонистанд, ки нарх гарон хоҳад буд, зеро масеҳиёнеро медонистанд, ки ҳабс шудаанд, зарбу лат хӯрдаанд ва ё кушта шудаанд. Дигарон бе ному нишон гум шудаанд.

Ҷамъомад дурудароз буд ва имондорон беист Худоро ситоиш менамуданд. Баъди ҷамъомад меҳмони хориҷӣ аз гӯянда пурсид, ки дар ҳабсхона чиҳоро аз сар гузаронидааст. „Ту чӣ гуна метавонӣ дар байни ҳамаи ин балоҳо чунин рӯҳи умед ва шодиро нигоҳ дорӣ?“ — пурсид вай.

„Азобҳои ман фақат «асбобҳоянд» дар дасти Худо“, — гуфт имондори эронӣ. — „Ман кистам, то асбобҳоеро ки ба воситаи онҳо Худо маро поктар мекунад, танқид кунам?“

*Оянда одамонро ба худ ҷалб мекунад. Одамон асрҳо боз бо ситорашиносон ва дигар ашхосе ки гӯёояндаи онҳоро медонистанд, машварат менамуданд. Мо дар асоси идеяи саёҳат дар вақт китобҳо навиштем ва филмҳо офаридем. Мо донистан мехоҳем, ки дар роҳи зиндагӣ моро чӣ интизор аст. Аммо чуноне ки гил аз кӯзагар пурсида наметавонад, ки бо он чӣ хоҳад шуд, мо низ аз Офаридгори худ пурсида наметавонем, ки бо мо чӣ хоҳад шуд. Аммо мо метавонем ба он боварӣ кунем, ки Худо аз ҳаёти мо як чизи зебо ва муқаддас меофарад. Мо аз рӯи имони худ медонем, ки мо офаридаҳои дастони Худо ҳастем. Оё шумо дар ёд доред, ки Худо, Парвардигори мо, моро ба асари санъат табдил медиҳад“.*

Ва акнун, эй Худованд, Ту Падари мо ҳастӣ; мо гил ҳастем, ва Ту — кӯзагари мо, ва ҳамаамон амали дастҳои Ту мебошем.

*Ишаъё 64:8*

# Муҳаббати фавқулодда ба салиб

**Рум:** Андриёс

**„Агар ту аз Исо даст накашӣ, дар салиб хоҳӣ мурд“, — дод мезад ҳоким Эгей. Хашми вай барои зердастонаш фаҳмо буд: ин масеҳӣ дар вилояти юнонии таҳти итоати Эгей масеҳиятро бо муваффақият паҳн намуда, вайро дар назди Рум шармсор намуд. Ҳатто зани Эгей масеҳиятро қабул кард.**

„Агар ман аз мурдан дар салиб метарсидам, азамат ва шарафи салиби Масеҳро мавъиза намекардам“ — гуфт Андриёс.

„Пас, он ба ту дода хоҳад шуд! Ӯро маслуб кунед!“.

Ҳангоме ки Андриёс ба салиби Х-монанд наздик шуд, нидо кард: „Эй салиб! Одамон онро дар ин ҷо беҳуда нагузоштаанд. Ман бо виҷдони осуда сӯи салиб меравам, зеро медонам, ки ман шогирди Оне ҳастам, ки дар салиб мурда буд, ва низ маслуб шуда метавонам. Ҳар қадар ба салиб наздиктар шавам, ба Худо наздиктар мешавам“.

Андриёс се рӯз дар салиб овезон буд, ва азобҳоро сарфи назар карда, ба одамоне ки дар наздаш буданд, мегуфт: „Дар Калом ва таълими гирифтаатон устувор бошед, якдигарро таълим диҳед, то ки ҳамроҳи Худо дар абадият будан ва самари ваъдаҳои Ӯро гирифтан тавонед“.

Наздик расидани маргашро ҳис карда, Андриёс нидо кард: „Эй Худованд Исои Масеҳ! Магузор, то бандаатро, ки барои Ту дар чӯб овезон аст, сар диҳанд, то боз дар байни одамон зиндагӣ кунад. Маро ба малакути Худ қабул кун“. Ин суханонро гуфта вай рӯҳи худро ба Худо дод.

*Чинӣ. Нуқра. Тиллои дараҷаи аъло. Ҳатто платина. Имрӯзҳо салиброрo аз филузоти қиматбаҳо ба ҳар шакл месозанд. Чун ҷавоҳироти ороишӣ. Чун ороиши девор. Чун ороиши шишаи мошин. Салиб дар ҳама ҷо. Аммо, бо вуҷуди машҳур будани салиб, чӣ миқдор масеҳиён оиди маънои салиб андеша мекунанд? Барои баъзеҳо салиб — асбоби шиканҷа аст — ба худ тасаввур кунед, ки дар хонаатон чӯби дор ва ё курсии электрикӣ чун ороиш бошанд! Салиб ба мо ёдрас мекунад, ки Масеҳ бо азобҳо мурд. Ба ғайр аз ин, салиб кӯпрукест овезон бар болои гуноҳ, ки пештар Худоро аз одамони Ӯ ҷудо мекард. Исо бо ёрии салиб моро сӯи Худо бозгардонд. Акнун андеша намоед, ки салиб барои шумо чӣ маъно дорад.*

Ва ба Сарвар ва
Комилкунандаи имони мо,
яъне Исо, назар дӯзем,
ки ӯ ба ҷои шодие ки ӯро
дар пеш буд, ба хорӣ
беэътиноӣ намуда, ба салиб
тоб овард ва ба ямини тахти
Худо бинишаст.

*Ибриён 12:2*

# Наҷоти фавқулодда

**Нидерланд:** Дирк Виллемс

**Дар асри XVI дар Нидерланд ҳангоми ҳукмронии католикҳои испанӣ Дирк Виллемсро „анабаптист“ номида, ба зиндон партофтанд. Инквизиторҳо фармони „Марг дар гулхан“-ро баровარданд, ки реформаторҳои протестантро ба он маҳкум менамуданд. Баъзеҳоро ба сутунҳо дар назди оташ занҷирбанд карда, зинда ба зинда месӯзонданд. Занҳоро зинда ба зинда ба тобутҳои танг тиққонда, гӯр мекарданд. Дар солҳои ҳукмронии Карли Панҷум ва Филиппи Дуюм зиёда аз 100 ҳазор кас барои имон қатл карда шуданд. Онҳоро барои талаби аз давлат ҷудо кардани калисо, танқиди коҳинони ахлоқан пастрафта, таъмид надодани кӯдакон айбдор мекарданд. Таъқибшавандагон одамони худотарс, ором буданд. Дирк ҳамин гуна буд. Акнун вай бо гурез ҳаёти худро наҷот медод.**

Вай аз камера ба воситаи тирезаи хурд баромада, бо ресмоне ки аз либосҳояш сохта буд, поён фаромад. Вай ба ҳавзи яхкардаи назди девори зиндон фаромада, ба ях бо эҳтиёт қадам мемонд, то ки фурӯ наравад. Ин моҳҳои гуруснагӣ дар зиндон акнун барояш фоида оварданд: вай ҳоло аз 50 кг зиёдтар вазн надошт.

Вай қариб аз яхи ҳавз гузашта буд, ки оромии шабро садое вайрон кард: „Ист! Наҷунб“, — дод мезад посбон аз тирезае ки якчанд дақиқа пештар Дирк аз он баромада буд. Озодӣ хеле наздик буд. Дирк наистод.

Посбон боз дод зад. Акнун вай дар болои ях буд. Вай бо суръат ба Дирк наздик мешуд. Аммо баъди муддате садои шикастани ях шунида шуд — посбон ба об фурӯ рафт. Доду фарёди вай бо доду фарёди тарсу навмедӣ иваз шуд: „Ба ман ёрӣ расон! Маро наҷот деҳ!“

Дирк ба тарафе ки озодӣ он ҷо буд, нигариста, истода монд. Сипас баргашт ва зуд сӯи садои доду фарёд рафт. Вай рӯи ях дароз кашида, дасташро дароз кард, то ки посбони ғарқшавандаро наҷот диҳад. Чун посбон боз дар бехатарӣ қарор гирифт, Дирки хасташударо дастгир карда, сӯи камера кашола кард. Баъди якчанд рӯз Диркро дар гулхан сӯзонданд.

Бо тамоми дили худ ба
Худованд таваккал намо,
ва ба хиради худ
такя накун.

*Масалҳо 3:5*

*Масеҳиёни содиқ мувофиқи мулоҳизаҳои дуруст зиндагӣ намекунанд. Онҳо рафторҳои тасаввурнашаванда мекунанд, агарчи натиҷаашро медонанд. Онҳо корҳои ғайриимконро чунон мекунанд, ки гӯё кори оддӣ бошад. Имондорон мувофиқи даъвати олӣ зиндагӣ мекунанд. Амалҳо ва аксуламалҳои онҳо чунон ғайритабиӣ мебошанд, ки бисёр вақт онҳоро нодуруст мефаҳманд. Барои баъзе касон ҳодисаи наҷотдиҳии фавқулодда, ки Дирк ба амал овард, қарори ғайритабиӣ метофт. Ҳатто, андаке бехирадона. Аммо Дирк чунин меҳисобид, ки ба асосҳои Библия пайравӣ мекунад. Вай эҳтиёҷи каси дигарро аз эҳтиёҷоти худ болотар гузошт. Ҳангоме ки мо фидокорӣ мекунем, ҷаҳон на ҳамеша моро фаҳмида метавонад, аммо мо медонем, ки аз нуқтаи назари осмонӣ мо ба муваффақиятҳо ноил шуда истодаем. Оё шумо аксаран мувофиқи мулоҳизаи дуруст амал мекунед? Ё шумо тайёред бо ҳар нархе ки бошад, ба фармудаҳои Худо итоат намоед?*

**Ман системаи коммунистиро бад мебинам, аммо ман одамонро дӯст медорам. Ман гуноҳро бад мебинам, аммо гуноҳкоронро дӯст медорам. Ман коммунистонро аз таҳти дил дӯст медорам. Коммунистон метавонанд масеҳиёнро кушанд, аммо наметавонанд муҳаббати масеҳиёнро ҳатто нисбати қотилонашон кушанд. Ман нисбати коммунистон — азобдиҳандагони ман — ҳеҷ дарду алам ва ранҷише ҳис намекунам.**

Собиқ маҳбус барои имон дар замони режими коммунистӣ



# Бехатарии фавқулодда

**Миср:** Аҳмад

**„Чаро ту фарзандонатро ба хатар меандозӣ?“ — пурсид полиси мисрӣ.**

Аҳмадро борҳо ҳабс карда буданд, зеро вай Инҷилро мавъиза мекард ва адабиёти масеҳиро тақсим карда медод. Аммо вай чунин меҳисобид, ки ҳар як пурсуков ба вай имкон медиҳад, то оиди Масеҳ шаҳодат диҳад.

„Бехатарии фарзандони ман аз ман барнамеояд“, — оромона гуфт вай ба полис. — „Он аз Худо бармеояд“.

„Чаро ту ба ҳукумат итоат кардан намехоҳӣ?“ — пурсир полис.

„Ман оиди Исо нақл карданро бас намекунам, зеро Ӯ Роҳи Ҳақиқат аст“, — ҷавоб дод Аҳмад. — „Исо дили маро дигаргун кард“.

Кормандони полис аз вай оиди адабиёти масеҳӣ, ки пинҳонӣ чоп карда мешуд, мепурсиданд. Онҳо ҳамчунин номҳои масеҳиёнро донистанӣ мешуданд. Аммо Аҳмад ба саволҳои онҳо ҷавоб намедод.

„Ман ҳеҷ чиз нагуфтам“, — нақл мекард вай дертар. — „Ман Бадани Масеҳро таслим нанамудам“. Ҳангоме ки ба вай аз болои масеҳиёни дигар назорат кардан ва оиди ҳама чиз ба полис хабар доданро пешниҳод карданд, вай гуфт: „Ин кор барои ман нест“.

Дафъаи дигар Аҳмадро вақте дастгир карданд, ки сумкаҳои пур аз адабиёти масеҳиро мебурд. Кормандони полиси Туркия ба вай таҳдид мекарданд: „Агар ту ба саволҳои мо ҷавоб надиҳӣ ва ба мо ёрӣ нарасонӣ, мо туро барои фаъолияти зиддиҳукуматӣ зиндонӣ мекунем“.

„Каломи Исо мухолифат ба ҳукумат нест“, — ҷавоб дод Аҳмад. — „Он фақат шаҳодати муҳаббат ва омурзиши Ӯст“.

*Фитнаангезон (исёнгарон). Инҳо кӯдаконе мебошанд, ки ҳангоми дарс беист гап мезананд. Инҳо шӯрапуштоне мебошанд, ки дар буфети мактаб пулҳои кӯдакони дигарро кашида мегиранд. Инҳо ғайбатчиён дар муассисаҳо мебошанд, ки овозаҳои бадқасдонаро монанди беморӣ паҳн мекунанд. Масеҳиён барои фитнаангез (исёнгар) шудан даъват нашудаанд. Масеҳ моро даъват мекунад, ки оштидиҳанда бошем. Аммо ин қоида як истисно дорад: мо бояд бар зидди иблис ва дасисаҳои исёнгар бошем. Мо наметавонем роҳ диҳем, ки аз боиси беҳавсалагиамон иблис берун аз диққати мо монад. Дуо силоҳи таъсирбахштарин аст. Сари чанд вақт дуоҳои шумо корҳои иблисро вайрон мекунанд? Имрӯз бо кор машғул шавед ва ба номи Исо бар зидди нақшаҳои душманатон дуо кунед.*

Зиреҳи куллии Худоро дар бар кунед, то ки битавонед ба дасисаҳои иблис муқобилат намоед.

*Эфсӯсиён 6:11*

# Итоаткории фавқулодда

**Хитой:** шубон ва модари вай

**Шубонро борҳо пурсуков намуда, зада буданд, аммо имрӯз муфаттиш ӯро аз камера фақат барои сӯҳбат чеғ зад. Вай гуфт: „Ман оиди имони ту донистан мехоҳам ва аз ту хоҳиш мекунам, ки дар бораи Даҳ Аҳком ба ман нақл кунӣ“.**

Шубон ҳайрон шуд ва оиди Аҳком нақл карданро сар кард. Ҳангоме ки вай то фармудаи „Падар ва модари худро иззат намо“ омад, полис гапи вайро бурид: „Ана дар ҳамин ҷо ист мекунем. Шумо, масеҳиён, чунин меҳисобед, ки Худоятон фармудаи «Падар ва модари худро иззат намо»-ро яке аз муҳимтарин аҳком номидааст. Ба гӯшаи ҳуҷра нигоҳ кун“. Шубон ба ақиб нигариста, зани солхӯрдаи пур аз доғҳои кабудро дид, ки дар дастонаш кишан зада буданд. Ин шахс модари шубон буд.

Муфаттиш гуфт: „Нигоҳ кун, модарат чӣ тавр азоб дидааст. Агар ту асрори калисои пинҳониро гуфта диҳӣ, ту ва модарат метавонед озод бошед. Агар вай аз шиканҷаҳо мурад, пас ту фармудаи иззат намудани ӯро иҷро намекунӣ, ва хуни ӯ дар гардани ту хоҳад буд“.

Шубон аз модари худ, ки ба ҳуш омада буд, пурсид: „Модар, ман чӣ кор кунам?“

Ӯ бо муҳаббат ҷавоб дод: „Аз он вақте ки ту ҳанӯз бачаи хурдсол будӣ, ман ҳамеша дӯст доштани Масеҳ ва Калисои Ӯро ёд медодам. Ба Худо хиёнат накун. Ман тайёрам барои номи муқаддаси Ӯ бимирам“.

Шубон ба муфаттиш рӯ оварда бо мардонагӣ гуфт: „Шумо ҳақ будед, сардор. Одам пеш аз ҳама бояд ба модараш гӯш диҳад“.

*Шаккокон, маънои масеҳиятро паст кардани шуда, аксар вақт мепурсанд: „Чаро азобу уқубат дар ҷаҳон ин қадар бисёр аст?“ Онҳо чунин меҳисобанд, ки Худо ба азоб кашидани одамони бегуноҳ роҳ медиҳад. Онҳо масеҳиёни азобкашандаро бовар кунондани мешаванд, гӯё мушкилоти онҳо далели онанд, ки Худо онҳоро тарк кардааст. Оё рост аст, ки азобҳо дар нақшаи Худо ҳастанд? Барои ба ин савол ҷавоб додан ба ҳаёти Исо дар рӯи замин таваҷҷӯҳ намоед. Дар салиб азоб кашидани Ӯ асоси нақшаи Худо буд. Натиҷаи он наҷоти мо ва ҷалоли Ӯ гардид. Агар шумо мувофиқи нақшаи Худо азоб мекашида бошед, бо ҳамон роҳе меравед, ки Исо бо он сӯи салиб, сӯи қабр, ва ниҳоят сӯи осмон рафт. Оиди он фикр кунед, ки шумо гуноҳкор ҳастед... Ба он бовар кунед, ки Худо чӣ кор карданашро медонад, ҳатто ҳангоме ки барои шумо дарднок аст.*

Модоме ки шумо дар
уқубатҳои Масеҳ иштирок
доред, шодӣ кунед,
то ки дар вақти зуҳури
ҷалоли Ӯ низ ба ваҷд оед
ва хурсандӣ кунед.

*1 Петр. 4:13*

# Намунаҳои фавқулодда

**ИМА:** модари София

**„Соли 1996 духтари мо бемори вазнин шуд, ки натиҷааш ба таври ислоҳнашаванда осеб дидани мағзи сар буд. Вай моҳҳои дароз азоб мекашид, доимо мегирист, аз дард азоб мекашид. Вай моро намешинохт ва ба мо ҷавоб намедод.**

Хоҳари шафқатро, ки ба София ёрӣ медод, дуои мо ҳайрон мекард, зеро мо дар дуо такрор мекардем: «Худовандо, бигузор иродаи Ту шавад». Вай фаҳмида наметавонист, ки чаро мо аз Худо барои ин воқеаро роҳ доданаш наранҷидаем. Ман ба вай фаҳмонданӣ шудам, ки мо хизматгорони Ӯ ҳастем ва тӯҳфаи бузургеро, ки Худо ба мо дар Писари Худ додааст, инкор карда наметавонем.

Чор моҳ пас аз хуруҷи якум София вафот кард, Баъди чанде ман дар маҷаллаи «Садои риёзаткашон» мусаввараеро ба мақола оиди модари ҷавони судонӣ дидам, ки барои ба Масеҳ пайравӣ намуданаш синаашро бурида буданд. Вай дар назди кӯдаки гуруснааш менишаст. Таъқибкунандагон кори даҳшатноки худро карда, ӯро азоб медоданд. Онҳо вайро маҷбур карданд, ки аз гуруснагӣ мурдани кӯдаки худро бинад. Ман аз масофаи ҳазорҳо мил дарди вайро ҳис мекардам, мегиристам, ва медонистам, ки имкон намедиҳам, то дилсӯзӣ ба худам фикрҳоро оиди Худо танг карда барорад.

Ин зан, ва дигар касоне ки ба ҳамин гуна вазъият афтодаанд, аз ёрии тиббӣ истифода бурда наметавонистанд, аз муносибати ҳамдардона, такягоҳ ва муҳаббати бародаронае ки мо дорем, маҳрум буданд. Аммо бо вуҷуди ин, онҳо ба чунон азобҳо тоб оварданд, ки ман низ, бо марҳамати Худо, тоб оварда метавонам.

Ба ман ин номаҳои зиндаи Худованд Исои Масеҳ даркоранд, то воқеияти онро изҳор намоям, ки Исо зинда аст, ва ин ҷаҳон хонаи ман нест, балки манзили муваққатист“.

*Агарчи Худо ба воситаи Рӯҳулқудс ҳамеша бо мост, мо бисёр вақт ба дастгирии рӯҳонии одамоне ки аз ҷисм ва хун ҳастанд, мӯҳтоҷем, то барои пеш бурдани имони мо ёрӣ расонанд. Риёзаткашон ва дигар имондорон дар тӯли садсолаҳо — одамони воқеӣ мебошанд, ки намунаи мардонагиашон моро рӯҳбаланд мекунад, то боварӣ кунем, ки мо низ чунин рафтор карда метавонем. Шояд, мо ба ҳамон балоҳое ки онҳо паси сар кардаанд, рӯ ба рӯ намешавем, аммо мо метавонем ҳамон рӯҳи устуворӣ ва мардонагиро барои ҳаёти ҳаррӯзаи худ қабул намоем. Агар шуморо ягон ҳикояи фавқулоддаи имон рӯҳбаланд карда бошад, онро ба дигарон нақл кунед. Намунаро ба дигарон расонед. Аз пешиниён, ки ҳаёти имондоронаашон барои дигарон намуна буд, қувват гирифтанро ба онҳо ёд диҳед.*

Зеро ба ҳама маълум аст,
ки шумо номаи Масеҳ ҳастед,
ки он ба воситаи хизмати мо
на бо сиёҳӣ, балки бо Рӯҳи Худои
Ҳай на бар лавҳаҳои сангин,
балки бар лавҳаҳои гӯшти дил
навишта шудааст.

*2 Қӯринтиён 3:3*

# Радкунии фавқулодда

**Русия:** Сергей Мечев

**„Масеҳият таълимоте нест, ки аз китобҳо ва ё мавъизаҳо аз худ кардан мумкин бошад“, — таълим медод Сергей Мечев, сарвари калисо дар Маросейкаи Москва. „Исо гуфтааст: «Ман Ростӣ ҳастам». Ростӣ тарзи махсуси зиндагист, ки ба воситаи пайравӣ ба Масеҳ ба даст меояд“.**

Ин дар соли 1923 буд, ҳангоме ки диктаторҳои коммунистии Русия „Калисои зинда“-ро ташкил намуданд, ки ба режими нав итоаткор буда, созишкоронеро дар бар мегирифт, ки худро масеҳӣ меномиданд. Падари рӯҳонӣ Сергей хондани мавъизаҳои ба ходимони „Калисои зинда“ тавсияшуда ва мавъиза намудани идеяи бо об махлутшудаи Худоро, ки коммунистон тасдиқ намуда буданд, қатъиян рад кард. Ва ба аҳли калисо мавъиза намудани Ростиро давом медод, агарчи медонист, ки барои ин гирифтори ҷазо шуда метавонад.

Коммунистон калисои вайро маҳкам карданд, коҳин Сергей Мечевро ба муддати 5 сол зиндонӣ карданд. Аммо муддати маҳбусӣ ходими Калисоро рӯҳафтода накард, балки барои хизмат ба Ростӣ боз ҳам бештар омода намуд. Дарҳол баъди озод шуданаш вай фаъолияти худро дар калисои пинҳонкор давом дод, ки онро дар Русия калисои катакомбавӣ меномиданд. Вай содиқона ҳар рӯз якчанд соат хизмат мекард, то даме ки собиқ ҳамкораш ба хотири ваъдаҳои ҳукуматдорони нав аз Худо рӯ гардонда, вайро таслим намуд. Ҳукумат ба хиёнаткор вазифаи профессориро тӯҳфа намуда, вазифадор намуд, ки асосҳои атеизмро таълим диҳад.

Падари рӯҳонӣ Сергей суханони Исоро оиди он ки „шубони нек ҷони худро барои гӯсфандонаш фидо мекунад“, бисёр мехонд. Вай қарор дод, ки ҳеҷ гоҳ бародаронашро таслим накунад. Сергей Мечевро соли 1937 барои фаъолияти масеҳӣ қатл карданд. Ҳаёти вай гузашт, аммо номаи вай боқӣ монд: „Ростӣ мувофиқи эҳтиёҷоти шумо дигаргун намешавад“.

*Худоро чун тӯҳфаи мавлудӣ дар қутти когазпеч намегиранд. Ӯ бо тамоми ҷалол ва пуррагияш меояд, вагарна Ӯ тамоман Худо нест. Баъзеҳо дар ин маврид хоҳанд гуфт, ки мухолифи Худо нестанд, агар Ӯ „Худои дуруст“ бошад, ки мавъизаҳои ӯ барояшон маъқул аст. Онҳо аз Навиштаи Муқаддас чизҳои барояшон маъқулро интихоб карда мегиранд, боқимондаашро бошад чун чизи нодаркор мепартоянд. Аммо хислат ва табиати Худо мувофиқи ҳавову ҳаваси одамон дигаргун намешавад. Мо Худоро ба ҷаҳонбинии худ мувофиқ кардanӣ мешавем, аммо дар ниҳояти кор, ба нокомӣ дучор мешавем. Ҳамаи онҳоеро, ки дар ягон лаҳза пуррагии хислат ва табиати Худро инкор мекунанд, рад кунед. Оё шумо бидъатро фарқ карда метавонед?*

Худои ҳар файз, ки моро
ба ҷалоли абадии худ
дар Исои Масеҳ даъват
намудааст, баъд аз уқубати
кӯтоҳмуддати шумо, шуморо
комил, устувор, қавӣ ва
матин хоҳад кард.

*1 Петрус 5:10*

# Оромии Фавқулодда

**Румыния**

**Шубон, занаш ва шаш фарзандаш саҳарӣ таронаи 22-юми Забурро мехонданд. Ҳамин дам ба хонаи онҳо ходимони полис зада даромаданд, то ки хонаро кофтуков намуда, шубонро ҳабс кунанд.**

Ходимони полис аз ӯ пурсиданд: „Наход нафаҳмӣ, ки ба кадом бало гирифтор шудаӣ? Оё ба оилаат чизе гуфтанӣ нестӣ? Оё ту аз чизе ғамгин нестӣ ва аз чизе афсӯс намехӯрӣ?“ Шубон ҷавоб дод: „Шумо ҷавоб ба дуои имрӯзаи мо мебошед. Мо худи ҳозир Таронаи 22-юми Забурро оиди он хондем, ки Худо барои мо дар пеши назари душманон дастурхон пахн мекунад. Акнун шумо омадед. Агар шумо аз он чи дар рӯи миз аст, чизе хӯрдан хоҳед, ман онро бо ҳам дидан мехоҳам. Шуморо Худо фиристодааст“.

„Ту чӣ гуна метавонӣ чунин суханони аҳмақона гӯӣ? Мо туро ба ҳабсхона мебарем, ки он ҷо ту шояд мемирӣ. Ту фарзандонатро дигар ҳеҷ намебинӣ“. Шубон бо ҳамон оромӣ давом дод: „Агар дар водии сояи марг биравам ҳам, аз бадӣ наметарсам“.

Полис дод зад: „Ҳама аз марг метарсанд! Ман инро медонам! Ман дар чашмони маҳбусон тарсро дидаам!“

„Сояи саг газида наметавонад, ва сояи марг кушта наметавонад. Шумо метавонед моро зиндонӣ кунед, кушед, аммо аз ин бадтар ҳеҷ чизе бо мо рух намедиҳад. Мо дар Масеҳ ҳастем, ва агар бимирем, Ӯ моро ба ҷаҳони худ мебарад“, — гуфт шубон.

*Ҷаҳон. Он чун саҳмияҳои (акция) ширкати гул-гул шукуфон дар олами соҳибкорӣ арзиш пайдо карда истодааст. Хушбахтона, ҳамаи имондорон саҳмиядорони атои Худо дар Исои Масеҳ ҳастанд. Аммо бисёр одамон осоиш надоранд. Баъзеҳо доимо хавотир мешаванд ва дору мехӯранд, то ки бе ёрии Худо осоиш пайдо кунанд. Аҳволи саломатии онҳо зери таъсири дору беҳтар шавад ҳам, ин беҳтаршавии муваққатӣ хоҳад буд. Баъд боз безобитагиҳо ва хавотиршавиҳо сар мешаванд. Баръакс, осоиши илоҳӣ ба мо имкон медиҳад, то дар азобҳоямон ба осонӣ осоишро нигоҳ дорем. Ҳеҷ гуна санҷиш наметавонад шуморо аз умед ба Худо маҳрум кунад. Агарчи мусибат баногоҳ фаро расида метавонад, шумо дар дил осоиши илоҳиро дошта, чун шубон дар ин ҳикоя, барои мардона пешвоз гирифтани он омода хоҳед буд.*

Дили боматонатро Ту
дар осоиши комил нигоҳ
медорӣ, зеро ки вай ба Ту
таваккал мекунад.

*Ишаъё 26:3*

# Фикрҳои фавқулодда

**Украина:** коҳини православӣ Георгий Чарнетский

**„Тезтар роҳ гард, падари рӯҳонӣ!“ — механдид посбон, коҳини 50-солаи шаллоқхӯрдаро ба камера тела дода. Ӯро шаби 12 ба 13-юми сентябри соли 1937 дар деҳаи Вергуны дар наздикии Черкассы, дар хонаи Филипп Ткачеви мӯйсафед ҳабс карданд. Мӯйсафед ӯро барои ғӯтаи таъмид додани набераaш даъват карда буд. Падари рӯҳонӣ Георгий панҷ фарзанд дошт — Георгий, Лев, Петр, Павел ва Лида. Онҳо бо корҳои тасодуфӣ нони худро ёфта мехӯрданд, зеро ҳокимияти шӯравӣ ба фарзандони „поп“ кори доимӣ намедод.**

Ҳангоми пурсуков шоҳидон Макар Козак ва Аким Казановский баёнот доданд, ки Георгий дар бозори Черкассы ба одамон мегуфт, ки онҳо аз боиси бехудоӣ бад зиндагӣ мекунанд. Вай ҳамчунин мегуфт, ки замоне мерасад, ки бар калисоҳои маҳкумшуда салибҳои тилло дурахшон мешаванд, зиддимасеҳ нобуд мегардад ва ҳама Худоро ҳамду сано мехонанд. Ҳангоми пурсуков коҳин тасдиқ кард, ки ба одамон ин фикрҳои фавқулоддаро гуфтааст, аммо аз Худо даст кашиданро рад кард. Коҳинро нисфишаби 24-уми январи соли 1938 қатл карданд.

*Фикрҳои ғамангез, андӯҳи доимӣ ба мо таъсири амиқ расонда метавонанд. Агар мо диққати худро фақат ба азобҳо равона кунем, дар натиҷа пур аз дарду алам шуда метавонем. Аммо агар дар байни мусибат имон ва умедро нигоҳ дорем, бар вазъиятҳо дастболо шуда метавонем. Мо на танҳо худро аз рӯҳафтодагӣ ва маъюсӣ наҷот медиҳем, балки ба дигарон ёрӣ дода метавонем. Оё шумо дар вақти душвориҳо ба оянда дурахшон бовар мекунед? Дар ёд нигоҳ доред, шумо рӯйдодҳои зиндагиро идора карда метавонед. Аз Худо талаб кунед, ки барои устуворона паси сар кардани санҷишҳо қувват диҳад ва барои ба дигарон умед бахшидан роҳатонро кушояд.*

Ва осоиштагии Худо ки аз
ҳар хирад болотар аст,
дилҳои шумо ва фикрҳои
шуморо дар Исои Масеҳ нигоҳ
хоҳад дошт.

*Филиппиён 4:7*

**Дил ноором аст, то даме ки дар Ту ором шавад.**

Августини муқаддас



# Муқаддаси фавқулодда

**Осиёи Хурд:** Николайи муқаддас

**„Ин корро накун!“ — нидо кард Николай, ҳангоме дид, ки ҷаллод шамшерро бардоштааст, то маҳбусро кушад. Ӯро барои имон ба Масеҳ куштанӣ буданд. Ҷаллод ба роҳиб бо ҳайрат нигарист, аммо итоат кард: аз ин шахс қувваи номафҳуме бармеомад.**

Ҷаллод ногаҳон аз роҳаш гашт: „Бигузор мувофиқи гуфти ту шавад: Имрӯз бояд бисёр касонро қатл кунам. Ман сабр мекунам“. Вай туф кард ва дур шуд, то ки қатлро дар дигар ҳавлии зиндони шаҳри Патарии вилояти Ликия давом диҳад.

Николай дар замони барои Калисо душвор Масеҳро далерона мавъиза менамуд. Вай дар оилаи худотарс ба воя расида буд. Тағояш, ки низ Николай ном дошт ва усқуф буд, ба вай таъсири калоне дошт. Ҳангоме ки волидони Николай аз вабо мурданд, вай тамоми моликияташро ба камбағалон дода, худаш ба дайр (монастир) рафт. Соли 303 қайсари Рум Диоклетиан яке аз таъқиботи сахттаринро бар масеҳиён сар кард. Он қадар имондорони зиёд кушта шуданд, ки ҳатто ҷаллодон монда мешуданд ва бо навбат кор мекарданд.

Николайро низ аз озодӣ маҳрум карданд, сахт лату кӯб намуданд. Ӯ аз ҳамаи шиканҷаҳо гузашт, аммо Писари Худо будани Исоро инкор накард. Чӣ гуна ӯ метавонист эҳёи Онеро рад кунад, ки барояш чунин воқеӣ буд? Николай дар байни беадолатии азим матин буд. Ӯро қатл накарданд. Ҳангоме ки таъқибот тамом шуданд, ӯ аз зиндон баромад. Вақте архиепископи шаҳри Миро вафот кард, ӯ он хизматгузорро иваз намуд. Тамоми умри боқимондааш ӯ барои ятимон сағирхонаҳо ташкил менамуд ва кӯдакони камбағалро ҳимоя мекард. Ӯ худро ба паҳн кардани Инҷил бо корҳои нек бахшид. Боре ӯ ба тирезаи хонаи ду духтараки камбағал пулро ба ҷӯроб андохта партофт, то ки онҳоро ба фоҳишахона нафурӯшанд. Ӯ доимо ин гуна корҳои некро мекард. Николай аз Мирои Ликия соли 342 вафот кард, аммо одамон ӯро баъди маргаш ҳам фаромӯш накарданд, навзодонро бо исми ӯ ном мегузоштанд ва ӯро ҳомии кӯдакони камбағал меҳисобиданд.

*Якчанд сол пас аз вафоташ Николайро бо муҳаббат Николайи муқаддас номиданд. Барои бисёр кӯдакон шаби пеш аз мавлуд шаби сеҳрангез аст, зеро онҳо омадани Санта Клаусро интизоранд, ки пародияи Николайи муқаддас аст. Тарҷимаи ҳоли воқеии Николайи муқаддас пур аз қаҳрамонӣ ва муҳаббат аст. Оиди ҳаёти худ фикр кунед. Оё одамон оиди имони шумо ба Масеҳ ҳақиқатро медонанд? Ё онҳо шуморо фақат чун шахси дӯстдоранда ва хеле хушахлоқ медонанд? Агарчи Санта Клаус воқеӣ нест, Николайи муқаддас инсони воқеӣ буд, ва шумо низ бояд инсони воқеӣ бошед. Шояд, шумо худро муқаддас ҳис намекунед, аммо ба ҷаҳон намунаҳои воқеии масеҳиёни ҷасур даркоранд. Шумо имрӯз барои ба таври воқеӣ нишон додани имони худ чӣ кор мекунед?*

Худовандро дӯст доред, эй ҳамаи порсоёни ӯ! Аминонро Худо ҳифз менамояд.

*Забур 30:24*

# Омодагии фавқулодда

**Байт-Лаҳм:** Марям, модари Исо

**„Ман таваллуди фарзанди аввалинамонро ба худ дигар хел тасаввур мекардам“, — гуфт зани ҷавон дар байни дарди зоиш. — „Ту боварӣ дорӣ, ки ин ҷо ба таври кифоя тоза аст?“ — пурсид вай аз Юсуф.**

„Ман намедонам, азизам“, гуфт вай бо ташвиш. — „Аммо фақат ҳамин ҷой барои мо дар Байт-Лаҳм дастрас буд. Охир, мо медонем, ки Худо ин Кӯдакро ҳимоя мекунад. Шояд, дар ин ҷо будани мо мувофиқи ягон мақсади Ӯст“.

Боз як дарди зоиш фаро расид ва Юсуф гуфт: „Чуқуртар нафас каш“. Вай рӯи занашро бо латтаи тар пок кард. „Тоқат кун, шояд, баъди якчанд дақиқа ҳамааш тамом мешавад“.

Марям дандонҳояшро зич карда, гуфт: „Ман дар хонаи худ таваллуд кардан мехостам. Мехостам, ки модарам дар наздам бошад, то ба ман ёрӣ диҳад“.

„Ман ба ту ёрӣ дода истодаам“ — гуфт Юсуф, — „бинобар ин лозим меояд, ки худамон аз ӯҳдааш бароем. Ва мо ҳар ду медонем, ки Худо бо мост“. Сипас вай кӯшиш кард ҳазл кунад: „Агар ёрии иловагӣ даркор шавад, дар назди мо боз говону гӯсфандон ҳастанд“.

Дард гузашт ва Марям ба Юсуф табассум намуд. Ҳангоми дарди навбатӣ вай худро сахт гирифт. Ба зудӣ Писари вай ба дунё омад. Ӯро Исо ном гузоштанд, айнан ҳамон тавре ки фаришта ба онҳо гуфта буд.

Мо баъзан душвориҳоеро, ки Марям ва Юсуф барои ба олам овардани Подшоҳи подшоҳон аз сар гузарондаанд, фаромӯш мекунем: оғил ба ҷои палатаи зоиш, фирор ба Миср, камбағалӣ, бадгӯиҳо. Аммо ба ҳар ҳол онҳо аз боиси муҳаббат ба Худо тамоми душвориҳоро паси сар карданд.

*Библияро хонда, чунин фикр карда метавонем, ки агар Худо ваъдаҳои худро бо ягон хел аломат ҷиҳозонида бошад (ба монанди фариштаи қосид), ба онҳо бовар кардан осонтар аст. Аммо ҳатто Марям, бо вуҷуди чунин аломат, баъзан шубҳа мекард. Ҳангоме Фаришта Ҷаброил ба Марям хабар дод, ки ӯ Писари Худоро таваллуд хоҳад кард, эҳтимол, ин як чизи боварнокарданӣ метобид. Ӯ ба Ҷаброил ҷавоб дод: „Ин чӣ гуна мешавад, дар сурате ки ман бокира ҳастам?“ Бо вуҷуди безобитагӣ, Марям қарор дод ба ваъдаи Худо бовар кунад ва ба Ӯ итоат кунад. Омодагии соддаи ӯ ба ҷаҳон нақшаи илоҳии наҷотро овард. Оё Худо, бо вуҷуди шубҳаҳоятон, шуморо ба омодагӣ даъват мекунад? Чун дар мавриди Марям, омодагии итоат намудани мо ба иродаи Худо метавонад барои Малакути Худо аҳамияти калон дошта бошад.*

Марям гуфт: „Инак, канизи Парвардигор ҳастам; бигзор бо ман аз рӯи каломи Ту бишавад“.

*Луқо 1:38*

# Назми фавқулодда

**Румыния:** Думитру Баку

**Думитру Баку солҳои 1950-1960 маҳбус буд. Ҳукуматдорони коммунистии кишвар ӯро ва бисёр маҳбусони дигарро фақат барои масеҳӣ будан айбдор намуданд. Думитру 15 солро дар ҳабсхона гузаронд ва тамоми ин муддат оиди муҳаббат ба Худо шеърҳо эҷод менамуд. Вай шеърҳоро дар пораҳои хурди собун менавишт ва онҳоро бо ёрии алифбои махсуси зиндонӣ дар девор тақ-тақ зада ба дигарон мерасонд, то ки дигарон онҳоро аз ёд карда, аз камера ба камера расонанд.**

Баъди озодшавӣ Думитру ба дӯстонаш гуфт: „Дарде ки ҷисмҳои моро суст кардааст, дилҳои моро мутеъ карда натавонист, Ба ҷои нафрат мо муҳаббат, фаҳмиш ва хирадро мустаҳкам мекардем“. Инак яке аз шеърҳое ки Думитру дар камераи якканишин эҷод кардааст (тарҷума аз румынӣ):

Дишаб Исо ба камераи ман омад;

Ӯ қоматбаланд буд; Ӯ ғамгин буд, аммо чӣ гуна пурнур!
Рӯшноии моҳ, ки бароям гаронбаҳо буд, банохост хира шуд,
Ҳангоме ки ман бо ҳайрат ва хушбахтӣ ба Ӯ менигаристам.
Ӯ назди бӯрёе ки ман нишаста будам, омад
Ва банохост ба ман нишон дод, ки чӣ азобҳо кашидааст.
Дар дастону пойҳояш ҳама пайҳо намоён буданд,
Ва дар биқинаш, ки дилаш он ҷо мезад.
Ӯ табассум намуд ва ғоиб шуд. Ман ба сангҳо афтидам.
Ва нидо кардам: „Эй Исо, маро тарк накун!“
Ман панҷараро фишор додам ва хорҳо ба кафҳоям халиданд:
Атои муборак, пайҳои захми муборак.

*Камераи торики ҳабсхона ва аз даст додани озодӣ одатан сарчашмаи илҳоми шоирона намегардад. Думитру тавонист азобҳои худро ба имконияти ҷалол додани Худо табдил диҳад ва ба одамон таассурот гузорад, то ки диққати онҳоро ба Масеҳ равона кунад. Азобҳои ӯ дар муқоиса бо азобҳое ки Масеҳ барои ӯ кашид, ҳеҷ метобиданд. Агар бисёрии масеҳиён он чиро ки Думитру паси сар кард, аз сар мегузарониданд, на илҳом, балки маъюсӣ ва андӯҳро ҳис мекарданд. Баъзеҳо шубҳа мекарданд, ки Худо ҳақиқатан оиди онҳо ғамхорӣ мекунад. Сатрҳои ситоиши шоиронаи Худо ба хотири онҳо намеомад. Аммо Думитру на ба камераи худ, балки ба Исо менигарист ва пур аз ситоиш буд. Шумо ба азобҳо чӣ аксуламале нишон медиҳед? Ҳангоме ки азоб кашиданатон лозим меояд, дар назди худ чиро мебинед — монеа дар роҳи хушбахтӣ ё имконияти ба Худо хизмат намудан ва ситоиш кардани Ӯ?*

На ин ки ба сабаби мӯҳтоҷӣ мегуфта бошам; зеро ман ёд гирифтаам, ки бо он чи дорам, қаноат намоям.

*Филиппиён 4:11*

# Ҳимоятгари фавқулодда

**Румыния:** Анутса Мойсе

**Соли 1944 Артиши Сурх Румынияро ишғол намуд. Дар кишвар режими тоталитарии шӯравигаро ҳукмрон шуд. Ҳокимияти нав немисҳоро таъқиб намуда, онҳоро дар тарафдорӣ ба фашистон айбдор мекард. Анутса Мойсе қарор дод ба ҳамсояҳояш — маҳз ба ҳамонҳое ки пештар вайро барои яҳудӣ ва илова бар ин масеҳӣ буданаш нафрат доштанд, сарпаноҳ диҳад. Дар солҳои ҳокимияти фашистӣ тасодуфе вайро аз таъқибот наҷот дод. Ҳангоме вай ба ҳамсояҳои немисаш пешниҳод намуд, ки аз коммунистҳо дар хонаи вай пинҳон шаванд, онҳо бовар карда наметавонистанд, ки вай ҷиддӣ мегӯяд.**

„Магар дар ёд надорӣ, ки маҳз мо туро қариб ҳабс мекунондем?“ — пурсид ҳамсоя.

„Албатта дар ёд дорам“, — гуфт Анутса. — „Аммо ман масеҳиям ва Худо ба ман имкон намедиҳад, ки кина дошта бошам. Ман шуморо бахшидам ва акнун ёрӣ дода метавонам. Исо шуморо дӯст медорад ва ман низ дӯст хоҳам дошт“.

Муҳаббати вай онҳоро ҳайрон кард ва онҳо ба вай пайравӣ намуда, ба Масеҳ имон оварданд. Вай, чун шубон Ричард Вурмбранд ва занаш Сабина, кӯдаконеро ки волидонашонро фашистон дар лагерҳои марг нобуд карда буданд, тарбия менамуд.

Дертар Анутса ба Норвегия рафт ва он ҷо дар байни яҳудиёни имондор фаъолона хизматгузорӣ мекард. Дар давоми ин хизматгузорӣ вай 10 ҳазор доллар ҷамъ кард, то ки фидия дода, шубони собиқи худ Ричард Вурмбрандро озод кунад. Вай ба оилаи Вурмбрандҳо ва писарашон Михай ёрӣ дод, ки аз Румынияи коммунистӣ ба Ғарб муҳоҷират намоянд. Бе муҳаббати Анутса, ки шубон ва оилаи ӯро ҷонибдорӣ мекард, асосгузори „Садои риёзаткашон“ метавонист дар маҳбаси коммунистӣ ҳалок шавад.

*Ҳангоме ки Худованд моро ба пайравии Худ даъват мекунад ва мо итоат мекунем, ин маънои онро дорад, ки мо бояд дар ҳама ҷо Ӯро пайравӣ кунем ва ҳар чи талаб кунад, ба ҷо оварем. Ба шарофати он ки Анутса ба даъвати худ ҷиддӣ муносибат намуд, вай ба душманонаш низ бо муҳаббат ва омурзиш муносибат намуд. Қарори пинҳон намудани собиқ таъқибкунадагони худ саъю кӯшиши зиёдро металабид, аммо Анутса аз ӯҳдаи он баромад. Вай итоаткорона омурзишро аз алам ва қасос афзал донист, ва ба намунаи муҳаббати Масеҳ пайравӣ намуд. Худо ба шумо чӣ кор карданро фармудааст? Имконияти иҷро намудани кори дорои аҳамияти абадиро аз даст надиҳед.*

Душманони худро
дӯст бидоред,
ба нафраткунандагони
худ некӣ кунед.

*Луқо 6:27*

# Пазмоншавии фавқулодда

**Эрон:** шубони таъқибшаванда

**Баъзан ман рӯзҳои таъқиботро пазмон мешавам!**

Ин суханони шубони эронӣ мебошанд, ки ба Ғарб гурехтааст Дар Эрон масеҳиёнро таъқиб ва ҳабс намудани полис кори оддист. Вай аз боиси имон хона ва корашро аз даст дод. Акнун вай метавонист дар ҳар ҷое ки хоҳад, озодона зиста, Худоро ситоиш кунад. Пас, чӣ гуна вай метавонист замонеро, ки гирифтори таъқибот буд, пазмон шавад?

„Баъзан ман он рӯзҳоро пазмон мешавам“, — гуфт вай, — „зеро ман пур аз зиндагӣ будам. Ҳар рӯз ман ҳис мекардам, ки Исо бо ман аст“.

Шубон дар солҳои ҷанги Ироқу Эрон дар назди хатти пеши фронт калисо ташкил намуд. Вай ронандаи такси буд ва барои ба камол расондани калисои худ пул кор мекард. Вай ба мусофирон Инҷилро мавъиза мекард. Дар давоми ду сол вай намояндагони ҳафт миллатро назди Масеҳ овард. Бисёр аскарон рӯзҳои якшанбе назди шубон меомаданд, то ки бо ҳам Худоро ситоиш кунанд. Вай 15 нафар мусулмонони собиқро, ки пайрави масеҳият шуданд, таъмид дод.

Шубон ва занаш дар ҳама чиз ба Худо таваккал мекарданд. Ҳангоме ки дар атрофи онҳо бомбаҳо метаркиданд, онҳо оиди ҳимояти Ӯ дуо мекарданд. Ҳангоме ки пул намерасид, онҳо оиди парастории Ӯ дуо мекарданд. Ва ҳар рӯз Худо назди онҳо меомад. Хизмати онҳо мукофотонида шуд. Даҳ нафар аъзоёни ин калисо дертар шубонҳо шуданд. Акнун шубон самари хизмати дар назди хатти пеши фронт анҷомдодаи худро мебинад.

*Агар шумо ҳеҷ гоҳ дӯст надошта бошед, фаҳмида наметавонед, ки бо дили шикаста зистан чӣ маъно дорад. Агар шумо ҳеҷ гоҳ шахси дӯстдоштаатонро гум накарда бошед, шахсони андӯҳгинро то охир фаҳмида наметавонед. Андӯҳро аз рӯи он чи худатон аз сар нагузарондаед, фаҳмида наметавонед. Онҳое ки барои имон таъқиботро аз сар гузарондаанд, оиди андӯҳи махсусе гап мезананд. Онҳо на таъқиботро, балки ҳисси умумиятро, ки таъқибот ба онҳо медоданд, пазмон мешаванд. Онҳо на шиканҷаҳоро, балки он чиро пазмон мешаванд, ки аз ин шиканҷаҳо омӯхтаанд. Натиҷаи ниҳоӣ аз худи азобҳо муҳимтар аст. Агар шумо дар имон пурратар зистан хоҳед, бояд омода бошед, то итоаткорона барои Масеҳ фидокорӣ намоед. Ин низ яке аз намудҳои азобҳост.*

Зеро уқубати сабуки мо,
ки кӯтоҳмуддат аст,
ҷалоли абадиро барои мо ба
андозаи бениҳоят бузург ба
вуҷуд меоварад.

*2 Қӯринтиён 4:17*

# Изҳороти фавқулодда

**Русия:** Петр Сименс

**Петр Сименс дар фарши ифлоси ҳабсхона беҳуш хобида буд. Ӯро барои он ҳабс карданд, ки ба кӯдакон оиди Инҷил нақл мекард. Ҳамроҳони маҳбусаш, ки ҷинояткорон буданд, ба хотири ваъдаи посбонон, ки режими ҳабсхонаро сусттар кардани буданд, Петрро бераҳмона лату кӯб намуданд.**

Ҳангоме ки Петр ба хуш омад, яке аз маҳбусон пурсид: „Чаро ҳангоме ки мо туро мезадем, доду фарёд накардӣ?“

„Ман намедонистам, ки шумо мувофиқи нишондоди посбонон ба ман дарафтодаед. Шумо маро бе он ки посбонон хабар дошта бошанд, зада метавонистед, ҳамин тавр мешавад-ку“, — ҷавоб дод Петр бо лабҳои хунолуд. — „Агар ман доду фарёд мекардам, шумоёнро барои вайрон кардани қоидаҳои ҳабсхона ба картсер мешинонданд. Ман намехостам, ки дигарон аз боиси ман ҷазо бинанд, зеро ман Исоро дӯст медорам, ва Исо шумоёнро дӯст медорад, бинобар ин ман ҳам шуморо дӯст медорам“.

Ин суханон ҷинояткорони ашаддии ҳамкамераи Петрро ба риққат овард. Онҳо ба воситаи алоқаи пинҳонии худ ба зиндониёни дигар хабар фиристоданд, ки посбонон ҳар чиз ваъда диҳанд ҳам, касе ба Петр даст нарасонад.

Маҳбусоне ки дар он ҳабсхона интизори қатл буданд, оиди Петр шунида, аз вай панду насиҳат хостанд. Петр рад накард, ва ба воситаи посбоне ки ҳамдардӣ мекард, ба маҳкумони қатл оиди муҳаббати Исо нақл кард. Шояд, ба шарофати мавъизаи Петр касе аз байни онҳо пеш аз қатл Масеҳро қабул кард. Намунаи зиндаи муҳаббати масеҳиёнаи вай ба одамоне ки ҳеҷ гоҳ оиди Хушхабар нашунида буданд, имкон дод, то онро қабул кунанд.

*Сухан қуввати азим дошта метавонад. Машварати саривақтӣ, тасалло, дастгирӣ барои шахси эҳтиёҷманд ёрии калоне шуда метавонанд. Агар ин эҳтиёҷ рӯҳонӣ бошад чӣ? Петр Сименс он суханонашро аз сабаби муҳаббат ба Масеҳ гуфта буд. Ин муҳаббат ба вай ҷасорат дод, то ба душманонаш ҳангоми эҳтиёҷи сахти онҳо оиди муҳаббати Масеҳ гап занад. Петр ба даъвати Худо содиқона пайравӣ мекард, ва Худо бо ёрии суханони Петр тақдири абадии бисёр маҳбусони ҳамроҳаш бударо тағйир дод. Оиди он фикр кунед, ки ба намунаи шумо пайравӣ карда ва суханони шуморо қабул намуда, касе абадиятро соҳиб шуда метавонад.*

Сухане ки дар мавқеаш
гуфта шуда бошад,
мисли себҳои заррин аст,
ки дар зарфҳои шаффофи
нуқрагин бошанд.

*Масалҳо 25:11*

**Таъқибот моро маҷбур намекунанд, то хонаи худро тарк кунем. Таъқибот ба мо ёрӣ медиҳанд, то дар роҳ сӯи „хона“-и ҳақиқиямон пеш равем.**

Шубон И. Колау



# Ноумедшавии фавқулодда

**Аврупои Шарқӣ:** башоратдиҳандаи маъруф

**„Ман метавонистам боз як касро руҷӯъ кунонам“.**

Башоратдиҳандаи маъруф аз ҳабсхона ба дӯстонаш мактубе фиристода, дар он шикоят мекард, ки осудагӣ пайдо карда наметавонад. Ин шахс ҳазорон одамонро назди Масеҳ оварда буд, бинобар ин на дӯстонаш дар озодӣ ва на дигар масеҳиёни маҳбус фаҳмида наметавонистанд, ки чӣ чиз виҷдони ӯро азоб медиҳад.

„Ман дар ҷамъомади башоратдиҳӣ мавъиза мекардам“, — фаҳмонд вай. — „Ман тамоми дили худро дар ин суханон ҷой кардам ва дар охир дусад кас пеш баромада Масеҳро қабул карданд. Маро шодӣ фаро гирифта буд, аммо ман хеле хаста шуда будам. Ҳангоме ки ман мерафтам, ҷавоне назди ман омад. «Шубон, ман бо шумо гап задан мехоҳам», — гуфт вай. Ман ҷавоб додам, ки хеле хаста шудаам ва хоҳиш кардам, ки пагоҳ саҳарӣ биёяд. Аммо бегоҳии ҳамон рӯз маро ҳабс карданд. Маро панҷ рӯз беист, шабу рӯз пурсуков мекарданд. Ма ба ҳамаи саволҳои онҳо ҷавоб додам. Ман аз тарси он ки маро мезананд, ҷавоб медодам. Аз тарси шиканҷаҳо ман метавонистам панҷ шабонарӯз беист гап занам. Аммо он бегоҳ натавонистам ба хотири муҳаббат ба Худо панҷ дақиқа ҷудо карда, бо ҷавоне ки ҳаёти навро меҷуст, сӯҳбат кунам. Чӣ гуна ман метавонам назди Худо ҳозир шуда гӯям, ки он рӯз 200 касро назди Масеҳ овардам, дар ҳоле ки 201 касро руҷӯъ кунонда метавонистам?“

*Баъзан мо имкониятеро ки Худо барои ба одамон оиди Масеҳ нақл кардан додааст, сарфи назар мекунем. Мо чунин меҳисобем, ки дертар, ҳангоме ки лаҳзаи беҳтар фаро расад, ин корро мекунем. Аммо, шояд, мо имконияти дигар нахоҳем дошт. Имконияти додаи Худоро сарфи назар карда, мо чун ин башоратдиҳанда, метавонем дертар дарк кунем, ки он лаҳзаи кӯтоҳ атое буд, ки дар тӯли ҳаёт танҳо як бор дода мешавад. Мутаассифона, ин лаҳза метавонад ягона мавриде бошад, ки шахси дигар аз шумо хоҳиш кунад, то оиди ба даст овардани атои ҳаёти абадӣ дар Исо нақл кунед Дар осмон Худо метавонад аз шумо пурсад, ки чаро ҳангоме ки имоният доштед, ба ягон кас Инҷилро мавъиза накардед. Шумо чӣ ҷавоб медиҳед?*

> То вақте ки рӯз аст, Ман бояд аъмоли Фиристандаи Худро ба ҷо оварам; шаб ки ояд, ҳеҷ кас наметавонад коре бикунад.
>
> *Юҳанно 9:4*

# Атои фавқулодда

**Хитой:** духтари хурдсол

**„Ман мехоҳам бо ту оиди атои ғайриоддӣ гап занам“, — гуфт як хитоӣ ба духтараки сиёҳмӯи зебочеҳраи худ. Вай дар интизори ягон чизи дилпазир табассум кард. Ба вай хеле маъқул буд, ки падари хирадмандаш оиди Худо ягон чизи махсус нақл кунад. Ӯ Худоро дӯст медошт ва ҳамаи онҳое ки ӯро мешинохтанд, аз раҳмдилӣ ва ҳамдардии ӯ мутаассир мешуданд.**

Вай Библияи кӯҳнаи худро гирифта, сар кард: «Ин ато дар ба Нома Филиппиён (1:29) аст. Он ҷо гуфта мешавад: „Зеро ба шумо ба хотири Масеҳ ато шудааст, ки ба Ӯ на танҳо имон оваред, балки барои Ӯ уқубат ҳам кашед“. Он чи ба мо дода шудааст, „ато“ номида мешавад. Дар ин оят оиди ду ато гуфта мешавад — имон ва уқубат. Уқубате ки мо аз боиси ба Худо имон доштани худ мекашем — атои гаронбаҳоест, ки арзиши онро танҳо дар осмон фаҳмидан мумкин аст». Духтараш табассум кард. „Ташаккур, падар“, — гуфт вай ва падарашро оғӯш кард. — „Ман фаҳмидам“.

Ин духтарак калон шуд ва зани шубон Ли Дэсян шуд, ки вайро беш аз даҳ бор барои имонаш ҳабс карда, то ниммурда шуданаш лату кӯб карда буданд. Вай ҳамроҳи шавҳараш даст ба даст кор карданро давом медиҳад, зеро аз хурдсолӣ омӯхта буд, ки ба хотири Худо азоб кашидан ато мебошад. Шубон Ли ва занаш бисёриҳоро дар Хитойи коммунистӣ назди Масеҳ оварда, хизмати худро давом медиҳанд, агарчи ба онҳо доимо хатари ҳабс шудан таҳдид мекунад.

*Атоҳои имон бо азобҳо ҳамроҳӣ мекунанд. Онҳо на танҳо ҷудонашаванда мебошанд, балки якдигарро тақвият медиҳанд. Агар ба мо атои имон ба Исои Масеҳ дода шуда бошад, мо Масеҳро пайравӣ мекунем. Масеҳро пайравӣ намудан — худро ба хатар андохтан, зидди ақидаҳои машҳури дунявӣ баромад кардан, ба нофаҳмӣ дучор шудан ва ҳатто дарди ҷисмонӣ ва маънавӣ кашидан аст. Имон бисёр вақт боиси азобҳо мешавад. Ҳангоме мо ҳамон азобҳоеро ки Масеҳ ба онҳо дучор шуда буд, аз сар мегузаронем, ӯро беҳтар ва пурратар мефаҳмем. Ва боз ҳодисаҳо ба таври даврӣ такрор мешаванд, зеро азобҳо имони моро тақвият медиҳанд. Гумон накунед, ки имони худро ба Масеҳ кам накарда, ҳаёти худро аз азобҳо эмин нигоҳ дошта метавонед.*

*Эй бародарони ман, вақте ки ба озмоишҳои гуногун дучор мешавед, инро барои худ шодии бузург ҳисоб кунед.*

*Яъқуб 1:2*

# Муаллими фавқулодда

**Рум:** Юстини риёзаткаш

**Префекти румӣ Юний Рустик аз он ба хашм омада буд, ки файласуф Юстин барои ҳимояи масеҳиён ба худи қайсар бо мактуб муроҷиат намудааст. Юстин маҷлиси дуои масеҳиёнро тасвир менамуд, ки одатан бо ҷамъ овардани хайрот анҷом меёбад ва он барои ёрӣ ба сағираҳо, беваҳо, маҳбусон, ғарибон ва ҳамаи мӯҳтоҷон сарф мешавад. Мактубро барои тафтишот ба префект баргардонданд.**

„Гӯш кун, аксарияти одамони ин шаҳр чунин меҳисобанд, ки шумо худоёни Румро таҳқир мекунед“, — гуфт хизматчии ҳукуматӣ, ки ба хашм омада буд. — „Ба Рум дини нав даркор нест“.

Префект намефаҳмид, ки чаро файласуф аз мактабҳои дар ҷамъият маъруф ва мӯҳтарам дур шуда, бо чунин як кори аҷибе ба монанди мавъизаи дини номаълум машғул шудааст. Префект медонист, ки Юстин дар Фаластин дар оилаи колонистҳои румӣ таваллуд шудааст. Волидони вай худоёни румиро мепарастиданд. Юстин дар мактабҳои гуногуни фалсафӣ таълим гирифта буд — дар назди стоикҳо ва пайравони Пифагор, пайравони Афлотун ва перипатетикҳо, аммо дар ҳеҷ ҷой ба худ макон наёфт. Боре дар соҳили баҳр Юстин пирамардеро вохӯрд Вай ба Юстин гуфт, ки фалсафа Ҳақиқатро фаҳмонда наметавонад, зеро ҳақиқат танҳо дар таълимоти Масеҳ аст. Он гоҳ Юстин ба омӯхтани Каломи Худо сар карда, онро ба дигарон мавъиза менамуд. Вай файласуф-муаллими оворагард шуд, ки ба ҷаҳон нури Инҷилро мерасонд.

Префект Юстинро ҳамроҳи шаш масеҳии дигар ба доварӣ супурд ва онҳо ба марг маҳкум карда шуданд. Соли 165 ӯро сар заданд. Аз он замон ин муаллимро Юстини Риёзаткаш меноманд.

*Ҳангоме кор ба мавъизаи имони худ дахл дорад, бисёрии одамон ба се категория тақсим мешаванд — онҳое ки ин корро бо ҷидду ҷаҳд мекунанд, бе ҷидду ҷаҳд мекунанд ва умуман намекунанд. Ҳангоме Исо масеҳиёнро даъват мекунад, ки ба ҷаҳон рафта, одамонро таълим диҳанд, баъзеҳо ин корро бо ҷидду ҷаҳд мекунанд. Ба монанди Юстин, онҳо хаста нашуда, барои Инҷил хизмат мекунанд. Дигарон бе ҷӯшу хурӯш ба даъват ҷавоб медиҳанд, ва бо гузашти солҳо ё баробари афзудани ташвишҳои маишӣ суръати хизматро суст мекунанд. Мутаассифона, бисёр масеҳиён ҳеҷ кор намекунанд. Онҳо таъинотро мешунаванд, аммо чунин меҳисобанд, ки ин корро каси дигар мекунад. Шумо ба даъвати Исо оиди башорат додан чӣ гуна чавоб медиҳед? Аз Худо хоҳиш кунед, то шуморо бо хоҳиши нави ба одамон оиди имони худ нақл кардан пур кунад. Агар дар ҷавоб шумо интизори даъват ба корҳои бузург ҳастед, барои ба исми Масеҳ иҷро кардани корҳои бузург омода бошед.*

Ва Исо наздик омада, ба онҳо гуфт: „Ба Ман тамоми қудрат дар осмон ва бар замин дода шудааст. Пас биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба исми Падар ва Писар ва Рӯҳулқудс таъмид диҳед.“

*Матто 28:18, 19*

# Риёзаткашони фавқулоддаи замони қадим

**Рум:** Хрисанф

**„Писарам, ту наметавонӣ ба он бовар кунӣ, ки ин Исо ҳақиқатан вуҷуд дошт“, — гуфт падар ба Хрисанф.**

„Ман медонам, ки ин рост аст, падар“, — ҷавоб дод Хрисанф. — „Ман бовар мекунам, ки Исо ба ҷаҳон омад, то ки ману шумо барин гуноҳкоронро наҷот диҳад. Ӯ нури ҷаҳон аст. Дар бутҳое ки ту мепарастӣ, умеде нест“.

Падар Хрисанфро якчанд рӯз дар таҳхона маҳкам кард, аммо боз ҳам мешунид, ки писараш Худоро ситоиш мекунад. Хрисанфро аз имонаш дур карданӣ шуда, падар ӯро бо ҳаловатҳои дунявӣ иҳота намуд, ба хона мусиқанавозон ва духтарони зеборо даъват намуд, аммо Хрисанф дар имон устувор буд. Он гоҳ падар ба хона Дария ном зани бениҳоят зебои бутпарастеро овард, то ки писараш Масеҳро фаромӯш кунад. Аммо Хрисанф ба ҷои ин ӯро назди Масеҳ овард, ва ӯ ғӯтаи таъмид гирифт.

Дертар Хрисанф ва Дария никоҳ карданд ва одамонро назди Масеҳ оварда, аз хизматгузории мӯъҷизаосо ва хурсандибахш ҳаловат мебурданд. Ҳангоме ки ҳукуматдорони румӣ онҳоро барои ҷазо додан бастанд, бандҳо аз дастони онҳо афтиданд. Ҳоким ба сарбозон фамуд, ки Хрисанфро ба сутун баста, калтаккорӣ кунанд, аммо зарбаҳои чӯб дар бадани ӯ пай намегузоштанд. Он гоҳ сарбозон дар Хрисанф қувваи Худоро дида, пеши пои ӯ афтоданд. Сардори онҳо низ ба ҳаққонияти рафтори худ шубҳа кард ва ба ҷазо додани ӯ исрор накард.

Дар кишваре ки ҳама ба бутҳо саҷда мекарданд, Хрисанф таслим намешуд, зеро на ба тасвирҳои худоёни аз санг ё чӯб тарошидашуда, балки ба Худои зинда бовар мекард. Ба шарофати устувории ӯ даҳҳо бутпарастони собиқ ба Масеҳ имон оварданд.

*Дар Инҷил дар тӯли садсолаҳо чизе дигаргун нашудааст. Аммо он аз садсола ба садсола ҳаётро дигаргун мекунад ва одамонро то омадани Масеҳ дигаргун мекунад. Ривоятҳои қадимӣ ва воқеаҳои ҳозира якхелаанд. Дили масеҳии риёзаткаш, ки дар тан куртаи румӣ ва дар по шиппак дошт, монанди дили масеҳии ҳозираи ҷинспӯш аст, ки шаҳодати худро бо почтаи электронӣ равона мекунад. Байни онҳое ки мероси рӯҳонӣ боқӣ гузоштаанд, ва онҳое ки ин меросро давом медиҳанд, мушкилоти падарон ва писарон нест. Дар хатти замон ҷои шумо дар куҷост? Оё мехоҳед, ки шаҳодати шумо бо шаҳодатҳои риёзаткашони қадимӣ дар як қатор истад? Имрӯз дар Масеҳ ҳаёти пур ба сар баред, ва барои рӯзи дигар мероси рӯҳонӣ гузоред. Шумо метавонед ба оила, коллективи корӣ, шаҳр ва ё ҳатто тамоми кишвар ёрӣ расонед, ки дигаргун шуда, ба Масеҳ наздиктар шаванд.*

Валекин Ту, эй Худованд, то абад қоим ҳастӣ, ва зикри Ту то абадуддаҳр аст.

*Забур 101:13*

# Шогирдии фавқулодда

**Ерусалим:** Яъқуб, Писари Забдой

**Таърих ба мо мегӯяд, ки шахсе ки мебоист Яъқубро мекушт, аз ин кор даст кашид. Шоҳ Ҳиродус ҳар дуи онҳоро сар зад.**

Қатл мебоист дар ҳамон рӯзи иди фисҳ ба ҷо оварда мешуд, баъди 14 соли маслуб шудани Исо. Яъқуб, писари Забдойро, ки яке аз шогирдони Исо буд, ба камераи қатл бурданд. Ӯро якчанд сарбозон интизор буданд. Нури чароғҳои равғанӣ дар фарш доғҳои хунро равшан мекард. Ин ҷо аллакай куштор ба амал омада буд. Яъқуб ба чашмони посбон нигарист, аммо посбон рӯяшро гардонд — дили вай нооором буд. Яъқуб аз паси сӯрохии танги дари зиндон борҳо бо вай оиди Исо гап зада буд, ва аз афти кор, дили посбон кушода мешуд. Акнун ҳамсӯҳбати Яъқуб ба қотили ӯ табдил ёфт.

Яъқуб бо омодагӣ ба зону истод. Ҳангоме ки шамшер бардошта шуд, ҳама диданд, ки он бечуръатона ларзид, ва баъд, бе он ки ба Яъқуб зараре расонад, назди вай ба замин афтид. „Ман наметавонам!“ — фарёд зад ҷаллод. — „Ман ӯро қатл намекунам! Он чи ӯ оиди Исо мегӯяд, рост аст, ва ман хизматгори Масеҳро кушта наметавонам“.

Ба ишораи Ҳиродус итоат карда, сарбозон ҷаллодро дастгир карда, дастонашро ба ақиб бастанд ва дар назди Яъқуб ба фарш шинонданд. Ҳар дуи онҳо қатл карда шуданд.

*Устодӣ имрӯзҳо ҳам дар доираҳои рӯҳонӣ ва ҳам дунявӣ маъмул аст. Чунон ки ба назар мерасад, миқдори зиёди одамон қувваи бузурги муносибатҳои шахсии байни ду одамро пайхас менамоянд. Яке чизе гирифта метавонад. Дигаре чизе дода метавонад. Маънои рӯҳонии устодӣ пайравӣ ба намунаи касест, ки ба намунаи Масеҳ пайравӣ мекунад. Як масеҳӣ ба дигаре чӣ гуна мувофиқи имон зистанро нишон медиҳад. Киро дар ҳаёти худ устод номида метавонед? Кадом нишонаҳои монандӣ ба Масеҳро дар вай пайхас кардаед ва мехоҳед онҳоро аз худ намоед?*

…ман ба ту имони худро аз аъмоли худ нишон медиҳам.

*Яъқуб 2:18*

# Маънидоди фавқулоддаи дуо

**Хитой:** аскари Гвардияи сурх

**Ин мактуби шавқоварро ба наздикӣ аз Хитой пинҳонӣ баровардa ба „Садои риёзаткашон“ доданд:**

„Ман ҳанӯз ҷавонам ва дар Гвардияи сурх хизмат мекунам. ман ба ҳеҷ гуна худоён, биҳишт, дӯзах, ба ҳеҷ чиз бовар намекардам. Ман медонистам, ки дар кишвари мо ҳукумат халқро аз ҳар гуна хурофотҳои кӯҳнаи динӣ озод кардааст ва моро сӯи ояндаи дурахшон мебарад. Боре ман тасодуфан барномаи масеҳии шуморо шунидам. Аввал ман хостам радиоро хомӯш кунам. Охир, коммунистон ба Худо бовар намекунанд. Аммо барнома шавқовар буд, бинобар ин ман онро гӯш кардам, ва баъд боз ва боз ба мавҷҳои шумо ҷӯр мешудам. Акнун ман ба Масеҳ бовар мекунам. Аммо ман ду савол дорам.

Якум: «Оё Худо ба Калисои Худ одамонро аз Хитойи коммунистӣ қабул мекунад? Дар барномаи худ шумо оиди калисо мегӯед, аммо дар Хитой калисоҳои масеҳӣ нестанд. Оё Худо бе калисо назди Худ қабул карда метавонад?»

Ин аскари ҷавон намедонист, ки дар Хитой калисоҳои ғайрирасмии зиёде ҳастанд, ва намедонист, ки калисо на бино, балки умумияти онҳоест, ки Масеҳро дӯст медоранд. Сипас вай саволи дуюмро дод: «Оё шумо тарзи дуо гуфтанро ба ман ёд намедиҳед? Ҳар як барномаро шумо бо дуо сар мекунед ва бо дуо анҷом медиҳед. Ман дуо кардан мехоҳам, аммо намедонам, ки чӣ тавр».

Ин аскар ҳеҷ гоҳ дар калисо набуд, аммо гуфт, ки чӣ будани дуоро ба худ тасаввур мекунад: «Бо Худо рӯзи дароз сӯҳбат кардан даркор аст, то ки дар охири рӯз «Омин» гуфта тавонӣ». Чӣ маънидоди хуби дуо!

*Дуо моҳиятан дар ҳеҷ кас ба таври табиӣ пайдо намешавад, чунки ин падидаи фавқуттабиист Худо ба мо майли рӯҳонии мушоракат бо Ӯро медиҳад. Дар аввал мо ба Худо бо хиҷолат муроҷиат мекунем, шубҳа мекунем, ки оё дуруст гап мезанем? Аммо ҳар қадар бештар дуо кунем, дуои мо ҳамон қадар табиитар мешавад. Мувофиқи маънидоди ин ҷавон, дуо тамоми ҷанбаҳои ҳаётро дар бар мегирад, ва ҳамин тариқ тамоми ҳаёти моро ба дуо табдил медиҳад. Шумо дар хизмати дуогӯёнаатон чӣ тавр камол ёфта истодаед? Кай бори охир дуо карда будед? Аз ҳамин рӯз сар карда, аз Худо хоҳиш кунед, ки ба шумо майли фавқуттабиии бо Ӯ сӯҳбат карданро диҳад ва дуоро қисми табиии ҳаётатон гардонад. Сипас дуо карданро сар кунед. Бигзор ҳаёти шумо дуо гардад!*

Бинобар ин ҳар порсо
дар вақти иҷобат пеши
Ту дуо хоҳад гуфт.

*Забур 31:6*

## То маҳбусӣ мо оиди Худо шунида будем, аммо дар ҳабсхона мо Худоро санҷидем

Аз мактуби коҳин Глеб Якунин ба вазири корҳои дохилии Иттиҳоди Шӯравӣ Шолоков (24-уми апрели соли 1979): «Мактуби Василий Романюкро аз лагер иқтибос меоварам: „Ман оиди тақдири имондорони масеҳӣ бисёр фикр мекунам. Маъмурияти лагер, ҷинояткорон ва посбонон онҳоро таҳқир мекунанд. Салибҳои онҳоро канда мепартоянд, ҳар коғазпораеро ки суханони динӣ дорад, кашида мегиранд. Фоҷиаи асосии ҷамъияти атеистӣ набудани ҳеҷ гуна раҳмдилӣ ва ҳамдардӣ ба одамон аст“. Василий Романюк 7 сол дар ҳабсхона дар Мордовия ва 2 сол дар шимоли Якутия дар бадарға буд. Пеш аз бадарға кардан зиндонбонон ӯро бераҳмона заданд».



# Девонагии фавқулодда

**Украина:** Николай Боретский

**Куртаи итоат Николай Боретскийро азоб медод. Дастонашро ба баданаш сахт баста буданд. Кормандони ҳабсхонаи психиатрии Ленинград ба азобҳои вай аҳамият намедоданд: дар ин ҷо одам аз ҳайвон қадри бештар надошт.**

Николай Борецкий дар Жмеринка, Черкассы, Винница муаллим буд. Дар солҳои ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар армия коҳин шуд. Соли 1927 ба вай вазифаи Митрополити Киев ва тамоми Украинаро дар калисои автокефалии православии Украина вогузор намуданд. Соли 1930 ӯро ҳабс карда, дар Ярославл ва дар Соловки зери шиканҷа нигоҳ медоштанд. Баъди соли 1934 ӯ дар ҳабсхонаи психиатрӣ буд ва дар ҳамон ҷо вафот кард. Вера Кохно, зани коҳини қатлшуда Никита Кохно, дар ёддоштҳояш оиди Николай Боретский чунин менависад: «Ӯ дар камераи якканишин буд. Камераро гарм намекарданд, ва тирезачаи хурдакак чунон баланд ҷойгир буд, ки Н. Боретский наметавонист ҳатто нури офтобро бинад. Модари пираш ба воситаи дугонаи мактабияш, ки зани М. Горкий буд, иҷозат гирифт, ки дар Ярославл бо писараш вохӯрад. Митрополит модари худро дида, гиря кард ва гуфт: „Чи роҳи дуреро тай намудӣ, модарҷон, то ки маро бубинӣ. Худо туро дар ин роҳ ҳидоят намуд“» (аз архиви шахсии доктор Екатерина Кохно, ИМА).

*Масеҳиён баъзан ба вазъиятҳои аз ақл берун меафтанд, ки пурсабрӣ ва хислати онҳоро месанҷанд. Ин гуна ҳаёт осон нест. Оё мо метавонем, бо вуҷуди ҳама гуна вазъиятҳо, ба Худо таваккал намуданро давом диҳем. Метавонем, агар сирри қаноатманд монданро донем. Библия моро таълим медиҳад, ки ҳангоми бо вазъиятҳои берунӣ сарукор доштан чизи муҳимтарин — дар дохили худ қаноатманд мондан аст. Муносибати мо на дар вазъият, балки дар Худо асос ёфтааст. Вагарна хатари он ҳаст, ки мо чун вазъиятҳои чигиле ки моро иҳота кардаанд, сарҳисобамонро гум мекунем. Аз Николай Боретский ёд гиред. Аз Худо хоҳиш кунед, то ба шумо сирри бар хилофи вазъиятҳо қаноатманд буданро ва оиди дигарон фикр карданро кушояд,*

…ман ёд гирифтаам, ки бо он чи дорам, қаноат намоям.

*Филиппиён 4:11*

# Кори фавқулодда

**Румыния:** духтур Карл

**Духтур Карл бо душворӣ дар идораи полиси махфӣ ба худ кор ёфт. Вай тавсияномаҳои хуб, таҷрибаи калони касбӣ дошт, аммо ба кор қабул шудан дурудароз ва хастакунанда буд. Маълумотҳои тарҷумаи ҳол бо ҷиддияти тамом тафтиш карда шуданд ва қариб буд, ки аризаи доктор Карлро аз боиси овозаҳо оиди бо масеҳиён алоқа доштанаш рад кунанд. Аммо доктор Карл аз ин раванди душвор гузашт ва духтури полиси махфӣ гардид. Дар ҷои кори наваш ҳеҷ кас намедонист, ки вай масеҳист.**

Дар оилаи доктор Карл қарори бо режими коммунистӣ хамкорӣ кардани ӯро намефаҳмиданд. Дар калисо ҳама яке паси дигар аз ӯ рӯ гардонданд, ва низ ҳамаи онҳое ки пештар бо ӯ наздик буданд. Ҳама гумон мекарданд, ки ӯ коммунист шудааст. Ҳеҷ кас мақсади аслии ӯро намедонист: доктор Карл қарор дод, ки Ричард Вурмбрандро пайдо кунад. Ҳукуматдорон эълон намуданд, ки вай мурдааст. Чун духтури хадамоти бехатарии давлат Карл ба ҳабсхонаҳо даромада метавонист, ба камераҳо роҳ дошт ва, ниҳоят, ӯ шубонро дар яке аз камераҳо пайдо кард.

Карл инро ба масеҳиёни ҷаҳони Ғарб хабар дод. Акнун онҳо далел доштанд, ки шубон Ричард Вурмбранд зинда аст. Ҳангоми гуфтушуниди Н. Хрушёв ва Д. Эйзенҳауэр дар соли 1956 масеҳиёни тамоми ҷаҳон талаб намуданд, ки Вурмбранд озод карда шавад. Дар охир, вайро дар ивази 10 ҳазор доллар фидия озод карданд.

Дертар Р. Вурмбранд навишта буд: „Агар ин духтур намебуд, ки ба идораи полиси махфӣ махсус барои ёфтани ман дохил шуда буд, ман ҳеҷ гоҳ ба озодӣ намебаромадам. Ман дар ҳабсхона ва ё дар қабристони он мемондам“.

*Агентҳое ки таҳти ҳимояи ривояти махсус сохташуда кор мекунанд — дар кинофилмҳо хеле маъмуланд. Вазифаи онҳо сар то по аз саргузаштҳои аҷибе иборат аст, ки ҳангоми иҷрои нишондодҳои роҳбаронашон бо онҳо воқеъ мешаванд. Баъзе имондорон дар кишварҳои пӯшида айнан ҳамин гуна ҳаёти пур аз саргузаштҳоро аз сар мегузаронанд. Воқеаҳои бо онҳо рухдода ҳаёти бисёр одамонро тағйир медиҳанд. Онҳо ҷуръат намекунанд, ки оиди вазифаи худ ба ҳама нақл кунанд, аммо ҳамеша тайёранд имконияти оиди муждаи неки Масеҳ нақл карданро истифода баранд. Дар ҳар ҷое ки бошем, дар ҳар шароите ки бошем, Худо моро даъват мекунад, ки зери фармондеҳии „штаби осмонӣ“ агентҳои рӯҳонии ӯ бошем. Мо ҳар рӯз дар пайи иҷрои вазифа мебошем — муҳаббати Худоро мавъиза мекунем. Худо ҳангоми иҷрои ин вазифаамон ҳеҷ гуна кафолати бехатарии моро намедиҳад, аммо мукофотҳои абадиро ваъда медиҳад.*

Барои ҳама кас ман ҳама чиз шудам, то ки бо ҳар роҳ баъзе касонро наҷот диҳам.

*1 Қӯринтиён 9:22*

# Риёзаткашии фавқулодда

**Рум:** Поликарп

**Поликарп (69–156), шогирди ҳавворӣ Юҳанно, усқуфи Смирна, дар синни пиронсолӣ аз таъқиботи ҳукуматдорон халосӣ ҷуста, гуреза шуд. Ӯро шинохтанд ва ба посбонон хабар доданд. Ҳангоме ки сарбозони румӣ Поликарпро ёфтанд, вай хӯрок мехӯрд, ва сарбозонро ба хӯрок хӯрдан даъват намуд.**

Ҳамроҳи сарбозон хӯрок хӯрда, Поликарп хоҳиш кард, ки ба вай як соат вақт диҳанд, то дуо кунад. Сардори посбонон розӣ шуд, аммо баъд аз ин кораш пушаймон шуд: Поликарп чунон боэҳтирос дуо мекард, ки посбонон ба гуноҳкор будани худ боварӣ ҳосил карданд. Поликарпро назди волӣ оварданд ва ӯ усқуфро ба сӯзонда шудан дар майдони бозор маҳкум кард. Волӣ ба вай имкони наҷот додани ҳаёташро дод, агар вай аз имон ба Масеҳ даст кашад. Поликарп ин корро накард ва гуфт: „Ман 86 сол ба Масеҳ хизмат кардам, ва ӯ ғайр аз некӣ ягон коре ба ман накардааст. Чӣ гуна ман зидди Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ куфр гӯям?“

Поликарпро ба сутун баста, оташро даргиронданд. Имондори шуҷоъро аланга фаро гирифт, аммо ба таври мӯъҷизаосо ягон тори мӯяшро насӯзонд. Волӣ ба сарбоз фармуд, ки масеҳиро бо шамшер кушад. Дуои охирини Поликарп чунин буд: „Ман Худоро шукр мегӯям, ки барои эҳёи ҷонам косаи азобҳои Масеҳро ҳамроҳи ӯ чашида тавонистам“.

*Поликарп ба ибораи „пирии фаъолона“ маънои нав медиҳад. Дар синни қариб навадсолагӣ ӯ метавонист ба он чи душманонаш оиди имони ӯ ба Масеҳ фикр мекунанд, беларво бошад, аммо ӯ дигар хел буд. Дар байни ҷавонон мутаассибон ҳастанд, ки андеша накарда ба душман ҳамла меоваранд. Аммо бисёрии одамон дар миёна ҳастанд. Мо ҷидду ҷаҳди ҷавониро аз даст медиҳем, ва дар айни замон мо ба қадри кофӣ умр надидаем, то нисбати он чи атрофиён оиди имони мо мегӯянд, беларво бошем. Хушбахтона, Исо моро чуноне ки ҳастем, қабул мекунад, на он тавре ки бояд бошем. Қарор диҳед, ки тамоми садоқатеро ки имрӯз ба он қодир ҳастед, ба имони худ дохил намоед, ва ба Ӯ имкон диҳед, то шуморо барои имони бештари фардо ба камол расонад.*

Ҳамеша мо бояд Худоро барои шумо, эй бародарон, чунон ки сазовор аст, шукргузорӣ намоем, чунки имони шумо афзоиш меёбад.

*2 Таслӯникиён 1:3*

# Хизматгори фавқулодда

**Покистон:** Зебо

**„Ин оятҳои Қуръонро такрор кун!“ — фармуд ба Зебо соҳибаш.**

„Ман ин оятҳоро такрор намекунам. Ман масеҳӣ ҳастам. Ман ҳамеша масеҳӣ хоҳам буд“, — ҷавоб дод хизматгор.

Оилаи Зебо камбағалона мезист, ва ӯ маҷбур буд дар хонаи оилаи сарватманди мусулмон хизматгор шуда кор кунад. Ҳангоме ки ӯ дар он ҷо кор мекард, сарвари оила мекӯшид ӯро мусулмон кунад ва маҷбур мекард, ки оятҳои Қуръонро аз ёд кунад. Ӯ се бор рад кард ва мегуфт: „Ман масеҳӣ ҳастам“. Ҳар бор ӯро мезаданд. Он гоҳ соҳиби хона Зеборо дар дуздӣ айбдор кард. Зеборо ҳабс карданд. Модари Зебо барои ҳимоя кардани духтараш ба хонаи оилаи мусулмон рафт. Вайро душманона қабул намуданд. Касе фарёд зад: „Ту кофир ҳастӣ! Ҳар дуи шумо, ту ва духтарат, сазовори марг ҳастед“. Ба модари Зебо дарафтоданд ва ба сараш бензин рехта оташ заданд. Зебо модарашро дигар надид. Бо вуҷуди ин мусибат Зебо аз имонаш ба Масеҳ даст накашид ва таъмиди обӣ гирифт.

Ҳоло дар Покистон бо ташаббуси „Садои риёзаткашон“ барои Зебо барин духтарон мактаби дӯзандагӣ кушода шудааст, то ки барои оилаи худ пул кор кунанд ва дар оилаҳои мусулмон хизматгорӣ накунанд. Бо вуҷуди дарду алам, Зебо дар дил кина нагирифтааст ва орзу дорад, ки ба дигар одамон оиди имони худ нақл кунад. Ӯ муаллимаи Библия шудан мехоҳад.

*Малакути Худо ҳамон вақт ба даст меояд, ки ҳама чизи одатӣ чаппа гардонда мешавад. Дар муқоиса бо сохторҳои ҷамъияти инсонӣ иерархияи он тамоман баръакс сохта мешавад. На шахсони лаёқатманд, хубсурат ва сарватманде ки дар ҷаҳон қудрат доранд, балки хизматгорони хоксор дар он эътироф карда мешаванд. Зебо дар назари ҷаҳон ҳеҷ аст, аммо бо вуҷуди ин ӯ барои Малакут кори калонеро анҷом медиҳад. Хизматгор метавонад истеъдоди махсус надошта бошад, аммо вай ба кор омода аст. Хизматгор метавонад барои дигарон арзиши зиёд надошта бошад, аммо вай дар хизмати Худо бебаҳост. Бар хилофи ҷаҳони боқимонда зистан чӣ маъно дорад? Хизматгори Худо шуда, шумо дар таҷрибаи худ мефаҳмед, ки ин чист. Оё шумо тайёред худро то нақши хизматгор паст карда, барои паҳн намудани Хушхабар ҳама кори зарурӣро кунед?*

Лекин дар миёни шумо набояд ин тавр шавад: балки ҳар кӣ дар байни шумо хоҳад бузург бошад, хизматгори шумо шавад.

*Матто 20:26*

# Биноии фавқулодда

**Хитой:** Чан Шэн

**То имон овардан Чан Шэн чун қиморбоз, занакабоз ва дузд машҳур буд. Ҳангоме ки вай нобино шуд, ҳамсояҳо гуфтанд, ки худоён ӯро барои ҳаёти гуноҳкоронааш ҷазо додаанд.**

Соли 1886 Чан садҳо мил роҳро тай намуд, то ба беморхонаи миссионерӣ, ки дар он ҷо духтур буд, расад. Ба ӯ ёрӣ расонданд: биноияш қисман барқарор гардид. Дар он ҷо ӯ бори аввал оиди Масеҳ шунид. „Мо ҳеҷ гоҳ чунин бемореро надоштем, ки бо ин хурсандӣ Инҷилро қабул карда бошад", — мегуфт духтур.

Ҳангоме ки Чан хоҳиш намуд, то ӯро ғӯтаи таъмид диҳанд, миссионер Ҷеймс Вебстер ҷавоб дод: „Ба хона баргашта ба ҳамсояҳоят бигӯ, ки дигаргун шудаӣ. Агар ту минбаъд ҳам ба Исо хизмат кардан гирӣ, ман наздат омада, туро ғӯтаи таъмид медиҳам". Баъди шаш моҳ Вебстер омада садҳо имондоронро дид, ки аз сухани Чан имон оварда буданд. Вай бо хурсандӣ башоратдиҳандаи навро ғӯтаи таъмид дод.

Дертар биноии Чан боз бад шуд ва табиби беҳунар ӯро аз биноии ҷузъӣ низ маҳрум кард, аммо Чан боз ҳам ба деҳаҳо рафта, Инҷилро мавъиза мекард. Баъзеҳо ба сӯи маъюб туф мекарданд ва ба ӯ нафрат доштанд, аммо бо вуҷуди ин ӯ садҳо касонро назди Масеҳ меовард.

Ҳангоме ки шӯриши Ихэтуан сар зад, масеҳиён Чанро дар ғоре пинҳон карданд. Шӯришгарон дар шаҳри ҳамсоя панҷоҳ касро гаравгон гирифта, гуфтанд, ки агар воиз Чан назди онҳо набароянд, гаравгонҳоро қатл мекунанд. Чан инро шунида, гуфт: „Ман бо хурсандӣ барои дигарон мемурам". Баъди се рӯз Чанро сар зада, дигар гаравгонони масеҳиро сар доданд.

*Мубодилаи бузург маънои Инҷил аст. Исо ба мо пешниҳод мекунад, ки ҳаёти пештараи худро ба имконияти аз нав сар кардани ҳама чиз иваз кунем. Нигаред, ки он Чанро чӣ гуна дигаргун кард: шахсе ки дар гуноҳҳо танҳо барои худ мезист, худро пурра ба Масеҳ бахшид. Ҳаёти мо ҳар қадар худвайронкунанда бошад ҳам, метавонем алоқаи дурустро бо Худо барқарор намоем. Маҳз аз ҳамин сабаб шаҳодати шахсии мо чунин қуввват дорад. Ҳаёти дигаргуншуда — далели боварибахши наҷот аст. Мо на чун пештара гап мезанем. Мо на он тавре рафтор мекунем, ки замоне мекардем. Кӣ имрӯз бояд бишнавад, ки Масеҳ ҳаёти шуморо чӣ гуна дигаргун намуд?*

> Пас рафтори пештараи одами кӯҳнаро, ки дар шаҳавоти дилфиреб фосид мешавад, аз худ дур кунед, ва хиради шумо бояд дар Рӯҳ тоза шавад, ва одами навро, ки ба шабоҳати Худо дар адолат ва қудсияти ростӣ офарида шудааст, дар бар кунед.
>
> *Эфсӯсиён 4:22-24*

# Бори фавқулодда

**Колумбия:** Хуан

**На наркобизнес, на ҷанги шаҳрвандӣ наметавонанд паҳншавии Инҷилро дар Колумбия боздоранд.**

Хуан ва зани ӯ Мария дар байни сокинони аслии ноҳияи шимолтар аз Кали дар Колумбия миссионер мебошанд. Калиро Қувваҳои мусаллаҳи инқилобии Колумбия — гурӯҳи партизании чапгаро таҳти назорат доранд. Бисёр шубонону миссионерони колумбиягӣ муносибати душманонаи партизанҳоро дар худ ҳис намуда, ин ноҳияро тарк карданд. Аммо ҳангоме ки се сол пеш Хуан бо 50 нафар партизанҳои ин гурӯҳ вохӯрда, ба онҳо Инҷилро мавъиза намуд, 20 нафари онҳо Масеҳро қабул намуданд. Чуноне ки вай мегӯяд: „Онҳо пистолетҳоро ба эпистолаҳо иваз намуданд“.

Акнун Артиши миллии озодкунанда ба калисоҳои масеҳии ин ноҳия ҳуҷум мекунад. Ба наздикӣ зиёда аз 20 калисо баста шуданд, бисёр шубонон барои наҷот додани ҳаёти худ гурехтанд. Бисёр вақт партизанҳо омада, талаб мекунанд, ки хайроти калисоиро ба онҳо диҳанд. Онҳо шубононро мекушанд. Акнун Хуан ягона шубонест, ки дар ин ноҳия мондааст. Вай аз берун ҳеҷ гуна ёрмандӣ намегирад.

Аммо ба ҳар ҳол Хуан ва занаш қарор доданд, ки дар ин ҷо монда, хизматро давом диҳанд. Онҳо мегӯянд: „Агар лозим ояд, ки барои мавъизаи Каломи Худо бимирем, мо тайёрем бимирем, аммо калисоро тарк намекунем“.

Хуан онҳоеро ки ба ҷойҳои дигар рафтанд, маҳкум намекунад, ва оиди душвориҳое ки онҳо аз сар гузарондаанд, гап намезанад. Вай оиди он ки Худо чӣ мекунад, ва оиди хизмати худ сухан рондан мехоҳад. Фикри вай на бо хатарҳо, балки бо он машғул аст, ки чӣ гуна халқи Колумбияро бо Масеҳ шинос кунад.

*Исо ҳайвони боркашеро тасвир мекунад, ки бори вазнин дорад. Аммо ҳайвон бо бор муқовимат намекунад, зеро дар асл бор на он қадар вазнин аст. Бардоштани бори Инҷил тамоман монанди он нест, ки зери бори андешаҳои заминӣ бошед. Бори Инҷил маънои дарк намудани эҳтиёҷоти рӯҳонии худро дорад. Хуан „бор“-ро мебардорад, аммо бори вай сабук аст. Аз Масеҳ намуна гирифта, мо бояд ба хотири ҷонҳои гумроҳ борро ба дӯши худ гузорем. Ин бори сабук аст, зеро мо онро ҳар вақт медиҳем. Мо набояд Хушхабарро барои худ нигоҳ дорем. Оё ҳангоми Масеҳро мавъиза намуданатон аз шумо нафрат намудаанд? Шояд шумо оиди он фикр кардаед, ки майдонро ба ҳарифонатон супоред? Бигзор боре ки Масеҳ ба хотири ҷонҳои гумроҳ мебардорад, ба шумо ёрӣ диҳад, ки боз як рӯзи дигар таҳаммул намоед.*

Зеро юғи Ман хуш
ва бори Ман сабук аст.

*Матто 11:30*

**Агар мо, масеҳиён, паҳн кардани Хушхабарро бас кунем ва аз ҳудуди имкониятҳо берун шудан нахоҳем, ин ҳудуд дар атрофи мо баста мешаванд. Агар мо минбаъд ҳам „хомӯшона шаҳодат диҳем“, шаҳодат нахоҳад буд, ва масеҳият нобуд хоҳад шуд.**

Рей Торн — миссионер дар калисои таъқибшаванда



# Башоратдиҳандаи фавқулодда

**Германия:** Мартин Лютер

**„Ахгаре ки Аврупоро оташ гиронд“.**

Лектори донишгоҳи Виттенберг Мартин Лютер (1483–1546) католики намунавӣ буд. Аммо боре вай дар Нома Румиён хонд: „Росткор бо имон зинда хоҳад буд“ ва фаҳмид, ки наҷот на ба воситаи маросимҳо, балки ба воситаи Масеҳ ба даст меояд. 31-уми октябри соли 1517 вай дар дари калисо дар Виттенберг 95 тезисро часпонд, ки тартиботи калисоии он замонро маҳкум менамуданд. Папа Лютерро аз калисо дур намуда, ба вай 60 рӯз мӯҳлат дод, то бароматди худро маҳкум намояд. Аммо Лютер аз гуфтаҳояш даст накашид. Ӯро ба маҳкама бурданд, ва ҳангоми доварӣ боз ба вай пешниҳод намуданд, ки аз фикрҳои худ даст кашад. Лютер ҷавоб дод: „Дар фикри худ устувор буда, дигар чизе карда наметавонам, ва бигзор Худо ба ман ёрӣ диҳад“. Ӯро маҳкум намуданд, аммо хайрхоҳон аз ҷумлаи шоҳзодагони немис ӯро аз қатл халос карданд ва ӯ муддати зиёд пинҳон шуд, аммо дертар ба Виттенберг баргашта, боз эҳёи Калисои Масеҳро мавъиза менамуд ва Библияро ба забони немисии ба халқ фаҳмо тарҷума намуд. Лютер дар Германия шахси машҳуртарин гардид. Номаҳои ӯро дар дастнависҳо паҳн мекарданд. Таърихшиносон гуфтанд, ки ин ахгаре буд, ки Аврупоро оташ гиронд. Даҳҳо ва садҳо ҷамоатҳои калисоӣ аз калисои румӣ-католикӣ ҷудо шуда, ҳаракатеро ташкил доданд, ки калисои протестантӣ гардид.

*Ҳангоме ки душманон ҳукмрониро бар калисо гасб карданӣ мешаванд, он чун қатраҳои симоб ба ҳиссачаҳои хурдтар ва хурдтар тақсим мешавад. Калисоҳои кишварҳои ҳозираи ғайридемократӣ метавонанд ҳеҷ гоҳ чӣ будани калисоҳои азими Ғарбро, ки одамонро дар ҳудудҳои азим муттаҳид мекунанд, надонанд, аммо ба онҳо миқдори зиёдшавандаи одамон меоянд. Амалан ба як калисои масеҳӣ дар Корея назар ба якчанд калисоҳои азими Ғарб миқдори бештари одамон меоянд. Бо вуҷуди ин, калисои Корея ба ҳазорҳо ҷамъомадҳои хонагӣ ё „гурӯҳҳо“ тақсим шудааст, то ки барҳамдиҳиро душвор гардонад. Он чи мо барои башоратдиҳӣ чун монеа меҳисобем, дар асл метавонад нафъи пинҳонӣ бошад. Ҳангоме ки ба шумо муқобилат мекунанд, оё шумо хеле зуд майдонро тарк намекунед? Оё истодагарии шумо кофист, то роҳи дигари паҳн намудани хабари инҷилиро пайдо кунед?*

Фақат ба шарте ки шумо
дар имон матин ва устувор
бошед ва аз умеди башорате
ки шунидаед, ҷудо нашавед.

*Қӯлассиён1:23*

# Қувваи фавқулодда

**Бангладеш:** Идрис Миа

**„Абу барои масеҳӣ шудан ҷои бадеро интихоб намуд. Мо хонаи ӯро иҳота намуда, омода шудем, ки ӯро берун ронда, оташ занем.**

Ҳангоме ки мо наздиктар омадем, шунидем, ки вай гап мезанад. «Наход ӯ касеро ба ёрӣ чеғ зада бошад?» — фикр кардем мо. Баъд мо шунидем, ки вай барои тамоми деҳа дуо мекунад ва аз Исо хоҳиш мекунад, то барои он чи мо карданӣ ҳастем, онҳоро бахшад. Ин моро боз бештар хашмгин намуд, бинобар ин 25 кас сӯи хонаи Идрис давидем, то ки ӯро дастгир кунем. Аммо дар хона як қувваи ноаёне буд, ки моро ба хона даромадан намемонд, ва мо аз тарс гурехта рафтем.

Ҳангоме ки ман ба хона омадам, хобида натавонистам. Ман оиди дуои Абу фикр мекардам. Ниҳоят, соати сеи саҳарӣ ман ба хонаи Абу рафтам ва аз ӯ хоҳиш кардам, ки оиди Исо ба ман нақл кунад. Мо се соат гап задем, ва пас аз он ман аз Исо хоҳиш намудам, ки маро бубахшад ва ҳаёти худро ба Ӯ супурдам. Ман ба хона давида рафтам ва ба занам он чиро, ки бо ман рӯй дод, нақл кардам. Вай низ ҳамроҳи фарзандонам масеҳӣ шуд“.

Якчанд рӯз гузашт ва Идрис Миа, имондор аз Бангладеш, ки ин воқеаро ба мо нақл кард, ба санҷиш дучор шуд. Вайро аз кор холӣ намуданд, фарзандонашро бошад аз мактаб ронданд. Аммо бо вуҷуди ин, вай мегӯяд, ки хурсандӣ вайро тарк накардааст, зеро Исо дар дили вай сокин аст.

*Бисёр вақт мо барои худ вазъияти ҳаётиро интихоб карда наметавонем, аммо мо метавонем интихоб кунем, ки ба он чӣ гуна муносибат намоем ва дар ҷавоб чӣ кор кунем. Ин қарорҳо дар ҳама гуна вазъиятҳо ба мо вобастаанд. Бинобар ин, ҳангоме ки мо чун Абу дар остонаи фалокат истода бошем, чиро интихоб мекунем? Оё чун Масеҳ бадбахтиро бо дуо пешвоз мегирем, ё ба воҳима ва таҳлука дода мешавем? Одамони дигар ҳар қадар кӯшиш кунанд ҳам, наметавонанд моро водор намоянд, ки ба хашм оем ва ё андӯҳгин шавем. Дар ин мавридҳо мо худамон қарор қабул мекунем. Айнан ҳамин тавр мо метавонем қарор диҳем, ки дар ҷавоби таъқибот монанди Масеҳ рафтор намоем. Кӣ медонад, ки ин бо чӣ анҷомида метавонад? Аз Худо хоҳиш намоед, то имрӯз барои пайдо намудани ҷавоби дуруст ба санҷише ки дучоратон шудааст, ёрӣ диҳад.*

Вақте ки Туро мехонам,
маро иҷобат намо, эй Худои
адли ман! Дар тангӣ маро
вусъат додаӣ.

*Забур 4:2*

фавқулодда

# „Ғулом“-и фавқулодда

**Ҷазираҳои Вирҷиния:** Леонард Добер

**Леонард Добер аз худ мепурсид, ки оё Исо салибро хеле душвор намеҳисобид? Вай ба ёд овард, ки дуои Исо дар боғи Ҷатсамонӣ чунин анҷомид: „Лекин на иродаи Ман, балки иродаи Ту бигзор ба амал ояд“. Вазифаи Леонард барояш ғайриимкон метофт, аммо вай на хости худ, балки хости Худоро ба ҷо меовард.**

Леонард Добер қарор дод, ки Худо ӯро даъват менамояд, то барои ғуломон дар ҷазираҳои Вирҷиния дар бахри Кариб Инҷилро мавъиза намояд. Вай ба нақша гирифт, ки ба ин мардону занон мавъиза кунад, ва барои ин ҳамроҳи ғуломони дигар кор ва зиндагӣ карда, муҳаббати Исоро ба онҳо расонад. Фикр дар бораи ҳаёти ғуломона боиси тарс ва нафрати ӯ мегардид. Ӯ аз он ки бо вай чӣ гуна рафтор хоҳанд кард, ба даҳшат меомад. „Аммо Масеҳ бо омодагӣ барои ман дар салиб мурд“, — фикр кард вай. — „Барои ба Ӯ хизмат кардан ҳама чизро додан мумкин аст“.

Беш аз ҳама Доберро дӯстони масеҳияш таъқиб менамуданд. Онҳо шубҳа доштанд, ки Худо ӯро барои ба ғуломон мавъиза намудан даъват намудааст, ва аз боиси ин нақшааш ӯро рӯйрост масхара мекарданд, аммо ӯро аз раъяш гардонда натавонистанд. Ӯ дар охири солҳои сиюми асри 18 ба ҷазираҳои Вирҷиния омад.

Дар хонаи волӣ хизматгор шуда, вай баногохост фикр кард, ки аз ғуломоне ки барояшон хизмат карданӣ буд, хеле дур хоҳад буд. Бинобар ин вай хонаи волиро тарк карда, дар заминкане сокин шуд, ки он ҷо метавонист бегоҳиҳо бо ғуломон танҳо ба танҳо сӯҳбат кунад.

Ҳамагӣ дар давоми се соли хизматаш Добер беш аз 13 ҳазор навимононро назди Масеҳ овард.

*Девонагон дар Масеҳ. Ҷаҳон онҳоеро ки имонашон барои одамон андаке радикалӣ метобад, маҳз чунин меномад. Ин гуна одамон аҷибу ғариб метобанд. Чун Ксения Петербуржская, ки баъди марги фоҷиавии шавҳараш либоси ӯро пӯшида, доимо ба дигарон ёрмандӣ мекард. Добер дар асри ҳаждаҳ „девона дар Масеҳ“ буд — одами озоде ки қарор дод дар ғуломӣ зиндагӣ кунад, то ки дигарон Исоро фаҳманд. Вай тайёр буд ҳама кори имконпазирро кунад, то ки дар хизмат ба Масеҳ тамоми садоқати дили худро то қатраи охирин бидиҳад. Барои Добер ин нақшаи махсусе буд, ки танҳо барои вай маъное дошт. Оё ҳангоме ки шумо монанди аксарият зистан нахостед, аз боиси девонагиятон аз шумо даст кашидаанд? Агар Худо шуморо даъват карда бошад, ки барои Ӯ дар оилаатон, дар калисо ва ё ҷамоат ягон кори радикалӣ кунед, бояд итоат намоед. Бигузор дигарон шуморо девона номанд, аммо Исо хоҳад донист, ки шумо ба ӯ дода шудаед.*

Зеро агар мо бехуд шуда бошем, ин барои Худост, ва агар солимфикр бошем, ин барои шумост.

*2 Қӯринтиён 5:13*

# Ситоиши фавқулодда

**Бобили қадим:** Дониёл

**Тиреза кушода буд, ва ӯ фармони дар майдон эълоншударо шунид: „Ҳар касе ки ғайр аз подшоҳ ба каси дигаре саҷда барад, ба чоҳи шерон партофта мешавад“.**

Дониёл табақаҳои тирезаро калон кушод. Дар рӯ ба рӯ, дар боми ҳамвор, ки ҷои сайругашт буд, ду нафар мушовирони подшоҳ истода буданд, ки ӯро медонистанд ва бад медиданд. Ва акнун онҳо ба Дониёл бо диққат менигаристанд. Дониёл аз авлоди ашрофони Ерусалим буд ва аз ҷумлаи аввалин асироне буд, ки соли 606-юми пеш аз милод ба Бобил бурда шуданд. Чашмони вай бо чашмони мансабдорон вохӯрданд, ва ӯ хайрхоҳона сар ҷунбонд. Онҳо дар ҷавоб сар ҷунбонданд, аммо дар рӯйҳояшон табассумҳои қалбакӣ ҳувайдо буданд.

Дониёл ҳамаи тирезаҳои ҳуҷраи худро калон кушод. Маълум шуд, ки дар назди ҳамаи тирезаҳо назоратчиён буданд. Он гоҳ ӯ ба миёнҷои ҳуҷра рафт, то ки ҳама ӯро дида тавонанд, ва зону зада ситоиши Худоро сар кард. Ба зудӣ посбонони подшоҳ ӯро дастгир карданд.

Ҳангоме ки сарбозон Дониёлро оварданд, подшоҳ Дорёвеш ғамгин шуд, Дониёл дар дарбор мартабаи баланд дошт. Ҳанӯз дар замони Набукаднесар вай мушовири подшоҳ буд ва баъди марги ин подшоҳ ва барҳам хӯрдани подшоҳии Бобил ба подшоҳ Дорёвеш хизматҳои калон карда, дар мамлакат шахси сеюм эълон гардида буд. Ҳукмрони нави Бобил бо Дониёл душманӣ карданӣ набуд, аммо фармони подшоҳро оиди парастидани бут бекор кардан имконнопазир буд. Ду нафар бадхоҳон ва душманони Дониёл ба қатли ӯ исрор менамуданд. Подшоҳ ба чашмони Дониёл нигариста гуфт: „Бигузор Худое ки ту ба ӯ содиқона хизмат мекунӣ, ба ту ёрӣ диҳад!“ (Дониёл 6:16). Ҳангоме ки сарбозон Дониёлро сӯи чоҳи шерон мебурданд, подшоҳ аз пайи ӯ равона шуд. Дониёл чизе нагуфт, фақат ба подшоҳ таъзим намуд ва ба чоҳ назди шерон рафт. Дарро бо санги калон маҳкам карданд. Дониёл то миёнаи чоҳ рафта, ҳамду санои Худоро сар кард.

*Парастиши фавқулодда — навъи таъриф нест. Ин усули махсус ё анъанаи махсус аст. Он дар баҳсҳои ҷонибдорони мусиқии органӣ ва сурудҳои ҳозираи ситоишӣ пайдо намешавад. Аслан он бо чӣ гуна ситоиш кардани Худо умумияти кам дорад. Парастиши фавқулодда бо он тавсиф карда мешавад, ки кай ва дар куҷо парастиш мекунем. Агар мо дар замонҳои душвортарин дуо кардан хоҳем, ин парастиши фавқулодда аст. Агар ҳангоме ки моро душманон иҳота кардаанд, суруди ситоиш хонданӣ бошем, ин парастиши фавқулодда аст. Чун Дониёл, мо набояд ба вазъиятҳо имкон диҳем, ки кай парастидани Худоро барои мо муқаррар кунанд. Мо бояд омода бошем, ки дар ҳама ҷо ва дар ҳар вақт аз рӯи имон зиндагӣ кунем. Оё шумо имрӯз тайёред бо парастиши фавқулодда ба Худо хизмат кунед?*

Подшоҳ ба Дониёл хитоб намуда, гуфт: „Худои ту, ки ӯро ҳамеша ибодат менамоӣ, туро халос хоҳад кард“.

*Дониёл 6:16*

# Инкори фавқулодда

**Кореяи шимолӣ**

**„Онҳо аз ман хоҳиш карданро бас намекарданд, аммо ман онро ба онҳо дода наметавонистам“, — гуфт шахс. — „Ман медонам, ки масеҳиён бояд ҳама чизро бо ҳам бинанд, аммо ман аз он ҷудо шуда наметавонистам“. Вай маҳзунона дасташро дароз кард, то ба шунавандааш чизи барояш гаронбаҳоро нишон диҳад.**

„Ман дар ҳақиқат онро доданӣ будам, аммо наметавонистам. Медонед, одамон дар Кореяи шимолӣ ба ман гуфтанд, ки онҳо 50 сол дуо мекарданд, то ки Библияро ба даст оваранд. Аммо ман ба онҳо Библияи худро надодам, зеро худам 20 сол дуо кардам ва фақат ба наздикӣ онро аз шубоне дар Кореяи ҷанубӣ гирифтам“.

Вай оиди имондорони эҳтиёҷманди Кореяи шимолӣ, ки танҳо оиди Библия дуо мекунанд, фикр карда оҳ кашид. Вай Библияи худро ба синааш ҷафс кард. Вай бо душворӣ ва хатари калон аз давлати коммунистии зиндонӣ гурехт ва акнун дар Кореяи ҷанубӣ озодона мезист.

Дар Кореяи шимолӣ Библия чизи нодир аст. Аз боиси фишори ҳукуматдорон имондорон онро аз тилло гаронбаҳотар меҳисобанд. Як мардро дар сарҳади Хитой ҳангоми ба Кореяи шимолӣ гузарондани Библияҳо дастгир карда, то мурданаш бо калтаки металлӣ заданд. Мутаассифона, оиди ин гуна воқеаҳо боз ва боз хабар медиҳанд.

„Он одамонро фаромӯш карда наметавонам“, — оҳ кашида гуфт вай. — „Ҳасадро дар чеҳраи онҳо фаромӯш карда наметавонам, ҳангоме ба онҳо Библияи худро нишон додам. Ба ҳоли онҳо раҳмам меояд“.

*Библияро бисёр вақт чун ҷои мувофиқ барои пулти идоракунии телевизор ё барои гузоштани нӯшокиҳо истифода мебаранд. Дар меҳмонхона дар болои муқоваи мустаҳками он навиштани мактубҳо ва ё ба болои он афтондани хокистари сигарет осон аст. Библияҳо ҳамроҳи лаълии конфетҳо ва барномаҳои телевизион мизи коферо „оро“ медиҳанд. Ва агарчи ин китоб ҳамасола машҳуртарин нашрияи ҷаҳон аст, чунин ба назар мерасад, ки онро қариб ҳеҷ кас намехонад. Библияро дар он ҷое ки арзиши аслии он фаромӯш шудааст, андӯҳгин ва сарфи назар мекунанд. Агар барои ба даст овардани он 20 сол дуо кардан даркор мешуд, мо ба он тамоман дигар хел муносибат мекардем! Шумо барои зинда кардани муҳаббати худ ба Каломи Худо чӣ кор карда метавонистед?*

Ва аз аҳкоми Ту,
ки дӯст медорам,
ҳаловат хоҳам бурд.

*Забур 118:47*

# Ҳамдардии фавқулодда

**Русия:** Люба Ганевская

**Люба Ганевскаяро дар ҳабсхонаи шӯравӣ мунтазам мезаданд. Аммо вай зиндонбони дар даст қамчин доштаро дида, табассум кард.**

„Чаро ту табассум мекунӣ?“ — ҳайрон шуда, пурсид вай.

„Ман шуморо на он тавре ки худро дар оина мебинед, дидам“, — гуфт Люба. — „Ман шуморо чуноне ки як вақтҳо будед, тасаввур кардам — чун кӯдаки бегуноҳи ҷингиламӯй. Мову шумо, охир, ҳамсол ҳастем. Мо дар кӯдакӣ дӯст буда метавонистем“.

Худо чашмони Любаро кушод, то ба ин мард бо чашмони дигар нигарад. Вай хастагии ин мардро аз хизмати ҳабсхона дид. Айнан ҳамон тавре ки Люба аз зарбу лат хаста шуда буд, вай низ аз задани ӯ хаста шуда буд. Вай аз он норозӣ буд, ки муфаттиш вайро вазифадор намуд ин занро азият диҳад, то ки дар вақти пурсуков оиди фаъолияти калисои пинҳонкор маълумот диҳад.

„Вай ба ту хеле монанд аст“ — гуфт Худо дар дили Люба. — Ҳар дуи шумо маҷбуред дар ҳамон як драмаи ҳаёт нақш бозед, агарчи нақшҳои шумо хеле фарқ доранд. Ҳар дуи шумо бадбахт мебошед. Ту ва ҷаллодонат дар ҳамон як ғамкадаи гиря ҳастед“.

Ба он мард бо чашмони Худо нигариста, Люба ба вай муносибаташро дигар кард. Ӯ бо вай гап заданро давом медод. „Ман шуморо ҳамон тавре мебинам, ки умедворам, ҳоло хоҳед буд. Замоне як таъқибкунандаи масеҳиён мезист, ки аз шумо бадтар буд. Номи вай Шоули Тарсусӣ буд. Аммо вай ҳаввории Масеҳ ва муқаддаси калисои Ӯ гардид“. Вай аз марди хомӯшгашта пурсид, ки кадом душвориҳо вайро маҷбур кардаанд, то бо ин кор машғул шавад, ва оё задани одамоне ки ба вай ҳеҷ бадие накардаанд, барояш маъқул аст. Рӯзҳо дар ҳабсхона оҳиста-оҳиста мегузаштанд ва зиндонбон аллакай Любаро намезад, агарчи вонамуд мекард, ки мезанад. Пас аз чанде вай аз Люба хоҳиш кард, ки барояш оиди Шоул нақл кунад. Ҳамин тавр, ба шарофати ғамхории меҳрубонона Люба ҷаллоди худро ба Малакути Худо овард.

*Ба биноии заминӣ бисёр вақт як қатор бемориҳо халал меоваранд: астигматизм, наздикбинӣ, глаукома ва ғайраҳо. Чуноне ки биноии мо ба шарофати линзаҳо беҳтар шуда метавонад, чашмони дили мо низ аз дахолати рӯҳонӣ нафъ пайдо карда метавонанд. Ба ҳоли худ гузошта шуда, мо фақат бадиро мебинем, ва некиро дар одамон намебинем. Аммо Худо ба онҳое ки ҳаётро аз нуқтаи назари осмонӣ дидан мехоҳанд, биноии рӯҳонӣ ато мекунад. Мо фаҳмида сар мекунем, ки сардори худхоҳ ва ё касе ки шуморо озор медиҳад — шахсест, ки дарде дорад, ва ӯ низ мӯҳтоҷи муҳаббат аст. Мо метавонем ба паси ниқоби нафратовари навраси ошӯбгар нигарем, то писар ё духтари ба тарс афтодаро бубинем, ки хоҳони ҳамдардӣ мебошанд. Оё шумо ба дигарон бо чашмони осмонӣ менигаред? Биноии рӯҳонӣ ҳаёти рӯҳонии шуморо чӣ гуна дигаргун карда метавонист?*

Ман, ки Худованд ҳастам, туро барои адолат даъват намудаам… то ки чашмони кӯронро бикшоӣ…

*Ишаъё 42:6, 7*

**Бигзор маро ба дор овезанд, аммо ман ба Худованди худ хиёнат намекунам.**

Салима — масеҳидухтари 19-солаи покистонӣ, ки ӯро барои имон бераҳмона таъқиб мекарданд.



# Эҳтироми фавқулодда

**Карфаген:** шубон Киприан

**14-уми сентябри соли 258 Кекилий Киприан дар деҳаи Вилла Сексти дар наздикии Карфаген ба саҳни қатлгоҳ баромад. Ҳукмномаро ба вай хонданд. Киприан ҷавоб дод: „Deo gratias (Худоё, ташаккур ба Ту)“. Сипас вай либоси болоияшро кашида, пурсид, ки оё ба ҷаллод барои кораш 25 танга дода шудааст. Ҷавоби тасдиққунандаро шунида, вай дуо кард ва сарашро ба кунда гузошт. Ҳангоме ки сари ӯро аз тан ҷудо карданд, тӯдаи имондорон сӯи саҳни қалгоҳ шитофтанд, то ки рӯймолҳои худро дар хуни ӯ тар карда, чун турбати шахси муқаддас нигоҳ доранд. Чаро Киприан, ки худро ҳақ меҳисобид, ба ҷаллодони худ эътироз баён накард?**

Киприан муаллими санъати суханварӣ ва дар додгоҳ ҳимоятгар буд, аммо соли 245 имони масеҳиро қабул кард. Пеш аз ҳама вай қавл дод, ки камбағал бошад, ва тамоми моликияташро ба камбағалон тақсим кард. Баъди се сол мардум ӯро ба муддати 10 сол дар Карфаген ба вазифаи усқуфӣ гузоштанд. Ҳангоме ки қайсари Рум Валерий соли 257 таъқиб намудани масеҳиёнро сар кард, Киприанро бадарға карданд, аммо ба зудӣ ба Карфаген бозгардонда, талаб карданд, ки ба бутҳои онҳо қурбонӣ оварад. Киприан рад кард ва ба марг маҳкум карда шуд.

Вай медонист, ки бегуноҳ аст, аммо бовар мекард, ки ҷавоб ба бадӣ бояд на нафрат, балки навшавии дохилӣ бошад. Нурҳои муқаддасӣ, ки аз мо ҷорӣ мешаванд, бадиро вайрон мекунанд. Калимаи юнонии theos — Худо, аз калимае баромадааст, ки маънояш „ҷорӣ шудан“ аст. Ӯ то худи маргаш ба касоне ки ин қадар азобҳоро барояш раво диданд, сухани баде нагуфтааст. (Асарҳои Киприани муқаддас, усқуфи Карфаген. Киев. 1891).

*Оё душман сазовори эҳтиром аст? Эҳтимол, дар ин бора фикр кардан осон нест. Аммо калисои таъқибшаванда моро таълим медиҳад, ки Худо метавонад ҳатто душманонамонро истифода барад, то ки моро ба Худо наздик кунад. Ба ин маъно мо метавонем он нақшеро, ки душманонамон дар ҳаёти мо иҷро мекунанд, ҳурмат кунем. Душманонамонро айбдор намуда, мо метавонем ба нақшаи васеътари Худо беэҳтиромӣ зоҳир намоем. Агар шумо ба душманонатон барои рафторе ки ба шумо мекунанд, лаънат мегӯед, биистед ва фикр кунед, ки чаро Худо имкон дод, то ин вазъият дар ҳаёти шумо рух диҳад. Оё ҳангоме ки Худо ба шумо чизеро ёд додан мехоҳад, шумо вазифаи ӯро осонтар мекунед ё душвортар? Агар ҳамин тавр бошад, ин вазъият боз такрор мешавад, то даме ки шумо ёд гиред.*

Доварӣ накунед, ва ба доварӣ дучор нахоҳед шуд; маҳкум накунед, ва маҳкум нахоҳед шуд; бибахшед, ва бахшида хоҳед шуд.

*Луқо 6:37*

# Овозаҳои фавқулодда

**Хитой:** таъқибот барои мо одатӣ мебошанд

**„Ба мо овозаҳо расиданд, ки одамон дар Ғарб мегӯянд, гӯё дар Хитой масеҳиёнро таъқиб намекунанд“, — чунин сар мешуд мактуби гурӯҳи имондорони масеҳӣ.**

„Беш аз сад нафар бародароне ки дар ин ҷо маҳбусанд ва бисёр масеҳиёни ҷавон, ки ҳанӯз 18-сола нашудаанд, зери фишори сахти полис мебошанд. Моро ба чуқуриҳои ахлот мепартоянд, бо электрошок мезананд, баъзеҳо аллакай рост истода наметавонанд, ва фақат мехазанд. Баъзеҳо тоб наоварда, номҳо ва адресҳои ҳамимонҳои худро мегӯянд. Онҳоро доварӣ мекунанд, дар айни замон касонеро ки ҳеҷ чиз нагуфтанд, аз сабаби камии далелҳо озод мекунанд. Таъқибот барои мо одатӣ мебошанд Дар бисёр мавридҳо моро баъди пурсуков озод мекунанд, аммо огоҳ мекунанд, ки бояд фаъолияти калисоиро бас кунем. Мо ба хонаҳоямон бармегардем, то ки боз мавъиза кунем.

Баъзе наврасон мехоҳанд худро пурра ба хизмати Худо бахшанд. Онҳо аз хонаҳо ронда шуда, мехоҳанд башоратдиҳандагони сафаркунанда гарданд, агарчи дар тӯли тамоми ҳаёташон хатар ҳамроҳашон хоҳад буд. Мо оиди онҳо дар ташвиш ҳастем, ва метарсем, ки ҳангоме худамон Инҷилро башорат медиҳем, ронда хоҳем шуд.

Мо барои Инҷил нархи гароне пардохтаем — хун ва ашки бисёре рехтаем, бисёр қурбониҳо додаем, ва аз байни боду борон мардонавор пеш рафтаем“.

*Овозаҳо оиди он ки гӯё дар Хитой таъқибот бар масеҳиён хотима ёфта бошанд, нодурустанд. Моҳиятан, ин овозаҳо метавонанд асбобе шаванд, ки душман истифода мебарад, то ки имондорони таъқибшавандаро аз дуо ва дастгирие ки ба онҳо даркоранд, маҳрум намоянд. Бисёр вақт мо гумон мекунем, ки ҳангоме мо „ин тавр нест“ мегӯем, пас, шояд, дар ҳақиқат маҳз ҳамин хел ҳам бошад. Агар мо аз шаҳодатҳо оиди таъқибот ва нақлҳо оиди ҳаёти душвор канораҷӯӣ кунем, метавонем бовар кунем, ки таъқибот ҳақиқатан вуҷуд надоранд. Аммо ҳар қадар ин фактҳоро пинҳон дорем ва онҳоро рад кунем ҳам, фактҳо аз ин тағйир намеёбанд. Имрӯзҳо бародарон ва хоҳарони моро дар кишварҳои аз ҷаҳон пӯшида таъқиб мекунанд. Агар инро медониста бошед, аксуламали шумо чӣ гуна хоҳад буд? Оё дуо мекунед? Хизматгузорӣ мекунед? Қурбонӣ мекунед? Муддатеро дар дуо ва андешаронӣ оиди аксуламали худ гузаронед.*

Бандиёнро ба ёд оваред, гӯё
ки шумо низ бо онҳо дар
занҷирҳо бошед,
ва ситамкашонро, мисли
он ки худатон бо онҳо як
ҷисм мебошед.

*Ибриён 13:3*

# Саволи фавқулодда

**Рум:** Птолемей

**„Ту масеҳӣ ҳастӣ?“ Ин саволро се бор доданд. Ва се бор ҷавоб шунида шуд: „Ҳа“. Се масеҳӣ риёзаткаш шуданд. Ҳокими румӣ Урбик дар соли 150-уми милодӣ ба масеҳиён ҳеҷ гуна раҳме надошт.**

Птолемейро дар он айбдор карданд, ки ӯ фақат ба воситаи имон ба Исо имконпазир будани наҷотро таълим медиҳад. Дурӯғ ва бехудоии он давра барои ӯ нафратовар буданд. Бинобар ин, ҳангоме Урбик аз ӯ пурсид, ки масеҳист ё не, ӯ дурӯғ гуфта наметавонист. Вай мебоист адолатро пеша мекард ва „ҳа“ мегуфт. Барои ин ӯро занҷирбанд карда, бисёр дафъаҳо заданд.

Ӯро боз ба доварӣ назди Урбик оварданд. Ва боз ба ӯ як савол доданд: „Ту масеҳӣ ҳастӣ?“

Дарду азобҳо воқеиятро дигаргун карда наметавонанд. „Ҳа“, — гуфт боз Птолемей.

Ҳабс шудани Птолемейро шунида, шахси солхӯрдае назди Урбик омада, хоҳиш кард, ки ӯро афв намояд. „Ин гуна муаллимро қатл кардан чӣ даркор аст? Ин ба шумо ва ё ба император чӣ фоида меорад? Ӯ қонунҳоро вайрон накардааст? Ӯ фақат дар он иқрор шуд, ки масеҳист“.

Урбик ба суханронии ин шахс таваҷҷӯҳ намуда, аз вай пурсид: „Оё ту ҳам масеҳӣ ҳастӣ?“ Шахси солхӯрда ҷасурона гуфт: „Ҳа, ман масеҳӣ ҳастам“.

„Пас метавонӣ ба муаллимат ҳамроҳ шавӣ“.

Аммо баъди муддате шахси сеюм бо ҳамон эътироз омад. Аз вай низ пурсиданд: „Оё ту масеҳӣ ҳастӣ?“

Се нафар фарзандони Худо барои он қатл карда шуданд, ки „Ҳа“ гуфтанд.

*„Оё ту масеҳӣ ҳастӣ“. Савол нисбатан оддӣ, рӯйрост ва шахсӣ аст. Барои аниқ кардани ҳақиқат фақат „ҳа“ ё „не“ гуфтан кофист. Пас чаро ҷавоб он қадар осон нест? Мушкилӣ на дар он аст, ки масеҳиён чӣ ҷавоб доданро намедонанд. Мушкилии ҳақиқӣ дар он аст, ки дигарон хеле кам ба мо чунин саволро медиҳанд. Ҳаёти мо на ба он дараҷа махсус аст, то одамони дигар пурсидан хоҳанд, ки чӣ чиз онро чунин махсус мекунад. Мо бояд иқрор шавем, ки хеле кам касон аз мо он чиро мепурсанд, ки аз Птолемей пурсиданд. Ин мушкилии ҳақиқист. Кай бори охир тарзи зиндагии шумо таваҷҷӯҳи ҳамкор, дӯст ё ҳамсояатонро ба дараҷае бедор намуд, ки вай аз шумо оиди имонатон пурсид? Шумо ҷавобашро медонед — акнун чунон зиндагӣ кунед, ки дигарон чунин савол диҳанд.*

Шумо намаки замин ҳастед. Лекин агар намак қувваташро гум кунад, бо кадом чиз боз намакин шавад.

*Матто 5:13*

# Табассуми фавқулодда

**Румыния:** Милан Хаймович

**Дар камераи хунук ва торики ҳабсхона масеҳиёни бисёре буданд, ки хеле мехостанд рӯшноии Исо дар торикӣ нурпошӣ кунад. Яке аз ин маҳбусон яҳудӣ Милан Хаймович буд.**

Боре Милан бо маҳбуси ҳамсояаш, ки олими калон буд, аммо ба Худо бовар намекард, баҳсро сар кард. Сатҳи зеҳнӣ ва мадании Милан назар ба ин профессор пасттар буд, аммо вай ба ӯ оиди Исо нақл кард. Профессор вайро таъна зад: „Исо 2000 сол пеш зиста буд. Шумо чӣ гуна гуфта метавонед, ки бо Ӯ гап мезанед?“

Милан ҷавоб дод: „Дуруст аст, ки Ӯ 2000 сол пеш мурд, аммо Ӯ эҳё шуд ва ҳоло бо мо зиндагӣ мекунад“.

Он гоҳ профессор Миланро санҷиданӣ шуд. „Хуб, шумо мегӯед, ки Ӯ бо шумо гап мезанад. Ваҷоҳати Ӯ чӣ гуна аст?“

Милан ҷавоб дод: „Гоҳо Ӯ ба ман табассум мекунад“.

„Чӣ дурӯғе“, — хандида гуфт профессор. — „Ба ман нишон диҳед, ки Ӯ чӣ гуна табассум мекунад“. Милан меҳрубонона розӣ шуд. Мӯяш тарошидагӣ, зери чашмонаш доғҳои сиёҳ, пӯсту устухон. Дандонҳояш намерасиданд, вай дар тан либоси маҳбусӣ дошт. Аммо дар лабони вай чунон табассуми гарме пайдо шуд, ки рӯи чиркинаш дурахшид. Дар вай осоиш, қаноатмандӣ ва хурсандии зиёд буд!

Профессори атеист сарашро хам карда эътироф намуд: „Ҳа, шумо Исоро дидаед“.

*Табассум — ин тарзи табиии ифода намудани боварӣ, осоиш ва қаноатмандии инсонӣ мебошад. Табассум дар вақти дард ва азобҳо, ва ҳатто дар ҳолати ҷонканӣ, метавонад далели фавқуттабиии мавҷудияти Худо шавад. Агар Исои Масеҳ, Писари Худо, ҳақиқатан дар дилҳои мо зинда бошад, пас баъзеҳо бояд бо ваҷоҳати худ оиди Хушхабар хотиррасон намоянд! Дар калисо мо бисёр вақт сурудҳоро чун марсияҳо мехонем — фикрҳои мо аз суханони мегуфтаамон ҳазорон фарсах дуранд. Ваҷоҳати шумо оиди алоқаатон бо Исо чиро нақл мекунад? Оё шумо ба одамони дар кӯча вомехӯрдаатон шаҳодат медиҳед? Оё шумо шодии масеҳиёнаро дар дили худ тасдиқ мекунед?Ё, шояд, шумо аз боиси ташвишҳоятон абрӯ чин мекунед ва лабҳоятон доимо дам кардаанд? Аз Худо хоҳиш намоед, то барои дарк намудани рисолати хомӯшонаатон ёрӣ диҳад ва шуморо аз шодӣ пур кунад.*

Аз умедворӣ тасаллӣ ёбед;
дар мусибат пуртоқат бошед;
ҳамеша дуо гӯед.

*Румиён 12:12*

# Мушкилии фавқулодда

**Яҳудо:** Ч. Освалд Смит

**Худованд Исои Масеҳ нақшаи муайянеро пайравӣ мекард, ҳангоме 5 ҳазор касро, ки аз деҳоти атроф барои шунидани Ӯ омада буданд, сер намуд. Бегоҳ наздик мешуд ва шогирдон аз Исо хоҳиш намуданд, ки одамонро равона кунад. Аммо Исо нақшаи дигар дошт. Вай ба одамон гуфт, ки дар рӯи алаф қатор- қатор нишинанд, сипас нонро гирифта, онро баракат дод ва шогирдонро фиристод, ва онҳо аз охири тарафи қатори якум сар карда, қад-қади он рафтанд ва ба ҳар кас пораи нон доданд.**

Воиз ва нависанда Ч. Освалд мепурсад: „Оё шогирдон ақиб гашта, бори дигар қад-қади қатори якум рафта, ба одамон пораи дуюми нонро пешниҳод намуданд? Не! Агар онҳо чунин мекарданд, онҳое ки дар қаторҳои пас нишаста буданд, эътироз менамуданд. Онҳо мегуфтанд: «Чаро пеш аз он ки мо пораи якумро гирем, одамони қатори аввал бояд пораи дуюми нонро гиранд?»

Ва онҳо барои ин асос медоштанд. Мо оиди омадани дуюми Масеҳ гап мезанем. Бисёриҳо ҳанӯз оиди омадани якуми Ӯ нашунидаанд. Чаро пеш аз он ки ҳама Инҷилро як бор шунаванд, баъзеҳо бояд онро ду бор шунаванд? То даме ки ба ҳар яке аз ин тӯдаи 5 ҳазор кас ҳиссаи якумро надоданд, ҳеҷ кас ҳиссаи дуюмро нагирифт".

*Бисёр масеҳиён аз рафтан ба кишварҳое ки ҳанӯз қадами миссионер нарасидааст, метарсанд. Дар ҳудуди шинос мондан хеле осонтар аст. Аммо Исо ба имондоронаш фармуд, ки ба назди ҳамаи халқҳо раванд ва ҷойҳои наверо пайдо кунанд, ки номи Исо ҳеҷ гоҳ эълон нашуда буд. Смит тафсири воқеъбинонаи сер кардани 5 ҳазор мардро пешниҳод мекунад, ки моро водор менамояд, то оиди методҳои башоратдиҳии худ шубҳа кунем. Чаро қисми зиёди захираи кадрҳо ва ёрии моддӣ барои шахсоне муқаррар гардидааст, ки аллакай Инҷилро шунидаанд? Моҳиятан, ба ин кишварҳо сершавии барзиёди динӣ таҳдид мекунад, дар ҳоле ки барои дигар гурӯҳҳои одамон тарҷумаи оддии Библия ба забони модарӣ намерасад. Оё дастгирии шумо барои баробар кардани паллаҳои тарозу ёрӣ медиҳад? Оё ҳаёти шумо ба мавъизаи Инҷил дар оянда таъсири назаррас карда метавонад?*

> Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти ҷовидонӣ ёбад.
>
> *Юҳанно 3:16*

# Гаравгони фавқулодда

**Англия:** Билл ва Ҷон

**Билл ва Ҷон дар Англия дар суккони киштӣ парчами Румынияро диданд. Ин дар замони ҳукмронии диктатураи комунистӣ дар Румыния буд.**

Баъди машварати кӯтоҳ онҳо фаҳмиданд, ки барои фаъолияти башоратдиҳӣ имкон пайдо кардаанд, ва бастаҳои Библияро гирифта, ба саҳни киштӣ қадам гузоштанд. Онҳо ба кубрик рафтанд, ки он ҷо тамоми командаи иборат аз 35 кас ҷамъ шуда буданд. Билл ва Ҷон барои чӣ омаданашонро фаҳмонданд, ва Библияҳоро ба забони румынӣ баровардан гирифтанд. Ҳайати киштӣ онҳоро дарҳол бо диққат гӯш карданд. Бисёрии онҳо ҳеҷ гоҳ оиди Худо Падар ва Писари Ӯ Исо чизе нашунида буданд.

Ҳангоме ки Билл ва Ҷон ҳамаи Библияҳоро тақсим карда доданд, ду баҳрнаварди боқувват дастони Биллро дошта, ба кресло шинонданд. Ба забони шикастаи англисӣ бахшиш пурсида, онҳо фаҳмонданд, ки то барои ҳама Библия овардани Ҷон Билл бо онҳо мемонад.

Гаравгони библиявӣ шуда, Билл намедонист, ки гиря кунад ё хандад, аммо фақат дар ҳамин ҳол румынҳо метавонанд боварӣ дошта бошанд, ки Ҷон бармегардад. Онҳо ба ҳеҷ кас бовар намекарданд, зеро дар кишвари коммунистӣ мезистанд, ва ба шунидани ваъдаҳое ки ҳеҷ гоҳ иҷро намегардиданд, одат карда буданд.

Ҷон ба калисо давида рафт ва ба зудӣ як сумкаи пур аз Библияҳоро ба забони румынӣ овард. Ҳайати киштӣ Библияҳоро бо миннатдорӣ қабул намуда, „гаравгон“-ро сар доданд.

*Ба ҳама нақл кунед. Исо бо рисолати Инҷилии худ чунин карданро фармудааст. Ба ҳар ҷое ки равем, мо бояд зарурати паҳн намудани хабарро оиди Исо дар ёд дорем. Ӯҳдадории мо метавонад моро ба бандар ва ё назди мизи наҳории ҳамсоягонамон, ки ба Худо бовар намекунанд, оварад. Дар ҳар ҳолат мо бояд тайёр бошем ба онҳое ки рӯҳан ҳалок мешаванд, Каломи Худоро расонем. Оё шумо майли оиди Исо нақл карданро ҳис мекунед? Оё шумо дарк мекунед, ки барои иҷрои вазифаатон вақти кам доред? Боз як лаҳзаро аз даст надиҳед ва фикр накунед, ки каси дигар ин корро ба ҷои шумо мекунад. Имрӯз шумо барои паҳн намудани Хушхабар чӣ кор карда метавонед?*

Пас имон аз шунидани ваъз аст ва шунидани ваъз ба воситаи Каломи Худост.

*Румиён 10:17*

**Мо барои ҳукумати Судон дуо мекунем ва барои он Худоро шукр мегӯем. Онро барои сиёсаташ ва барои ҷанги зидди масеҳиён — террор, таҳдидҳо, ҳабс шукр мегӯем. Дар натиҷаи ин манъкуниҳо дар кишвар калисои масеҳӣ калон шуд. Нигаред, ки Худо иҷро намудани кадом корҳоро дар чунин вазъиятҳо имкон дод! Нигаред, ки чӣ қадар одамон ба Масеҳ имон меоваранд!**

Масеҳии судонӣ



# Чопкунандаи фавқулодда

**Хитой:** Кати Ли

**Мизоҷон оҳиста ва номаълум ба хонаи зани солхӯрдаи хитоӣ медаромаданд. Онҳо ба назди пардае меомаданд ва баъд аз он беш аз 100 ярд дар туннели дароз, ки ба ду ҳуҷраи ғормонанд мебурд, гавак мекашиданд.**

Дар яке аз ҳуҷраҳо духтараки 19-сола Кати Ли бо асбоби хурд ва соддаи чопкунӣ кор мекард. Кати якчанд моҳ боз дар ин ғор кор карда, китобҳои масеҳии манъшударо чоп мекард. Агар ӯро ёбанд, ӯ маҷбур мешавад, ки тамоми умри боқимондааш пинҳон шавад.

Аммо ҳангоме ки асбоби хурди чопкунӣ бештар китобҳо ва брошюраҳо тайёр кардан гирифт, Бюрои бехатарии ҷамъиятии Хитой ба пурсукови деҳқонон сар карданд. Онҳое ки оиди чопхона медонистанд, бо полиси махфӣ ҳамкорӣ кардан намехостанд. Он гоҳ кормандони Бюрои бехатарии ҷамъиятӣ ҳар як хонаро дар он деҳа тарконда гирифтанд, то даме ки ба хонаи он зани солхӯрда расиданд. Ғорро ёфтанд, асбоби чопкуниро мусодира карданд. Аммо кормандони чопхонаи пинҳонӣ дарҳол баъди сар шудани амалиёт гурехта буданд.

Кати Ли ва ҳамкоронаш то ҳол пинҳон шудаанд. Ҳангоме ки онҳоро меёбанд, ба ҳабсхона мепартоянд ва шояд катл мекунанд. Вай дигар ҳеҷ гоҳ хешовандон ва дӯстонашро намебинад. Аммо шаҳодати Кати дар китобҳо ва брошюраҳое ки вай чоп мекард, зиндагӣ мекунад. Онҳоро то ҳоло ҳазорон нафар масеҳиён мехонанд.

*Воизро боздоштан мумкин аст. Ӯро ба дигар тараф равона намудан мумкин аст. Ӯро ҳатто муваққатан нигоҳ доштан мумкин аст. Аммо малакути Худо доимо ба пеш ҳаракат мекунад. Он ҳеҷ гоҳ намеистад. Масеҳ ба шогирдон Супориши Бузургро дода, онро ба ҳаракат даровард. Аз он дам миқдори онҳое ки Малакутро афзун менамоянд, бо вуҷуди зиддияти душманон, беист зиёд мешавад. Бисёриҳо мекӯшиданд паҳншавии Инҷилро пурра боздоранд, аммо онҳо ба ин муваффақ нашуданд. Оё шумо ҳис намудаед, ки ба хизмати шумо халал мерасонанд? Оё ба шумо чунин натофтааст, ки коратон аз боиси вазъиятҳои пешбининашуда бозмеистад? Дар ёд дошта бошед, ки Худо аз шумо даст накашидааст. То даме ки шумо ба ӯ вафодор бошед, кори шумо дар бобати паҳн намудани Инҷил давом мекунад.*

Ва яқин дорам, ки Ӯ,
ки дар шумо ба кори хайр
шурӯъ намудааст, онро то
рӯзи Исои Масеҳ ба анҷом
хоҳад расонд.

*Филиппиён 1:6*

# „Сарват“-и фавқулодда

**Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ**

**„Як имондорро онҳо бо корди дароз ба даҳонаш зада куштанд, дигареро ба гулӯяш оби ҷӯш рехтанд, чунки дар хонааш Библияро ёфтанд. Онҳо як оилаи пурраро ғарқ карданд“.**

Имондорон аз қабилаи хмонг дар Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ розӣ шуданд, ки шаҳодати худро ба навори видео сабт кунонанд. Онҳо масеҳиёни Ғарбро рӯҳбаланд карданӣ буданд

Як масеҳӣ аз қабилаи хмонг нақл кард: „Ҳукуматдорони коммунистӣ хатарро ҳис мекарданд, зеро ин қадар одамон дар қабилаи мо масеҳӣ шуданд. Онҳо масеҳиёнро мезананд, то ки онҳо ба парастиши арвоҳи бад баргарданд“.

„Полиси маҳаллӣ масеҳӣ шуданро ба мо манъ кардааст. Онҳо ба мо бо ҳабс ва ё ҳатто қатл таҳдид мекунанд“, — илова намуд зан. — „Агар барои Масеҳ мурдан лозим ояд, мо тайёрем бимирем“.

Ин имондорони вафодор тайёранд худро ба хатари бештаре андозанд, то ҷаҳон донад, ки онҳо таъқиботро мардонавор паси сар мекунанд. Қабилаи хмонг дар Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ калонтарин аст ва масеҳият дар он аз ҳама тезтар паҳн мешавад. Ин қабила ҳамчунин яке аз гурӯҳҳои этникии беш аз ҳама таъқибшаванда аст.

Зани дигар гуфт: „Ман Худоро шукр мегӯям, ки мо қавӣ мемонем. Ман бовар мекунам, ки таъқибот фақат санҷишҳои ба Масеҳ имон доштани моянд. Ба шарофати онҳо мо мефаҳмем, ки сарвати ҳақиқӣ чист. Санҷишҳо тилло ва нуқраро пок мекунанд. Дуо кунед, ки мо то охир вафодор монем“.

*Оҳан ҳангоми обутоб додан мустаҳкамтар мешавад — онро то ҳароратҳои хеле баланд гарм мекунанд, то шакли даркориро гирифтанаш мезананд, ва хунук мекунанд. Сипас равандро (просесс) боз ва боз такрор мекунанд, ва металлро аз камбудиҳо холӣ мекунанд ва чунон хунук мекунанд, ки он мустаҳкам шавад. Ҳамин гуна раванди обутобдиҳӣ имони моро мустаҳкам мекунад. Ҳангоме ки нафрати дигарон моро гарм мекунад, путки таъқибот мезанад, боварӣ ба ҳузури Худо бошад хунук мекунад, камбудиҳои мо гум мешаванд ва имони мо мустаҳкам мешавад. Оё шумо раванди обутобдиҳиро дар ҳаёти худ дарк намудаед? Аз он рӯ нагардонед? Аз бародарон ва хоҳарони худ аз қабилаи хмонг омӯзед. Душманони шумо дарк намекунанд, ки ба шарофати нафрати онҳо шумо қавитар мешавед.*

Имони шумо аз тилло, ки
бо вуҷуди озмуда шуданаш
дар оташ ҳам фонӣ мебошад,
гаронбаҳотар аст. Ин имон
аз имтиҳон мегузарад ва
барои ҳамд ва шавкат ва
ҷалол дар вақти зуҳури Исои
Масеҳ холис ба миён меояд.

*1 Петрус 1:7*

# Боз як контрабандисти фавқулодда

**Аврупои шарқӣ:** Михай

**Мошини „Фолксваген“-и Михай оҳиста ба посгоҳи сарҳадӣ наздик мешуд. Вай бо ҳаяҷон дуои кӯтоҳеро пичиросзанон хонд: „Худовандо, Каломи худро ҳимоят кун, то ки сарҳадбонон онро мусодира накунанд“.**

Сарҳадбонон ба вай фармуданд, ки аз автофургон бароянд ва саволҳои одатии худро дода сар карданд: „Чӣ боис шуд, ки ба кишвари мо омадед? Оё дар ин ҷо касеро хабаргирӣ омадаед? Агар ҳамин тавр бошад, пас, киро? Оё шумо силоҳ доред?“

Михай ба ҳар як савол бо диққат ҷавоб медод, аммо чун дид, ки яке аз сарҳадбонон таги ҳар як нишастгоҳи фургони вайро аз назар мегузаронад, дилаш сахттар зад. Михай аз истодан хаста шуд. аз ҷавобҳои Михай қонеъ шуда, сарҳадбонон ниҳоят ба вай иҷозат доданд, то ба кишвари худ ворид шавад — бори бебаҳои вай ба таври дилпурона аз чашмон ниҳон буд.

Ин қосиди нотарси ҷавон солҳо боз адабиёти инҷилиро ба кишварҳои коммунистии Аврупои шарқӣ мебурд ва бори махфии вайро ҳеҷ гоҳ намеёфтанд. Михай одами оддие буд, ки фикри фавқулоддаашро фаҳмидан осон набуд. Вай пой надошт, онҳоро қариб то суринҳояш бурида буданд, аммо вай қарор дод, ки ба ин норасоии ҷисмонӣ имкон надиҳад, то ба вай мухолифат кунад.

Ба монанди ҳавворӣ Павлус, Михай медонист, ки қуввати Масеҳ дар сустии ҷисмонии вай комил мешавад.

Пас аз он ки ба вай протезҳои мукаммал сохта доданд, вай холигиҳои ҳар ду пояшро бо адабиёт пур карда, ба сафар мебаромад.

*Ҳангоме ки сухан дар бораи хизмат меравад, Худо ба ҳама имкониятҳои баробар медиҳад Михай дарк намуд, ки норасоии шахсии вай метавонад ба вай ёрӣ диҳад, то кори Худоро ҳамроҳи ӯ ба амал оварад. Ҳар як монеа метавонад имконияте барои хизмати нотакрор шавад. Шумо чиро камбудӣ меҳисобед, ки имкон намедиҳад, то дар малакути Худо фоиданок бошед? Дар ин бора аз нуқтаи назари Худо фикр кунед ва бубинед, ки чӣ гуна Ӯ метавонад бадбахтии шуморо барои ҷалоли худ ва барои нафъи шумо истифода барад.*

Лекин мо ин ганҷро дар зарфи гилин дорем, то маълум шавад, ки бартарии қувват аз они Худо бошад, на аз ҷониби мо.

*2 Қӯринтиён 4:7*

# Боз як ганҷи фавқулодда

**Тоҷикистон:** аҳли калисои Санмин

**Рӯзи якшанбе буд ва аҳли калисои Санмин дар Душанбе, пойтахти Тоҷикистон, барои парастиши якшанбегӣ ҷамъ омаданд. Ва агарчи кишвари онҳо акнун аз режими коммунистии Москва халос шуда буд, мусулмонони радикалӣ ба калисои масеҳӣ рӯйрост мухолифат менамуданд. Таъқиботи режими коммунистиро қувваи дигар давом дод.**

Ҳамин ки шубони даъватшуда мавъизаи худро ба охир расонд, дар бинои калисо таркише рӯй дод. Бомба! Дар як лаҳза одамоне ки Худоро ҳамду сано мегуфтанд, аллакай мегурехтанд, то ҳаёти худро наҷот диҳанд. Онҳо аз роҳи пештоқ гурехтанӣ буданд, аммо бомбаи дуюм таркида, роҳи гурезро банд кард. Тамоми калисо пур аз ҷасадҳои мурдагон ва хуни рехта буд.

Зани пиронсол дар фарш хобида буд ва ҷунбида наметавонист. Библияе ки вай андаке пештар мехонд, ба хунаш оғушта шуда буд. Он дар саҳифае кушодагӣ буд, ки зан пеш аз ҳуҷум ба калисояшон дар он се оятро хат кашида буд. „Лекин мо ин ганҷро дар зарфи гилин дорем, то маълум шавад, ки бартарии қувват аз они Худо бошад, на аз ҷониби мо. Мо аз ҳар ҷиҳат ба фишор дучор мешавем, вале дар тангӣ нестем; ҳайронем, вале маъюс намешавем; гирифтори таъқиботем, вале партофта нашудаем; сарнагун гардидаем, вале нобуд нашудаем“ (2 Қӯринтиён 4:7–9).

*Мусулмонони радикалӣ чунин меҳисобиданд, ки ба хотири кори худ одамони бегуноҳро қурбон кардан мумкин аст. Аммо марги ҳар як имондор чун ҷавоҳирот медурахшид — он шаҳодати садоқати Худо буд. Душман ҷисми зани пиронсолро — „зарфи гилин“-и вайро нобуд карда метавонист, аммо ганҷи дохилии вай ба тамоми ҷаҳон дурахшид, ҳангоме ки якчанд рӯз пас аз ҳуҷум рӯҳи вай ба осмон рафт. Мо беш аз ҳарвақта дарк мекунем, ки банохост аз дасти душманамон ҳалок шуда метавонем. Аммо шумо набояд аз марг тарсед. Дар ниҳояти кор, бадтарин коре ки душман бо мо карда метавонад, — куштани ҷисмҳои заминии мост. Ҷисми табиии шумо „ман“-и ҳақиқӣ нест. Имрӯз тасалло ёбед, ва бидонед, ки ба ганҷҳои рӯҳи шумо ҳеҷ кас даст расонда наметавонад.*

Ҳамеша мамоти Исои Худовандро дар бадани худ бардошта мегардем, то ки ҳаёти Исо низ дар бадани мо зоҳир шавад. Зеро ки мо, зиндаҳо, доимо ба хотири Исо ба мамот супурда мешавем, то ки ҳаёти Исо низ дар бадани мирандаи мо зоҳир шавад.

*2 Қӯринтиён 4:10, 11*

# Ибтидои фавқулодда

**ИМА:** Ричард ва Сабина Вурмбранд

**Рӯзи ороми тирамоҳи соли 1967 буд. Ҳамсарон дар назди мошинкаи кӯҳнаи чопкунии худ дар паси мизи хурди ошхона, дар хонаи нави худ дар ИМА, нишаста буданд. Ҳанӯз андаке пештар шубон Ричард Вурмбранд барои кори худ дар калисои пинҳонкори масеҳӣ дар ҳабсхонаи хунуки тира зиндонӣ буд. Зани ӯ, Сабина, дар лагери зиндонӣ ба корҳои маҷбурӣ маҳкум шуда буд.**

Акнун зану шавҳар оиди рисолате ки Худо ба онҳо додааст, фикр мекарданд. Онҳо мехостанд оиди санҷишҳо ва тантанаҳои масеҳиён дар кишварҳои коммунистии тамоми ҷаҳон нақл кунанд. Полиси махфии Румыния ба ҳамсарон таҳдид мекард, ки баъди аз Румыния берун рафтан он чиро, ки дар шароити режими коммунистӣ дидаанд ва худашон аз сар гузарондаанд, ошкор накунанд, аммо таҳдидҳо онҳоро нигоҳ дошта наметавонистанд. Онҳо мебоист бо овози бадани азобкашандаи Масеҳ сухан мегуфтанд — бо овозе ки онро бисёр касон дар олами озод фаромӯш ва сарфи назар мекарданд.

Суханон ба осонӣ рӯи коғаз меомаданд, ва ба зудӣ нашри якуми бюллетени „Садои риёзаткашон“ баромад. Онҳо хизмати худро танҳо бо сад доллар сар карда буданд, ва садҳо адресҳои масеҳиёни таъқибшавандаро доштанд, ки мӯҳтоҷи ёрӣ буданд.

Идеяи ин гуна ёрӣ, ки дар камераи якканишин пайдо шуд, акнун ба ташкилоти умумиҷаҳонӣ табдил ёфт, ки мақсади он — ба калисои таъқибшаванда хизмат кардан аст. Миллионҳо бюллетенҳои минбаъдаи „Садои риёзаткашон“ дар тамоми ҷаҳон ба зиёда аз даҳ забон паҳн шуданд.

*Аз ягон чиз сар кунед. Идеяҳои хуб дар хизмати Худо маҳз ҳамин тавр сар мешаванд — аз ягон чиз. Дар хизмат ба Масеҳ муҳим нест, ки дар куҷо, чӣ гуна ва кай сар мекунед — муҳимаш сар кардан аст. Бисёриҳо дар амалӣ гардондани идеяҳои худ таъхир мекунанд, ба ҷои он ки аз ягон чиз сар кунанд. Мо ба худ мегӯем, ки ягон вақт ба Масеҳ хизмат мекунем: ҳангоме ки кӯдакон калон мешаванд ва хонаи моро тарк мекунанд; ҳангоме ки мо, ниҳоят, ҳамаи қарзҳоро бармегардонем ва имконияти хайрот намудан хоҳем дошт. Ҳар боре ки мо мегӯем, ки кори сар кардаамонро ба анҷом расонда, ба Масеҳ хизмат карданро сар мекунем, моҳияти даъватро намефаҳмем. Худо шуморо барои* ЧӢ кор кардан *даъват намудааст, на* КАЙ. *Ӯ шуморо даъват менамояд, то он чиро ки Ӯ мехоҳад, ба ҷо оваред. Шумо акнун барои иҷро намудани даъвати Ӯ чӣ кор мекунед?*

Фурсатро ғанимат
дониста, бо онҳое ки
дар берунанд, оқилона
рафтор кунед.

*Кӯлассиён4:5*

# Садоқати фавқулодда

**Юнон:** Тимотиюс

**Агарчи Тимотиюс ҷавон буд, Павлус ӯро водор мекард, ки барои ҳама намуна бошад. Тимотиюс исбот кард, ки вай мувофиқи ин нишондодҳо зиста метавонад.**

Тимотиюс аслан аз Лустра, яке аз шаҳрҳое буд, ки ҳавворӣ Павлус ҳангоми сафари якуми миссионерӣ ба он ҷо рафта буд. Падари Тимотиюс юнонӣ буд, модараш ва бибияш яҳудиёни масеҳӣ буданд, ки ба Тимотиюси ҷавон таъсири зиёд доштанд. Библия ба мо мегӯяд, ки онҳо барои Тимотиюс дар имон намуна шуданд. Павлус, аз афташ, пай бурд, ки Тимотиюс метавонад худаш имондори қавӣ шавад. Ҳангоме ки Павлус ба сафари дуюми худ ҳамроҳи Сило ва Луқо равона шуд, Тимотиюс ҳамроҳашон ба Макдуния рафт.

Павлус Тимотиюсро писари худ дар имон меҳисобид. Ҳангоме ки ба калисои Эфсӯс шубон даркор шуд, Павлус Тимотиюсро он ҷо монд, то ки вай имондорони ин шаҳрро таълим диҳад ва рӯҳбаланд намояд. Тимотиюс дар ҳаёт ва хизмати Павлус ҳамроҳаш буд. Шояд, ҳатто дар он рӯзе ки дар Рум сари Павлусро аз танаш ҷудо карданд, вай ҳамроҳи ӯ буд, зеро Павлус хоҳиш карда буд, ки Тимотиюс наздаш биёяд.

Баъди марги Павлус Тимотиюс ба Эфсӯс баргашт, то ки дар он ҷо калисоро роҳбарӣ кунад. Вай маҳкум кардани парастиши бутҳоро, ки бисёриҳоро дар Эфсӯс сарватманд гардонда буд, давом медод. Ҳангоме ки қайсар Домисиан дар империяи Рум таъқиби дуюми масеҳиёнро сар кард, бутпарастон далер шуданд. Тимотиюсро дар соли 98-ум то мурданаш сангсор карданд. Вай то охир содиқ буд, чуноне ки Павлус таълим дода буд

*Аз мо интизор нестанд, ки танҳо худамон ҳаёти масеҳӣ ба сар барем, ва моро ба ин ҳавасманд намекунанд. Амалан ин корро кардан имкон надорад. Чун Тимотиюс, ки Павлус таълимаш медод, ба мо касе даркор аст, ки моро роҳнамоӣ кунад ва ба имконияти мо бовар кунад, то ки мо барои Масеҳ ба ягон чиз ноил шавем. Вақте мо онҳоеро мушоҳида мекунем, ки дар калисоямон, ҷамоатамон, оилаамон ва мактабамон ба мо намуна нишон медиҳанд, мо нумӯ мекунем. Ҳангоме ки мо худамон нақши таъсирбахш пайдо мекунем, ба мо лозим аст, то дар майдони бозии ҳаёт „фанат“-ҳои мо бошанд, ки моро тарафдорӣ мекунанд ва барои зоҳир намудани садоқати калон ёрӣ мерасонанд. Кӣ дар имон намунаи ибрати шумост? Кӣ масъул аст, то чӣ гуна дар Масеҳ зистанро ба шумо таълим диҳад? Ин касе аз хешовандони наздик, дӯст ё шубон буда метавонад. Барои таъсири онҳо ба ҳаётатон Худоро ташаккур гӯед.*

Лекин ту дар он чи таълим гирифтаӣ ва мӯътақид шудаӣ, қоим бош, чун медонӣ, ки туро кӣ таълим додааст.

*2 Тимотиюс 3:14*

**Ман чунин ақида дорам, ки Худо, дар хирадмандии худ, қисман дар ҳар насл ба риёзаткашӣ роҳ медиҳад, зеро бе риёзаткашон воқеияти марги Масеҳ ноаён мешавад. Ҳангоме ки мо ба риёзаткашон менигарем, торикие ки баъзан Ҷолҷолтои асри якумро мепӯшонад, месӯзад, ва мо... Худованди маслубшударо мебинем.**

Марк Галли



# Чеҳраҳои фавқулодда

**Румыния:** шубони маҳбус

**„Мушоҳида намудан ҳайратовар аст, ки Исо дар чеҳраҳои имондорони дигар зоҳир мешавад. Чеҳраҳои онҳо медурахшанд. Ин барои ҷалоли Худо дастоварди калон аст, ҳангоме ки дар ҳабсхонаҳои коммунистӣ чеҳраҳои масеҳиён медурахшанд. Мо шустушӯ намекунем — ман аллакай се сол боз шустушӯ накардаам — аммо ҷалоли Худо ҳатто аз зери чиркинӣ ҳам ҷило медиҳад. Онҳо ҳамеша дар чеҳраҳои худ табассумҳои пирӯзмандона доранд“, — навишта буд шубони маҳбус.**

„Ман масеҳиёни дигарро медонам, ки онҳоро, ба монанди ман, аз ҳабсхонаҳои коммунистӣ озод намудаанд. Чун онҳоро, маро низ дар кӯча роҳгузарон борҳо нигоҳ дошта мепурсиданд: «Ҷаноб, ба шумо чӣ шудааст? Шумо чунин хушбахт метобед. Сабаби хушбахтии шумо чист?» Ман ба онҳо ҷавоб медодам, ки эҳсоси хушбахтӣ баъди солҳои зиёди уқубат ба хотири Наҷотдиҳандаи ман дар ҳабсхонаҳои коммунистӣ пайдо шудааст.

Одамон инро фаҳмида наметавонистанд, зеро аз душвориҳои ҳаёти худ дуртар чизеро дида наметавонистанд. Онҳо дар Рӯҳ будан ва аз сар гузарондани ҳузури Худоро наомӯхтаанд. Бисёриҳо чунин фикр мекунанд: шумо оиди зиндагии ман чиро дониста метавонед — ман шавҳаре дорам, ки маро мезанад, ё зане ки аз ҷон безор мекунад, ва ё фарзандоне ки аз онҳо дил пора мешавад. Дар зиндагӣ бисёр душвориҳои моддӣ ва шикастҳои рӯҳӣ ҳастанд. Аммо магар ин муҳим аст? Инҳо дар муқоиса бо шодии донистани Исо чистанд?“

*Он чиро, ки Исо медиҳад, касе гирифта наметавонад. Ӯ ба мо шодии Рӯҳулқудсро, ки дар ботини мо сокин аст, медиҳад. Ва агарчи ҳаёт тира ва вазъиятҳо вазнин буда метавонанд, ба ҳар ҳол шодӣ медурахшад. Ҳатто ифлосии сиёҳтарин баъди се соли дар ҳабсхонаи коммунистӣ будан шодии масеҳиро пинҳон карда наметавонад. Ҳатмӣ нест, ки гам сабаби шодии мо бошад. Сабаби шодӣ на бадбахтии мост. Оё шумо эҳсоси шодиро гум кардаед? Бифаҳмед, ки ҳеҷ кас шодии шуморо гирифта наметавонад. Агар он дар ҳаёти шумо камӣ кунад, ин аз он сабаб аст, ки шумо дар зери фишори вазъиятҳо ихтиёрӣ аз он даст кашидаед. Аз Худо хоҳиш кунед, ки имрӯз шодии шуморо дар ӯ барқарор кунад.*

…ва дили шумо шод хоҳад шуд, ва ҳеҷ кас наметавонад он шодиро бигирад

*Юҳанно 16:22*

# Шифоёбии фавқулодда

**Покистон:** Осиф

**Осифро дар Покистон дар кӯча мошин зад, ва пои ӯ шикаст. Аз дард беҳол шуда, ӯ дид, ки касе ба пои ӯ даст гузоштааст. Ӯ чашмонашро кушод ва дид, ки зане дуо мекунад, то Исо ӯро шифо бахшад. Осиф хашмгин шуд, зеро мусулмон буд. Аммо банохост қувваи ҳайратоваре дар ҷисми ӯ ҷорӣ шудан гирифт. Пои хамшуда рост шудан гирифт ва устухон ба ҷои худ даромад. Баъди андаке вай худаш ба хона рафтан тавонист.**

Дар бораи ин „Исо“, ки вайро шифо дод, бештар фаҳмиданӣ шуда, вай дар Библияе ки зан ба вай дод, оиди мӯъҷизаҳои дигари Исо хонд. Осиф бо саволҳои худ назди муллои масҷиди худ омад. „Чаро ту банохост ба Исо шавқ пайдо кардӣ?“ — хандида гуфт мулло. „Магар ман шавқ пайдо карда наметавонам?“ — гуфт Осиф. — „Охир, Ӯ маро шифо дод“.

Мулло ва мусулмонони дигар дар масҷид Осифро дар ҳуҷрае маҳкам карда, пешниҳод карданд, ки заҳр хӯрад. Онҳо чунин меҳисобиданд, ки агар пеш аз қабул кардани Масеҳ мурад, ба биҳишт меравад. Осиф аз Масеҳ ёрӣ хост. Банохост рӯшноӣ ҳуҷраи пурчангро пур кард. Осиф қасам хӯрд: „Ҳаёти ман ба Ту тааллуқ дорад, эй Исо. То даме ки ман дар замин ҳастам, барои Ту кор хоҳам кард“.

Оилаи Осиф аз ӯ даст кашид. Вайро борҳо дар кӯчаҳо заданд, зеро вай ба одамон оиди дӯсти нави худ Исои Масеҳ нақл мекард.

*Баъзан пеш аз он ки ба Худо бовар кунем, мо бояд қувваи Ӯро ҳис кунем. Моҳиятан, аксарияти беимонон мехоҳанд оиди дин дар масофаи муайян гап зананд ва бо азсаргузарониҳои рӯҳонӣ ҳеҷ умумияте надошта бошанд. Ҳеҷ кас таҷрибаи шахсиро муҳокима кардан наметавонад. Фард — ягона коршиноси ин масъала аст. Бо Худо вохӯрдан дарк кардани қувваи Ӯ ва ҳис кардани ҳузури Ӯ мебошад. Библия намунаи бисёр беимононеро меоварад, ки бо қувваи Худо вохӯрдаанд. Баъзеҳо ба парастидани ӯ сар карданд. Дигарон қувваи Ӯро инкор карданд ва аз натиҷаҳои ин рафторашон зарар диданд. Дар ҳар сурат, ҳангоме ки одам бо Худо вомехӯрад, дигар ҳеҷ гоҳ чун пештара намемонад. Худо гӯё ба диле ки дудила шудааст, мегӯяд: „Ман вуҷуд дорам ва ба ту ҳомигии Худро пешниҳод мекунам. Ва ту метавонӣ мувофиқи хости худ рафтор кунӣ“. Худо чӣ тавр ба шумо нишон дод, ки ӯ вуҷуд дорад? Ин таҷрибаро ба кӣ гуфта метавонед?*

То ҳол ман овозаи Туро шунида будам, ва акнун чашмонам Туро дидааст.

*Айюб 42:5*

# Пуфакҳои фавқулодда

**Кореяи шимолӣ**

**„Бибӣ, бубин, ман чиро ёфтам!“ — духтарчаи хурдакаки кореягӣ хурсанд буд. Вай дар даст чизеро медошт, ки пештар ҳеҷ гоҳ надида буд. Бибӣ ба он бо чашмони хирашудааш нигарист, аммо ҷузъиёташро дида натавонист. Бинобар ин вай модари духтарчаро ҷеғ зад: „Илтимос, омада бин, ки кӯдак чиро ёфтааст“.**

Духтари пиразан ба хона даромад ва аз дастони пурожанги модараш чизи ёфтшударо гирифт. Вай суханони дар пуфак навиштаро хондан гирифт: „Худованд Исо шуморо дӯст медорад. Бародарон ва хоҳаронатон шуморо фаромӯш накардаанд. Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод“.

Бибӣ нидо кард: „Ин Навишта аст! Онҳо ба мо ба воситаи пуфак оятҳои библиявиро фиристодаанд! Илтимос, давомашро хон“.

Дар пуфак суханони дастгирӣ барои се насли сокинони Кореяи шимолӣ буданд. Он ҷо нома аз масеҳиёни Ғарб ва беш аз 600 ояти библиявӣ буданд, ки хонандаро аз Офариниш то Салиб, ва ба сӯи омадани дуюми Исои Масеҳ мебурданд. Дар даҳ соли охир зиёда аз 10 ҳазор чунин „пуфакҳои библиявӣ“ сӯи Кореяи шимолӣ сар дода шудаанд.

Миссияи „Садои риёзаткашон“ усули нотакрори ба одамони мазлум фиристодани Каломи Худоро ёфтааст. Дар Забур 18:2 гуфта шудааст: „Осмон ҷалоли Худоро эълон мекунанд, ва фалак аз амали дастҳои Ӯ хабар медиҳад“.

*Худо кӯшиш мекунад, ки ҳангоме мо беш аз ҳама мӯҳтоҷи дилбардорӣ ҳастем, ба ақлҳо ва дилҳои мо, чун пуфакҳои ин ҳикоя, иқтибосҳои рӯҳбаландкунандаи Навишта шино карда оянд. Аммо Ӯ наметавонад ақли моро маҷбур кунад, ки аз Навишта иқтибосҳоро ба ёд оварад, агар онҳо ҳеҷ гоҳ дар он ҷо набуданд. Агарчи ин ҳайратовар аст, дар ҷамъияти озод зиста, мо бисёр вақт чунон рафтор мекунем, ки гӯё дар давлати авторитарӣ зиндагӣ мекарда бошем — чун Кореяи шимолӣ — ки он ҷо Каломи Худо дастрас нест. Мо Каломи Худоро кам мехонем — гӯё мо нусхаи Библияро надошта бошем.Шояд, замоне расидааст, то аз Худо хоҳиш кунед, ки Каломи Ӯ аз сарҳадҳои ақли пӯшидаи шумо „шино карда гузарад“. Дар ҷадвали рӯзатон барои хондани ҳаррӯзаи Библия вақт ҷудо кунед ва аз Ӯ хоҳиш кунед, ки дар шумо майли хондани Каломи Ӯро нав кунад.*

Тамоми Навиштаҳо
аз рӯи илҳоми илоҳист
ва барои омӯзиш, барои
мазаммат, барои ислоҳ,
барои ҳидоят ба роҳи адолат
фоиданок аст.

*2 Тимотиюс 3:16, 17*

# Ҳақиқати фавқулодда

**Покистон:** Надия Наира Масиҳ

**Надия Наира Масиҳи 15-сола масеҳии содиқ аст. Ҳангоме ки вай дар хона мезист, одатан ҳар субҳидам дуо карда Библияро мехонд. Агарчи волидонаш аз соли 2001 ӯро надидаанд, онҳо тахмин мекунанд, ки вай дар хонаи касоне ки ӯро économ дуздидаанд, ҳамон корашро давом дода истодааст.**

Мақсуд Аҳмади мусулмон Надияро дуздид. Модари Мақсуд, ки он вақт ҳанӯз дӯсти оилаи Надия буд, бо фиреб ӯро аз хона баровард, ки он ҷо ӯро ба мошин бо Мақсуд, ду бародараш ва дӯсташ, ки ҳар яке автомат доштанд, маҷбуран шинонданд. Баъд аз ин Надияро дигар надиданд.

Дуздидани духтарон дар Покистон ҳодисаи нодир аст, аммо ҳангоме ки ҷиноятҳоро зидди масеҳиён содир мекунанд, ва хусусан, агар ба полис пора дода бошанд, одатан онҳо на дар ҷои даркорӣ ҷустуҷӯ мекунанд. Эҳтимол, дар мавриди дуздидани Надия маҳз ҳамин тавр буд, бинобар ин полиси маҳаллӣ ин корро хеле оҳиста тафтиш мекунад.

Ба хонаи Надия ҳуҷҷатеро фиристоданд, ки он ҷо гуфта мешуд, ки Надия ва Мақсуд оиладор шудаанд. Дар ҳуҷҷат сухан дар бораи он мерафт, ки бинобар оиладор шуданаш Надия ба таври расмӣ аз масеҳият ба ислом рӯ овардааст. Аммо Надия ҳанӯз ба балоғат нарасидааст. Хашм ва аздастдиҳиро паси сар карда, волидони Надия ба ҳар ҳол нисбати Мақсуд кина надоранд. Дар айни замон онҳо боварӣ доранд, ки Худо ба қадри кофӣ пурқудрат аст, то ки Надияро баргардонад.

Моро Худое ҳаст, ки Ӯро ибодат менамоем, ва Ӯ қодир аст моро аз кӯраи оташи сӯзон бираҳонад, ва аз дасти ту, эй подшоҳ, низ раҳо хоҳад кард ва ҳатто агар на ин тавр аст, туро, эй подшоҳ, маълум бод, ки мо худоёни туро ибодат нахоҳем кард ва ба ҳайкали тиллои ту, ки барқарор намудаӣ, саҷда нахоҳем бурд.

*Дониёл 3;17, 18*

*Боварӣ он чизест, ки одам ҳеҷ гоҳ то охир фаҳмида наметавонад, то даме ки дар вай ғайр аз боварӣ чизе боқӣ намемонад. Волидони Надия медонанд, ки боварӣ кардан чӣ маъно дорад. Онҳо бовар намекунанд, ки Надия ҳатман бармегардад. Аммо бо вуҷуди ин, онҳо боварии комил доранд, ки Худо метавонад вайро ба хона бозгардонад. Фарқ хеле калон аст. Агар онҳо ба ягон натиҷаи конкретӣ бовар мекарданд, дар ҳолати амалӣ нашудани он бовариашон ноустувор мешуд. Аммо онҳо ба қудрати беинтиҳои Худо ва имконияти дахолат кардани Ӯ бовар кардаанд. Агар Худо дар хирадмандии Худ иҷозат надиҳад, ки вай баргардад, онҳо боз бештар ба Ӯ таваккал мекунанд. Оё шумо ба Худо фақат шартан, вобаста ба натиҷа, боварӣ мекунед? Оё шумо, новобаста ба натиҷа, ба ӯ имондоред?*

# Боварии фавқулодда

**Антиохия:** Игнатий

**„Оё шумо, усқуф, бовар мекунед, ки ба осмон меравед, ҳатто агар шуморо ҳайвонҳои ваҳшӣ пора-пора кунанд?“ — пурсид посбон аз усқуфи антиохиягӣ Игнатий дар бандари Бриндисиуми Италия дар роҳи Рум, ки он ҷо Игнатий мебоист ба қафаси ҳайвоноти ваҳшӣ медаромад.**

„Ман боварӣ дорам, ки таҳаммул намуда, он чиро, ки Исо ба ман ваъда кардааст, хоҳам дошт“, — гуфт Игнатий. — „Ман медонам, ки атои ҳаёти Ӯ бо онҳоест, ки ҳатто то охири замон бо Ӯ мемонанд“. Оиди Игнатий нақл мекарданд, ки ҳангоми кӯдакияш Исо ӯро ба китфаш бардошта буд. Вай шогирди яке аз ҳаввориён буд ва дар соли 69-ум усқуфи Антиохия шуд. Дар солҳои ҳукмронии қайсар Траян таъқиб намудани масеҳиён сар шуд ва ба Игнатий пешниҳод намуданд, ки аз Масеҳ даст кашад. Баъди рад карданаш ӯ ба тӯъмаи ҳайвоноти ваҳшӣ шудан маҳкум гардид. Даҳ нафар посбонон ӯро ба Рум мебурданд. Онҳо муддати зиёд дар киштӣ шино карданд, сипас пиёда роҳ рафтанд. Дар Исмирно имондорони калисоҳои атроф назди ӯ омаданд ва ӯ ба онҳо ба Эфес, Магнезия ва Тралл мактубҳо дод. Дар мактуб ба калисои Рум бошад ӯ хоҳиш мекард, ки оиди афв намудани ӯ давуғеҷ накунанд, зеро ӯ марги пуразоб бахри Масеҳро барои худ хушбахтӣ меҳисобид. Соли 107 дар амфитеатри Рум ҳайвоноти ваҳшӣ Игнатийро пора-пора карданд, устухонҳояшро бошад масеҳиён ҷамъ карда, ба Антиохия фиристоданд.

*Игнатий ба ҷаллодон гуфт: „Шумо метавонед ҳамаи моро кушед, аммо зарари ҳақиқӣ расонда наметавонед“. Оё ин суханони шахси беақл буданд? Шояд вай дар интизори марги ногузир ҳисси воқеиятро гум кард? Не, вай ба як чиз боварӣ дошт. Исои Масеҳ ба мо ҳаёти абадӣ тӯҳфа намудааст. Ҳангоме ки усқуф оиди анҷоми ҳаёти заминии худ фикр мекард, зебоии манзили осмонии худро медид. Чӣ дар шумо бисёртар аст: тарси аз даст додани ҳаёти заминии худ ё боварӣ ба он ки шумо дар осмон ҳаёти абадӣ хоҳед дошт? Марг вақти шубҳаҳо нест. Ҳоло, ки ба шумо чизе таҳдид намекунад, ин масъаларо ҳал кунед. Тӯҳфаи илоҳии ҳаёти абадиро ба воситаи алоқаи наҷотбахш бо Исои Масеҳ қабул кунед.*

Ва аз кушандагони ҷисм, ки ба куштани рӯҳ қодир нестанд, натарсед; балки аз ӯ ҳаросон бошед, ки қодир аст ҳам ҷисм ва ҳам рӯҳро дар дӯзах нобуд кунад.

*Матто 10:28*

# Муаллифи фавқулодда

**Англия:** Ҷон Фокс

**Ҷон Фокс, муаллими ҷавон дар коллеҷи Магдалина, дар дуо хоҳиш мекард: „Онҳо худро коҳинон ва хизматгорони Ту меноманд, аммо дар асл онҳо ба худ ва қудрати сиёсии худ саҷда мекунанд. Ба онҳо ёрӣ деҳ, то бифаҳманд, ки ғайр аз Исои Масеҳ ва Каломи ӯ ҳеҷ миёнараве байни Худо ва одам даркор нест“.**

Касе дуои Ҷонро шунид ва фавран ба роҳбарияти коллеҷ хабар дод. Ӯро дар исёнкорӣ бар зидди ҳукумат ва калисо айбдор намуданд. Ҳангоме ки Ҷон аз ақидаҳои худ даст кашидан нахост, шӯро ӯро аз университет ронд. Дар натиҷаи ин, ҳангоме Ҷон барои худ ҷои кори муаллимӣ меҷуст, вай ба душвориҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуд. Боре, аз гуруснагӣ хаста шуда, ӯ дар калисо дуо мекард. Дар назди Ҷон касе пайдо шуд, ки ӯ вайро ҳеҷ гоҳ надида буд, ва ба дасташ андаке пул гузошт. „Андӯҳгин нашав“, — гуфт вай. — „Ба наздикӣ кор худаш туро меёбад“. Баъди якчанд рӯз Ҷон ба кори тарбиятгарӣ (гувернёр) даромад.

Дар замони ҳукмронии Ҳенрихи VII ба Ҷон барин масеҳиён кордор намешуданд. Аммо ҳангоме ки ба сари ҳокимият Марияи I омад, вай бисёр касонеро ки нишондодҳои ҳукуматро сарфи назар мекарданд, ба қатл расонд. Дар давраи ҳукмронии панҷсолаи ӯ 300 кас ҳалок шуданд. Ҷон ва зани ҳомиладораш ба зӯр аз ҳабс раҳоӣ ёфта, аз Англия ба Белгия гурехтанд. Барои поси хотири касоне ки барои имон ҳалок шудаанд, Ҷон „Китоби риёзаткашони Фокс“-ро навишт.

*Дар бораи таъқибот хондан як чиз, ва онро аз сар гузарондан чизи дигар аст. Бисёр одамон оиди ҳаёти масеҳиёни содиқ мехонанд ва аз ҷасорати онҳо ба ваҷд меоянд. Аммо онҳо таҷрибаи шахсии имонро, ки онро аз они худ номида тавонанд, надоранд. Ҷасорати риёзаткашонро васф намуда, онҳо сарчашмаи онро — алоқаи шахсӣ бо Исои Масеҳро дарк намекунанд. Онҳо метавонанд Инҷилро хонанд, ва бо вуҷуди ин, аз имон афрӯхта нашаванд. Ҳаёт ва мамоти риёзаткашон аз он иборат буд, ки онҳо дигаронро, ҳатто таъқибкунандагони худро даъват менамуданд, то ба Масеҳ имон оваранд. Магар на онҳо ҳоло, ки саргузаштҳои онҳоро мехонед, шуморо ба фидокории масеҳиёна даъват менамоянд? Дар ёд нигоҳ доред, ки фақат имони онҳоро таъриф намудан кофӣ нест, ҳангоме ки худи шумо бояд аз санҷиши садоқат ба имон гузаред.*

Зеро ки башорат ба мо низ, чунон ки ба онҳо, мавъиза карда шуд; аммо ба онҳо каломе ки шуниданд, фоидае набахшид, чунки бо имони шунавандагон напайваст.

*Ибриён 4:2*

**Ҳабсхона барои ҳаёти самараноки масеҳиёна монеа нест.**

Шубон Ричард Вурмбранд



# Ҷазои фавқулодда

**Англия:** Ҷон Виклифф

**Соли 1428, саҳарии хунук, ким-кадом одамон дар қабристон қадам мезаданд. Яке аз онҳо, ки ридои гаронбаҳои коҳинӣ дошт, гуфт: „Ин дар ҳамин ҷост. Ӯро кофта бароред. Акнун бояд ба анҷом расонем“.**

Ҳангоме ки бел ба як чизи сахт бархӯрд, марди сарватманд гуфт: „Кушоед“.

„Охир, ҷаноб, вай 50 сол боз он ҷо хобидааст!“ — гуфт яке аз гӯрковҳо. — „Аз вай қариб ҳеҷ чиз намондааст!“

Клерик кӯшиш кард ки хафагиашро пинҳон кунад. „Пас мо ҳамаашро якҷоя месӯзонем“.

Чӣ метавонист ин шахсро хашмгин кунад? Чаро баъди 50 соли вафоти шахс боқимондаҳояшро кофта баровардан даркор аст, то ки чун бидъаткори зинда сӯзонда шавад. Соли 1376 Ҷон Виклифф доктринаи “ҳокимиятеро, ки дар файз асос ёфтааст“ нашр кард. Рисолаи бениҳоят ҷасуронаи ӯро чунин тафсир додан мумкин аст: „Барои роҳбарӣ намудани ҳаёти масеҳиён дар тамоми ҷаҳон ғайр аз Инҷил чизе даркор нест“.

Ҷ. Виклифф ҳамчунин ба забони англисӣ тарҷума кардани Библияро ва пинҳонӣ дар брошюраҳо паҳн кардани тарҷумаро сар кард. Вай то худи маргаш дар соли 1384 корро давом медод. Ин 133 сол пеш аз Реформатсия воқеъ шуд.

“Хокистарро ба дарёча партоед“, — фармуд мард ҳангоме ки гулхан сӯхта тамом шуд. — „Мо дигар оиди Ҷон Виклифф ва таълимоти вай чизе нахоҳем шунид“.

Фақат баъди сад соли дигар дар Англия ба забони англисӣ хондани Библия иҷозат дода шуд.

*Ходимони калисо ҳама кори аз дасташон меомадаро карданд, то он чиро, ки аз Ҷон Виклифф „боқӣ монда буд“, нобуд кунанд. Аммо ба ҷои он чунин шуд, ки ҳар як зарраи бадани сӯзондашудаи Ҷон майли навро нисбати Каломи Худо дар Аврупо паҳн намуд. Кӯшишҳои душманон на танҳо ба мақсад нарасиданд, балки моҳиятан ба кори Масеҳ ёрӣ расонданд. Аксар вақт мо мебинем, ки душмани мо — иблис — ҳамчунин бисёр корҳоро мекунад, то аз масеҳият халос шавад. Аммо кӯшишҳои вай натиҷаҳои баръакс медиҳанд. Худо имкон медиҳад, ки таъқибот имондоронро рӯҳбаланд кунанд ва ба садоқати бештар ҳидоят намоянд. Оё шумо розӣ мешавед, ки шахсан гирифтори таъқиб шуданатон дар нақшаи Худо роли худро бозад? Шумо ба зудӣ мебинед, ки нафрати таъқибкунандагонатон шуморо қавитар мегардонанд, ва лаънатҳои онҳо ба шумо баракати Худоро ато мекунанд.*

Ва на фақат бо ин, балки
бо мусибатҳо низ мефахрем,
зеро медонем, ки мусибат
сабрро ба вуҷуд меоварад,
ва сабр — ботаҷрибагиро,
ва ботаҷрибагӣ — умедро.

*Румиён 5:3, 4.*

# Риёзаткашии фавқулодда

**Рум:** Карп

**„Номи якум ва асосии ман масеҳӣ аст. Одамон маро Карп меноманд“.**

„Ту оиди фармонҳои қайсар медонӣ“, — гуфт проконсул, — „Ҳама бояд ба худоёни пурқудрати Рум саҷда намоянд, бинобар ин ман ба ту маслиҳат медиҳам, ки ба онҳо қурбонӣ оварӣ“.

„Ман масеҳӣ ҳастам ва Масеҳро, Писари Худоро, иззат менамоям, ки ба наздикӣ омад, то ки моро наҷот диҳад. Ман ба бутҳо қурбонӣ намеоварам. Онҳо дар ҳолати беҳтарин рӯҳҳои нопокро, девҳои ҳақиқиро ифода мекунанд. Имкон надорад, ки ман ба онҳо қурбонӣ оварам“, — гуфт масеҳӣ.

Аммо қайсар фармудааст, ки қурбонӣ оваред“.

„Зиндаҳо барои мурдаҳо қурбонӣ намеоваранд“.

„Ту чунин фикр мекунӣ, ки худоён мурдаанд?“

„Онҳо ҳеҷ гоҳ одам набуданд ва ҳеҷ гоҳ зиндагӣ накардаанд, то ки имконияти мурдан дошта бошанд. Касоне ки ба онҳо саҷда менамоянд, иштибоҳ мекунанд“.

„Ман ба ту имкон додам, ки бисёр гап занӣ, аммо ту худоён ва қайсарро таҳқир мекунӣ. Ту қурбонӣ меоварӣ ё мемурӣ!“

„Ман наметавонам қурбонӣ оварам. Ман ҳеҷ гоҳ ба бутҳо қурбонӣ наовардаам ва ҳоло ҳам ин корро намекунам“.

Ҳангоме проконсул фармуд, ки ӯро овезон карда, зинда ба зинда пӯсташро кананд, вай фарёд мекард: „Ман масеҳӣ ҳастам! Ман масеҳӣ ҳастам! Ман масеҳӣ ҳастам!“

*Чун проконсул дар ин воқеа, калом оиди Масеҳ барои онҳое ки онро намефаҳманд, метавонад бемаъно тобад. Ва онҳо ҳис мекунанд, ки бояд ба он чи намефаҳманд, муқобилат намоянд. Шояд, онҳо аз он чи намефаҳманд, метарсанд. Шояд, такаббур ба онҳо имкон намедиҳад, ки ба Инҷили Худо бовар кунанд. Мо бояд фаҳмем, ки ононе ки бо масеҳият розӣ намешаванд, аксар вақт қобилияти қабул кардани ҳақиқатро надоранд. Оё шумо барои онҳое дуо мекунед, ки ба Инҷил муқобилат мекунанд? Ҳангоме шумо барои онҳое дуо мекунед, ки дигаронро таъқиб мекунанд, аз Рӯҳулқудс хоҳиш кунед, то ба шумо барои фаҳмидани калом оиди Масеҳ ёрӣ диҳад.*

Зеро паёми салиб барои гирифторони ҳалокат ҷаҳолат аст, вале барои мо, ки дар роҳи наҷот ҳастем, қуввати Худост.

*1 Қӯринтиён 1:18*

# Риёзаткашии фавқулодда — қисми дуюм

**Рум:** Папил

**Проконсул диққаташро ба Папил, ки дар назди Карпи хуншор меистод, ҷалб намуд. „Ту фарзандон дорӣ?“ — пурсид проконсул.**

„Ҳа, ба шарофати Худо ман фарзандони бисёр дорам“.

Касе аз байни тӯда нидо кард; „Вай мегӯяд, ки аз рӯи имони масеҳияш фарзандон дорад“.

Инро шунида, проконсул хашмгин шуд: „Чаро ту маро фиреб дода, мегӯӣ, ки фарзандон дорӣ?“ — дод зад ӯ.

Хашми проконсул паст намешуд. „Агар ту ба худоёни Рум қурбонӣ наоварӣ, бо Карп ҳамтақдир хоҳӣ шуд! Акнун чӣ мегӯӣ?“

Ҷавоби Папил бетағйир буд: „Ман аз синни ҷавонӣ ба Худо хизмат кардаам. Ман ҳеҷ гоҳ ба бутҳо қурбонӣ наовардаам. Бузургтарин ва мӯъҷизаноктарин чизе ки ман гуфта метавонам, ин аст, ки ман масеҳиям“.

Проконсул фармуд, ки ӯро дар назди Карп овезон карда, бо асбобҳои оҳанини шиканҷа пӯсташро кананд. Ҳангоме ки Папил азобҳои даҳшатоварро аз сар мегузаронд, чун ҷанговари нотарс садое ҳам набаровард.

Ҳангоме ки проконсул истодагарии фавқулоддаи онҳоро дид, фармуд, то Карп ва Папилро зинда ба зинда сӯзонанд. Папилро ба сутун мехкӯб карданд, ҳангоме ки забонаҳои оташ баланд шуданд, Папил дуо кард ва ҷонашро ба Худо супурд.

*Масеҳиён аксар вақт оиди он ташвиш мекашанд, ки ҳангоме имонашонро ҳимоя карданашон лозим меояд, чӣ гуфта метавонанд. Ҳангоме ки чунин имконият пайдо мешавад, мо чун донишҷӯёне ки дар хотирашон ҷавобҳоро ба саволҳои имтиҳон такрор мекунанд, тайёрӣ мебинем. Агар ба ман гӯянд, ки моҳияти Ваҳдати Сегонаро фаҳмонам, ё оиди наҷоти онҳое пурсанд, ки ҳеҷ гоҳ Инҷилро нашунидаанд, чӣ мегӯям? Ва чӣ гуна ҳомилашавии поки Марямро фаҳмонам? Рости гап, аз шаҳодати шахсии мо оиди имон ба Масеҳ дида суханони беҳтар ва дурусттар ёфтан душвор аст. „Бузургтарин ва мӯъҷизаноктарин чизе ки ман гуфта метавонам, ин аст, ки ман масеҳиям“. Ҳеҷ суханони азёдшуда наметавонанд беимонро беш аз хоҳиши самимии ба ӯ расондани муҳаббати Исо бовар кунонанд.*

> Ва ҳангоме ки ман,
> эй бародарон, назди шумо
> омадам, на бо фазилати
> калом ё ҳикмат омадам,
> то шаҳодати Худоро
> эълон намоям.
>
> *1 Қӯринтиён 2:1*

# Риёзаткашии фавқулодда – қисми сеюм

**Рум:** Агафоника

**Ҳангоме ки Карпро ба сутун мехкӯб намуданд ва аланга ӯро фаро гирифт, ӯ бо овози баланд дуо мекард: „Ҳамду сано ба Ту, эй Худованд Исои Масеҳ, Писари Худо, ки Ту мани гуноҳкорро сазовор меҳисобӣ, то монанди Ту бо марги риёзаткашона бимирам!“ Бо ҳамин нидо ӯ ҷони худро ба осмон дод.**

То даме ки Карп дуо мекард, модари ӯ Агафоника дид, ки ҷалоли Худо дар назди ӯ кушода мешавад. Осмон кушода шуд ва ба Агафоника тантанаи Барраи Худо аён шуд. Дар назди вай дастурхонҳои хӯрду хӯроки олӣ густурда шуданд, ва дар ҷои намоён худи Исои Масеҳ меистод. Дили вай ба ҳаяҷон омад ва вай аз осмон даъватро шунид. Вай ҷаста ба по хест ва фарёд намуд: „Ин дастурхон барои ман низ омода гардида буд. Ман бояд Шоми ҷалолро қабул кунам“.

Аз минбарҳо нидоҳои тамошобинон, ки ҳангоми қатли масеҳиён ҳозир буданд, шунида шуданд: „Ба фарзанди худ, ба писари худ раҳм кун!“

„Ӯ Худое дорад, ки дар ҳаққаш ғамхорӣ мекунад“, — гуфт Агафоника, — „зеро Худо оиди ҳама чиз ғамхорӣ мекунад. Ман бошам меравам, то ки бо ӯ ҳамроҳ бошам“.

Вай болопӯши худро бароварда, ба сӯи аланга рафт ва талаб кард, ки вайро низ ба сутун мехкӯб кунанд.

Дар байни ҳозирон гиряву фиғон шунида шуд. Касе аз байни тӯда нидо кард: „Ин ҳукм бераҳмона ва ноодилона аст!“

Агафоника фарёд намуд, гӯё ғурриши алангаро паст карданӣ буд: „Худовандо, ба ман ёрӣ деҳ, зеро ман сӯи Ту мешитобам!“ Ва вай ба Худованди худ ҳамроҳ шуд. Соли 165-уми Худованд буд.

*Аксуламали пурбаҳо. Ин ҳамон эффекти ғайричашмдошт аст, ҳангоме ки як ҳаёт ба ҳаёти дигар таъсир мекунад — чизе ки онро пешбинӣ кардан ва ё фаҳмондан ғайриимкон аст. Ин аз Карп сар шуд, ки ба Папил роҳи ҷасоратро нишон дод, ҳангоме ки ҳар дуи онҳоро барои имон шиканҷа медоданд. Он гоҳ шахси сеюм, аз риёзаткашии боварнокардании онҳо рӯҳбаланд шуда, ба истиқболи имон шитофт, ва ихтиёрӣ розӣ шуд ки дар гулхан сӯзад. Имрӯзҳо мо аксуламали пурбаҳои бедоршавии имонро дар шаҳракҳои донишҷӯён, дар деҳаҳо, шаҳрҳо, ва ҷамоатҳо дар якчанд қитъаҳои олам мебинем, ки он ҷо як ҳаёт ҳаёти дигарро ба садоқати бештар водор мекунад, ва он — ба сеюмӣ. Аз он вақте ки шумо реаксияи занҷирии садоқатро дар калисо ё ҷамъияти худ аз сар гузарондед, чӣ муддате гузашт? Дуо кунед, ки навшавӣ аз шумо — аз ҳалқаи муҳимтарини занҷир сар шавад.*

…моро зинда гардон, ва мо исми Туро хоҳем хонд.

*Забур 79:19*

# Гурезаи фавқулодда

**Хитой:** Ло Лю

**Ло Лю бо эҳтиёт аз кӯчаи серодам рафта, ба ақиб менигарист, то боварӣ ҳосил кунад, ки аз пайи ӯ намепоянд ва ӯро нашинохтаанд. Ӯ боз аз назди як лавҳа гузашт, ки дар он сурати ӯ буд ва барои ҳамкорӣ дар ҳабс кардани ӯ мукофот ваъда шуда буд — қариб шашсад доллар.**

Ҳангоме ки Лю 17-сола буд, вай аз хона рафт, то ки ба Худо хизмат кунад. Вай ҷамъияте таъсис дод, ки барои ташкил намудани калисоҳои хонагии аз қайд нагузашта — дар назари ҳукуматдорони коммунистӣ ғайрилегалӣ — ёрӣ диҳад. Ба шарофати ин кор вай бо масеҳиён дар хориҷа, ки ба таври ғайрилегалӣ ба кишвари вай Библияҳоро мекашонданд, алоқа барпо намуд.

Ҳангоме ки полис вайро ҳабс кард, хизмати Лю қариб даҳ сол давом карда буд. Ба вай лозим омад, ки ба пурсуковҳои шадид тоб оварад. Боре вайро чунон заданд, ки вай якчанд соат дар ҳолати кома буд. Аммо Лю оиди масеҳиёне ки ҳамроҳашон кор мекард, маълумоте надод.

Вай ба полис оиди кори худ чизе нагуфт. Барои маҳкум кардани Лю асоси мустаҳкам надошта, ӯро баъди якчанд моҳ озод карданд, аммо ӯ таҳти назорати полиси махфӣ буд. Баъди андаке ӯро ҳамроҳи панҷ нафар ходимони калисои пинҳонкор ҳабс карданд. Ҳамаи моликияти камбағалонаи ӯро мусодира карданд. Ин дафъа Люро ба муддати 5 соли лагери меҳнатӣ маҳкум карданд. Ин муддатро дар лагер гузаронда, вай аз таҳти назорати полис рафт ва худро пурра ба хизмати калисои пинҳонкор бахшид. Аз он муддат ӯро полис ҷустуҷӯ мекунад. Бо вуҷуди хатари ҳақиқии ҳабс, Лю ба хотири Масеҳ ҳаёти гурезагиро ба сар мебарад ва „ҷиноят“-и муҳаббат ба Масеҳро содир мекунад ва мекӯшад, ки ин муҳаббатро ба дигарон расонад.

*Тасаввур кунед, гӯё шумо дар кишваре зиндагӣ мекунед, ки дар он масеҳиёнро таъқиб мекунанд. Агар барои ҳабси ҳамаи масеҳиёни содиқ ордер дода мешуд, шуморо ба ҳукуматдорон кӣ таслим мекард? Оё муносибати хайрхоҳона ва саломалейки миннатдоронаи шумо ба дӯкондори маҳаллӣ, ки ҳар ҳафта дар дӯкони вай харид мекунед, далолат хоҳанд намуд, ки шумо кистед? Оё волидоне ки ҳамроҳашон кӯдакони худро ба мактаб мебаред, хоҳанд донист, ки шумо имондор ҳастед? Оё ҳамкорони шумо бо ҳам баҳс хоҳанд кард, ки шуморо таслим кунанд ва ё не, зеро далелҳои раднопазири ба Масеҳ имон доштанатонро хоҳанд дошт? Оё аъзоёни оилаатон бо васвасаи ба полис телефон кардан мубориза хоҳанд бурд? Ё онҳо боварӣ ҳосил мекунанд, ки муносибат ва рафтори шумо дар асл бо симои „масеҳии содиқ“ мувофиқат намекунанд? Шумо чӣ фикр доред? Шумо чӣ бояд кунед?*

Пас, ҳар яке аз мо дар бораи худ ба Худо ҳисобот хоҳад дод.

*Румиён 14:12*

# Бахшидани фавқулодда

**Покистон:** Сафина

**Сафина — духтари камгап ва зебо — дар Покистон таваллуд шуда, ба камол расидааст. Вай аз хурдсолӣ медонад, ки имкониятҳои вай — зани масеҳӣ — маҳдуд ва хеле ночизанд.**

Бинобар ин, ҳангоме ки оилаи сарватманди мусулмон вайро барои кардани кори хона ва пухтупаз киро кард, духтарак хеле шод шуд, ки барои ёрӣ додан ба оилаи камбағалаш андаке пул кор карда метавонад. Аммо зебоӣ ва рафтори боадабонаи Сафина диққати писари соҳиби хонаро ҷалб намуд. Вай ба волидонаш гуфт, ки мехоҳад Сафинаро ба занӣ гирад, аммо Сафина масеҳӣ буд. Волидони писар ба Сафина пешниҳод намуданд, ки исломро қабул кунад, аммо вай рад кард. Баъди якчанд ҳафтаи фишорҳои доимӣ вай қарор дод, ки аз кор равад, агарчи медонист, ки барои оилааш пул хеле даркор аст.

Он ҷавон чун боварӣ ҳосил кард, ки Сафина зани вай намешавад, қарори бераҳмона қабул кард. Вай Сафинаро бо зӯрӣ ба яке аз хонаҳои хоб кашола карда бурд ва ба номусаш таҷовуз кард.

Сафина баъди ин ҳодисаи нангин фавран аз он кор рафт. Он гоҳ оилаи сарватманд, аз фош шудани сирр тарсида, ба полис хабар дод, ки Сафина дуздӣ мекард. Сафинаро ҳабс карданд, ба вай лозим омад, ки дар ҳабсхона таҳқирҳоро аз сар гузаронад. Аз он вақт якчанд сол гузашт, аммо вай ҳодисаҳои шударо ба ёд оварда, то ҳол бо ҳисси шарм мубориза мебарад. Вай дар дуо ба Худо таваккал мекунад, то ки рӯҳи ӯро шифо диҳад ва кӯшиш мекунад, ки ба бадкирдор гуноҳашро бахшад.

*Мо оиди дин бисёр чизҳоро бо дидани натиҷаҳои ҳаёти пайравони он мефаҳмем. Ин нақлест оиди оилае ки бо роҳи нодуруст ба сӯи Худои нодуруст мерафт. Дини ин оила аъзоёни онро ба таҳрифкорӣ, фисқу фасод, дурӯггӯӣ ва беадолатӣ водор мекард. Баръакс, Худои Сафина, Худои муҳаббат, ӯро ба меҳнатдӯстӣ, фидокорӣ ва устуворӣ водор мекард. Ягон вақт Худо ба Сафина ёрӣ медиҳад, то онҳоеро, ки ба номуси ӯ таҷовуз намуданд, бубахшад. Эҳтиёт бошед, ҳангоме ба шумо мегӯянд, ки ҳамаи динҳо амалан якхелаанд. Моро даъват мекунанд, ки назоратчӣ бошем — самарҳои ҳаёти дигаронро, ки оиди сабабҳои водоркунандаи онҳо шаҳодат медиҳанд, бо диққат тафтиш кунем. Бигузор шуморо он чи дар бораи ҳар кадом дин мехонед, фиреб надиҳад. Ба натиҷаи ҳаёти пайравони он бо диққат назар андозед.*

Онҳоро аз меваҳошон хоҳед шинохт. Оё аз буттаи олуча ангур ва аз мушхор анҷир мечинанд? Ҳамчунин ҳар дарахти нек меваи нек меоварад, лекин ҳар дарахти бад меваи бад меоварад.

*Матто 7: 16, 17*

**Зарбаҳои иблис ҳар қадар сахттар бошанд, мо аз шикасти ӯ ҳамон қадар бештар шод хоҳем шуд.**

Масеҳӣ дар Судон



# Паноҳгоҳи фавқулодда

**Бангладеш:** Эндрю

**Ба шарофати хизмати Эндрю 749 касе ки пештар мусулмон буданд, ғӯтаи таъмид гирифтанд. Илова ба ин, вай дар паҳн намудани 3000 Библия ва 137 ҳазор брошюраҳои инҷилӣ шарик буд.**

Аммо Эндрю мефаҳмид, ки чӣ хатаре ба мусулмонони руҷӯъкарда таҳдид мекунад, бинобар ин маконе таъсис дод, ки барояшон чун паноҳгоҳ хизмат мекунад — аммо на барои истироҳат ва бехатарӣ. Ба масеҳиёни нав аз саҳар то бегоҳ шогирдсозӣ ва башоратдиҳиро ёд медиҳанд.

Баъди анҷом ёфтани барнома онҳоро ба дигар деҳаҳо мефиристанд, ки пештар он ҷо онҳоро касе намешинохт. Дар он ҷо онҳо бо фаъолияти миссионерӣ машғул мешаванд. Ин масеҳиён, аз хатар гурехта, ба паноҳгоҳ фақат барои он меоянд, ки дар шароити хатарноктар кор карданро омӯзанд. Ва онҳо медонанд, ки танҳо нестанд: садҳо бародарон ва хоҳарони онҳо аллакай аз ин мактаби пинҳонӣ баромадаанд, то дар ҳар гӯшаву канори Бангладеш дар бораи Исои Масеҳ эълон кунанд.

Кори Эндрю бехатар нест. Ӯро борҳо полис боздошт намуда буд, мусулмонони радикалӣ, ки аз таъсири ӯ метарсанд, ӯро зада буданд. Ба хона ва оилаи ӯ низ доимо таҳдид мекарданд. Хизмати Эндрю дар он аст, ки ба мусулмонони руҷӯъкарда паноҳгоҳи бехатар диҳад, аммо ин хизмат бехатар нест. Ин барои оилаи ӯ ва барои онҳое ки ба хизмати ӯ ҷалб карда шудаанд, хатари ҳаррӯза аст; бо вуҷуди ин, шогирдони ӯ ҳаёти абадӣ ба даст меоваранд ва ба дигарон додани ҳамин имконияро меомӯзанд.

*Фермереро тасаввур кунед, ки мекӯшад ҳосили бисёрро танҳо ҷамъоварӣ кунад. Вай ҳар қадар бо ҷидду ҷаҳд меҳнат кунад ҳам, барои то охири мавсим иҷро намудани ин вазифа фурсат намеёбад. Исо ҷонҳои гумроҳшударо ба киштзоре монанд кардааст, ки барои дарав пухта расидааст. Ин киштзор меҳнати зиёдро металабад, то як одам онро ба ҷо оварда тавонад. Ҳамин тариқ, моро даъват мекунанд, то ҳамон сатратегияро истифода барем, ки Эндрю дар паноҳгоҳҳои худ дар Бангладеш ба кор мебурд. Мо бояд дигаронро таълим диҳем, ки оиди Масеҳ чӣ гуна нақл кардан лозим аст. Дигаронро масеҳӣ кунондан кофӣ нест. Мо бояд шогирдон тайёр кунем, ки дар навбати худ онҳо тарбиятгарони шогирдони нав хоҳанд шуд. Оё шумо монанди ҳамон фермер нестед, ки якка кор мекунад? Оё шумо ба дигарон нишон медиҳед, ки дар киштзор кор кардан лозим аст?*

Он гоҳ ба шогирдони Худ гуфт: „Дарав бисёр аст, лекин коргарон кам; пас, шумо аз Соҳиби дарав илтимос кунед, ки ба даравИ Худ коргар фиристад“.

*Матто 9:37, 38*

# Исрори фавқулодда

**Озарбойҷон:** шубон Роман Авраменко

**Шубон Роман Авраменко ва занаш дар давоми се сол бо ҷидду ҷаҳд кор мекарданд, то ки дар Исмоиллоҳ (Озарбойҷон) калисо таъсис диҳанд. Аммо ҳангоме ки онҳо ба ин шаҳрак омаданд, онҳоро ҳабс карданд ва таҳдид намуданд, ки агар бо фаъолияти миссионерӣ машғул шаванд, онҳоро аз ин ҷой мекӯчонанд.**

Рӯзҳои якшанбе ба ин калисо қариб даҳ нафар аъзоён меоянд, аммо онҳо ба дигарон оиди Инҷили Исои Масеҳ нақл мекунанд. Ҳукуматдорони маҳаллӣ сокинони шаҳракро чунон тарсонда буданд, ки оилаи Авраменко барои худ манзиле ба иҷора гирифта натавонистанд. Аммо онҳо хонаи худро сохтанд, ки дар он метавонистанд зиндагӣ кунанд ва ҷамъомадҳо баргузор намоянд.

Ҳангоме ки Авраменко дар хонаи худ ҷамъомадҳои калисоӣ гузаронданро сар кард, одамон хеле кам буданд, аммо тадриҷан миқдори онҳо зиёд мешуд. Боре моҳи декабр ба хонаи онҳо мулло омад ва ба онҳо гуфт, ки онҳо ҳақ надоранд дар кишвари исломӣ хизматгузории масеҳиёна гузаронанд.

Шубон Авраменко қарор дод, ки калисои худро ҳимоя кунад, ва ходимони дини исломро ба ҷамъомади дуо даъват намуд. Яке аз онҳо даъватро қабул кард, аммо дертар масеҳиёнро дар он айбдор намуд, ки онҳо Қуръонро таҳқир мекарданд, ва ба шӯрои маҳаллӣ бо пешниҳоде муроҷиат кард, ки калисо баста шавад. Баъди ин намояндагони ҳукумати маҳаллӣ ба хонаҳои аъзоёни калисо омада, ба онҳо таҳдид менамуданд. Баъзеи онҳоро барои „вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ дар шаҳр“ ба муддати 10 шабонарӯз боздошт намуданд. Бо вуҷуди таъқибот ва тарс, ки бисёр сокинони шаҳрро фаро гирифта буд, шубон Роман самимона боварӣ дорад, ки эҳёи имон фаро мерасад. Хонаи вай барои ҳамаи онҳое ки дар ҷамъомадҳои онҳо иштирок кардан мехоҳанд, кушода аст.

*Дар зиндагӣ мо кӯшиш мекунем аз баъзе вазъиятҳо барканор бошем. Санҷишҳо яке аз онҳоянд. Бисёр вақт мо гумон мекунем, ки ҳаёт фақат ва мушкилот иборат аст. Аммо Библия моро таълим медиҳад, ки ҳаёт бояд беташвиш набошад. Дар кӯдакӣ, ҳангоме ки ҳалли масъала душвор мешавад, мо бисёр вақт аз ҳалли он даст мекашем. Ҳангоме ки он душвор метобад, мо гузашт мекунем. Аммо калон шуда, мо пуртоқатиро — боисрор будан ва рӯҳафтода нашуданро меомӯзем. Ҳамин тавр, ҳангоме ки мо дар имон болиғ мешавем, арзиши боисрор буданро мефаҳмем. Оё шумо аллакай дар имон болиғ шудаед? Оё майли кор карданро дар шумо гум кунонда, бо гузашт фирефта намудан осон аст? Ба Худо бигӯед, ки тайёред „болиғ“ шавед.*

Ва сабр бояд амали комил дошта бошад, то ки шумо комил ва солим буда, ҳеҷ камбудие надошта бошед.

*Яъқуб 1:4*

# Сартарошии фавқулодда

**ИМА:** Парк Гиллеспи

**Одамон аксаран тайёранд бисёр чизро бидиҳанд, то ба бародарон ва хоҳарон дар тамоми ҷаҳон ёрӣ расонанд. Муаллими ҷамъиятшиносӣ дар синфи ҳафтум Парк Гиллеспи, шояд, аввалин касе буд, ки мӯйҳои худро ба хотири ёрӣ ба камбағалон дод.**

Чун шогирдони Парк шуниданд, ки кормандони масеҳӣ дар синф оиди Судон нақл мекунанд, қарор доданд ба гурезагоне ки барои имонашон гирифтори таъқибот шудаанд, ёрӣ расонанд. Майли пурҷӯшу хурӯши талабагон ҳатто муаллимонро ҳайрон кард. Талабагони синфи ҳафт барои судониҳои мӯҳтоҷ кампалҳо ҷамъ карданӣ буданд. Тадриҷан ин ҳаракати онҳо тамоми мактабро, ва ниҳоят тамоми шаҳрро фаро гирифт. Гиллеспи ба телеканали WBTV дар Шарлотта, Каролинаи Шимолӣ телефон карда, оиди коре ки кӯдакон барои осон кардани азобҳои судониён ба ҷо меоваранд, нақл кард. Кампалҳо синфхонаҳоро пур карда сар карданд, аммо масъалаи бурда расондани онҳо ҳанӯз ҳал нашуда буд. Ҳангоме ки репортёри WBTV омад, Гиллеспи хабар дод, ки агар пули нақлиёт пардохта шавад, мӯйсарашро метарошад. Баъд аз он ки оиди ин воқеа хабар доданд, хайрот ҷамъ шудан гирифт.

Ҳамин тавр, Гиллеспи аз сабаби муҳаббат ба одамоне ки ҳеҷ гоҳ надида буд, мӯйсарашро тарошид. Тамоми мактаб ҷамъ шуд, то ки ин сартарошии ғайриоддиро тамошо кунад. ва репортёри WBTV инро ба навори видео сабт намуд. Америкоиён бисёр вақт гумон мекунанд, ки барои масеҳиёни таъқибшавандаи кишварҳои дигар кори зиёде карда наметавонанд, аммо Гиллеспи исбот кард, ки ин тавр нест.

*Парк Гиллеспи ва талабагонаш ба мо ёд медиҳанд, ки дар ҳамдардӣ чӣ гуна ихтироъкорӣ, вазифашиносӣ ва ниҳоят — арзиш тавлид мешаванд. Парк ва талабагонаш тайёр буданд арзишро пардозанд — ҳатто то мӯи охирини сарашон! Ҳамдардӣ аксуламали табиӣ ба азобҳост, аммо як худи ҳамдардӣ кофӣ нест. Мо бояд ҳамдардии худро ба воситаи ҳалли эҷодкоронаи мушкилот фаъол намоем. Сипас мо бояд ӯҳдадор шавем, ки қарорҳои худро иҷро мекунем, ва барои пардохтани музди он тайёр бошем. Шумо дар кадом марҳилаи ин раванд (просесс) ҳастед? Оё шумо ба воситаи тафаккури эҷодӣ амалӣ гардондани ҳамдардии худро сар кардаед? Оё шумо ӯҳдадор шудаед, ки ба кор ёрӣ расонед? Оё шумо акнун ба пардохтани арзиш тайёред?*

Ва анбӯҳи мардумро дида, ба
онҳо раҳмаш омад,
зеро онҳо мисли гӯсфандони
бе чӯпон бемадор
ва пароканда буданд.

*Матто 9:36*

# Боз як ҷазои фавқулодда

**Покистон:** Айюб Масиҳ

**„Ин камера наметавонад садди роҳи муҳаббати ман ба Худованд Исои Масеҳ гардад“, — менавишт Айюб Масиҳ аз ҳабсхона. Вай аллакай 5 сол боз аз рӯи тӯҳмати ноҳақ зиндонӣ буд.**

Масеҳиёнро дар Покистон бисёр вақт бардурӯғ дар таҳқир намудани Муҳаммад, асосгузори ислом, айбдор мекунанд. Мувофиқи қонунҳои исломӣ таҳқири муқаддасот ҷиноятест, ки ҷазояш марг аст. Баъзан Айюб ва дӯсти мусулмонаш масъалаҳои ихтилофнокро муҳокима карда, оиди онҳо ҳазл мекарданд. Сухан дар бораи китоби „Шеърҳои шайтонӣ“-и шоир Рушдӣ рафт, ки зиддиисломӣ меҳисобиданд. Суҳбати онҳоро шуниданд ва таҳти фишори дигарон „дӯст“-и Айюб оиди вай маълумот дод.

Айюбро ҳабс карданд ва барои таҳқир намудани Муҳаммад ба марг маҳкум намуданд. Баъди чанд вақт ҳамаи 12 нафар масеҳиёни деҳа аз хонаҳояшон ронда шуданд. Айюб айбро ба гардан нагирифт ва оиди қарори маҳкама аризаи норизоӣ навишт. Дар давоми панҷ сол вай дар ҳабсхона босаброна ҷавобро интизор буд.

Акнун Айюб дар ҳабсхонаи марказии Сахивол дар шаҳри Мултони Покистон аст. Вай медонад, ки ҳатто баъди озодшавӣ ҳаёти вай бехатар намешавад, ва ҳамчунин вай барои аҳли оилаи худ ва ҳамдеҳагонаш хавфнок мешавад. Боре мулло барои қатли Айюб 10 ҳазор доллар мукофот ваъда кард. Дар аввали соли 1998 ба вай суиқасд карда буданд.

*Имрӯзҳо дар кишварҳои исломӣ сӯҳбат дар мавзӯе ки гӯё ба ислом мухолиф аст, маънои маргро дошта метавонад. Ин боварнокарданӣ метобад, аммо мусулмононро низ барои чунин гапҳо марг интизор аст. Библия таълим медиҳад, ки ҷазои гуноҳ марги рӯҳонист. Бе Масеҳ ҳар касро марги рӯҳонӣ интизор аст. Аммо, хушбахтона, Масеҳ ҷазои маргро барои ҳамаи имондорон, ҳатто барои муслмонон, ба худ гирифт. Исои Масеҳ ҷои моро дар зери дастони ҷаллод гирифт, ҳангоме ки ӯро дар салиб мехкӯб намуданд. Ба шарофати марги Ӯ мо бо Худо дар осмон ҳаёти абадӣ ба даст оварда метавонем. Имрӯз Худоро барои он ташаккур гӯед, ки ҳукми марг тағйир дода шуд ва шумо бахшида шудед. Ва барои он одамон дар кишварҳои исломӣ, ки бе Масеҳ онҳоро ҳалокат интизор аст, дуо кунед.*

Зеро ки музди гуноҳ мамот аст, аммо бахшоиши файзи Худо ҳаёти ҷовидонист ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ.

*Румиён 6:23*

# Мантиқи фавқулодда

**Судон**

**„Ин сурудро хон, вагарна кушта мешавӣ“, — дод зад аскар ба асир аз Судони шимолӣ. Сухан дар бораи рамзи имони мусулмонӣ мерафт. Масеҳии асир дар чашмони вай нафрати сӯзонро медид. Асири бечора фикр кард: „Ин мутаассиб чӣ қадар ҳаётҳоро нобуд карда бошад?“ Аскар ба гулӯи асир корди калонро монд.**

Мантиқ мегуфт: „Бихон! Худо медонад, ки туро ба хондан маҷбур карда истодаанд. Хондани якчанд калимаеро, ки хоҳ-нохоҳ ба онҳо бовар намекунӣ, рад карда, ҳаёти худро додан чӣ даркор аст?“.

Аммо аз тарафи дигар вай медонист: Библия таълим медиҳад, ки Калом қувват дорад. Вай ба хотир овард, ки қасамёдкунӣ ба Масеҳ пурқудрат аст. „Аммо қасамёдкунии бегона, таҳқиромез низ пурқудрат буда метавонад“, — фикр кард асир. Ба вай чунин метобид, ки ин ду савол дар сари вай ба ҳам бархӯрданд. Мантиқи вазъият зидди муҳаббати Масеҳ мубориза мебурд.

Ба масеҳиён дар Судон бисёр вақт лозим меояд, ки чунин қарор қабул кунанд, ва онҳо дидаанд, ки бисёр дӯстон ва аъзоёни оилаашонро барои ба Масеҳ имон доштанашон куштаанд. Риёзаткашон рамзи имони мусулмониро хондан нахостанд, зеро намехостанд рӯҳи худро бо сурудҳои таҳқиромез нопок гардонда, Худоро дилшикаста кунанд.

Ҳимояти онҳо бар зидди далелҳои мантиқ дар он аст, ки Масеҳи дар ботини онҳо сокинбуда чунин сурудҳоро хонда наметавонист, бинобар ин онҳо бояд хонданро рад карда, ба натиҷаҳояш сар фароранд. Масеҳ низ, ки хонданро рад мекунад, аз мурдан наметарсад. Ин имондорон чунин меҳисобиданд, ки аллакай дар Масеҳ мурдаанд — онҳо ба Масеҳи дар ботинашон буда зарар расонда наметавонистанд.

*Мо бисёр вақт зиддияти байни мантиқ ва имонро ҳис мекунем. Мантиқ моро водор мекунад, ки розӣ шавем, аммо имон мегӯяд, ки бояд зидди ақидаи солим равем. Ба мантиқ гӯш андохта, мо бисёр вақт ақидаҳои худро фаромӯш мекунем ва ба садои найи бегона мерақсем. Мо то чӣ андоза зиёд суруди бегонаро мехонем, то ки аз мухолифат барканор бошем? Шояд, кори касбиамон моро маҷбур мекунад, ки риёкорӣ кунем. Мантиқ ба мо мегӯяд, ки бояд хомӯш бошем, то ки ҷои корро аз даст надиҳем. Агар шумо ҳис мекунед, ки муддати зиёд ба садои ақл гӯш кардаед, аз Худо хоҳиш кунед, то дар баробари садои ақл садои Ӯро низ шунида тавонед. Аз Ӯ имонро хоҳиш кунед, ки ба шумо даркор аст, то дар лаҳзаи аз ҷиҳати мантиқ мушкил ва нодуруст оқилона суханони дурустро гуфта тавонед.*

Ман бо Масеҳ маслуб шудаам. Ва акнун на ман зиндагӣ мекунам, балки Масеҳ дар ман зиндагӣ мекунад…

*Ғалотиён 2:19, 20*

# Боз контрабандистҳои фавқулодда

**Украина:** Библия аз хориҷа

**Аскарони шӯравӣ участкаи сарҳадро дида мебаромаданд. Шаб ором буд. Бегоҳӣ барф борид. Дар дуродур, дар тарафи Румыния чароғакҳо медурахшиданд. Аз тарафи деҳаи украинӣ аккоси саг шунида мешуд. Ҳангоми сафкашии дастаҳои посбонони сарҳад командир боз ҳам ба аскарон таъкид намуд, ки ҳушёр бошанд, зеро дар участкаи ҳамсоя кӯшишҳои аз сарҳад гузаштан рух дода буданд. Касе ба хориҷа гузаштанӣ буд, ва ё шояд, румынҳо ба деҳа молҳои контрабандавиро гузаронданӣ буданд. Дар байни онҳо на танҳо либос ва пойафзол, балки адабиёти динӣ, аз ҷумла Библияҳо буда метавонистанд.**

Нури фонус бар болои барфи нав пасу пеш медавид. Банохост дар равшании фонус, дар хатти назорат пайҳои по намоён шуданд. Пайҳо сӯи сарҳади Румыния мерафтанд. Аскар ҳуштокро ба лаб бурд — сигнали дарози гӯшхароши бонги хатар садо дод. Ба зудӣ дастаи посбонони сарҳад омад. „Ба ин ҷо! Ба ин ҷо!“ — аскар ба чор ҷуфт пайҳо ишора мекард. — „Онҳо дур нарафтаанд!“

„Аммо, охир, ту аз паси онҳо ба Румыния таъқиб карда намеравӣ-ку“, — гуфт сержант. Ҳангоме ки бонги хатар баланд шуд, чор нафар масеҳиёни румын дар торикӣ беҳаракат истоданд. Онҳо гӯш мекарданд, ки садоҳои сарҳадбонон тадриҷан дур мешуданд. Сипас дар торикӣ ба ҳамдигар табассум карданд. Бо ишораи сардори гурӯҳ онҳо роҳи худро ба сӯи Украина давом доданд, ва бори бебаҳои худ — Библияро ба бародарон ва хоҳарони худ аз калисои пинҳонкор бурданд. Онҳо дар барф ақибнокӣ роҳ рафта, аз сарҳад гузаштанд. Пайҳои онҳо сарҳадбононро фиреб доданд.

*Библия мегӯяд, ки душман кӯшишҳои маккорона мекунад, то ки ба масеҳият зарар расонад. Дар муқоиса бо онҳо, мо — онҳое ки Инҷили осоиштагиро мебарем, — тӯъмаи бегуноҳе барои гург метобем. Аммо Исо моро огоҳ мекунад, то мо хатареро, ки ба гӯсфандон дар байни гургон таҳдид мекунад, дар ёд дорем, ва дар нақшаҳои худ инро ба назар гирем. Мо бояд стратегияи нозук ва тактикаи оқилонаро ба кор барем, то мухолифони худро фиреб диҳем. Шайтон қувват дорад, аммо Худо пурқудрат аст. Ӯ ба мо ёрӣ медиҳад, то бар душманонамон пирӯз шавем. Вазифаи шумо — талабидани хирадмандӣ ва мардонагист, то нақшаҳои пирӯзмандонаи Худоро амалӣ гардонед. Оё шумо ягон мушкилии ҷиддӣ доред? Оё шумо пеш аз он ки қадами ояндаи худро ба нақша гиред, дуо мекунед ва аз Худо хирадмандӣ металабед? Ба Ӯ бовар кунед, охир, Ӯ медонад, ки душманро чӣ гуна фиреб додан мумкин аст, — чуноне ки солҳо боз ин корро мекард.*

Инак, Ман шуморо монанди гӯсфандон ба миёни гургон мефиристам. Пас, мисли морон зирак ва мисли кабӯтарон содда бошед.

*Матто 10:16*

**Азбаски Масеҳ акнун дар рӯи замин нест, Ӯ мехоҳад, ки бадани Ӯ — Калисо азобҳои Ӯро дар азобҳои худ нишон диҳад. Азбаски мо бадани Ӯ ҳастем, азобҳои мо — азобҳои Ӯ мебошанд.**

Ҷон Пейпер, „Хоҳишҳои Худо“.



# Мактубҳои фавқулодда

**Вйетнам:** Лин Дао

**Ҳангоме ки Лин Дао ҳамроҳи модараш ба ҳабсхона наздик шуд, вай хуб медонист, ки бояд чӣ кунад. Вай бояд чунон кунад, ки ин кораш беихтиёрона тобад, чун рафтори духтарчаи хурде ки эҳсосот ӯро фаро гирифтааст.**

Падари Лин дар Вйетнам шубони пинҳонкор аст. Як сол пеш, ҳангоме ки ӯ ҳаштсола буд, чор афсари полис ба хона зада даромаданд ва кофтуковро сар карданд: онҳо Библияҳоро меҷустанд, ки ӯ дар сумкаи мактабии худ пинҳон карда буд. Падари ӯро ҳабс карда, ба корҳои ислоҳотӣ маҳкум намуданд.

Ҳангоме ки онҳо ба шабакаи металлӣ, ки падарро аз онҳо ҷудо мекард, наздик шуданд, Лин дид, ки барои ӯ имконияте пайдо шуд, — дар шабака сӯрохие буд. Лин зуд аз сӯрохӣ гузашта, тирвор сӯи падараш давид ва ӯро сахт ба оғӯш кашид. Посбонон бо ҳайрат ба ӯ менигаристанд, аммо даст намерасонданд. Дар ниҳояти кор, духтарчаи хурдакак чӣ зараре расонда метавонад.

Оилаи Лин тавонист пинҳонӣ ба падар ручкаи хурдакакеро диҳад, ки вай бо он дар коғази папирос иқтибосҳо аз Библия ва мавъизаҳо менавишт. Ин „мавъизаҳои папиросӣ" аз камера ба камера мегузаштанд ва бисёр касонро назди Масеҳ оварданд.

Лин Дао аз хатар наметарсад, агар дуруст рафтор кардан даркор бошад. Вай мехоҳад аз пайи падари худ рафта, мавъизагари Инҷил шавад. Ӯ дар таҷрибаи худ медонад, ки дар Вйетнам имони худро ба коммунистон расондан чӣ хатаре дорад, аммо ӯ мехоҳад „беихтиёр" ба Масеҳ гӯш диҳад, на ба одамон.

*Бисёр вақт имондорон ду овозро мешунаванд, ҳангоме ки бояд фақат як овозро шунаванд, — ва ин яке аз сабабҳоест, ки ба онҳо имкон намедиҳад, то дар шаҳодат додан оиди Масеҳ беихтиёртар бошанд. Итоаткории беихтиёрона бе марказонидани диққат имкон надорад. Мо дар дили худ садои Худоро мешунавем, ки дар вазъияти муайян чӣ кор карданро ба мо мегӯяд. „Инро бигӯ. Дар бораи имон нақл кун". Аммо дар айни замон мо овози худро низ мешунавем, ки ба мо ҳар гуна баҳонаҳоро мегӯяд. „Ҳоло не. Дертар. Ту чӣ кор карда истодаӣ?" Худо ба мо дили бодиққатро медиҳад, ки фақат ба овози Ӯ гӯш медиҳад. Дар имон болиғ шуда, мо мефаҳмем, ки итоаткорӣ барои мо табиитар мегардад — чун рефлекс ё майли беихтиёрона. Имрӯз ба кадом овоз гӯш медиҳед?*

…диламро якто гардон,
то ки фақат аз тарси исми
Ту пур бошад.

*Забур 85:11*

# Қувваи фавқулодда

**Бангладеш**

**Азбаски Абдулло Масеҳро қабул карда буд, аҳли оилааш бо тамоми қувва мекӯшиданд ӯро маҷбур кунанд, то аз раъяш гардад. Дар ниҳояти кор, охир, падари ӯ буд, ки дар назди хонаи худ масҷид сохт ва дар деҳаи худ ва дар тамоми Бангладеш ӯро эҳтиром мекарданд.**

Чун Абдуллоро бо маслиҳатҳо бовар кунонда натавонистанд, аъзоёни оилааш ба зарбу лат рӯ оварданд. Ҳангоме ки зарбу лат ҳам фоида накард. ҳамсояҳоро даъват карданд, то ки ӯро сахттар зананд. Ҳеҷ чиз ёрӣ намедод: Абдулло дар имони худ ба Масеҳ устувор буд. Ниҳоят, модараш ноумед шуда, ба ӯ хӯрок намедодагӣ шуд ва ба косаи ӯ хокистар меандохт. Абдулло аз Худо қувват металабид ва истодагарӣ мекард.

Ниҳоят, аҳли оила муллоро даъват намуданд, то ки вай маросими исломиро ба ҷо карда, „иблис"-ро, ки дар вуҷуди ҷавон ҳукмфармо шудааст, берун кунад. Мулло омад ва дар болои ҷавон дуоҳои исломӣ мехонд. Ӯ месуруд. Ӯ мерақсид ва дод мезад. Рӯҳе ки дар Абдулло буд, шикастнопазир буд. Ҳангоме ки панҷ соат гузашт, мулло хаста шуда, кӯшишҳои худро бас кард.

„Рӯҳи Абдулло аз рӯҳи ман қавитар аст", — гуфт вай ба падараш пеш аз рафтан. — „Абдуллоро аз роҳ гардондан имкон надорад, ва низ ба дигарон расондани ин рӯҳи пурқудратро ба вай манъ кардан имкон надорад". Дар давоми чор моҳ Абдулло 27 нафар мусулмононро ба имони масеҳӣ овард, ҳамаи онҳоро бо Рӯҳи Масеҳ фурӯзон кард!

*Инженерҳои ҳозира кризиси энергетикии имконпазирро ҳал карданӣ шуда, автомобилҳое ихтироъ мекунанд, ки фақат энергияи аккумуляторҳоро истифода мебаранд. Аммо мушкилӣ дар он аст, ки барои аз нав заряддор кардани аккумуляторҳои автомобил бояд манбаи энергия дастрас бошад. Ин идея ҳанӯз чунон нав аст, ки стансияҳои дорои таҷҳизоти иловагӣ барои заряднок кардани аккумуляторҳо хеле каманд ва масофа байни онҳо калон аст. Бе манбаи энергия автомобил корношоям аст. Аммо масеҳиёне низ, ки бе қувваи Рӯҳулқудс ба таври таъсирбахш шаҳодат доданиянд, ҳамчунин корношоям хоҳанд буд. Ғайр аз омӯхтани Каломи Худо, мо бояд аз Рӯҳулқудс барои хизмати худ хирадмандӣ, ҳимоят ва қувват хоҳиш кунем. Оё шумо барои Масеҳ бо қувваи худ кор карданиед, ба ҷои он ки ба қувваи Ӯ имкон диҳед, то дар шумо бошад?*

Аммо вақте ки Рӯҳулқудс
бар шумо нозил шавад,
қувват хоҳед ёфт.

*Аъмол 1:8*

# Муҳаббати фавқулодда ба Каломи Худо

**Ҳолланд:** хизматгордухтар

**Дар асри XVI шоҳ Филиппи II онҳоеро ки Навиштаро омӯхтанӣ буданд, таъқиб мекард. Дар он замон ҳар касеро, ки Библияро меомӯхт, дар оташ месӯзонданд, ғарқ мекарданд, пора-пора мекарданд ё зинда ба зинда гӯр мекарданд.**

Инквизиторҳои шоҳро фиристоданд, то хонаи мэри шаҳри Брюггеро тафтиш кунанд, то бубинанд, ки оё он ҷо касе Библияро мехонад. Ҳангоми кофтуков Библияро ба забони немисӣ ёфтанд. Ҳамаи ҳозирон мегуфтанд, ки чизеро дар бораи он намедонанд. Он гоҳ хизматгордухтаре омад. Ҳангоме аз вай оиди Библия пурсиданд, вай гуфт: „Ман онро мехонам!“

Мэр ӯро ҳимоя карданӣ шуд: „Не, вай хонда наметавонад“. Аммо хизматгордухтар намехост, ки барои вай дурӯғ гӯянд. „Рост аст, ин китоб аз они ман аст. Ман онро мехонам, ва он барои ман аз ҳама чиз гаронбаҳотар аст!“

Вайро ба марг маҳкум намуда, дар девори шаҳр маҳкам карданд. Пеш аз қатл яке аз хизматчиён аз вай пурсид: „Ту ҳанӯз чунин ҷавон ҳастӣ ва бояд бимирӣ? Охир, ту имконияти халосӣ доштӣ-ку“.

Вай ҷавоб дод: „Наҷоткори Ман барои ман мурд. Ман низ барои ӯ мемирам“.

Ҳангоме ки хишти охиринро мегузоштанд, ба вай гуфтанд: „Тавба кун! Фақат ягона калимаи тавбаро ба забон овар!“

Ба ҷои ин вай гуфт, ки хоҳиши ягонааш — бо Исо будан аст, ва илова намуд: „Худовандо, қотилони маро бубахш!“

*Барои касе ин фақат китобест, ки илова ба ин, солҳо боз бозораш тез аст. Барои дигарон ин фақат анъанаи оилавист, ки дар базми арӯсӣ ва ё маросими дафн истифода бурдан даркор аст. Аммо барои бисёриҳо ин Каломи муқаддаси Худост. Ин имондорон бо Библия чун бо мактуби шахси маҳбуб муносибат мекунанд, ва ҳар дафъа ҳангоми хондани он ашк мерезанд. Онҳо дар ҳақиқати Каломи Худо чиро мебинанд? Чӣ онҳоро маҷбур мекунад, ки ҳаёти худро ба хатар монанд, то ки онро бихонанд? Аз Худо ҷавобро бипурсед. Агар ҳақиқат барои шумо сирр бошад, бигзор Худо чашмонатонро кушояд, то ки шумо суханони Ӯро беҳтар дида тавонед. Бе ёрии Ӯ суханон аломатҳои рӯи коғаз мемонанд. Аммо Худо онҳоро зинда карда метавонад.*

Чашмони маро воз кун,
то ки аз Тавроти Ту
корҳои аҷоибро бубинам.

*Забур 118:18*

# Шаҳодати фавқулодда

**Кореяи шимолӣ**

**„Чӣ ҳодиса рӯй дод?“ — пурсид модар, ҳангоме ки писараш бо нигоҳи ҳаросон аз дар даромад.**

„Имрӯз, ҳангоме ки ман бо дӯстам будам, ду афсари полис моро нигоҳ доштанд. Онҳо дӯсти маро аз пой афтонданд ва айбдор намуданд, ки вай масеҳист. Дӯсти ман худро ҳимоя намекард. Ҳатто ҳангоме ки силоҳро сӯяш равона карданд, чеҳрааш ором буд. Вай рост ба чашмони ман нигарист, ва агарчи ҳеҷ чиз нагуфт, ман фаҳмидам, ки чӣ мегӯяд. Вай мехост, ки ман низ ба он чи вай бовар мекунад, бовар кунам. Пас вай гуфт: «Онҳоро баракат деҳ». Вайро барои масеҳӣ буданаш дастгир карданд. Аммо ман ҳатто намедонам, ки масеҳиён киҳоянд. Ман ҳеҷ чизро намефаҳмам“.

Баъди он ки вай ин воқеаро ба модараш нақл кард, модар вайро ба оғӯш гирифта гуфт: “Ман мефаҳмам“. Вай ба писараш оиди Масеҳи Наҷоткор, оиди таваллуди мӯъҷизаноки Исо ва оиди наҷот, ки ба воситаи дар салиб мурдани ӯ омад, нақл кард. Ва агарчи барояш дарднок буд, ки пештар ба хотири бехатарии писараш ба вай оиди Масеҳ нақл накарда буд, модар аз Худо шукргузор буд, ки барояшон имконияти дуюмро дод. „Ҳангоме ки душманони Масеҳ дӯсти туро дастгир карданд, Худо дар дили ту тухми умед кошт“.

Имрӯзҳо ин ҷавон пинҳонӣ ба Кореяи шимолӣ Библияҳоро меоварад ва калисоҳои хонагӣ ташкил мекунад.

*Модар ҳангоми таваллуди он ҷавон ҳаёти табииро ба вай дод, аммо намешитобид, то ба вай ёрӣ диҳад, ки аз нав зода шуда, ҳаёти абадӣ ба даст оварад. Ҳаёти табиӣ хомӯш мешавад, аммо атои илоҳии ҳаёти абадӣ ҳеҷ гоҳ хомӯш намешавад. Ҳангоме ки мо Каломи Худоро ба маҳбубонамон мерасонем, Худо ба онҳо ҳаёти абадиро пешниҳод мекунад. Оё шумо имконияти ба каси дӯстдоштаатон расондани нақшаи наҷотро аз даст додаед? Аз Худо хоҳиш кунед, ки ӯ ба шумо имконияти дуюмро диҳад, чуноне ки ба модари ин ҷавон дод. Барои истифодаи ин имконият то рӯй додани мусибат интизор нашавед.*

Ҳамчун касоне ки аз нав ба вуҷуд омадаед на аз тухми фонӣ, балки аз тухми бефано, ба василаи каломи Худо, ки зинда аст ва то абад боқист.

*1 Петрус 1:23*

# Суруди Фавқулодда

**Кореяи шумолӣ:** суруди Элизабет Прентис

**„Ман худро тамоман холӣ ва ба ҳеҷ кас нодаркор ҳис мекунам“, — шикоят мекард Элизабет Прентис. Пойҳои Элизабет аз кор монданд ва вай азобҳои тасвирнопазирро аз сар гузаронд, аммо ба шарофати имон ба Масеҳ дар чеҳраи вай ҳамеша табассуме медурахшид, ки вай бо он дигаронро рӯҳбаланд кардан мехост.**

Аммо ҳатто вайро андӯҳ фаро мегирифт. „Худоё, илтиҷо мекунам, ба ҷони шикастаи ман ёрӣ деҳ“, — хоҳиш мекард Элизабет. Боре, нисфирӯзӣ, вай суханони суруди пур аз илҳомро навишт:

> Бештар муҳаббат ба Ту, Худоё,
> ба Ту!
> Эй Худованди ман, ба илтиҷои паст
> гӯш андоз.
> Ҳар лаҳза ба ман бештар дӯст доштани
> Туро деҳ...
> Ман некӯиҳои заминиро мехостам,
> бахтро меҷустам;
> Акнун пеши пойҳои ту бо имон
> афтодаам...
> Ман аз андӯҳҳо ва заҳматҳо
> наметарсам.
> Ходимони Худо ба мо осоиш
> меоваранд.
> Акнун ҳамроҳи онҳо мехонам;
> Бештар муҳаббат ба Ту...

Элизабет дониста наметавонист, ки суруди вай барои масеҳиёни имрӯза чӣ тасаллое хоҳад буд ва чӣ таъсире ба онҳо хоҳад дошт. Ҳангоме ки дар Кореяи шимолӣ дар замони диктатураи коммунистии Ким Ир Сен 30 нафар масеҳиёни пинҳонкорро дастгир намуданд, онҳоро дар пеши ҳама қатл карданӣ шуданд. Масеҳиён пеш аз марг суруд хонданд ва ин суруди Элизабет Прентис “Бештар муҳаббат ба Ту“ буд.

*Ин андӯҳгин шуданро манъ намекунад. Ӯ мефаҳмад, ки мо баъзан бояд гиря кунем. Аммо Ӯ моро хеле дӯст медорад ва намехоҳад, ки мо дар гиря гарқ шавем. Ӯ ба андӯҳ имкон медиҳад, ки тӯл кашад, то ки он дар ҳаёти мо амали поккунии худро ба ҷо оварад ва моро ба шабоҳати Ӯ наздик кунад. Ва ҳангоме мо гумон мекунем, ки дигар таҳаммул карда наметавонем, банохост маълум мешавад, ки ҳаёти мо рӯ ба беҳбудӣ ниҳодааст. Рӯзе фаро мерасад, ки мо пурқувваттар мешавем. Бор сабуктар хоҳад тофт. Чун масеҳиён аз Кореяи шимолӣ, ки интизори марг буданд, мо дар ниҳояти кор хоҳем донист, ки дар азобҳо шодӣ кардан чӣ маъно дорад. Оё шумо ҳис кардаед, ки андӯҳ ҳаётатонро пурра дигаргун мекунад? Оё он муҳаббати шуморо ба Масеҳ зиёд кард?*

> Балки дар ҳар чиз худро ҳамчун хизматгорони Худо зоҳир месозем... мисли ғамгин, лекин мо ҳамеша шодӣ мекунем.
>
> *2 Қӯринтиён 6:4, 10*

# Махзани фавқулодда

**Румыния:** шубон Ричард Вурмбранд

**Шубон Ричард Вурмбранд дари вазнини оҳанинро кушода ба ҳуҷраи калони бетонӣ даромад. Вай китобҳои дар фарш қатор чидашударо аз назар гузаронд. Табассум намуда, вай ашкрезон яке аз онҳоро бардошта ба дӯсташ нишон дод: ин Библия барои кӯдакон ба забони румынӣ буд.**

Ором шуда, вай гуфт: „Ман дар ҳамин ҷое ки ҳоло анбор аст, будам. Ман айнан дар ҳамин ҷой будам, 30 фут поёнтар аз сатҳи замин — се сол дар маҳбусии якка. Ман офтоб ва моҳро ҳеҷ намедидам. Маро қариб ҳар рӯз мезаданд. Акнун дар ин ҷо Библияҳо ва китобҳои маро нигоҳ медоранд. Худо аз ин беҳтар карда наметавонист!“

Ҳангоме ки дар соли 1989 дар Румыния сохти коммунистӣ вайрон карда шуд, кормандони „Садои риёзаткашон“ аз давлати банкротшуда магазини китобфурӯшӣ ва мошинаи калони чопкуниро хариданд. Онҳо ҳазорон китобҳои Ричард Вурмбранд ва Библияҳоро чоп карданд, аммо ба онҳо анбори муваққатӣ даркор буд, то онҳоро нигоҳ доранд. Мэри нави Бухарест ба онҳо анбори зери қасри собиқи Чаушескуро пешниҳод кард — ҳамон камераеро, ки Ричард якчанд сол дар он ҷо маҳбус буд ва оиди хизмат ба ватанаш Румыния дуо мекард!

Ҳангоме ки Ричард дар ҳабсхона буд, зиндонбонон ба вай гуфтанд, ки вайро ҳеҷ гоҳ озод намекунанд, ва вай барои Худо дигар ҳеҷ кори фоиданоке намекунад. Акнун ҷое ки барои шиканҷа муқаррар шуда буд, ҷои хизматгузорӣ гардид!

*Ванил, равган, шакар, ва какао барои торти шоколадӣ қисмҳои таркибии асосӣ мебошанд. Агар мувофиқи ресепт ҳамаи инро омехта кунем, хӯрдании болаззате ҳосил мешавад. Аммо агар мо ягонтои ин қисмҳои таркибиро дар алоҳидагӣ гирем, масалан, ванилро — мазаи он на ширин, балки талх мешавад. Худо шеф-ошпаз аст, ки қисмҳои таркибии асосиро дар ҳаёти мо омехта мекунад, то ки хӯрдании болаззат тайёр кунад. Ҳар як азсаргузаронӣ дар алоҳидагӣ талх буда метавонад, аммо агар онро бо ҳамаи дигар қисмҳои таркибӣ омехта кунем, ҳаёти мо офаринишии илоҳӣ шуда метавонад. Оё шумо ҳоло санҷиши сахтро аз сар мегузаронед? Интизор шавед, то бубинед, ки Худо чӣ гуна таҷрибаи шуморо истифода мебарад ва бо ҳодисаҳои дигар омехта мекунад. Ба ӯ бовар кунед, интизор шавед ва нигаред.*

Дар баробари ин мо медонем, ки ба дӯстдорони Худо, ки мувофиқи пешбинии ӯ даъват шудаанд, ҳама чиз бар нафъашон ёрдам медиҳад.

*Румиён 8:28*

**Имконияти ба дигарон ёрӣ додани шумо бевосита ба он вобаста аст, ки худи шумо чӣ қадар азобҳоро паси сар кардаед. Нарх ҳар қадар баландтар бошад, шумо ҳамон қадар бештар ба одамон ёрӣ дода метавонед. Нарх ҳар қадар пасттар бошад, шумо ҳамон қадар камтар ёрӣ дода метавонед. Ҳангоме ки ба китфони шумо санҷишҳои душвор, бадбахтиҳо, таъқибот, мухолифатҳо гузошта мешаванд — агар ба Рӯҳулқудс имкон диҳед, то дили шуморо сӯи Исо гардонад — ҳаёт ба маҷрои дигар ҷорӣ мешавад — ба маҷрои Масеҳ.**

Масеҳии хитоӣ Вочмен Ни — маҳбус аз боиси имон дар Хитой.



# Садоқати фавқулодда

**Румыния:** шубон Ричард Вурмбранд

**Дувоздаҳ нафар шогирдон ҳамроҳи шубони худ дар назди тавора меистоданд. Дар тарафи дигар ҷарии калон буд, ва дар паси он — даромадгоҳ ба ғори сунъӣ. Шери калоне дар назди даромадгоҳи ғор пасу пеш мерафт.**

Шубони онҳо гуфт: „Аҷдодони шуморо барои имонашон пеши ҳайвоноти ваҳшӣ мепартофтанд. Дар ёд нигоҳ доред, ки ба шумо низ азоб кашидан лозим меояд. Шуморо пеши шерҳо намепартоянд, бо вуҷуди ин ба шумо лозим меояд аз дасти одамоне азоб кашед, ки аз ин ҳайвонҳо бадтаранд. Акнун қарор диҳед, ки оё шумо мехоҳед дар садоқат ба Масеҳ қасам ёд кунед“.

Шогирдон ба якдигар нигоҳ карданд. Дар назди онҳо шубонашон, Ричард Вурмбранд меистод, шахсе ки барои кори худ дар калисои пинҳонкор 14 солро дар ҳабсхона гузаронд. Вай дар Румыния ҳафтаи охирин буд, зеро барои вай ва оилааш фидия дода буданд, ва онҳо мебоист баъди якчанд рӯз ватанро тарк мекарданд.

Ричард намедонист, ки оё ин шогирдони мактаби якшанбегӣ аз дасти коммунистони беимон азоб мекашанд ё не, аммо вай мехост ба онҳо имонеро омӯзад, ки аз санҷишҳои вазнинтарин мегузарад. Бинобар ин вай шогирдонро ба боғи ҳайвонот овард, то ки онҳо шеронро бубинанд.

Бо вуҷуди ҷавон будан, шогирдон хуб мефаҳмиданд, ки шубон чиро дар назар дошт. Бо чашмони пур аз ашк онҳо ҷавоб доданд: „Мо дар садоқат ба Масеҳ қасам ёд мекунем“.

*Дарси Ричард Вурмбранд ба ҷавонон саривақтӣ буд. Ва агарчи онҳо фақат баъди муддатҳо ҳама чизи бо риёзаткашӣ алоқамандро мефаҳманд, ва шояд, худашон ҳеҷ гоҳ бо он рӯ ба рӯ намешаванд, ин мисол ба онҳо ёрӣ дод, то қарори муҳим қабул кунанд. Онҳо садоқат ба Масеҳро пешакӣ барои худ таъмин намуданд. Пешакӣ қарор қабул кардан — дар замони таъқибот калиди муваффақият аст. Хеле пештар аз он ки садоқати мо озмуда шавад, мо бояд донем, ки ба кӣ содиқ хоҳем буд. Лаҳзаи масъулиятноктарин — на он вақтест, ки мо имкониятҳои худро бармекашем ва ақидаҳои худро аниқ мекунем. Ин вақтест, ки мо ақидаҳои пешакӣ ташаккулёфтаро ба ҳаёт татбиқ менамоем. Оё шумо ақидаҳои худро ҳоло, пеш аз пайдо шудани васваса, ташаккул додаед, то ки сардор, шавҳар ё зан, оила, органҳои ҳокимият ақидаи шуморо дигар карда натавонанд?*

Ва Он ки мову шуморо дар Масеҳ устувор мегардонад ва моро тадҳин намудааст, Худост.

*2 Қӯринтиён 1:21*

# Шаҳодати фавқулодда

**Арманистон:** Варфоломей

**Шоҳ Астиагс дар ғазаб буд: „Ту бародари маро, занамро ва баъзе фарзандонамро аз роҳ задӣ! Ту ба парастиши худоёни мо халал расондӣ! Ходимони маъбадҳо марги туро металабанд! Агар ту мавъиза кардани Исоро бас накунӣ ва ба худоёни мо қурбонӣ наоварӣ, бо марги даҳшатноктарин мемурӣ!“**

Ҳангоме ки ҳаввориён бо роҳҳои худ рафтанд, Варфоломей бо Инҷил ба Ликаония, Сурия, Осиёи боло ва Ҳиндустон рӯ овард. Вай ба пойтахти Арманистон, ки он ҷо бисёриҳо масеҳиятро қабул карда буданд, рафт. Дар ин ҷо Варфоломейро ба доварии шоҳ оварданд.

„Ман онҳоро аз роҳ назадаам“, — ҷавоб дод Варфоломей, — „балки сӯи ҳақиқат нигаронидам. Ман ба худоёни ту қурбонӣ намеоварам. Ман фақат парастидани ягона Худои ҳақиқиро мавъиза кардаам ва беҳтараш ин шаҳодатро бо хуни худ тасдиқ мекунам, назар ба ин ки имон ва инсофам зарар бинанд!“.

Шоҳ ба хашм омада буд. Барои ба хомӯшӣ маҷбур кардани Варфоломей вай фармуд, ки Варфоломейро азобу шиканҷа диҳанд. Аммо Варфоломей ба ҳар ҳол аз ҳақиқат даст кашидан намехост. Он гоҳ пӯсташро кандан гирифтанд. Дар азобҳои даҳшатнок вай дигаронро даъват мекард, ки ба ягона Худои ҳақиқӣ ва Писари Ӯ Исои Масеҳ имон оваранд. Ниҳоят, шоҳ фармуд, ки Варфоломейро сар зананд. Ӯро ба хомӯшӣ маҷбур карданд, аммо шаҳодатҳои ӯ боқӣ монданд ва тақдирашро дар Исои Масеҳ тасдиқ намуданд.

*Шояд, баъзе касоне ки нақлҳоро оиди риёзаткашон мешунаванд, аз ҳисси мағлубият халос шуда наметавонанд. Дар ниҳояти кор, онҳо чун Варфоломей аз дасти душманони худ кушта шуданд. Исо низ истисно нагардид. Онҳое ки эҳёи Ӯро инкор мекунанд, Ӯро муаллими хубе меҳисобанд, ки хизматаш аз боиси марги бемаҳал қатъ гардид. Дар ҳақиқат, оё марг нишонаи пирӯзии иблис аст? На дар мавриди Исо. Дар асл марги Исо пирӯзии ҳақиқӣ ва ниҳоии Худо бар гуноҳ аст. Дар мавриди риёзаткашони масеҳӣ, шаҳодате ки мо ба шарофати марги ҷасуронаи онҳо ба даст овардаем, назар ба ҳолати зинда монданашон миқдори бештари одамонро ба имон овард. Бо марги худ Худоро на камтар аз ҳаёти худ гиромӣ доштан мумкин аст.*

Онҳо бар вай ба василаи
хуни Барра ва каломи
шаҳодати худ ғолиб омаданд
ва ҷони худро то ба ҳадди
мамот гиромӣ надоштанд.

*Ваҳй 12:11*

# Изҳороти фавқулодда

**Рум:** Ҳавворӣ Павлус

**Павлус ба шогирди худ Тимотиюс навишта буд: „Дар роҳи имон ба таври нек талош намо, ҳаёти ҷовидониро аз худ бисоз, ки барои он ту даъват гардидаӣ ва дар пеши шоҳидони бисёр эътирофи нек кардаӣ“ (1 Тимотиюс 6:12). Ӯ чӣ будани мубориизаро медонист.**

Павлус дар Нома ба Қӯринтиён баъзе чизҳоро аз он чи аз сар гузарондааст, тасвир мекунад: „Балки дар ҳар чиз худро ҳамчун хизматгузорони Худо зоҳир месозем: дар сабри бисёр, дар мусибатҳо, дар мӯҳтоҷиҳо, дар тангиҳо, дар зери зарбаҳо, дар зиндонҳо, дар ошӯбҳо, дар меҳнатҳо, дар бехобиҳо, дар рӯзадориҳо, ... мисли мурдагон, вале инак, мо зинда ҳастем; ҷазо мебинем, лекин мо намемирем; мисли ғамгин, лекин ҳамеша шодӣ мекунем; бенаво, вале мо бисёр касонро сарватдор мегардонем; тамоман нодор, лекин мо дорои ҳама чиз ҳастем“ (2 Қӯринтиён 6:4–10).

Ҳангоме ки Павлус, дар зиндон буда, интизори қатл буд, ба Филиппиён навишта буд: „Зеро ки барои ман ҳаёт — Масеҳ аст, ва мамот фоида аст. Аммо агар ба ҳасби ҷисм дар ҳаёт буданам ба кори ман самаре мебахшида бошад, пас намедонам, ки кадомашро интихоб намоям. Ҳар дуяш ҳам маро ҷалб мекунад: орзу дорам, ки баромада равам ва ҳамроҳи Масеҳ бошам, чунки ин беандоза беҳтар аст; Валекин дар ҷисм монданам барои шумо зарууртар аст. Ва ман аниқ медонам, ки хоҳам монд ва барои пешрафт ва шодии имони шумо бо ҳамаи шумо хоҳам буд“ (Филиппиён 1:21-25).

Аммо баъди якчанд сол ӯ ба Тимотиюс навишта буд: „Дар кашмакаши неке талош кардам, донишро анҷом додам, имонро нигоҳ доштам“ (2 Тимотиюс 4:7). Дар Рум, дар синни 64-солагӣ, Павлус бо фармони қайсар Нерон қатл карда шуд — ӯ рафт, то ки бо Масеҳ бошад.

*Агар ягон вақт илҳом даркор шавад, то дар рӯ ба рӯи азобҳо корро давом диҳем, бояд фақат ба ҳаёти Павлус нигарем. Роҳи хастакунандаи Павлус дарҳол аз мушкилот сар шуд. Ба вай лозим омад бисёр воқеаҳои дар китоби Аъмол зикршударо, ки касро сахт музтариб месозанд, аз сар гузаронад. Аммо ӯ чунин меҳисобид, ки ҳамаи азобҳояш бо он ки ӯ Исоро шинохт ва Хушхабарро паҳн мекард, муқоисанашавандаанд. Агар шумо чунин меҳисобед, ки даври охири хизмати содиқонаи худро медавед, ба суханони рӯҳбаландкунандаи Павлус аҳамият диҳед ва қуввати нав мегиред.*

Лекин ба ин чизҳо нигоҳ
намекунам ва ҷони худро
азиз намедорам, балки
муроди ман фақат ин аст,
ки вазифаи худро ва он
хизматеро, ки Исои Худованд
ба ман супурдааст, яъне
мавъизаи Инҷили файзи
Худоро ба хушӣ анҷом диҳам.

*Аъмол 20:24*

# Таъмиддиҳандаи фавқулодда

**Яҳудо:** Яҳёи Таъмиддиҳанда

**Яҳёи Таъмиддиҳанда ҳар як имконниятро истифода мебурд, то ки адолатро ҳимоя кунад. Ҳангоме ки подшоҳ Ҳиродус Антипос занашро барканор намуда, зани бародарашро ба худ гирифт, Яҳё натарсид. Вай ба Ҳиродус гуфт, ки ӯ бо ин кораш қонунҳои Худоро вайрон кардааст. Барои ин таъна дар дили Ҳиродус нисбати Яҳё нафрати сахте аланга гирифт, аммо ӯ аз Яҳё метарсид, зеро одамон вайро пайғамбар меҳисобиданд. Ҳиродус Яҳёро куштанӣ буд, аммо аз норозигии халқ метарсид. Аммо зери таъсири занаш Ҳиродия ӯ кори аз дасташ меомадаро кард, — вайро зиндонӣ кард.**

Яҳё аз зиндон ба Исо қосидон фиристод, то боварӣ ҳосил кунад, ки Исо ҳақиқатан ҳамон Масеҳест, ки омаданашро пешгӯӣ мекард. Баъди боваркунонии Исо, ки Ӯ дар ҳақиқат Ҳамон аст, Яҳё осуда шуд, зеро медонист, ки вазифааш анҷом ёфтааст. Масеҳ омад, ва Яҳё медонист, ки он чи бо вай рӯй медиҳад, аҳамияти калон надорад. Фақат Исо аҳамият дорад.

Ҳангоме ки подшоҳ рӯзи таваллуд дошт, малика Ҳиродия духтарашро фиристод, то барои подшоҳ ва меҳмононаш рақс кунад. Аз рақси духтар ба ваҷд омада, Ҳиродус шитобкорона қасам хӯрд, ки ба духтар чизи мехостаашро медиҳад. Духтар бо иғвои модараш ҷавоб дод, ки мехоҳад сари Яҳёи Таъмиддиҳандаро дар табақ биёранд. Ҳиродус дар назди меҳмононаш сархам шуд, аммо ба ин талаби бераҳмона не гуфта натавонист ва фармуд, ки Яҳёро сар зананд.

*Бисёриҳо аз мардонагии риёзаткашон ба ваҷд меоянд ва ҷасорати онҳоро таҳсин мекунанд, аммо онҳо на барои он зистанд ва мурданд, ки аз онҳо ба ваҷд оянд. Мо метавонем саргузаштҳои онҳоро чунон баланд қадрдонӣ кунем, ки мақсади ҳаёти онҳоро аз мадди назар дур гузорем. Онҳое ки барои имон кушта шуданд, на барои дарёфти эътибори бештар аз Масеҳ, барои ҷалол додани Ӯ мурданд. Ва ҳаёти онҳо бояд моро водор намояд, ки на ҷисму хунро, балки Худовандро бештар иззату икром намоем. Майли фидокории шумо набояд бароятон шӯҳрату эътиибор оварад. Садоқати шумо на барои он аст, ки номатонро дар толори шарафи масеҳият сабт кунанд. Садоқати шумо бояд Исоро, ва фақат ӯро ҷалол диҳад.*

Ӯ бояд нашъунамо ёбад,
ва ман завол ёбам.

*Юҳанно 3:30*

# Баҳисобгирандаи фавқулодда

**Румыния:** Флорика

**Флорика табъи нобоварона дошт ва ба бадтар аз ин бовар кардан намехост. Вай медид, ки занҳоро аз ҳабсхона мегиранд, аммо намедонист, ки барои чӣ. Ҳангоме ки ин занҳоро ҷеғ зада, дар майдони ҳабсхона ҷамъ мекарданд, Флорика гумон мекард, ки шояд, онҳоро озод мекунанд.**

Ҳангоме Флорика шунид, ки номашро гирифтанд, қарор дод, ки ба иродаи Худо итоат кунад.

Майор гуфт: „Шумо бояд донед, ки ин ҷо мо аз Худо боқувваттарем. Ба ҳар ҳол, то ин вақт Худоятон барои ёрӣ додан ба шумо ҳеҷ кӯшише накардааст. Оё ба ин ҳақиқатан боварӣ ҳосил накардаед? Ман дар назар дорам, ки бояд бидонед, дар ҷамъияти коммунистӣ Худо даркор нест! Ба шумо низ ӯ даркор нест. Агар шуморо ягон вақт аз ин ҷо озод кунанд, шумо хоҳед дид, ки дар муддати якчанд сол ба чӣ муваффақиятҳо ноил шудаем. Ва ин фақат аввали кор аст!“

Флорика ба коғазҳои рӯи миз нигарист, ва ҷавоб дод: „Ман мебинам, ки шумо пурқудрат ҳастед. Ман боварӣ дорам, дар рӯи мизи шумо ҳуҷҷатҳе хобидаанд, ки ман пештар ҳеҷ гоҳ надидаам, аммо онҳо тақдири маро ҳал карда метавонанд. Аммо Худо низ ҳама чизро ба ҳисоб мегирад. Ҳар кадоми мо ба шарофати Ӯ зиндагӣ мекунем. Пас, хоҳ Ӯ маро дар ин ҷо гузорад ва хоҳ озодӣ диҳад, ман сипосгузорона онро қабул мекунам“.

Баъди се рӯз ӯро озод карданд.

*Ҳангоме ки кӯдакон ба мактаб мераванд, қувваи тахтаро зуд мефаҳманд. Аз нуқтаи назари талабагон, ҳангоме ки муаллим номи касеро менависад, ин барои талабагони беитоат ҷазои таъсирбахштарин мешавад. Дар хурдӣ мо орзу мекардем, ки номҳои озордиҳандагони мо навишта шаванд. Мо боварӣ доштем, ки онҳо ҳатман ба ҷазои фаврӣ дучор хоҳанд шуд. Оё мо ҳиссаеро аз ин боварии кӯдакона гум накардаем? Оё афзоиши бадӣ дар ин ҷаҳон моро ба андозае хаста накардааст, ки дигар боварӣ надорем ки Худо „номҳоро менависад“? Библия моро таълим медиҳад, ки ҷаҳон дар пеши Худо ҷавобгар аст. Бинобар ин рӯҳафтода нашавед, ҳангоме гумон мекунед, ки бадӣ беҷазо мемонад. Худо онҳоро доварӣ хоҳад кард.*

…то ки ҳар даҳоне баста шавад ва тамоми олам пеши Худо айбдор гардад.

*Румиён 3:19*

# Инқилобчиёни фавқулодда

**Рум**

**Масеҳиёни аввалин инқилобчиёни рӯҳонӣ буданд. Дар ҷамъияте ки ба бутҳо саҷда мекард, ва касонеро ки ин корро кардан намехостанд, „бехудоён“ меномид, масеҳиён қувваи радикалие буданд, ки ба ягонагии Рум таҳдид мекард. Онҳо хаққи аксариятро эътироф намекарданд ва аз ҳамин сабаб барои ҳокимияти Рум хатарнок буданд. Онҳоро ба дараҷае бад медиданд, ки қатли онҳо на фақат воқеаи ҳаррӯза буд — онро бо маҳорати боварнокардани ба ҷо меоварданд.**

Масеҳиён инқилобчиён буданд, ки доварии охирин ва ба воситаи бозгаштани Масеҳ дигаргун шудани оламро эълон мекарданд, то ки бисёриҳо наҷот ёфта тавонанд. Онҳо мегуфтанд, ки Масеҳ назар ба қайсари Рум қудрати бештар дорад. Бинобар ин қайсарони Рум фармонҳо мефиристоданд, ки ҳар касе худро масеҳӣ номад, бояд бе доварӣ қатл карда шавад. Ба ин „исёнкорон“, ки ба қудрати қайсар шубҳа мекарданд, имкон намедоданд, ки худро ҳимоя кунанд. Дар таърихи империяи Рум се давраи таъқиби масеҳиён ҷой дошт, ки ҳар кадоме аз пештара бадтар буд.

Инқилобчиёнро „риёзаткашон“ меномидагӣ шуданд. Ин номро барои он шоҳидоне истифода мебурданд, ки дар назди доварон ва қайсарон бо истодагарии аскарони таълимгирифта шаҳодат медоданд. Ҳатто агар онҳо ҳангоми дида баромадани парванда намуранд ҳам, онҳоро риёзаткашон ва ё эътирофкунандагон меномиданд. Онҳо ақидаҳои худро дигар намекарданд. Риёзаткаш будан — бо вуҷуди шароити сахт гувоҳи имон ба Масеҳ будан аст. Ҳар як гувоҳи Масеҳ инқилобчии замони ҳозира аст.

*Риёзаткашони замони гузашта, чуноне ки мо имрӯз ҳастем, аскарони ҷанги рӯҳонӣ буданд. Ин муҳориба замоне сар шуд, ки Исо дар салиб мурда, қувваҳои бадиро зеру забар кард. Марги ӯ дӯзах ва девҳои онро беяроқ намуд. Риёзаткашон мусобиқакунон ин муҳорибаро давом медиҳанд, аммо на бо силоҳи ҷисмонӣ, балки рӯҳонӣ. Эътирофи шахсӣ силоҳи асосии онҳост. Онҳо ба ҳудуди душман мераванд — масалан, ба кишварҳои авторитарӣ — ва нотарсона пирӯзии Масеҳро бар иблис эълон менамоянд. Қиматбаҳотарин чизи онҳо на ҳаёт, балки шаҳодати онҳост. Маҳз барои ҳамин онҳо тайёранд ҳаёти худро диҳанд, то ки ақидаҳои худро нигоҳ доранд. Шумо муҳорибаи худро дар куҷо сар мекунед? Оё шумо тайёред силоҳи шаҳодати худро ба кор баред?*

Дар роҳи имон ба таври нек талош намо, ҳаёти ҷовидониро аз худ бисоз, ки барои он ту даъват гардидаӣ ва дар пеши шоҳидони бисёр эътирофи нек кардаӣ.

*1 Тимотиюс 6:12*

## Супоришҳо

Аз Худованд хоҳиш кардам, ки ба ёри ман мадад расонад Ва
Инҷилро ба кишварҳои дур барад,
Ва беқувватонро тасаллӣ диҳад, аммо Ӯ ба ман гуфт;
Агар Маро дӯст дорӣ, дастони Ман бош.

Аз Худованд хоҳиш кардам,
ки назди мемурдагон
Ва назди ятимони кӯча равад,
Ва назди маҳбус равад, аммо Ӯ ба Ман гуфт;
Агар Маро дӯст дорӣ, пойҳои Ман бош.

Аз Худованд хоҳиш кардам,
ки ба мискинон ғамхорӣ кунад,
Ва ҳар як кӯдаки гирёнро парасторӣ намояд
Ва эҳтиёҷоти ҳар як касро бинад, аммо Ӯ ба ман гуфт:
Агар Маро дӯст дорӣ, чашмони Ман бош.

Ман ба Худованд гуфтам: Ман ба Ту хизмат кардан мехоҳам,
Аммо намедонам чӣ тавр сар кунам.
Муҳаббат — ана ҷавоб, — гуфт ӯ ба Ман.
Агар Маро дӯст дорӣ, дили Ман бош.

Г.Шири Вестфал



# Устувории фавқулодда

**Патмӯс:** Ҳавворӣ Юҳанно

**Бо касе ки ӯро дар равған мепазанд, аммо ӯ намемирад, чӣ бояд кард?**

Оиди ҳавворӣ Юҳанно ривоятҳои зиёде ҳастанд. Мегӯянд, ки қайсари Рум Домисиан фармуд, ки ҳаввориро дар равған бирён кунанд, аммо Юҳанно аз даруни дег низ мавъиза мекард. Бори дигар ба Юҳанно маҷбуран заҳр нӯшонданд, аммо чуноне ки дар Марқӯс 16;18 ваъда шуда буд, ин ба ӯ зарар нарасонд. Бинобар ин Юҳанноро, ки сарвари калисои Эфсӯс буд, соли 95-ум ба ҷазираи Патмӯс бадарға карданд.

Юҳанно ҳамаи инро паси сар кард, зеро ҳанӯз на ҳамаи он чиро ки Худо аз вай мехост, ба ҷо оварда буд. „Ваҳӣ“ ҳанӯз пайдо нашуда буд.

Ҳангоме ки Юҳанно дар ғор буд, рӯъёе дид. Ин рӯъё китоби Ваҳӣ гардид — китобе ки дар таърихи калисо қувваи ҳаракатдиҳандаи башоратдиҳӣ мешавад. Ин пешгӯӣ оиди воқеаҳоест, ки ҳангоми бозгашти Масеҳ рух медиҳанд. Юҳанно оиди омадани дуюми Масеҳ навишта, омадани ӯро шодбош гуфтааст. Ҳатто ҳозир ин асар имондоронро дар интизории омадани пурҷалоли Масеҳ илҳом мебахшад.

Баъди ду сол қайсар Домисиан мурд. Юҳанно аз бадарға ба Эфсӯс баргашт. Шогирди ҷавонтарини Масеҳ чунон умр дид, ки пиртарин гардид, ва дар Эфсӯс дар синни 80-солагӣ баъди зиёда аз ним асри хизмати суботкорона ба калисои Масеҳ вафот кард.

Ман, Юҳанно, ки бародари шумо, ва шарики андӯҳ ва малакут ва сабри Исои Масеҳ ҳастам, аз барои каломи Худо ва шаҳодати Исои Масеҳ дар ҷазираи Патмӯс будам.

*Ваҳӣ 1:9*

*Аз хизмати Худо мувофиқи синну сол ба истироҳат рафтан имкон надорад. Аз Юҳанно пурсед. Дар замоне ки дарозии миёнаи умр баланд набуд, Юҳанно доимо вазифаи худро иҷро карда, то 80-солагӣ умр дид. Шояд шумо худро хеле пир ҳис мекунед ва чунин мешуморед, ки Худо дар ҷои шумо ягон каси ҷавонтарро истифода бурдан метавонист. Ё шумо ҷавонед, муҷаррад ҳастед, ва аз худ мепурсед, ки оё агар оиладор бошед, барои Худо бештар фоида намеоред? Ба ҷои он ки баҳона ёфта биравед, Худо ба шумо устувории рӯҳонӣ бахшиданист, ки онро барҳам додан осон нест. Аз Худо хоҳиш кунед, ки қадамҳои ояндаи шуморо дар хизмати Ӯ нишон диҳад, ва худи ҳамин рӯз сар кунед.*

# Беитоатии фавқулодда

**Ериҳӯ:** Роҳоб

**Ҳангоме ки Еҳушаъ ибни Нун ду нафарро барои ҷосусӣ кардани Ериҳӯ фиристод, онҳо дар хонаи Роҳоби фоҳиша пинҳон шуданд. Хонаи Роҳоб дар девори Ериҳӯ, ки шаҳрро аз меҳмонони нохонда ҳимоя мекард, сохта шуда буд. Ҳангоме подшоҳ шунид, ки дар шаҳр ҷосусони исроилӣ ҳастанд, фармуд, ки онҳо фавран аз шаҳр берун карда шаванд.**

Роҳоб ба фармони подшоҳи худ беитоатӣ карда, ҷосусонро пинҳон намуд. Вай ҳатто дурӯғ гуфт, то ки ёфтани онҳоро душвортар кунад. Дертар, бегоҳии ҳамон рӯз, вай ҷосусонро пинҳонӣ ба воситаи тиреза бо ресмони дароз аз шаҳр баровард. Роҳоб оиди Худои Исроил кам медонист, аммо тайёр буд ба халқи Ӯ ёрӣ расонад. Вай ба ҳокимони бутпарасти худ беитоатӣ кард ва ҳатто ҳаёташро ба хатар гузошт. Ба шарофати ин вай баъди аз ҷониби лашкари Еҳушаъ ибни Нун забт шудани шаҳр зинда монд.

Ҳодисаи ба ин монандро мо дар Аъмол 9:25 мебинем. Павлус якчанд рӯз дар Димишқ буд, ва дар куништҳои яҳудиён мавъиза мекард. Яҳудиён аз дигаргуние ки бо Павлус рӯй дод, ба дараҷае ҳайрон шуданд, ки ӯро куштанӣ шуданд. Шогирдони Павлус ӯро аз девори шаҳр фаровcovered varданд, то ки аз дарвозаи шаҳр нагузарад ва аз хатари марговар эмин бошад.

*Баъзе масеҳиён чунин меҳисобанд, ки дар кишварҳои авторитарӣ беитоатӣ ба ҳокимият бинобар таъқибот ҳақ аст. Оё масеҳиёни хитоӣ, ки дар калисои расмӣ аз қайд гузаштан намехоҳанд, лоиқи он зарбу лат ҳастанд? Оё мусулмононе ки дар кишварҳои исломӣ ба масеҳият рӯ меоваранд, сазовори он ҳастанд, ки сангсор карда шаванд? Агарчи баъзе матнҳоро ҳар хел маънидод кардан мумкин аст, ҳамаи масеҳиён розиянд, ки мо вайрон кардани қонунҳои Худоро ба ҳукумат иҷозат дода наметавонем. Албатта, ин ба масеҳиён ҳуқуқ намедиҳад, ки ба ҳокимият муқобилат кунанд. Беитоатӣ фақат ҳамон вақт дуруст аст, ки лозим меояд байни садоқат ба Масеҳ ва риояи қонунҳои амалкунанда интихобе кунем. Мавқеи шумо кадом аст? Навиштаро омӯзед ва худатон қарор диҳед.*

Ва ҳокимиятҳои мавҷуда аз ҷониби Худо барқарор шудаанд.

*Румиён 13:1*

# Фиреби фавқулодда

**Кореяи шимолӣ:** зани солхӯрда

**„Боре муаллима ба мо гуфт, ки мо дар бозии ғайриоддӣ иштирок хоҳем кард. Вай бо овози паст ба мо оиди китоби аҷоибе нақл кард, ки волидони мо дар хона пинҳон карда метавонистанд. Мо бояд то хоб рафтани волидон интизор шуда, он китобро меёфтем ва пинҳонӣ ба мактаб меовардем, то ки тӯҳфа гирем. Ман ба хона омада, дарҳол ба ҷустуҷӯи китоб даромадам.**

Ман яке аз он 14 кӯдаконе будам, ки рӯзи оянда ба мактаб ин китобро — Библияро оварданд. Ба мо лентаҳои сурх тӯҳфа карданд, ва ҳангоме ки мо дар синф қадам мезадем, талабагони боқимонда кафкӯбӣ мекарданд.

Он рӯз ман тозон ба хона рафтам, то ки тезтар ба модарам нақл кунам, ки ман чӣ тавр ин лентаи сурхро тӯҳфа гирифтам. Вай на дар хона буд, на дар анбор. Ман интизор шудам, аммо на падарам омад, на модарам. Ман гурусна будам, ва рӯз аллакай бегоҳ мешуд. Ман худро бад ҳис кардам ва дар кресло хобам бурд.

Рӯзи дигар афсари полис ба назди ман омад ва гуфт, ки ман акнун таҳти парастории давлат ҳастам. Ман дигар ҳеҷ гоҳ волидони худро надидам“.

Зани пиронсол аз Кореяи шимолӣ ин воқеаро нақл кард. Вай то ҳол ин рафтори бефикронаи худро бахшида наметавонад. Вай фақат яке аз бисёр касонест, ки чунин дарду аламро аз сар гузанондаанд.

*Иблис назди мо бо либоси сурх, бо панҷшоха мусаллаҳ шуда намеояд, чуноне ки дар карикатураи машҳур тасвир ёфтааст. Ин гуна кӯшишҳои зарар расонданро ба осонӣ фаҳмидан мумкин мебуд. Бо вуҷуди ин, чун кӯдак дар ин воқеа, мо бисёр вақт бо он дар шароити андаке дигар вомехӯрем. Аксаран намояндагони душман шахсони дорои мартаба ва қудратанд. Худатон фикр кунед, таъсири шарики хушсухан дар соҳибкорӣ чӣ гуна аст. Дар ин воқеа кӯдак фаҳмид, ки душман қоидаҳоро риоя намекунад. Ҳар вақте ки душман ва намояндагони ӯро вохӯрем, мо бояд соддалавҳиро фаромӯш карда, аз онҳо эҳтиёт бошем. Оё шумо барои душман тӯъмаи осон ҳастед? Оё шуморо гофилгир кардан мумкин аст?*

Ва ин тааҷҷубовар нест: зеро ки худи шайтон шакли фариштаи нурро мегирад. Бинобар ин кори бузург нест, ки агар хизматгузорони вай низ шакли хизматгузорони адолатро бигиранд; лекин фарҷомашон аз рӯи аъмолашон хоҳад буд.

*2 Қӯринтиён 11:14, 15*

# Маҳбуси фавқулодда

**Вйетнам:** То Дин Трунг

**То Дин Трунг бо дучархаи (велосипед) худ дар роҳҳои пурлойи пасту баланд садҳо мил роҳро тай кардааст, то ки ба қабилао кхо мавъиза кунад. Ин яке аз 60 қабила мебошад, ки ҳукумат ба онҳо мавъиза карданро иҷозат намедиҳад. Ҳангоме ки вай 4-уми апрели соли 1995 ба деҳаи мардуми кхо омад, кормандони полис ӯро аз велосипед афтонда, задан гирифтанд. Яке аз онҳо ин воқеаро ба навор мегирифт.**

Воизро ба ҳабсхона партофтанд ва пеш аз он ки доварӣ баргузор гардад, шаш моҳ дар он ҷо нигоҳ доштанд. Ҳангоме ки вай суруди кӯдаконаи „Худовандро шабу рӯз дӯст дор“-ро хонд, вайро ба муддати зиёдтар маҳкум карданд.

Ниҳоят, аз боиси ба ҳукумат фишор овардани ташкилотҳои хайрияи байналмилалӣ Трунгро се моҳ пештар озод карданд. Ва агарчи вай зани вафодор ва ду фарзанди хурдсол дошт, Воиз барои ба озодӣ баромадан тайёр набуд! Охир вай боз як имконият пайдо кард, то барои ҷонҳои гумроҳ мавъиза кунад! Ҳукуматдорон бо вай чӣ карда метавонистанд? Вай бе ин ҳам дар ҳабсхона буд!

Ба шарофати кӯшишҳои Трунг, дар ҳабсхонаи назди Кван Нгаи бисёриҳо назди Масеҳ омаданд. Трунг шунид, ки бисёр масеҳиён дар ҳаққи вай дуо мекунанд, ва қарор дод, ки ҳаёти худро ба хотири Малакути Худо фидо кунад. Трунг аз озодшавии пеш аз мӯҳлат даст кашид ва кори инҷилшиносиро давом медод.

*Пештар Трунг бандии ҳукумат буд — вай чӣ будани бераҳмӣ ва шиканҷаҳоро фаҳмид. Аммо дар ҳабсхона то охири мӯҳлат монданӣ шуда, вай бандии Масеҳ шуд. Давлат ӯро шикаст доданӣ буд. Хоҷаи нави вай — Исо — қувваи вайро барқарор намуд. Давлат рисолаи ӯро хомӯш карданӣ буд. Ба шарофати Исо ин рисоларо дар ҳар як камераи ҳабсхона шуниданд ва Трунг башоратдиҳандаи дукарата шуд. Трунг ба мо ёдрас мекунад, ки таҳти ҳокимияти Масеҳ аз озодӣ ҳаловат бурдан чӣ маъно дорад, ҳатто агар шуморо ташвишҳо ва балоҳои ин ҷаҳон асири худ гардонда бошанд. Шояд, шумо низ худро асири чунин вазъияти вазнин меҳисобед. Ба Исо имкон диҳед, ки шуморо озод кунад — ба ӯ иҷозат диҳед, ки ҳокими ҳақиқии ҳаёти шумо гардад.*

Барои ҳамин ҳам ман,
Павлус, ба хотири шумо,
халқҳо, бандии
Исои Масеҳ ҳастам.

*Эфсӯсиён 3:1*

# Шубони фавқулодда

**Судон:** шубон Луқо

**Барои шубон Луқо душвор буд, ки бо ҳар яке аз панҷ фарзандонаш ва занаш видоъ кунад, ҳангоме ки вай лагери гурезаҳоро тарк мекард, то ба хизмати худ ба ҷануби Судон баргардад. Вай фақат баъди се моҳ оилаи худро мебинад, зеро хизмати вай дар ноҳияҳоест, ки ҷанги шаҳрвандӣ ва ҳуҷумҳои ҳукумати исломӣ беш аз ҳама таъсир кардаанд.**

Аҳли калисои Луқо бинои худро надоштанд, зеро аксари биноҳо дар натиҷаи 20 соли ҷанги шаҳрвандӣ дар Судон хароб шудаанд. Онҳо ҳар ҳафта дар зери сояи дарахти калоне ки дар танааш салиб канда шуда буд, ҷамъ меомаданд. Ҳангоми парастиш аҳли калисо дар замин менишастанд ё рост меистоданд, ва шубон Луқо дар назди салиби кандашуда истода мавъиза мекард.

Агар шубон Луқо бо аъзоёни оилаи худ мемонд, вай онҳоро ҳар рӯз дида метавонист. Кормандони миссияҳои башардӯстона бе вай ҳам оиди эҳтиёҷоти ҷисмонии судониҳои бехонумон ғамхорӣ намуда, онҳоро бо хӯрокворӣ таъмин мекарданд. Аммо Худо Луқоро барои ғамхорӣ оиди эҳтиёҷоти рӯҳонии онҳо даъват намудааст. Агар вай ба роҳ набароядд, кӣ вайро иваз мекунад?

Луқо дар ноҳияе мавъиза мекунад, ки пештар он ҷо калисои амалкунанда набуд. Вай супориши Худоро — дар кишвари аз ҷанг харобшуда намак ва нур буданро иҷро мекунад. Тарк кардани оила барои Луқо душвор аст, бисёр вақт хеле душвор. Аммо Худо фидокории ӯро бо „калисо дар зери дарахт“, ки шумораи аъзоёни он доимо зиёд мешавад, мукофотонид.

*Меҳнат барои Худо бисёр вақт моро аз маҳбубонамон ҷудо мекунад. Исо худаш ҳамаи онҳоеро ки дар шаҳри худ ва оилааш медонист, тарк намуд, ҳангоме ки дар синни сисолагӣ хизмати худро сар кард. Агар мо нақшаи барои мо тайёркардаи Худоро иҷро карданӣ бошем, аксар вақт ин роҳ моро сӯи номаълумӣ мебарад. Ва агарчи сафарамон метавонад моро аз наздикон, хона, роҳат ва бехатарӣ маҳрум кунад, моро аз муҳаббати Масеҳ ҷудо кардан имкон надорад. Муҳаббати ӯ ҳамсафари доимии мост, ва аз ҳамин сабаб мо ҳеҷ гоҳ ҳақиқатан танҳо намемонем. Оё шумо хона, оила, дӯстонро ёд мекунед? Агар шумо боварӣ доред, ки иродаи Худоро барои ҳаёти худ иҷро мекунед, набояд вазифаатонро тарк кунед. Масеҳ доимо шуморо ҳамроҳӣ хоҳад кард.*

Кӣ моро аз муҳаббати
Масеҳ ҷудо мекунад?

*Румиён 8:35*

# Воизи телевизионии фавқулодда

**Вйетнам:** бародар Кбе

**Ҳангоме ки фарзандони бародар Кбе ӯро бори аввал дар телевизион диданд, онҳо хеле хурсанд буданд. Аммо ҳангоме диктор гуфт, ки падари онҳо ҷинояткор аст, шодии онҳо ғайб зад. Дар телевизион мегуфтанд, ки вай дар бисёр ҷиноятҳо бар зидди ҳукумати Вйетнам айбдор аст.**

„Ҷиноятҳо“-и бародар Кбе дар он буданд, ки вай дар ҷамъомадҳои аз қайд нагузаштаи калисои хонагӣ Инҷилро мавъиза мекард. Ҳукумат воизро ба воситаи телевизион нишон медод, то ки вайро шарманда кунад ва дигаронро аз алоқаҳо бо вай барҳазар дорад. Ба воситаи радио ва телевизион нишон медоданд, ки чӣ тавр ходимони полис Кберо пурсуков мекунанд. Аммо ин барои паҳн намудани рисолаи инҷилӣ ба вай фақат ёрӣ дод. Вай минбареро доро шуд, ки аз он метавонист ба бисёриҳо оиди Масеҳ нақл кунад. Муфаттиш дар назди телекамера Кберо оиди имони вай мепурсид, ва вай метавонист ба бисёриҳо оиди Масеҳ нақл кунад. Вай фаҳмонд: „Онҳо маро ба воситаи телевизион нишон доданд, то ки одамон маро шинохта тавонанд. Ҳамсояҳои ман мегӯянд: „Чаро ту оилаатро тарк мекунӣ?“ Ман ба онҳо мефаҳмонам, ки Худо оиди ин ғамхорӣ мекунад. Ман бояд равам. Киштзор пухта расидааст, аммо коргарон кам ҳастанд“.

Чун кормандони полис диданд, ки кӯшишҳои шарманда кардани Кбе натиҷа надоданд, онҳо ба вай таҳдид карданд, ки агар боз мавъиза карданӣ шавад, вайро ҳабс мекунанд. „Зани ман хурсанд аст, ки номҳои мо дар Китоби Ҳаёт навишта шудаанд ва симои ман дар телевизион барои шаҳодатам ёрӣ мерасонад. Полис барои паҳн намудани Инҷил ёрӣ мерасонад. Онҳо метавонанд калисоро маҳкам кунанд, аммо на шаҳодати моро“, — мегӯяд Кбе.

*Имондоронро дар гулхан сӯзондан, кишану завлона задан, дар камераи маҳбас нигоҳ доштан ва ё ба корҳои маҷбурӣ фиристодан имкон дорад. Имондорон метавонанд бимиранд. Аммо Инҷил ҳаёташиро давом медиҳад. Кбе ба мо ёдрас мекунад, ки Инҷил ба бинои калисо, ҷамъомад ва ё ягон имондор вобаста нест. Бинои калисоро бастан мумкин аст. Ҷамъомадҳоро пеш кардан мумкин аст. Имондорро ҳабс кардан ва ё куштан имкон дорад. Оё фаҳмиши шумо оиди масеҳият бо ягон шубон, иншооти калисоӣ ё фаъолияти муайян вобаста аст? Агар ин нишонаҳои зоҳирӣ набошанд, оё имони шумо боз ҳам тараққӣ хоҳад кард (чуноне ки дар кишварҳои ғайридемократӣ ба амал меояд)? Бо вуҷуди маҳдудиятҳо, Каломи Худо боқӣ мемонад. Оё ба ин нигоҳ накарда, шумо воситаеро меёбед, то ки имони худро дар ҳаёт татбиқ намоед?*

…ба ҳасби башорати ман, ки барои он, мисли бадкоре, то ба дараҷаи занҷирҳо уқубат мекашам, аммо каломи Худо ба занҷирҳо банд нест.

*2 Тимотиюс 2:8, 9*

**Имконияти хизматгори Худо шудан ҳамеша ва дар ҳама ҷо ҳаст. Душманон қодир нестанд чизеро дигаргун кунанд. Мо рӯҳан фақат як Роҳбар дорем. Ӯ қадамҳои моро равона мекунад.**

Том Уайт, ки дар ҳабсхонаи Куба барои он азоб мекашид, ки аз ҳавопаймои хурд ба болои ҷазираи коммунистӣ брошюраҳои инҷилиро мепартофт.



# Духтури фавқулодда

**Румыния:** духтур Маргарета Пескару

**Дар Румынияи коммунистӣ дар ҳар як ҳабсхона духтур буд, ки аксаран ҳангоми пурсуковҳо ҳозир буд ва бисёр вақт ба ҷаллодон ёд медод, ки чӣ тавр бе натиҷаи марговар дарди сахт расондан мумкин аст. Аммо бисёр духтурон қасами Ҳиппократро ҷиддӣ қабул мекарданд ва корҳои коммунистонро маҳкум менамуданд.**

Зани зебо — масеҳӣ Магарета Пескару ҳамин гуна духтур буд. Тамоми кормандони тиббиро пеш аз даромадан ба ҳабсхона бо ҷиддият тафтиш мекарданд, аммо духтур Пескару, худро ба хатар андохта, борҳо барои маҳбусон доруҳои даркориро меовард. Кӯшишҳои фидокоронаи вай ҳаёти бисёр касонро наҷот доданд.

Боре вай дар беморхонаи маҳбас, ки он ҷо беморони туберкулёз мехобиданд, кор мекард. Он вақтҳо коммунистон „тарбиятгарон“-ро таъин мекарданд, ки онҳо ҳақ доштанд тамоми воситаҳоро ба кор баранд, то шахсро маҷбур кунанд, ки аз имон даст кашида, дар садоқат ба коммунизм қасам ёд кунад. Ин тарбиятгарон бераҳм буданд. Бисёр масеҳиён аз шиканҷаҳо мурданд. Ҳангоме духтур Пескару шунид, ки ба беморхонаи маҳбас тарбиятгарон омадаанд, вай кори боварнокардание кард. Вай ба назди сардори ҳамаи ҳабсхонаҳо рафт ва барои маҳбусони бечора шафоат намуд. Воқеаи ғайричашмдошт рух дод; мансабдори баландмақом талаби доктор Пескаруро рад накард.

Ба шарофати кӯшишҳои вай, дар Румынияи коммунистӣ „тарбиятгарон“, агарчи муваққатан бошад ҳам, азобу шиканҷа додани бегуноҳонро бас карданд.

*Кӯшиш кардан. Ин ҳамон чизест, ки қадамгузориро аз беҳаракатӣ фарқ мекунонад.* Санҷида дидан. *Ин он чизест, ки масеҳиён бояд кунанд, агар онҳо дар Инҷили Масеҳ марказонида шудаанд.* Санҷида дидам. *Ақаллан як бор „санҷида дидам“ гуфтан — ягона воситаест барои масеҳиён, то нобарориро қабул кунанд. Дар ҳақиқат, агар мо санҷида набинем, ҳеҷ гоҳ намефаҳмем. Шояд, мо идеяҳои эҷодкоронаро, ки дар фикри мо оиди дар ҷои кор, хона ва ё ҷамоат паҳн кардани рисолаи инҷилӣ пайдо мешаванд, хеле тез рад мекунем. Мо фикр мекунем, ки онҳо ба кор намеоянд. Мо худро бовар мекунонем, ки зиддият хеле сахт хоҳад буд. Аммо агар санҷида набинем, инро аниқ нахоҳем донист. Оё шумо тайёред ба бадали ҳар чизе ки бошад, аз ҳамин рӯз сар карда, ба Масеҳ итоат карданро санҷида бинед.*

> …ва ба ин тариқ назди подшоҳ хоҳам омад, гарчанде ки ин хилофи қонун аст, ва агар талаф шавам, бигзор талаф шавам.
>
> *Эстер 4:16*

# Обойҳои фавқулодда

**Корея:** Роберт Ҷ. Томас

**Июли соли 1866 Роберт Ҷ. Томас ва занаш ба Кореяи ҷанубӣ рафтанд, то ки дар ин кишвар аввалин миссионерон бошанд. Баъди чанд вақти ба Корея омадани онҳо зани Томас вафот кард. Соли 1866, баъди якчанд моҳи кори воизӣ дар Кореяи ҷанубӣ, Томас забони кореиро аз худ намуд. Ӯ дар дарёи Тедонган бо киштии америкоии „Генерал Шерман“ сӯи он ҷое шино кард, ки ҳоло пойтахти Кореяи шимолӣ воқеъ аст. Аммо „Шерман“ ба пастоб шишт. Сарбозони кореӣ кордҳои дарози ҷилодори худро ҷунбонда, ба саҳни киштӣ баромаданд.**

Ҳангоме Томас дид, ки ӯро куштанӣ ҳастанд, „Исо, Исо“ гуфта, ба аскарон Библияро ба забони кореӣ дароз кард. Вайро сар заданд.

Баъди 25 соли марги Томас касе дар ин ноҳия меҳмонхонаи хурдеро пайдо кард, ки дар толори он обойҳои хеле аҷоиб буданд. Дар обойҳо иероглифҳои кореӣ буданд. Соҳиби меҳмонхона фаҳмонд, ки саҳифаҳои ин китобро дар девор часпонд, то ки навиштаҳои онро маҳфуз дорад. Соҳиби меҳмонхона ва бисёр меҳмонон ба толор барои „хондани деворҳо“ меоянд. Дар деворҳо саҳифаҳои Библияе буданд, ки Томас ба қотилони худ дароз кард.

Ва агарчи ҳоло дар ин маҳал коммунизм ҳукмрон аст, калисо зинда аст. Кори Роберт Ҷ. Томас, ки онро „миссияи муваққатӣ“ меномиданд, дар Кореяи шимолӣ давом дорад, ки он ҷо Каломи Худо на фақат дар деворҳо часпонда шудааст, балки дар дилҳо маҳфуз аст.

*Тасаввур кунед, ки шумо баҳорон дар полиз кишт кардед, аммо тобистон ба ҷои дигар кӯчидед. Вақт ва кӯшишҳое ки шумо ҳангоми коридан, об додан ва хишова кардан сарф кардед, ба назаратон беҳуда буданд. Дар бораи шаҳодатамон оиди Масеҳ низ ҳаминро гуфтан мумкин аст. Аммо ин ҷо аз як сабад помидор дида чизи хеле баландтар аст. Агар мо аз самари кӯшишҳои худ ҳаловат бурда натавонем, бовар карданамон душвор мешавад, ки кори мушкили моро қадрдонӣ мекунанд. Дар ёд дошта бошед, ки ҳама чизро Худо месабзонад. Мо метавонем бовар кунем, ки Худо кори саркардаи моро давом медиҳад — ҳатто агар ӯ моро кӯчонад ҳам. Шумо кадом полизро бояд тарк кунед, то ки каси дигаре онро сабзонад?*

Ман кишт кардам, Апӯллӯс об дод, лекин Худо сабзонид. Бинобар ин на кишткунанда аҳамияте дорад, на обдиҳанда, балки Худои сабзонанда.

*1 Қӯринтиён 3:6, 7*

# Пуртоқатии фавқулодда

**Империяи Рум:** Бландина

**Бландина хизматгорзани аз қуввати Худо пур буд, ва касоне ки ӯро шабу рӯз азобу шиканҷа медоданд, дар охир гузашт карданд. Дар ҳақиқат, чунин метофт, ки шиканҷаҳо имони Бландинаро қавитар мекунанд. Вай ҷасурона имони худро ситоиш мекард: „Ман масеҳӣ ҳастам; мо аз имони худ шармсор нахоҳем шуд“.**

Бландинаро дар замони ҳукмронии қайсар Марк Аврелий Антоний (161–170 милодӣ) таъқиб мекарданд. Ин айнан ҳамон вақте буд, ки масеҳиён азобҳои худро бо ҷидду ҷаҳд сабт менамуданд. Онҳо дигар масеҳиёнро рӯҳбаланд карданӣ буданд, то ки онҳо дар ин воқеаҳо намунаи пуртоқатиро пайдо кунанд.

Бландинаро дар сутун овехтанд, аммо вай ба ин тоб овард, ва онҳоеро ки шоҳиди шиканҷаҳо буданд, рӯҳбаланд мекард. Ҳангоме ки ин ба вай таъсир накард, онҳо вайро ҳамроҳи дигар масеҳии 15-сола, ки Понтик ном дошт, ба саҳна дар байни шерон партофтанд. Бландина рӯҳафтодагиро ҳис намекард, балки „шодиву хурсандӣ мекард, ки ба роҳ рафта истодааст, гӯё ба базми арӯсӣ даъват шудааст“.

Бландинаро ду бор назди шерон партофта буданд, аммо онҳо ба вай намерасиданд. Вай саломат ба зиндон баргашт. Ниҳоят вайро „назди шерон партофтанд; қамчинкорӣ карданд; ба тӯре шинонданд, ки гови ваҳшӣ онро мезад; луч карда, ба курсии металлии тафсондашуда шинонданд“. Бо вуҷуди ин вай зинда буд, ва онҳоеро ки дар наздаш буданд, рӯҳбаланд мекард, ки дар имон устувор бошанд. Чун ҷаллодон диданд, ки ӯро маҷбуран аз имон даст кашонда наметавонанд, вайро бо шамшер куштанд.

*Вазъиятҳое ҳастанд, ки агарчи бо шаҳодати масеҳӣ вобаста нестанд, барои мо санҷиши пуразоб мешаванд. Тарбияи фарзанди душвортарбия дар хона. Ҳамкори хислаташ душвор. Муносибатҳои ҳамсаронаи душвор. Лаҳзаҳое мешаванд, ки гӯё мо дигар ба ин шиддатнокӣ тоб оварда наметавонем, ва васвасаи гузашт карданро ҳис мекунем. Бо вуҷуди вазъиятҳо, Худо ба мо барои иҷрои коре ки Ӯ моро ба он даъват мекунад, сабр ва қувват медиҳад. Худо ба Бландина қувват дод, то ба ҳамаи азобу шиканҷаҳо тоб оварад. Худо метавонад моро водор кунад, ки дар иҷрои вазифаҳои волидӣ, ҳалли мушкилот бо ҳамкор ё дар ҳалли масъалаи гӯё ҳалнопазир аз Ӯ ёрӣ талабем. Номи Исоро ба забон оварда, мо шоҳиди Ӯ шуда метавонем. Новобаста ба рафти воқеаҳо, Худо ҳамеша ҳамроҳи мо буда, ба мо сабру таҳаммул ба ҳатто шодӣ мебахшад. Дар кадом соҳаҳои ҳаёт шумо тоборарии фавқулоддаро, ки фақат аз Худои меҳрубон бармеояд, талаб мекунед?*

Ва бар тибқи иқтидори ҷалоли Ӯ бо тамоми қувват мустаҳкам шавед, то ки бо шодӣ дорои ҳар сабот ва сабр бошед, ва Падарро шукргузорӣ намоед, ки Ӯ моро ба мероси муқаддасон дар нур шарик гардондааст.

*Қӯлассиён 1:11, 12*

# Дузди фавқулодда

**Русия:** Николай Хмара

**Николай Хмараро барои ғоратгарӣ дастгир карда, ба муддати 10 сол зиндонӣ карданд. Хмара масеҳиёнро мушоҳида намуда, ҳайрон мешуд, ки онҳо ба маҳбусони дигар монанд нестанд. Онҳо гӯё одамони оддӣ буданд, аммо бо вуҷуди ин, ба азобҳо нигоҳ накарда, шодӣ мекарданд, дар лаҳзаҳои тиратарин сурудҳо мехонданд. Ҳангоме ки онҳо пораи нон доштанд, бо касе ки онро надошт, ба Ӯ ҳам медоданд. Ҳангоме онҳо бо касе гап мезаданд, ки Хмара вайро дидан намехост, чеҳраҳои онҳо медурахшиданд.**

Боре ду масеҳӣ дар назди Хмара нишаста, аз вай хоҳиш карданд, ки дар бораи худ нақл кунад. Хмара ҳикояи ғамангези худро нақл кард, ва гуфт: „Ман одами гумшуда ҳастам“.

Яке аз масеҳиён бо табассум пурсид: „Агар касе ангуштарини тиллоро гум кунад, арзиши чизи гумшуда чӣ қадар хоҳад буд?“

„Чӣ саволе? Ангуштарии тилло — ангуштарии тиллост. Агар касе онро гум кунад, дигаре онро пайдо мекунад“.

„Ҷавоби хеле хуб“, — гуфт масеҳӣ. — „Акнун ба ман гӯед, арзиши шахси гумшуда чӣ қадар аст? Одами гумшуда, ҳатто агар дузд, зинокор ва ё одамкуш бошад ҳам, ҳамон як арзишро дорад — арзиши одам. Вай чунон арзишеро дорад, ки Писари Худо ба хотири вай осмонро тарк карда, дар салиб мурд, то ки вайро наҷот диҳад“.

Масеҳӣ ба ғоратгар гуфт: „Ҳатто агар шумо аз роҳ бероҳа шуда бошед, муҳаббати Худо шуморо ёфта метавонад“. Инро шунида, Хмара оиди зиндагии худ фикр кард ва баъди чанде худро ба Масеҳ супурд.

*Арзиши чизи пурбаҳоро чӣ гуна андоза мекунанд? Одатан меъёри арзиш сарфи вақт, пул ва ё эҳсосоти одам аст. Яъне бо моликият, шуғл ё ҳатто муносибатҳо чӣ гуна муносибат кардани одам нишон медиҳад, ки вай арзиши онҳоро чӣ гуна баҳо медиҳад. Масалан, фарқи муносибат ба либоси корӣ ва ба костюми навро бинед. Ё фарқи ғамхорӣ барои стакани когазӣ ва қадаҳи булӯринро нигаред. Ва ҳангоме ки чизи пурбаҳо гум шавад ва ё касе ба шахси маҳбубатон зарар расонад — магар ашкҳо намерезанд. Ана чӣ гуна арзиш доранд одамон... шумо бошед? Масеҳӣ ба Николай Хмара фаҳмонд: одамон чунон арзише доранд, ки Исо ба хотири ин мавҷудоти гумшуда ва исёнкор осмонро тарк кард ва дар салиб мурд. Худо онҳоро то ҳамин дараҷа дӯст медорад. Шуморо дӯст медоранд, пурбаҳо меҳисобанд. Шод бошед ва хабари хушро ба „маҳбубонатон“, ки дар наздатон ҳастанд, расонед.*

Лекин Худо муҳаббати Худро ба мо бо ҳамин исбот мекунад, ки ҳангоме ки ҳанӯз гуноҳкор будем, Масеҳ барои мо мурд.

*Румиён 5:8*

# Дузди фавқулодда — қисми дуюм

**Русия:** Николай Хмара

**Николай Хмара ба ҳабсхона чун дузд омад, аммо аз он ҷо чун масеҳӣ баромад. Баъди озодшавӣ вай ба калисои пинҳонкори Русия ҳамроҳ шуд.**

Баъди муддате шубони калисоеро, ки вай ба он мансуб буд, ҳабс карданд. Ҳукуматдорон вайро азобу шиканҷа медоданд ва умед доштанд, ки вай калисои худро таслим мекунад, сарчашмаҳои ба даст овардани адабиёти масеҳӣ ва ёрии молиявиро нишон медиҳад, аммо вай ба онҳо чизе нагуфт. Он гоҳ онҳо Николай Хмараро назди шубон оварданд ва гуфтанд: „Агар ба саволҳои мо ҷавоб надиҳӣ, мо Хмараро дар пеши назари ту азобу шиканҷа медиҳем“.

Шубон тоқати дидани онро надошт, ки касе аз боиси вай азоб мекашад. Аммо Хмара ба вай гуфт: „Яҳудо набош. Ман тайёрам барои номи Масеҳ азият кашам“. Николайро бераҳмона мезаданд, вай бо марги риёзаркашона мурд, аммо бо истодагарии худ шубонро рӯҳбаланд кард.

*Воқеаи Хмара — дарсест оиди тазоди байни Малакути Худо ва подшоҳии иблис. Библия моро таълим медиҳад, ки дуздон, қотилон ва харобкоронро мансубони подшоҳии иблис ҳисобем. Дар мавриди Хмара душман ҷисми ӯро вайрон кард, ва ниҳоят, ӯро кушт. Бо вуҷуди ин, Малакути Масеҳ бо ҳаёт вобаста аст — бо ҳаёти берун аз ҳудуди имкон. Ҳамин тариқ, Исо ба Хмара ҳаёти нав дод ва дузди собиқро росткор намуд. Ду подшоҳӣ байни ҳам душманӣ доранд, ва ҳаёти мо — ғанимати ҳарбист. Ҳангоме ду шахси имондор ба Хмара роҳи ба Малакути Худо пайвастанро нишон доданд, вай аз подшоҳии бадӣ „гурехт“. Шумо барои ба подшоҳии Худо овардани дигарон чӣ кор мекунед?*

Дузд меояд, то ки бидуздад, бикушад ва талаф кунад; Ман омадаам, то ки онҳо ҳаёт ёбанд ва онро ба фаровонӣ дошта бошанд.

*Юҳанно 10:10*

# Тарҷумаҳои фавқулодда — қисми якум

**Англия:** бевазани масеҳӣ

**Шаш мард ва бевазанеро барои ҷинояти вазнине ки онҳо бар зидди Калисо содир намуданд, ба доварӣ оварданд. Онҳо ба фарзандони худ дуои Худованд ва Даҳ аҳкомро ба забони англисӣ ёд медоданд**

Соли 1519 Библияро фақат ба забони лотинӣ таълим додан мумкин буд. Аммо одамони оддӣ бо забони англисӣ гап мезаданд. Онҳо порчаҳои Навиштаҳоро пинҳонӣ ба забони англисӣ тарҷума мекарданд ва онҳоро пинҳонӣ аз хона ба хона медоданд. Аммо акнун, ки ин шахсонро дастгир карда буданд, онҳоро мебоист дар назди омма месӯзонданд.

Маҳбусон ҳафт нафар буданд, аммо доварон фақат ба бевазан раҳм карда, вайро озод карданд. Ҳеҷ кас эътироз накард, зеро вай танҳо буд ва дар хона кӯдакон дошт.

Ҳангоме ки посбон Саймон Мортон аз дасти бевазан гирифта мерафт, дар остини болопӯши вай садои шиқирросро шунид. Вай аз остини болопӯш тарҷумаҳои англисии Библияро, ки онҳо аз рӯи он ба кӯдакони худ таълим медоданд, гирифт. Ва агарчи вай ҳозиракак аз марг халос шуда буд, тарҷумаҳоро монда рафтан нахост, зеро чунин меҳисобид, ки фарзандонаш бояд ҳақиқати Каломи Худоро донанд. Акнун вай ба марг маҳкум шуд. Шаш мард ва бевазани ҷасурро зинда ба зинда сӯзонданд.

Намунаи чунин муборизон ибтидои аз Руми католикӣ ҷудо шудани Англия гардид. Соли 1534 Архиепископи Кентербери Томас Кранмер аз папа даст кашид, дайрҳоро (монастирҳо), ки лонаи бадахлоқӣ гашта буданд, баст ва ба калисо Библия ва китобҳои дуоро ба забони англисӣ дод.

*Мо дар давраи электронии системаҳои сигнализатсияи хонаҳо, ки аз ҷиҳати мураккабӣ бо аксари системаҳои бехатарии банкҳо баробаранд, зиндагӣ мекунем. Хона ва моликияти мо, албатта, хеле пурқиматанд, то ки онҳоро ба хатар гузорем. Аммо бо вуҷуди ин, барои масеҳиёни асри XVI Навишта чизи пурқиматтарин буд. Чун бевазани ҷасур дар ин ҳикоя, онҳо чунин меҳисобиданд, ки ҳатто ба хотири порчаҳои алоҳидаи Навишта ҳаётро додан меарзад. Ва агарчи аллакай замона дигар шудааст, арзиши каломи Худо бетағйир аст. Мо минбаъд ҳам бояд бо ҳаёти худ нишон диҳем, ки каломи Худо бебаҳост — агарчи аз эҳтимол дур аст, ки барои ин аз ҳаёт маҳрум мешуда бошем. Оё дигарон медонанд, ки каломи Худо дар зиндагии шумо чӣ арзише дорад?*

> Барои ман шариати даҳони
> Ту беҳ аст аз ҳазорҳо
> тилло ва нуқра.
>
> *Забур 118:72*

**Миссионерони масеҳиро ҳатман ҷустуҷӯ карда, дастгир кардан даркор аст, зеро онҳо гургони маккоранд, ки барои империализм чун силоҳ хизмат мекунанд.**

Огоҳии кушода, ки ҳокимияти коммунистии Кореяи шимолӣ бо он ба халқ муроҷиат намуд.



# Тарҷумаҳои фавқулодда — қисми 2

**Англия:** Вилям Тиндейл

**„Аммо, ҷаноби Тиндейл, шумо бояд иқрор шавед“, — мегуфт доктори илоҳиётшиносӣ бо писханд, — „ки бо қонунҳои барояшон фаҳмои калисо зистани одамон осонтар аст, назар ба зистан бо қонуни Худо, ки фақат дар Библия ҳаст!“**

Вилям Тиндейл ба хашм омад: „Ман ба коҳинони шумо ва қонунҳои онҳо коре надорам! Агар Худо чунин ҳисобад, ки ман бояд зинда монам, пас ба наздикӣ деҳқоне ки ҷуфт меронад, Навиштаро аз онҳо беҳтар хоҳад донист!“ Ин суханон сабаби душмании воиз бо калисои расмӣ буд. Баъди андаке вай аз Англия ба материк гурехт ва дар он ҷо тарҷумаи „ғайрилегалӣ“-и Аҳди Ҷадидро ба забони англисӣ таълиф намуд.

Дар давоми якчанд сол тарҷумаҳои хурди Инҷилро, ки В. Тиндейл нашр карда буд, пинҳонӣ дар тойҳои пахта бо киштиҳои немисӣ ва бо роҳҳои дигар ба Англия меоварданд. Аммо Тиндейлро „дӯсташ“ Ҳенри Филипс таслим намуд ва ӯ барои бидъат маҳкум карда шуд.

Чунин меҳисобанд, ки ҳангоме Вилям Тиндейл дар зиндон интизори қатл буд, вай тарҷумаи англисии Аҳди Қадимро ба анҷом расонд. Ӯро октябри соли 1536 дар гулхан сӯзонданд. Пеш аз марг вай гуфт: „Худоё, чашмони подшоҳро кушой!“

Ва Худо кушод. Аллакай баъди як соли марги риёзаткашонаи Тиндейл монархия ба чопи аввалин тарҷумаи англисии Библия иҷозат дод. Библияи шоҳ Яъқуб баъди 75 сол пайдо шуд.. Тарҷумаи ҳозираи шоҳ Яъқуб 90 фоизи меҳнати Тиндейлро такрор мекунад.

*Душманӣ бо нокомӣ баробар аст. Баъзан он тамоман чизи баръаксро ифода мекунад. Ҳатто ҳамкорони хайрхоҳтарин баъзан метавонанд бо нуқтаи назари мо оиди хизматгузорӣ розӣ нашаванд. Танқиди онҳо моро ғофилгир карда метавонад, ва он гоҳ мо дар даъвати худ шубҳа карданро сар мекунем. Ҳангоме ки Худо ба мо нуқтаи назари муайянеро оиди хизматгузорӣ медиҳад, чуноне ки ба Тиндей дод, новобаста ба имкониятҳо, мо бояд ба он содиқ бошем. Танқид набояд ғайрати моро гулӯгир кунад — он бояд моро водор кунад, ки нуқтаи назари худро содиқонатар такмил диҳем. Оё Худо ба шумо оиди хизматгузорӣ нуқтаи назар додааст? Чун Тиндейл, шумо метавонед натиҷаи кори худро то муддати муайян набинед, ва ё умуман набинед. Шуморо маҳкум карда метавонанд. Бо вуҷуди ин, аз вазифаи худ даст накашед, ва Худо ба шумо ёрӣ медиҳад, то бар танқид дастболо шавед.*

Зеро ки ба хотири Ту
бори нангро бардоштаам,
ва пардаи расвоӣ рӯи
маро пӯшидааст.

*Забур 68:8*

# Кӯдакони фавқулодда далер

**Кореяи шимолӣ:** Сенг Ли ва Ҳонг Юн

**Коммунистон дар Кореяи шимолӣ ба кӯдакон мегӯянд, ки агар онҳо ягон вақт аз кишвар гурехтанӣ шаванд, онҳоро тақдири даҳшатнок интизор аст. Аммо бисёр кӯдакон аллакай медонанд, ки агар гурехта тавонанд, онҳо бояд хонаи салибдорро ҷустуҷӯ кунанд, то дар он ҷо ёрмандӣ ёбанд. Ду кӯдак аз Кореяи шимолӣ, ки то калисо омада тавонистанд, саргузаштҳои худро ба шубон нақл карданд.**

„Номи ман Сенг Ли аст. Ману хоҳарам дидем, ки волидони мо аз гуруснагӣ мурданд. Ҳангоме ки дарёчаи Ялу ях кард, мо аз он гузашта тавонистем. Ҳангоме ки мо ба тарафи дигар гузаштем, хоҳари калониам ба ман гуфт; «Ту дар ин ҷо бош. Ман андаке пештар меравам». Вай дигар барнагашт." Сенг ҳамагӣ шашсола аст.

Ҳонг Юн, бачаи 11-сола, гуфт: „Ман мехоҳам ба Кореяи шимолӣ баргашта, ба ҳама оиди Масеҳ нақл кунам". Вай бо гиря ба сурудан сар кард:

Худовандо, ба мо садои Инҷилро деҳ,
Барои бародарони маҳбубамон, ки
замоне Худованд дӯсташон дошт.
Куҷоянд онҳо? Худованд онҳоро
меҷӯяд.
Худованд, моро назди онҳо бифирист,
назди бародарони маҳбуби кореӣ.
Худованд, моро назди онҳо бифирист,
назди бародарони маҳбуби кореӣ.
Дар ҳар ҷое ки бошанд, бигзор онҳо
чун гулҳо бишкуфанд.

Баъди якчанд моҳ Ҳонг Юнро аз деҳа дуздида ба Кореяи шимолӣ бозгардонданд. Шояд, вай ҳатто ҳозир ба дуздандагони худ шаҳодат медиҳад.

*Ҷасорат яке аз сифатҳоест, ки то вақти даркор шуданаш одамон аз он дарак надоранд. Дар лаҳзаи ҳалкунанда аён мешавад, ки он ҳаст ё не. Оиди хислат низ ҳаминро гуфтан мумкин аст — дар вазъиятҳои муайян албатта аён мешавад, ки мо онро дорем ё не. Маҳз барои ҳамин ҳам хислат ва ҷасорат ду сифате мебошанд, ки онҳоро тақлид кардан хеле душвор аст. Хушбахтона, Исои Масеҳ дар лаҳзаҳои даркорӣ ба мо ҷасорати ҳақиқӣ ва хислати устуворро медиҳад. Мо метавонем вонамуд кунем, ки ҳамааш хуб аст, аммо фақат Исо метавонад моро далер гардонад. Мо дар байни одамон обрӯю эътибори нек дошта метавонем, аммо фақат Исо метавонад ҳангоме ки ҳеҷ кас намебинад, ба мо хислат диҳад. Шумо ҳозир дар куҷо хислат ва ҷасорати худро нишон медиҳед?*

Вақте ки ҷасорати Петрус ва Юҳанноро диданд... мутааҷҷиб шуданд ва онҳоро шинохтанд, ки аз ҳамроҳони Исо буданд.

*Аъмол 4:13*

# Боз як нури фавқулодда

**Покистон:** Зоҳид

**Зоҳид дар Покистон муллои мусулмон буд. Вай масеҳиёнро таъқиб мекард ва Библияҳои онҳоро месӯзонд. Боре вай яке аз Библияҳоро нигоҳ дошт ва ба хондани он сар кард, то дар бардурӯғ будани масеҳият боварӣ ҳосил кунад.**

„Ман Библияро дар ҷустуҷӯи ихтилофот мехондам, то ки онҳоро бар зидди имони масеҳӣ истифода барам“, — нақл мекард Зоҳид. — „Банохост дар ҳуҷраи ман рӯшноӣ афрӯхта шуд, ва ман шунидам, ки Овоз маро ном гирифта чеғ мезанад.

«Зоҳид, чаро ту Маро таъқиб мекунӣ?» — пурсид Овоз.

Ман тарсида будам. Ман чӣ кор карданамро намедонистам. Ман пурсидам: «Ту кистӣ?»

«Ман роҳ, ростӣ ва ҳаёт ҳастам». Равшанӣ ва Овоз се шаб пайиҳам пайдо мешуданд. Шаби чорум ман ба зону афтодам ва Масеҳро чун Наҷотдиҳандаи худ қабул кардам“.

Баъди масеҳӣ шуданаш Зоҳидро чун хоини ислом ҳабс карданд. Ӯро ду сол дар ҳабсхона азобу шиканҷа медоданд ва, ниҳоят, ба марг маҳкум намуданд. Ҳангоме ки ба гарданаш ҳалқаи дорро андохтанд, Зоҳид ба ҷаллодон гуфт, ки Исо роҳ, ростӣ ва ҳаёт аст. Вай нафаси охирини худро барои он истифода бурданӣ буд, ки ҳамватанони худро бо Хушхабар наҷот диҳад.

Банохост қосид давида омад ва гуфт, ки қатл мавқуф гузошта мешавад Баъди чанде Зоҳидро озод карданд. Ҳеҷ кас намедонад, ки ҳукми қатлро чаро бекор карданд, аммо имрӯзҳо Зоҳид дар Покистон чун башоратдиҳанда сафар карданро давом медиҳад.

*Одамоне ки дар масофаи як қадам аз марг буданд, одатан ҳамон як чизро мегӯянд. Онҳо хулоса мебароранд, ки Худо бо ягон мақсаде ҳаёти онҳоро давом бахшидааст. Мутаассифона, дар мусоҳибаҳои телевизионӣ хеле кам сухан оиди он меравад, ки ин кадом мақсад буд. Оё онҳо мақсади Худоро барои ҳаёти худ фаҳмиданд? Моҳиятан, Худо барои ҳамаи мо як нақша дорад. Ӯ мехоҳад, ки мо худамон Ӯро дарк намоем, ва ба дигарон барои дарк намудан ёрӣ диҳем. Баъзеҳо, чун Зоҳид, бояд таҷрибаи нотакрор ба даст оваранд, то ба он ҷое бирасанд, ки бояд оиди Худо мавъиза намоянд. Бо вуҷуди ин, вазифаи мо аксаран худи ҳамон аст. Оё шумо ягон вақт ҳис кардаед, ки шуморо ба ин замин бо сабаби муайян фиристодаанд? Ин сабаб — дарк намудани Ӯ ва ба дигарон барои дарки Ӯ ёрӣ додан аст.*

Исо ба вай гуфт: „Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам; касе наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба василаи Ман“.

*Юҳанно 14:6*

# Қувваи фавқулодда

**Рум:** Винсент

**Ресмонҳо дар бандҳои даст ва буҷулакҳои пояш сахттар таранг мешуданд, дард сахттар мешуд ва масеҳии румӣ Винсент ҳис кард, ки дастон ва ронҳояш аз банду буғумҳо канда шудаанд.**

Десий, қайсари Рум, дар назди олати шиканҷа, ки Винсент ба он баста шуда буд, меистод. „Ту бо азобҳои даҳшатовар мемурӣ“, — гуфт вай ба масеҳии ҷавон.

„Ҳеҷ марге боифтихортар аз марги риёзаткашона нест“, — нидо кард Винсент. — „Ман осмонро мебинам ва он ҷо бутҳои ту нестанд“.

Десий фармуд, ки шиканҷаи масеҳии маъюбгаштаро сахттар кунанд. Аз дард беҳол шуда, Винсент ба қайсар гуфт: „Шумо фақат ҷисми маро нобуд карда метавонед, ки хоҳ-нохоҳ фано мешавад. Дар дохили ман Винсенти дигар зиндагӣ мекунад, ки шумо бар он ҳеҷ қудрате надоред. Он Винсентро на ба олати шиканҷа овехтан ва на кушта метавонед“. Аскарон ӯро аз олати шиканҷа фаровараданд, либосҳояшро бароварданд ва ба фарш, ки пур аз шишапора буд, партофтанд. Винсент ба хун оғушта шуда мурд. Посбонон дертар нақл мекарданд, ки вай дар болои шишапораҳо чун дар бистаре аз гулҳои сурх мехобид.

*Дар маданияти ҳозира идеяи қувва бо мартаба ва ҳокимият вобаста аст. Қувва бояд фақат ба онҳое тааллуқ дошта бошад, ки зоҳиран мӯҳтарам ва асилзода бошанд. Аммо таърих исбот мекунад, ки одамоне ки мартабаҳои баландро соҳиб шудаанд, бе қувваи дарунӣ ние ки барои иҷрои вазифаашон имкон медиҳад, пурсамар кор намекунанд. Бо вуҷуди ин, Худо ба қувваи дарунии мо, ки онро ҳузури Рӯҳулқудс медиҳад, нигаронида шудааст. Азобҳо мактаби Ӯ мебошанд, ва дар он Ӯ ба мо пурқувват буданро меомӯзонад. Мо аз он қадаре ки гумон мекунем, бештар тоб оварда метавонем. Ҷасорати мо ҳудуд надорад. Шумо метавонед ҳис кунед, ки азобҳо шуморо хашмгин кардаанд. Мушакҳои худро таранг кунед. Шумо мебинед, ки аз он қадаре ки гумон мекардед, боқувваттар ҳастед.*

Ва бар тибқи иқтидори ҷалоли ӯ бо тамоми қувват мустаҳкам шавед, то ки бо шодӣ дорои ҳар сабот ва сабр бошед.

*Қӯлассиён 1:11*

# Сарбозони фавқулодда

**Империяи Рум:** 40 марди вафодор

**Соли 320-ум қайсар Константин озодии имонро ҷорӣ намуд ва ба масеҳият дар империяи Рум иҷозат дод. Вале сарлашкар Лициний таъқиби масеҳиёнро давом медод.**

Вақте Лициний талаб кард, ки ҳар як ҷанговар дар ӯрдуи ӯ ба худоёни Рум қурбонӣ оварданд, чил марди ҷасур аз „легиони раъд“ аз иҷрои ин сар тофтанд. Сарфармондеҳи онҳо Лизий онҳоро қамчин мезад, бо чангак (гулмех) меканд ва дар охир ишкел зад. Ҷанговарон итоат кардан ва инкор кардани ибодати Худои зиндаро рад мекарданд. Ӯ фармон дод, ки онҳоро бараҳна кунанд ва ба кӯли ях барин хунук партоянд.

Ваннаи гарм онҳоеро интизор буд, ки аз ақидаи худ даст мекашиданд. Мардҳо якҷоя дуо мекарданд, то ки шумораи онҳо кам нашавад. Вақте ки шом шуд, яке аз онҳо ба хунукӣ тоқат карда натавонист ва ба ваннаи гарм давид. Вале посбон садоқати чил марди ҷанговари диловарро ба Масеҳ дида, либосашро кашида, сӯи кӯли яхин давид, то ки қурбониҳои Лизий ба ваъдаи худ дар бораи „чил ҷанговари диловари Масеҳ“ шудан вафо кунанд.

Он чил кас якҷоя он рӯз мӯрданд. Вале касе ки барои ваннаи гарм аз имони худ даст кашид, низ мурд.

*Ҷамъияти масеҳӣ аз шахсиятҳои вафодор иборат аст, ки якдилона амал мекунанд. Ҳамеша дар шаҳраки масеҳиён, хизматгузории масеҳӣ, калисо ё оилаи масеҳӣ ҷамоати бародарон ва ё хоҳарон қувваи назаррас аст. Ҳангоме ки мо муттаҳидем, ҳамеша пурқувваттар ҳастем. Дар ҳар як саҳифаи Навиштаҷот Худо моро даъват мекунад, ки дар ҷамъияти вафодорона — оилаи имон муттаҳид шавем. Бар хилофи принсипи таносуби қувва ва миқдор, ҷамъияти масеҳӣ аъзоёни худро ба имон ҳавасманд мекунад. Чун дар ин ҳикоя, боқувватон музди беқувватонро мепардозанд. Оё шумо ҷамъияти масеҳии худро фаҳмидед? Оё шумо калисо, оилаи худ ё гурӯҳи дигари одамонро боварӣ кунондед, ки дар ҳама гуна ҳолатҳо дӯсташон медоред ва ба онҳо вафодор мемонед?*

Ҳамчун сарбози неки Исои Масеҳ ба уқубатҳо тоб овар.

*2 Тимотиюс 2:3*

# Зебоии фавқулодда

**Ленинград**

**„Дар маҳбас бе Китоби Муқаддас беш аз ҳама душвор буд“.**

Аида Скрипникова зани зебои ҷавон буд. Ҳангоме ки вай 20-сола шуд, ба чорраҳаи серодами Ленинград баромада шеърҳои худро оиди муҳаббат ба Масеҳ ва он ҳиссиёте ки вай аз дарки Худованд ва Наҷоткор дорад, ба шунавандагон баён мекард. Баъди чанде ӯро барои вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ ҳабс карданд ва ба муддати як сол зиндонӣ карданд.

Ҳангоме ки Аида 27-сола буд, вай барои Инҷилро боисрор ҳимоя карданаш аллакай бори чорум зиндонӣ шуда буд. Вай дар яке аз нашрияҳояш дуруст гуфта буд: „Мо наметавонем оиди Оне ки маънои ҳаёти мост, хомӯш бошем — оиди Масеҳ“.

Маҳбусии чоруми вай хеле вазнинтар буд. Зиндонбонон ҳамаи воситаҳоро ва кор мебурданд, то ӯро водор кунанд, ки аз имон даст кашад: аз таҷовуз ба номус то васвасаҳои „ҳаёти ширин“. Аммо бе Китоби Муқаддас зистан барояш аз ҳама душвортар буд. Аз берун ба вай Китоби Муқаддас фиристоданд, аммо зиндонбонон онро гирифтанд. Аида талаб кард, ки китобро ба вай диҳанд, зиндонбонон бошанд вайро ба муддати 10 шабонарӯз ба картсер партофтанд. Дертар ба вай Аҳди Ҷадидро доданд ва вай онро чун чизи муқаддас нигоҳ медошт.

Ҳангоме ки Аидаро озод карданд, вайро шинохтан душвор буд — зебоияш аз байн рафта буд, ва вай аз синну соли худ даҳҳо сол калонсолтар метофт. Аммо дар табассуми вай муҳаббат ба Худо хувайдо буда, зебоии бемислро барқарор менамуд.

*Дар бисёр мағозаҳо кремҳо барои нигоҳубини пӯст аз сабзавот хеле бештаранд. Шӯъбаи косметика аз маводе пур аст, ки бозгардондан ва барқарор намудани симои ҷолиби шуморо ваъда медиҳанд. Риёзаткашон бошанд даъват мекунанд, ки рӯҳан кӣ будани худро барқарор намоем. „Ман“-и дарунии худро. Ин ҳамон симоест, ки ҳеҷ гуна азобу уқубат барояш даҳшатнок буда наметавонад. Ин ҳамон касест, ки доимо ба шабоҳати Масеҳ наздик мешавад. Шояд, шумо мехоҳед бо истифодаи воситаҳои заминӣ ба дигарон таассурот бахшед. Аммо Худо чунин меҳисобад, ки „ман“-и дохилии шумо одамонро хеле бештар мутаассир мегардонад. Оё шумо ба „ман“-и дохилии худ ба ҳамон андозае диққат медиҳед, ки ба намуди зоҳирии худ таваҷҷӯҳ менамоед? Оё „ман“-и дохилии шумо бо мурури пир шуданатон зеботар мегардад?*

Бигзор зебоии шумо на ороиши зоҳирӣ: гесӯ бофтан, зевари тилло бастан, ё либоси зебо пӯшидан,балки одамияти ботинии самимӣ дар рӯҳи ҳалиму сокити бефано бошад, ки ин дар назари Худо бебаҳост.

*1 Петрус 3:3, 4*



Ман **қувват хостам —**
**Ва Худо ба ман душворӣ дод, то маро обутоб диҳад.**
**Ман хирад хостам —**
**Ва Худо ба ман мушкилотеро дод, ки ман бояд ҳал кунам.**
**Ман некӯаҳволӣ хостам —**
**Ва Худо ба ман ақл ва мушакҳо дод, то кор кунам.**
**Ман ҷасорат хостам —**
**Ва Худо ба ман хатарҳоеро дод, ки ман бояд паси сар кунам.**
**Ман муҳаббат хостам —**
**Ва Худо ба ман имкониятҳо дод.**
**Ман ягон чизи хостаамро ба даст наовардам —**
**Ман ҳама чизи талабидаамро гирифтам.**
**Худо ба дуои ман ҷавоб дод.**

Аз оилаи Майкл Ҷоба, масеҳии ҳиндӣ, донишҷӯи тиб, ки моҳи июни соли 1999 барои фаъолияти инҷилшиносонии падараш куштанд.

# „Таълимот“-и фавқулодда – қисми 1

**Англия:** доктор Роланд Тейлор

**Аз он муддате ки дар Англия паҳн кардани Библия ба забони англисӣ иҷозат дода шуд, қариб 20 сол гузашта буд. Доктор Тейлор ҳамаро дар калисои худ таълим медод, ки мустақилона Библияро хонанд ва нишондодҳои онро ба ҷо оваранд. Бар хилофи ин, дар замони ҳукмронии бераҳмонаи Марияи II роҳбарони динӣ сахт риоя намудани расму русуми калисои он замонро, ки аз анъанаҳои дунявӣ бармеомаданд, талаб мекарданд.**

Роланд ба таҳқирҳо ва айбдоркуниҳои усқуф ҷавоб дод: „Ман масеҳӣ ҳастам. Ман муқаддасоти Калисоро таҳқир накардаам. Дар асл, мувофиқи айбдоркуниатон, худи шумо бидъаткор ҳастед. Масеҳ барои гуноҳҳои инсоният як бор ва барои ҳамеша мурд. Ин кифоя аст. Шумо ва анъанаҳоятон чизеро дигаргун карда наметавонед“.

Дар давоми ду соли баъдина доктор Тейлор маҳбус буд. Вай хабарро оиди он ки бояд дар гулхан сӯзонда шавад, оромона қабул кард. Ва ҳатто шод шуд, ки ба маҳалли қатл ӯро ба воситаи Ҳадли мебаранд ва ӯ боз бародарон ва хоҳарони худро дар имон мебинад. Доктор Роланд Тейлор зимистони соли 1555 бо марги риёзаткашона мурд.

*Муҳаббат бо бисёр забонҳо гап мезанад. Одамон номаи муҳаббатро бояд ба забони худ шунаванд, то онро бифаҳманд. Баъзе мардон хӯроки наҳориро ба ҷои хоби занони худ меоваранд, то ба ин восита муҳаббати худро изҳор намоянд. Касе ба зан ва ё шавҳари худ тӯҳфаи пурмеҳр мекунад, то ки дар ҷавоб „Ман туро дӯст медорам“-ро шунавад. Мо кортҳои суратдори почтаро мехарем ва умед дорем, ки онҳо дар баён кардани ҳиссиёт ба мо ёрӣ медиҳанд. Аммо Исо мегӯяд, ки забони муҳаббати Ӯ итоаткорист. Мо муҳаббати худро ба Ӯ маҳз ҳамин тавр баён мекунем. Ба Ӯ тобеъ шуда, мо муҳаббати худро изҳор мекунем. Тейлор риёзаткаш шуд, зеро ба шогирдонаш таълим медод, ки бо забони муҳаббати Исо сухан ронанд. Ӯ ба онҳо таълим медод, ки Библияро хонанд ва таълимоти онро ба ҷо оваранд. Имрӯз ба Исо нишон диҳед, ки Ӯро дӯст медоред, ва хотираи доктор Тейлорро гиромӣ доред.*

Исо дар ҷавоби вай гуфт:
„Ҳар кӣ Маро дӯст дорад,
каломи Маро
риоя хоҳад кард…“

*Юҳанно 14:23*

# „Таълимот“-и фавқулодда — қисми 2

**Англия:** доктор Роланд Тейлор

**Пеш аз он ки доктор Роланд Тейлорро дар гулхан сӯзонанд, вай суханони хеле ҷолиб навишт:**

„Ман ба занам ва ба фарзандонам мегӯям: Худованд шуморо ба ман дод, ва Худованд шуморо аз ман ва маро аз шумо гирифт — бигузор номи Худованд муборак бошад! Ӯ ҳамеша барои ман аз ҳар як мард ё падар содиқтар ва дӯстдортар буд. Ба шарофати некӯиҳои Наҷотдиҳандаи мо ба Ӯ бовар кунед: Ӯро ҳурмат кунед, дӯст доред, тарсед ва итоат кунед. Ба Ӯ дуо кунед, зеро Ӯ ваъда додааст, ки ёрӣ медиҳад. Маро мурда ҳисоб накунед, зеро ман абадан зиндагӣ хоҳам кард ва ҳеҷ гоҳ намемирам. Ба хонаи абадиамон аввал ман меравам; шумо аз паси ман меравед.

Ман ба шумо, дӯстони азизам дар Ҳадли, ва ҳамаи онҳое ки мавъизаҳои маро шунидаанд, мегӯям, ки ман аз назди шумо бо виҷдони соф барои таълимоти худ меравам, ки барои он — ман дуо мекунам — шумо ҳамроҳи ман Худоро шукр мегӯед. Зеро ки ман, то ҳадди лаёқати хоксоронаам, ба дигарон он дарсҳоеро расондам, ки аз китоби Худо, Библияи муборак омӯхтаам. Ва бинобар ин, агар ман, ё фаришта аз осмон, ба шумо дигар Инҷилро мавъиза кунанд, бигзор лаънати Худо бар он воиз бод!

Ба ин ҷо бо умеди муайян, бе ягон шубҳа ба наҷоти абадӣ омада, ман Худоро, Падари осмониамро, Наҷотдиҳандаи ҳақиқии маро дар Исои Масеҳ шукр мегӯям. Роланд Тейлор“.

*Оё шумо муаллим ё муаллимаеро ба ёд оварда метавонед, ки дар кӯдакӣ беш аз ҳама дар ёдатон мондаанд? Шояд, муаллима кадом як атри махсусеро истифода мебурд. Шояд, муаллим сари бемӯи худро ба таври аҷоиб сила мекард. Чизе дар ин рӯй ба хотири шумо нақш бастааст. Аммо ҳангоме ки мо калонтар мешавем, муаллимонро бо сабаби дигар қадрдонӣ мекунем. Мо он чиро ки онҳо ба мо таълим медоданд, ба ёд меоварем — дарсҳоеро, ки мо ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунем. Мо ҳамеша он касеро ки бори аввал ба мо Каломи Худоро таълим дод, дар ёд нигоҳ медорем. Мо ҳақиқатҳои асосиро, ки муаллимон оиди муҳаббати Худо ва атои наҷот нақл карда, ба мо мерасонданд, аз ёд намебарорем. Ҳангоме ки каси дигаре меояд — ба хотири маърифат ва ё илм — ҳақиқатҳои Худо шуморо ҳимоя мекунанд ва ёрӣ медиҳанд, то норостиро ошкор намоед. Онҳо на фақат хотираҳо мебошанд. Онҳо моликияти гаронбаҳотарини шумоянд.*

Аҳкоми Маро ҳифз намо, ва зиндагӣ бикун, ва таълими Маро — ҳамчун гавҳараки чашмони худ.

*Масалҳо 7:2*

# Оилаи фавқулодда

**Камбоҷа; Хаем ва оилаи вай**

**Дар ҷангалистонҳои Камбоҷа ба Хаем ва оилааш белҳо дода, фармуданд, ки барои худ қабр кананд. Онҳо дар дасти кхмерҳои сурх, ки масеҳиёнро „душманони инқилоб“ меҳисобиданд, гаравгон буданд.**

Кхмерҳои сурх ба Хаем ва оилааш иҷозат доданд, ки ба зону истода, дуо кунанд. Хаем аскаронро бовар кунонданӣ шуд, ки тавба карда, Масеҳро чун Наҷоткори худ қабул кунанд. Ҷаллодон ҳайрон шуданд, ки ӯ дар рӯ ба рӯи марг истода, нисбати онҳо ҳамдардӣ дорад. То даме ки Хаем гап мезад, яке аз писарони Хаем бархест ва ба ҷангал гурехта рафт. Аскарон аз пайи ӯ давиданд, аммо Хаем бо қатъият онҳоро нигоҳ дошт ва худаш ба канори беша омад. „Писарам, оё якчанд рӯзеро, ки дар ин ҷангал пинҳон шуда, медуздӣ, бо имконияти дар назди ин қабр ба оилаат ҳамроҳ шуда, ба зудӣ назди Масеҳ ба биҳишт рафтан муқоиса кардан мумкин аст?“ — пурсид вай. Баъди чанд лаҳза буттаҳо хишир-хишир карданд ва писари Хаем тарсида-тарсида берун омад, то ки ҳамроҳи падараш ба зону истад.

Хаем ба аскарон нигарист: „Акнун мо ба роҳ тайёрем“.

Ҳеҷ як аскар тир холӣ карда наметавонист. Фақат командири онҳо, аскаронро дар тарсончакӣ айбдор карда, масеҳиёнро кушт.

*Баъзе оилаҳо бо муттафиқии ғайриоддии худ маълуманд. Дигарон аз сарватмандии худ фахр мекунанд. Оилаҳое ҳастанд, ки бо меҳнатдӯстии фавқулоддаи худ эътибор пайдо мекунанд. Ва агарчи Худо ҳамаи инро истифода бурда метавонад, фаҳмиши ӯ оиди нуфуз тамоман дигар аст. Чӣ чиз оиларо дар Малакути Худо фоиданок мекунад? Итоаткории фавқулодда. На андозаи микроавтобуси оилавӣ, балки садоқати оила ба Масеҳ аҳамият дорад. Худо оиларо чун маконе офарид, ки волидон дар он намуна нишон медиҳанд, то ки фарзандон ба Масеҳ итоат намуданро омӯзанд. Ва агарчи мавриди Хаем бемонанд аст, мо метавонем дар вазъияти худ ҳамин гуна итоаткорӣ зоҳир кунем. Шумо садоқати оилаи худро чӣ гуна баҳо медодед? Кадом оила барои шумо намунаи оилаи фавқулоддаро дорад?*

Зеро ҳар кас хости
Худоро ба ҷо оварад,
ҳамон кас бародару
хоҳару модари Ман аст.

*Марқӯс 3:35*

# Истифодаи фавқулоддаи дурӯғ

**Русия:** донишҷӯи донишкада

**Профессор-атеист ба портрети Ленин, ки дар болои дар овехта буд, табассум карда, ба назди графини калони обдор, ки дар болои миз буд, омад. Вай халтачаи хокдорро гирифта, оҳиста хокаро ба графин андохт — он сурх шуд.**

„Ана ҳамаи мӯъҷиза“, — сар кард профессор лексияро оиди асосҳои атеизм. — „Исо дар остинаш хокаи ба ҳамин монандро пинҳон карда, вонамуд кард, ки ба таври мӯъҷизанок обро ба май табдил дод. Аммо ман ҳатто аз Исо ҳам бештар карда метавонам, — ман майро аз нав ба об табдил дода метавонам“.

Вай халтачаи дигари хокаро гирифта, хокаро ба моеи сурх андохт. Он шаффоф шуд. Боз як халтача — ва об боз сурх шуд.

Яке аз донишҷӯён нобоварона сар меҷунбонд. Ниҳоят вай худро нигоҳ дошта натавонист. „Шумо моро ҳайрон кардед, профессор. Аммо шумо метавонед моро бовар кунонед. Барои ин аз шумо хоҳиш мекунам, ки майи худро бинӯшед!“ Профессор қоҳ-қоҳ хандида гуфт: „Ман ин корро карда наметавонам. Охир, хока заҳрнок аст“.

Донишҷӯ ҷавоб дод: „Ана дар ҳамин аст фарқи шумову Исо. Ӯ бо майи худ ба одамон шодӣ мебахшид, аммо шумо бо «май»-и худ онҳоро заҳролуд мекунед“. Профессор дар қаҳр шуда, аз аудитория баромад. Донишҷӯро назди ректор чеғ зада огоҳ намуданд, ки ин гуна суханон боиси ҷазои ҷиддӣ шуда метавонанд. Аммо овозаи ин воқеа зуд паҳн шуд ва бисёриҳоро дар имон мустаҳкам намуд.

*Бисёрии универмагҳо ба мизоҷон иҷозат медиҳад, ки чизи харидаашонро иваз кунанд, то ки талаботи онҳоро беҳтар қонеъ намоянд. Одамон чизи харидаашонро меоваранд, то ки андозаи хурдро ба андозаи калон, ё рангеро ба ранги дигар иваз кунанд, бо умеди он ки хушандомтар, ҷолибтар тобанд ва ё фақат барои он ки хушбахт бошанд. Дар ҳаёти рӯҳонӣ низ бисёр одамон, бо ҳақиқати Худо дар даст, ба ивазкунӣ мераванд. Ба онҳо маслиҳат медиҳанд, ки ҳақиқати Худоро бо чизи дигаре иваз кунанд, то ки истифодабарандагони қаноатманд шаванд. Аммо ҳамаи онҳоро ноумедӣ интизор аст. Худо мехоҳад, ки шумо дурӯғи душманро баръало бинед. Бо ҳар арзише ки бошад, ҳақиқати Худоро пайравӣ кунед.*

Онҳо ростии Худоро ба дурӯғ иваз карданд…

*Румиён 1:25*

# Илтиҷои фавқулодда

**Индонезия:** Делорес

**Делореси пир аз давидан хаста шуд ва гиря кард: „Худовандо, илтиҷо мекунам, бар мо, фарзандони Худ, раҳм кун!“ Ҳангоме ки ҳуҷумкунандагон бо тӯпҳо кулӯлаборон кардани деҳаи онҳоро сар карданд, Делорес ҳамроҳи дигар имондорон, ҳаёташро наҷот дода, аз деҳа мегурехт. Ба худ бо асои дағал ёрӣ дода, вай қадам ба қадам ба кӯҳ боло мерафт, то даме ки ҷои бехатаре пайдо кард. Вай ҳамроҳи садҳо касоне ки маҷбур буданд аз зӯроварӣ гурезанд, дар лагери муваққатӣ барои гурезагон сокин шуд.**

Делорес — яке аз миллионҳо масеҳиён дар Индонезия мебошад — кишваре ки аз 13 ҳазор ҷазираҳо иборат аст. Индонезия кишварест, ки миқдори бештарини мусулмонҳоро дорост. Мусулмонон ва масеҳиён солҳои дароз дар осоиштагӣ мезистанд. Аммо гурӯҳҳои мутаассиби исломӣ дар ҷазираҳо як қатор ҷиҳодҳоро сар карданд. Акнун байни мусулмонон ва масеҳиён сулҳ нест.

Дар яке аз шаҳрҳо, ҳангоми намоиши осоишта барои ҳимояи кори Масеҳ, масеҳиён дар назди қароргоҳи ҳокими вилоят месуруданд: „Ман аз ҳама чиз даст мекашам“. Онҳо аз ҳукумат талаб мекарданд, то эътироф намоянд, ки бисёр масеҳиён аз дасти мусулмонони ҷангҷӯ ҳалок шудаанд. Ҳангоме ки тӯдаи имондорон суруд мехонданд, гурӯҳи мусулмонон боз ба як деҳа ҳуҷум оварда, онро хароб намуданд. Аз бисёр ҷамоатҳое ки пештар нашъунамо доштанд, акнун тӯдаҳои хокистару сангҳо боқӣ мондаанд.

*Делорес — фақат яке аз миқдори азими имондорони таъқибшаванда дар Индонезия аст, ки аз Худо наҷот металабанд. Ваҳй оиди миқдори зиёди риёзаткашоне мегӯяд, ки хоҳони доварӣ ва адолати Худо мебошанд. Аммо онҳо набояд худашон хоҳиш кунанд. Мо, зиндаҳо, бояд овози худро ба илтиҷои боэҳтимоми онҳо ҳамроҳ кунем. Ва агарчи моро, дар манзили бароҳатамон, аз онҳо ҷаҳоне ҷудо мекунад, мо ба онҳо ёрӣ дода метавонем. Фақат дуо даркор аст. Ҳангоме ки мо барои бехатарӣ ва наҷоти онҳо дуо мекунем, мо дилҳои худро бо онҳое ки азоб мекашанд, ҳамроҳ мекунем. Оё шумо имрӯз барои Делорес ва дигар имондорон дар Индонезия дуо мекунед? Оё шумо аз Худо хоҳиш мекунед, ки онҳоро дар сафарашон ҳимоя кунад ва дуои моро оиди наҷоти онҳо шунавад.*

Ва онҳо бо овози баланд
фиғон кашида гуфтанд:
„То ба кай, эй парвардигори
Қуддус ва Ҳақ, доварӣ
намекунӣ ва интиқоми
хуни моро аз сокинони
замин намегирӣ?“

*Ваҳй 6:10*

# Дуои Фавқулодда

**Швейтсария:** Михаел Сатлер

**Ҳукмнома Михаел Сатлерро ҳайрон накард — аввал мебоист забони ӯро бурида, баъд чун бидъаткор месӯзонданд. Асри XVI буд, ва Михаел ба анабаптистон тааллуқ дошт — ҳаракати имондороне ки фақат калисои Аҳди Ҷадидро барқарор карданӣ буданд — аз ғӯтаи таъмиди кӯдакон даст кашидан, Калисоро аз давлат ҷудо кардан, ба одобу ахлоқи масеҳиёни аввалин баргаштан. Бо вуҷуди ин, муассисаҳои динии Аврупо анабаптистонро барои Калисо хатар меҳисобиданд.**

Тӯдаи тамошобинон дар бозор ҷамъ шудан гирифт. Яке аз шоҳидон Клаус фон Грейфнеки 20-сола буд, ки дар назди маҳкумшуда меистод ва мушоҳида мекард, ки чӣ тавр ҷаллод ба Михаел марги бераҳмонаро тайёр мекунад.

Михаел ба дуо кардан сар кард, бо вуҷуди он ки ҷаллод забони ӯро маҷрӯҳ кард ва чунин гуфтан барояш душвор буд: „Худовандо, чашмони ин ҷавонро кушой...“

Аз ин суханони ғайричашмдошт Клаус қафо ҷаст: бидъаткори маҳкумшуда барои ӯ дуо мекард!

Ҳангоме ки ҷаллод Михаелро баст, маҳкумшуда ба тӯда мурочиат карда нидо намуд: „Руҷӯъ кунед!“ Вай чашмонашро баста дуо карданро сар кард. Ҷаллод Михаелро ба сутун баста оташро пеш овард. Ҳангоме ки ресмонҳои дастони маҳкумшуда сӯхтанд, вай дастонашро боло карда нидо кард: „Падар, рӯҳи худро ба дасти Ту месупорам“.

Дар ҳаққаш дуо кардани маҳкумшуда Клаусро чунон мутаассир кард, ки вай шаҳодате оиди марги ӯ навишт. Дар охир вай навишт: „Бигузор Худо ба шумо ёрӣ диҳад, то ҳамин гуна далерона ва тобоварона оиди ӯ шаҳодат диҳед“.

*Дуо силоҳи пинҳонии шахси масеҳист. Он метавонад шаҳодати бесухан ё шаҳодати аввалини шахс оиди имон ба Масеҳ шавад. Ҳангоме ки Клаус дуо кардани маҳкумшударо дид, ин ӯро водор намуд, то биистад ва фикр кунад. Ҳамин тавр, ҳангоме дигарон мебинанд ки мо дар ресторан пеш аз хӯрок хӯрдан онро баракат медиҳем, ин метавонад онҳоро водор кунад, ки биистанд ва Худоро ба ёд оваранд. Ҳатто ҳангоме ки мо лаҳзае фикру хаёли одамонро ҷалб карда, диққаташонро ба Масеҳ равона мекунем, ин маънои онро дорад, ки ӯҳдадории мо иҷро шудааст. Чуноне ки Михаел бо намунаи худ Клаусро устувор намуд, дуои мо низ ҳаётро дигаргун мекунад ва барои садоқат илҳом мебахшад. Аммо Худо наметавонад дуоҳоеро, ки шумо нагуфтаед, истифода барад. Вақтро дареғ надоред, то ки хомӯшона барои нафъи касе ки имрӯз вохӯрдед, дуо кунед. Кӣ медонад, ки дертар чӣ воқеа рух медиҳад.*

Дар ҳар вақт дар Рӯҳ
бо ҳар дуо ва илтимос
дуо гӯед...

*Эфсӯсиён 6:18*

**Дар Библия калимаи „миссионер“ нест — калимаи „гувоҳ (шоҳид)“ ҳаст.**

Ҷим Эллиот, миссионере ки дар Эквадор ба қабилаи ҳундуҳои Аука Инҷилро эълон намуданӣ шуда, риёзаткаш шуд (иқтибос аз китоби Элизабет Эллиот “*My Savage, My Kinsmen*”).



# Дастнависи фавқулодда

**Италия:** Евсевий

**Соли 303-юми милодӣ дар Рум ҳангоми ҳукмронии қайсар Диоклетиан таъқиби сахти масеҳиён сар шуд. Дар давоми 10 сол онҳоро дар ҷангалҳо ва ғорҳо меҷустанд, дар гулханҳо месӯзонданд, ба назди ҳайвонҳои ваҳшӣ мепартофтанд, бераҳмона азобу шиканҷа медоданд. Диоклетиан бар зидди масеҳият дастурҳои расмӣ баровардa, имонро нобуд карданӣ мешуд. Дар байни бисёр қоидаҳои муфассал инҳо буданд:**

Масеҳиёне ки мансаби расмӣ доранд, бояд аз кор гирифта шаванд;

Ҳама гуна айбномаҳоро бар зидди масеҳиён пазируфтан ва қабул кардан лозим аст;

Масеҳиёнро барои имонашон азобу шиканҷа додан лозим аст;

Навишта бояд фавран мусодира гардида, сӯзонда шавад;

Биноҳои калисо бояд вайрон карда шаванд;

Масеҳиён бояд аз ҳамаи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ маҳрум карда шаванд;

Президентҳо, усқуфон ва роҳбарони калисоҳоро ҳабс намуда, барои худоён қурбон намудан лозим аст;

Дар ин муддат муаллифи ҷавон Эвсевий ҷиноятҳои бераҳмонаро, ки бар зидди Калисои ибтидоӣ содир шуда буданд, менавишт. Роҳбари калисоӣ ва илоҳиётшинос Памфилий боиси илҳоми вай буд. Памфилийро соли 308-уми милодӣ ҳабс карда, азобу шиканҷа доданд, аммо ин аллакай баъди он буд, ки Памфилий ба ҳаёти Евсевий таъсири назаррас гузошт.

Евсевий навишта буд: „Мо бо чашмони худ дидем, ки хонаҳои дуогӯиро то асос вайрон мекарданд, Навиштаи Муқаддасро ба оташ мепартофтанд, шубонони калисоҳо дар ҳар ҷое ки рост ояд, пинҳон мешуданд“. Памфилийро соли 309-уми милодӣ қатл карданд. Евсевий (264–340) „Таърихи Калисо“-ро навишт.

*Дертар Евсевийро барои саҳм дар кори масеҳият ҳабс карданд. Аммо ӯро накуштанд. Худо ӯро ҳимоят намуд, то ки номаи худро ба Калисои оянда навишта тавонад. Евсевий дар замони имон овардани қайсар Константин усқуфи Қайсария буд ва ба қайсар таъсири зиёд дошт. Асарҳои Евсевий чашмони наслҳоиояндаро ба азобҳое ки Калисои ибтидоӣ кашидааст, кушоданд. Шаҳодати вай оиди ҳаёт ва марги ходимони масеҳӣ ба мо дар бораи мероси азими қаҳрамонони масеҳият ёдрас мекунад. Агар мо имрӯз дар намунаи имони далерона ва муҳаббати абадзиндаи аҷдодони таъқибшавандаи худ таълим гирем, корҳои онҳо беҳуда нахоҳанд буд. Ва азобҳои онҳо низ. Шумо имрӯз чӣ кор мекунед, то ки насли ояндаро ба садоқати бештар илҳом бахшед? Аз Худо хоҳиш кунед, то ӯ ёрӣ диҳад, ки мероси худро боқӣ гузоред.*

Онҳо омада, адолати ӯро, ки ба амал овардааст, ба қавме ки таваллуд хоҳад шуд, нақл хоҳанд кард.

*Забур 21:32*

# Пинҳонкунии Фавқулодда

**Арабистони Саудӣ:** шавҳар ва зан

**Ҳамсарон Н. Ба Арабистони Саудии аз ҷиҳати нафт сарватманд омаданд ва ба зудӣ онро хонаи нави худ меномидагӣ шуданд.**

Онҳо ҳамроҳи дигар кормандони хориҷӣ якҷоя ҷамъ шуда, Масеҳро парастиш мекарданд. Дар пойтахти рӯҳонии Муҳаммад пайравӣ намудани масеҳият ҷиноят ҳисобида мешавад. аммо ҳамсарон таҳти хатари ҳабс, хориҷ шудан ва марги имконпазир содиқона Худоро парастиш мекарданд.

Онҳо солҳои зиёд дар осоиштагӣ зистанд. Боре кормандони полис дар хонаи онҳо кофтуков гузаронданд. Онҳоро ба участкаи полис оварданд ва оиди мансубияти динияшон пурсуков намуданд. Компютери онҳоро, ки дар хотираи он номҳо ва адресҳои дигар масеҳиёни маҳаллӣ буданд, мусодира намуданд. Онҳо метарсиданд, ки ба зудӣ дигарҳоро низ ҳабс мекунанд.

Шавҳар дар ҳабсхона монд, аммо айбномаи занро бекор карда, озод намуданд. Зан ба ҳукуматҳои дигар кишварҳо якчанд номаҳо навишта, илтиҷо мекард, ки шавҳарашро аз ҳабсхона халос кунанд. Вай ба онҳое умед дошт, ки озодиро ҳимоя мекарданд. Аммо ҳеҷ кас ба ин вазъият дахолат кардан нахост, то алоқаҳо бо нафтрасони сернозунуз вайрон нашаванд. Шавҳар намедонад, ки занашро боз медида бошад ё не. Ин воқеа яке аз таъқиботи пинҳонии масеҳиён дар Арабистони Саудӣ мебошад. Аммо ягон вақт ҳақиқат оиди вайрон кардани ҳуқуқи инсон дар ин кишвар ба ҷаҳониён маълум мешавад.

*Ҳукуматдорони Арабистони Саудӣ беш аз ҳама дар ҷаҳон ҳукми қатл мебароранд. Соли 1999 онҳо барои маъракаҳои тарғиботӣ зиёда аз 1 миллион доллар сарф карданд, то ки вайрон кардани ҳуқуқи инсонро дар кишвар пинҳон кунанд. Аммо онҳо инро ҳамеша махфӣ нигоҳ дошта наметавонанд. Мо бояд дуо кунем, ки овозҳои масеҳиёне ки дар ҳабсхонаҳои Арабистони Саудӣ азоб мекашанд, шунида шаванд, то ки ҳанӯз ҳангоми зиндагии насли ҳозира ҷамъият ба ин овозҳо ҷавоб диҳад. Мо медонем, ки ҳангоми бозомадани Масеҳ ҳеҷ гуна ҳунармандиҳои тарғиботӣ наметавонанд душманонро аз доварии ӯ ҳимоя кунанд. Аммо имрӯз чӣ кор кардан лозим аст? Дуо қадами аввалин аст. Душманон пурқувватанд. Аммо Худо боқуваттар аст. Шумо имрӯз чӣ кор мекунед, то аз ӯ хоҳиш кунед, ки маҳбусони азияткашандаро ҳимоя кунад?*

Зеро ҳеҷ чизи ниҳоне нест,
ки ошкор нагардад, ва ҳеҷ
чизи махфие набошад, ки
маълум ва зоҳир нашавад.

*Луқо 8:17*

# Беитоатии фавқулодда

**Империяи Рум:** Легиони тебианӣ

**Соли 236 қайсар Максимиан ба 6666 нафар сарбозони легиони тебианӣ фармуд, ки ба Галлия равона шуда, шӯришгарони Бургундияро мағлуб намоянд. Ҳар як нафар аз ин легион масеҳии содиқ буд.**

Баъди бо душвориҳо аз кӯҳҳои Алп гузаштан Максимиан фармуд, ки пеш аз муҳорибаи ҳалкунанда ба худоҳои румӣ қурбонӣ оварда шавад. Аммо сарбозони легиони тебианӣ аз ин кор даст кашиданд. Император аз ин беитоатии онҳо ба хашм омада, фармуд, ки ҳар шахси даҳумро бо шамшер бикушанд. Аммо легионерҳо боз ҳам устувориро аз даст надоданд. Император ба сарбозони содиқи худ фармуд, ки аз байни сафҳо гузашта, боз ҳар шахси даҳумро қатл кунанд. Сарбозон бо мардонагии азим мемурданд, гӯё дар майдони муҳориба бошанд. Баъди марги рафиқон сарбозони боқимонда ҷасорати бештар нишон дода, итоат накарданд. Онҳо мурдан нахоста, бо фармони фармондеҳонашон, дар садоқат ба қайсар қасам ёд намуданд ва эълон намуданд, ки имон ба Худои ягона садоқати онҳоро ба қайсар устувортар намудааст. Онҳо мехостанд бо ин корашон сазовори марҳамати қайсар гарданд. Аммо вай бештар хашмгин шуда, фармуд, ки тамоми легиони тебианиро қатл кунанд.

*Беитоатӣ ҷинояти сахттарини ҳарбист. Бо вуҷуди ин, легиони тебианӣ интихоби дигаре надошт, зеро беитоатӣ ба Худо гуноҳи боз ҳам бештар аст. Одамон бо ёрии қувва роҳбарӣ мекунанд. Аммо фақат Худо ба ҳокимият қувват медиҳад. дар Библия намунаҳои зиёде ҳастанд, ки ҳангоме фармонҳои ҳокимияти дунявӣ ба фармудаҳои Худо мухолиф буданд, одамони худотарс ба он итоат намекарданд. Дояҳои яҳудӣ ва Мусоро ба ёд оваред, ки ба фармонҳои фиръавн итоат накарданд. Дониёл ва рафиқони ӯро ба ёд оваред, ки ба худоҳои бегона хизмат кардан нахостанд. Намунаҳои онҳо ва намунаҳои легионерҳои ҷасури румӣ ба мо ёдрас мекунанд, ки ҳокимияти дунявиро бояд эътироф кунем, аммо ҳокимияти Худоро беш аз ҳама эҳтиром намоем. Ҳангоме ки фармонҳои одамӣ ба фармудаҳои Худо мухолифанд, шумо бояд имконияти ба ҳокимият итоат накарданро дида бароед.*

Вале Петрус ва Юҳанно
ба ҷавоби онҳо гуфтанд:
„Худатон ҳукм кунед, оё
дар назари Худо дуруст аст,
ки итоати шуморо аз итоати
Худо авло донем?“

*Аъмол 4:19*

# Худдории Фавқулодда

**Рум:** Себастян

**Себастян ҳар рӯз дар толорҳои қасри қайсар хизмат мекард. Бо фидокориҳои ҳарбӣ вай дар гвардияи қайсар вазифаеро доро шуд, аммо ба Рум омада, аз бутпарастӣ худдорӣ кард. Вай аз таҳти дил ба Худои зинда хизмат кардан мехост.**

Ҳангоме ки қайсар Диоклетиан оиди Себастян, ки ҳаёти хоксорона ба сар мебарад, шунид, бо ӯ вохӯрда, оиди динаш фаҳмиданӣ шуд. Баъди сӯҳбати шахсӣ вай фармуд, ки Себастянро аз шаҳр берун бароварда, бо тири камон бикушанд. Сарбозон кори худро карданд ва ҷасади ӯро дар саҳро гузошта рафтанд. Сипас гурӯҳи масеҳиён омада, ӯро дафн карданӣ шуданд. Ҳангоме ки ӯро бардоштанд, касе аз онҳо нидо кард: „Нигаред, ӯ ҳанӯз зинда аст!“

„Хомӯш!“ — гуфт ба вай дигаре. — „Ӯро ба ҷои бехатар мебарем“.

Себастянро гирифта burданд ва ҷароҳатҳояшро табобат намуданд. Баъди сиҳат шуданаш ӯро боз назди қайсар оварданд Ҳама дар дарбор ҳайрон шуда буданд, ки Себастян, амалан, аз мурдаҳо зинда шудааст. Қайсар боз ба сарбозонаш фармуд, ки Себастянро дастгир карда, то мурданаш зананд. Ҷасади ӯро масеҳиён ёфта, дар катакомбаҳо дафн карданд.

*Бадахлоқии ҷинсӣ. Дашном. Дуздӣ. Дурӯғгӯӣ. Қаллобӣ. Мастӣ. Бисёр вақт худмуайянкунии масеҳиён фақат ба он чи мо намекунем, вобаста аст. Албатта, бисёр корҳое ҳастанд, ки кардани онҳоро Худо ба одамони худ манъ кардааст. Аммо Себстян на фақат аз боиси худдории худ риёзаткаш шуд, агарчи дар он замон ӯро фақат барои одами нек буданаш кушта метавонистанд. Вай барои имони самимии худ риёзаткаш шуд. Мо низ бояд аз бадӣ худдорӣ кунем, то ки фармудаҳои Худоро пурра қабул кунем. Итоат кардан. Парастидан. Дӯст доштан. Хизмат кардан. Муайян намудани имони худ на фақат бо он чи намекунед, балки бо он чи мекунед. Оё шуморо фақат барои одами нек буданатон мешиносанд? Ё барои он ки шумо на фақат одами нек, балки боз имондори самимӣ низ ҳастед?*

Аз ҳар гуна роҳи бад
пойҳоямро боздоштаам,
то ки каломи Туро
нигоҳдорӣ кунам.

*Забур 118:101*

# Озодии Фавқулодда

**Моравия:** Павел Глок

**Павел Глок ба вазъияти мушкил дучор шуд. Вай барои ақидаҳои анабаптистиаш зиндонӣ шуда буд, аммо зиндонбон дар ивази ваъдаи нагурехтан ба вай озодии андаке бештар дод. Ба вай иҷозат доданд, ки ҳезум кашонад, пойафзол таъмир кунад, таъиноти гуногунро ба ҷо оварад, аммо вай мебоист аз шахсони ношинос пинҳон мешуд, то ки аз „озодӣ"-и ӯ бохабар нашаванд.**

Худи Павел ҳам аз озодии худ ҳайрон буд. Зиндонбон Клаус фон Грейфнек соли 1527 дар Швейтсария марги риёзаткашонаи дигар анабаптист — Михаел Сатлерро дида буд. Мушоҳидакунандаи оддӣ Клаус аз он мутаассир шуда буд, ки Сатлер пеш аз марг оиди вай дуо мекард. Ин 20 сол пеш буд, ва шояд, дар дили Клаус нисбати анабаптистони ноодилона таъқибшаванда ҳамдардие пайдо шуда буд.

Павлус чизеро аз даст намедод. Зану фарзандаш аллакай вафот карда буданд. Вай дар Моравия фақат бародархондҳо дошт. Аммо Павлус аз васвасаи гурехтан худдорӣ мекард. Агар вай мегурехт, Клаус, ки бо вай ин гуна муомилаи хуб мекард, ба нохушиҳо дучор мешуд, ва анабаптистони маҳбуси ин маҳалро ҷиддитар назорат мекарданд. Павел қарор дод, ки ба ваъдааш вафо кунад.

Дертар Худо қарори ӯро мукофотонид. Соли 1576 дар қалъае ки Павлус он ҷо маҳбус буд, сӯхтор ба амал омад. Вай ва маҳбуси дигар дар хомӯш кардани сӯхтор ёрӣ доданд ва барои ин, пеш аз он ки мутаассибони динӣ монеъ шуда тавонанд, озод карда шуданд.

*Нақлҳо оиди маҳбусии риёзаткашон барои филмҳои ҳолливудӣ, ки дар онҳо қаҳрамонони кордон нақбҳо мекананд ва барои гурехтан люкҳои ниҳонӣ тайёр мекунанд, чун мавод хизмат карда метавонанд. Дар ин сюжет чизи асосӣ на аз хатар гурехтани маҳбус аст. Павел Глюк барин шахсон намегурезанд, ҳатто агар имкон пайдо кунанд ҳам. Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки ҳар як вазъиятро барои ҷалоли Худо истифода бурдан, дар ҳар гуна ҳолат ба Худованд хизмат кардан лозим аст. Ба ёд овbelред, ки Павлус ва Сило бо қарори аз зиндон нагурехтан зиндонбони худро бо аҳли оилааш назди Масеҳ оварданд. Оё шуморо ташвишҳо оиди чӣ гуна аз мушкилоти худ гурехтан фаро гирифтаанд? Аммо, шояд, шумо маҳз дар ҳамон ҷое ҳастед, ки Худо бароятон муқаррар намудааст? Шояд, Худо мехоҳад, ки шумо сабр кунед, на ин ки гурезед.*

Ва онҳоро ба хонаи худ оварда, дар пешашон хӯрок монд, ва бо тамоми аҳли байти худ шод шуд, ки ба Худо имон овард.

*Аъмол 16:34*

# Шоҳиди фавқулодда

**Покистон:** Шероз

**Мактуб фақат аз як сатр иборат буд: „Дар байни мусулмонон мавъиза карданро бас кунед“. Аммо усули расондани ин нома мебоист таъсири бештаре медошт: варақ дар тани хунолуди Шероз, донишҷӯи коллеҷи библиявӣ, часпонда шуда буд. Ҷасади Шерозро назди дарвозаи асосии калисои ӯ дар қарибии Лоҳур партофта буданд.**

Шероз ба маслиҳате ки дар ин мактуб буд, итоат накард. Вай дар ҳама ҷо оиди муҳаббати Наҷотдиҳанда, ки барои гуноҳҳои ӯ мурдааст, мавъиза мекард. Вай ба коргарони фабрикае ки ӯ дар он ҷо кор мекард, дар мактаби библиявии худ, дар оилаи худ мавъиза мекард.

Як ҳафта пеш аз марг Шероз барои кор кардан ба фабрика рафт, то ки ба волидонаш ва се хоҳараш ёрӣ расонад. Дар ҷои кор вай бо мусулмонон мубоҳиса кард. Коргарон оиди баҳси пурҷӯшу хурӯш ба роҳбарият хабар доданд. Он рӯз Шерозро бори охир зинда дида буданд. Шероз оиди хатар медонист. Бисёр масеҳиёнро барои ба дигарон оиди имони худ нақл кардан кушта буданд. Дигаронро дар таҳқир намудани Худо айбдор намуда, зиндонӣ мекарданд. Аммо Шероз номаи инҷилиро фақат барои худ нигоҳ дошта наметавонист. Баъди марги Шероз аъзоёни калисои ӯ аз таҳдиде ки дар мактуб буд, натарсиданд. Онҳо дар байни мусулмонон мавъиза карданро давом дода, ба онҳое ки асири маҳдудиятҳои ислом гардидаанд, муҳаббати Масеҳро пешниҳод мекарданд. Онҳо оиди хатар медонистанд, аммо мавъиза карданро давом доданд ва давом медиҳанд, ва наметарсанд, ки барои имонашон метавонанд аз пайи Шероз раванд.

*Шаҳодати таъсирбахштарин шаҳодати самимона аст. Зарур нест, ки мо аҳамияти илоҳиётии эпитимияро омӯзем, то ба дигарон нақл кунем, ки Исо ҳаёти онҳоро дигаргун мекунад. Исо фақат мехоҳад оиди он чи бо чашмони худ дидаем ва бо гӯшҳои худ шунидаем, шаҳодат диҳем. Таҷрибаи шахсии мо далели тавонои имон ба Масеҳ аст. Ҳеҷ кас онро инкор карда наметавонад, зеро он бо мо рӯй додааст. Оё пеш аз оиди имони худ гап задан дудила мешавед? Оё метарсед, ки ягон чизи нодуруст мегӯед ва ё ба саволи касе ҷаво дода наметавонед? Фақат оиди он чи ба фикри шумо дуруст аст, бигӯед. Таҷрибаи шахсиатон шуморо дар кори масеҳият шоҳиди мутахассис мекунад.*

Мо наметавонем аз гуфтани он чи дидаем ва шунидаем, даст кашем.

*Аъмол 4:20*

**Исо гуфт, ки мо бояд биравем. Ӯ ҳеҷ гоҳ нагуфтааст, ки мо бармегардем.**

Шахси номаълум



фавқулодда

# Фишори фавқулодда

**Италия:** Савонарола (1452 — 1498)

**„Ту кардинал шуда метавонӣ, аммо ба гулхан низ рафта метавонӣ“, — ин интихоб дар суханони папаи Рум Александри шашум барои воизи машҳури флоренсиягӣ Савонарола чун васваса садо доданд.**

Савонарола дар калисои ҷомеи кафедравии Флоренсия воизӣ мекард ва издиҳоми мардум ӯро гӯш мекарданд, чуноне ки замоне пайғамбарони бузурги яҳудро гӯш мекарданд.Мавъизаҳои вай бар зидди гуноҳҳо ва нуқсонҳои папа равона шуда буданд. Папа Александри шашум бадахлоқтарини папаҳои замони Таҷаддуд буд. Тахти папаро вай харида буд, вазифаҳои кардиналиро мефурӯхт, бисёр фарзандони берун аз никоҳ дошт, ки аз онҳо на фақат шарм намекард, балки дар синни кӯдакияшон ба мансабҳои баланди динӣ таъин карда буд. Маъшуқаи вай хоҳари кардинал Пий буд, ки дертар папа Пийи сеюм шуд. Кардиналҳо ва дигар шахсони барояш номаъқулро вай мекушт. Суханони Савонарола папаро ба хашм овард. Воизро маҳкум карда, дар майдони калони Флоренсия ба дор кашиданд ва ҷасадашро дар гулхан сӯзонданд. Аммо шаҳр аз гуноҳҳои худ тавба кард.

*Масеҳиён метавонанд аз марг тарсанд, агар фаромӯш кунанд, ки номҳои онҳо дар рӯйхати дигар, ки хеле муҳимтар аст, пайдо шудаанд. Библия моро таълим медиҳад, ки дар осмон „Китоби ҳаёт“ вуҷуд дорад, ки дар он номҳои ҳамаи имондорони содиқ навишта шудаанд. Онҳое ки номҳояшон дар Китоби ҳаёт навишта шудаанд, наҷот меёбанд. Онҳое ки номҳояшон дар он ҷо набошад, абадан ҳалок хоҳанд шуд. Агар шумо Исои Масеҳро ҳамчун Наҷотдиҳанда қабул карда бошед, ҳангоме ки суханон ва номатон барои душманон маълум шаванд, натарсед. Пеш аз ҳама, оё шумо ба рӯйхати Масеҳ тааллуқ доред ё не?*

…ва Ман номи вайро аз дафтари ҳаёт пок нахоҳам кард ва номи вайро ба ҳузури Падари Худ ва ба ҳузури фариштагони Ӯ эътироф хоҳам кард.

*Ваҳй 3:5*



Рӯзи

# Ҷазои фавқулодда

**Афғонистон:** кормандони миссияҳои хайрия

***Толибон* — номи ҳаракати радикалии исломӣ мебошад, ки дар Афғонистон ҳокимиятро ба даст дароварда буд. Дар кишваре ки *толибон* ҳукмронӣ мекарданд, пайравӣ ба масеҳият ҷиноят ҳисобида мешуд.**

Ташкилотҳои хайрияи хориҷӣ, ки ба кишвари харобгашта барои ёрии башардӯстона роҳ ёфта буданд, китобҳо ва маводи масеҳӣ низ меоварданд. Дар бисёр кишварҳо ёрии башардӯстона ягона дари кушода барои Инҷил аст. Аммо дар Афғонистон ҳукумат зуд ин маводро мусодира намуд.

Толибон қарор доданд, ки кӯдакони масеҳӣ айбдор нестанд, ки ба таъсири масеҳият гирифтор шудаанд. Маҳз волидонашон натавонистаанд онҳоро тарбия дода, дар ҳаққашон ғамхорӣ кунанд. „Ҳабси масеҳиёни хориҷӣ бояд барои волидон дарсе шавад, то ки онҳо фарзандони худро назорат кунанд ва донанд, ки онҳо чӣ кор мекунанд“, — гуфт муовини вазири толибон оиди мусоидат ба росткорӣ ва пешгирии бадахлоқӣ.

Тафсирҳои расмӣ баъди он пайдо шуданд, ки моҳи августи соли 2001 ҳашт корманди миссияҳои башардӯстона, ва бисёр афғонҳое ки дар миссияҳои масеҳӣ кор мекарданд, ҳабс карда шуданд. Аз ноябри соли 2001 сар карда хориҷиёнро барои мавъизаи Инҷили Исо дар байни мусулмонон доварӣ карда сар карданд. Ҳукм ҷазои қатл буда метавонист. Ба кормандони афғон имкон дода мешуд, ки ба ислом баргарданд. Дар ҳолати рад кардан онҳоро чун аз дин баргаштагон доварӣ мекарданд. Ба онҳо ҷазои қатл низ таҳдид мекард.

*Ба аҳли ҷамъият воқеаи ду нафар кормандон — шаҳрвандони ИМА — маълум шуданд, ки ҷазои ноодилонаи онҳо чун фалокат метобад. Аммо он чи ба назар фалокат метобад, дар асл метавонад барои Худо аҳамияти калон дошта бошад. Ба ҳаёти Масеҳ нигаред. Дар назари аввал чунин метобад, ки марги Масеҳ бадтарин воқеаест. Аммо Худо ин ҷазои ноодилонаро истифода бурд, то ки ба мо наҷот тӯҳфа кунад. Ҳамчунин он факт, ки кормандони масеҳӣ дар кишвари исломӣ тайёранд ба мурдан раванд, то ки ба дигарон Хушхабарро оваранд, дар тамоми ҷаҳон шунида шуд ва боиси назди Масеҳ омадани бисёр касон гардид ва ба бисёр миссионерон илҳом бахшид. Оё шумо аз вазъиятҳои ноодилона дар азоб ҳастед? Ин атои махсуси Худост.*

…сазои осоиштагии
мо бар Ӯст…

*Ишаъё 53:5*

# “Чоҳ“-и Фавқулодда

**Русия:** Женя Комаров

**Саг бандро кашола карда, ба пеш мешитофт, дандонҳои даҳшатнокаш газ-газ шуда буданд. „Дастгир кун!“ — фарёд кард соҳибаш, зиндонбон Нудный.**

“Худовандо, ба ман раҳм кун! — илтиҷо мекард маҳбуси масеҳӣ Женя Комаров. Вай медонист, ки сагҳои посбонӣ маҳбусонро мекушанд, ва аз Худо илтиҷо мекард, ки ӯро наҷот диҳад.

Саги калон сӯи ӯ давид, аммо банохост истод. Вай худро дарҳам кашида, минг-минг мекард, аммо ба Комаров ҳуҷум намекард.

Маҳбусон нимгурусна зиндагӣ мекарданд, ва ҳангоме ки Комаров дар роҳи сохтмон барои бардоштани пояи занбӯруғи хӯрданӣ хам шуд, Нудный сӯи вай сагро сар дод. Дар давоми якчанд рӯзи минбаъда Комаров дуо мекард: „Худовандо, аз гуруснагӣ, таҳқир ва дард тоқатам тоқ шудааст. Илтимос, ба ин хотима деҳ. Бигзор ман бимирам ва оромӣ ёбам, ё мӯъҷизае ба амал овар, чуноне ки бо Илёс кардӣ“. Ҳар рӯз маҳбусонро ба сохтмони нерӯгоҳи калони барқӣ меронданд ва Комаров хавотиромез ба Нудный менигарист: оё вай барои он ҳодисае ки бо саг рӯй дод, қасос намегирад? Боре дар зона ба назди Комаров Нудный омад. Вай бе саг буд. Комаров гумон кард, ки Худо ба дуои вай ҷавоб дод ва соати марги вай фаро расидааст. Аммо посбон масеҳии маҳбусро ба ошхона бурд ва ба ошпаз гуфт: „Ба вай хӯрок деҳ, вай қариб ба мурдан расидааст“. Ҳангоме ки Комаров бармегашт, ошпаз барои маҳбусони масеҳӣ ба вай нон дод.

„Фаромӯш кун, ки ман сӯи ту сагро сар додам“, — гуфт Нудный ба Комаров. — „Ин ҳодиса ба ман оромӣ надода истодааст“.

Комаров барои ин мӯъҷиза Худоро шукр гуфт.

*Бисёр одамон воқеаҳоеро ба монанди ҳодисаи Дониёл ва чоҳи шерон аз сар гузарондаанд. Вазъиятҳои душвортарини онҳо марги пуразоберо, ки Дониёлро аз дасти бадкирдорон интизор буд, ба хотир меоваранд. Воқеаи Дониёл пирӯзмандона аст. Ӯ вазъияҳои даҳшатоварро паси сар кард, зеро боварӣ дошт, ки Худо ӯро наҷот медиҳад. Мо низ метавонем ба вазъиятҳои барои ҳаётамон хатарнок афтем, ки онҳоро идора карда наметавонем. Худо метавонад моро аз воқеияти даҳшатнок халосӣ диҳад ва осоиштагӣ бахшад. Мо фақат бояд бовар кунем, ки ӯ аз ӯҳдаи „чоҳи шерон“-и мушкилоти мо мебарояд. Шумо ба кадом вазъияти хатарнок афтодаед? Аз Худо хоҳиш кунед, ки ба шумо нишонаи ҳузури ғамхоронаашро диҳад. Бовар кунед, ки Ӯ аз бадбахтиҳо озод карда метавонад.*

Худои ман фариштаҳои Худро фиристода, даҳони шеронро баст, ва онҳо ба ман осебе нарасонданд, чунки ба ҳузури ӯ дар ман гуноҳе ёфт нашуд...

*Дониёл 6:22*

# „Руҷӯъҳо“-и фавқулодда

**Полша:** ускуф Иосафат Котсиловский (1876–1947)

**19-уми сентябри соли 1945 полиси Полша дар Перемишл ускуфи калисои юнонӣ-католикии Украина Иосафат Котсиловскийро, ва ҳамроҳи ӯ гурӯҳи коҳинон, муаллимон ва ҳуқуқшиносонро дастгир кард. Қарор дода шуд, ки онҳоро ба ҳукуматдорони шӯравӣ супоранд.**

Ҳабсшудагон дарҳол ба шӯъбаи маҳаллии НКВД супурда шуданд. Бо онҳо дағалона муносибат карда, дар фаъолияти зиддишӯравӣ айбдор менамуданд. 5 нафар посбонон дар вагони қатораи ангишткашон онҳоро дар роҳи минбаъда ҳамроҳӣ мекарданд. Афсар, сардори посбонон, рус буд, аскарон намояндагони миллатҳои гуногун — рус, украин, тотор ва туркман буданд. Шабро дар анбори истгоҳ дар байни венгерҳои асир гузарониданд. Аз анбор ҳеҷ касро баромадан намегузоштанд ва маҳбусон маҷбур буданд дар як гӯшаи анбор қазои ҳоҷат кунанд. Пагоҳӣ ускуф ва ҳамроҳонашро ба платформаи кушодаи ангиштдор савор карда, ба шарқ, ба шаҳри Мостиски равона карданд. Дар роҳ ва дар истгоҳҳо ускуф бо посбонон гап мезад ва ба онҳо оиди Масеҳ, Калисо, Навиштаи Муқаддас нақл мекард. Ҳангоме ки этап ба Мостиски омад, сардори посбонон фармуд, ки барои боздоштшудагон манзили гарм пайдо кунанд ва ба имондорони маҳаллӣ иҷозат дод, ки барои онҳо хӯрокворӣ биёранд. Ҳамроҳи католикҳои украинӣ барои дидани ускуф коҳини маҳаллӣ омад ва бо посбонон низ сӯҳбат карда, оиди иди фарорасидаи Таъмид — Зоҳиршавии Худо нақл кард. Бегоҳӣ, баъди хӯроки шом, ускуф Иосафат ҳамроҳи дигар маҳбусон сурудҳои мавлудӣ — колядаҳоро сурудан гирифт. Аскари рус ва украин дарҳол ба сурудхонӣ ҳамроҳ шуданд. Онҳо суханони сурудро намедонистанд, аммо бо майли том ҳамовозӣ мекарданд. Суханони Навиштаи пок ба дили онҳо таъсир кард.

Ускуф Иосафат Котсиловскийро минбаъд дар ҳабсхонаҳои Лвов, Киев нигоҳ медоштанд, ба Сибир бурданд. Ӯ дар роҳ ба сӯи каторга аз худ нишони нек боқӣ гузошт, ва дар Сибир бо азобҳо вафот кард.

*Одамон моро аз берун дигаргун кардани мешаванд. Аммо фақат Худо метавонад моро аз дарун дигаргун кунад. Пеш аз он ки назди Масеҳ оем, мо аксар вақт кӯшиш мекунем ҳаёти худро ба меъёрҳои ҷаҳон мутобиқ кунем ва ҳисси „ман“-и ҳақиқии худро гум мекунем. Моро маҷбур мекунанд одамоне шавем, ки набояд шавем. Аммо Худо одамонро барои ҳамеша аз дарун дигаргун мекунад. Моро маҷбур кардан номумкин аст. Моро ба „ман“-и кӯҳнаамон боз-гардондан имконнопазир хоҳад буд. Дигарон метавонанд ба мо таъсир кунанд ва бо қувваи ҳокимият моро идора кунанд. Аммо онҳо дигар наметавонанд моро тағйир диҳанд, чуноне ки аллакай Масеҳ кардааст. Оё шумо „дигаргунӣ“-еро ки Библия таълим медиҳад, аз сар гузарондаед?*

Ва гуфт: „Ба ростӣ ба шумо мегӯям, агар руҷӯъ накунед… ба Малакути Осмон нахоҳед даромад“.

*Матто 18:3*

# Боадабии фавқулодда

**Иттиҳоди Шӯравӣ:** Пётр

**Наҷотдиҳандаи эҳёшуда ҳамроҳи ду шогирд ба Эммаус мерафт ва бо онҳо оиди воқеаҳое ки ба қарибӣ дар Ерусалим шуда буданд, сӯҳбат мекард. Ӯ бо онҳо оиди нақшаи Худо барои Масеҳ гап мезад, аммо онҳо Ӯро нашинохтанд. Ҳамроҳон ба шаҳрак омаданд. Исо роҳашро давом доданӣ буд. Чаро? Оё Ӯ намехост таваққуф карда, сӯҳбатро давом диҳад?**

Барои Пётр, имондор дар Иттиҳоди Шӯравӣ, дар рафтори Исо боназокатии ӯ аён буд. Исо бе тасдиқи он ки ӯ меҳмони азиз хоҳад буд, ҳамроҳи онҳо мондан намехост. Пётр аз шунидани ин воқеа оиди Наҷотдиҳанда ба ҳайрат афтода буд — Масеҳ ба дили вай низ ҳалимона тақ-тақ мекард, то ӯро роҳ диҳад. Пётрро ҳалимии Исо мутаассир кард, ва вай бо омодагӣ дари дилашро барои ӯ кушод. Исо Наҷотдиҳанда ва Худованди Пётр гардид.

Пётр медонист, ки рӯҳӯъ кардан чӣ аҳамияте дорад. Вай дигаргун шуд. Худо вайро барои кор дар калисои пинҳонии аз қайд нагузашта равона кард. Он ҷо вай аз намунаи дигарон таълим мегирифт. Масеҳиёне ки нумӯ мекарданд, ба вай нишон доданд, ки чӣ гуна шаҳодати худро васеъ кардан ва имони худро ба ҳаёт татбиқ намудан даркор аст. Пётр бисёр сафарҳо мекард ва адабиёти масеҳиро ба таври ғайрилегалӣ мекашонд. Вай торафт далертар мешуд ва кӯшиш мекард, ки на танҳо шогирд, балки муаллим низ шавад, то ки дигаронро сӯи Масеҳ барад. Вайро дастгир карда, ба ҳабсхона партофтанд. Тақдири минбаъдаи вай фақат ба Худо маълум аст.

*Шубони румын Ричард Вурмбранд боре гуфта буд: Мо ҷонеро назди Масеҳ оварда, набояд биистем. Ин фақат нисфи кор аст. Ҳар як ҷоне ки барои Масеҳ ба даст оварда шудааст, бояд сайёди ҷонҳо шавад. Русиягиҳо на танҳо руҷӯъ мекарданд — онҳо „миссионерон“-и калисои пинҳонкор мешуданд. Онҳо дар кори Масеҳ густох ва далер буданд...“ Чӣ гуна чунин шахсе ба монанди Пётр ба дараҷае нумӯ меёбад, ки худаш ба наҷот додани дигарон сар мекунад? Касе ба Пётр нишон дод, ки чӣ гуна масеҳӣ шавад, дигаре нишон дод, ки чӣ гуна дар имон нумӯ кунад. Ба одамон нишон додан даркор аст, ки чӣ гуна онҳо барои Масеҳ кори бештаре карда метавонанд. Оё имони нумӯкунандаи шумо барои дигарон чун намуна хизмат мекунад? Худо шуморо даъват мекунад, ки на фақат шогирд, балки муаллим низ бошед.*

Балки дар файз ва шинохтани
Худованд ва Наҷотдиҳандаи
мо Исои Масеҳ нумӯ ёбед...

*2 Петрус 3:18*

# Хотираҳои фавқулодда

**Куба:** Том Уайт

**Пеш аз он ки ҳавопаймои Том Уайт дар Куба — ҷазираи аз ҷаҳони масеҳӣ ҷудошуда афтид, Том ва пилоти вай моҳҳо брошюраҳои инҷилӣ мепартофтанд. Акнун Том ба муддати 24 соли маҳбусӣ дар ҳабсхонаи „Комбинадо дел есте“ маҳкум шуда буд. Ва дар он ҷо вай оиди вазъияти калисои Куба аз наздик шинос шуд. Бо вуҷуди таъқибот он зинда буд!**

Том бо бисёр масеҳиёни Куба дар ҳабсхона буданро шараф меҳисобид. Аммо капитан Сантос, масъули режим дар ҳабсхона, вайро ба камераи якканишин ҷойгир кард.

Акнун ба Том лозим меомад барои рӯҳафтода нашудан мубориза барад ва ба дилаш имкон надиҳад, ки монанди ин камера холӣ шавад.

Дар фарш хобидан имкон надошт — он хеле хунук буд. Ягона истироҳати имконпазир — дар назди девори бетонӣ истода, пешонии худро ба он такя додан буд.

Ҳангоми ин муборизаи дохилӣ Том сурудҳои масеҳӣ мехонд. Вай тамоми қуввати худро ҷамъ карда, диққаташро ба қувваи бародарони худ дар ҳабсхона равона кард. Вай ба шаҳодатҳои пур аз илҳом, ки аз китоби риёзаткашон дар ёд дошт, таваккал мекард. Ин китобро ба Том модараш ҳангоми наврасиаш дода буд.

Том ба шарофати ҷамъияти риёзаткашони китоби кайҳо хондааш зинда монда тавонист. Номи он „Китоби риёзаткашон“-и Фокс аст.

*Ҳангоме ки касе пеш аз мо ҳамин гуна душвориҳоро аз сар гузарондааст, ин ба тавре роҳи моро осонтар мекунад. Қувваи нақли шахсӣ ба мо қувват медиҳад. Оиди он чи каси дигар аз сар гузарондааст, хонда, мо вазъияти худро баҳо дода метавонем. Гоҳо мо ба вазъияте афтода метавонем, ки ба маҳбусии Том дар камераи якка монанд аст. Мо бояд ягон чизро тамоман танҳо аз сар гузаронем. Дар ин вақтҳо ҳикояҳо оиди дигар имондорони далер рафиқони беҳтарини мо мешаванд. Тарҷумаи ҳоли масеҳиёни риёзаткаш метавонанд моро айнан монанди дӯстони зиндаи аз гӯшту хун иборат тасалло диҳанд. Оё шумо ҳозир гаме доред? Ҳикояҳоро оиди бародарон ва хоҳарони масеҳиатон хонда, аз танҳоӣ раҳо шавед. Имрӯз қувват гиред ва ба рӯзи фардо умед бандед.*

Пас ҳамдигарро бо ин суханон тасаллӣ диҳед.

*1 Таслӯникиён 4:18*

## „Таъқиботи бештар — нумӯи бештар!“

Ифодаи дӯстдоштаи шубон Сэмюел Лэм, шубони калисои хонагӣ
дар Хитой, ки барои имони худ маҳбус шуда буд.



# Боз як миссионери фавқулодда

**Ҳиндустон:** Эми Кармайкл

**24-уми октябри соли 1931 Эми Кармайкл дуо мекард: „Худоё, аз Ту хоҳиш мекунам, ки бо ман ҳар чи мехоҳӣ, бикун. Ҳар кореро, ки барои бештар ба Ту хизмат карданам ёрӣ медиҳад, бикун“. Вай дар Ҳиндустон миссионер ва модари мушфиқи бисёр духтарчаҳое буд, ки онҳоро аз фоҳишагӣ дар буткадаҳо халос намуд, бинобар ин одат карда буд, ки дуо кунад ва дар ҳама гуна вазъиятҳо ба Худо такя кунад.**

Дертар, дар ҳамон рӯз, вай афтида пояшро шикаст. Аз боиси мураккабшавии ҷароҳат ҳангоми табобат Эми ҳамеша маъюб шуд ва 20 соли баъдинаро дар ҳуҷраи худ гузаронд. Аммо Эми вақтро бо андешаҳо оиди бемории худ намегузаронд. Вай тамоми қувваро ба эҷоди адабӣ ва рӯҳбаланд намудани росткорони тамоми ҷаҳон равона кард. Дар кат хобида, вай ҳазорон мактуб навишт, 13 китоби наср ва назми олидараҷа таълиф намуд.

Ту ҷароҳатҳо надорӣ?  
На захмҳо? На пайҳои он?  
Бо вуҷуди ин, чун Соҳиб хизматгор  
мешавад,  
Пойҳои шикофта аз пайи ман  
мераванд;  
Аммо пойҳои ту сиҳатанд: оё касе ки  
на ҷароҳатҳо дорад ва на захмҳо,  
Метавонад аз пайи ту дур равад?

*From "Mountain Breezes" by Amy Carmichael. Copyright © 1999. The Dohnavur Fellowship. Published by Christian Literature Crusade. Fort Washington. PA. Used by permission.*

*Эми маъюб шуд, аммо ин вайро ба Худо боз ҳам наздиктар кард. Вай дар мушоракати ширин бо Наҷотдиҳандаи худ буд. Вай ӯро ба шарофати „пайи захм“-и худ беҳтар фаҳмид. Одамоне ки мусибатро аз сар гузарондаанд, бо ҳам зичтар алоқаманд мебошанд. Кӯдакони оилаҳои ҷудошуда ҳамдигарро аз дигарон беҳтар мефаҳманд. Ин нисбати Масеҳ низ дуруст аст. Ҳангоме ки мо азоб мекашем, бо Масеҳ дар сатҳи тамоман дигар мушоракат карданро сар мекунем. Мо ҳис мекунем, ки Ӯ оиди захмҳои мо медонад, ва ба тавре инро равшантар эҳсос мекунем. Захмҳоятон ба шумо оиди Исо чиро меомӯзанд? Оё ба онҳо имкон медиҳед, то шуморо боз ҳам наздиктар кунанд?*

Мусибатзадагонро ӯ ба воситаи мусибаташон халос мекунад, ва гӯшашонро бо фишор мекушояд.

Айюб 36:15

# Коди фавқулодда

**Румыния:** шубон Ричард Вурмбранд

**Шубон дар камераи зеризаминии худ танҳо буд, ва ба Худо шикоят мекард: „Ту мегӯӣ, ки ба некон ва бадон офтоб ва боронро медиҳӣ. Пас, ман кистам? Нек ё бад?“**

Худо дар дили ӯ гуфт: „Ту тамоман чизи дигарӣ — ту фарзанди Худо ҳастӣ. Фарзанди Худо офтоб ё боронро интизор намешавад. Вай бояд худаш офтобро ато кунад. Ту дар олами торикӣ нур ҳастӣ, бинобар ин нур деҳ. Ба ҷои шикоят кардан аз он чи тамоман надорӣ, ту бояд худат онро бидиҳӣ. Дар атрофи ту дар камераҳои дигар ин қадар ҷонҳо ҳастанд!“

Шубон Вурмбранд илтиҷо мекард: „Чӣ гуна ман касеро ба наҷот оварда метавонам, дар ҳоле ки дар камера танҳо нишастаам?“

„Хуб фикр кун“.

Дар сари Ричард Вурмбранд фикре пайдо шуд ва ӯ ба деворҳо тақ-тақ карданро сар кард. Вай дар ҷавоб тақ-тақро шунид. Он гоҳ вай ба маҳбусони ҳар ду тараф алифбои Морзеро ёд доданро сар кард. Баъди андак муддат онҳо бо ҳам хуб сӯҳбат карда метавонистанд ва Ричард ба онҳо Инҷилро мавъиза менамуд. Дигарон, дар навбати худ, ба онҳое ки дар камераҳои ҳамсоя буданд, мавъиза мекарданд. Ин фикри нав ба Худо имкон дод, ки вазъияти дар назари аввал ноумедонаро ба методи таъсирбахши паҳн намудани Инҷил дар тамоми ҳабсхона табдил диҳад.

Баъди солҳои зиёд Ричард Вурмбранд нақли касеро шунид, ки дар ҳабсхонаи Румыния маҳбусе ба девор тақ-тақ карда, ӯро назди Масеҳ овард.

*Воқеияти гамангезро дарк намудан осон нест. Ҳангоме ки шубон Ричард Вурмбранд вазъиятро баҳо дод, он ноумусоид буд. Аммо азобҳо, моҳиятан, ӯро ба кашфиёти наве оварданд. Вай дарк намуд, ки муносибати масеҳиёна ба зиндагӣ муҳимтар аз он аст, ки кас дар танҳоии гамангез монад. Бо идеяи нав мусаллаҳ шуда, вай воқеиятро дигар хел баҳо дод. Вай гап зада наметавонист. Аммо вай алифбои Морзеро тақ-тақ зада метавонист. Вай ҳатто Инҷилро — муҳаббати ҳақиқии худро расонда метавонист. Ҳангоме мо мебинем, ки вазъиятҳои номусоид моро фаро мегиранд, мо бояд ба муносибатамон ба онҳо диққат диҳем. Мо бояд, чун Масеҳ, ба азобҳо тайёр бошем. Аммо мо бояд боварӣ дошта бошем, ки онҳо бар мо голиб намеоянд ва мо онҳоро паси сар мекунем. Оё шумо ба воқеият назар ба умедҳо диққати бештар медиҳед? Ё шумо шахси имондор ҳастед?*

Пас, чӣ тавре ки Масеҳ
барои мо ба ҳасби ҷисм
уқубат кашидааст,
шумо низ бо ҳамон фикр
мусаллаҳ шавед.

*1 Петрус 4:1*

# Меҳнати фавқулодда

**Вйетнами шимолӣ:** бародар Да

**Ҳангоме ки бародар Да бори аввал барномаи масеҳиро аз радио шунид, узви содиқи ҳизби коммунисти Вйетнами шимолӣ буд. Дар аввал вай онро чун хурофоти бемаъноии замони гузашта рад кард, аммо баъди ду соли гӯш кардан дигар наметавонист ба Масеҳ муқобилат кунад. Вай аз муҳаббати бедоршуда нисбати Худо шод буд. Баъди муддате вай бисёр ҳамсояҳоро назди Масеҳ овард.**

Аммо шодии ӯ дер давом накард. 29-уми декабри соли 1998 ходимони полиси Вйетнам, аз фаъолияти инҷилии Да ба хашм омада, дар хонаи ӯ кофтуков гузаронда, воизро ҳабс карданд. Занаш ва чор фарзандаш фақат метавонистанд оҷизона нигоҳ кунанд, ки вайро ба лагери ислоҳи меҳнатӣ мебаранд.

Дар лагер Даро маҷбур карданд, ки дар заводи хишт кор кунад. Вай мебоист ҳар рӯз ду ҳазор дона хишт мекашонд. Агар Да ин нормаро иҷро накунад, ӯро бераҳмона мезаданд. Вай аллакай қарор дод, ки ба меҳнати тоқатфарсо тоб намеоварад, аммо 15-уми октябри соли 2000 ӯро озод карданд. Баъди озодшавӣ вай дар ҳабси хонагӣ буд. Ба вай манъ карданд, ки оиди имон гап занад. Ба вай гуфтанд: „Ту навакак аз лагери меҳнатӣ баргаштӣ. Мехоҳӣ боз ба он ҷо баргардӣ? Хуб фикр кун“.

Аммо Да ба „кори муҳаббат“ барои Худо содиқ буд, ва бинобар ин кори худро давом медод — вай боз ҳам ба атрофиён оиди Масеҳ нақл мекард. Ҳеҷ гуна ҷазо наметавонист ӯро аз ин кор боздорад.

*Одамоне ки ҳар рӯз ба кор рафтан мехоҳанд, кам ёфт мешаванд. Аммо касоне ки дар хизмати Худо кор мекунанд, нисбати кор муносибати тамоман дигар доранд. Кор барои Худо ҳеҷ гоҳ дилгиркунанда намешавад. Мо ҳеҷ гоҳ дер намемонем ва доимо кор мекунем, то ки дар ҳама ҷо Инҷилро паҳн кунем. Он ба мо қувват медиҳад, то ки вазифаи навбатиро ба ҷо оварем, ва ҳангоме ки замони душвориҳо фаро мерасад, сабр ато мекунад. Чаро масеҳиён ин гуна кори вазнин мекунанд? Барои моҳона? Барои мукофотҳо ва ё имтиёзҳо? Не, муҳаббат моро водор мекунад, ки ҳама чизро ба хизмати Худо бахшем. Агар шумо Масеҳро дӯст доред, барои Ӯ хурсандона кор мекунед. Имрӯз дар хизмати Ӯ бояд чӣ корро анҷом диҳед?*

Ва доимо кори имон ва меҳнати муҳаббат ва сабри умеди шуморо, ки ба Худованди мо Исои Масеҳ доред, ба ҳузури Худо ва Падари мо ба ёд меоварем.

*1 Таслӯникиён 1:3*

# Мусофири фавқулодда

**Қазоқистон:** коҳин Александр Жаретский

**Коҳин Александр Жаретский соли 1955 дар Қарағанда калисои католикии украиниро кушод, аммо азбаски дар атроф бисёр немисҳо ва лякҳои асир буданд, вай литургияи лотиниро омӯхта, барои ин имондорон онро ба ҷо меовард.**

Соли 1957 падари рӯҳонӣ Алексей фаҳмид, ки дар хонаи бадарғашудагони пир дар кишвари Красноярск митрополит Иосиф Слипый сокин аст. Бе иҷозати ҳукуматдорон вай ба назди митрополит рафта, бо вай пинҳонӣ дар ҷангал сӯҳбат кард. Аммо ӯро ҳабс карда, мудати 5 рӯз дар идораи маҳаллии КГБ пурсуков карданд. Аз он вақт ӯ ҳаёти худро ба фаъолияти миссионерӣ бахшид, Поволжие, Урал, вилоятҳои Оренбург, Актюбинск ва Кокчетавро давр зада баромад. Дар вилояти Селиноград аҳли калисои коҳинони поляк Юзеф ва Бронислав бе шубон монданд ва падари рӯҳонӣ Алексей аз рӯи имкон онҳоро иваз мекард. Коҳин аз боиси шароити душвори зиндагӣ бемор буд ва дӯстон ба вай маслиҳат доданд, ки ба Тоҷикистон равад, зеро он ҷо таъқибот камтар ва шароити табобат беҳтар буд, аммо ӯро доимо имондорони немис, поляк ва украин назди худ даъват мекарданд ӯ дар Орск қайди ҷои истиқомат дошт, аммо ходимони милиса ӯро аз қайд баровcovered ва падари рӯҳонӣ Алексей „мусофири оворагарди Масеҳ“ шуд. Ҳангоме ки ӯро 12-юми майи соли 1962 ҳабс карданд, маҳз барои оворагардӣ маҳкум карданд. Ӯ охири соли 1963 дар беморхонаи лагер, дар шаҳраки Долинкаи назди Қарағанда дар синни 49-солагӣ вафот кард.

Аз газетаи „Dzennik Polski“, 19-уми ноябри соли 1980.

*Хостан ва санҷида дидан — барои бисёрии одамон ин ду чиз аз ҳам хеле фарқ доранд. Онҳо тамоман на он чизеро ки металабанд, мехоҳанд. Маҳз барои ҳамин ин қадар бисёр касон рӯҳафтодагиро ҳис мекунанд. Воқеаи падари рӯҳонӣ Алексей ба мо нишон медиҳад, ки ҳангоме ҳамаи хоҳиишҳоямон бо талаботамон мувофиқанд, чӣ мешавад. Ӯ ҳамон чизеро мехост, ки одамони Исои Масеҳ беш аз ҳама ба он эҳтиёҷ доштанд. Ҳангоме шумо фақат ҳамон чизеро мехоҳед, ки ба худатон даркор аст, қаноатмандии азиме пайдо мекунед. Шумо метавонед бигӯед, ки пул мехоҳед, аммо ба зудӣ мефаҳмед, ки пул фақат баъзе талаботҳои шуморо қонеъ мекунад. Фақат Исои Масеҳ метавонад талабот ва хоҳишҳои шуморо қонеъ кунонад.*

Ва Худои ман ҳар эҳтиёҷи шуморо ба ҳасби сарвати ҷалоли Худ дар Исои Масеҳ пур хоҳад кард.

*Филиппиён 4:19*

# Муқобилати фавқулодда

**Нигерия; Сарату Турунду**

**„Ман намегурезам. Ман тайёрам муқобилат нишон диҳам“.**

Сарату Турунду 35-сола ва бешавҳар буд. Вай кӯдаконро дӯст медошт ва мехост худаш фарзандон дошта бошад, аммо Худо ба дуои вай ҷавоб надод.

Сарату қарор дод худро ба Худо ва калисо бахшад. Ӯ аз самими дил оилаи калисоии худро қабул кард ва хусусан дар мактаби якшанбегӣ дарс доданро дӯст медошт. Муносибат бо кӯдакон ва имкониятҳо ба онҳо роҳро сӯи Масеҳ нишон додан Саратуро пур аз шодӣ мегардонд. Вай медонист, ки бе Масеҳ ҳеҷ гоҳ хушбахт намешавад.

Аммо мусулмонони мутаассиб, ки дар шаҳри вай Кадури ҳукмфармо буданд, ба таъқиб намудани масеҳиён сар карданд. Вай шунида буд, ки масеҳиёнро дар деҳаҳои дигар таъқиб мекарданд, хона ва молу мулки онҳоро оташ мезаданд. Баъзеҳоро мезаданд ва мекуштанд.

Бинобар ин, ҳангоме ки тӯдаи мутаассибон ба масеҳиёни Кадури ҳуҷум карданд, Сарату қарор дод, ки ба ҳимояи Масеҳ бархезад.

Бародаронаш аз Сарату хоҳиш мекарданд, ки ҳамроҳи онҳо ба ҷангал гурезад. Аммо ҳатто ҳангоме ки тӯдаи мутаассибон калисои маҳбуби ӯро оташ заданд, вай нагурехт. Вай дар фарши хонаи худ ба зону истода дуо мекард. Мусулмонон хонаро бензин рехта оташ заданд. Дӯстон ва аҳли оилаи Сарату ӯро чун зани меҳрубон, мушфиқ дар хотир доранд, ки ба ҳар як кас муҳаббат ато мекард.

*Нақлҳо оиди қувваи фавқулинсонӣ моро ҳайрон мекунанд ва илҳом мебахшанд. Моро воқеаи модаре ҳайрон мекунад, ки мошини сӯхтаистодаро бардошт, то ки кӯдаки худро аз зери он барорад. Дар вазъияти ғайриоддӣ одам ба корҳои фавқулодда қодир аст. Имон низ ба одам барои амалӣ гардондани он чи ғайриимкон ҳисобида мешуд, қувват дода метавонад. Сарату тамоми қувваро ҷамъ кард, ҳангоме қарор дод, ки ба ҳимояи Масеҳ бархезад. Шояд, вай пештар ҳеҷ гоҳ дарк намекард, ки ин корро карда метавонад. Аммо Худо ба вай ёрӣ дод. Оё шумо ягон вақт кореро кардаед, ки ба назаратон, аз ӯҳдааш баромада наметавонистед. Имрӯз Худоро барои он шукр гӯед, ки Ӯ метавонад ба шумо ёрӣ диҳад, то дар кори худ устувор бошед.*

…аммо ба по хоҳад истод,
зеро ки Худо қодир аст
ӯро ба по бархезонад.

*Румиён 14:4*

# Қасоси фавқулодда

**Испания:** Бартоломе Маркес

**„Ман аз шумо илтиҷо мекунам, ки қасос гиред...“**

Онҳое ки мактуби охирини риёзаткаши испанӣ Бартоломе Маркесро хонданд, даъват ба қасосро дида, ҳайрон шуданд. Дертар онҳо фаҳмиданд, ки ин даъват ба хунрезӣ барои қасос набуд, — ин даъват ба он буд, ки ҳар чи бештар одамон зери таъсири хуни Масеҳ бошанд.

„Ман аз шумо хоҳиш мекунам, ки қасоси масеҳиёнаро ба амал оварда, ба онҳое ки нисбати ман бадӣ кардаанд, некӣ кунед“, — талаб мекард Маркес аз имондорони дигар. — „Умедворам, ки шуморо дар он ҷое бубинам, ки ба қарибӣ хоҳам буд: дар осмон“.

Коммунистони Испания соли 1939 Маркесро ҳамроҳи дигар шубонон куштанд. Мактуби охирини вай ба занаш ва ба бародарону хоҳарони масеҳӣ номаи хурсандӣ буд.

„Баъди якчанд соат ман шодии тасвирнопазири муқаддасонро дарк хоҳам намуд! Чӣ осон аст марги онҳое ки ба хотири Масеҳ таъқиб карда мешаванд. Худо ба ман шарафи носазовореро лоиқ дидааст: аз навозиши ӯ ҳаловат бурда, мурдан“.

„То даме ки дили ман ҳанӯз метапад“, — навишта буд вай ба арӯсаш, — „он бо муҳаббат ба ту метапад. Ҳангоме маро барои ҳимоя кардани идеалҳои баланди дин, ватан ва оила маҳкум карданд, дарҳои осмон бароям кушода шуданд“. Чун ёдоварии муҳаббати мо, аз ту хоҳиш мекунам, ки наҷоти ҷони (рӯҳи) худро ӯҳдадории асосӣ ҳисоб кун. Он гоҳ мо дар осмон ҳамроҳ шуда метавонем. Он ҷо ҳеҷ кас моро аз ҳам ҷудо намекунад“.

*Онҳое ки барои Масеҳ азият мекашанд, манзараи васеътареро дида метавонанд. Дар Библия бисёр ҳикояҳое ҳастанд, ки оиди ҳаёти шахсии одамон нақл мекунанд. Аммо ин ҳаётҳо ҷузъҳои манзараи калонтаре мебошанд — муҳорибаи байни Худо ва бадӣ. Назари васеътар ба мо имкон медиҳад, то бубинем, ки аз қафои таъқибот ва азиятҳо шайтон истодааст; бинобар ин мо бояд аз таъқибкунандагони худ қасос гирем. Онҳо дар дастони шайтон фақат силоҳ мебошанд. Чунин риёзаткашони масеҳӣ, ба монанди Маркес, ба мо ёдрас мекунанд, ки қасоси калонтарин барои ҳуҷумҳои шайтон ба масеҳиён — назди Масеҳ овардани худи ҳуҷумкунандагон аст. Барои роҳбарони давлатҳо ва режимҳои тоталитарӣ дуо кунед. Он миссионерон ва дигар одамонеро, ки ба онҳо Инҷилро оварда метавонанд, дастгирӣ кунед.*

Ва Худои сулҳу осоиштагӣ ба зудӣ шайтонро зери пойҳои шумо сарнагун хоҳад кард.

*Румиён 16:20*

**Калисоро таъқиб мекарданд ва ҳамеша таъқиб хоҳанд кард. Ҳама ба мо менигаранд. Агар мо дар имон, умед ва муҳаббат бимирем, ин метавонад таърихи халқҳоро дигар кунад. Агар мо дар муҳаббат ва умед имони худро ҳимоя карда натавонем, халқҳои том метавонанд Масеҳро рад кунанд.**

Сухани миссионере ки дар Хитой ва Кореяи шимолӣ кор мекард.



# Дахолати фавқулодда

**Румыния:** Иоанна Миндрутс

**Иоанна Миндрутс бо рафтори худ бисёр касонро ҳайрон кард. Вай нотарсона ба афсари полис наздик омада, гуфт: „Шаш нафар маҳбусони Масеҳ аз халқи баргузидаи Худо дар ин ҷо азият мекашанд. Ман ҳамроҳи онҳо азият кашидан мехоҳам“. Баъди муддати кӯтоҳе вай дар камера ҳамроҳи дигар касоне ки ҳамон рӯз ҳабс шуда буданд, таронаҳои Забурро месароид — шубони масеҳии яҳудӣ, занаш ва чор нафар масеҳиёни дигари маҳбус.**

Ҳукумати Румыния, иттифоқчии Германияи фашистӣ шуда, яҳудиёнро таъқиб мекард ва мекушт. Аммо маҳз ҳамин ҷуфти яҳудиро бисёр одамон дар тамоми кишвар медонистанд ва дӯст медоштанд — шубон Ричард Вурмбранд ва занаш Сабинаро.

Дар рӯзи доварӣ якчанд роҳбарони шинохтаи динӣ ба ҳимояи Вурмбрандҳо бархестанд ва умед доштанд, ки ин дахолат онҳоро озод мекунад. Аммо ҳамин ки доварӣ сар шуд, дар осмон бисёр ҳавопаймоҳои шӯравӣ пайдо шуданд ва аз толори доварӣ ҳамаро ҳамроҳи маҳбусон зуд ба паноҳгоҳ burданд. Он ҷо шубон Вурмбранд барои ҳаммаҳбусонаш ва барои доварон дуо кард. Дар асл дуои ӯ даъвати пӯшида бахри имон овардан ва тавба кардан буд, ва ҳангоме ки хатар бартараф шуд ва доварӣ давом кард, мӯъҷизае рух дод.

Худо дар давоми ин кризис ба дилҳои доварон таъсир кард, ва Вурмбрандҳоро сафед карданд. Яке аз доварон илова намуд: „Полис шаш касро ҳабс карда буд, аммо дар назди ман ҳафт нафар истодаанд. Аз афти кор, кадом як иштибоҳе шудааст. Парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда шуд“.

Ин ягона парвандае буд, ки аз рӯи он яҳудиёни айбдоршавандаро сафед карданд.

*Ин ақлнорас аст. Ин боварнокарданист. Ҳамин ки Худо ба воқеияти мо ворид мешавад, қадамҳои ӯро нашинохтан ғайриимкон аст. Баъзан воқеаҳо чунон рӯй медиҳанд, ки ҳатто нобоварон эътироф мекунанд, ки чизе ё касе моро ҳимоя мекунад. Онҳо ӯро, ки дар ҳаққи мо ғамхорӣ мекунад, „Таоло“ ва ё „фариштаи нигаҳбон“ меноманд. Мо, масеҳиён, медонем, ки Падари осмонии мо ба қадри кофӣ пурқудрат ва ғамхор аст, то ҳангоме ки ба мо даркор аст, барои мо мӯъҷиза ба амал оварад. Оё шумо шоҳиди дахолати Худо ба ҳаёти шумо ва ё ҳаёти шахси наздикатон будед? Имрӯз муддатеро дар дуо гузаронед ва Худоро барои ба ҳаёти шумо дахолат карданаш ташаккур гӯед.*

Ҳаёт ва эҳсон ба ман
ато кардаӣ, ва тафаққуди
Ту рӯҳи маро нигаҳбонӣ
намудааст.

*Айюб 10:12*

# Ҳимояи фавқулодда

**Украина:** Вера Яковенко

**Бисёр масеҳиёнро аз як шаҳри украинӣ барои имонашон аллакай ба лагерҳои меҳнатии Сибир фиристода буданд. Акнун навбат ба Вера Яковенко расид. Шароити зист дар лагерҳо ба ҳама маълум буд ва ӯ медонист, ки дар он ҷо зинда намемонад.**

Аллакай дар рӯзҳои аввали маҳбусӣ посбон дид, ки вай оиди Масеҳ шаҳодат медиҳад, ва ӯро ҷазо дод — маҷбур кард, ки пойлуч дар боли ях истад. Ҳангоме ки вай нормаи рӯзонаашро иҷро намекард, ӯро мезаданд ва аз хӯрок маҳрум мекарданд. Боре бегоҳӣ, Вера гирёну ранҷур ба ҳавлии маҳбас баромад, то ки муддате танҳо бошад. Ба ғаму андӯҳ ғӯтавар шуда, ӯ нафаҳмида монд, ки аз зонаи мамнӯъ гузаштааст, ки барои ин бе огоҳкунӣ мепарронданд.

Банохост вай овози дуруштеро шунид: „Эй, банохост модари ту масеҳӣ нест?“

Вера, ки ҳамин вақт маҳз дар бораи модараш фикр мекард, ҳайрон ва ҳаросон шуда, ҷавоб дод: „Чаро шумо мепурсед?“

Посбон ҷавоб дод: „Чунки ман 10 дақиқа боз шуморо мушоҳида мекунам, аммо тир холӣ карда натавонистам. Ман дастамро ҷунбонда наметавонам. Он пурра солим аст — ман тамоми рӯз онро ҳаракат медодам. Бинобар ин ман фаҳмидам, ки шумо шояд модаре доред, ки бароятон дуо мекунад. Қафо гурезед — ман ба дигар тараф менигарам.“

Вера ин посбонро рӯзи дигар дид. Вай ба ӯ табассум намуд, дасташро бардошт ва гуфт: „Акнун ман онро боз ҳаракат кунонда метавонам“.

*Мо аниқ амал кардан мехоҳем. Бехатарӣ ба мо аз хатар бештар маъқул аст. Мо на душворӣ, балки роҳатро интихоб мекунем. Ҳангоме ки мо ба ҳар ҳол гирифтори нохушӣ мешавем, мехоҳем ҳар чи тезтар аз шубҳаҳо ва тарс халос шавем. Бо вуҷуди ин, мо фаромӯш кардем, ки ҳангоме мо дар хатти пеши хизмати Ӯ ҳастем, Худо ба мо ҳимояи худро пешниҳод мекунад. Нигаҳбонии Худо бештар ба сипар дар ҷанг монанд аст, на ба кӯрпаи гарме ки мо дар хона худро бо он мепӯшонем. Кай бори охир шумо дар имони худ чунон дур рафтед, ки лозим омад ба ҳимояи Худо таваккал кунед?- Шояд, шумо чунон бо ҳимояи ҳаёти худ машғулед, ки ҳеҷ гоҳ барои Худо худро ба хатар намеандозед? Новобаста ба натиҷа, шаҳодат додан на танҳо худро ба хатар андохтан аст. Он имон аст.*

Ва ӯ тариқи порсоёни худро нигаҳбонӣ менамояд.

*Масалҳо 2:8*

# Қарори фавқулодда

**Румыния:** Ричард ва Сабина Вурмбранд

**Барои роҳи наҷотро харида ба хориҷа гурехтан ҳанӯз дер нашуда буд. Шубон Ричард Вурмбранд ва занаш Сабина қарори душвореро қабул мекарданд: бираванд ё бимонанд. „Агар мо ба ҳабсхона афтем, шояд, ин ба муддати солҳои дароз хоҳад буд. Бо писари мо чӣ мешавад?“**

Аммо онҳо калисоро тарк карданӣ набуданд. Аъзоёни калисо ба қувва ва дастгирии онҳо вобаста буданд, ва ҳамсарон худро барои васвасаи аз кишвар рафтан гуноҳкор ҳис мекарданд. Дӯст ба вай суханонеро, ки фаришта ба Лут гуфта буд, ёдрас намуд: „Ҳаёти худро халос кун, ба ақиб нигоҳ накун“.

Шубон аз худ мепурсид: „Оё ин пайғом аз Худо буд? Оё мо барои халос кардани ҳаёти худ бояд бигурезем?“

Занаш дигар оятро хонд: „Зеро ҳар кӣ ҷони худро раҳонидан хоҳад, онро барбод медиҳад; ва ҳар кӣ ҷони худро дар роҳи Ман ва Инҷил барбод диҳад, онро мераҳонад“ (Марқӯс 8:35).

Баҳсҳо то он бегоҳе ки ҷамъомади пинҳонии калисои хонагӣ баргузор гардид, давом карданд. 50 нафар имондорон тамоми шаб дар хизматгузорӣ иштирок карданд. Нисфи шаб зане ки ҳамроҳи ҳама ба зону истода буд, нидо кард; „Ва ту, эй он ки рафтанӣ ҳастӣ, — дар ёд нигоҳ дор, ки Шубони Нек рамаи худро тарк накард. Ӯ то охир бо он буд“.

Ин зан дар бораи шубҳаҳои шубон ва занаш чизе намедонист, аммо онҳо ҳамаашро фаҳмиданд. Онҳо монданд, то ки ба аҳли калисои худ хизмат кунанд, ва дертар ҳамроҳи он дар ҳабсхона азият мекашиданд.

*Мо, чун Вурмбрандҳо, бояд барои қарорҳои худ дуо кунем,аз Библия ҷавоб ҷӯем ва ба маслиҳатҳои дигарон гӯш андозем. Ва чун Вурмбрандҳо, мо бояд пеш аз он ки иродаи Худоро фаҳмем, тайёр бошем, ки онро ба ҷо оварем. Мо гӯё дуои худро бо „ҳа“ сар мекунем, пеш аз он ки чӣ кор карданамонро пурсем. Мо бояд ҳаёти худро сарфи назар кунем, ва аз ҳисси моликият халос шавем Фақат ҳамон вақт мо метавонем ҳаёти ҳақиқиро пайдо карда, иродаи Худоро дар ҳаёти худ пурра қабул кунем. Оё шумо то дараҷае диққататонро ба ҳаёти худ нигаронидаед, ки агар Худо ақидаи шуморо оиди ягон қарор дигар карданӣ мешуд, шумо дар ҳар ҳол ба Ӯ иҷозат намедодед, ки ин корро кунад?*

Зеро ҳар кӣ ҷони худро раҳонидан хоҳад, онро барбод медиҳад; ва ҳар кӣ ҷони худро дар роҳи Ман ва Инҷил барбод диҳад, онро мераҳонад.

*Марқӯс 8:35*

# Зодрӯзҳои фавқулодда

**Русия**

**„Имрӯз зодрӯзи ман аст ё аз они ту?“ — пурсид масеҳидухтар, ва чашмонаш хурсандона дурахшиданд.**

„Имрӯз аз они ту“, — ҷавоб дод падараш. — „Зодрӯзи ман ҳафтаи гузашта буд“. Барои масеҳиён дар кишварҳои коммунистӣ зодрӯзҳо баҳонаи хубе буд, то ҳамроҳи дигар масеҳиён ҷамъ шаванд. Баъзе оилаҳо ҳар ҳафта барои ҷашни зодрӯз ҷамъ меомаданд, ки он дар асл хизматгузорӣ дар калисои пинҳонкор буд.

Ҷавонон ин „шабнишиниҳо“-ро барои устувор намудани садоқати худ ба Инҷил истифода мебурданд. Соли 1966 се ҷавонписар ва чор духтарро дар қатора барои хондани суруди калисоӣ ҳабс карданд.

Ҳангоми доварӣ ҳафт нафар ҷавон ба зону афтоданд. „Мо худро ба дастони Худо месупорем“, — гуфтанд онҳо дар ҳузури доварон ва шоҳидон. — „Мо туро шукр мегӯем, Худованд, ки Ту ба мо имкон додӣ, то барои имон азият кашем“.

Баъди ин дигар масеҳиёне ки дар толори доварӣ буданд, худи ҳамон сурудеро хонданд, ки аз боиси он фарзандонашонро ҳабс карда буданд. Онҳо гуфтанд: „Ҷавонии худро ба Масеҳ бахшед“.

Коммунистон наметавонистанд афзуншавии калисоро нигоҳ доранд ва вохӯрдани имондоронро манъ кунанд. Як рӯзнома оиди шубоне нақл кард, ки вайро се бор зиндонӣ карда буданд. Ҳамин ки вайро озод мекарданд, вай ташкил намудани вохӯриҳоро дар мактаби якшанбегӣ сар мекард. Онҳо азият мекашиданд ва барои хизмат ба калисои Худо худро ба хатари зиндонӣ шудан гирифтор мекарданд.

*Барои он ки мушакҳои мо боқувваттар шаванд, онҳоро бо ёрии машқҳо ва кори вазнин кашиш додан ва таранг кардан даркор аст. Имон низ чун мушак аст, ки фақат ҳангоми таранг шудан калон мешавад. азобҳо мушакҳои имони моро таранг мекунанд. Мо ҳангоми санҷишҳо дар назди Худо зӯр мезанем ва „ҷон мекоҳонем“. Аммо ба ин восита мо қавитар мешавем. Калисоҳо дар кишварҳои ғайридемократӣ ба шарофати азобҳояшон қувваи фавқулоддаро намоиш медиҳанд. Шумо мушакҳои имони худро таранг накарда, нумӯ карда наметавонед.*

Ва Худои ҳар файз, ки моро
ба ҷалоли абадии Худ дар
Исои Масеҳ даъват намудааст,
баъд аз уқубати кӯтоҳмуддати
шумо, шуморо комил, устувор,
қавӣ ва матин хоҳад кард.

*1 Петрус 5:10*

# Манифести фавқулодда

**Русия:** маҳбуси номаълум

**Бевазан дар назди ҷасади шавҳари шиканҷадидааш меистод ва дастони дуто аз чор нафар фарзанди худро дар даст медошт. Шавҳари вай дар ҳабсхона мурд ва пайҳо дар ҷасад далели он буданд, ки марг оҳиста ва дарднок буд.**

Агарчи дигар имондорон медонистанд, ки онҳо низ ба ҳамин гуна тақдир дучор шуда метавонанд, садҳо одамон ба маросими дафн омаданд. Вай ҳамагӣ баъди се моҳи имон овардан барои имон мурд ва акнун тамоми ҷамоат барояш мотам мегирифт.

Дар атрофи хонае ки он ҷо ҷаноза буд, тӯдаи одамон ҷамъ омаданд ва намунаи ӯ бисёриҳоро рӯҳбаланд гардонд. Он рӯз 80 кас дар назди омма Масеҳро қабул карданд, аз ҷумла бисёр ҷавонписарон ва духтарон, ки андаке пештар аъзоёни ташкилоти комсомолӣ буданд.

Масеҳиён аз тамоми шаҳр гузашта, сӯи дарё рафтанд ва дар он ҷо пресвитерҳо имондорони навро ғӯтаи таъмид доданд. Акнун тӯда то 1500 кас афзуд.

Ба зудӣ нарядҳои милиса омаданд. Онҳо барои ҳабс кардани ходимони калисо омаданд, зеро ҳамаро ҳабс кардан имкон надошт. Онҳоро айбдор намуданд, ки бе иҷозати пешакии ҳукуматдорон чорабинии оммавӣ гузарондаанд. Масеҳиён ба зону истода дуо мекарданд ва аз Худо хоҳиш намуданд, ки барои ба анҷом расондани хизматгузорӣ ёрӣ диҳад. Баъд ҳама хеста, китф ба китф истоданд ва ба кормандони милиса имкон надоданд ба дарё наздик оянд, ки он ҷо маросими ғӯтаи таъмид давом дошт. Тӯда фақат баъди анҷом ёфтани маросим пароканда шуд. Кормандони милиса ҷуръат накарданд, ки ба маросиме ки онҳоро ба тарси хурофотпарастона меовард, дахолат кунанд: онҳо ҳанӯз дар ёд доштанд, ки падарон ва бобоёни онҳо низ масеҳӣ буданд.

Намунаи фидокоронаи як нафар имондори нав барои бисёр одамон илҳом бахшид.

*Мард дар ин ҳикоя ба Масеҳ тақлид менамуд. Ҳамааш хеле содда аст. Ба шарофати намунаи равшани ӯ ҳазорон имондорони дигар аз пайи ӯ рафта, имони худро зоҳир намуданд. Бинобар ин дар ҳаёти мо низ имон ба Масеҳ бояд барои ҳама аён бошад. Оё дигарон намунаи шуморо дида, фаҳмида метавонанд, ки чӣ гуна ба Масеҳ хизмат кардан лозим аст? Агар онҳо дар тасдиқи имон ба шумо тақлид кардан шаванд, боз беҳтар. Эҳтиёт бошед, то зоҳиршавии имонро бо санъати сухангӯӣ ё маросимҳои диние ки аз замони бутпарастӣ боқӣ мондаанд, омехта накунед. Фақат чун Исо бошед, ва дигарон аз пайи шумо хоҳанд рафт.*

Пас, чун фарзандони маҳбуб, ба Худо тақлид намоед.

*Эфсӯсиён 5:1*

# Шеърҳои фавқулодда

**Иттиҳоди Шӯравӣ:** калисои пинҳонкор

**„Оятҳои Библия чун ҳақиқат боқӣ мемонанд, ҳатто агар онҳоро иблис иқтибос оварад.“**

Идеологҳои коммунистӣ дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ қарор доданд, ки Библияро масхара кунанд ва онро чунон хандахариш кунанд, ки ҳеҷ кадом одами солимақл ба он бовар накунад. Барои амалӣ гардондани ин фикр миллионҳо нусха китобҳои атеисти фарансавӣ Лео Таксил „Библияи шавқовар“ ва „Инҷили шавқовар“, ва низ „Библия барои имондорон ва беимонон“, ки онро Миней Губелман, ташкилкунандаи маъракаи васеи атеистии солҳои 1930, таҳти тахаллуси Емелян Ярославский навишта буд, нашр карда шуданд.

Китобҳо Худоро, воқеаҳои хизмати заминии Масеҳро, ҷиҳатҳои гуногуни имони масеҳиро масхара мекарданд. Аммо танқид ба дараҷае рӯйрост ва тоқатнопазир буд, ки бисёрии хонандагон онро ҷиддӣ қабул намекарданд. Дар матни ин китоб миқдори зиёди оятҳои Навишта чун „далел“-и нодурустии Навиштаи Муқаддас ҷой дода шуданд.

Аммо имондорони калисои таъқибшаванда нусхаҳои ин китобро бо рағбати зиёд мехариданд. Оятҳое ки дар ин китоб иқтибос оварда мешуданд, барои онҳое ки гуруснагии рӯҳониро эҳсос менамуданд, дастурхони шодӣ гардиданд. Ва ҳамаи ин қонунӣ буда, аз ҷониби ҳукумати бехудои онҳо чоп шуда буд.

Ҳангоме ки Илёс гурусна буд, зоғҳо ба вай хӯрданӣ меоварданд, ва Худо низ чопхонаҳои давлатиро истифода бурд, то ки фарзандони гуруснаашро дар кишвари коммунистӣ сер кунад.

Ҳангоме ки нашркунандагон ҳазорон мактубҳо бо хоҳиши аз нав чоп кардани китобҳоро гирифтанд, хеле хурсанд шуданд. Ба зудӣ мошинҳои чопкунӣ аз нав ба кор даромаданд ва нусхаҳои нави китобҳое ки Библияро танқид мекарданд, пайдо шуданд. Нашркунандагон намедонистанд, ки ин мактубҳоро имондорон навишта буданд, зеро онҳо дар шароити мамнӯъ будани Библия ин китобҳои бебаҳоро бо иқтибосҳои зиёди Каломи Худо паҳн карданӣ буданд. Гуфтаҳои куфромези Миней Губелман-Ярославскийро онҳо намехонданд.

*Оё ба кишварҳои ғайридемократӣ фиристодани Библияҳо муҳим аст? Воқеаҳои риёзаткашонро хонед ва хулоса бароред. Дар давлате ки Библияро дар ҳар як калисо гирифтан ва ё дар ҳар як гӯша харидан мумкин аст, эҳсосоти онҳоеро ки рӯҳан гуруснаанд, ба таври воқеӣ баҳо додан душвор аст. Дар ҳоле ки Библияҳо дар кишварҳои Ғарб рӯи мизҳои кофе, чун дар намоишгоҳ, дастадаста хобидаанд, дар кишварҳои дигар ба имондорон фақат як Китоб даркор аст, то ки онро тамоми аҳли калисо якҷоя истифода баранд. Оё ин аз рӯи адолат аст? Худоё, дар мо гуруснагиро нисбати Навишта бедор кун ва ба мо ёрӣ деҳ, то Каломро ба онҳое ки аз гуруснагии рӯҳонӣ хаста шудаанд, расонем! Фикр кунед, ки имрӯз шумо барои дар кишварҳои пӯшида паҳн намудани Библияҳо чӣ гуна ёрӣ расонда метавонед.*

Чӣ ширин аст сухани
Ту дар коми ман, ва
ба даҳонам аз асал
ширинтар аст.

*Забур 118:103*

**Дӯстӣ бо Исо арзиши баланд дорад. Фақат имон наҷот медиҳад, аммо имони наҷотдиҳанда ҳеҷ гоҳ танҳо нест. Он бо фидокориҳо ба хотири Масеҳ ҳамроҳ аст.**

Шубон Ричард Вурмбранд



# Шаҳодати фавқулодда

**Судон:** Кува Башир

**„Агар ман бимирам, хушбахт хоҳам буд, ки барои дигар масеҳиёни аз пайи ман меомада намуна боқӣ мегузорам„.**

Вақте ки Кува Башир, шубони ҷавони судонӣ, ба дарси навбатӣ дар мактаби библиявӣ тайёрӣ медид, хабари даҳшатнокро шунид. Соли 1987 буд ва аскарони ҳукумати Судон минтақаи Нили Кабудро дар Судон забт карданд.

Ба зудӣ аскарони мусулмон, ки ҳамаро ба ислом гардонданӣ буданд, Баширро ҳабс карданд. Ӯро ҳафт рӯз мезаданд, аммо ӯ аз Масеҳ даст накашид. Ӯро ба ҳар ҳол сар доданд ва фармуданд, ки ҳеҷ гоҳ барои ҷавонон дарсҳо нагузаронад ва ба калисо наравад. Аммо ин Баширро натарсонд. Ӯ медонист, ки исломистҳо бо рӯҳи ӯ ҳеҷ кор карда наметавонистанд.

Ҳангоме ки ӯро бори дуюм ҳабс карданд, Башир дар вақти пурсуков гуфт: „Ман тайёрам бе тарсу ҳарос бимирам, чуноне ки Исо дар салиб мурд“. Ӯ ба онҳое ки ӯро дастгир карданд, оиди Худо гап заданро давом медод, ва муфаттиш таҳдид кард, ки ӯро мепарронад. Ҷаллодон ба дастони Башир кислота рехтанд, то ки ин маъюбӣ доимо ба ӯ ёдрас кунад, ки ӯ ба ислом рӯ наовард.

Аммо имони Башир суст нашуд ва ҳоло дастони сӯхта ва беқуввати ӯ барои дигар гурезагон дар лагери Бонза, дар наздикии сарҳади Судон ва Ҳабашистон, шаҳодати зинда шудаанд.

*Риёзаткашон ба мо ба воситаи марги фоҷиавии худ муроҷиат мекунанд — ин ҳамон номаест, ки мо бояд ҳамеша дар зиндагии ҳаррӯзаамон барем. Мо бояд шаҳодати зиндаи марҳамати Худо шавем. Мо метавонем ҳеҷ гоҳ ба қатори риёзаткашоне ки барои имон ба Масеҳ мурдаанд, дохил нашавем, аммо мо ҳар рӯз имкон дорем барои ӯ зиндагӣ кунем. Замоне чунин гуфта буданд: „Он чи моро накушт, моро боқувваттар намуд“. Мо уқубатҳоро аз сар мегузаронем, то ки зиста, ба дигарон оиди марҳамати Худо нақл кунем. Оё дар зиндагии шумо пайҳои захмҳо аз уқубатҳо боқӣ мондаанд? Шарм накунед. Бигзор пайҳои захмҳои шумо шаҳодати шумо шаванд. Бигзор онҳо ба ҳамаи касоне ки имони устувори шуморо мебинанд, воқеаи шуморо нақл кунанд.*

Аммо агар касе чун масеҳӣ
уқубат кашад, бигзор хиҷил
нашавад, балки барои
чунин қисматаш Худоро ҳамду
сано хонад

*1 Петрус 4:16*

# Миссионерони хурдсоли фавқулодда

**Румыния**

**Агарчи артиши шӯравӣ, ба Румыния омада, кишварро террор менамуд, кӯдакони румын доимо бо табассуми боваринок назди аскарони шӯравӣ меомаданд.**

Аскарон ба онҳо хайрхоҳона муносибат мекарданд, сарҳои онҳоро сила менамуданд. Охир, ҳар яки онҳо дар Русия ва ё Украина фарзандони худро монда, ба ҷанг рафта буд.

„Конфетҳоро бигиред“, — гуфт як аскар ва як каф шоколадро ба кӯдакони хурдсол дароз кард, ва онҳо ширинии камёфтро зуд гирифтанд.

„Ташаккур, ҷаноб“, — гуфтанд кӯдакон. — „Мо ҳам барои шумо тӯҳфаҳо дорем“. Онҳо аз сумкаҳои худ брошюраҳои инҷилӣ ва Аҳди Ҷадидро ба забони русӣ баровварданд.

„Ин чист?“ — пурсиданд аскарон.

„Ин китоби Хушхабар аст“, — ҷавоб доданд бачаҳо. Аскарон ба варақ задани брошюраҳо сар карданд. Аскаре ки ба бачаҳо шоколад дода буд, дид, ки ин брошюраҳо динӣ мебошанд, ва фаҳмид, ки ин барои ӯ ва барои бачаҳо хатарнок аст. Ӯ ба бачаҳо ғамхорона нигоҳ кард. Агар ин маводро калонсолон тақсим мекарданд, вай мебоист онҳоро ҳабс мекард. „Аммо ин кӯдакон чӣ кори бад карда метавонанд?“ — фикр кард ӯ

Ӯ намедонист, ки кӯдакон садҳо брошюраҳо ва Инҷилҳоро тақсим кардаанд, ва ба бисёр касон дар артиши шӯравӣ ёрӣ расондаанд, то Худоро ёбанд. Ин кӯдакон ба „артиш“-и дигар тааллуқ доштанд, ки бар зидди иблис муборизаи абадӣ мебурд.

Ҳангоме ки калонсолон бехатар мавъиза карда наметавонистанд, кӯдакон ба дарҳои кушода бо Инҷил медаромаданд.

*Фарқ байни некбин ва афтодарӯҳ — фарқ байни „метавонам“ ва „наметавонам“ аст. Албатта, имондорон дар кишварҳои пӯшида ба дарҳои пӯшида дучор мешаванд. Дар баъзе кишварҳо нигоҳ доштани Библия боиси зиндонӣ шудан мегардад. Аммо дар Амрикои озод низ „аз давлат ҷудо кардани калисо“ аксар вақт аз ҳад мегузарад. Баъзан диққати беандоза зиёд додан ба он чи масеҳиён набояд кунанд, онҳоро аз имконияти хизмат ба Худо маҳрум мекунад. Дарҳои пӯшида аз дарҳои кушода хубтар намоёнанд. Масалан, миссионерон ба кишварҳои авторитарӣ умуман рафта наметавонанд, аммо кормандони „мутахассис“-ро дар он ҷо қабул мекунанд. Миссионер мутахассис ҳам буда метавонад. Ҳамчунин кормандони масеҳии маҳаллиро, ки дар шароити ҳукмфармоӣ зиндагӣ мекунанд, дастгирӣ кардан мумкин аст. Дарҳо кушода мебошанд. Фақат дароед.*

Биталабед, ба шумо дода хоҳад шуд; биҷӯед, хоҳед ёфт; дарро бикӯбед, он ба рӯятон кушода хоҳад шуд.

*Матто 7:7*

# Мактаббачагони фавқулодда

**Судон**

**Дар болои ғӯлачӯбҳо дар сояи дарахт нишаста, 230 талабаи масеҳӣ акнун дарси англисиро сар мекарданд, ки банохост садои даҳшатоварро шуниданд. Ҳавопаймо аз болои ҳавлии мактаб парида гузашт: исломистҳо аз ҳавопаймои калони истеҳсоли Русия панҷ бомба партофтанд.**

Кӯдакон ба тарс афтода, фарёдкунон рӯ ба гурез ниҳоданд. Ду бомба ба ҷуқуриҳои хушкшуда афтод, яктояш натаркид.

Аммо ду бомба дар байни талабагон таркид. Кӯдакони хуншоршуда гирякунон дар ҳавлии мактаб мегаштанд. 12 нафари онҳо, аз 9 то 16-сола, ҳалок шуданд. Муаллими дӯстдоштаи онҳо Рода Исмоил низ дар байни вайронаҳои мактаб мурда мехобид.

Рӯзи дигар шогирдон, чун ҳарвақта, ба мактаб омаданд. Директор ҳайрон шуд ва фармуд, ки ба хонаҳояшон баргарданд: „Ман намедонам, ки дарсҳоро кай давом медиҳем“. Бачаи 10-сола ба назди ӯ омада, гуфт; „Илтимос, давом диҳед, Мо омӯхтан мехоҳем, ва агар хости Худо бошад, имрӯз мо намемурем“.

*Ҳаёт дар чорраҳа. Ҳамаи мо дар он ҷо будем, ва дудилагӣ мекардем: гузашт кунем ё пеш равем. Чун ин талаба, тӯдае ки аз пайи Исо мерафт, боре фаҳмид, ки ин роҳ пур аз хатар аст. Чун директори ҳайроншуда, бисёр касон аз ин тӯда ба хонаҳояшон рафтанд, зеро намедонистанд, ки кай хизматро ба Масеҳ давом медиҳанд ва оё умуман давом медиҳанд ё не. Аммо Петрус ва дигар шогирдон монданд. Талаби самимии бача бо ҷавоби Петрус ҳамоҳанг аст: „Давом диҳед“. Ҳангоме ки шумо васвасаи гузашт карданро ҳис мекунед, давом диҳед. Ҳангоме чунин метобад, ки ба Масеҳ хизмат кардан хеле вазнин аст, давом диҳед. Оё шумо дар чорраҳаи садоқат истодаед? Аз Худо хоҳиш кунед, то ба шумо барои давом додани роҳи худ қувват диҳад.*

> Шимъӯни Петрус дар ҷавоби ӯ гуфт: „Худовандо! Назди кӣ биравем? Суханони ҳаёти ҷовидонӣ назди Туст.“
>
> *Юҳанно 6:68*

# Зиндамондаи фавқулодда

**Кореяи шимолӣ:** шоҳиди ягона

**Ӯ оҳиста ба ҳуш меомад, чашмонаш ба дуд одат мекарданд. Ӯ шубонро ҷеғ зад, аммо ба вай ҳеҷ кас ҷавоб надод. Вай ба тарс афтода, зуд аз байни тӯдаи сангҳо ва ҷасадҳои одамон берун баромадан гирифт.**

Он пагоҳӣ вай ҳамроҳи 190 нафар имондорони корей буд, ҳангоме ки полис ба хона даромада, онҳоро ба маркази шаҳр бурд. Онҳоро худи диктатори коммунистии кишвар Ким Ир Сен пешвоз гирифт. Доҳӣ дар назди онҳо меистод. Вай ба маркази майдон омад ва фармуд, ки хатте кашанд, ва гуфт ки ҳар касе зистан хоҳад, аз Масеҳ даст кашад ва аз хат гузарад. Ҳеҷ кас аз ҷояш наҷунбид. Он гоҳ Ким Ир Сен фармуд, ки масеҳиёнро бо динамит ба шахта партоянд.

Охирин чизе ки шахси аз таркишҳо зиндамонда шунид, — шубон буд, ки гурӯҳро дилбардорӣ мекард. Чун фаҳмид, ки танҳо худаш зинда мондааст, имондор нидо кард: „Чаро, Худоё? Чаро иҷозат надодӣ, ки ҳамроҳи дигарон бимирам?“

Худо дили вайро бо осоиш пур кард, ва вай фаҳмид, ки касе бояд боқӣ монад, то ки шоҳиди имони онҳо бошад. Ин аввалин ҳуҷум аз ҳуҷумҳои бераҳмонаи Ким Ир Сен ва шакли коммунизм ва парастиши ӯ бар зидди масеҳиён буд, ки чучхе ном дорад. Хабар оиди воқеаи қаҳрамонона зуд дар байни масеҳиён паҳн шуд, ва дар Корея дар бораи он то ҳол нақл мекунанд.

*Сӯхторхомӯшкунандагоне ки ҳуҷуми террористиро ба Маркази ҷаҳонии тиҷорат дар Ню-Йорк моҳи сентябри соли 2001 аз сар гузаронданд, ба монанди имондор дар ин ҳикоя, шоҳидони бесухан намемонанд. Барои онҳо душвор аст, то бифаҳмонанд, ки чаро маҳз онҳо зинда монданд ва дигарон ҳалок шуданд, аммо онҳо, чун ватанпарварони воқеӣ, медонанд: касе бояд зинда монад ва оиди онҳое нақл кунад, ки дигаронро наҷот дода, худашон ҳалок шуданд. Чун масеҳӣ, шумо метавонед ҳатто ҳикояи муҳимтареро оиди зинда мондан нақл кунед. Исои Масеҳ Салибро тобеъ кард. Ӯ тантана намуд. Ӯ дар ҷисми эҳёшудааш бозгашт, то ба шогирдонаш хабар диҳад, ва онҳо ба ҷаҳониён нақл кунанд. Исо дигаронро наҷот дода мурд, то ки онҳо зиста тавонанд. Аммо акнун Ӯ зинда аст — Ӯ аз мурдагон бархост ва ба ҷаҳон наҷотро тӯҳфа кард.*

Ин сухан дуруст аст ва сазовори қабули куллӣ, ки Исои Масеҳ ба дунё омад, то гуноҳкоронро наҷот диҳад…

*1 Тимотиюс 1:15*

# Духтари фавқулодда

**Тоҷикистон:** Фаришта

**„Фаришта, ту 5 дақиқа вақт дорӣ, то интихоб кунӣ, ки мемурӣ ё зинда мемонӣ. Ту киро интихоб мекунӣ; оилаи худро ё Исоро?"**

Фаришта моҳҳои зиёд имони худро пинҳон карданӣ мешуд: вай оилаи худро хеле дӯст медошт ва ба он дард расондан намехост. Аммо ҳангоме ки падараш оиди тӯйи духтараш маслиҳат карданро сар кард, вай ба падараш гуфт, ки масеҳист.

Фаришта пурра ба имонаш тааллуқ дошт. Вай ба падараш ҷавоб дод: „Ман Исоро интихоб мекунам". Падар наметавонист розӣ шавад, ки духтари вай аз анъанаҳои ислом даст кашидааст. Вай духтарашро бисёр зад. Аммо Худо дахолат намуд. Дӯсти масеҳӣ муддате ба духтар сарпаноҳ дод. Фаришта гуфт: „Дар муддате ки ман дур аз хона будам, Худо ба ман иродаи худро ошкор намуд ва баъди дуои дуру дароз ман фаҳмидам, ки вақти ба оилаи худ рафтанам расидааст".

Ҳангоме ки вай ба хона баргашт, ба ғайр аз падараш, ҳама шоду хурсанд буданд. Фақат падараш дод зад: „Гум шав! Духтари ман се моҳ пеш мурд!"

Фаришта дар пеши пойҳои падар мегирист: „Худои ман фармуд, ки назди ту баргардам. Ман дигар туро тарк намекунам, ҳатто агар занӣ ва кушӣ ҳам".

Падар тоб оварда натавониста, Фариштаро ба оғӯш гирифт. Вай ба зудӣ бо имони нави духтараш муросо кард ва ҳатто иҷозат дод, ки ба мактаби библиявӣ равад.

*Баъзе хонандагон аз хониши қисса ба шавқ омада, ба пеш менигаранд, то бифаҳманд, ки чӣ рӯй медиҳад. Онҳо боберо пайи дигар мегузаронанд ва ба охири китоб менигаранд. Онҳо мехоҳанд донанд, ки оё қаҳрамон ғолиб меояд ё не. Онҳо донистан мехоҳанд, ки оё ҳама чиз он тавре ки онҳо мехостанд, анҷомидааст ё не. Мутаассифона, қиссаи ҳаёти худро пешакӣ хондан имкон надорад. Чун Фаришта, шумо бояд ҳар рӯз як бобро хонед. Натиҷааш шуморо ноумед намекунад. Оё шумо аз боиси он хавотир мешавед, ки итоаткорӣ шуморо то куҷо мебарад? Оё донистан мехоҳед, ки Худо чиро ба нақша гирифтааст? Беҳтарин коре ки шумо карда метавонед — имрӯз итоаткор будан ва рӯзи ояндаро ба Худо супурдан аст.*

Пас, барои фардо ғамхорӣ
накунед, зеро ки фардо
барои худ ғамхорӣ хоҳад
кард: заҳмати имрӯз барои
имрӯз кофист.

*Матто 6:34*

# Рафиқи фавқулодда

**Миср:** Ориген

**„Онҳо моликияти моро оташ заданд, аммо Исоро аз дилҳои мо сӯзонда наметавонанд“.**

Ориген ҷавони оддии 18-сола буд. Вай дар Мисри асри дуюм муаллим буд, ҳангоме ки калисои масеҳӣ аз таъқиботи бераҳмонаи ҳокимони румӣ азият мекашид. Ориген вақтро барои вохӯрӣ бо духтарон сарф намекард, намекӯшид ба ҳамсолонаш таассуроти хуб гузорад. Вай мекӯшид масеҳиёнеро, ки ба доварӣ кашида мешуданд, дилбардорӣ кунад. Ҳатто ҳангоме ки онҳоро ба қатл мебурданд, вай наздик омада, онҳоро ба оғӯш мегирифт. Аммо ба зудӣ худи Ориген аз боиси ба имондорони маҳкумшуда ҳамадардӣ карданаш ба хатари ҷиддӣ дучор шуд. Дар пеши хонаи Ориген посбон гузоштанд. Ӯ душманони зиёд пайдо кард. Нафрат нисбати ӯ меафзуд. Ӯро маҷбур мекарданд, ки аз шаҳр баромада равад. Аз хатари марг халосӣ ҷуста, ҷавон аз хона ба хона мегузашт. Маълум шуд, ки дар баробари бадхоҳон ӯ дар байни таъқибшавандагон дӯстон низ дорад. Якчанд масеҳиён хостанд ҳамроҳи ӯ Навиштаи Муқаддасро нусхабардорӣ кунанд.

Устувории ҳайратовари ӯ баъзе душманонро назди Масеҳ овард. Аммо Оригенро ба ҳар ҳол дастгир карда, ба зиндон партофтанд, ва маҳз аз боиси устувориаш азобу шуканҷа дода куштанд.

*Дӯсти шахсони таъқибшаванда будан чӣ маъно дорад? Одамон на аз боиси он дӯст мешаванд, ки худи ҳамон азобҳоро аз сар мегузаронанд. Онҳо метавонанд дар вазъиятҳое қарор дошта бошанд, ки аз вазъияти бародарон ва хоҳаронашон дар кишварҳои пӯшида фарқ дорад, аммо бо вуҷуди ин, дӯстони онҳо бошанд. Масофа наметавонад рӯҳҳоро ба ҳам наздик кунад, аммо садоқати шахсӣ ба Масеҳ ин корро карда метавонад. Дастгирии қавӣ, дуо, ғамхорӣ дилҳо ва зиндагии моро муттаҳид месозанд. Оё шумо тайёред, чун Ориген, ба онҳое ҳамроҳ шавед, ки ба хотири Масеҳ азият мекашанд? Мо наметавонем аз дӯстии худ шарм кунем, ва низ наметавонем аз хатарҳоеро ки моро интизоранд, сарфи назар кунем. Ҳангоме ки мо садои риёзаткашонро, ки дар дуо ба мо муроҷиат мекунанд, мешунавем, оё чун рафиқони ҳақиқӣ ба илтиҷоҳои онҳо ҷавоб медиҳем?*

Ман, Юҳанно, ки бародари
шумо ва шарики андӯҳ
ва малакут ва сабри Исои
Масеҳ ҳастам...

*Ваҳй 1:9*

**Бо Ӯ дар ҳама ҷо хуб аст. Ҳангоме ки Ӯ бо ман аст, дар таҳхонаи торик рӯшноӣ фурӯзон мешавад. Ман аз ӯ хоҳиш кардам, то дар он ҷое бошам, ки даркор ҳастам. На дар он ҷое ки одам хубтар зиндагӣ мекунад, балки дар он ҷое ки ман самар оварда метавонам. Ин вазифаи ман аст.**

Шубон П. Руматчик — аз мактубе ки ҳангоми маҳбусии панҷум дар Иттиҳоди Шӯравӣ навишта шудааст.



# Боз як адвокати фавқулодда

**Германия:** Дитрих Бонҳёффер

**Ҳангоме ки Дитрих Бонҳёфферi 14-сола изҳор кард, ки ходими калисо шудан мехоҳад, аҳли оилаи сарватмандаш ба танқид кардани калисо сар карданд. Аммо Дитрих ҷавоб дод, ки вай барои ислоҳи ҳамаи норасоиҳои ҳаёти калисо меҳнат хоҳад кард.**

Дитрих дар синни 21-солагӣ диссертатсияи „Ҷамъияти масеҳӣ“-ро навишт, ки онро „мӯъҷизаи илоҳиётшиносӣ“ меномиданд. Профессори илоҳиётшиносӣ ва нависанда Д. Бонҳёффер тамоми ҳаёташ мушкилоти калисоро таҳқиқ менамуд.

Ҳангоме ки Адолф Ҳитлер дар соли 1933 ҳокимиятро дар Германия ба даст даровард, калисо бо талаби антисемитии Ҳитлер розӣ шуда, ба кори калисо дастгузорӣ намудани яҳудиёнро манъ кард. Фақат Д. Бонҳёффер рӯйрост бар зидди ин қарор баромада, бекор кардани онро талаб мекард.

Дар лексияҳо ва мақолаҳои нашршудаи худ Д. Бонҳёффер миллатчиёнро танқид мекард ва калисоро сарзаниш менамуд, ки он „аз номи қурбониҳо эътироз накард ва роҳҳои ба онҳо ёрӣ доданро наёфт“.

Моҳи апрели соли 1943 Бонҳёфферро дар Берлин барои „диверсияҳо бар зидди қувваҳои мусаллаҳ“ ҳабс карданд. Аммо вай дар ҳабсхона навиштанро давом медод. „Калисо хомӯш буд, дар ҳоле ки бояд фарёд мекард“, — навишта буд вай.

Соли 1945 Бонҳёфферро ба лагер дар Флоссенбург гузарониданд ва 9-уми апрел ҳамроҳи шаш маҳбуси дигар ба дор овехтанд. Духтури лагер, ки пеш аз қатл ба зону истода дуо кардани ӯро дида буд, гуфт, ки чунин шахси ба иродаи Худо ин гуна итоаткорро кам дидааст.

*Мегӯянд, ки ҳатто касе ки ҳеҷ касро ҳимоя намекунад, дар ҳар ҳол „ба чангак меафтад“. Дар Германияи фашистӣ ҳамин хел буд. Ҳангоме ки бадӣ ба соҳилҳои таърих мавҷҳои худро зада, садои танҳои Бонҳёфферро хомӯш мекард, калисо дар ин кишвар хомӯш буд. Агар мо ҳамин гуна проблемаҳоро ҳал накарда монем, оё худро адвокатҳои ҳақиқат номида метавонем? Оё хомӯшӣ нисбати ин проблемаҳо далели розигии мо ба ҷиноятҳои бераҳмона дар кишварҳои авторитарӣ нест?Адвокати ҳақиқат бояд дар имони худ самимӣ бошад. Чун Бонҳёффер, мо бояд ба натиҷаҳояш тайёр бошем. Дар ҳолати дигар, ҳангоми ҳалли масъалаи ҳимоя кардан ё накардани Масеҳ, мо метавонем „ба чангак ғалтем“.*

Ва ҳама аз барои исми Ман
ба шумо адоват хоҳанд дошт.
Лекин мӯе аз сари шумо
талаф нахоҳад шуд. Ҷонҳои
худро бо сабри худ наҷот
хоҳед дод.

*Луқо 21:17-19*

# Силоҳи фавқулодда

**Румыния:** Сабина Вурмбранд

**Соати 5-и пагоҳӣ сахт кӯфта шудани дарро шунида, онҳо фаҳмиданд, ки кормандони полис барои ҳабс кардан омадаанд. Шавҳари Сабина аллакай дар ҳабсхона буд ва ӯ барои тақдири писари навраси худ хавотир мешуд. Наход ӯро низ ҳабс мекунанд? Ҳангоме ки полиси Румыния ба хона зада даромад, Сабина пичирросзанон дуо карда, тақдири худро ва писарашро ба дасти Худо супорид.**

Ба вай бо оҳанге ки инкорро намепазирад, гуфтанд: „Сабина Вурмбранд? Ба мо маълум аст, ки шумо силоҳ пинҳон мекунед. Он дар куҷост?“ Пеш аз он ки ӯ инкор карда тавонад, онҳо ҷевонҳоро кушода, ҳама чизро ба фарш партофтан гирифтанд. Онҳо дод зада мегуфтанд: „Агар дар куҷо будани силоҳро нагӯед, мо дар ин ҷо ҳама чизро нобуд мекунем!“

Сабина кӯшиш кард, ки ором бошад, ва гуфт: „Ягона силоҳе ки дар ин хона ҳаст, ин ҷост“, — ва Библияро аз зери пойҳои онҳо бардошт.

Афсар гуфт: „Шумо барои баёнот додан ҳамроҳи мо меравед“.

Сабина Библияро ба рӯи миз гузошта, гуфт: „Хоҳиш мекунам, ба ман иҷозат диҳед, ки дуо кунам. Баъд ман ҳамроҳи шумо меравам“.

Ҳангоме ки Сабинаро бурданд, ӯ барои аз даст рафтани „силоҳ“-и худ — Библия — ғам мехӯрд. Аммо шод буд, ки суханони ин китоб дар дили ӯ маҳфузанд ва онҳоро мусодира кардан имкон надорад

*Танҳо як силоҳ ҳаст, ки дар Навиштаҷот чун силоҳи куллии Худо зикр шудааст. Дар Нома ба Эфсӯсиён Павлус аслиҳаи ҳимоятро дар масеҳият номбар мекунад: хӯд, ҷавшан, камарбанд, сипар ва пойафзоли омодагӣ. Аммо вай фақат як силоҳеро зикр мекунад, ки барои ҳуҷум даркор аст — Каломи Худо. Ин силоҳи асосӣ мебошад. Чуноне ки ҷанговари антиқӣ мебоист ба шамшери худ умед мебаст, мо бояд ба тезии теғи Навиштаҷот умед бандем, то ки барои худ роҳи наҷотро кушоем. Мутаассифона, миқдори зиёди масеҳиён дар мубориза и рӯҳонӣ беҳимоя мемонанд. Онҳо Библияро аз ёд ннамекунанд, чуноне ки Сабина мекард, онҳо аз он қувват гирифта наметавонанд. Боз як қурбонӣ нашавед. Худи ҳамин рӯз шамшери худ — Библияро ба даст гиред.*

Ва хӯди наҷотро
бигиред, ва шамшери Рӯҳро,
ки каломи Худост.

*Эфсӯсиён 6:17*

# Бахшидани фавқулодда

**Румыния:** Диана ва Флоря

**Ҳангоме ки падари Дианаро барои имон зиндонӣ карданд, вай қариб 14-сола буд. Вай ва хоҳараш Флоря маҷбур буданд оиларо таъмин кунанд ва дар фабрика кор мекарданд. Аммо баъди ҳабс шудани падарашон онҳоро аз фабрика пеш карданд.**

Диана ва Флоря рӯҳафтода шуда буданд — дар хона модари бемор ва чор бародару хоҳари хурдсол монда буданд. Бинобар ин вақте ки як ҷавон ваъда дод, ки барои кор иҷозат гирифта медиҳад, вай хеле хурсанд шуд. Вай бо ин „некӯкор“ вохӯрд, аммо ӯ ба духтар май нӯшонда, фирефта кард. Баъди муддате ӯ ба духтар андаке пул дод ва ин кори одатӣ шуда монд. Оиди иҷозати кор дигар гап намерафт, аммо Диана пулро мегирифт, зеро илоҷи дигар надошт. Вай фурӯхтани худро давом медод, то ки ба оила ёрӣ расонад, агарчи аз ин сабаб азоби рӯҳӣ мекашид. Баъди муддате ба вай хоҳараш ҳамроҳ шуд, ва онҳо ҳамроҳ шармандагии худро пинҳон мекарданд. Машғулияти онҳо фош шуд, ва ба чашмони модар нигариста, Диана гуфт: „Оё ту моро бахшида метавонӣ?“

Модар ба онҳо суханони муҳаббат ва тасаллоро тӯҳфа намуд: „Шумо барои рафтори худ шармандагиро ҳис мекунед, ва ҳамин хел бояд бошад. Аммо маҳз эҳсоси шармандагӣ шуморо ба сӯи росткории дурахшон меоварад. Дар ёд нигоҳ доред, ки сарбоз сандуқи синаи Масеҳи маслубро сӯрох карда, бо ин кораш онро «кушод», то ки гуноҳкорон ба дили ӯ даромада, бахшиш ёфта тавонанд“.

*Барои гуноҳи худ афсӯс хӯрдан ва барои худ афсӯс хӯрдан чизҳои гуногун мебошанд. Бисёр касоне ки азият мекашанд, барои худ таассуф мехӯранд. Онҳо бо омодагӣ дигаронро дар нокомии худ айбдор мекунанд. Дар хатоҳои худ падарро айбдор кардан барои ин духтарон васвасае мебуд! „Агар падарамон имондор намешуд, вайро ҳабс намекарданд, ва мо ба ин ҳолат дучор намешудем“. Ҳангоме ки онҳо назди модар омаданд, шарм ва тавбаашон аз боиси беитоатӣ самимӣ буд. Оё дар азиятҳоятон ба худ раҳматон меояд? Бодиққат бошед! Ин метавонад шуморо зуд ба беитоатӣ оварад.*

Зеро ғаме ки Худо додааст, тавбаро дар роҳи наҷот ба амал меоварад, ки аз он пушаймонӣ нест, лекин ғами дунёвӣ мамотро ба амал меоварад.

*2 Қӯринтиён 7:10*

# „Ҷинояткор“-и фавқулодда — қисми якум

**Арабистони Саудӣ:** шубон Волли, корманд аз Филиппин

**Вай дар рӯйхати ҷинояткороне ки дар Арабистони Саудӣ ҷустуҷӯ мекарданд, аввалин буд. Ӯро на барои ғорат, қатл ё таҷовуз ба номус ҷустуҷӯ мекарданд. Ӯро барои он меҷустанд, ки шубони масеҳӣ буда, дар пойтахти кишвар калисои пинҳониро роҳбарӣ мекард.**

Шубон Воллиро дастгир карда, барои пурсуков кардан оварданд. Ӯро бо пойҳо ва муштҳо мезаданд. Бо қамчин ба кафи дастон ва пойҳояш мезаданд. Ҳангоме ки лату кӯб хотима ёфт, дастону пойҳояш чун боимҷон кабуд шуда буданд. Ҷаллодон ба Волли фармуданд, ки бархезад. „Ман наметавонам“, — гуфт вай. — „Иҷозат диҳед, ки ба зону истам“. Аммо инро ба вай иҷозат надоданд.

Ҳангоме ки шубон Воллиро мезаданд, вай дуо мекард. Дуо оятеро ба ёди вай овард: „Зеро ки ба фариштагони Худ дар бораи ту амр хоҳад дод... Туро бар кафҳои худ бардошта хоҳанд бурд, ки мабодо пои худро ба санге бизанӣ“ (Забур 90:11, 12). Ба дард тоб оварда, Волли дар назди азиятдиҳандагони худ рост истод. Онҳо ҳайрон шуданд, ки баъди чунин лату кӯб вай хеста тавонист.

„Ман бар дастони фариштагони Худо меистодам“, — гуфт дертар шубон Волли. — „Онҳо фариштагонро дида наметавонистанд, аммо ман ҳис мекардам, ки онҳо он ҷо буданд ва ба ман ёрӣ доданд, то бархезам“.

*Чунин ба назар мерасад, ки баъзе одамон фариштагони нигаҳбони худро маҷбур мекунанд, ки зиёда аз меъёр кор кунанд. Чун шубон Волли, онҳо ба шарофати шаҳодати дуоӣ ва рӯҳи далери худ ҳамеша тайёранд ба Масеҳ хизмат кунанд. Дар баробари ин метавон ба худ фариштагони нигаҳбонро тасаввур намуд, ки вақти бисёр доранд, зеро ба онҳо масеҳиёнеро месупоранд, ки барои васеъ намудани Малакути Худо коре намекунанд. Баъзан ба мо лозим аст, ки бар дастони фариштагони Худо биистем, то ки ба Масеҳ содиқ бимонем. Оё мо дар коргоҳи худ аз чунин майли шадид канораҷӯӣ мекунем? Дар хона? Дар мактаб? Агар ба шумо чунин тобад, ки ҳимоя кардани имон ба Масеҳ душвор аст, аз Худо хоҳиш кунед, то шуморо дастгирӣ кунад.*

Зеро ки ба фариштагони Худ дар бораи ту амр хоҳад дод... Туро бар кафҳои худ бардошта хоҳанд бурд, ки мабодо пои худро ба санге бизанӣ.

*Забур 90:11, 12*

# Роҳбарии фавқулодда

**Филиппӣ:** Павлус ва Сило

**Ӯ ба ман гуфт: „Ба Мақдуния омада, ба мо ёрӣ расонед“, — нақл кард Павлус**

Сило гуфт: „Оё ту бовар мекунӣ, ки ин рӯъё аз ҷониби Худо буд?“

„Айнан ҳамин тавр“.

Сило табассум карда, гуфт: „Пас, дар паноҳи Худо ба сафар мебароем!“

Ба Филиппӣ омада, онҳо савдогарзанеро назди Масеҳ оварданд, ва аз духтаре рӯҳи нопокро берун карданд. Онҳо Худоро дуруст фаҳмиданд ва нишондодҳои ӯро ба ҷо меоварданд.

„Ана онҳо!“ — фарёд зад марде ки тӯдаро роҳбарӣ мекард. Онҳо мусофирони масеҳии мавъизакунандаро меҷустанд. Пеш аз он ки Павлус ва Сило ба асли воқеа сарфаҳм раванд, онҳоро ба назди доварони шаҳр кашида бурданд ва дар он айбдор карданд, ки онҳо Инҷилро башорат дода, мардумро ба шӯриш тахрик менамоянд. Сардори шаҳр фармуд, ки пӯшоккҳояшонро бароварда, онҳоро қамчинкорӣ кунанд ва ба зиндон партоянд.

Он бегоҳ, Павлус ва Сило, ки баданашон хуншор ва кабуд гашта буд, пурра ҳақ доштанд чунин ҳисобанд, ки Худо онҳоро „на ба он ҷо“ фиристодааст. Аммо саволи „Чӣ тавр Худо ба ин роҳ дод?“ ба сари онҳо намеомад. Ба ҷои ин онҳо нисфишабӣ суруд мехонданд ва Худоро ҳамду сано мегуфтанд. Онҳо ба роҳбарии Худо бовар карданд. Онҳо медонистанд, ки ӯ онҳоро тарк накардааст ва ба зудӣ ба онҳо халосии мӯъҷизаосо ато мекунад.

Сило ва Павлус баъд аз ин ҳам дар сафарҳои худ ба Худо итоат мекарданд.

*Кошки хости Худо барои зиндагиамон дар хоб ба мо аён мешуд! Кошки нақшаҳои ӯ чун эълонҳои кӯча дар назди мо калон кушода мебуданд! Ё аз он ҳам беҳтар, агар мо Овозеро мешунидем, ки чӣ кор карданро ба мо мегуфт! Ҳамаи ин ба назар хеле хуб метобад, лекин ин гуна усулҳои рӯйрост унсури имонро тамоман бартараф мекунанд. Худо мехоҳад, ки ҳангоми муайян намудани самти ҳаёти худ ба ӯ чун ба харита умед бандем. Павлус ва Сило аниқ намедонистанд, ки дар Филиппӣ бо онҳо чӣ рӯй медиҳад. Онҳо фақат ҳаминро медонистанд, ки Худо ба онҳо фармуд, то ба он ҷо раванд. Шумо метавонед надонед, ки Худо шуморо куҷо мебарад, аммо оё шумо тайёред ҳамроҳи Ӯ ба ягон ҷо равед? Агар шумо пурра ба ӯ бовар накунед, равона шуда наметавонед.*

Ба ростии Худ маро ҳидоят намо, ва маро таълим деҳ, зеро ки Ту Худои наҷоти ман ҳастӣ; ҳар рӯз ба Ту умедворам.

*Забур 24:5*

# „Ҷинояткор"-и фавқулодда

**Арабистони Саудӣ:** шубон Волли

**„Худовандо, ин бегоҳ ҳама кор шуда метавонад", — дуо мекард Волли. — „Аммо, илтимос мекунам, роҳ надеҳ, ки онҳо маро бикушанд".**

Дар давоми лату кӯб шубон Волли барои азобдиҳандагони саудии худ дуо мекард. Ҳангоми дуо вай оятеро ба ёд овард, ки он ҷо гуфта мешуд, ки бадани мо маъбади Рӯҳулқудс аст.

„Ташаккур, ки ту ба ман иҷозат додӣ, то маъбади Ту бошам", — дуо мекард Волли. — „Худоё, ба фикрам, маъбаде ки онро душман вайрон ва нопок мегардонад, ба Ту даркор нест. Ба Ту маъбаде даркор аст, ки аз бузургӣ ва ҷалоли Ту пур аст. Худоё, ман барқароршавии пурраи баданамро хоҳиш мекунам. Ин ҷаллодон ҳар коре кунанд ҳам, ман дуо мекунам, ки ҳангоме ман пурра сиҳат мешавам, Ту худро боз бештар ҷалол диҳӣ. Одамон ҳатто пайи зарбу латҳои ин ҷаллодонро дар бадани ман нахоҳанд дид".

Тахтапушт ва пойҳои шубон Волли аз зарби қамчин рах-рах шуда буданд, кафҳои дастон ва пойҳояш чунон лат хӯрда буданд, ки вай онҳоро ҷунбонда наметавонист. Ниҳоят, ӯро ба камера партофтанд, зеро дигар қуввате надоштанд, то ин масеҳиро азобу шиканҷа диҳанд.

Волли якчанд соат дуо мекард, сипас ба хоби хавотиромез рафт, ки дар давоми он ҳузури Худо ва ламси шифобахшро ҳис кард. Ҳангоме ки вай бедор шуд, дастону пойҳояш сиҳат шуда буданд. Вай дарди зарбу латро ҳис намекард. Волли ба ҳайрат афтод — Худо вайро шифо дод.

*Оё шубон Волли ҳангоми оиди шифоёбии худ боваринок дуо карданаш аз ҳад зиёд талаб накард? Наход ин хоҳиши далеронаи вай гаразнок бошад? Далелҳо исбот мекунанд, ки Волли ҳеҷ кори баде накард. Моҳиятан, вай ҳамон чизеро хоҳиш кард, ки Худо ваъда кардааст. Бисёр масеҳиён нафъ мебинанд, агар бисёртар ҳамин тавр кунанд. Аммо агар Худоро надонем, мувофиқи ваъдаҳояш хоҳиш карда наметавонем. Пастор Волли дар лаҳзаи душвор оятҳои рӯҳбаландкунандаро ба ёд оварда тавонист, зеро вақти бисёреро бо хондани Навиштаҷот мегузаронд. Бисёр масеҳиёне ки зарбу лат хӯрдаанд, фавран сиҳат нашуданд. Бо вуҷуди ин, хоҳ шифо ёфта бошем, хоҳ не, Худо ба ҳар ҳол шаҳодати моро истифода мебарад. Оё шумо ҳангоми зарурат Каломи Худоро ба ёд оварда метавонед? Оё шумо на танҳо матни Навиштаҷот, балки моҳияти онро низ медонед? Ба Худо гӯед, ки шумо тайёред ваъдаҳояшро хотиррасон намоед.*

…Зеро ки шумо маъбади Худои Ҳай ҳастед…

*2 Қӯринтиён 6:16*

**Ман ин ҷо оиди суханони Исо андеша мекунам: „...то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад... ҳаёти ҷовидонӣ ёбад“ (Юҳанно 3:16).**
**Ман дар байни ҷинояткорон ҳастам. Ба ман гуфтаанд, ки одамон метавонанд ба ҳайвон табдил ёбанд. Охир, ҳайвонҳо гуноҳ надоранд. Аммо одамоне ки дар ҳабсхона назди ман ҳастанд, ба умқи торикии иблисона мерасанд, ки барои ҳайвонот дастнорас аст.**

**Дар оғил зистани кас беҳтар аз он аст, ки назди ин ҷинояткорон бошад. Ҳар як сухани онҳо дағал, ҳар як имои онҳо нафратовар аст. „Гулӯяшон қабри кушода аст... даҳонашон пур аз ғайбат ва ҳасрат аст“ (Румиён 3:13,14).**

**Дар заминаи ин ҳама муҳаббати фавқулоддаи Худо медурахшад. Ҳақиқатан, касе ки имон дорад — ҳатто ҳамин гуна одамон— ҳаёти абадӣ пайдо карда метавонанд. Худо маро ба ҳабсхона равона кард, то ба онҳо Хушхабарро расонам.**

Мактуби маҳбуси масеҳии рус.



# Рухсатии фавқулодда

**Эрон:** шаҳри курортӣ

**„Азизам, мо акнун дар рухсатӣ ҳастем“, — гуфт шубони эронӣ ба занаш. — „Илтимос, коре накун, ки диққати полисро ҷалб мекарда бошад. Чаро истироҳати худро вайрон кунем?“**

Аммо зани шубон шаҳодатдиҳандаи хастанашавандаи Исои Масеҳ буд. Вай ба мусулмонон ҳазорон Библияҳо ва зиёда аз 5 ҳазор нусхаҳои филми „Исо“-ро тақсим карда буд. Баъди муддате онҳо ба маркази тиҷорати шаҳр рафтанӣ шуданд. Онҳо ба тарафҳои гуногун рафтанд, то ки молҳои гуногунро тамошо кунанд, аммо ҳангоме ки шубон баргашт, дид, ки занаш ба гурӯҳи калони одамон оиди Исои Масеҳ нақл мекунад.

Чун ӯ боварӣ ҳосил кард, ки дар қарибӣ полиси махфӣ нест, зуд занашро аз магазин берун бурда, ба мошин савор кард. „Азизам, мо ин ҷо дар рухсатӣ ҳастем. Ман фикр мекардам, ки мо ин ҷо бо инҷилшиносонӣ машғул намешавем“, — гуфт вай.

Зан ба чашмони вай нигарист: „Дар ин магазин бисёр касоне монданд, ки Исоро намедонанд. Агар онҳо баъди мурдан ба дӯзах раванд, ту гуноҳкор мешавӣ“, — гуфт вай бо ҷиддият. Шубон шармсор шуда, мошинро сӯи маркази тиҷорат гардонд. Занаш зуд ба бино даромада, ба тақсим кардани Библияҳо ва видеокассетаҳои филми „Исо“ сар кард.

Зане назди вай омад. „Ман аз шумо хеле миннатдорам“, — гуфт ӯ бо чашмони пур аз ашк. — „Ман 5 сол дуо кардам, то Навиштаҷот дошта бошам, ва акнун Худованд ба дуои ман ҷавоб дод.“

*Баъди рухсатӣ хотираҳои хеле хуб боқӣ мемонанд: сайругашт дар лаби баҳр, ба магазинҳои шаҳр рафтан, дар назди гулхан нишастан. Албатта, истироҳат аз кори ҳаррӯза ба мо даркор аст. Аммо дар айни замон мо ҳақ надорем, ки дар шаҳодатамон танаффус кунем. Моҳиятан, шаҳодати мо бояд бо шахсиятамон чунон як шавад, ки онҳоро ҷудо кардан имкон нахоҳад дошт. Ҳаввориӣ Павлус ҳеҷ гоҳ чун „турист“ саёҳат намекард. Барои чунин одамон, чун зани шубон аз ин ҳикоя, шаҳодатро чун рӯшноии барқ хомӯш кардан ва гирондан имкон надорад. Шаҳодати далеронаи онҳо қисми ҷудонашавандаи „ман“-и онҳост, ва он ҳамеша табиӣ пайдо мешавад, хоҳ дар вақти муносиб бошад, хоҳ не. Муросокорӣ дар имон ғайритабиист — дар ин маврид он ба дигарон қалбакӣ метобад. Ба имони худ имкон диҳед, то ҳар рӯз озодона нумӯ кунад.*

Ки каломро мавъиза кунӣ
ва дар вақти муносиб ё
номуносиб омода бошӣ...

*2 Тимотиюс 4:2*

# Ҷавоби фавқулодда

**Африқои шимолӣ:** масеҳии навимон

**„Чаро шумо ин ҷамъомадҳоро давом медиҳед?“ — пурсид агенти полиси махфӣ аз масеҳӣ. — „Шумо гумон мекунед, ки фаъолиятатон махфӣ мемонад ва ҳамсояҳо дар ҳаққи шумо маълумот намедиҳанд?“**

Ҷавон ба наздикӣ масеҳӣ шуд, аммо аллакай ба назди Масеҳ 20 нафар имондорони навро оварда тавонист. Онҳо дуо мекарданд, ки Худо ба онҳо барои вохӯриҳо ва парастиши умумӣ маконе диҳад.

Се ҳафта имондорон аз Африқои шимолӣ дар як квартира вомехӯрданд — ин ҷамъомадҳо ғайрилегалӣ буда, боиси ҳабс шудан гардида метавонистанд. Сурудхонии онҳо ҳамсояҳоро ба ташвиш овард ва онҳо ба полиси махфӣ оиди ин хабар доданд. Масеҳии ҷавонро се бор ба пурсуков бурда буданд.

„Ту бар зидди ислом баромад мекунӣ?“ — пурсид афсар ҳангоми пурсукови сеюм.

„Не“, — ҷавоб дод масеҳӣ. — „Мо бо ислом ҳеҷ умумияте надорем. Мо Исоро парастиш мекунем“.

„Шумо зидди роҳбарони мо баромад мекунед?“

„Не, ҷаноб. Мо барои роҳбарони худ дуо мекунем, зеро инро ба мо Исо фармудааст.“

„Чаро шумо барои ҷамъомади худ ҷои дигар пайдо намекунед? Он гоҳ ҳамсояҳо оиди шумо шикоят намекарданд“.

„Охир, мо ин корро карда наметавонем. Мо иҷозати даркорӣ надорем“.

Афсар ба ғалладони мизи худ нигариста, бланкеро баровард. Вай якчанд дақиқа менавишт, сипас онро ба масеҳӣ дод. Ин ҳуҷҷат ба масеҳиён иҷозат медод, то дар бинои калисо, ки истифода намешуд, ҷамъ шаванд. Иҷозат барои дар ин макони хеле хуб ҷамъ омадан — ин буд ҷавоб ба дуоҳои онҳо.

*Дуо беҷавоб намемонад. Худо ҳамеша ба ҳар як дуои мо ҷавоб мегардонад. Аммо ҷавоби ӯ метавонад на оне бошад, ки шумо металабидед. Баъзан ӯ ба мо чунин ҷавоб медиҳад: „Интизор шав“. Мо бояд то даме интизор шавем, ки Ӯ бигӯяд, акнун роҳро давом додан мумкин аст. Баъзан, ҳангоме ки ҷавоби „Не“-ро мешунавем, мо маъюс мешавем. Талаби мо ба хости Ӯ мухолифат мекунад ё барои Ӯ вақти номуносиб интихоб кардаем. Аммо гоҳо Ӯ чунин ҷавоб медиҳад: „Хуб“. Талаби мо пурра бамаврид аст. Мо рӯҳан омодаем ва вақтро дуруст интихоб кардаем. Имрӯз Худо ба дуои шумо чӣ чуна ҷавоб дод?*

Ман Туро мехонам, зеро
ки Ту, эй Худо,
маро иҷобат менамоӣ.

*Забур 16:6*

# Бечуръатии фавқулодда

**Эрон:** шубон Рубак

**Аз нисфи шаб гузашта буд. Маҳбус хаста шуд. аллакай нисфи маҳбусии 28-рӯзаи яккаи ӯ дар ҳабсхонаи эронӣ гузашта буд, аммо вай ба Худо дуо мекард, то Худо ба вай барои тоб овардан ёрӣ диҳад. Ҳангоме ки дари камераро тақ-тақ заданд, вай хаста ва хашмгин буд.**

„Шубон“, — гуфт зиндонбон. — „Ман бо шумо оиди Исо гап задан мехоҳам.“

„Дур шав“, — гуфт шубон бо овози хирросӣ. — „Ман бо ту гап задан намехоҳам“.

„Аммо шумо бояд бо ман гап занед“, — исрор мекард зиндонбон. — „Шумо шубон ҳастед“.

Зиндонбони ҷавон саволҳои бисёр дошт. Вай мехост фарқи байни масеҳият ва ислом, байни талаботҳои вазнини Аллоҳ ва даъвати пурмуҳаббати Падари осмониро донад.

Ду мард 4 соат гап заданд, ва шубон ба вай оиди имони масеҳӣ, начот аз гуноҳ ба воситаи дар салиб мурдани Масеҳ ва дар бораи он нақл кард, ки чӣ гуна вай метавонад Исои Масеҳро ба ҳаёти худ қабул кунад.

Пагоҳии рӯзи дигар онҳо якҷоя дуо мекарданд. Ҳангоме ки зиндонбон Масеҳро қабул кард, дар рухсорҳояш ашк ҷорӣ шуд. шубон низ бо ашк дар чашмон ӯро дар Малакути Худо шодбош мегуфт.

Ҳангоме ки зиндонбон ба ҳаёти нав дохил шуд, шубон ҳис кард, ки дили худаш дигаргун шудааст. Маъюсӣ гум шуда буд. Вай нисбати онҳое ки ӯро зиндонӣ карда буданд, нисбати ҳамаи мусулмонони кишвараш муҳаббатро ҳис намуд. Баъди ин воқеа хизмати ӯ хеле васеътар шуд.

*Асбобу анҷоми хона (мебел), ки аз як насл аз ба насли дигар ба мерос мемонад, он қадар зебо нест, аммо хотираҳои дилангезе ки бо он вобастаанд, ин камбудиро ҷуброн мекунанд. Курсии махсусе ки ба бобои мо тааллуқ дошт, хотираҳои махсусро бедор мекунад, бинобар ин мо доғҳо ва дигар нишонаҳои кӯҳнашавии онро ба назар намегирем. Ҷевони харошидашуда аз дарахти кедр, ки замоне ба хешованде тааллуқ дошт, ганҷи ғайриоддии бебаҳо шуд. Ҳамин тавр Худо низ метавонад ба мо нисбати каси номаҳбуб муҳаббат ато намояд. Ӯ метавонад ба мо ёрӣ диҳад, то дар чизи ночизтарин арзише бубинем. Муҳаббати Ӯ метавонад камбудиҳои каси дигарро пӯшонад, чуноне ки Ӯ бо гуноҳҳои мо ин корро мекунад. Санҷида бинед ва боварӣ ҳосил кунед. Аз Худо хоҳиш кунед, то ба шумо ёрӣ диҳад, ки ба дигарон бо чашмони Ӯ нигаред ва чизеро, ки дӯст доштанаш гӯё ғайриимкон аст, дӯст доред.*

Бо фурӯтанӣ мухолифонро насиҳат диҳад, ки шояд Худо ато фармояд, ки онҳо тавба карда, ба дониши ростӣ бирасанд.

*2 Тимотиюс 2:25*

# Миссионери фавқулодда

**Ириани ғарбӣ:** Стенли Алберт Дейл

**Тирҳои қамишӣ яке паси дигар бадани Стенли Алберт Дейлро сӯрох мекарданд ва ӯ якеро паси дигар кашида мебаровард ва ба зонуяш зада мешикаст. Аз захмҳои бисёри ӯ хун метаровид. Ҷанговарони ялӣ тарсиданд, ки одами сафед, ё *дуонг*, намиранда аст.**

Дар деҳаи дигари ялӣ ӯро аллакай куштанӣ буданд. Омадани ӯ онҳоро тарсонд, зеро онҳо медонистанд, ки ин гуна одамони меомада бутҳои анъанавиро месӯзонданд ва ҷойҳои парастиши рӯҳҳои ҷангалро вайрон мекарданд. Онҳо низ ба Дейл тир мепарронданд, аммо дуонг тавонист гурезад ва захмҳои худро муолиҷа намояд.

Солҳои 1960 Дейл ба кӯҳҳои Ириани Ғарбӣ (Индонезияи ҳозира) омад, то ки муҳаббати Масеҳро расонад. Акнун ӯ ба сад нафар ҷанговарони тирандоз вохӯрд, ва ҳамин ки тирҳо ба баданаш мехалиданд, ӯ онҳоро кашида мебаровард. Ин ялиҳоро огоҳ карда буданд, ки рӯҳи одами сафед қувваи фавқулодда дорад. Аммо Дейл ҳалок шуд. Дар пеши пойи ӯ беш аз 50 тири шикаста буд. Ба мурдани одами сафед боварӣ ҳосил карда, ҷанговарон бадани ӯро пора-пора карданд — онҳо метарсиданд, ки ӯ аз нав зинда мешавад.

Ялӣ чунин меҳисобиданд, ки ба хизматгузории инҷилӣ дар водии худ хотима додаанд, аммо ин тавр набуд. Масеҳиёни дигар омаданд, ва бисёре аз он ҷанговароне ки Дейлро кушта буданд, масеҳӣ шуданд. Дуонги намиранда акнун дар назди Исо ҳамроҳи қотилони руҷӯъкардаи худ тасалло меёбад.

*Агарчи ялӣ чунин меҳисобиданд, ки бадани заминии Дейл намиранда аст, дар асл рӯҳи (ҷон) ӯ намиранда аст. Миссионероне ки аз пайи Дейл рафтанд, ба ялӣ ёрӣ доданд, ки абадиятро фаҳманд. Онҳо ба ялӣ оиди Худо нақл карданд. Лаҳзае андеша кунед, ки кадом воқеаҳо, одамон ва ё чизҳо вақти бештари шуморо гирифтанд. Албатта, ҳаёти ҳаррӯза моро водор мекунад бо чизҳое сарукор дошта бошем, ки барои абадият аҳамияте надоранд: ҷӯробҳои ифлос, зангҳои телефон, химчистка ва пухтани хӯрок. Аммо воқеаи Дейл ба мо хотиррасон мекунад: афзалият бояд ба чизҳое дода шавад, ки барои абадият муҳиманд. Кадом қисми ҳаёти худро шумо ба абадият мебахшед? Агар шумо ин корро накунед, пас кӣ мекунад?*

...фикри абадиятро дар дили одамизод ҷо додааст...

*Воиз 3:11*

# Боз як шеъри фавқулодда

**Русия:** Александр Затсепа

**Ҳангоме ки аскари қатории Артиши сурх Александр Затсепа дар ҷанг ҳалок шуд, дар кисаи либоси низомиаш шеъреро ёфтанд:**

Маро бишнав, Худоё, ҳанӯз ҳеҷ гоҳ дар умрам бо Ту гап назада будам.

Аммо акнун худро чунон ҳис мекунам, ки гӯё бо Ту вохӯрдӣ мекунам.

Ту медонӣ, аз синни кӯдакӣ ба мо мегуфтанд, ки Ту вуҷуд надорӣ.

Ман, чун аҳмақ, ба онҳо бовар кардам.

Ман ҳеҷ гоҳ оиди офариниши Ту намеандешидам.

Аммо имшаб аз хандақ ба боло нигариста, милт-милти ситораҳоро мушоҳида мекардам ва банохост даҳшатнокии ин дурӯғро фаҳмидам.

Оё, эй Худои ман, дастатро сӯи ман дароз мекунӣ?

Ман ба Ту нақл мекунам ва Ту мефаҳмӣ.

Оё ин мӯъҷиза нест, ки нур бар ман нозил шуд, ва ман дар ин шаби дӯзахӣ Туро дида тавонистам?

Агарчи пештар ман дӯсти Ту набудам.

Аммо, оё Ту маро роҳ медиҳӣ, ҳангоме ки биёям?

Худоё, ман гиря мекунам! Худои ман, Парвардигоро, Ту мебинӣ, ки ман дар чӣ ҳолатам.

Ман имшаб бино шудам.

Падруд, Худои ман, Ман меравам ва аз эҳтимол дур аст, ки баргардам.

Ҳайратовар аст, ки ман дигар аз марг наметарсам, ҳамин тавр не?

…балки ба шумо пурсабрӣ зоҳир менамояд, ва намехоҳад, ки касе нобуд шавад, балки ҳама ба тавба рӯ оваранд.

*2 Петрус 3:9*

*Риёзаткашон ба мо садоқат, осоиштагӣ, муҳаббат ва ҳимояи Худоро ёд медиҳанд. Аммо дар ҳикояҳо оиди риёзаткашон сухан на танҳо оиди худи риёзаткашон, балки оиди душманони онҳо низ меравад. Ҳикояҳои оиди коммунистоне ки масеҳӣ шудаанд, тамоман дар бораи дигар чиз нақл мекунанд. Онҳо пурсабрӣ ва меҳрубонии Худоро нишон медиҳанд. Онҳо нишон медиҳанд, ки Худо онҳоро бахшиданист, агар онҳо аз ӯ бахшиш пурсанд. Дар шеъри Александр хоҳиши ҳамаи гуноҳкорони тавбакарда, ки чашмонашон барои дидани ҳақиқат „бино“ шудааст, садо медиҳад. Ҳикояи вай ба мо хотиррасон мекунад, ки мо ба Худои дӯстдор хизмат мекунем, ки мекӯшад, то мо бифаҳмем, ки Исо кист ва барои наҷот назди Ӯ биёем. Ана номаи пуриқтидори риёзаткашон. Оё он аз они шумост?*

# Хатари фавқулодда

**Афғонистон:** Эрнст ва Ева Барендсен

**Одамон масофаи дурударозеро тай мекарданд, то ки аз Ева Барендсен ва шавҳараш Эрик ёрӣ ва дору гиранд. Хонаи фақиронаи онҳо дар Кобул барои ҳазорон афғонҳо сарчашмаи умед гардид — ҳам масеҳиён ва ҳам мусулмонон. Ҳамсарон ба ҳамаи мепурсидагон мегуфтанд, ки ба Исои Масеҳ хизмат мекунанд. Аммо, ин хизмат онҳоро барои душманон ҳадаф гардонд.**

Эрик ва Ева соли 1980 рухсатии кӯтоҳмуддат гирифтанд, аммо ба зудӣ ба кишвари аз ҷанг харобгардида, ки барояшон хонаи худӣ шуда буд, баргаштанд. „Чӣ гуна шумо бозгаштанӣ ҳастед?“ — мепурсиданд баъзеҳо. — „Магар шумо наметарсед? Охир ин хеле хатарнок аст“.

Эрик ва Ева хатарро сарфи назар мекарданд, онҳо фақат имконияти хизмат карданро медиданд, Онҳо дар ин кишвар қотилони имконпазирро намедиданд, онҳо фақат масеҳиёни имконпазирро медиданд. „Ба ман фақат як хатари калон маълум аст“, — мегуфт Ева. — „Хатари ягона — берун аз иродаи Худо мондан аст“.

Онҳо ба Афғонистон бо ду фарзанди 3-сола ва 5-солаи худ баргаштанд. Ба зудӣ баъди баргаштанашон ба хонаи онҳо ҳуҷум карданд, зеро дар ин хона масеҳиёни навимон ҷамъ меомаданд. Онҳоро бо зарбаҳои корд куштанд, фарзандонашон сағира монданд. Якчанд рӯз пеш аз қатл модари Ева рӯъёе дида буд: вай Эрик ва Еваро дар осмон дид — фариштагон ба сарҳои онҳо тоҷҳои тиллоро мегузоштанд. Ҳангоме ки вай хабари кушта шудани онҳоро шунид, ин рӯъё ба вай қувват бахшид.

*Дар кишвари исломӣ масеҳии фаъол будан — яке аз дурнамоҳои хатарноктарин аст. Аммо Ева ва Эрик идеяи хатарро дигар хел мефаҳмиданд. Ҳангоме дӯстон ба онҳо мегуфтанд, ки дар Кобул мондани онҳо номумкин аст, Эрик ва Ева ҳис мекарданд, ки дар ягон ҷои дигар будани онҳо номумкин аст. Онҳо дар ин кишвар хизмат карданро вазифаи худ медонистанд. Онҳо инро хости Худо меҳисобиданд. Замоне касе гуфта буд, ки аз итоат ба Худо даст кашидан баробар бо гум кардани ҳимояи Ӯст. Хатари ягона — берун аз иродаи Худо будан аст. Сари чанд вақт, ба хотири ҳифзи ҷони худ аз иродаи Худо канораҷӯӣ карда, шумо ба хатари бештаре дучор мешавед? Итоаткории фавқулодда ёрӣ медиҳад, ки ба хатар дигар хел нигарем.*

Зеро ки мо шарикони Масеҳ гардидаем, ба шарте ки асоси эътимоди худро то ба охир бо матонат нигоҳ дорем.

*Ибриён 3:14*

**Дар он ҷое ки салиб нест — тоҷ нест. Ин ҳикматро аз китобҳо омӯхтан ғайриимкон аст, ва одамон одатан маънои онро намефаҳманд. Ин ҳаёти фаровон дар муҳити бароҳат вуҷуд надорад. Агар донаҳои офтобпарастро аз пӯст тоза карда, ба равған табдил надиҳем, бӯи он сӯи мо парвоз намекунад, агар хӯшаҳои ангурро дар чархушт фишор надиҳем, он ба май табдил намеёбад.**

Суханони масеҳии хитоӣ



РТЗИ

# Кашмакаши фавқулодда

**Хитой:** Лу Ин

**„Асбобу анҷоми хонаашро гиред ва Библияро ҷустуҷӯ кунед!“ — фармуд командир. Ҳангоме Ин дид, ки гвардиячиёни сурх хонаашро кофтуков мекунанд, дар чашмонаш ашк пайдо шуд.**

„Ёфтам!“ — нидо кард гвардиячӣ. Аммо ҳамин ки вай Библияро ба командир дод, Лу Ин далерона онро аз дасти вай кашида гирифт.

„Дар ин китоб ҳамаи он чизе ҳаст, ки ман бояд оиди Худованд ва Наҷотдиҳандаам Исои Масеҳ донам, ва ман онро аз даст дода намехоҳам“, — бо қатъият гуфт вай ва Библияро ба қафаси синааш маҳкам ҷафс кард.

„Вайро ба кӯча бароред“, — фарёд зад командир, — „Мебинем, ки ин китобашро то кай нигоҳ дошта метавонад!“

Чор нафар гвардиячӣ Инро ба кӯча бароварда, ба задан сар карданд. Онҳо вайро масхара мекарданд, ба болояш туф мекарданд, то афтиданаш. „Ту ҳоло ҳам ба ин китоби афсонаҳоят бовар мекунӣ?“ — механдид командири гвардиячиёни сурх.

Лабҳои Лу Ин варамида ва хунолуд буданд, аммо китобро маҳкам дар даст нигоҳ медошт ва шаҳодати имонро такрор мекард.

Гвардиячӣ сихи оҳанини милтиқро гирифта, бо зарбаҳои он дастони Лу Инро шикаст. Вай бо дастони маъюбшуда Библияро дошта наметавонист. Вай аз дарди сахт беҳуш шуд, Библия ба замин афтид, аскар онро гирифта ба командир дод.

Баъди 20 сол фиристодаи миссияи „Садои риёзаткашон“ ба хонум Ин Библия овард. Чашмони вай аз ашк пур шуданд. Вай Библияро бо дастони маъюбаш гирифт ва оҳиста гуфт: „Ин дафъа ман туро намедиҳам“.

*Бисёр одамон бо тамоми қувват нимҳақиқатро нигоҳ медоранд. Хоҳ атеист бошанд, хоҳ агностик, бутпараст ё кришнаит, тамоми ихлосмандие ки онҳо нисбати догмаи худ зоҳир карда метавонанд, наметавонад эътиқодашонро ба Ҳақиқат наздик оварад. Самимияти онҳо наметавонад набудани Ҳақиқатро иваз кунад. Бар акси ин, масеҳиён ба Каломи Худо, ки эътиқоди онҳоро тасдиқ мекунад, боварии қатъӣ доранд. Онҳо медонанд, ки Каломи Худо Ҳақиқат аст. Мо ҳақ надорем, ки ба Библия сабукфикрона муносибат кунем, ҳатто агар дигарон тамоми қудраташонро ба тарафи мо равона кунанд. Оё Каломи Худоро баробари дигар чизҳои қиматбаҳои ҳаёти худ, чун пул ё мартаба, сахт нигоҳ медоред? Ҳатто агар тамоми чизҳои дигар аз дастатон афтанд ҳам, каломи Худоро, ба ҳар арзише ки бошад, нигоҳ доред.*

Суханони Худованд
суханони покиза аст.

*Забур 11:7*

# Шабаҳи фавқулодда

**Хитой:** Мичжун Мяо

**Шароити зиндагӣ дар лагери меҳнати маҷбурӣ дар Хитой даҳшатовар буд. Хӯроки ночиз ва зимистони хунук боиси он шуданд, ки дар лагер эпидемия сар зад. Дар аввали зимистон дар лагер 13 ҳазор маҳбусон буданд, аммо чун баҳор фаро расид, фақат 250 кас боқӣ монданд.**

Мичжун Мяоро барои мавъизаи Инҷил ва барои аз имон даст накашидан ба лагер фиристоданд. Ҳангоме ки вай дар байни маҳбусон мавъиза карданро давом дод, мӯҳлати маҳбусии панҷсолааш се баробар зиёд карда шуд.

Посбонон гумон мекарданд, ки дар давоми ин зимистони хунук Мичжун Мяо мурдааст. Чунин метофт, ки бадани лоғаршудаи ӯро ҳаёт тарк кардааст, аммо рӯҳи Мяо зинда буд ва ӯ дуо мекард. Ҳангоме ки ӯро дар морг танҳо гузоштанд, вай фариштаро дид, ки чеҳрааш дурахшон ва дар танаш либоси сафед буд. Фаришта ба Мяо наздик шуда сӯи вай дамид (пуф кард). Баъди ин вай ҳис кард, ки беморӣ баданашро тарк мекунад ва гармӣ вайро фаро мегирад. Вай ба зону афтода, дуои шукрона хонд. Ҳангоме ки вай аз морг берун баромада, назди духтури ҳабсхона омад, ваҷоҳати духтур дигаргун шуд: вай гумон кард, ки шабаҳро мебинад. „Натарс, ин манам — Мичжун Мяо“, — гуфт масеҳӣ. — „Худо ба ман саломатиро бозгардонд. ӯ маро фиристод, то ба ту роҳро сӯи Худо нишон диҳам“.

Бо эҳтиром таъзим намуда, духтур гуфт: „Худои ту ҳақиқатан вуҷуд дорад. Ӯ туро аз қабр бозгардонд“. Худи ҳамон бегоҳ духтур Масеҳро чун Наҷотдиҳандаи худ қабул кард.

*Дидан — яъне бовар кардан. Мо дар бораи Худо гап зада метавонем. Мо метавонем оиди Исо хонем ва ё гӯш кунем. Аммо мо бояд Ӯро ба василаи имони худ дарк намоем, то ки ҳамроҳи духтур гуфта тавонем: „Худо вуҷуд дорад“ Имконияти назди Масеҳ омадани духтур дар лагери хитоӣ ночиз буд. Аммо ҳангоме ки духтур бо мӯъҷизаи ҳақиқӣ дучор шуд, вай ба Худое ки Мичжун ба он дуо мекард, бовар намуд. Баъзан мо мехоҳем, ки наздикони мо ҳамин чизро аз сар гузаронанд. Мо бояд дуо кунем, то ки онҳо Худоро дарк кунанд. Онҳо метавонанд ба шарофати офариниш бо Ӯ вохӯранд. Онҳо метавонанд ба шарофати муҳаббат бубинанд, ки Ӯ чӣ гуна амал мекунад. Агарчи мӯъҷизаҳое ки бо Мичжун Мяо рӯй доданд, хеле кам воқеъ мешаванд, дуо кунед, то наздикони гумроҳшудаи шумо бо Худои зиндаи дӯстдоранда, ки ҳаёти онҳоро дигаргун мекунад, вохӯранд.*

Онҳо назди Филиппус… омада,
илтимос намуда гуфтанд:
„Эй хоҷа!
Мо мехоҳем Исоро бубинем“.

*Юҳанно 12:21*

# „Муоҳида“-и фавқулодда

**Русия, Украина:** маҳбусони атеистон

**Коҳини православӣ Тимофей Поповиченкоро соли 1922 дар Краснодар зиндонӣ карданд. Аз натиҷаҳои зарбу лат андаке ба худ омада, вай ба маҳбусон гуфт, ки бояд дар дуо аз Худо хоҳиш кунанд, ки азиятдиҳандагонро бубахшад. Ӯро ҳамон замон аз камера бурданд.**

„Ту медонӣ, ки дар ҳабсхона мавъиза кардан манъ аст“, — дод зад сарпосбон. — „Ту дар соли 1918 аз қатл халосӣ ёфтӣ, аммо акнун аз ҷазо раҳо намешавӣ“. Посбонони боқувват ба ӯ дарафтода, лату кӯб намуданд. Аммо вай номи Худовандро зикр мекард. Соли 1918 ба деҳаи украинӣ, ки Тимофей он ҷо хизматгузорӣ мекард, отряди ҷазодиҳандаи Артиши сурх омад. Коҳинро то беҳушӣ бо сихҳои оҳанин заданд ва ба оилааш гуфтанд, ки агар то пагоҳӣ 10 ҳазор сӯм фидия надиҳанд, ӯро қатл мекунанд. Дар давоми шаб ҳамдеҳагон ин миқдор пулро ҷамъ карда, шубони худро халос карданд. Вай ба Кубан рафт ва дар он ҷо боз ҳабс шуд

Маҳбусон шуниданд, ки дари камерае ки он ҷо ҳар рӯз маҳбусонро мезаданд, бо садои баланд маҳкам шуд. Баъди соате посбонон коҳини шаллоқхӯрдаро ба камера партофтанд. Либосҳояш дарида ва пурхун буда, дар рӯяш нишонаҳои лату кӯб аён буданд. Маҳбус ҳамроҳони маҳбуси худро аз назар гузаронд, гӯё тафтиш мекард, ки ҳама ҳозиранд ё не.

„Мо ба куҷо расида будем, ҳангоме ки сӯҳбати моро дағалона қатъ карданд?“ — пурсид вай. Ва мавъиза давом кард. Яке аз шунавандагон пурсид, ки ба хотири чӣ коҳин ин тавр худро ба хатар меандозад.

„Ман бо посбонон муоҳида бастаам“, — ҷавоб дод маҳбуси шаллоқхӯрда. — „Вазифаи ман мавъиза кардан аст, вазифаи онҳо — задан. Ҳар ду тараф қаноатманд мебошанд“.

Коҳин Тимофей Павличенко ин дафъа низ зинда монд; ӯро ба сабаби „ҳолати беҳнашавандаи саломатӣ“ озод карданд. Ӯро соли 1938 дар Харков боз ҳабс карда, қатл намуданд. Ба оилаи вай хабар доданд, ки вай ба муддати 10 сол бе ҳуқуқи мактубнависӣ зиндонӣ шудааст. Тасвияи қатл барои имон он вақт чунин буд.

*Дар кишваре ки оилаҳо барҳам мехӯранд ва миқдори талоқҳо аз никоҳҳо кам нест, масеҳиён бояд аҳамияти садоқатро ба ҳар арзише ки бошад, барқарор кунанд. Ваъда чӣ арзише дорад, агар он аҳамияте надошта бошад? Аммо натиҷаҳои ба Масеҳ содиқ будани мо беарзиш нестанд. Садоқат ба Масеҳ метавонад боиси он шавад, ки имконияти ба мартабаи баланди ихтисосӣ расиданро аз даст диҳем. Мо метавонем шӯҳрат ва дӯстонро аз даст диҳем. Метавонем оиларо аз даст диҳем. Бехатарии худро. Ва ҳатто ҳаёти худро. Садоқат бояд арзиш дошта бошад. Маҳбусон инро хеле хуб мефаҳмиданд. Аммо мукофоти Масеҳ низ як қисми муоҳида аст. Оё шумо қисми ба шумо дахлдори муоҳидаро иҷро мекунед?*

Ва сабр дорӣ, ва барои исми Ман бисёр чизҳоро аз сар гузарондаӣ, ва бемадор нагаштаӣ.

*Ваҳй 2:3*

# Даъвати (вазифа) фавқулодда

**Украина:** маъбад ҳамеша маъбад мемонад

**Ҳабсхонаро дар Полтава дар собиқ семинария ҷойгир карданд. Соли 1929 дар камераҳои ҳабсхона бисёр коҳинони православӣ нигоҳ дошта мешуданд. Онҳоро мувофиқи қарори Кремл оиди гузарондани „панҷсолаи атеизм“ ҳабс карда буданд, ки баъд аз он дар СССР бояд маъбадҳо ва коҳинон боқӣ намемонданд. Дар байни маҳбусон падари рӯҳонӣ Фёдор Стрижак аз деҳаи Жуковка буд. Ҳамроҳи ӯ 20 нафар имондорони калисои деҳа маҳбус буданд. Онҳоро дар тайёр намудани шӯриш зидди ҳокимияти шӯравӣ айбдор мекарданд.**

Дар ҳар як семинария бояд калисо бошад. Дар Полтава низ он буд. Коммунистон толори калисоро клуб карданд. Боре эълон карданд, ки ба маҳбусон филмеро оиди дастовардҳои сохтмони сотсиализм нишон медиҳанд. Имондорон дар толор коҳини худро диданд: вай хароб шуда, чашмонаш фурӯ рафта буданд, сараш меҷунбид, аммо рӯҳи Фёдор бардам буд. „Дар ин ҷой ман рӯҳан нумӯ карда будам“, — гуфт вай. — Ин ҷо калисои мо буд, мо дар ин ҷо таълим мегирифтем ва ба Худо дуо мекардем. Акнун ман ба ҷое ки ҷавониямро гузаронда будам, баргаштам. Ман дар камерае мебошам, ки бароямон синфи чоруми семинария буд. Рӯзҳои ман ба охир расидаанд. Аммо ман шодам, ки Худованд ба ман имконият ато кард дар охири ҳаётам ба толоре баргардам, ки аз он ҷо ба ҷаҳон баромадаам. Ин ҷо ман аз ҷаҳон сӯи Худованд меравам. Моҳи марти соли 1930 коҳин Фёдор Стрижаки 40-сола қатл карда шуд.

*Ҳар як кирмак, агар он дуруст нумӯ кунад, дар асл парвона аст. Агар чунин нашавад, вай чун кирмак зистан мегирад. Даъвати (вазифа) ҳақиқии мо низ ҳамин гуна аст — барпо намудани алоқаи шахсӣ бо Исои Масеҳ ва тарбия намудани хислати масеҳдӯстдорона. Бо Масеҳ мо метавонем ба бисёр чизҳо ноил шавем, ва номи худро борҳо шӯҳрат диҳем. Ҳар кадоми мо метавонад машҳур шавад — соҳибкори муваффақиятнок, узви парламент ё варзишгари хуб. Аммо агар мо даъвати (вазифа) ҳақиқии худро гум кунем, ҳеҷ гоҳ наметавонем он касе шавем, ки аз ибтидо офарида шудаем. Кирмак будан шавқовар аст. Аммо парвона аз ҷиҳати зебоӣ ва чолокӣ аз он хеле афзалият дорад. Шояд, шумо дар зиндагӣ ба муваффақияти заминӣ ноил шуда, даъвати (вазифа) ҳақиқии худро пайхас накардаед?*

Ӯ, ки бо қуввате дар
мо амал мекунад, қодир аст
аз ҳар он чи мо мехоҳем
ва фикр мекунем, беандоза
зиёдтар бикунад.

*Эфсӯсиён 3:20*

# Маҳдудияти фавқулодда

**Бобил:** Шадрак, Мешак ва Абднаҷу

**„Моро ҳоҷати он нест, ки дар ин бора ба ту ҷавоб диҳем. Моро Худое ҳаст, ки ӯро ибодат менамоем, ва ӯ қодир аст моро аз оташи сӯзон бираҳонад, ва аз дасти ту, эй подшоҳ, низ раҳо хоҳад кард. Ва ҳатто агар на ин тавр аст, туро, эй подшоҳ, маълум бод, ки мо худоёни туро ибодат нахоҳем кард ва ба ҳайкали тиллои ту, ки барқарор намудаӣ, саҷда нахоҳем бурд“ (Дониёл 3:16–18).**

Подшоҳ Набукаднесар нисбати се ҷавон беш аз пеш хашмгин мешуд. Онҳо ба буте ки вай барои халқи худ барқарор намуда буд, саҷда набурданд. Ҷазо барои ин ҷиноят қатл ба воситаи сӯзондан буд. „Кӯраро тафсонед“, — фармуд подшоҳ. — „Ман мехоҳам, ки он аз ҳарвақта ҳафт бор тафсонтар бошад“. Сарбозони пурқувваттарин баромада, дастони ҷавононро бастанд. Кӯра ғуввос мезад, деворҳои он суп-сурх шуда буданд ва чунин метофт, ки ҳозир гудохта мешаванд. „Онҳоро даруни кӯра партоед“, — фармуд подшоҳ.

Ҳангоме ки ҷавононро ба танӯр мепартофтанд, оташ чунон сахт буд, ки либосҳои сарбозон оташ гирифтанд. Ҳамон лаҳза маҳбусон аз назар ғоиб шуданд., зеро аланга хеле баланд буд ва ба даруни кӯра нигаристан имкон надошт.

Подшоҳ Набукаднесар мушоҳида мекард ва банохост аз ҳайрат шах шуда монд. Ӯ гуфт: „Ман, охир, чор мардро мебинам, ки бе бандубаст андаруни оташ гардиш мекунанд, ва ҳеҷ осебе ба онҳо нарасидааст; ва намуди марди чорум ба писари Худо монанд аст“ (Дониёл 3:25).

Набукаднесар фаҳмид, ки дар муқоиса бо Худои ягонаи ҳақиқӣ то чӣ андоза ночиз аст.

*Ҳангоме ки некиву бадӣ ба мубориза дохил мешаванд, муҳориба ноинсофона буда метавонад. Душмани некӣ пурқудрат аст. Аммо тавоност. Шайтон боқувват аст. Аммо Худо боқувваттар аст. Шайтон ба тамоми ҷаҳон рӯҳҳои бади худро мефиристад, то ки фармонҳои бадхоҳонаи ӯро ба ҷо оваранд. Бар хилофи вай, танҳо Худо ломакон аст — ӯ пурра дар ҳама ҷо ва ҳамеша вуҷуд дорад. Бо вуҷуди ин, ҳангоме мо ба таъсири онҳое дода мешавем, ки ба мо мухолифат мекунанд, камбудии душман на ҳамеша чунон аён аст. Дар он лаҳза душман даҳшатнок метобад. Ваҳшатангез. Ҳамаро фурӯбаранда. Мо муваққатан қувваи беҳудуди Худоро фаромӯш мекунем. Ҳангоме ки шумо дар кӯраи душманед, оё ба ҳароратсанҷ менигаред? Ё шумо диққати худро ба ҳузури Худо равона мекунед ва барои ба қувваи оташ муқобилат намудан қувват пайдо мекунед?*

…зеро худои дигаре
нест, ки мисли
ӯ тавонад наҷот диҳад.

*Дониёл 3:29*

# Садоҳои фавқулодда

**Англия:** Томас Ҳаукер

**Томас Ҳаукер, ҷавонмарди зебо, бо Масеҳ муносибатҳои шахсӣ доштанашро инкор намекард. Инро бидъат ҳисобиданд ва ӯро ба сӯзонда шудан дар гулхан маҳкум намуданд.**

Якчанд рӯз пеш аз қатл дӯстони Томас назди ӯ ба камераи ҳабсхона омаданд. Яке гуфт: „Ман шунидаам, ки Худо ба касоне ки дар гулхан барои ӯ мемуранд, марҳамати махсус зоҳир менамояд, ва онҳо ба аланга тоб оварда метавонанд. Ман аз ин гуна бераҳмии доварон сахт андӯҳгинам, аммо аз ту хоҳиш мекунам, ба мо ягон аломати онро деҳ, ки ба ту ин марҳамат дода шудааст“.

Томас андаке фикр кард ва гуфт: „Агар ба дарди даҳшатовар тоб овардан имконпазир бошад, ман пеш аз марг дастонамро сӯи осмон мебардорам“.

Дар рӯзи қатл байни издиҳоми мардум сухан дар бораи ваъдаи Томас мерафт. Ҳангоме ки вайро ба сутун мебастанд, ӯ бо одамоне ки ҳезумро мегузоштанд, оромона гап мезад. Сипас вай чашмонашро пӯшонд ва гулханро даргиронданд.

Томас ҳанӯз бо онҳое ки дар атрофи гулхан буданд, гап мезад, аммо ба зудӣ ғурриши аланга садои ӯро хомӯш кард. Ҳама боварӣ доштанд, ки ӯ мурдааст. Аммо банохост вай дастонашро ба боло, сӯи Худои худ бардошта, се бор қарсак зад. Касе дар байни издиҳом фарёд зад, ва Томас дар оташ фурӯ рафта, аз рӯҳ ҷудо шуд.

*„Дигар тоб оварда наметавонам“. Мо бисёр вақт пай намебарем, ки аз боиси мушкилоти ночизтарин норозигӣ баён мекунем. Кӯдаки гирён. Дастаки дар, ки сахт шудааст. Коре ки кардан лозим аст, ва бинобар ин то бевақтӣ бояд шишта кор кунем. Мо ба васвасае дода мешавем, ки ҳама корро партоем. Мо бисёр вақт мушкилоти худро муболига мекунем ва имкониятҳои худро дар мубориза бар зидди онҳо нодида мегирем. Дар асл Худо ба мо ваъда медиҳад, ки дар ҳаётамон ба чизе ки ба он тоб оварда натавонем, роҳ намедиҳад. Дастони Томас далели кофӣ мебошанд, ки барои ҳамду санои беовоз бардошта шуданд ва пирӯзии ӯро бар оташ нишон доданд. Ҳангоме чунин метобад, ки дар вазъияти муайян дигар тоб оварда наметавонед, Томасро ба ёд оваред. Ва дар ёд дошта бошед, ки Худо ҳеҷ гоҳ моро тарк намекунад. Ӯ аниқ медонад, ки шумо ба чӣ тоб оварда метавонед ва ба чӣ не.*

Ҳангоме ки мо на ба чизҳои намоён, балки ба чизҳои нонамоён нигоҳ мекунем...

*2 Қӯринтиён 4:18*

**Худоё, азобҳои маро, хастагии маро, таҳқиршавиҳои маро, ашкҳои маро, пазмоншавии маро, гуруснагии маро, аз хунукӣ азоб кашидани маро, тамоми дарду аламеро ки дар дилам ҷамъ шудааст, қабул кун! Худовандо, ба онҳое ки рӯзу шаб моро таъқиб мекунанд ва азобу шиканҷа медиҳанд, раҳм кун! Ба онҳо низ эҳсони дарки шодӣ ва хушбахтиро, ки муҳаббати Ту ато мекунад, тӯҳфа кун!**

Аз мактуби масеҳизане ки дар лагери Сибир маҳбус буд.



#Ислоҳотчии фавқулодда

**Антиохия:** Юҳаннои Зарсухан

**Дар асри IV ҳаёти калисо дар Константинополи пойтахт аз ахлоқи масеҳӣ дур буд. На фақат ашрофони дарборӣ, балки коҳинони олирутба низ бо карруфар мезистанд ва бисёр суиистифода мекарданд. Дар назди калисои ҷомеъ муҷассамаи биринҷии малика Евдоксия гузошта шуда буд. Юҳаннои Зарсухан архиепископи Константинопол шуда, қарор дод, ки дар калисо ислоҳот гузаронад.**

Юҳаннои Зарсухан соли 344 дар Антиохия таваллуд шуда, аз синни навҷавонӣ худро ба Калисои Масеҳ бахшида буд. Мавъизаҳояш боиси шӯҳрати зиёди ӯ гардиданд. Фаъолияташ дар вазифаи архиепископ миқдори душманонашро зиёд намуд. Моҳи августи соли 403 бо исрори дарбор ҷамъомади усқуфон ӯро ба бадарға маҳкум намуд ва худи ҳамон рӯз ӯро ба соҳили дигари Босфор дур карданд. Аммо роҳи минбаъдаи ӯро ба бадарға заминҷунбии сахте ки ба шаҳр зарари зиёд расонд, боздошт. Ҳама инро зуҳуроти ғазаби Худо ҳисобиданд ва Юҳаннои Зарсухан фавран аз бадарға баргардонда шуд. Аммо вай муборизаро барои барқарор намудани қоидаҳои масеҳии зиндагӣ давом дод ва боз боиси хашми ҳукуматдорон гардид. Ин дафъа қарор доданд, ки ӯро ба Кавказ, ба Питиос бадарға кунанд. Дар роҳ ба бадарға, 14-уми сентябри соли 407 Юҳаннои Зарсухан вафот кард.

*Одамон ҳамеша тайёранд калисоро танқид кунанд. Аъзоёни калисо баҳо додани хизматгузориҳои калисоиро дӯст медоранд, гӯё оиди намоишномаи театр дар Бродвей мақолаи танқидӣ менавишта бошанд. Гоҳ мусиқӣ хеле баланд аст. Гоҳ мавъиза хеле кӯтоҳ аст. Гоҳ дар толор ҳаво хунук аст. Гоҳ курсиҳо нобобанд. Аммо Юҳаннои Зарсухан, ва низ Лютер дертар, мунаққид набуданд, агарчи онҳо тартиботи калисоро дастгирӣ намекарданд. Онҳо ин тартиботро мазаммат менамуданд. Мазаммат аз танқид бо он фарқ мекунад, ки он Калисои аз Навишта дуршударо даъват мекунад, то ба Каломи Худо бозгардад. Танқид бошад дар ақидаҳои одамӣ асос ёфтааст. Шумо бо чӣ кор машғулед, чун Юҳаннои Зарсухан ва Лютер ба аҳли калисои худ айнан мувофиқи Калом мавъиза мекунед, ва ё фақат Калисои Худоро танқид мекунед?*

…каломро мавъиза кунӣ…
бо тамоми пурсабрӣ
омӯзгорӣ ва мазаммат,
манъ ва насиҳат кунӣ.

*2 Тимотиюс 4:2*

# Дорандаи фавқулодда

**Рум:** Игнатий

**„Агар ҳаёти инсон дар Исои Масеҳ набошад — он марги доимист“. Игнатий, усқуфи Антиохия**

Игнатий шогирди ҳавворӣ Юҳанно буд. Ҳангоми дар Антиохия будани қайсар Траян ӯ дар назди омма қайсарро дар бутпарастӣ айбдор намуд. Траян қасам хӯрд, ки барои ин танқиди шармандавор аз Игнатий қасос гирад. Дар доварӣ бар Игнатий худи қайсар сарварӣ мекард ва ӯ усқуфро ба тӯъмаи ҳайвоноти ваҳшӣ гардидан маҳкум намуд.Дар роҳ ба Рум Игнатий ба масеҳиёни Рум мактуб навишт, ки афв намудани ӯро аз қайсар хоҳиш накунанд. „Ба ман имкон диҳед, ки назди Масеҳ равам!“ — навишта буд вай.

Игнатийро ба Рум оварданд. Ҳангоме ки ӯро ба чоҳи шерон мебурданд, вай ба имондори дигар гуфт; „Исои дӯстдоштаи ман, Наҷотдиҳандаи ман, дар дили ман чунон накш бастааст, ки агар дили маро пора-пора кунанд, дар ҳар як пора номи Исо навишта хоҳад буд“.

Ҳангоме ки мардуми зиёде барои тамошои қатли Игнатий омаданд, вай далерона ба издиҳом муроҷиат карда гуфт: „Ман тухмии Худо ҳастам. Маро дандонҳои ин ҳайвонот орд (реза-реза) мекунанд, то ки нони поки Масеҳ шавам, ки ӯ барои мо Нони Ҳаёт аст“.

Ҳамин ки вай ин суханонро гуфт, шерони гурусна ба вай дарафтоданд. Вай номи худ — Теофоросро („Дорандаи Худо“) тасдиқ кард. То охир вай дар забон номи Худои Наҷотдиҳандаро дошт. Ва то охир вай дар ҳақиқати содда тасалло меёфт: „Ҳар қадаре ки ҷаҳон масеҳиёнро бад бинад, Худо онҳоро ҳамон қадар бештар дӯст медорад“.

*Аз рӯи анъана дар никоҳ зан бояд чун рамзи иттиҳод номи шавҳарашро дошта бошад. Акнун онҳо на ду, балки як мебошанд. Ҳангоме ки ҷуфти оилавӣ ҳамроҳ умр ба сар мебарад, на фақат фамилияи онҳо як мешавад. Онҳо ҳамон як дӯстон ва ҳамон як манфиатҳоро доранд. Яке метавонад ҷумлаи саркардаи дигареро давом диҳад. Наздикии баъзе ҷуфтҳо чунон дуру дароз ва зич аст, ки онҳо ҳатто ба таври аҷиб шабеҳи якдигар мешаванд. Айнан ҳамин тавр наздикии онҳое ки номи „масеҳӣ“ ё „Масеҳи хурдакак“-ро доранд, зичтар мешавад — онҳо бо Наҷотдиҳанда як мешаванд. Оё шумо номи Масеҳро сазоворона нигоҳ медоред? Оё дорои номи Масеҳ будан ба шумо илҳом мебахшад, чуноне ки Игнатийро ба азиятҳо, хизмат ва ҳаёт дар Масеҳ илҳом мебахшид?*

…зеро ки ман ба исми ту, эй Худованд Худои лашкарҳо, номида шудаам.

*Ирмиё 15:16*

# Боз як саволи фавқулодда

**ИМА:** оё мо омода ҳастем?

**„Мо ин саволро дода наметавонем. Мо ҷавоби онро намедонем“.**

Муаллифи сценарий оиди видеофилми кӯдаконаи „Санҷиши имони Стефанус“ кор мекард, ки дар он писараке дар замон саёҳат мекард, то ки таърихи таъқиботро донад. Вай саҳнаеро омода мекард, ки дар он масеҳиёнро дар оташ задани Рум айбдор намуда, ба чоҳи шерон мепартофтанд. Дар ҳамин вақт муаллифи сценарий фикр кард: „Ман наметавонам оиди он нависам, ки Стефан мепурсад: «Агар Худо Дониёлро дар чоҳи шерон ҳимоя намуда бошад, чаро масеҳиёнро дар Колизейи Рум ҳимоя накард?»“

Чаро Худо яке аз фарзандони худро ҳимоя кард, аммо имкон дод, ки ҳазорон нафари дигар ҳалок шаванд? Муаллифи сценарий фикр карда, гуфт: „Мушкилӣ на дар ҷавоб, балки дар савол аст. Мо набояд «чаро?» гӯем, балки «оё мо омода ҳастем?» Дониёл тайёр буд дар байни шерони бадхашм бимирад. Имондорон дар замони қайсар Нерон ҳам ба мурдан омода буданд. Он ҳақиқат, ки яке зинда монд ва дигарон ҳалок шуданд, ҳолати рӯҳонии онҳоро дигар намекунад. На азоби мо, балки итоаткории мо шаҳодат аст“.

Ҳангоме Набукаднесар қарор дод, ки Шадрак, Мешак ва Абднаҷуро ба кӯраи тафсон партоянд, онҳо гуфтанд: „Моро Худое ҳаст, ки қодир аст моро аз оташи сӯзон бираҳонад... Ва ҳатто агар на ин тавр аст, туро, эй подшоҳ, маълум бод, ки мо худоёни туро ибодат нахоҳем кард ва ба ҳайкали тиллои ту саҷда нахоҳем бурд“ (Дониёл 3:16–18).

*Бисёриҳо ҳоло мепурсанд: „Чаро?“ Мо ба давраи нави саволҳои беҷавоб оиди фоҷиаҳои тафсирнопазир ворид шудаем. Ҷаҳон илтиҷо мекунад, ки ба саволҳояш ҷавоб диҳем, аммо ҳамаи мо медонем, ки ҳеҷ гуна ҷавобҳо дардро паст карда наметавонанд. Ҳатто агар мо сабаби фоҷиаи бо ҳар як одами конкретӣ рухдодаро фаҳмем ҳам, захмҳои дил аз ин шифо намеёбанд. Ба ҷои ин ба мо имони рафиқони Дониёл даркор аст. Онҳо гуфтанд, ки ҳатто агар Худо онҳоро ҳимоя накунад ҳам, онҳо боовариро гум намекунанд, ки ҳар коре ки Ӯ мекунад, ба нафъи онҳост. Ба ҷои он ки “чаро?“ гуфта, оиди фаҳмиш илтиҷо кунем, мо бояд оиди осоиштагӣ илтиҷо кунем, ки он аз ҳама гуна хирад болотар аст.*

Ва осоиштагии Худо,
ки аз ҳар хирад болотар
аст, дилҳои шумо ва
фикрҳои шуморо дар Исои
Масеҳ нигоҳ хоҳад дошт.

*Филиппиён 4:7*

# Мероси фавқулодда

**ИМА:** Энн Ҳатчинсон

**„Кӯдакон, ба фарш дароз кашед!" — фарёд кард Энн Ҳатчинсон, чун шунид, ки ба дар тири камон халид. Сипас онҳо ғавғои ҳиндуҳоро шуниданд, ки хонаи онҳоро иҳота мекарданд. Тирҳо гӯё аз ҳама тараф мепариданд. Дар назди тиреза шарфаи пойҳо шунида шуд. „Имрӯз Туро хоҳам дид, Худованд!" — гуфт Энн.**

Энн Ҳатчинсон зани далер буд. Ҳангоме ки Энн 32-сола шуд, вай се бор барои изҳор намудани ақидаҳои пуританӣи худ ҳабс шуда буд. Пуританҳо дар хизматгузориҳои калисоӣ оиди Библия шунидан мехостанд, зеро дар Англия хеле кам касон Библияро ба забони англисӣ доштанд. Онҳоро таъқиб мекарданд ва онҳо дар паси укёнус халосӣ мечустанд.

Энн ва шавҳараш Вилям соли 1634 ба Америка дар ҷустуҷӯи озодии динӣ омаданд, аммо ҳатто дар Америка онҳоро барои дар хонаи худ ҷамъомадҳои динӣ гузарондан таъқиб мекарданд. Одамонеро, ки хизматгузории ӯро дастгирӣ мекарданд, ҳабс карда, аз ҳуқуқи овоздиҳӣ маҳрум намуданд.

Дар синни 46-солагӣ, ҳангоми ҳомилагии ҳаждаҳум Эннро айбдор дониста, ба муддати 4 моҳ зиндонӣ карданд. Баъди он ки онҳоро аз шаҳр ронданд, оилаи вай ва дӯстонаш дар Род-Айленд шаҳри нав ва калисои хонагӣ бунёд намуданд.

Рӯҳи пешоҳангии Энн Ҳатчинсон боиси он шуд, ки идеяи озодии ҳамду санои Худо идеали америкоӣ шуд. Аммо бадбахтӣ рӯй дод: вай ва 5 фарзандаш аз дасти ҳиндуҳо кушта шуданд. Вай Наҷотдиҳандаи Худро, чуноне ки мезист, бо мардонагӣ ва имон пешвоз гирифт.

*Озодӣ ҳеҷ гоҳ бемузд намешавад. Барои он ҳамеша музд пардохтан лозим аст. Исои Масеҳ аввалин шуда барои озодии дин музди баландтаринро пардохт намуд — бо марги Худ дар салиб Ӯ барои мо роҳро сӯи Худо кушод. Танҳо Ӯ тавонист барои аз гуноҳ озод шудани мо муздро пардохт кунад. Марг ва эҳёи ӯ озодии ҳақиқиро барқарор намуданд, ва аз ҳамон вақт бисёр имондорон фидокорӣ мекарданд, то ҳаққи ҳамаи одамонро ба дарки озодӣ дар Масеҳ тасдиқ кунанд. Энн барин имондорон орзуи озодии динро дар Америка воқеӣ гардониданд. Шумо кадом муздро пардохта метавонед, то ки насли оянда аз ҳамон озодии дин, ки шумо доред, истифода баранд? Аз Худо хоҳиш кунед, то ба шумо нишон диҳад, ки онро чӣ гуна ба насли оянда супоред.*

Аъмоли Туро насл ба
насл ситоиш хоҳад намуд,
ва қудрати туро
ривоят хоҳад кард.

*Забур 144:4*

# Контрабандистҳои фавқулодда

**Кореяи шимолӣ:** Кик

**„Салибро ҷустуҷӯ кун“, — гуфт ҳамдеҳааш ба кореии ҷавон Кик.**

Дар байни онҳое ки аз Кореяи шимолӣ ба Хитой гурехтанд, овозае паҳн шуд, ки онҳо бояд хонаи салибдорро ҷустуҷӯ кунанд. Кик ҳамин гуна биноро ёфт, ва дар он ҷо ба вай хӯрок ва либос доданд. Ба ғайр аз ин, вай муносибатҳои наве бо Масеҳ пайдо кард. Аъзоёни калисо Кикро се моҳ панду насиҳат медоданд. Ва Кик қарор дод, ки бояд ба Кореяи шимолӣ баргашта, ба дигарон оиди Исо нақл кунад.

Сарҳадбонон Библияҳоеро, ки дӯсти Кик мебурд, ёфтанд. Дар задухӯрд онҳо ӯро бо калтаки оҳанин то мурданаш заданд. Кик гурехта тавонист. Баъди якчанд моҳ вай дар Кореяи шимолӣ калисои пинҳонкор таъсис намуд. Ба зудӣ Кик фаҳмид, ки ба вай барои калисои зуд афзуншаванда Библияҳо даркоранд. Вай дар ёд дошт, ки дӯсташ барои ба ватанаш овардани Каломи Худо ҷон дода буд. Ҳангоме Кик қарор дод, ки барои овардани Библия ба Хитой равад, имондорон барои бехатарии вай дар ташвиш буданд. Аммо Кик маслиҳатеро, ки чандин сол пеш ба вай дода буданд, дар ёд дошт: „Салибро ҷустуҷӯ кунед“.

*Салиб боиси мухолифат шуда метавонад. Бисёриҳо оиди дин мегӯянд, аммо салиб онҳоро маҷбур мекунад, ки худро нороҳат ҳис кунанд. Ба Кик гуфтанд, ки салибро биҷӯяд, то бехатариро пайдо кунад. Аммо Кик намефаҳмид, ки душманон низ ҳамон рамзро меҷӯянд, ва ин бесабаб нест. Онҳо медонанд, ки масеҳиён дар зери рамзи салиб ҷамъ мешаванд. Азбаски онҳо зидди масеҳият ҳастанд, салиб душмани онҳо шуд. Душманони рӯҳонии мо ба салиб бо нафрат, тарс ва кароҳияти сахт менигаранд. Оё салиб ба ҳамин андоза дар шумо ҳиссиётҳои қавии шодӣ, умед ва шукргузориро бедор мекунад? Душман ба салиб бо диққат нигариста, ба ҳуҷум омода мешавад. Оё шумо ба ҳамин андоза диққататонро ба он равона мекунед, ки салибро ҳимоя кунед, дӯст доред ва ба он хизмат кунед?*

Зеро бисёр касон, ки дар бораи онҳо ба шумо борҳо гуфтаам, ва ҳоло низ бо гиря мегӯям, ҳамчун душманони салиби Масеҳ рафтор мекунанд.

*Филиппиён 3:18*

# Ваҳдати фавқулодда

**Молукку (Индонезия):** Нус Реймас

**„Ҳангоме ман дидам, ки ҳавопаймоҳои калон 11-уми сентябри соли 2001 ба Маркази ҷаҳонии тиҷорат бармехӯрданд, ин дар ман хотираҳои аламнокро бедор намуд“, — гуфт Нус Реймас, Котиби генералии Иттиҳоди инҷилии Индонезия.**

„Зиёда аз як сол пеш сад нафар мусулмонони хуб мусаллаҳшуда, ки оиди онҳо гуфта мешуд, ки бо Усома бен Лодан алоқа доранд, ба ҷазираи Молукку ҳуҷум карданд. Вазифаи онҳо ҳамаи масеҳиёнро нобуд кардан буд. Мувофиқи баъзе маълумотҳо зиёда аз 6 ҳазор кас кушта шуд, ва 500 ҳазор кас аз боиси тирпарронихо ва оташзаниҳо аз хонаҳояшон гурехтанд. Мусулмонон 38 нафар аъзоёни оилаи маро куштанд“, — гуфт Реймас.

Дар мусоҳиба барои маҷаллаи „Крисчианити Тудей“ 22-юми октябри соли 2001 Реймас нақл кард, ки нисбати худ истифода бурдани сатрҳои Номаи якум ба Таслӯникиён 5:18 барояш хеле душвор буд: „Барои ҳама чиз шукр гӯед, зеро ки чунин аст иродаи Худо дар ҳаққи шумо дар Исои Масеҳ“. Дарду алам чунон сахт буд, ки тасалло ёфтан гӯё ҳеҷ гоҳ имкон нахоҳад дошт. Аммо, бо марҳамати Худо, Реймас қатъиян қарор дод, ки мувофиқи Каломи Худо зиндагӣ кунад: „Фақат ҳамон вақт ман тавонистам ба по хезам ва аз ӯҳдаи вазъият бароям. Ҳеҷ кас интизор нест, ки ягон ҳодисаи бад рӯй диҳад, аммо он рӯй медиҳад“. Реймас акнун вохӯриҳои масеҳиёни конфессияҳои гуногунро мегузаронад. Айнан монанди он ки баъди фоҷиаи 11-уми сентябри соли 2001 дар Амрико ҳама табақаҳои ҷамъият барои дастгирӣ ва дуо муттаҳид шуданд, бисёр роҳбарони масеҳӣ дар Индонезия барои дуо ва мушоракати бародарона муттаҳид мешаванд. Реймас бо табассум ба ёд меоварад: „Ҳеҷ гоҳ ин тавр набуд“.

*Мо инро ҳанӯз нагузашта будем. Ҳисси харобгаштаи эътибори инсон. Манораҳои дугоники вайрона гардида. Яраи сибирӣ. Байрақи Амрико ҷароҳатҳои Пентагонро мепӯшонад. Мо инро ҳанӯз нагузашта будем. Одамони мо дуо мекунанд.Калисоҳои мо пур шудаанд. Ҳуҷҷатҳои талоқ бекор карда мешаванд. Не, мо инро ҳанӯз нагузашта будем. Деворҳое ки нажодҳо ва маданиятҳоро ҷудо мекарданд, аз байн рафтанд. Мири зулмот моро ҷудо кардани буд. Худованди муҳаббат одамонро дар худ ҷамъ меоварад. Мо инро ҳанӯз нагузашта будем. Баъди ҳамаи он чи гуфта ва карда шудааст, мо як чизро медонем: агар ба мо лозим ояд, ки бори дигар аз ин гузарем, мо инро якҷоя паси сар мекунем.*

Инак, чӣ хуш аст ва чӣ дилпазир, ки бародарон дар як ҷой ҳамнишин бошанд.

*Забур 132:1*

**Девонагӣ, хавотиршавӣ барои оила, шиддати доимӣ — ҳамаи ин маро мекушад. Аммо новобаста ба он ки аз ақл бегона мешавам ва ё бо ақли солим мемонам, ман ҳамаи он чиро ки Худо ба ман мефиристад, қабул мекунам, чуноне ки кӯдак аз дасти падари худ ҳама чизро мегирад. Тарс беасос аст. Дар беморхонаи касалиҳои рӯҳӣ ман бисёр вақт фикр мекардам, ки иродаи Худо озодии инсонро дар пуррагӣ нигоҳ медорад.**

Суханони бародар Шиманов, ки барои имон дар беморхонаи касалиҳои рӯҳӣ маҳбус буд.



# „Талафот“-и фавқулодда

**Чехословакия:** бародар Заварский

**Ниҳоят ноумедӣ тоқатнопазир шуд. „Тамоми вақти ман барои меҳнати ғуломона сарф мешавад!“ — шикоят кард маҳбуси чех Заварский. — „Ман дар як рӯз даҳ соат сабадҳо месозам, ки бо нархи хуб ба савдо мераванд. Барои чӣ ман ин қадар сол барои шубонӣ таълим гирифта будам? Он бадбахтоне ки ба коммунизм хизмат мекунанд, ҳозир дар калисо мансабҳои баландро ишғол кардаанд. Онҳо ба аҳли калисо мавъиза мекунанд, панду насиҳат медиҳанд, ғизои рӯҳонӣ медиҳанд. Аммо ман азоб мекашам“.**

„Чаро ту шикоят мекунӣ?“ — гуфт дигар масеҳии маҳбус. — „Худо ба мавъизаҳо ё илоҳиётшиносии ту мӯҳтоҷ нест. Лӯхтакҳои коммунистӣ метавонанд худашон ин корро кунанд. Аммо онҳо азобҳои Наҷотдиҳандаро бо ҳам дида наметавонанд. Ин ваъдаи асоситарин аст, ки ҳангоми ба вазифаи динӣ таин шудан бояд дод. Оё ту ҳеҷ гоҳ оиди азобҳои тамомнашавандаи Масеҳ мавъиза накардаӣ? Худоро шукр гӯй, ки ӯ ба ту имконияти ба ҷо овардани қисми муҳимтарини ҳама гуна мавъизаро додааст“.

Баъди чунин мазаммат Заварский аз маҳбусӣ ва ё рӯзи давомноки корӣ шикоят намекард. Баъди озод шудан Заварский шубон шуда наметавонист — вай хеле бемор буд ва ҳукуматдорон низ иҷозат намедоданд. Аммо дӯстон, ки шубони бистарӣ гардидаро хабар мегирифтанд, на шахси афтодарӯҳ ва нобудшударо медиданд. Онҳо шахсеро медиданд, ки чеҳрааш аз муҳаббат ба Наҷотдиҳанда медурахшид. Вай гуфт, ки ҳаёташ гум нашудааст ва дуздида нашудааст. Вай ҳаёти худро хурсандона дод, то ки ба Исо дар бурдани салибаш ёрӣ диҳад.

*Чӣ одамонро водор мекунад, ки қадамҳои беманфиат гузоранд, то ки баъд имконияти саховатнадона ато кардан дошта бошанд? Чӣ масеҳиёнро маҷбур мекунад, ки ватани худро тарк карда, ба кишварҳои бутпараст раванд? Чӣ одамонро водор мекунад, ки бимиранд, аммо ба васваса дода нашаванд? Садоқати фавқулодда ба шахсияти Масеҳ. Дар ҳар як талафоти шахсӣ онҳо имконияти дастоварди рӯҳониро мебинанд. Онҳо тайёранд, ки ҳамён, нақша ва роҳаташон зарар бинад, то Малакути Худоро наздик оваранд. Шумо садоқати фавқулоддаи худро чӣ гуна изҳор мекунед? „Талафоти заминӣ барои Масеҳ“ маънои дастовард дар осмонро доранд.*

Ва ҳанӯз ҳамаашро ба хотири афзалияти дониши Худованди ман Исои Масеҳ нуқсон медонам, ки барои ӯ ман аз ҳамааш даст кашидам ва ҳамаашро ахлот медонам, то ки Масеҳро пайдо кунам.

*Филиппиён 3:8*

# Боз як инқилобчии фавқулодда

**Перу:** Мария Элена Мояно

**Онҳо махсусан аз он хашмгин шуданд, ки навимон пештар монанди онҳо инқилобчӣ буд.**

Мария Элена Мояно бо ҷидду ҷаҳд барои инқилоб кӯшиш мекард. Вай мехост бо ёрии аслиҳа деҳқононро хушбахт гардонад. Сипас вай бо Исои Масеҳ вохӯрд ва барои худ инқилоби дигарро ошкор намуд — инқилоби муҳаббат дар дили худ. Вай аз муборизаи инқилобӣ дур шуд ва дар калонтарин маҳалли нообoди Лима ноиби мэр шуд. Вай ба фоидаи табақаҳои камбағалтарини аҳолӣ кори васеи хайрияро ташкил намуд, ба гуруснагон хӯрок медод, дар ҳаққи беморон ва ятимон ғамхорӣ мекард.

„Инқилобчиён мо, масеҳиёнро, «сӯхторхомӯшкунандагони инқилоб» меноманд“, — гуфт вай, — „зеро мо гӯё оташи меафрӯхтаи онҳоро хомӯш мекунем. Онҳо мехоҳанд, ки халқ тамоман чизи хӯрданӣ надошта бошад, ва умед доранд, ки он гоҳ тамоми мардум силоҳ ба даст мегиранд. Аммо мо набояд ба террор даст занем. Мо бояд бо муҳаббати Масеҳ ба беадолатӣ ва ваҳшоният муқобил истода, ба мӯҳтоҷон ёрӣ диҳем“.

Мария медонист, ки азоб хоҳад кашид, аммо вай ҳамчунин медонист, ки пеш аз бо ҳам дидани ҷалоли Масеҳ вай бояд азобҳои ӯро бо ҳам бинад. Радикалҳо бо хашму ғазаби беандоза ҳуҷум оварда, биноеро, ки дар он барои камбағалон хӯрокворӣ ҷамъ оварда буданд, тарконданд. „Баъзан ман метарсам“, — гуфт Мария, — „аммо ман дар он он истуворам, ки мо набояд ба зӯроварӣ даст занем. Терроризмро мағлуб кардан душвор, аммо мумкин аст“. Партизанҳо аз муваффақиятҳои Мария ба хашм омада ва имконияти боздоштани ӯро надошта, 1 феврали соли 1992 ӯро куштанд.

*Мухолифони Масеҳ ба тактика сарфаҳм намерафтанд. Чун террористон дар Лима, одамонро аз пайравии Масеҳ тарсонданӣ шуда, онҳо чораҳое андешиданд, ки натиҷаҳои ғайричашмдошт доданд. Ҳам шариатпарастони Исроил, ҳам партизанҳои Перу ҳама корро мекунанд, то ки пайравон дошта бошанд. Шариарпарастон одамонро бо гуруснагии рӯҳонӣ нобуд карданӣ буданд, террористон бо гуруснагии ҷисмонӣ ҳалок карданӣ ҳастанд. Аммо бо вуҷуди ин, ҳам дар Ерусалим ва ҳам дар Перу одамон ба таълимоти инқилобии Масеҳ пайравӣ намуданд. Мухолифат ба Масеҳ ҳар қадар сахттар бошад, боз ҳам бештар ба нафъи Ӯ кор мекунад. Шумо бо коратон метавонед ба мухолифат дучор шавед, аммо агар барои Малакут кор мекарда бошед, шуморо мағлуб кардан ғайриимкон аст. Дар асл, мухолифон, бе он ки худашон сарфаҳм раванд, метавонанд ба фоидаи шумо кор кунанд*

> Лекин фарисиён ба якдигар гуфтанд: „Оё мебинед, ки ҳеҷ фоида намебаред? Инак, тамоми ҷаҳон аз пайи ӯ меравад“.
>
> *Юҳанно 12:19*

# Исботи фавқулодда

**Русия:** падари рӯҳонӣ Георгий

**Дар ҳуҷраи хурди калисо қадам зада, афсари КГБ ба салиб ишора кард: „Охир, ин дурӯғ аст“, — гуфт вай. — „Ин найрангест, ки шумо, кормандони калисо, истифода мебаред, то ки камбағалонро гумроҳ кунед ва сарватмандон ба шумо осонтар пул диҳанд. Ҳилагариро бас кун, охир, мо ин ҷо танҳоем. Ба ман иқрор шав, ки худат ҳеҷ гоҳ бовар намекардӣ, ки Исои Масеҳ Писари Худост“.**

Коҳин Георгий ба салиб нигариста, табассум кард: „Албатта, ман ба ин бовар мекунам. Ин рост аст“.

„Бо ман найрангбозӣ накун!“ — фарёд зад капитан. Вай таппончаро аз ғилоф бароварда, сӯи коҳин равона рад: „Агар иқрор нашавӣ, ки ин дурӯғ аст, ман туро мекушам“.

„Ман наметавонам ба ин иқрор шавам, зеро ин дурӯғ хоҳад буд“, — гуфт падари рӯҳонӣ Георгий. — „Худованди мо ҳақиқатан Писари Худост. Ва агар ту маро бикушӣ, аз ин чизе дигаргун намешавад“.

Банохост капитан таппончаро ба рӯи миз партофт. Коҳин ҳайрон шуд, аммо дар лаҳзаи баъдина вай моту мабҳут шуд. Капитан бо ҳаяҷон дастони ӯро дошта меистод.

„Ин рост аст!“ — фарёд зад капитан. — „Ин рост аст! Ман ҳам ба ин бовар мекунам! Ман кайҳо боз тасдиқи имони худро меҷустам. Ман боварӣ надоштам, ки одамон тайёранд барои ин ҳалок шаванд, то даме ки дар намунаҳои зиёд боварӣ ҳосил кардам. Шумо низ имони маро мустаҳкам намудед“.

*Дар ҳар дин риёзаткашон ҳастанд. Мо мегӯем, ки тайёрем барои имони худ бимирем. Онҳо мегӯянд, ки тайёранд барои имони худ бимиранд. Оё риёзаткаши масеҳӣ имони худро бештар аз экстремисти мусулмон исбот мекунад? Не. Барои имони худ ба мурдан тайёр будани мусулмонон боварибахшии имони онҳоро на бештар аз он исбот мекунад, ки омодагии мо масеҳиятро исбот мекунад. Аммо фақат Худо исбот карда метавонад, ки Ӯ Худои ҳақиқист. Мо оиди ҳақиқат шаҳодат медиҳем. Ва Худо Ҳақиқат аст. Шаҳодати Ӯ оиди Писари Худ аз шаҳодати мо хеле бузургтар аст. Одамон метавонанд ба шумо нишон диҳанд, ки чӣ гуна барои Исо мурдан даркор аст. Аммо фақат Худо метавонад ба шумо боввариро диҳад, ки марг ба ин меарзад.*

Агар мо шаҳодати одамиро
қабул кунем, шаҳодати Худо
бузургтар аст, зеро ин
шаҳодати Худост,
ки ӯ дар бораи Писари Худ
шаҳодат додааст.

*1 Юҳанно 5:9*

# Шукргузории Фавқулодда

**Нидерланд:** Ҳанс

**Ҳанс дар Антверпен чун пайрави ҷиддии Библия маъруф буд. Рӯзҳои якшанбеи худро вай ба панду насиҳат додани навимонон мебахшид. Аммо католикҳо Ҳанс ва модарашро хатарнок меҳисобиданд. Онҳо анабаптист буданд, ва протестант будани онҳо дар назари қаҳонати католикӣ бидъат буд.**

Соли 1577 иҷрочии маҳкама бо ёрдамчиёни худ Ҳансро ҳамроҳи дигар имондорон ҳабс кард, аммо модараш гурехта тавонист. Ҳансро азобу шиканҷа доданд, то ки аз ақидаҳояш даст кашад. Аммо вай ҳатто таҳти азобу шиканҷаи бераҳмона таслим намешуд. Ҳангоми маҳбусии худ дар камераи хунуки қалъаи Антверпен вай ба модараш ва дӯстонаш мактуби дастгирӣ навишт. Ҳанс чунин навишта буд:

„Модари маҳбуби ман, ман шодам ба ту хабар диҳам, ки ҷисман солим ҳастам. Аммо он чи ба рӯҳ дахл дорад, ман Худовандро барои қуввате ки Ӯ ба ман ба воситаи Рӯҳулқудс медиҳад, шукр мегӯям, ва ақидаи ман устувор аст. Мо бар зидди ин гургони бераҳм танҳо аз ӯ интизори қувва ҳастем, то ки бар рӯҳи мо қудрат надошта бошанд".

Баъди муддате Ҳансро ба маҳкама оварданд, ва ӯ дар он ҷо бар зидди рукуди калисоӣ далерона баромад кард. Ӯро ба сӯзонда шудан дар гулхан маҳкум намуданд. Мактубе ки аз риёзаткаш боқӣ мондааст, исботи шукргузории бовариноки ӯ ба Масеҳ барои ҳимоя ва наҷоти рӯҳи ӯ мебошад.

*„Худо бузург аст. Худо некӯст. Ӯро барои азобҳоямон шукр мегӯем". Ин дуо ё баракатхоҳии оддӣ нест, ки мо ба шунидани онҳо одат кардаем. Худи ин суханон ба гӯши мо сахт мерасанд, аммо ба ҳар ҳол ёдрас мекунанд, ки шукргузорӣ барои азобҳо то чӣ андоза ба хоҳишҳои дили мо мухолифат дорад. Мо бо майли бештар Ӯро барои хӯрок ташаккур мегуфтем, назар ба ин ки барои азобҳо шукргузорӣ кунем. Аммо Ҳанс дар мактуби ҳайратовари шукргузорона миннатдории худро барои азобҳо изҳор намуд. Аммо ин мактуб дуои самимии риёзаткашест, ки азобҳояш ӯро чунон шахсе гардонданд, ки ҳамеша он гуна будан мехост. Оё шумо ҳамон гуна шахсе ҳастед, чуноне ки барои Масеҳ будан мехоҳед? Оё шумо тайёред Худоро барои ҳама чизи даркорӣ шукр гӯед, ҳатто барои азобҳои бузург, то ки шуморо ба ин пирӯзмандӣ оварад?*

Худоро шукр, ки ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ ба мо ғалаба бахшидааст.

*1 Қӯринтиён 15:57*

# Даъвати фавқулодда

**Папуа, Гвинеяи Нав; Ҷеймс Чалмерс**

**„Донистан мехостам, оё ҷавоне ҳаст, ки ба одамхӯрон Инҷилро расонад?“ — мепурсид миссионер дар мактуби худ аз калисои Ҷеймс Чалмерси ҷавон. Ва Ҷеймс қатъиян қарор дод, ки чунин ҷавон шавад“.**

Соли 1866 Чалмерс ва зани ҷавонаш ба сӯи баҳрҳои ҷанубӣ шино карданд ва дар Ратоpанга киштияшон шикаст. Онҳо дар ҳамон ҷо сокин шуданд. Баъди 11 сол онҳо ба Папуа дар Гвинеяи Нав равона шуданд. Дар деҳаи каннибалҳои Суау онҳоро хуб пешвоз гирифтанд.

Чалмерс ба маҳалҳои соҳилӣ сафар мекард. Боре ӯро сокинони маҳаллӣ иҳота намуда, чун тӯҳфа табарҳо ва кордҳо талаб карданд, вагарна таҳдид карданд, ки ӯро ҳамроҳи зани ҷавонаш мекушанд. Чалмерс натарсид, дар гуфтаҳояш устувор буд ва мардуми таҳҷоӣ барои собитқадамияш ӯро эҳтиром мекардагӣ шуданд. Ҳатто рӯзи дигар онҳо узр хостанд ва ба зудӣ бо ӯ дӯст шуданд.

Соли 1879 зани вай мурд. Ҷеймс афтодарӯҳ шуда, ба дӯсташ гуфт: „То даме ки дар атрофи мо ҳазорон одамони ваҳшии Худоро намедонистагӣ ҳастанд, ман осуда буда наметавонам“.

7-уми апрели соли 1901 Чалмерс, Оливер Томпкинс ва як гурӯҳ ёрдамчиён ба ҷазираи Гоарибари равона шуданд. Саҳарии рӯзи дигар вай ва Томпкинс аз киштӣ ба соҳил фаромаданд. Мардуми маҳаллӣ онҳоро ба сӯи хонаи калон гуселониданд. Аммо ҳамин ки онҳо дарун даромаданд, таҳҷоиҳо онҳоро куштанд ва худи ҳамон рӯз хӯрданд.

*Чӣ гуна андӯҳовар! Ҳангоме ки мо нақлҳоро оиди Чалмерс барин риёзаткашон мехонем, аксуламали табиии мо ҳамдардӣ, андӯҳ ва ҳатто хиҷолат буда метавонад. Чӣ гуна беҳуда сарф намудани ҳаёт! Аммо мо бояд ба ин нақлҳо бодиққаттар назар андозем. Чалмерс ҳаёти заминии худро ба хотири он дод, ки ба бисёр касон оиди ҳаёти абадӣ нақл кунад. Чалмерс риёзаткашии худро хатои аблаҳона намеҳисобид. Пас, мо аз чӣ хиҷил мешавем? Ҳангоме ки азобҳои заминии мо ҷалол ва шарафи осмонро ба гумроҳон як қадам наздик мекунад, ҳеҷ чиз беҳуда сарф нашудааст. Азобҳо қисми ҷудонашавандаи нақшаи Худо барои шумо ва барои одамони дигар мешаванд. Оё шумо тайёред азобҳои заминиро аз сар гузаронед, то ба дигарон имконияти ба осмон рафтанро диҳед?*

Ба ин сабаб хоҳишмандам,
ки аз боиси азобе ки
ман аз барои шумо дорам,
маъюс нашавед, ки он
фахри шумост.

*Эфсӯсиён 3:13*

# Таслимшавии фавқулодда

**Индонезия:** Сутарси Селонг

**Шахс зани индонезиягиро дастгир карда ба рӯяш фарёд зад: „Аллоҳу Акбар бигӯй! Фақат инро бигӯй!“ Аммо Сутарси Селонги ҷавон Худои ҳақиқии худро нопок кардан нахост.**

Мард ба хашм омада, таппончаро рост ба даҳони духтар андохт. Чашмони духтар калон кушода шуданд, аммо вай ба ҳар ҳол розӣ намешуд. Мард тир холӣ кард. Тир аз лунҷи чапи Сутарси баромад. Вай калавид, аммо баъд боз рост шуд. Барои мусулмони хашмгиншуда захми тир кам буд, вай теғро бароварда, рӯи духтарро бурид.

Сутарси Селонг аз ҷумлаи масеҳиёни ҷазираҳои Индонезия аст, ки гурӯҳи мусулмонони мутаассиби „Лашкари ҷиҳод“ ба онҳо ҳуҷум карданд. Селонг ва дигар масеҳиён медонистанд, ки ба наздикӣ ҷанговарони „Лашкари ҷиҳод“, ки дар тан либоси сафед ва дар рӯй камуфляж доранд, ба онҳо ҳуҷум мекунанд. Масеҳиён дар калисои Нита, ки онро девори 2-метра иҳота намудааст, ҷамъ шуданд, ва якчанд нафарашон бо навбат посбонӣ мекарданд.

Ҳангоме ки ҷанговарони исломӣ омаданд, масеҳиён хостанд таслим шаванд. Аммо байрақи сафеди онҳоро бо шамшер буриданд ва баъди муддате зӯроварӣ сар шуд. Ин гуна ҳодисаҳо дар ҷазираҳои Индонезия зуд-зуд рӯй медиҳанд. Гурӯҳҳои мутаассиби исломӣ оташи зӯровариро аланга медиҳанд, калисоҳоро месӯзонанд ва имондоронро мекушанд.

Хушбахтона, бисёр масеҳиён дар Индонезия, ба монанди Сутарси Селонг, ба талабҳои ҷанговарони ҷиҳод, ки исломро зӯран бор карданӣ мешаванд, муқобилат мекунанд.

*Оё андаке гузашт накунем? Ҳамагӣ ба як сантиметр? Охир, бадтар намешавад. Душман метавонад моро азоб диҳад, чуноне ки мутаассибони исломӣ Сутарсиро азоб медоданд. Аммо вай ҳатто андаке ҳам гузашт кардан нахост. Айнан ҳамин тавр, мо ҳам чунон аҳд бастаем, ки наметавонем гоҳ дар ин ҷо ва гоҳ дар он ҷо гузашт кунем. Мо наметавонем интихоб намоем, ки кай бояд дар рӯ ба рӯи душман гузашт кунем ва кай накунем. Мо бояд ҳамеша устувор бимонем. Устуворӣ маънои онро надорад, ки мо имкониятҳои камтари ба душман таслим шудандро дорем. Худо ба мо дили қавӣ медиҳад, то ки таслим нашавем. Аз Худо имрӯз хоҳиш кунед, ки ба шумо дили қавӣ диҳад.*

Дилам қавист, эй Худо,
дилам қавист.

*Забур 56:8*

**Ман ба ин ҷо на барои он омадаам, ки ҳеҷ кор накарда бишинам. Ман омадам, то оиди Масеҳ гап занам.**

Галина Вилчинская, маҳбуси 23-солаи Масеҳ дар Русия дар интидои солҳои 1980. Ӯро барои он ҳабс карданд, ки дар лагери тобистонаи масеҳӣ ба кӯдакон таълим медод.



# Мукофоти фавқулодда

**Нигерияи шимолӣ**

**Дар шимоли Нигерия мусулмонон қонунҳои шариатро — маҷмӯи қоидаҳои исломро ҷорӣ намудаанд. Аксарияти аҳолии Нигерия масеҳӣ мебошанд, бинобар ин роҳбарони мусулмонон мегӯянд, ки шариат фақат ба корҳои хонагии мусулмонон дахл дорад. Аммо масеҳиён медонанд, ки дар асл чӣ шуда истодааст. Садҳо калисоҳои онҳо вайрон карда шудаанд. Агар маъбадро аз нав созанд, онро боз оташ мезананд. Бисёр масеҳиён риёзаткаш шудаанд.**

Яке аз роҳбарони калисо мегӯяд, ки дар шаҳри Кадуна дар шимоли Нигерия ифротгароёни мусулмон барои сари ҳар як роҳбари масеҳӣ сад ҳазор наира (қариб ҳазор доллар) мукофот муқаррар намудаанд. Барои сари Масеҳ низ мукофот муқаррар карда шуда буд.

Ба масеҳиён доимо хатар таҳдид мекунад, бинобар ин баъзеҳо оиди он фикр мекунанд, ки ҳуҷумҳоро зада гардонанд. Аммо яке аз роҳбарони масеҳӣ дар Кадуна ба наздикӣ имондоронро даъват намуд, ки аз ин фикрашон гарданд: „Дар байни ҳамаи ин шумо бояд дар ёд дошта бошед, ки Худованди мо даъват мекард, ки бадиро ба некӣ табдил диҳем ва дар рӯ ба рӯи он чи шуда истодааст, пурсаброна азият кашем. Ва азбаски Нигерия давлати демократӣ эълон карда шудааст, масеҳиён вазифадоранд, ки ба ҳама муносибати баробари одилона карда шавад“.

Масеҳ қариб ду ҳазор сол пеш ҳамин гуна суханҳоро гуфта буд: „«Худованд Худои худро... дӯст дор». Ҳамин аст ҳукми аввалин ва бузургтарин; ва дуюмаш монанди он аст: «Ёри худро мисли худ дӯст бидор»“ (Матто 22:37–39).

*Пайравӣ намудан ба фармудаи Масеҳ оиди дӯст доштани ёри (ҳамсоя) худ бе ин ҳам душвор аст. Агар ёрон (ҳамсояҳо) зидди шумо бошанд, пайравӣ ба ин фармуда боз ҳам душвортар мешавад. Ҳамаи мо медонем, ки ин чӣ тавр аст. Шояд, ҳамкоратон кори шуморо вайрон мекунад. Шояд, шумо муаллиме доред, ки доимо шуморо бе ҳеҷ сабаб сарзаниш мекунад. Шояд, шумо „дӯсте“ доред, ки аз ноомади кори шумо хурсанд мешавад. Исо аз таҷрибаи Худ медонад, ки ҳангоме одамон аз азобҳои шумо лаззат мебаранд, худро чӣ гуна ҳис мекунед. Чӣ гуна он касонеро, ки тайёранд барои тамошои азобҳои шумо пул диҳанд, дӯст доштан мумкин аст?Аммо итоати шумо ба ин фармудаи Худованд бебаҳост.*

Лекин ба шумо,
эй шунавандагон
мегӯям: душманони
худро дӯст доред, ба
нафраткунандагони
худ некӣ кунед, барои
лаънаткунандагони худ
баракат биҳоҳед ва
барои озордиҳандагони
худ дуо гӯед.

*Луқо 6:27, 28*

# Хизматгорони фавқулодда

**Арабистони Саудӣ:** Ескиндер Менгис

**Нисфишабӣ афсарони бехатарии давлат ба хона зада даромаданд ва Ескиндер Менгисро бо зану фарзандонаш бедор карданд. Онҳо хеста диданд, ки агентҳои вазорати корҳои дохилии Арабистони Саудӣ дар хонаи онҳо кофтуков мекунанд.**

„Шумо чӣ кор мекунед? Шумо ҳақ надоред, ки нисфишабӣ зада даромада, хонаи моро чаппаву роста кунед“.

„Аммо шумо ҳақ надоред, ки дар кишвари Муҳаммад дини худро мавъиза кунед! Ҳангоме ки дини падарони худро тарк кардед, шуморо огоҳ карда буданд“.

Ходими полис Ескиндерро аз дар тела дод, ҳангоме ки дигарон Библияҳо, сурудномаҳо, фотоалбомҳо, сабтҳои аудио ва ҳамаи он чи онҳо чун далел истифода бурда метавонистанд, ҷамъ карда мегирифтанд.

Ескиндерро барои пурсуков ба идораи полис оварданд. Дар хона ӯро зану фарзандони тарсидааш интизор буданд. Ескиндер ва оилаи вай масеҳиёни ҳабашӣ мебошанд. Онҳо аз ҷумлаи хориҷиёне мебошанд, ки сеяки аҳолии Арабистони Саудиро ташкил медиҳанд ва барои ин кишвари аз ҷиҳати нафт сарватманд кор мекунанд. Бисёрии хориҷиён масеҳиён мебошанд ва дар масъалаҳои пайравии имон бо душвориҳои зиёд дучор мешаванд.

На ҳамаи масеҳиён ҳангоме ки ба кишвари мусулмон меоянд, дини худро дар амал татбиқ карданӣ ҳастанд. Аммо ҳангоме ки онҳо зери абри сиёҳи ислом мемонанд, дар ҷустуҷӯи осмон ба боло назар мекунанд ва ташнаи мушоракат бо дигар масеҳиён мешаванд. Бисёриҳо ҳатто ба кордиҳандагони мусулмони худ шаҳодат медиҳанд. Дар Арабистони Саудӣ барои аз мусулмонӣ ба масеҳият гузаштан ба ҳар ду тараф ҷазои қатл таҳдид мекунад.

*Ҳангоме ки барои миссионерони касбӣ роҳи даромад баста аст, ба саҳна хизматгорони ихтиёрии масеҳӣ мебароянд, ки хизматашон на рӯз ва на шаб хотима намеёбад. Онҳо ба яке аз пӯшидатарин кишварҳои ҷаҳон шаҳодати нотакрор ва боварибахш меоваранд. Ин масеҳиёни содиқ аз ҷумлаи инженерҳои оддӣ дар манбаъҳои нафти Арабистони Саудӣ мебошанд. Вазифаи онҳо аён, аммо методҳояшон пинҳонӣ мебошанд. Шаҳодати онҳо қавӣ, аммо пинҳонӣ аст. Вазифаи онҳо Инҷилро бо кори худ пешкаш намудан аст: ҳамкори фидокор ва меҳнатдӯст дар ҷои кор ва ҳамсояи ғамхор дар хона — ана онҳо бояд кӣ бошанд. Вазифаи мо бо дуо дастгирӣ намудани онҳост. Ҳамаи мо хизматгоронем ва ҳамаамон кори худро мекунем, то ки ба ҷаҳон имон ба Масеҳро оварем. Ескиндер барин касон кори худро мекунанд. Оё шумо кори худро мекунед?*

Зеро ки мо офаридаи Ӯ ҳастем ва дар Исои Масеҳ барои аъмоли нек, ки иҷрои онҳоро Худо пешакӣ барои мо таъин намудааст, ба вуҷуд оварда шудаем.

*Эфсӯсиён 2:10*

# Шоҳиди фавқулодда

**Рум:** Зоя

**„Вайро кушед! Зинда бод Диоклетиан!“ — садо медод дар гӯшҳои Зоя, ҳангоме ки рӯ ба рӯи издиҳоми ба хашм омада дар мобайни Колизей меистод.**

Зоя дар бораи он фикр кард, ки чаро ӯ ба ин ҷо афтодааст, ва табассум кард. Ӯ он рӯзеро ба ёд овард, ки назди шавҳараш ба зиндон омад. Шавҳараш дар он ҷо масеҳиёнеро посбонӣ мекард, ки барои ба худоёни румӣ қурбонӣ наовардан зиндонӣ шуда буданд. Зоя дар муҳити овозаҳо оиди он ки масеҳиён гумроҳона ба таълимоти дурӯғини худ пайравӣ мекунанд, калон шуда буд. Онҳо дар замони ҳукмронии Нерон Румро оташ заданд ва ҷазои сазовор диданд; онҳоро ба салибҳо мехкӯб мекарданд ва назди шерон мепартофтанд.

Аммо он рӯз дар зиндон Зоя дид, ки оилаи масеҳӣ якҷоя дуо мекунад: „Худованди нек, ба мо ёрӣ деҳ, то бо марги худ Туро ҷалол диҳем. Мо онҳоеро, ки моро зиндонӣ кардаанд, мебахшем“. Зоя аз ҳавлии зиндон ҳайрон шуда баромад. Аз куҷо ин масеҳиён ин қадар осудагӣ доранд, охир, онҳо медонанд, ки ба наздикӣ онҳоро пеши шерон мепартоянд?

Зоя пинҳонӣ бо ин оила вохӯрданро сар кард ва аз онҳо оиди имонашон мепурсид. Баъди муддате вай дили худро ба Исо дод.

Овоза оиди имони нави Зоя зуд паҳн шуд, ва ба хонаи вай сарбозонро фиристоданд, то ба вай имкон диҳанд, ки аз масеҳият даст кашад ва ба худо Марс қурбонӣ оварад. Вай рад кард. Вайро занҷирбанд карда ба ҳамон зиндоне бурданд, ки шавҳараш он ҷо посбон буд.

Зоя устувор буд ва аз имони худ даст накашид, бинобар ин вайро ба дор кашиданд, сӯзонданд ва хокистарашро ба дарё партофтанд.

*Дар ин ҳикоя чӣ шоҳиди фавқулодда аст? Шояд, ин оилаест, ки пеш аз назди шерон партофта шудан дуо мекард. Ё Зоя, ки таҳти фишори сарбозон аз имони нави худ даст накашид? Ҷавоб — ҳа. Оила ҳангоми тарк кардани ин ҷаҳон боз як шахсро ба осмон бурд. Ҳам оила ва ҳам Зоя шоҳидони фавқулоддаи Масеҳ шуданд, ки Ӯ дар саҳифаҳои таърих асари фаромӯшнашаванда гузоштааст. Дар ҳолати дигар Зоя чун зани бутпарасти посбони бутпараст дар номаълумӣ мемурд. Оила дар байни садҳо кушташудагон номаълум мемонд. Аммо одами оддӣ бо имони ғайриоддӣ сазовори он аст, ки ӯро дар ёд дошта бошанд. Оё ҳаёти шумо сазовори он аст, ки онро дар ёд дошта бошанд. Оё ҳаёти шумо сазовори он аст, ки шуморо чун шоҳиди фавқулоддаи Масеҳ ба саҳифаи таърих ҷойгир кунанд.*

Дар бораи он чи мо дидаем ва шунидаем, ба шумо хабар медиҳем, то ки шумо низ бо мо мушоракат дошта бошед; валекин мушоракати мо бо Падар ва бо Писари Ӯ Исои Масеҳ аст.

*1 Юҳанно 1:3*

# Маҳбуси фавқулодда

**Хитой:** Ал Лин

**„Ту нодуруст мегӯӣ“, — зиндонбон ба зани солхӯрдаи масеҳӣ панд медод. — „«Исо хуб аст» не, балки «Дар ҳабсхона хуб аст» гуфтан даркор аст“.**

Ал Лин табассум кард. „Аммо дар ҳабсхона хуб нест. Ҳамаи гап дар ҳамин аст. Чаро ман бояд дурӯғ гӯям?“

„Набошад, 50 бор худро бо дастонат аз фарш мебардорӣ!“ — фармуд зиндонбон. — „Чун дирӯза“.

Ал Лини 70-сола худро ҳамон қадаре ки фармуда шуда буд, аз фарш бардошт ва ба барак баргашт. Шавҳари Ал Лин барои паҳн кардани Инҷил ҳабс шуда, дар маҳбас мурда буд. Акнун вай зиндонӣ шуда буд, зеро ба ҳамватанонаш — хитоиҳо оиди муҳаббати Масеҳ нақл мекард.

„Хӯрок хуб аст, дар ҳабсхона хуб аст!“

Маҳбусон мебоист баъди рӯзи дарози меҳнат дар саҳроҳо ин суханонро бо овози баланд мегуфтанд. „Аммо Исо беҳтар аст!“ — овози боқувати Ал Лин аз байни издиҳом шунида мешуд.

„Ал Лин, ту имрӯз боз машқ кардан мехоҳӣ?“ — дод зад посбон ба вай.

„Ман мехоҳам, то шумо донед, ки Исо шуморо хеле дӯст медорад“, — ҷавоб дод вай. Ал Лин хушбахт буд, ки имконият дорад ба посбонон ва ба дигар маҳбусон оиди некӯии Исо нақл кунад, ҳатто агар аз боиси ин лозим шавад, ки он машқҳои тоқатфарсоро ба ҷо оварад. Ҳангоме ки мӯҳлати маҳбусӣ тамом шуд ва Ал Линро озод мекарданд, қарор доданд, ки ӯро бори дигар пурсуков кунанд. „Шавҳарат дар куҷо кор мекунад?“ — пурсид муфаттиши ҷавон.

„Ӯ ба Худо хизмат мекунад“, — ҷавоб дод вай. Муфаттиш блокнотро ба даст гирифт, аммо Ал Лин табассум кард ва гуфт: „Вай чандин сол пеш мурдааст“.

*Ал Лин илоҳиётшинос набуд. Вай нотиқи пуртаҷриба набуд. Аммо ба ҳар ҳол вай бо ҷавобҳои бегуноҳона, қатъӣ ва ҳатто ғайричашмдошти худ тавонист душманонро бесарусомон кунад. Мо метавонем дар мавзӯи он ки дар ин маврид чӣ мегуфтем, ба фантазия дода шавем. Оё мо ҷавоби даркориро зуд ёфта метавонистем? Исо ба мо ёдрас мекунад, ки ҳангоме лозим мешавад имонро ҳимоя кунем, пешакӣ андеша накунем, ки чӣ ҷавобе бояд бидиҳем. Аз мо нутқи пешакӣ тайёршударо интизор нестанд. Мо бояд ба Ӯ таваккал кунем ва дар ҳамон лаҳзае ки беш аз ҳама даркор аст, аз ӯ суханони хирадмандона бигирем. Ҳангоме ки ин лаҳза фаро мерасад, Худо ба мо суханони даркориеро медиҳад, ки дар бораи Ӯ самаранок шаҳодат диҳем.*

Пас, дар дили худ аҳд кунед, ки пешакӣ андеша накунед, чӣ ҷавоб бояд бидиҳед. Зеро ки Ман ба шумо забоне ва ҳикмате хоҳам дод, ки ҳамаи душманони шумо натавонанд на зиддияте ба он нишон диҳанд ва на ба муқобили он чизе бигӯянд.

*Луқо 21:14, 15*

# Азобҳои фавқулодда — қисми 1

**Судон:** Камерино

**Бибӣ, ниҳоят, набераи 10-солаи гуруснаашро сар дод, то ба ҷустуҷӯи хӯрок равад. Вай медонист, ки аз деҳа берун баромадан чӣ хатаре дорад, бинобар ин ба набераваш фармуд, ки то торикӣ ба хона баргардад.**

Камерино ва дӯстонаш якчанд километр роҳро тай намуда, меваҳои ҷангалро ғун мекарданд. Банохост онҳо овози аскаронро шуниданд, ки ба онҳо дод мезаданд. Кӯдакон аз тарс давида ба алафзори баланд даромаданд ва ба замин дароз кашиданд. Аскарон алафро оташ зада интизор шуданд, ки бачаҳо худашон давида мебароянд.

Дар Судон масеҳиёнро барои ақидаҳои динияшон аз кишвар кӯчондаанд. Бисёриҳо аз таъқиботи бераҳмонаи мусулмонон базӯр гурехта халос шудаанд. Аланга зуд ба бачаҳо наздик мешуд ва онҳо маҷбур буданд гурезанд. Аз майдони алафзор фақат се нафар бачаҳо гурехтанд, аммо Камерино он ҷо монд.

Ҳангоме ки алаф сӯхт, аскарон, ки бачаҳои гурехтаро дастгир карда буданд, назди Камерино омаданд. Аз дарди сахт бадани ӯ ба ҳам печида буд. Вай намеҷунбид ва аскарон ӯро мурда ҳисобиданд. „Боз як масеҳии мурда“, — гуфт яке аз онҳо.

Аммо ҳангоме ки аскарон рафтанд, Камерино аз байни алафзори сӯхта хазида берун баромад ва ӯро ҳамдеҳагон ёфта, назди бибияш оварданд. Ҷисми кӯдак сахт сӯхта буд. Хешовандон ба Камерино ҳеҷ ёрӣ расонда наметавонистанд ва фақат барои азобҳои вай дуо мекарданд.

> Доимо бо дуо машғул
> буда, дар он бо
> шукргузорӣ бедор бошед.
>
> *Кӯлассиён 4:2*

*Масеҳиён дар Судон ба қувваи дуо назар меандозанд. Азобҳо ва хатарҳои ҳаррӯза онҳоро аз қувваи худ ноумед кардаанд, бинобар ин онҳо беш аз пеш ба Худо умед мебанданд. Бисёр оилаҳои масеҳӣ ба ғайр аз дуо чизи дигаре надоранд. Вазъияти онҳо ҳам даҳшатнок ва ҳам хурсандибахш аст. То даме ки одам ба ғайр аз Худо ҳама чизро аз даст надиҳад, намегӯяд, ки ба ғайр аз Худо чизе ба вай даркор нест. Дар ҳолати дигар мо ба худ умед мебандем. Дуо ҳама корро карда метавонад, аммо мо хеле кам дуо мекунем! Дар ин замони фавқулодда Худо шуморо ба дуои фавқулодда даъват мекунад. Сари чанд вақт шумо ба дуо чунон умед мебандед, ки гӯё ба ғайр аз дуо ҳеҷ коре карда наметавониста бошед?*

# Азобҳои фавқулодда – қисми 2

**Судон:** Камерино

**Гурӯҳи миссионерони америкоӣ дар Судон хӯрок, кампалҳо ва Библияҳоро тақсим мекарданд, филми "Исо"-ро намоиш медоданд. Ҳама кор мувофиқи ҷадвал пеш мерафт, то даме ки мошини боркаши онҳо дар дарё маҳкам монд ва онҳо як рӯзро аз даст доданд.**

Аммо масеҳиён ба дуо рӯ оварда, ба Худованд муроҷиат намуданд, ва аз ӯ хоҳиш карданд, ки ба онҳо роҳ нишон диҳад. Онҳо медонистанд, ки акнун барои сари вақт иҷро кардани ҳама корҳо камтар сафар кардан лозим меояд, ва онҳо қарор доданд ба деҳаи ҳамсоя, ки дар нақша набуд, раванд. Ҳангоме ки онҳо омаданд, ба назди онҳо занон бо доду фиғон давида омаданд: „Зуд ин ҷо давед! Бачаи мо! Шумо бояд ёрӣ диҳед! тезтар!“

Миссионерон аз паси занон ба хонаи хурди торик даромаданд. Дар фарш онҳо писараки беҳаракат хобидаеро диданд, ки ба кампали кӯҳна печонда шуда буд. Кампалро бардошта, онҳо захмҳои сӯхтагии калонро диданд, ки тамоми бадани Камеринoро фаро мегирифт. Миссионерон бо эҳтиёт Камериноро ба мошини боркаш гузаронда, ба беморхонае ки дар масофаи 80 км воқеъ буд, равона шуданд. Писарак ёрии таъҷилӣ гирифт. Имрӯзҳо, ҳангоме Камерино ба ёд меоварад, ки дуо ва пешбинии Худо ҳаёти ӯро наҷот доданд, чашмонаш аз ашк пур мешаванд. Камерино муҳаббати Масеҳ ва қудрати шифо додани ӯро медонад. Баъди беморхона бори аввал дар муддати чандин моҳҳо вай аз нав табасум мекард.

Миссионерон низ Худоро шукр гуфтанд, ки Ӯ ба онҳо имкон дод, ки дар байни ин қадар марг ва азобҳо дар Судон писараки 10-соларо наҷот доданд.

*Воқеаи Камерино ба суханони „Давом дорад“ маънои нав медиҳад. Чунин метофт, ки дар насиби ӯ бо азобҳои беохир мурдан ва ё маъюб шуда мондан буд. Аммо қисми дуюми ҳикоя анҷоми нек ва зикри марҳамати Худоро дошт. Ин ҳикоя ба анҷом нарасидааст. Қисми сеюми онро ҳанӯз навиштан даркор аст. Ягон вақт Камерино шифоёбии пурратаринро дарк хоҳад намуд — Хонаи Осмонӣ, ки он ҷо дарду азоб нест. Замин пеш аз беҳтар шудан бадтар мешавад. Бо вуҷуди ин, Худо ба вазъияти бадтарине ки ба худ тасаввур кардан мумкин аст, дахолат мекунад, ва ба азобҳо хотима медиҳад. Он гоҳ мо ҳама ба хона меравем. Агар шумо ҳоло дарди ҷонкоҳро аз сар мегузаронда бошед, ба ёд оваред, ки роҳи шумо дар ниҳояти кор ба куҷо мебарад.*

Ва Худо ҳар ашкро
аз чашмони онҳо пок хоҳад
кард, ва мамот дигар
нахоҳад буд; ва гиря ва
фиғон ва дард дигар нахоҳад
буд; зеро он чи
пештар буд, гузашт.

*Ваҳй 21:4*

**Моҳияти дин дар он аст, ки на хости худ, балки хости Худоро ба ҷо оварем. Ба дӯзах ва ё ба биҳишт рафтани мо танҳо ба ҳамин вобаста аст.**

Сюзанна Уэсли, модари Ҷон ва Чарлз Уэсли



# Шубони фавқулодда — қисми 1

**Кореяи шимолӣ:** шубон Ким

**„Шумо метавонед ҷисми маро нобуд кунед, аммо на рӯҳи маро“, — гуфт шубони калисои пинҳонкор дар Корея ба афсари бехатарии давлат. — „Ман ба мавъизаҳои худ даъватҳои коммунистиро дохил намекунам. Ман медонам, ки шумо шабҳо шубонҳоро гирифта бурда, азобу шиканҷа медиҳед, аммо ба ман фарқе надорад, ки бо ҷисми ман чӣ мекунед“.**

Ҳар қадаре ки шубон Ким бештар гап мезад, афсар ҳамон қадар хашмгинтар мешуд. „Агар нисбати худ беparво бошӣ, оиди оилаи худ фикр кун — онҳоро низ чун ёрдамчиёни душмани сохти мо мекушанд“. Шубон Ким ба фикр фурӯ рафт. Вай медонист, ки бояд дардро аз сар гузаронад, аммо вай оиди оилааш фикр накарда буд. Вай мебоист интихоб мекард. Аммо ӯ оромона ба афсар ҷавоб дод: „Бигузор беҳтараш зану фарзандони ман бимиранд, аммо ман хоҳам донист, ки ҳамаи мо ба Худованд содиқ мондаем, назар ба ин ки ба ӯ хиёнат кунам, то ки онҳоро наҷот диҳам“.

„Баред ӯро“, — фармуд афсар. Шубон Кимро ду сол дар камераи торик нигоҳ медоштанд ва иҷозати либос иваз кардан намедоданд. Оят аз Библия, ки барояш махсусан азиз буд, ба ӯ имкон намедод, ки аз ақл бегона шавад. Ҳар рӯз дигар маҳбусон аз назди камераи хурди Ким гузашта, метавонистанд шунаванд, ки вай бо овози ором ва пур аз муҳаббат оятеро аз Инҷили Юҳанно (13:7) такрор мекунад, ки дар он Исо ваъда додааст: „Он чи Ман мекунам, алҳол намедонӣ, лекин баъд хоҳӣ фаҳмид“.

*„Баъд“. Дар ҷамъияти ҳозира бо кофеи зудҳалшаванда, фавран ба маҳалҳои дур гузарондани пулҳо ва майл ба вақтхушиҳои фаврӣ калимаи „баъд“ хеле кӯҳна шудааст. Воситаҳои ахбори оммавӣ ба мо оиди ҳодисаҳои навакак рухдода дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт — оиди сиёсат, иқтисодиёт, варзиш, маданият хабарҳоро мерасонанд. Аммо Худои Ломакон, ки ба замон вобаста нест, ҳанӯз ҳам аз рӯи принсипи „баъд“ амал мекунад. Оё мо тайёрем имрӯз ба Ӯ умед бандем ва лаҳзаи фаҳмидани воқеаҳоро ба баъд ва ё шояд ба абадият мавқуф гузорем? Агар шумо ҳозир ба санҷиш дучор шуда бошед, пурқиматтарин чизе ки доред — на фаҳмидан, балки боварист. Аз Худо хоҳиш кунед, то ба шумо тавони бовар карданро диҳад, ки аз майли фаҳмидан афзунтар бошад.*

Исо дар ҷавоби вай гуфт:
„Он чи Ман мекунам,
алҳол намедонӣ,
лекин баъд хоҳӣ фаҳмид“.

*Юҳанно 13:7*

# Шубони фавқулодда — қисми 2

**Кореяи шимолӣ:** шубон Ким

**„Ман коммунист нестам ва шумо бояд ба ман бовар кунед“, — мегуфт шубон Ким, ҳангоме ки ҳудудҳои аз тарафи Кореяи шимолӣ ишғолшуда моҳи сентябри соли 1950 аз нав озод карда шуданд. Коммунистони Кореяи шимолӣ Кимро ду сол дар камераи якка нигоҳ медоштанд, зеро ӯ Масеҳро мавъиза мекард ва розӣ нашуд, ки мавъизаҳои худро ба таблиғоти марксистӣ табдил диҳад.**

Ҳангоме ки озодӣ омад, Ким боварӣ дошт, ки озод мешавад. Аммо саҳван ӯро агенти коммунистон ҳисобида, ба лагери асирони ҳарбӣ партофтанд.

Шубон Ким чун шахсе ки ҳама гуна вазъиятҳоро хости Худо медонад, ба асирони ҳарбӣ мавъиза мекард. Бисёрии онҳо ба Масеҳ рӯ оварданд. „Ҳама ба мо оиди воизе аз лагери асирони ҳарбӣ нақл мекунанд“, — гуфт миссионер ба дӯсти худ, ки ба Корея ҳамчун капеллан омада буд.

„Ӯ маҳбусонро хуб мешиносад, ва ман гумон мекунам, ки ба мо дар ташкил намудани хизматгузории инҷилӣ ёрӣ дода метавонад“, — гуфт капеллан. Худо ба дуоҳои онҳо ҷавоб дод.

Ба миссионерони америкоӣ иҷозат доданд, ки назди шубон Ким раванд. Ва „воизи лагерӣ“ ба онҳо содиқона ёрӣ мерасонд ва дар лагерҳои асирон дар тамоми Кореяи ҷанубӣ мавъиза мекард. Ҳазорон коммунистон Масеҳро қабул карданд. Баъди як сол ба дуои саҳарӣ ҳар рӯз 12 ҳазор асирон бармехестанд.

Шубон Ким ҳеҷ гоҳ бо оилаи худ вонахӯрд, аммо дар лагерҳои асирон ҳазорон одамон бародарони ӯ дар Масеҳ шуданд.

*„Дар ин чӣ маъное ҳаст?“ Ҳамаи онҳое ки бо азобҳои ноодилона ва бераҳмӣ дучор мешаванд, ин саволро медиҳанд. Аммо мо на ҳамеша нақшаи Худоро дониста метавонем. Мо фақат медонем, ки Ӯ бузург аст ва дар ниҳояти кор ба нафъи мо амал мекунад. Мо чун порчаҳои алоҳидаи сурати муаммое ҳастем, ки дар рӯи миз парешон аст. Мо ба порчаҳои атрофамон нигариста, фикр мекунем, ки онҳо ба ҳам мувофиқат намекунанд. Мо ба тарс ва маъюсӣ дода мешавем. Аммо Худо дар ҷо ба ҷо намудани чунин суратҳо моҳир аст — танҳо Ӯ тамоми суратро пурра мебинад. Ӯ тамоми порчаҳои ҳаёти моро якбора дида метавонад. Ӯ медонад, ки онҳо барои нақшаи Ӯ чӣ гуна ҷо ба ҷо карда мешаванд. Бо боварӣ ба чашмони Устод нигаред ва бо он ҷое ки Ӯ шуморо ҷойгир намудааст, қонеъ бошед.*

Ту дар рой бузург ва дар аъмол қавӣ ҳастӣ…

*Ирмиё 32:19*

# Воқеаи мавлудии фавқулодда

**Румыния:** Аристарх

**„Оё шумо ягон бор бедаи навро бӯй кашидаед?“**

Аристарх, ҷавони деҳотӣ, нақли худро сар кард: „Ин монанди он аст, ки гӯё касе қиёми софи Баҳорро ба даст оварда, онро ба қуттӣ андохтааст, то даме ки он тароввати худро гум кардааст. Эҳтимол, Юсуф ва Марям баъди сафари дуру дароз ба оғиле дар Байтлаҳм омада, онро ҳис карданд.“

Маҳбусони дигар нақли содда ва осонфаҳми Аристархро оиди таваллуд шудани Масеҳ гӯш мекарданд: „Шояд, ҳангоме ки Наҷотдиҳанда таваллуд шуд, аспҳо гӯшҳояшонро ҷунбонда, фарёди аввалини Ӯро шуниданд. Онҳо хуб гӯш карда метавонанд, ва ҳангоме ки Исо гап мезанад, мо низ бояд ҳамин хел бошем“.

Шаби пеш аз мавлуд хунукии сахт буд ва дар паси тирезаҳои ҳабсхонаи Тыргу-Окна қабати қариб 2-метраи барф мехобид. Либосҳои маҳбусон тунук буд, хӯрокро кам медоданд ва кампалҳо барои ҳама намерасиданд. Ҳама оилаҳои худро пазмон шуда буданд ва дар нақли Аристарх оиди таваллуди Масеҳ тасалло меёфтанд. Ӯ давом дод: „Рӯшноии ситора, аз афташ, аз нури моҳтоб равшантар буд. Эҳтимол, он аз дари оғил даромада, хурӯсро маҷбур кард, ки қу-қу гуфта, таваллуди Масеҳро эълон кунад“. Маҳбусон шунида, мегиристанд. Ҳангоме ки нақл ба анҷом расид, касе сурудро сар кард ва тадриҷан суруд ба акси садое табдил ёфт, ки дар ҳавои софи хунук инъикос ёфтааст. Касоне ки он шаб аз кӯча мегузаштанд, истода, садоҳои хушро гӯш мекарданд.

Ҳатто дар ҳабсхонаи тира нақл оиди атои Масеҳ дили бисёриҳоро гарм мекард. Масеҳ асоси ҳама чиз аст, бинобар ин рӯҳияи мавлудиро дар паси қулфҳо ва панҷараҳо пинҳон кардан имкон надорад.

*Ҳама медонанд, ки Мавлуд иди ҳарсолаи хурсандибахш, рӯзи тӯҳфаҳо ва зиёфатҳост. Аммо Мавлуд аз ин хеле бузургтар аст: он дар дили ҳамаи онҳоест, ки мӯъҷизаи ба ин ҷаҳон омадани Масеҳро ҷашн мегиранд — дар ҳама вақти сол. Рӯҳияи мавлудии гармӣ моро дар муракабтарин вазъиятҳо гарм мекунад ва оиди ба Масеҳ умед бастанамон ёдрас мекунад. Мо метавонем мавлудро нобаваста ба он ки чароғакҳои гуногунранг ва арчаи ороишёфтаро мебинем ё не ва оё барф ҳаст ё нест, ҷашн гирем. Новобаста ба он чи шумо аз сар мегузаронед, Масеҳ барои он таваллуд шуд, ки дар лаҳзаи душвор ба шумо ёрӣ расонад. Марҳамати Ӯ ба тамоми сол паҳн мешавад. Кай бори охир шумо ҳис кардед, ки умеди Масеҳ дар дилатон зинда аст? Имрӯз вақт пайдо намуда, Мавлуди Масеҳро ҷаш гиред — ба ин ҷаҳон ва ба дили шумо омадани Ӯро.*

Имрӯз барои шумо дар шаҳри Довуд Наҷотдиҳанда таваллуд шуд, ки Ӯ Масеҳи Худованд аст.

*Луқо 2:11*

# Боз як намунаи биниши фавқулодда

**Аврупои шарқӣ:** маҳбусзани масеҳӣ

**Маҳбусзан дар назди сардори шӯъбаи ҳабсхона — зани бераҳм ва бадқаҳри сурхрӯй — меистод. „Ту боз бо маҳбусон оиди Худо гап задӣ. Ман ба ту фармон медиҳам, ки ин коратро бас кунӣ!“ Рӯи сардор нафрати беандозаеро ифода мекард, ки дар ҳамаи ҳабсхонаҳои коммунистии Аврупои шарқӣ ҳукмфармо буд.**

Маҳбусзан ором ва устувор буд. Вай ба сардор гуфт, ки ҳеҷ кас наметавонад ӯро маҷбур кунад, ки оиди Наҷотдиҳандаи худ гап заданро бас кунад.

Сардор мушташро бардошта, маҳбусро заданӣ шуд, аммо банохост истода монд. „Ту чаро табассум мекунӣ?“ — пурсид вай бо оҳанги ҳайрат ва фармон.

„Ман аз он чи дар чашмонатон мебинам, табассум мекунам“.

„Дар он ҷо чист?“

„Як замоне ман ҳам хеле оташин будам. Ман дарғазаб мешудам ва ҷангу ҷидол мекардам, то даме ки дар асл чӣ маъно доштани муҳаббатро фаҳмидам. Аз ҳамон вақт дастони ман ҳеҷ гоҳ мушт намешаванд“.

Вай давом дод: „Агар шумо ба чашмони ман нигаред, метавонед худро ҳамон тавре бинед, ки Худо метавонад шуморо кунад, чуноне ки маро дигаргун кардааст“. Маҳбусзан оиди он нақл мекард, ки дар гузашта метавонист бо мушт ҳаққонияти худро ҳимоя кунад ва ба озордиҳанда бо озор ҷавоб диҳад. Аммо акнун вай дар Масеҳ ҳаёти нав дорад ва меҳрубонӣ зоҳир намуда, бо ин кораш ҳаққи давом додани шаҳодатдиҳиро пайдо кардааст.

Сардор тамоман ҳайрон шуда буд ва фақат чунин гуфта тавонист: „Рав аз пешам“.

Маҳбусзан дар тамоми давраи маҳбусии худ оиди Масеҳ шаҳодат доданро давом медод ва сардор дигар ба вай халал намерасонд.

*Кӯшишҳои халал расондани сардор ба маҳбусзан чун баҳс бо одами мурда метофт. Эътирози ногаҳонӣ ғайричашмдошт буд ва сардор маҳбусзанро чуноне дид, ки вай дар асл буд — чун офариниши нав дар Масеҳ. Одами пештара, ки ба нафрат бо нафрат ҷавоб медод, рафт. Ба ҷои вай маҳбусзане буд, ки ба сардор оромӣ ва меҳрубонии масеҳиёнаро нишон дод. Айнан ҳамин тавр, мо низ бояд худро дар партави дигар бинем. Мо дигар набояд ба душманони худ бо душмании дунявӣ ҷавоб диҳем. Мо барои ҳаёти кӯҳна мурдаем. Ҳангоме ки душманон ба иззати нафси шумо расида, фитна меангезанд, монанди онҳо амал накунед.*

Пас рафтори пештараи одами кӯҳнаро… аз худ дур кунед… ва одами навро ки ба шабоҳати Худо дар адолат ва қудсияти ростӣ офарида шудааст, дар бар кунед.

*Эфсӯсиён 4:22, 24*

# Аз дарё гузаштани фавқулодда

**Таиланд:** бародар Ҳо

**Бародар Ҳо бемор буд ва ҳангоме ки ӯ ва дӯсташ ба оби хунуки дарёи Меконг даромаданд, вай табларза дошт. То замони ба мактаби онҳо ҳуҷум кардани аскарони режими коммунистӣ онҳо дар Лаос Библияро меомӯхтанд.**

Онҳо бо душворӣ гурехта, зинда монда тавонистанд. Онҳо ба Таиланд равона шуданд. Онҳо ҳатто бо аъзоёни оилаи худ хайрухуш карда наметавонистанд, зеро аҳли оилаҳояшон масеҳӣ набуданд ва ба полис оиди онҳо маълумот дода метавонистанд. Бинобар ин онҳо хомӯшона дуо карданд ва бори гаронбаҳо — Библияҳои ба плёнка печондашударо ба дӯш бардошта, ба оби хунуки тира даромаданд. Дигар чизҳои худро онҳо дар соҳил монданд.

Ҳо фикр кард: „Худовандо, ба ҳар ҳол, агар мо бимирем, онҳо хоҳанд донист, ки мо масеҳиёнем, ва умеде ҳаст, ки онҳо яке аз ин Библияҳоро мехонанд“.

Дар миёнаҷои дарё дӯсти Ҳо пакети Библияҳоро ба сандуқи синаи Худ фаровард, то ки ба он такя намуда шино кунад. Шалаппоси ғайричашмдошт диққати сарҳадбононро ҷалб намуд ва онҳо нури прожекторро ба дарё равона карданд. Рӯшноӣ дар плёнкаи пакет акс ёфт ва сарҳадбонон гумон карданд, ки моҳие дар равшании моҳтоб ҷило дод, ва хотирҷамъ шуданд.

*Ин миссионерон барои наҷоти худ на фақат ба китобҳои ҷилдҳояшон чармин умед мебастанд. Онҳо ба Худо умед мебастанд. Аммо ба ҳар ҳол, аз дарё шабона гузаштани онҳо нақшеро ки бояд Библия дар ҳаёти мо дошта бошад, нишон медиҳад. Мо бояд ба Каломи Худо чунон такя кунем, ки гӯё ҳаётамон ба он вобаста аст. Аз эҳтимол дур аст мо ба вазъияте афтем, ки ин ҳақиқат айнан воқеӣ гардад. Аммо ба ҳар ҳол, ин намуна барои мо мувофиқ аст. Барои нигоҳ доштани ҳаёти худ мо бояд ҳамеша ба ваъдаҳое ки дар Навишта ба мо дода шудаанд, такя кунем. Ҳангоми фалокат мо барои раҳоӣ аз хатар ба қадри кофӣ дур шино карда наметавонем. Мо бояд бар Каломи Худо „шино кунем“, вагарна бебозгашт ғарқ мешавем.*

Бубин, ки фармудҳои Туро
дӯст медорам; Худовандо,
аз рӯи эҳсони Худ маро
зинда гардон.

*Забур 118:159*

# Васвасаи фавқулодда

**Румыния:** Сабина Вурбранд

**Дар тӯли зиндагии якҷоя Сабина ҳеҷ гоҳ дар муҳаббати худ ба шавҳараш шубҳа накардааст. Аммо аз он вақте ки ӯ бори охир аз ҳабсхона хабаре аз шавҳараш гирифт, солҳо гузаштанд. Овоза шуда буд, ки вай мурдааст. Сабина ҳис мекард, ки Худо ба ӯ мефармояд, то устувор бошад ва бовар кунад. Аммо оё ягон вақт онҳо якҷоя мешаванд?**

Сабина ҳанӯз ҷавон буд ва бояд писари наврасашро тарбия мекард, бинобар ин ӯ боре ба васвасае дода шуд, ки ҳаёти шахсиашро аз нав сар кунад. Ҳангоме ки масеҳии меҳрубон ва ситорагарм Павел ба хонаи онҳо омада ба дарсҳои писараш ёрӣ медод, табиист, ки ӯ нисбати вай дилгармие ҳис кард. Баъзан вай дастони Сабинаро медошт ва ё ба чашмонаш менигарист.

Ниҳоят Сабина қарори душвор қабул кард. Ӯ медонист, ки бояд ба вохӯрӣ бо шавҳараш бовар карда, аз васвасаҳо канораҷӯӣ намояд ва диққати худро ба он чи Худо ба ӯ ваъда кардааст, равона кунад. Вай аз Павел хоҳиш кард, ки дигар ба хонаи онҳо наояд. Вай ҳамаашро фаҳмид ва розӣ шуд.

Баъди муддате Худо садоқати ӯро мукофотонид. Боре пагоҳӣ, ҳангоме ки вай фарши калисоро мешуст, ба вай аз ҳабсхона мактубе оварданд. Дар он „Василе Григореску“ навишта шуда буд, аммо ӯ ҳусни хати шавҳарашро дарҳол шинохт.

Ҳангоми хондани сатрҳои зерин чашмони Сабина аз ашк пур шуданд: “Вақт ва масофа муҳаббати хурдро хомӯш мекунанд, аммо муҳаббати калонро қавитар мегардонанд.

*Нақлҳо оиди калисои таъқибшаванда дар бораи одамони воқеӣ мебошанд, ки ҳиссиётҳои воқеӣ доранд. Қаҳрамонони ин воқеаҳо кадом як лӯхтакҳои коғазии идеалӣ нестанд. Садои риёзаткашон — садои воқеият ва ҳақиқат аст. Ба Сабина лозим омад, ки дар байни васвасаҳое ки аз боиси таъқибшавии шавҳараш пайдо шуда буданд, роҳи худро биҷӯяд. Ҳа, шавҳари ӯ ба санҷиш гирифтор шуда буд, аммо имони вай низ санҷида шуд. Таъқибот дар сатҳҳои гуногун ба мо таъсир мерасонанд. Аммо ба ҳар ҳол, чуноне ки мо фаҳмидем, онҳое ки муддате таҳти фишори он мемонанд, агарчи ҳайратовар аст, дар натиҷа аз пештара қавитар шуда аз бадбахтӣ мебароянд. Чун дар мавриди Вурмбрандҳо, аз боиси таъқибот муҳаббати шумо қавитар мегардад — агар шумо ба он имкон диҳед, ки вазифаи ҳақиқии худро зоҳир намояд.*

Ҳама чизро рӯпӯш мекунад,
ба ҳама чиз боварӣ дорад,
ба ҳама чиз умед мебандад,
ба ҳама чиз тоб меоварад.

*1 Қӯринтиён 13:7*

**Агар шумо рӯъё дошта бошед, шуморо ҳеҷ чиз наметарсонад. Бо рӯъё Худо ба шумо қувват медиҳад. Натарсед.**

Шубони эронӣ



# Боз як навраси фавқулодда

**Покистон:** Тара

**Тара ҳангоми дар синфи ҳафтум хонданаш пинҳонӣ курси ғоибонаи Библияро меомӯхт, то ки оиди Худо бештар донад. Оилаи сахтгири мусулмонии ӯ ҳеҷ гоҳ ба саволҳояш оиди Исо ҷавоб намедод, ӯ бошад қатъиян қарор дода буд, ки худаш ҳақиқатро фаҳмад.**

Боре волидон диданд, ки ӯ китобҳои масеҳӣ мехонад, ва аз ин хеле хашмгин шуданд. Моҳи ноябри соли 1992 онҳо ӯро чунон лату кӯб намуданд, ки ӯ қариб як ҳафта беҳуш хобид. Вай бовар мекунад, ки фаришта ба вай ёрӣ дод, то ниҳоят бархезад ва ба беморхона расида равад.

Тара дар имон нумӯ мекард ва соли 1995 пинҳонӣ ғӯтаи таъмид гирифт. Ҳангоме ки волидон оиди никоҳи ӯ бо мусулмоне маслиҳат карданд, Тара итоат кардан нахост ва боз шаллоқ хӯрд. Ӯро маҷбур карданд, ки якчанд рӯз бехоб истад. Дар ин муддат ӯ се рӯъё дид, ки дар давоми онҳо овоз ба ӯ мегуфт: „Ман бо ту ҳастам. Ман Падари Ту мебошам“.

Ӯро боз сахт лату кӯб намуданд ва духтар ба ҳолати кома афтид. Ӯ баъди се рӯз ба ҳуш омад ва дид ки дар кӯлмаки хуни сахтшуда хобидааст. Ӯ боз ҳамон овози рӯҳбаландкунандаро шунид: „Ман падари Ту ҳастам. Ман Туро ҳимоя мекунам“.

Тара аз хона гурехта тавонист ва ҳоло дар кишвари дигар дар бехатарӣ зиндагӣ мекунад ва ба Худованд хизмат менамояд.

*Оё масеҳият боиси шикаст хӯрдан мешавад? Одамон дар кишварҳои пӯшида медонанд, ки ба хотири имон ба Масеҳ ба таъқибот тоб овардан чӣ маъно дорад. Онҳо медонанд, ки имондорон оилаҳои худро аз даст медиҳанд. Оилаи мусулмон метавонад аз аъзоёни имонвардааш чун аз кофирон даст кашад. Онҳо радди маърака мешаванд. Дар оилаи масеҳӣ аҳвол беҳтар нест, агарчи шароитҳо дигаранд. Ифротгароёни исломӣ оилаҳои пурраро барои имонашон қатл мекунанд. Талафот азим аст. Аммо мо ваъдаҳои Масеҳро дорем. Ҳар он чи мо ба хотири Масеҳ аз даст медиҳем, ба мо дар ҳаёти абадӣ дар осмон ба миқдори афзун бармегардад. Ин авантюраи хатарнок нест. Ин амали пешакӣ андешидашуда аст, ки дар Каломи бехатои Худо асос ёфтааст.*

Ва ҳар кӣ аз баҳри исми Ман хонаҳо, ё бародарон, ё хоҳарон, ё падар, ё модар, ё зан, ё фарзандон, ё амлокро тарк кунад, сад чандон хоҳад ёфт ва вориси ҳаёти ҷовидонӣ хоҳад шуд.

*Матто 19:29*

# Оиди „Садои риёзаткашон“

Аз соли 1967 ба калисои таъқибшаванда хизмат мекунем

„Садои риёзаткашон“ ташкилоти байниконфессиявӣ мебошад, ки мақсадаш ба калисои таъқибшаванда дар тамоми ҷаҳон ёрӣ расондан аст. Онро шубон Ричард Вурмбранд таъсис додааст, ки барои имон ба Масеҳ дар маҳбасҳои коммунистӣ дар Румыния 14 сол зиндонӣ буд. Солҳои 1960 Ричард, Сабина ва писарашон Михайро имондорон фидия дода халос карданд ва онҳо ба ИМА омаданд. Вурмбрандҳо дар ҳама ҷо оиди ваҳшонияте ки масеҳиён дар кишварҳои пӯшида дучори он мешаванд, нақл мекарданд. Онҳо шабакаи ташкилотҳоро таъсис доданд, ки мақсадаш ба калисои таъқибшаванда ёрӣ додан буд. Имрӯзҳо „Садои риёзаткашон“ панҷ вазифаи асосии худро ба асос гирифта, хизмати худро дар тамоми ҷаҳон давом медиҳад:

Дастгирии масеҳиён ва ба онҳо додани имконияти иҷрои Супориши Бузург дар минтақаҳое ки он ҷо онҳоро барои паҳн кардани Хушхабари Исои Масеҳ таъқиб мекунанд. Мо инро ба воситаи пешниҳод намудани Библияҳо, адабиёт, барномаҳои радио, ёрии тиббӣ ва дигар намудҳои ёрӣ ба ҷо меоварем.

Ёрӣ расондан ба оилаҳои масеҳиёни риёзаткаш дар ин минтақаҳои олам.

Қабул намудани проектҳои дастгирии имондорон, то ки ба онҳо дар барқарор намудани ҳаёти мӯътадил ва шаҳодати масеҳӣ дар кишварҳое ки таҳти асорати коммунистӣ мебошанд, ёрӣ расонда шавад.

Дар кишварҳое ки имондорон аз боиси шаҳодати масеҳии худ сахт таъқиб карда мешаванд, таъмин намудани масеҳиёни маҳаллӣ бо воситаҳо барои ба Масеҳ моил намудани онҳое ки ба Инҷил мухолифат мекунанд.

# ДАЪВАТИ ФАВҚУЛОДДА

Оё андеша кардан мехоҳед? Пас ин китобро кушода, ақаллан яке аз 365 ҳикояи мустанадро оиди мардон ва заноне ки худро пурра ба Масеҳ супурдаанд, хонед. Мо бовар дорем, ки ин китоби хониши дуои ҳаррӯза ба ҳеҷ як китобе ки пештар хонда будед, монанд нест.

Пайравони ҳақиқии Масеҳ барои ин нархи баланде пардохт мекунанд, пайравони фавқулодда бошанд гоҳо нархи баландтаринро медиҳанд. Ташкилоти Садои Риёзаткашон, ҳаммуаллифи бестселлери (китобе ки зуд ба фурӯш меравад) „Соддалавҳони Масеҳ“, ба шумо китоби хониши дуои ҳаррӯзаро пешкаш менамояд. Китоб пур аз ҳикояҳо оиди далерӣ, устуворӣ, имон ва ҳамдардӣ аст – китоб оиди он нархест, ки аз мо талаб карда мешавад, ва оиди он ки ин нарх чӣ гуна пардохта шуд.

Дар асри ифротҳо ин ҳикояҳо оиди имондорон ба шумо ёрӣ медиҳанд, то имон, қувват, дилбардорӣ ва умед пайдо кунед. Ин мардону занон, пирон ва ҷавононе ки дар асрҳои гузашта мезистанд ва ҳоло низ дар тамоми ҷаҳон умр ба сар мебаранд, ба дараҷаҳои олии садоқати инсонӣ расидаанд.

Ҳар як ҳикоя ҳақиқист. Ҳар як ҳикоя фаромӯшнашаванда аст. Ҳар як ҳикоя фавқуллода аст. Ҳар як ҳикоя ҳаёти шуморо дигаргун мекунад.

Даъватро қабул кунед ва худатон хоҳед дид.